ISSN 2308-7420

СУХАНШИНОСӢ

МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ
АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
2025, №3 (52)

СЛОВЕСНОСТЬ

НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ
ИНСТИТУТА ЯЗЫКА И ЛИТЕРАТУРЫ ИМЕНИ РУДАКИ
НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
2025, №3 (52)

SUKHANSHINOSI

ACADEMIC JOURNAL
THE INSTITUTE OF LANGUAGE AND LITERATURE NAMED
AFTER RUDAKI OF NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF
TAJIKISTAN
2025, №3 (52)

ДУШАНБЕ – 2025

ISSN 2308-7420

СУХАНШИНОСӢ

Маҷаллаи илмӣ

2025
№ 3 (52)

Маҷалла соли 2010 таъсис ёфта, дар як сол чор шумора нашр мешавад.

**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКӢ**

Муассис: Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Сардабир
д.и.ф. **Аскар ҲАКИМ**

Муовини сардабир
н.и.ф. **Шодӣ ШОКИРЗОДА**

Дабири масъул
н.и.ф. **Лутфулло ШАРИФЗОДА**

Нишонии мо: 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ҳуҷраи 26, дафтари маҷаллаи «Суханшиносӣ», тел.: (+992 37) 227 29 07, 227 11 70.

Шохис (индекс)-и обуна дар феҳристи «Почтаи тоҷик» -77755
https://sukhanshinosi.iza.tj
E-mail: suhansinosi@gmail.com

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст 5-уми апрели 2012, таҳти № 0098/мҷ, бори дуюм 12-уми ноябри соли 2015, таҳти № 0095/мҷ, бори сеюм 7-уми сентябри соли 2017, таҳти № 023/ МҶ-97 ва бори чорум 22-юми феврали соли 2024, таҳти № 332/МҶ-97 сабти ном шудааст.

Ҳайати таҳририя:
Фарангис ШАРИФЗОДА (директори ИЗА АМИТ),
Носирҷон САЛИМӢ (узви пайвастаи АМИТ, д.и.ф.),
Ҳасани СУЛТОН (узви вобастаи АМИТ, д.и.ф.),
Сайфиддин НАЗАРЗОДА (узви вобастаи АМИТ, д.и.ф.),
Сахидод РАҲМАТУЛЛОЗОДА (узви вобастаи АМИТ, д.и.ф.),
Абдунабӣ САТТОРЗОДА (д.и.ф., проф.),
Олимҷон ХОҶАМУРОДОВ (д.и.ф., проф.),
Равшан РАҲМОНӢ (д.и.ф., проф.),
Сафина АБОДУЛЛОЕВА (д.и.ф.),
Умриддин ЮСУФОВ (д.и.ф.),
Ҳоким ҚАЛАНДАРИЁН (д.и.ф.),
Ҷамила МУРУВВАТИЁН (д.и.ф.),
Шодимуҳаммад СЎФИЗОДА (д.и.ф.),
Абдухолиқ НАБИЕВ (н.и.ф.),
Абдуламин МАЖНУНОВ (н.и.ф.),
Азиз МИРБОБОЕВ (н.и.ф.),
Бехрӯзи ЗАБЕҲУЛЛО (н.и.ф.)
Сайфиддин МИРЗОЕВ (н.и.ф.),
Шамсиддин МУҲАММАДИЕВ (н.и.ф.),

Ҳайати мушовара: **Масъуди МИРШОҲӢ** (Фаронса), **Шариф ШУКУРОВ** (Россия), **Алӣ АКБАРШОҲ** (Ҳиндӯстон), **Александр ҲЕЙЗЕР** (Олмон), **Садрӣ САЪДИЕВ** (Узбекистон).

Душанбе © Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 2025.

Маҷаллаи илмии «Суханшиносӣ» ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия (17.07.2023, №2498) ворид шудааст.

ISSN 2308-7420

СЛОВЕСНОСТЬ

2025
№ 3 (52)

Научный журнал

**НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ИНСТИТУТ ЯЗЫКА И ЛИТЕРАТУРЫ ИМЕНИ РУДАКИ**

***Основан в 2010 г.
Выходит четыре раза в год***

Учредитель: Институт языка и литературы имени Рудаки Национальной академии наук Таджикистана

Главный редактор
д.ф.н. Аскар ХАКИМ

Заместитель главного редактора
к.ф.н. Шоди ШОКИРЗОДА

Ответственный секретарь
к.ф.н. Лутфулло ШАРИФЗОДА

Адрес: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21, Институт языка и литературы имени Рудаки Национальной академии наук Таджикистана, каб. 26, редакция журнала **«Словесность», тел.:** (+992 37) 227 29 07, 227 11 70.

Подписной индекс в каталоге «Почтаи точик» -77755
https://sukhanshinosi.iza.tj
E-mail: suhansinosi@gmail.com

Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 15 апреля 2012 г. за №0098/мч, перерегистрирован 12 ноября 2015 года за № 0095/мч и 7 сентября 2017 г. за № 023/мч- 97 и 22 февраля 2024 г, за № 332/МЧ-97.

Редакционная коллегия:
Фарангис ШАРИФЗОДА (директор ИЯЛ НАНТ),
Носирджон САЛИМИ (академик НАНТ, д.ф.н.),
Хасан СУЛТОН (член-корр. НАНТ, д.ф.н.),
Сайфиддин НАЗАРЗОДА (член-корр. НАНТ, д.ф.н.),
Сахидод РАХМАТУЛЛОЗОДА (член-корр. НАНТ, д.ф.н.),
Абдунаби САТТОРЗОДА (д.ф.н., профессор),
Олимджон ХОДЖАМУРОДОВ (д.ф.н., профессор),
Равшан РАХМОНИ (д.ф.н., проф.),
Сафина АБОДУЛЛОЕВА (д.ф.н.),
Умриддин ЮСУФОВ (д.ф.н.),
Хоким КАЛАНДАРИЁН (д.ф.н.),
Джамила МУРУВВАТИЁН (д.ф.н.),
Шодимухаммад СУФИЗОДА (д.ф.н.),
Абдухолик НАБИЕВ (к.ф.н.),
Абдуламин МАЖНУНОВ (к.ф.н.),
Азиз МИРБОБОЕВ (к.ф.н.).
Бехрузи ЗАБЕХУЛЛО (к.ф.н.),
Сайфиддин МИРЗОЕВ (к.ф.н.),
Шамсиддин МУХАММАДИЕВ (к.ф.н.),

Редакционный совет: Масъуд МИРШОХИ (Франция), **Шариф ШУКУРОВ** (Россия), **Али АКБАРШОХ** (Индия), **Александр ГЕЙЗЕР** (Германия), **Садри САЪДИЕВ** (Узбекистан).

Душанбе © Институт языка и литературы имени Рудаки Национальной академии наук Таджикистана, 2025.
Научный журнал «Словесность» входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан и ВАК при Министерстве науки и высшего образования Российской Федерации (17.07.2023, №2498).

ISSN 2308-7420

SUKHANSHINOSI

2025
№ 3 (52)
Established in 2010 published quarterly

Academic Journal
NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN
THE INSTITUTE OF LANGUAGE AND LITERATURE
NAMED AFTER RUDAKI

Founder: **The Institute of Language and Literature named after Rudaki of the National Academy of Sciences of Tajikistan**

Chief Editor
Askar HAKIM
Doctor of Philological Sciences

Deputy Chief Editor
Shodi SHOKIRZODA,
Candidate of Philological Sciences

Executive Secretary
Lutfullo SHARIFZODA
Candidate of Philological Sciences

Address: Attn. Sukhanshinosi editor, The Institute of Language and Literature named after Rudaki of the National Academy of Sciences of Tajikistan, office 26, Rudaki Av. 21, Dushanbe city, 734025. Phone.: (+992 37) 227 29 07, 227 11 70

https://sukhanshinosi.iza.tj
E-mail: suhansinosi@gmail.com
Subscription Index in «Pochtai Tojik» 77755

Journal was re-registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan , the first edition is from 5 April, 2012 year, № № 0098, the second edition is from 12 November, 2015 year, № 0095. and the third edition is from 7 September 2017 year, № 023/ мч- 97 22 February, 2024 year, № 332/МЧ-97.

Editorial team:

Farangis SHARIFZODA (Director of the ILLAR NAST)
Nosirjon SALIMI (Academician of the NAST)
Hasan SULTON (Corres. mem. of the NAST)
Sayfiddin NAZARZODA (Corres. mem. of the NAST)
Sakhidod RAHMATULLOZODA (Corres. mem. of the NAST)
Abdunabi SATTORZODA (d.ph.s., professor)
Olimjon KHOJAMURODOV (d.ph.s., professor)
Ravshan RAHMONI (d.ph.s., professor)
Safina ABODULLOEVA (d.ph.s.)
Umriddin YUSUFOV (d.ph.s.)
Hokim QALANDARIYON (d.ph.s.)
Jamila MURUVVATIYON (d.ph.s.)
Shodimuhammad SUFIZODA (d.ph.s.)
Abdulamin MAJNUNOV (c.ph.s.)
Abdukholig NABIEV (c.ph.s.)
Aziz MIRBOBOEV (c.ph.s.)
Behruzi ZABEHULLO (c.ph.s.)
Sayfiddin MIRZOEV (c.ph.s.)
Shamsiddin MUHAMMADIEV (c.ph.s.)

International iditorial colleague: Masoud MIRSHOHI (France), **Sharif SHUKUROV** (Russia), **Ali AKBARSHOH** (India), **Alexander HEIZER** (Germany), **Sadri SADIEV** (Uzbekistan).

Dushanbe **©** The Institute of Language and Literature named after Rudaki of the National Academy of Sciences of Tajikistan 2025.

The scientific journal «Sukhanshinosi» has included in the list of peer-reviewed scientific journals of the High Attestation Commission of the Republic of Tajikistan and the Higher Attestation Commission under the Ministry of Science and Higher Education of the Russian Federation (17.07.2023, No. 2498).

МУНДАРИҶА

ЗАБОНШИНОСӢ

Шарифзода Ф.Х. Баррасии татбиқии вожаи «муғ» дар осори зардуштӣ ва ғазалиёти Ҳофиз..... 11
Раҳматуллозода С.Р. Таҳқиқи этнолингвистии консепти «сохтмон» дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ..... 19
Абодуллоева С.Ю., Абдураҳмонова Ш.У. Вижагиҳои сохтории лексикаи либоси занонаву мардонаи забонҳои шуғнонӣ ва англисӣ..... 34
Нуров П.Г. Мураккабвожаҳои тоҷикибунёд дар ашъори Ҳофизи Шерозӣ..... 47
Собирҷонов С. Нарзиқулова Ҳ. Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ..... 57
Холназарова З., Каримов С.А. Нақши ҳиссачаҳои саволӣ дар ифодаи инкор..... 65
Носиров С.М. Қайдҳо дар бораи муносибати забони гуфтугӯйӣ ва забони шеър (дар заминаи ашъори Сурайё Ҳасансултон)..... 75
Некушоева Ш.С. Усулҳои методологӣ дар забоншиносии когнитивӣ ва татбиқи онҳо дар таҳлили контсепти «хона» (дар асоси маводи гурӯҳи забонҳои помирӣ: шуғнонӣ ва рӯшонӣ)..... 79
Ашрапова Б.П., Ҳусейнова М.Ф. Таҳлили қиёсии вежагиҳои семантикӣ-функсионалии ҳиссачаи модалии тоҷикии «мабодо» ва муодилҳои англисии он..... 92
Ҳошимова Н.М. Асосҳои назариявии таҳқиқи воҳидҳои фразеологӣ дар забоншиносӣ..... 102
Турсунова З.Г. Вожаи «наргис» ва тобишҳои маъноии он..... 108
Сян Вэй. Асимметрияи тарҷума..... 118
Зафарзод О. Дидгоҳе дар бораи номгузории бемориҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ..... 127
Сангзода Р.М. Шинохти феъл дар осори фалсафию мантиқӣ..... 136

АДАБИЁТШИНОСӢ

Кучарзода А. Устод Турсунзода дар нақди Носирҷон Маъсумӣ..... 144
Солеҳов Ш.А., Баҳодуров А.М. Ҷойгоҳи ғазал дар ашъори Низом Қосим..... 152
Набавӣ А. Устод Айнӣ ва ҷараёни ҷадидия..... 163
Муҳаммадиев Ш. Перомуни нашри нави «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ..... 169
Абдуллоев Р.Х. Ҳазини Лоҳиҷӣ ва дидгоҳҳои ӯ доир ба ҷойгоҳи шоирии Ҷамолиддин Абдурраззоқ Исфаҳонӣ ва Камолиддини Исмоил..... 178

Бехрӯзи Забеҳулло. Мақоми таърих ва тоҷику Тоҷикистон дар осори Айнӣ..... 185
Ҳошимова Х.А. Ихтилофоти шахсӣ ва иҷтимоӣ дар бандубасти сужети романи «Барзгар»-и Сорбон..... 195
Бобоалиева З.П. Дидгоҳҳо перомуни маънӣ ва моҳияти тарҷумаи бадеӣ..... 206
Абдулазизова З.С. Мирзо Содиқи Муншӣ ва осори пураразиши ӯ…..... 216
Искандаров М.Р. Вижагиҳои адабии китоби «Калила ва Димна»-и Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ…..... 225
Ши Сяоюй. Мушкилоти забонию услубӣ дар раванди тарҷумаи эҷодиёти Лу Син (ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ)…..... 236
Абдулазиз-зода С. Саноӣ ва суннати уқалои маҷонин дар адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик…..... 249
Ғафурова Ҷ.М. Мирзо Сиддиқи Фано – шоири соҳибдевон…..... 261
Саидхоҷа И.Б. Дилномаи Лоҳутӣ ва мақоми он дар эҷодиёти шоир..... 271

ФОЛКЛОРШИНОСӢ

Абдулназарзода А.А. Назми маҳаллизабони водии Вахон ва сабабҳои кам дастрас гардидани он..... 278
Раҳимӣ Д.К. Парӣ ҳамчун персонажи мифопоэтикии афсонаҳои тоҷикӣ..... 286
Мажнунов А.А., Султонмамадова У.А. Истифодаи шаклҳои шеърӣ дар афсонаҳои сеҳромези Тошбек ва Гулқурбон..... 297
Оймахмадов Р. Сурудҳои мавсимӣ дар фолклори тоҷик..... 302

СОДЕРЖАНИЕ

ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Шарифзода Ф.Х. Сравнительный анализ термина «муг» (muγ) в зороастрийских текстах и газелях Хафиза..... 11
Рахматуллозода С.Р. Этнолингвистический анализ концепта «строительство» в южных и юго-восточных говорах таджикского языка..... 19
Абодуллоева С.Ю., Абдурахмонова Ш.У. Структурные особенности лексики женской и мужской одежды в шугнанском и английском языках..... 34
Нуров П.Г. Сложные исконные таджикские слова в поэзии Хафиза Ширази..... 47
Собирджонов С., Нарзикулова Х.М. Структурно-семантические особенности сложносочиненных бессоюзных предложений в «Шахнаме» Фирдоуси..... 57
Холназарова З., Каримов С.А. Роль вопросительных частиц в выражении отрицания..... 65
Носиров С.М. Заметки о взаимоотношениях разговорного языка и языка поэзии (на основа поэзии Сурайё Хасансултона)..... 75
Некушоева Ш.С. Методологические подходы в когнитивной лингвистике и их применение в анализе концепта «дом» (на основе материала шугнано-рушанской группы памирских языков)..... 79
Ашрапова Б.П., Хусейнова М.Ф. Сравнительный анализ семантико-функциональных особенностей таджикской модальной частицы «мабодо» и ее английских эквивалентов..... 92
Хошимова Н.М. Теоретические основы исследования фразеологических единиц в языкознании..... 102
Турсунова З.Г. Слово «наргис» и его семантическое поле..... 108
Цян Вэй. Асимметрия перевода..... 118
Зафарзод О. Взгляд на обозначение названий болезней в таджикском и китайском языках..... 127
Сангзода Р.М. Понимание глагола в философских и логических трудах 136

ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Кучарзода А. Устод Турсунзаде в критике Носирджана Ма´суми..... 144
Солехов Ш.А., Баходуров А.М. Место газели в творчестве Низама Касима..... 152
Набави А. Устод Айни и движение джадидия..... 163
Мухаммадиев Ш. О новом издании «Шахнаме» Абулкасим Фирдоуси..... 169

Абдуллоев Р.Х. Хазин Лохиджи и его взгляды о роль поэзии Джамалиддина Абдуразоки Исфахани и Камалиддина Исмаила..... 178
Бехрузи Забехулло. Место истории, таджика и Таджикистана в творчестве Айни..... 185
Хошимова Х.А. Личностные и социальные противоречия как факторы построения сюжета романа Сорбона «Барзгар»..... 195
Бобоалиева З.П. Определение смысла и сута художественного перевода..... 206
Абдулазизова З.С. Мирзо Садык Мунши и его бесценные поэтические произведения..... 216
Искандаров М.Р. Литературные особенности «Калилы и Димны» Абдуллоха ибна Мукаффа 225
Ши Сяоюй. Лингвистические и стилистические проблемы в процессе перевода произведений Лу Сина (на русский и таджикский языки)..... 236
Абдулазиз-зода С. Санаи и традиции мудрых безумцев в средневековой таджикско-персидской литературе..... 249
Гафурова Дж.М. Мирза Сиддык Фано – владелец дивана..... 261
Саидходжа И.Б. Дильнаме Лохути и его место в творчестве поэта.... 271

ФОЛЬКЛОРИСТИКА

Абдулназарзода А.А. Местная диалектная поэзия Ваханской долины и факторы её ограниченной доступности..... 278
Рахими Д.К. Пери как мифопоэтический персонаж в таджикских народных сказках..... 286
Мажнунов А.А., Султонмамадова У.А. Использование поэтических форм в волшебных сказках о Тошбеке и Гулькурбане..... 297
Оймахмадов Р. Сезонные песни в таджикском фольклоре..... 302

CONTENT

LINGUISTICS

Sharifzada F.X. The use of the term «mugh» in zoroastrian texts and Hafez's ghazals..... 11
Rahmatullozoda S.R. Ethnolinguistic analysis of the concept «construction» in the Southern and South-eastern dialects of the Tajik language..... 19
Abodulloeva S.U., Abdurakhmanova Sh.U. Structural features of lexis of women's and men's clothing in the Shughni and English languages..... 34
Nurov P.G. Compound native Tajik words in the poetry of Hafiz Shirazi..... 47
Sobirjanov S., Narziqulova H.M. Structural and semantic features of compound asyndeton sentences in Firdawsi's «Shahnama»..... 57
Kholnazarova Z., Karimov S. the role of interrogative particles in the expression of negation..... 65
Nosirov S.M. Notes on relationships between spoken language and language of poetry (based on the poetry of Surayo Hasanulton)..... 75
Nekushova Sh.S. Methodological approaches in cognitive linguistics and their application in the analysis of the concept of «Home» (based on material of the Shugni-Rushani group of Pamirian languages)..... 79
Ashrapov B.P., Huseynova M.F. Comparative analysis of semantico-functional peculiarities of the Tajik modal particle *mabodo* and its English equivalents..... 92
Khoshimova N.M. Theoretical basics of the research of phraseological units in linguistics..... 102
Tursunowa Z.G. The word «nargis» and its semantic field..... 108
Qiang Wei. Translation asymmetry..... 118
Safarsod O. Vision of disease names in Tajik and Chinese languages..... 127
Sangzoda R.M. The concept of the verb in philosophical and logical works.. 136

LITERARY STUDIES

Kucharzoda A. Ustod Tursunzade in criticism of Nosirjana Masumi..... 144
Solekhov S.A., Bakhadurov A.M. The place of the ghazal in Nizam Qasim's work..... 152
Nabavi A. Ustod Ayni and jadidism..... 163
Myhammadiev Sh. About the new edition of «Shahname» by Abulkasim Firdawsi..... 169
Abdulloev R.Kh. Khazin Lohidji and his views about the role of Jamaliddin Abdurazoqi Isfahani and Kamaliddin Ismail poetry..... 178
Behruzi Zabehullo. The historical place of Tajik and Tajikistan in the works of Ayni..... 185

Khoshimova Kh.A. Personal and social contradictions as factor of the plot construction of Sorbon's novel «Barzgar»..... 195
Boboalieva Z.P. Definition of the meaning and essence of literary translation..... 206
Abdulazizova Z.S. Mirzo Sodiq Munshi and his priceless poetic writings..... 216
Iskandarov M.R. Literary features of Ibn al-Muqaffa's »Kalila and Dimna»..... 225
Shi Xiaoyu. Linguistic and stylistic challenges in the process of translating Lu Xun's works (in to Russian and Tajik)..... 236
Abdulaziz-zoda S. Sanai and traditions of the wise madness in the medieval Tajik-Persian literature..... 249
Gafurova J.M. Mirzo Siddiqi Fano – owner of a collection of poetry…..... 261
Saidkhoja I.B. «Dilname» of Lohuti and it instantiation in the poet's work.. 271

FOLKLORISTICS

Abdulnazarzoda A.A. Local dialect poetry of the Wakhan valley and the factors influencing its limited accessibility..... 278
Rahimi D.K. Pari as a mythopoetic character in Tajik folktales..... 286
Majnunov A.A., Sultonmamadova U.A. The use of poetic forms in the fairy tales about Toshbek and Gulkurban..... 297
Oymahmadov R. Seasonal songs in Tajik folklore..... 302

ЗАБОНШИНОСӢ / ЯЗЫКОЗНАНИЕ / LINGUISTICS

ТДУ: 491.550

БАРРАСИИ ТАТБИҚИИ ВОЖАИ «МУҒ» ДАР ОСОРИ ЗАРДУШТӢ ВА ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗ

Фарангис Шарифзода
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Шуҳрату шаъну мартабаву эъҷози шеъри лисонулғайб Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ бо гузашти беш аз шаш қарн ҳанӯз побарҷост, зеро ҳеҷ кас ба латофату салосати сухан дар пояи ӯ нест ва ашъораш бар сари забонҳо ҷорист. Шеъри ӯ ҳанӯз дар замони зиндагиаш дар атрофу акноф машҳур шуда буд ва ба ҳамин ваҷҳ худи шоир мегӯяд:

Ироқу Форс гирифтӣ ба шеъри хуш, Ҳофиз,
Биё, ки навбати Бағдоду вақти Табрез аст.

Дар густараи форсизабонони Осиёи Марказӣ Ҳофизи Шерозӣ эътибори вежа дорад ва девони ӯ дар тӯли қарнҳо дар мадорис таълим дода мешуд ва дар тоқдони аксари хонаҳо девони Ҳофиз мавҷуд буд ва «эҳтироми ӯ ҳатто ба мақоми ақдас мерасид» [5]. Қадру манзилату бузурии Ҳофиз дар миёни тоҷиконро шоир Муъмин Қаноат чунин тасвир кардааст:

Агар дар хонаи тоҷик тамоми чиз ночиз буд,
Ба ҳар гаҳвора Ҳофиз буд ё девони Ҳофиз буд.

Шоир Лоиқ Шералӣ девони Ҳофизро нигоҳдорандаи хеш медонад:

Ало, девони Ҳофиз, ҳофизам бошӣ зи ҳар марге,
Ало, девони Мавлоно, маро ту зинда хоҳӣ дошт.

Ҳоло дар Тоҷикистон бештар аз 150 ғазали девони Ҳофизро овозхонон дар жанрҳои мухталифи мусиқӣ месароянд ва ба қавли худи шоир:

Ба шеъри Ҳофизи Шероз мерақсанду менозанд
Сияҳчашмони кашмирию туркони самарқандӣ.

Адабиётшинос Худоӣ Шарифзода сифати аслии шеъри Ҳофизро қайд мекунад: «Аз нигоҳи мо, дар шеъри Ҳофиз ва сифати умда ба унвони мазҳари кашиш сухани ӯ ҳузур дорад: якум, ҷавҳари маънавӣ ва рӯҳонӣ, ки мабдаи аслии тамаддунӣ ва фарҳангии шеъри Ҳофиз аст ва «беш аз ҳар сухансарои порсигӯи дигар бо Қуръон, бо аслу асоси низоми фарҳангӣ ва тамаддунии Эрони исломӣ ошно на, дамсоз на, балки якеву ягона» аст. Дувумин сифати шеъри Ҳофиз, ки мучиби мавриди қабули аҳли табақоти мухталиф гардидани он будааст, эҳсосот ва авотифи инсонии нигоранда аст ва тавассути он ба қалбу равони хонанда ва шунаванда роҳ ёфтааст. Андешаву назарҳои мазҳабӣ, илмӣ ва фарҳангии инсонӣ аз ниҳоди башарии ӯ дур нест, вале эҳсосоти отифаомез аст, ки вижаи ниҳоди шахсият мебошад ва дар гуфтори ӯ нотакрор мемонад» [6, 270].

Ҳофиз ахбору андӯхтаҳои худро аз адаби Эрону Анерон бо завқи ҳунарӣ ва тахайюлоти рангин ба риштаи назм кашидааст ва ҷаззобияти шеъри ӯ ба ҳам овардани ин андӯхтаҳои мухталиф канори ҳам мебошад.

Дар шеъри Ҳофиз, агар ҷойе сухан аз дину ойини ислом, аз ринду зоҳиду орифу суфӣ равад, ҷойи дигар сухан аз маю майкадаву пири майфурӯшу пири

муғон рафтааст. Хусусан вожаҳои марбут ба кеши зардуштиён – **муғ, муғбача** ва таркибҳои **пири муғон, дайри муғон, майи муғона** маънову фаҳми дарки корбурди онҳо аз ҷониби лисонулғайб Ҳофиз ҷолиб ва қобили тавақҷуҳ ва таҳқиқ аст, гарчанде ҳофизшиноси номӣ Хуррамшоҳӣ мегӯяд, ки «беҳуда набояд дунболи радди пойи таърихии ӯ буд ва бо муғони зардуштӣ марбут кард» [14,97]. Аммо миёни маънои истилоҳоти зардуштӣ ва тасаввуфӣ пайванди мантиқие вуҷуд дорад. Масалан, дар сифоту хислату одобу рафтори муғон ва ринду орифу суфӣ умумияту шабоҳатҳое вуҷуд дорад, аз ин ҷост, ки ҳофизпажуҳон ҳангоми баррасии мафҳуми **ринд** ба **пири муғон** ҳам пардохтаанд, зеро «ринд дар канори пири муғон ва Ҳофиз қарор дорад» [10, 11].

Вожаи «**муғ»** аз вожагони асилу бостонии забонҳои эронӣ буда, дар забони авестоӣ дар Ясно [Y 65.7] шакли moγu° ва сифати moγu.t̰biš дар матни «кӣ бо муғон душманӣ мекунад» ҷой доштааст:

mā nō āpō dušmanaŋ́he
mā nō āpō dužvacaŋ́he
mā nō āpō duš.šyaoθanāi
mā duždaēnāi mā haši.t̰biše

mā moγu.t̰biše mā varəzānō.t̰biše mā nāfyō.t̰biše.

– «Эй обҳо, барои касе аз мо муқаддар мабош, ки пиндораш бад аст, гуфтораш бад, кирдораш бад аст, динаш бад аст, дӯсташро озурда мекунад, муғро озурда мекунад, касеро ки ҳаммонанд аст, озурда мекунад, як ҳаммеҳанро озурда мекунад» [8,229].

Дар забони форсии бостон magu-, maguš ҷинси мардона, ҳолати фоилӣ, шумораи танҳо; дар забони эламӣ ma-ku-iš, аккадӣ ma-gu-šu, maguš, оромӣ mgwšʾ (Syr. ܡܓܘܫܐ) /magušā/, лотинӣ magus, порсии миёна moγ, mo°, парфянӣ maγ°, moγ°, суғдӣ maγu°, maγ°, арабӣ مجوس, русӣ маг, англисӣ magic [14].

Дар Динкарди 3 вожаи **муғ** ба маънои пешвои кеши зардуштӣ омадааст: «покмонӣ танҳо аз роҳи кеш ва муғ ва дигар <хешкориҳои динӣ>, ки мебояд онҳоро донист ва бар забон ронд. Ошмуғ пурсид, ки чаро сӯзонидани ҳезуми тарро бар оташ гуноҳ медонед? <Коре, ки > дар зоти худ <гуноҳ> намебошад.» Он гуна ки бо мурдори мардумӣ ё саге наҷас шуда бошад ва аз он ҷое, ки баробари <вазоифи > дин аз роҳи кешу муғ мебояд ва барои мутаҳҳар кардан бо кешу муғ ва дигар боястагониҳо (=воҷибот)-и дин понздаҳ бор <басанда аст> [1, 12].

Вожаи «**мубад»** дар форсии миёна (mogpat>magu-pat) «пешвои муғон» маъхуз аз вожаи **муғ** аст, ки «Дар замони Ашкониён ҳамчун унвони олии динӣ ба пешво ва ё сарварони муғони оташкадаҳо мансуб дониста шудааст, дар замони Сосониён низ мубадон иҷрои фармони диниро назорат мекарданд» [4,221], ки минбаъд **мубад** ва **муғ** ҳамчун номи умумии ҳамаи зардуштиён мустаъмал гардид. Дар осори форсии миёна истилоҳи mowbedān mowbed– «мубадонмубад, сарвари ҳама мубадон» бартарин пояи мубадӣ, бори нахуст, тибқи осори барҷоймонда дар дарбори Ардашери I ва истилоҳи mow mardān – «муғмардон» истифода шудааст: vehšābuhr ī movbedān movbed – Мубадонмубади Беҳшопур [3].

Вожаҳои «**муғ**» ва «**муғмардон**» дар «Катибаи Картир дар каъбаи Зардушт» низ мушоҳида мешаванд: «ва ман бисёре оташҳо ва муғонро дар Эроншаҳр комёб кардам ва низ ман оташкадаҳо ва муғмардони Эроншаҳрро, ки дар Анэроншаҳр буданд, то ҷойе, ки асб ва марди шоҳаншоҳ мерасид, шаҳристони Антокия ва шаҳри Сурия» ва сипас дар он замон низ шаҳр ба шаҳр, ҷой ба ҷой аъмоли марбут ба эзадон бисёр афзоиш ёфт ва бисёре оташи Баҳром нишонда шуд ва бисёре муғмард шодмон ва комраво буданд ва барои бисёрии оташкадаҳо ва муғон вақфнома муҳр шуд»[3].

Дар муҳрҳо низ вожаи «муғ» дарҷ гардидааст:

wlḫlʾn Y mgw Y gwšnspdʾtʾn /vahrām ī moγ ī gušnaspdādān – Баҳром муғ писари Гашноспадод.

ʾtwlšʾpwḫry ZY mgw. ʾpstʾn ʿL yzdʾn /āduršābuhr ī moγ. abestām ō yazdān – Озаршобур муғ абастом ба Яздон.

Дар ҳамин катиба ҷойноми **Муғистон** – маҳалле дар Арманистон ёд шудааст, ки аз *муғ* ва пасванди *–истон* таркиб ёфтааст: Ud šahr ō šahr ud gyāg ō gyāg hāmšahr ped moγestān kāmgār ud pādixšā. – Шаҳр ба шаҳр, ҷой ба ҷой, дар ҳама шаҳр, ба Муғистон комгор ва фармонраво кард» [3]. Ин ҷойном дар таркиби *Кушки Муғон* дар «Шоҳнома»-и ҳаким Фирдавсӣ омадааст, ки зоҳиран номи диж аст. Мақдисӣ ин ҷойномро ба гунаи *Мағун* – «шаҳре дар Қумис ва дигаре дар Кирмон ва *Муғон* канори роҳи Хуросон гуфтааст» [23, 682].

Дар атрофи баромади вожаи «**муғ**» андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Чарлз Ҳекторн ин вожаро баргирифта аз mājā (моҷо) – «ойина, ҷом»-и санскрит гуфтааст, ки тибқи ривоятҳои ҳиндӣ бараҳман худро дар он мебинад ва ҳамаи муъҷизоташро дар он нигоҳ медорад [13].

Дар луғатномаҳо ва шарҳҳои ғазалиёти Ҳофиз омадааст, ки дар оғоз «муғ» дини вижаи модро ифода мекардааст, аммо бархе аз муҳаққиқон муътақид бар онанд, ки «фармонравоии онон деринатар аз подшоҳони мод будааст» ва шавоҳид аз куҳантарин бахшҳои Авесто, яъне Готҳо вожаи magā-ро меоранд. Ҳеродот – муаррих ва ҷуғрофиёшиноси Юнони қадим «муғ»-ро «номи тирае аз модҳо» донистааст Абурайҳони Берунӣ мегӯяд, ки муғон пештар аз Зардушт будаанд. Гузашта аз ин, эроншинос Вилям Ҷексон мегӯяд: «Зардушт ҳамон омӯзишҳои муғони пеш аз худро бознигарӣ карда, пероста ва ороста аст». Алиакбари Ҷаъфарӣ дар китоби «Паёми Зардушт» мегӯяд: «Анҷумани муғон дини Зардуштро густариш доданд, ки Зардушт худ бунёнгузори ин анҷуман буд» ва дар «Готҳо» омадааст: «Эй Маздо, партавҳои ойини Маздо ойини анҷумани бузурги муғонро бипазиред» [14].

Марди динӣ дар забони авестоӣ aθarvan āθravan-/ aθaurun-, дар санскрит átharvan ном дошт. Бо неру гирифтани модҳо номи муғони мод ба дигар диниёни ориёӣ низ гуфта мешуд. Аз замони Ҳахоманишиён ба оромӣ ва юнонӣ ва ҳар дини эронӣ «муғ» мехонданд (чунонки ҳар эрониро «порсӣ» мехонданд) ҳарчанд ки номҳои дигаре низ ба кор мерафтанд, монанди *осрун, ҳирбад, дастур, рад, динвар, диндор*. «Муғон дар Эрони бостон на танҳо корҳои диниро сомон медодаанд, балки фармонравоӣ низ мекардаанд, ки пойгоҳашон камтар аз шоҳон набуд» [12,23]. Дар асари «Сирӯзаи кӯчак, сирӯзаи бузург» ибораи **муғони**

эронӣ омадааст: «Маҳистфарри беҳмон (=хона)-и муғони эронӣ, ки ба <ёрии ӯ> хешкорӣ ва тухшокӣ[1] ба хеш шояд кардан [3, 82].

Намунаҳои зиёде аз корбурди вожаи **муғ** дар осори зардуштӣ ба назар мерасад: **Ҳурмуздмубад** (ʾwḥrmzd mgwpt /ohrmazd-movbed/) як пояи баланде андар муғон буд, ки кулоҳи махсус дошт. **Муғон-андарзбад** (moγān-handarzbed) мақоми баланде аз муғон аст, ки муродифи форсии он «пири муғон» аст.

Дигар ин ки тарсоён ва мусулмонон қавмҳои эронӣ – порсӣ, портӣ, суғдиро **муғ** мехонданд, ки намунааш достони «Муғ ва ҷуҳуд» (المجوسي و اليهودي) аст. Пас, дар адабиёти порсӣ номи **муғ** барои ҳар эроние меомад, ки ислом наёварда буд.

Вожаи «**муғ**» дар адабиёти форсӣ то замони Ҳофиз ба ҳамон маъноҳои «мубади зардуштӣ, парастори оташ, киноя аз эронӣ» корбурд доштааст.

Гар аз дасти Қаҳтон саги моргир
Шавад муғ, бибояд-ш куштан ба тир *(Фирдавсӣ)*.

* * *

Чу шаб рафту бар дашт пастӣ гирифт,
Ҳаво чун муғ оташпарастӣ гирифт *(Фирдавсӣ)*.

Вожаҳои **«муғ»** ва **«муғон»** дар луғатномаҳо ва манобеи илмӣ чунин шарҳ ёфтаанд: 1. Пешвоёни дини зардуштӣ; 2. Мақоми руҳонияти қабилаи Мод қабл аз ойини зардушт дар аҳди Ашкониён ва Сосониён маъмулан Осрун, ки номи табақаи руҳонӣ дар китоби Авасто ба номи муғон мехондаанд. 3. Майкада ва шаробхона. 4. Хаммор ва худовандони майкада [27]. Дар ғазалиёти Ҳофиз **муғ** дар шакли ҷамъ **муғон** (*муғ* ва пасванди *-он*) тақрибан 30 бор омадааст. Ҳофиз вожаи **муғон**ро аксаран дар ибораҳои ***майи муғон, пири муғон, дайри муғон, кӯи муғон*** овардааст. Ин ҷо пурсише пеш меояд, ки чаро Ҳофиз истилоҳоти суфиёнро истифода набурда, истилоҳоти кеши зардуштиро овардааст, ки бо гуфтани ин истилоҳҳо бегумон соҳиби каломро ба куфру зандақа гунаҳгор мекарданд? Тибқи шарҳу тафсири ҳофизшиносон ***муғ*** – «ошиқи ҳақ», **пири муғон –** «пири тариқат», **кӯи муғон -** «савмаа, хонақоҳ», **муғбача –** «солики маҷзуб» ва мақсад аз корбурди онҳо аз ҷониби орифон «маонии баланди ирфонӣ» аст [13]. Бегумон ин истилоҳот маънои ирфонӣ доранд ва дар осори дигар орифон низ ба кор рафтаанд:

Он хум, ки бар ӯ муҳри муғон аст ниҳода,
Илло ба мани муғ масупоред алаллоҳ *(Саноӣ)*.

* * *

К-ин як-ду-се рӯзи умри боқӣ
Аз даст мадеҳ майи муғонро *(Аттор)*.

Вожаи «**муғон**» ба танҳоӣ дар қасидае дар мадҳи шоҳ Шайх Абуисҳоқ ва ғазали шумораи 154 ва дар ғайри ин дар ибораҳо омадааст. Чунончи, дар ибораи **роҳи дари муғон** дар байти зер ҳамон майкада аст. Пас аз паҳн шудани ислом зардуштиён маҷбур буданд, ки дар муғкадаҳои худ расми шаробхӯриро поён диҳанд, аз ин рӯ, майгусорон ба дайрҳои масеҳиён ва муғкадаҳо мерафтанд. «Ба ҳамин ҷиҳат эрониён муғро *майхор*, муғкадаро *майхона* ва муғбачаро *соқӣ*

[1] tōxšākīh – кӯшоӣ, чолокӣ, пурнеруӣ.

маънӣ мекарданд» [28], ки намунаашро дар ашъори Ҳофиз мебинем. Дар адаби ирфонӣ «мурод аз пири майфурӯш орифи комил, қутбу муршид ва низ мақоми бехудӣ аст» [19, 734].

Навои чанг бад-ин сон занад салои сабуҳ,
Ки пири савмаа роҳи дари муғон гирад *(Ғазали 3)*.

* * *

Дар хонақоҳ нагунҷад асрори ишқбозӣ,
Ҷоми майи муғона ҳам бо муғон тавон зад *(Ғазали 154)*.

Майи муғон маест, ки муғон дуруст мекунанд. Дар форсии миёна майи куҳнаро maδih ва майи тозаро bātak – «бода» мегуфтанд. Шояд майи муғона «пароҳум»(фишурдаи гиёҳи ҳум)-и зардуштиён аст, ки «ҳумро дар ҳован сованд ва мубадон бар он Ясно хонанд ва бо обу шир омезанду ба унвони моеъи муқаддас нӯшанд»[14].

Дар Динкарди 3 аз майи муғон ёд шудааст: «Чаро <шумо, маздоиён>* мегӯед: «май<хорагии>* беандоза гуноҳ аст?

Посух: Ҳамоно мо майхорагии беандозаро гуноҳ медонем ва <андозаи нӯшидани майро>* шоянда. Ҳамчунон ки дин мефармояд: он ки «май» ба андоза нӯшад, ҳаммонанди касе бошад, ки «хурдодсур» хӯрда бошад. Ин аст он чи ки мефармоядаш «Гоҳон», бе он ки ситоиш ё накӯҳише <дар бораи майхорагӣ битавон дар Гоҳон>* ёфт [1,18].

Муғон истеъмоли майи масеҳиёнро низ муҷоз медонистанд, ки дар осори паҳлавӣ дар ин бора омадааст: «Пурсиш: «Оё аз тарсоён (масеҳиён) май ва дигар хӯрданиҳо метавон харид ё не?

Посух: (Чун) насои даштон назди эшон қонунист (пок аст), ҷуз ба ночор (дар ҳангоми ночорӣ) наметавон харид» [3,69].

Магар гушоиши Ҳофиз дар ин харобӣ буд,
Ки бахшиши азалаш дар майи муғон андохт *(Ғазали 16)*.

Дар шарҳи Ҷалолӣ омадааст, ки «шояд кушоиши кори Ҳофиз дар ин мастӣ ва боданӯшӣ буда, ки дасти сарнавишти азалӣ ӯро ба сӯйи бодахӯрӣ кашонид», бо вуҷуди он ки дар ойини маздояснӣ майхорагиро накуҳиш мекунанд ва гуноҳ медонад, дар адаби ирфонӣ онро «таҷаллиёти раббонӣ ва анфоси қудсии муршиди комил гӯянд»[13,222; 19].

Дар хонақаҳ нагунҷад асрори ишқбозӣ,
Ҷоми майи муғона ҳам бо муғон тавон зад *(Ғазали 154)*.

Ҳофиз дар ғазалиёти худ 25 бор ибораи «**пири муғон»**-ро истифода кардааст, ки аз барсохтаҳои ҳунарии худи ӯ мебошад. Ин ибора дар забони эронии қадиму миёна ҷой доштааст: барои ифодаи **пир** вожаи эронии қадимии hu-u̯aiH-štHa, авестоии hvōišta, суғдии xūštē меояд, ки маъниҳои устод ва омӯзгорро низ дорад, чунончи дар забони суғдӣ ибораи xūštē moγi – «пири муғ» омӯзгори зардуштиро гӯянд [25].

Дар луғатномаҳо ибораи **«пири муғон»** пири нигаҳбони оташ дар оташкада, пири майфурӯши муғҳо ва маҷусҳост. Дар абёти зер **«пири муғон»** киноя аз пири тариқат ва роҳбари руҳонӣ аст [13;19].

Ба май саҷҷода рангин кун, гарат пири муғон гӯяд,
Ки солик бехабар набвад зи роҳу расми манзилҳо *(Ғазали 1)*.

* * *

Аз остони пири муғон сар чаро кашам?
Давлат дар он сарову гушоиш дар он дар аст *(Ғазали 39).*

Аз абёти боло бармеояд, ки агар пири муғон амр кунад, бояд иҷро кард ва чаро аз даргоҳаш саркашӣ кунем, зеро роҳу расми давлат ёфтан ҳамон раҳнамоии ӯст. Пас маълум мешавад, ки пири муғон ҳамон устоду омӯзгор, шахси донишманду кордидаву корозмуда мебошад. Ба андешаи бархе аз муҳаққиқон, орзуи Ҳофиз расидан ба мақоми пири муғон аст [9;11]:

То зи майхонаву май ному нишон хоҳад буд,
Сари мо хоки раҳи пири муғон хоҳад буд *(Ғазали 205).*

Дар ҷойи дигар:

Чиҳил сол беш рафт, ки ман лоф мезанам,
К-аз чокарони пири муғон камтарин манам *(Ғазали 343).*

* * *

Гар пири муғон муршиди ман шуд, чӣ тафовут?
Дар ҳеч коре нест, ки сирре зи Худо нест *(Ғазали 69).*

Ибораи «**пири муғон»** дар осори дигар орифон низ ба назар мерасад ва Абулқосими Партав муътақид бар он аст, «Аттор ва Ҳофиз бо гароиш ба пири муғон аздинбаргаштагон нестанд, аз равшангаштагонанд ва ин пири муғон касе нест ҷуз Зардушт, андешаманди бузурги Эронзамин» [11, 36]. Ба андешаи бархе аз муҳаққиқон «мақсуд аз пири муғон як гуна огоҳӣ ва басирати зотист, ки дар вучуди инсон ба вадеа ниҳодааст» [15,67]. Т.Пурномдориён муътақид бар он аст, ки ҳар чӣ фосилаи ин ду шахсият (ринд ва муғон) аз ҳам камтар бошад, эҳсоси ризоият дар фард бештар аст ва худро хушбахттар медонад [10].

Ҳофиз барои ифодаи мафҳумҳои *пири майфурӯш* ва *пири тариқат, пири муғон* ва барои мафҳумҳои *хонақоҳ, майхона, харобот* – «**дайри муғон»**-ро месозад. «**Дайри муғон»** дар шеъри Ҳофиз баробар бо кӯи муғон, сарои муғон, хароботи муғон ва харобот аст ва манзури шоир ҳамон майкада ва майхона аст. «Ҳофиз ба ин абъоди маънавию ирфонӣ ва асотирӣ мебахшад, ки дигар майхонаи маҳз нест...» [7, 523], яъне киноя аз маҷлиси урафо ва авлиёст [19].

Дилам зи савмаа бигрифту хирқаи солус,
Куҷост дайри муғону шароби ноб куҷо? *(Ғазали 2).*

* * *

Дар дайри муғон омад ёрам қадаҳе дар даст,
Маст аз маю майхорон аз наргиси масташ маст *(Ғазали 27).*

Ё ин ки **«кӯи муғон»** ба маънии *кӯи харобот* корбаст шудааст.

Хоҳам шудан ба кӯи муғон остинфишон,
З-ин фитнаҳо, ки домани охирзамон гирифт *(Ғазали 87).*

Вожаи мураккаби «**муғбача»** дар девони Ҳофиз 4 бор зикр шудааст. *Муғбача* низ як навҷавон (редак)-и эронӣ, бачаи оташпараст, бачаи муғ буд; бачаи майкада, писарбачае, ки дар майкада хидмат мекунад. Ин вожа дар аввал номи маъмулии зартуштиён буд, аммо дар ашъори Ҳофиз «писарбачаи соқии зебо»-ст [27, 185]. Аз ҷумла, дар ғазали 9 «агар писарбачаи зебои соқӣ ҳам монанди ҷавонони чаман (сарву гулу райҳон) ҷилвагарӣ кунад, ман хоки дари майхонаро бо мижгони худ хоҳам рӯфт» [13, 187].

Гар чунин ҷилва кунад муғбачаи бодафурӯш,
Хокрӯби дари майхона кунам мижгонро *(Ғазали 9)*.

* * *

Омад афсӯскунон муғбачаи бодафурӯш,
Гуфт: Бедор шав эй раҳрави хоболуда *(Ғазали 433)*.

Ҳофиз, ба андешаи муҳаққиқон, пири муғонро аз ринд болотар медонад, аммо ӯро дар мақоми тақаддус қарор надодааст [13].

Гарам на пири муғон дар ба рӯй бигшояд,
Кадом дар бизанам, чора аз куҷо ҷӯям.

Далели корбасти истилоҳоти оини зардуштиро аз ҷониби Ҳофиз муҳаққиқон дар таваҷҷуҳу гароиши ӯ ба орифону суфиён, ба «ҷаҳоншиносии оини Эрони бостон» донистаанд. Ҳофиз дониши фаровон ва андӯхтаҳояшро аз фарҳангу адаби зардуштӣ ва даврони ислом пайванд намуда, бо табъи латиф ва андешаи волои худ ирфони шоиронаро ба ҳадди камол расонид.

КИТОБНОМА

1. Динкард. Гирдоварӣ ва тадвини Шарипова Ф. – Душанбе, 2018. – 343 с.
2. Қаноат, М. Меҳри сипеҳр / Муъмин Қаноат. – Душанбе, 2007. – 371 с.
3. Мероси хаттии бостон. Гирдоварӣ ва тадвини Ф. Шарипова. – Душанбе, 2017. – 400 с.
4. Саймиддинов, Д. Вожашиносии забони форсии миёна / Д. Саймиддинов. – Душанбе: Пайванд, 2001. – 310 с.
5. Шарифзода ,Х. Суннатҳои адабӣ (Маҷмуаи мақолаҳо) / Х. Шарифзода. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 260 с. (– С. 46-78.).
6. Шарифзода, Х. Сухан аз адабиёти миллӣ (Маҷмуаи мақолаҳо) / Х. Шарифзода. – Душанбе: Пайванд, 2009. – 476 с. (– С. 270-287).

7 اشتری ب. این راه بینهایت.- تهران، 1385.- 705ص.

8 اوستا. گزارش و پژوهش جلیل دوستخواه.ج.1. - تهران،1378.- 526 ص.

9 پرتو ا. پیر مغان.- تهران،1376.-250 ص.

10 ت. گمشده لب دریا (صورت و معنی در شعر حافظ).- تهران،1384.- 512 ص. پرنام داریان

11 . از رند تا پیر مغان// سالنامه حافظ. دفتر 19.- تهران،1395. پرهیزکار م.،عاشوری نژاد

12 جعفری ع. پیام زرتشت.- تهران، 1346.- 206 ص.

13 جلالیان ع. شرح جلالی بر حافظ. در 4جلد.- تهران،1379/-649 ص.

14 حسن دوست م. ریششناختی زبان فارسی.۴ج.- تهران،۱۳۹۵.-۲۹۵۵ص.

15 خرم شاهی ب. ذهن و زبان حافظ.- تهران،1385.- 705 ص.

16 خرم شاهی ب. حافظنامه.- تهران ،1385.- 705ص.

17 دولتشاه سمرقندی .تذکرة الشعرا.- تهران،1381.-337 ص.

18 دیوان حافظ. به سعی حسین علی یوسفی.- تهران،1381.

19 سجادی س. فرهنگ اصطلاحات و تعبیرات عرفانی.- تهران،1379.- 814 ص.

سی روزه کوچک، سی روزه بزرگ. آوانویسی، تصحیح متن، ترجمه از آذرمیدخت دهدشتی.-

20 تهران،۱۳۶۳.-۲۳۳ص.

21 فرهنگ واژه های ایهامی.- تهران،1379.- 588 ص.
22 کتیبه های ایرانی میانه.پژوهش سعید عریان. – تهران،1382. – 220 ص.
23 مازندرانی ح. فرهنگ شاهنامه. نام کسان جایها.- تهران، 1377.- 814 ص.
24 نامنی م. ، روشن ع. فرهنگ ناب حافظ.- تهران، 1378.-424 ص.
25. Raham Asha. Sogdian Dictionary. P.1.- Tehran, 1924.- 915 p.
26. https://ganjoor.net/
27. https://vajehyab.com/
28. https://negarekamal.ir

БАРРАСИИ ТАТБИҚИИ ВОЖАИ «МУҒ» ДАР ОСОРИ ЗАРДУШТӢ ВА ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗ

*Корбурди вожаи марбут ба кеши зардуштиён – **муғ** аз ҷониби Ҳофиз дар ибораҳои **пири муғон, дайри муғон, майи муғона** ҷолиб ва қобили таваҷҷуҳу таҳқиқ аст. Ин вожа дар забони форсии бостон magu-, maguš ҷинси мардона, ҳолати фоилӣ, шумораи танҳо; дар забони эламӣ ma-ku-iš, аккадӣ ma-gu-šu, maguš, оромӣ mgwš' (Syr. ܡܓܘܫܐ) magušā, лотинӣ magus, порсии миёна moγ, mo°, парфянӣ maγ°, moγ°, суғдӣ maγu°, maγ°, арабӣ مجوس, русӣ маг, англисӣ magic ҷой дошта, дар Авесто ва осори форсии миёна корбаст шудааст. Вожаи **муғ** дар ашъори Ҳофиз ду бор, **муғон** 30 бор ва муғбача 4 бор ба маъниҳои ирфонӣ ба кор рафтааст: **муғ –** «ошиқи ҳақ», **пири муғон –** «пири тариқат», **кӯи муғон -** «савмаа, хонақоҳ», **муғбача** – «солики маҷзуб».*

***Калидвожаҳо:** ашъор, Ҳофиз, муғ, адабиёти зардуштӣ, ирфон.*

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ТЕРМИНА «МУГ» (MUГ) В ЗОРОАСТРИЙСКИХ ТЕКСТАХ И ГАЗЕЛЯХ ХАФИЗА

*Использование термина, связанного с зороастрийским вероучением – muγ, в следующих выражениях в поэзии Хафиза, как **piri muγān** (старец мугов), **dayri muγān** (обитель мугов), **mayi muγān** (вино мугов), представляется интересным, заслуживающим внимания и исследования. Это слово восходит к древнеперсидскому существительному мужского рода, именительного падежа, единственного числа –magu-, maguš; к эламскому ma-ku-iš, аккадскому ma-gu-šu, maguš, арамейскому mgwš' (сир. ܡܓܘܫܐ) magušā, латинскому magus, среднеперсидскому moγ, mo°, парфянскому maγ°, moγ°, согдийскому maγu°, maγ°, арабскому مجوس , русскому маг, английскому magic. Данный термин также встречается в авестийских текстах и в среднеперсидской литературе. В поэзии Хафиза слово **muγ** встречается дважды, **muγān** – 30 раз, и **muγbača** – 4 раза, причем все они использованы в суфийско-мистическом значении: muγ – «влюблённый в Истину», **piri muγān** – «наставник пути истины (тариката)», **kui muγān** — «святилище, обитель дервишей», **muγbača** — «притягательный последователь (путьник духовного пути)».*

THE USE OF THE TERM «MUGH» IN ZOROASTRIAN TEXTS AND HAFEZ'S GHAZALS

The use of the term mugh, associated with the Zoroastrian religion, in expressions that were found in Hafez's poetry such: as pīri mughān («elder of the

mugh «), dayri mughān («mugh's temple»), and may-i mughāna («wine of the mugh») is of particular interest, worthy of scholarly attention and analysis.

The word traces back to the old Persian masculine noun in the nominative singular magu-, maguš; it also appears in Elamite as ma-ku-iš, in Akkadian as ma-gu-šu, maguš, in Aramaic as mgwš' (Syriac ܡܓܘܫܐ) magušā, in Latin as magus, in Middle Persian as moγ, mo°, in Parthian as maγ°, moγ°, in Sogdian as maγu°, maγ°, in Arabic as مجوس , in Russian as маg, and in English as magic. The term is also appears in Avestan texts and Middle Persian literature.

In Hafez's poetry, the word mugh appears twice, mughān 30 times, and mughbacha (young mugh) 4 times, which all used in a such Sufi-mystical context: mugh – «lover of the Truth,» pīr-i mughān – «spiritual guide of the Truth path (ṭarīqat),» kūy-i mughān – «sanctuary or Sufi lodge,» mughbacha – «spiritually attractive seeker (traveler on the spiritual path).»

Keywords: *poetry, Hafez, mugh, Zoroastrian literature, Irfan (mysticism).*

Дар бораи муаллиф: Шарифзода Фарангис Худоӣ – директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, профессор, доктори илми филология. Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 21. Email: Farangis70@mail.ru

Сведения об авторе: Шарифзода Фарангис Худои – директор Института языка и литературы имени Рудаки НАНТ, профессор, доктор филологических наук. Адрес: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 21. Email: Farangis70@mail.ru

Information about the author: Sharifzada Farangis Xudoi – director of Institute of language and literature named after Rudaki of the national Academy of sciences of Tajikistan professor, doctor of philology. Adress: 734025, Dushanbe, Avenue Rudaki, 21. Email: Farangis70@mail.ru

ТДУ: 491.550

ТАҲҚИҚИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ КОНСЕПТИ «СОХТМОН» ДАР ШЕВАҲОИ ҶАНУБӢ ВА ҶАНУБИ ШАРҚИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Сахидод Раҳматуллозода
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо диққати аҳли илму адабро ба баррасии шеваҳои забони тоҷикӣ ҷалб кардаанд, зеро дар таркиби луғавии шеваҳои забонамон калимаю истилоҳоти зиёде мавҷуд аст, ки бозгӯйи анъанаҳои куҳани миллати тоҷик буда, дар ташаккули фонди асосии луғавии забони адабӣ метавонанд таъсиргузор бошанд ва онҳо ҷанбаҳои этнолингвистӣ доранд. Агар ба таркиби луғавии шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ ва хусусиёти этнолингвистии онҳо назар афканем, хоҳем дид, ки дар онҳо даҳҳо қабати луғавие дида мешавад,

ки саршор аз ганҷинаҳои забонӣ буда, таҳқиқи консептологии онҳо амри воқеӣ маҳсуб мегардад.

Яке аз қабатҳои асосии таркиби луғавии шеваҳои мазкурро вожагони бинокорӣ ташкил мекунанд. Сохтани бино ва хонаҳои гуногун диққати мардумро садсолаҳост, ки ҷалб кардааст ва барои ифодаи ҳар қадами бинокорӣ калимаю истилоҳоти фаровоне ба вуҷуд омадааст, ки ҳомилони шеваҳо аз онҳо то имрӯз истифода мекунанд.

Ҷиҳати сохтани биною хонаҳо сокинон аз масолеҳи зиёде истифода мекунанд. Қисме аз масолеҳ аз хоку лой, қисми дигар аз чӯбу оҳан иборатанд. Ин масолеҳ аз пойдевор то болопӯш номҳои гуногун доранд, ки бо калимаҳои зиёде ифода мегарданд ва бархе содаю қисми дигар аз тарафи худи онҳо сохта шудаанд. Дар силсилаи консепти мазкур барои бунёди вожаҳои нав лексемаҳои умумихалқии **девол**, **дар**, **сътъм**, **рав**, **сар** ва ғайра нақши асосӣ доранд. Ҳангоми сохтани анвои хона калимаи **хона//хуна** серистеъмол ва фаъол буда, беш аз 55 вожа сохта, дар калимаҳои мураккаби **оғилхуна, ганҷурхуна // ганҷулхона, лалхуна, аловхуна, тапакхуна, хасҳуна, меҳмунхуна, сабабхуна, қушхона, таҳҳуна, каҳҳуна, севхуна** ва ғайра[1] чун унсури асосӣ истифода мегардад, аммо барои бунёди истилоҳоти хонасозӣ вожаи **хона** фаъол ва серистеъмол нест. Дуруст аст, ки бо истифода аз пасвандҳои шаклсози *-ак* ва *-ча* лексемаҳои **хунаҳак** (Вқ.) ва **хунача** (Қ.) сохта шудааст, ки шакли тасғири **хуна** мебошанд, на ҷузъе аз хонасозӣ. Барои ифодаи хона калимаҳои **кулба**, **вайруна, чордеволӣ // чордевола** (Вқ., Қ., Ванҷ) ҳам ба таври маҷоз истифода мешавад: *ай ҳаму чордеволийой къҳна кълух овардъм* (Нуш.). Дар шеваи ҷанубии шарқӣ барои ифодаи хонаи қадимӣ вожаи **катахуна** истифода мешудааст, вале имрӯз аз он навъи хонаҳо намесозанд. Доир ба ин навъи хонаҳо дар китобҳои «Таджики Каратегина и Дарваза» (1966) ва «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» (1980) маълумот дода шудааст.

Ғайр аз ин, барои баёни консепти «сохтмон» ва ошкор сохтани хосиятҳои этнолингвистии он дар қолаби ибораи **чуву чахси хунадозӯ, чахси хунароскънӯ** (Вқ.) ва дар вожаи мураккаби **чувчахт** (Роғ) «чӯбу чахс» барои ифодаи номи умумии масолеҳ ва ё маводи бинокорӣ истифода шуда, дар таркиби **хунавъ *дар*** чун ифодагари исми умумии макони зист меояд, ки аз шакли адабии **хонаю дар** маншаъ гирифтааст. Барои ифодаи макони зист дар форсии миёна «хону мон» истифода мешуд, ки муродифи хонаву кошона аст (Саймиддинов, 2001, 87). Дар байни ин калимаҳо пайдоиши морфемаи **чахс** номаълум мемонад, зеро дар луғатномаҳои мавҷудаи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969), «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» (2006), «Фарҳанги санскрит-форсӣ» (1375), «Фарҳанги эронии бостон» (1326), «Фарҳанги рӯзи сухан» (1383), «Фарҳанги форсӣ ба русӣ» (1983), «Ғиёс-ул-луғот» (1987), «Чароғи ҳидоят» (1992), «Фарҳанги яғнобӣ-тоҷикӣ» (2008) ва ғайра ишорае роҷеъ ба ин вожа мавҷуд нест.

Маводи дастрас далолат бар он мекунад, ки дар доираи консепти «сохтмон» истилоҳоти хона ва хонасозиро дар шеваи ҷанубӣ ва ҷанубӣ шарқии забони тоҷикӣ ба гурӯҳҳои зерини этнолингвистӣ ҷудо карда, баррасӣ намудан мумкин аст:

1. Доир ба хусусиёти лексикӣ, муродифот ва ҳудуди интишори калимаи «хона» муфассалтар ниг.: (Ҷӯраев, 1980.100-120).

1. Воҳидҳои луғавии вобаста ба девор ва лойкории хона. Таркиби луғавии шева аз тариқи истилоҳоти марбут ба хона хеле инкишоф ёфтааст, зеро дар баробари инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёт тарзи зисту зиндагии мардум низ ба тағйирот дучор мешавад. Дар тӯли қарнҳо тарзи хонасозӣ такмил ёфта, бо худ истилоҳоти тозаеро ба вуҷуд овардааст, ки дар ташаккули консепти «сохтмон» ба тавсеаи хусусиёти этнолингвистии онҳо заминаи воқеӣ гузоштааст. Барои хона сохтан масолеҳи зиёде лозим аст, ки ҳар кадом бо истилоҳи хос баён мегардад. Калимаҳои ифодакунандаи ин гурӯҳ, асосан, аз забони адабӣ ва дигар шеваҳои забони тоҷикӣ истифода мешаванд. Дар робита ба истилоҳоти ин соҳа дар асарҳои чопшудаи муҳаққиқони шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ (Неменова, 1956; Расторгуева, 1963, Вып.5; Розенфельд, 1953, 1956, 1960, 1963, 1964, 1982; «Таджики Каратегина и Дарваза», 1966; Ҷӯраев, 1980; 1992; Ҷалолов, 1967) мавод ва фикру андешаҳои хубе дастрас кардан мумкин аст. Махсусан, профессор Ғ.Ҷӯраев дар китоби бунёдиаш «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» (1980) роҷеъ ба истилоҳоти хонаю хонасозӣ, ҳавлӣ ва истилоҳоти марбут ба он, худуди интишор, тарзи ташкил, истифодаи вариантҳои онҳо мулощизаҳои ҷолибе иброз доштааст.

Дар ташаккули консепти «сохтмон» ва ташаккули хусусиёти этнолингвистии он ва, умуман, гурӯҳҳои мавзуии марбут ба шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ вожаҳои сода нақши калон доранд. Аввал ин, ки онҳо бо мавҷудияти худашон маъниҳои зиёдеро баён карда, серистеъмолу омоним шуда, хазинаи муродифоту калимаҳои зидмаъноро мукаммал мегардонанд. Баъдан, барои сохтани калимаҳои мураккаб заминаи асосӣ шуда метавонанд. Вожаҳое, ки ба зербинои хона тааллуқ доранд, аз роҳи факки изофат ба вуҷуд омадаанд ва ҷузъҳои асосӣ калимаҳои содаи **по//пой, та//таҳ** мебошанд: **пойдевол // подевол** (Вк., Қ.,); **таҳдевол// тӓдевол** (Лахш, Шуг., Мис.); **таҳдеволӯ** (Қ.), **тӓдеволӯ** (Вқ., Шк.); **таҳкърсӯ** (Лахш, Мт.) таҳкурсӣ, пойдевор.

Барои ифодаи зербино дар шеваи ҷанубӣ морфемаи **бълуна** мавҷуд аст: *мо мардум бълуна мекаем, йа тъвақ нун мекаем-у ҷиғ мезадем, ҳашаракио-ра* (Шк., Ғк.). Ин вожа дар шеваи ҷанубӣ шарқӣ дар шакли **бълно** истифода мешавад: девол-а дар болои бълно сар карем (Ванҷ.) Дар ин шева вожаи **бълно** бо феълҳои **дохтан** ва **кандан** истифода мешавад; *бълно дохтас-ъ оли девол-ш-а сар накараст анъз* (Ванҷ); *хунасозкън шийем ҳавали дов* ***бълно*** *меканем* (Ванҷ.). Калимаи **бълуна** дар шеваи ҷанубӣ ба ду маъно: таҳкурсӣ; маросими хайру саҳо ба муносибати хонасозӣ истифода мешавад **(**Маҳмудов, Ҷӯраев, 1997, 74). Маънии дуюм дар шеваи ҷанубӣ шарқӣ бо вожаи **бълноканун** баён мешавад: *йак гов дар вахти бълноканун мекъшан* (Дарвоз). Аз ин ҷиҳат, ба хулосае омадан мумкин аст, ки асоси **бълно** вожаи *бунйод* аст ва маънии асосро доро мебошад. Аммо аз таърихи забони суғдӣ маълум аст, ки калимаи **лод** дар ин забон ба маънии **девор** истифода мешуд ва ин субстрат ба мо имкон медиҳад, ки бо итминон воҳиди луғавии «бълно»-ро шакли лексиконидашудаи вожаҳои **бун** ва **лод** ҳисоб намоем.

Масолеҳе, ки дар пойдевор истифода мешавад, асосан, санг аст ва солҳои охир аз семент ҳам истифода мекунанд. Ин аст, ки вожаи **сангчинӣ** (Қ.) - чидани санг дар пойдевор; **симин** //**симен** (Вқ., Шк., Қ.) - семент ҳам маъмул аст: *таҳдеволӣ-ш симин бъд-ъ боло-ш ғиштин* (Дд.). Бо вожаи **симен** исми амал низ сохта шудааст: *ай бойистайи* ***сименрезӣ*** *бехи девол-а мекован* (Ҳак.).

Вожаҳои таркибан содаи **кълух // кълъх // кулух, къръм // къръмб, санг, пахса, чим** ва ғайра баёнгари масолеҳи гуногуни хонасозӣ буда, дар ташаккули гурӯҳи вожаҳои мураккаб мусоидат менамоянд. Ҷиҳати сохтани як қисми калимаҳои ин гурӯҳ вожаи асосӣ **девол** бошад, дар қисми дигар вожаи **сар** асосӣ аст ва ин калимаҳои сода дар ташкили ҳамаи калимаҳои ин гурӯҳ иштирок мекунанд. Қисми зиёди ин вожаҳо хусусияти умумихалқӣ доранд ва қисми дигар хоси шеваи ҷанубӣ мебошанд. Аз ҷумла, калимаҳои **сафилдевол** (Қ.), **къръмпохса** (Шк.), **сарсафилӣ** (Ғк.), **санчилидевол** (Қ.), **сарпачала** (Вқ., Ҷк., Шк., Дарв.), **сарпичала** // **сарпъчала** (Қ.); **кесакдевол** (Қ.), **къръмдевол** // **къръмбдевол** (Қ.), **сардеволӣ** (Шк., Ванҷ) сардеворӣ, сархорӣ, чуб, хор ва ё шохаҳои майдае, ки ба сари девор маҳкам мекунанд, хоси шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ бошанд, вожаҳои **кълухдевол // кълъхдевол, кулухдевол**; **пахсадевал** // **похсадевал**, **чимдевол** умумихалқианд. «Дар шеваи ҷанубӣ **хишдевол** ва **сангдевол** барин терминҳои мураккаби умумӣ низ истеъмол мешаванд. Вале онҳо дар ҳама маҳал баробар паҳн нашудаанд. Сабаби ин шояд дар он бошад, ки мақоми ин навъ деворҳо дар хоҷагии мардуми кӯҳистон мисли навъҳои боло нест. Аз инҳо навъи «хишдевол» тадриҷан ба расмият даромада истода бошад, типи «сангдевол» рӯ ба маҳдудият ниҳодааст. Навъҳои номбурдаи девор аз ҷиҳати истифода низ баробар нестанд. Масалан, **лойдевол, къръмбдевол, похсадевол, кесакдевол, кълухдевол** ва **хишдевол** ҳам дар иҳотаи ҳавлӣ ва ҳам дар сохтмони хонаҳои истиқоматӣ истифода шаванд, **сангдевол,** асосан, дар сохтмони хонаҳои ғайриистиқоматӣ ва осиёбу обҷувозҳо ба кор меравад» (Ҷӯраев, 1980, 118).

Дар сохтани истилоҳоти консепти «сохтмон» ба баёни хусусиёти этнолингвистии он мисли забони адабӣ калимаи **сар** серистеъмол буда, дар бунёди як қатор вожаҳо чун воҳиди луғавии асосӣ фаъол аст. Дар таркиби калимаҳои мураккаби тобеи марбут ба девор, ки аз факки изофат ба вуҷуд омадаанд, ***сар*** ҷузъи асосӣ аст: **сарпичала**// **сарпъчала**, **сарпачала**, **сарсафилӣ, сардеволӣ**. Дар таркиби ин калимаҳо ҷузъи **пъч//пич** ва **сафил** истифода шуда, диққати олимонро ҷалб кардааст (Неменова, 1956; Розенфелд, 1971; Ҷӯраев 1980). Аз ҷумла, муҳаққиқи лексикаи шеваи ҷанубӣ Ғ.Ҷӯраев зимни баррасии истилоҳоти марбут ба «дегдон» мегӯяд, ки «**пича**-аслан мӯйи ду ҷаккаи сари занон аст, ки аз туппӣ берун мемонад: занҳо онро одатан шона зада, ҳамвор нигоҳ медоранд. Агар зан ва ё духтаре ҷавон мурад, мегӯянд: сийаҳпичамарг шуд. Истилоҳи **пича** дар нисбати қисми паҳлуи дегдон гумон меравад, ки дар қиёси пичаи сари занон ба вуҷуд омадааст». Маънии аввали он дар забони адабиёти классикӣ дида мешавад, ки чунин шарҳ ёфтааст; «печа//пича 1. зулф ва кокули пешонӣ; 2. пешонӣ; 3.номи гиёҳи печон» (ФЗТ, 1969). Дар лаҳҷаи Бухоро бо ташдиди ҳамсадои «ч» дар шакли «пичча» маъмул буда, бо он калимаҳои **пиччабанд** (рӯймолчае, ки занҳо бо он пешонаашонро мебанданд) ва **пиччасафед** (калонсол), ки хоси лаҳҷаи мазкур аст, сохта шудааст (Маҳмудов, Бердиев, 1989). Дар дигар луғатномаҳо ва адабиёти илмӣ доир ба ин калима маълумот дарёфт карда натавонистем. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар шеваи ҷанубӣ шарқӣ ҳам ба ҳамин маъниҳо истифода мешавад. Дар шеваи ҷанубӣ доираи истифодаи ин воҳиди луғавӣ хеле васеътар буда, дар гурӯҳҳои вахиёӣ-қаротегинӣ, кӯлобии Ҳисор, қаротегинӣ, шимоли Кӯлоб, ғарби Кӯлоб мустаъмал аст ва маъниҳои зеринро дорад: 1. гесӯвони майдабофишудаи ду

чаккаи духтарону занон: 2. чаккаи сар: *пашми пичоо-т-а търош* (Шк.); 3. *девораи рӯйи оташдон; суфачаи паҳлуи танӯр* (Ғк., Вқ.): *сихчироғ-а да сари пича мемундем* (Яр.); 4. ҷойе, ки пояҳои сандалӣ меистад (Ғк.); 5. девори ду тарафи дули осиё (Вқ.). Бо калимаҳои мураккаб ва ибораҳо ҳам омада, маъниҳои зеринро дорад: **сийапича**// **сийаҳпича** 1. сиёҳмила, сиёҳмӯй (Вқ.); 2. *маҷ.* ҷавонмарг, ғӯрамарг (Қ.): **дари пича** (Нуш.) даҳони танӯр; **паси пича** (Қ.) суфачаи паҳлуи оташдон.

Ба ақидаи мо, вожаи **печ//пич** дар таркиби калимаҳои **сарпачала** // **сарпичала**// **сарпъчала** аз маънии аввали вожаи **пича** маншаъ мегирад ва аз рӯйи аналогия «сардевории аз хасу хошок ва майдачӯбҳо сохташуда» ва «сархорӣ»-ро бо вожаҳои мазкур ном мебаранд. Калимаҳои мазкур дар шакли **сарпеч** (Қ., Шк.) тибқи маънои номбаршуда ҳам истифода мешаванд.

Фикри донишмандон доир ба вожаи **сафил** якхела аст. Аз ҷумла, муҳаққиқи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб морфемаи луғавии «сафил»-ро ба ду маънӣ меорад: 1) девори лойии атрофи ҳавлӣ; 2) сардеволии аз хасу хошок ва майдачӯбҳо сохташуда (Неменова, 1956, 99). Доир ба ин масъала ибдоли ҳуруф намуда, забоншинос Ғ.Ҷӯраев чунин менависанд: «ба назари мо ҳам чунин менамояд, ки «сафил» нисбат ба маънии дуюм дар ифодаи маънии якум маъмултар аст, зеро дар он маҳалҳое, ки калимаи мазкур ҷо дорад, гӯяндагон онро, пеш аз ҳама, бо маънии аввал шарҳ медиҳанд, Ин андешаро ин далел тақвият дода метавонад, ки дар баъзе маҳалҳо хамон сардевориро бо таркиби «сари сафил» ифода менамоянд» (Ҷӯраев, 1980, 119). Дар байни мардуми мо аз сафолпораҳо сохтани зарфҳои гуногун ҳунари қадимӣ буда, бо онҳо пӯшонидани боми хонаҳо имрӯз ҳам дар баъзе мамлакатҳои аврупоӣ маъмул аст. Ин аст, ки бо сафол пӯшонидани қисми болоии деворҳо барои зинат ва аз боронҳо эмин доштани онҳо мусоидат мекард ва ин боис шудааст, ки калимаи **сафол** бо каме тағйироти савтӣ тамоми девори атрофи ҳавлӣ ва қисмати болои деворро дар шакли **сафил** («кафел» дар забони русӣ) ифода кунад: 1. девори атрофи ҳавлӣ: *гърд-ъш сафил, пеш-ъш агарот* (Хов.); *гърди ҳавлин-а сафил мегиран* (Ёз.); *сари сафил бъро, ангъри зълфи́ бийор* (Дах.); 2. девори похсагӣ бо вожаи мураккаби **сафилдевол** (Вқ.): *сафилдевол мекардем Фарғона-нда* (Ял.); 3. бо ибораи **сари сафил** (Вқ., Қ., Шк.) ба маънии болои девор: *сари сафил бъро, ай ҳаму ангъри зълфи́ биги́ бийор* (Дах.). Ба маънии **сардеволи́** калимаҳои **сархор** (Вқ., Қ.), **сархори́** (Вқ., Қ. Шк.), **арақчи́** (Қ.), **качдеволи́** (Вқ.) ва **лумбаз// лъмбаз**[1] (Вқ.), истифода мешавад: девол ҳами ки бъд шид, сархор мекънем, ки нагарда (Сам.): *девол-а лумбаз мундан* (Нуш.). Девори хонаҳо зина ба зина гузошта мешавад ва ҳар қабатро аз 80 см баландтар задан хавфнок аст, зеро имкон дорад, бо сабаби намию вазнинӣ фурӯ афтад. Ин аст, ки ифодаҳои **деволи йакъми хуна, деволи дъйъми хуна, деволи сейъми хуна, деволи чоръми хуна** (Вқ., Шк., Дарв.) маъмул аст: *деволи йакъми хуна-ра, ки задем, дам мегирем, қоқ шава, деволи дъйъм-ша-ни ҳами́ хел* (Вқ.). Ҳамчунин калимаҳои мураккаби **чордевола** (Ванҷ) // **чордивола** (Вқ., Қ.) **шашдевола**[2] (Лахш) барои ифодаи маънии чорпохсагӣ, шашдевора, роиҷ аст: *хона-ш шашдевола бъд* (Лахш); *се ғънда лой каа чордевола каум* (Нуш.).

1. Доир ба шарҳи ин калима ниг.: Неменова, 1956; Ҷӯраев, 1980.
2. Доир ба ин вожа ниг.: «Таджики Дарваза и Каратегина» 1966; ШҶЗТ, 1980.

Калимаи **девол** дар доираи консепти «сохтмон» барои нишон додани хусусиёти этнолингвистӣ муҳим буда, дар сохтани ибораҳои озоди синтаксисӣ ва воҳидҳои фразеологӣ ҳам истифода шудааст: **деволи пали шолӣ** (Шк.) мазраи пали шолӣ; **деволи чапарак** (Дарв., Шк.) тавораи аз шоху навдаҳо сохташуда; **деволи гаштагӣ** (Қ.) рахна; **деволи қалам** тақдир, қисмат, толеъ: *и нахш-а ба (аз) деволи қалам мебинум, ай беватани-м ба хъд алам мебинум* (фолк.); **девол задан // девол кардан:** девор задан, девор бардоштан: *вегайӣ салқин ки шид, девол къ* (Ёл).

Тавре ки зикр гардид, калимаи **девор** яке аз вожаҳои содаи ин гурӯҳ буда, дар сохтани вожаҳои марбут ба хона ва берун аз он серистеъмолу фаъол аст. Калимаи «девор» дар сохтани як қатор вожаҳои сохтаю мураккаб сермаҳсул аст. Калимаҳои сохта тавассути пасвандҳои ***-ӣ, -гар, -ак*** ба вуҷуд омада, шахс ва амалро ифода менамоянд: **деволгар // деволакӣ** (Қ.) деворзан: *ийо истойи деволгар-ан, вез ай хъд-шу дига деволгар, лойгар ни нъмегиран* (Ҳиҷ.); **деволгарӣ // деволкънӣ //деволзанӣ** (Дарв, Шк., Вқ) деворзанӣ: *порина бе Мирзоҳайот-а деволгарӣ рафтъм* (Дм.). Вожаҳои мураккаб ба шахс ва макон далолат мекунанд: **деволкън** (Ҷк.): *йаке ки мардаки деволкън-а чъшм-ъш ба бача-ш меҳалта* (Ёл); **деволкаш** (Қ.) деворзани моҳир: *да дийно ай достак-а деволкаш нес* (Хм.); **деволдавак** (Шк.) *маҷ.* кӯдак, ҷавон: *солойи ма деволдавак бъдъм, тъ санговдавак бъдӣ*; **бардеволӣ** (Шк.)// **деволруйа** (Шк., Ғк.) пушта; бари пушта ё кӯҳ: *бъзо-ра бардеволӣ ҳай кънем, чарида местан* (Кан.).

Дар таҳқиқи консепти «сохтмон» ва нишон додани хусусиёти этнолингвистии он дар баробари зербино ва девор истилоҳоти дигаре мавҷуд аст, ки ба лойкорӣ ва дигар банду басти хона вобаста аст. То имрӯз ин гуна корҳои марбут ба лой дар саросари минтақаи шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ мавҷуд аст. Лойкорӣ вобаста ба андоваи деворҳо ва бом мебошад. Вожаҳои ин гурӯҳ барои ифода кардани анвои лой, ашёи бо лой ҳамроҳшуда, амали бо лой анҷомшаванда, вобаста ба шахс ва ғайра аст. Калимаҳои содаи ин гурӯҳ вожаҳои умумиистеъмоли **лой** ва **гил** мебошанд, аммо **лой** дар сохтани калимаҳо назар ба **гил** унсури серистеъмол ва фаъол ба шумор меравад.

Барои ифодаи макони лой бо истифода аз қолаби маъмули калимасозӣ вожаи **лойхона** (Шк.) истифода мешавад ва муродифи он **лойхандақ** (Вқ.) низ серистеъмол аст: *лойхандақ-а пър кардем* (Мт.). Панҷакаш, андоваи якуми хона тавассути ду вожаи мураккаби тобеъ, ки дар онҳо ҷузъи **лой** истифода шудааст, баён мешавад: **лойрез** (Вқ.) ва **лойшон** (Қ.) Вожаи **лойшон** рехта буда, муродифи ибораи феълии «лой шинондан» аст ва имрӯз дар шакли алоҳида калимаи **шон** барои ифодаи семантикаи **нишастан** ё **шинондан** намеояд. Як силсила вожаҳое мавҷуданд, ки ба шахси бо лой машғулиятдошта далолат мекунанд. Онҳо низ дар қолабҳои маъмули вожасозии забони тоҷикӣ сохта шудаанд. Аз морфемаҳои луғавии сохта бо пасвандҳои ***-акӣ, -гар:*** **лойакӣ** (Дарв.) **лойгар** (Вқ., Шк., Қ., Ҷк., Ванҷ) лойзанӣ, деворзанӣ: *порина бе Мирзоҳайот-а лойгарӣ мекаем* (Дм.). Бо калимаҳои мураккаби тобеъ: **лойбардор** (Қ.); **лойкаш** (Вқ.); **лойкор** (Шк., Дарв., Роғ). Асосҳои вожаҳои **лойҷъкӣ** (Қ., Ванҷ); **лойкорӣ** (Роғ, Шк., Вқ.); **лойгарӣ** (Вқ., Шк., Қ., Ҷк.) ва **лойшурӣ** (Қ.) морфемаҳои луғавии **лойчъқ, лойкор, лойгар** ва **лойшӯр** мебошанд, ки бо пасванди -ӯ дар зинаи дуюми калимасозӣ қарор доранд.

Теъдоде аз калимаҳо барои ифодаи анвои лой, таркибу миқдор ва ашёе, ки бо он махлут мегардад, истифода мешавад. Онҳо бо калимаҳои рехта, вожаҳои мураккаб ва ибораҳо меоянд: **гуволак // гъволак** (Қ.) лойи лунда кардашудаи хушк; **пойшап** (Қ.) лойи часпак; **сийагъл** (Шк.)// **сийаҳгил // сийалой** (Вқ.. Ванҷ) сиёҳгил; панҷакаш: *ба (баъд) йа лой кати сийаҳгъл-ъш мени́* (Лахш); **пешбели́** (Лахш) миқдори муайяни лой, ки ба бели лойбуррӣ гунҷоиш ёбад; **каҳмол** (Шк.) алафҳои хушкидаи пуштаву доманаҳо, ки барои андова истифода мекунанд**; лойи бакаҳ** (Шк., Қ.) каҳгил, лойи коҳомехта: **лойи варег** (Қ.) лойи регомехта ва ғ.

Қисме аз калимаҳои ба ин гурӯҳ шомилбуда исми амаланд: **васадаргъл** // **васадаргил** (Қ.) мустаҳкам намудани нуги дастаку вассаҳо ба атрофи бом бо лой; **панҷакаш** (Шк., Дарв.) андоваи ибтидоӣ, сияҳгил. Бо калимаи **лой** вожаҳои зиёде сохта шудаанд, ки берун аз истилоҳоти марбут ба мавзуъ буда, овардани онҳоро салоҳ надонистем.

2. Воҳидҳои луғавии марбут ба чӯбкориҳои хона. Дар баробари лой ва маҳсулоти аз он сохташуда, дар доираи консепти «сохтмон» ба ташаккули хусусиёти этнолингвистии он дар сохтани хона **чӯб** воситаи асосии сохтмон аст. Дару тиреза, равзана, шифту бом, асосан, бо чӯб сохта мешавад. Бинобар ин, истилоҳоти ин гурӯҳ ҳам барои хазинаи луғати шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ ганҷинаҳои зиёдеро рӯйи кор овардааст. Воҳидҳои луғавии содаи зиёде мавҷуданд, ки барои тақвияти консепти «сохтмон» ва ташреҳи этнолингвистии он заминасоз мебошанд. Муҳимтарини онҳо калимаҳои **васа** // **васта, рав, нигас, пориса, пъл, сътъм** // **сътъмб, дастак** // **дъстак** // **дастък, бом** // **бънг, чув, рӯзан, дар, ошиқ** // **ошуқ** // **ошъқ, хуна** ва ғайра ҳастанд, ки дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ барои тамоми ҳомилони шева фаҳмо мебошанд (Неменова, 1956; «Таджики Каратегина и Дарваза», 1966; Ҷӯраев, 1980; Розенфелд, 1956, 1964). Дар байни онҳо калимаҳои **рав, пъл, сътъм, дастак, бом, чув, рӯзан, дар, хуна** ба истиснои ҳолатҳои савтиашон хусусияти умумихалқӣ доранд ва барои ҳамаи тоҷикон маълуманд.

Васа. Бо воҳидҳои луғавии шаклан сода калимаҳои сохта, мураккаб ва ибора-истилоҳҳои мутааллиқ ба хона ва хонасозӣ ба вуҷуд омадааст, ки таркиби овозии онҳо моҳияти маъноии онҳоро муайян мекунад. Масалан, бо вожаи **васа** калимаҳои зерин сохта шудааст, ки морфемаҳои онҳо ба семантикаи мавҷудаи лексемаҳои навбунёд бевосита алоқаманд мебошанд: **тахтаваса** (Қ., Вқ.) вассаи тахтагин; **васаҷъфт** (Қ.) вассаҳои зич чидашудаи бом; **парағаваса** (Вқ., Қ.) вассае, ки аз ҳар гуна чӯбу тахтаҳои дурушт сохта шуда бошад; **буйроваса** (Ғк., Кҳ.) бурёвасса. Қисми тобеи калимаи **бурйоваса** вожаи **бурйо** ҳам яке аз аҷзои хонасозӣ мебошад. **Бурйо** аз лух бофта шуда, ба намад монанд мешавад, ки онро дар болои **васа** гузошта, баъдан хок ва баъд аз он бомро андова мекунанд.

Калимаҳои **васа**//**васта** ва **пъраға** бо шакли содаи сарфӣ дар таркиби ибораҳо ҳам доираи васеи истеъмол доранд: *васа се фирқа меша* (Ҳич.); *сарпачала кааст, акъ васта-ш медоза* (Дм.); **васайи гази́** (Қ.) вассае, ки аз буттаи газ тайёр мекунанд; **васайи пъраға** (Қ.) вассае, ки аз тароша иборат аст; **пъраға** (Вқ., Шк., Қ., Ванҷ)// **параға** (Шк.) параха; васса; *у –ра пъраға ни мегем, васа ни* (Ёх.).

Рав: *хуна-шун-а девол каран, тийор каран, рав боркъни-шун мунтаст* (Ванҷ). Ин истилоҳи хонасозӣ дар тамоми сарзамини шеваи ҷанубӣ ва ҷануби

шарқӣ, забони яғнобӣ (Мирзозода, 2008, 146) маъмул аст. Дар забони адабиёти классикӣ ҷиҳати ифодаи ин маънӣ вожаи **болор** (ФЗТ, 1969) истифода мешудааст. Дар китоби «Очерки по таджикской диалектологии» (Расторгуева, 1963, 164) ин вожа ба маънои асоси замони ҳозираи феъл омадааст. Дар китоби «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» доир ба калимаҳое, ки мавод ва ашёи чӯбии хонаи истиқоматиро ифода менамоянд, фикри ҷолибе қайд мешавад; «ин қабил калимаҳоро вобаста ба гуногунии предмет ва сохти хонаҳои истиқоматӣ боз ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо кардан мумкин аст. Аз ҷумла, як гурӯҳи онҳо ашёву предметҳои болои хонаро ифода менамоянд. Ҳамчун: **равчув** (в-к., Сарикенҷа), **пул// //пъл** (дар гурӯҳи лаҳҷаҳои Қаротегин, Кӯлоб) ба маънии чӯби дарози ғафсе, ки аз байни сақфи хона гузашта, чӯбҳои ду ҷонибро сарбасар менамояд; **зейрав//заррав//зирав** (Кӯлоб, к-ҳ.); - чӯбҳое, ки аз болои девор гузошта мешаванд, **пъраға** (в-к., Кулумбаи Боло), **къландък** (в-к» Ёзғанд) - васса, **сартевада** (ҷ-к., Доғистон) - сарраф, **дастак// дъстак** (қ, к) - болор, каш (в.-қ., Нушор), **кумок** (к., Деҳаи Мир) - холигии байни вассаҳо, **овашк** - чӯби зери болор (Қаротегин) ва ғайра» (Ҷӯраев, 1980, 106).

Анвои **рав** бо вожаҳои мураккаб алоқаманд аст. Маънои калимаҳои мураккаб ба маҷмуи семантикаи вожаҳои таркиби он баробар аст. Масалан, вожаи **рав** дар ҳамон ҳолат маънии «шаҳпул»-ро ифода мекунад, ки бо калимаи **сар** пайваст шавад, зеро **сар** дар тӯли таърихи забон маънои «олӣ ва ё боло»-ро дорад ва ҷанбаи этнолингвистӣ имрӯз ҳам онро дар забони адабӣ зимни калимасозӣ дар ҳамин мавқеъ нигоҳ доштааст. Дар баробари **саррав** вожаи **шаҳпул//шӣпъл** (Шк., Ванҷ, Дарв.) ҷиҳати ифодаи ин маъно роиҷ аст. Теъдоди вожаҳои мураккаби бо воҳиди луғавии **рав** сохташуда бисёр аст. Воҳидҳои луғавии мансуб ба сохтмони хона чунин аст: **саррав**: *йа чуви йаққад-а лат мекънан сар-сари дъстако-да, саррав-ъш меган* (Сам.); **зерав//зирав** (Шк.) зеррав: *зерав-а да болой девол мемунан-у ба (баъд) лой медавонан* (Дҷ.); **зиҳрав** (Қ.) чӯбҳои болои рафак; **калтарав** (Шк.) ғӯлае, ки аз зери рави хона мегузаронанд. Қолиби калимасозии **саррав** аз вожаҳои баъдӣ фарқ мекунад, зеро вай аз факти изофат ба вуҷуд омадааст ва морфемаи асосӣ дар мавқеи аввал ҷойгир аст. Бо иштироки вожаи **рав** калимаи **равчув** (Дарв., Ванҷ) мавҷуд буда, он бо се маънӣ истифода мешавад, ки ҷаҳати сермаъноии онро нишон медиҳад. 1.чӯб барои рав; 2. рав; 3.тири чарха, ки чӯби чархаи риштаресӣ ба он васл ва мустаҳкам мешавад: *равчув ай ҳар чув нагарама ай чуви рости сахт гарама* (Ванҷ).

Дар силсилаи ин калимаҳо бо вожаи «сар», ки умумиистеъмолист, лексемаҳои дигар ба вуҷуд омадаанд, ки маъноҳои зеринро доранд: **сарнигас//сарнъгас** (Кҳ., Қ.,Шк.) чӯбҳои 30-40 см. барои ҳимояи девор аз шустани борон; **сарпориса**, **сарпореса** (Вқ., Қ., Шк., Дарв.), **сарпориста** (Вқ.), **сарполиса** (Вқ., Қ.) **сарпеч** (Роғ) // **сарпачала**; **тагсарипъл** // **таксарипъл** (Вқ.,Қ.): *ҳамуйе, ки тайи рав-да-й, тагсарипъл-ай* (Нр.). «Мушоҳидаи материали экспедитсияҳо аз хусуси терминҳои мазкур мулоҳизаҳои зеринро илқо менамоянд: 1) терминҳои «нигаса» ва «пореса» дар ифодаи маъно ба ҳам муносибати синонимӣ доранд. Чунон ки ба назар мерасад, «нигас» ё «пореса» аслан исми нӯги болорҳои сақфи хонаанд, ки ба андозаи 30-40 см аз девор берун баромада меистанд. Дар акси ҳол **сарпореса, сарипоса, саполиса, полисагузор** барин ифодаҳои дигар ба вуҷуд намеомаданд, ки ҳамагӣ ба

болои пореса гузошта шудани предметҳои дигарро далолат менамоянд. Термини «нигаса», асосан, аз доираи лаҳҷаҳои Кӯлоб шуруъ шуда, то гурӯҳи кӯлобии Ҳисор давом мекунад, вале «пореса» барои ҳамаи гурӯҳҳои лаҳҷаҳои ҷанубӣ (ба ҷуз Бадахшон) умумӣ ба шумор меравад» (Ҷӯраев, 1980, 107).

Сутун. Як қатор истилоҳот, ки барои таъмини такмилу тақвияти консепти «сохтмон» ва ташреҳи этнолингвистии он хизмат кардаанд, бо ин истилоҳ алоқаманд мебошанд, Дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ ин мафҳум бо вожаҳои **сътъм**//**сътъмб** (Вқ., Қ., Шк., Ванҷ, Дарв.), **сътум** (Кҳ., Ғк.), ки калимаи умумихалқӣ мебошанд, ифода меёбад. Ин воҳидҳои луғавии сода дар таркиби вожаҳои мураккаб ва ибораҳо истифода мешаванд. Дар «катахунаҳо» (ҳонаҳои қадимӣ) чанд сутун буд, ки аз рӯйи вазифаи дар сохтмони хона доштааш номгузорӣ мешуданд. Масалан, барои баёни «сутуни калони байни хона» бо истифода аз калимаи «шоҳ» (**шаҳ**//**шӓ**), ки маҷозан маънои «бузург»-ро ифода мекунад, вожаи **шаҳсътъм** // **шӓсътъм** (Вқ., Ванҷ, Дарв.) тавлид шуда бошад, калимаҳои дигар вобаста ба мавқеашон сохта шудаанд: **сътъми айвон** сутуни айвон (пешайвон); **сътъми саломгаҳ** // **салумга** (Вқ., Ванҷ, Дарв.) сутуне, ки дар мобайни хонаи истиқоматӣ ҷой гирифтааст. Дар радифи ин калимаҳо вожаи **дингак** (Шк.) ба маънои «сутуни лойин» роиҷ аст, ҳарчанд аз чӯб сохта нашудааст. Вожаи **сътъм** дар таркиби ибораҳои фразеологӣ ва узви инсон низ истифода мешавад. Ибораи **сътъми саломгаҳ** ба маънии «муҳофиз, ҳомӣ» бо гунаи **сътъми дил** // **дъл** (Вқ.) аз рӯйи семантикаи «қуввати дил» муродиф аст: *во-м сътъми саломгаҳ-ай, у набоша ҳол-му ҷазир-ай* (Вқ.). Вобаста ба узви инсон ибораи **сътъми бънӯ** // **сътъмбаки бънӯ** (Вқ.) истифода мешавад.

Калимаи **айвон**, ки хусусияти умумихалқӣ дорад, дар забони адабиёти классикӣ бо вожаи **полкона** // **поликона** // **полгона** (дар забони русӣ «балкон») ифода мешудааст, ки асоси тоҷикӣ дорад (ЭАСТ, 1989, 543; مسلمانیان رحیم, 1383, 26). Имрӯзҳо барои ифодаи ин маънӣ вожаи **пештоқ** мустаъмал аст. Дар лаҳҷаҳои Бадахшон ба ин маънӣ вожаи «пешвоз(ӣ)» истифода мешудааст (Розенфелд, 1971, 122).

Теъдоде аз вожаҳои ин гурӯҳ ҳарчанд бо пасвандҳои -ак //-ък, -ча шакл гирифта, бинои морфологии онҳо сохта бошанд ҳам, семантикаи воқеии онҳо аз рӯйи монандӣ ба ин ё он ашё ба вуҷуд омадааст. Аз ҷумла, барои ифодаи чӯбҳои ба қалам шабоҳатдошта, ки барои устувории девор дар байни он гузошта мешаванд, вожаҳои **қаламча** (Вқ) // **қаламак** (Қ.) истифода шудааст. Ҳамчунин, калимаҳои зерин аз рӯйи монандӣ бо ашёи дар асосҳо баёншуда дар қолаби вожаҳои сохта ба вуҷуд омадаанд: **дастак**// **дъстак** //**дастък** дастак, болори иморати дуобдавадор, ки аз болои пул (рав) гузошта мешавад: *дъстак ай болой пъл мунда мешава* (Қал.). Дар ин силсила вожаи **къландък** аст, ки ду маънӣ дошта, ҳудуди интишораш гуногун аст. Аз рӯйи маводи дасти мо ба маънои «чӯбҳое, ки дар сар-сари девори ҳавлӣ мечинанд» дар гурӯҳи шимолии Кӯлоб ва аз рӯйи семантикаи «чӯбе, ки ба сари болор пайваст карда мешавад» дар гурӯҳи вахиёӣ-қаротегинӣ мустаъмал аст. Дар қолаби мазкур вожаи **изорак** маҷозан ба маънои «хошоке, ки бо он болои боми хона пӯшида мешавад» роиҷ аст ва ин маъно танҳо дар деҳаи «Чаврофи боло»-и гурӯҳи ҷанубии Кӯлоб ба қайд гирифта шудааст, аммо дар деҳаи Ёзғанди гурӯҳи вахиёӣ-қаротегинӣ аз рӯйи семантикаи «чӯбҳои васл дар поён ё болои сутун, ки барои мустаҳкам шудани он часпонида мешаванд» маъмул аст. Калимаи **лавнигас** дар гурӯҳи қаротегинӣ бо маънии

чӯбҳои зиёдатии пеш ё ақиби хона, ки аз болору дастакҳо мебарояд, роиҷ аст. Бо ҳамин маънӣ вожаи **нигас** // **нъгас** дар гурӯҳи шимолӣ ва ғарбии Кӯлоб бо доштани муродифи **пориса,** барои ҳамаи гурӯҳҳо хос аст, ки дар гуфтори мардумони солхӯрда, дида мешавад ва имрӯзҳо аз ёдҳо рафта истода, ба ҳукми архаизм медароянд: *шамол сахте шид, ки нигаси бънг-а канда бурд* (Кан.). Баробари ин вожаҳо, калимаи **лавмарза//ламбарза** дар минтақаи Ховалинг мансуб ба гурӯҳи шимолӣ ва вожаи **синҷ** дар гурӯҳи вахиёӣ-қаротегинӣ ва кӯлобии Ҳисор ба маънии «чӯби атрофи хона, ки дар болои девор барои мехкӯб кардани дастакҳо мегузоранд», истифода мешавад. Вожаи **лавмарза // ламбарза** дар минтақаи Ховалинг боз ба ду маънои дигар роиҷ аст: 1.марза, канорҳои баланд бардошташудаи киштгоҳ, ки вайро аз заминҳои дигар ҷудо месозад ва обашро намегурезонад; 2. гирди сарпӯшгузории даҳони чойник. Вожаи мазкур дар деҳаи Тегирмӣ, мансуб ба гурӯҳи қаротегинӣ семантикаи марзаи хурдеро дорад, ки қисми болои гӯрро аз қисми поёнаш ҷудо месозад. Дар баъзе аз манотиқ ба маънии *гулбанди корд* низ мустаъмал аст.

Дар ва анвои он. Дар ташаккули консепти «сохтмон» ва баёни хусусиятҳои этнолингвистии он дар байни истилоҳоти марбут ба чӯбкориҳои хона вожагони мансуб ба **дар** мавқеи махсус доранд. Ин вожаҳо истилоҳоте мебошанд, ки барои баёни анвои **дар** ва қисматҳои он мустаъмаланд. Аз назари сохти сарфӣ онҳо сохта, мураккаб ва ибораистилоҳ мебошанд. Дар таркиби қисме аз онҳо морфемаи луғавии **дар** иштирок мекунад, аз ҷумла: **дастаи дар, часпак, зердарӣ, болодарӣ, паҳлударӣ, тагдарӣ, зулфайн, танба, завлона**. Ин истилоҳотро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: 1.анвои дар; 2.аҷзои дар.

А. Анвои дар. Таврe ки маълум аст, дарҳо хурду бузург, яктабақаю дутабақа, одию маъмулӣ, мунаққаш, чӯбию шоху навдаӣ ва ғайра мешаванд. Ин хусусиятҳои этнолингвистӣ зимни номгузории онҳо ба инобат гирифта шудаанд. Ба вожаҳо ва маъноҳои онҳо, ки дар қолаби вожаҳои сохтаю мураккаб омадаанд, таваҷҷуҳ шавад: **дарбача// дарбича// дарбачък** (Ҷк., Шк.) бо ду маънӣ: а. дарбача: *ба (баъд) ай дарбача қози́ ниго кад* (Хов.); б. (Вқ.) равзан, мурӣ; **дарвоза** (Шк.,Дарв.) дари калони ҳавлӣ: *и мълоо вағас ка дани дарвозаи Афанди́ мераван* (Ёл); **дарвозахуна** (Вқ, Шк.) дарвозахона, хонае, ки дар даромадгоҳи ҳавлӣ воқеъ мегардад; **чапарча** (Ҷк.) даричаи аз химчаву навдаҳо сохташуда; **чапардар** (Вқ., Қ.) // **чапардарӯ́** (Қ.)// **чапарешик** (Вқ.); **чапаракак** (Ғк.) дари аз шоху навдаҳои дарахт сохташуда; **ергачак // ергечек** (Вқ.) дари аз химча ё навда сохташуда, ки дар байни ҳавлии беруну дарун ё дари оғили тобистона насб мекунанд.

Бо ибораҳо ҳам чанд навъи **дар** баён мешавад, ки дар муайянкунандаҳои онҳо мансубият, таъинот ва шакли онҳо инъикос шудааст: **дари бағдодӣ** (Шк.. Вқ., Қ..) навъи дари кандакоришуда; **дари гилкорӣ** (Каҳ.) дари нақшин; **дари дътавақа** (Шк.) дари дутабақа; **дари пича** (Вқ.) даҳони танӯр; **дари йатавақа** (Шк., Вқ.) дари яктабақа; **дари тъомълӯ́** (Қ.) дари одӣ, дари муқаррарӣ;

Дар чор тарафи **дар** чӯбҳо гузошта мешавад, ки вобаста ба тарафҳо (боло поён, бар) номгузорӣ сурат гирифтааст. Ин вожаҳо дар қолаби калимаҳои мураккаби тобеъ бо факки изофат зинаи аввали калимасозиро аз сар гузаронида, дар зинаи дуюм бо пасванди -**ӯ́** сохта шудаанд. Ин аст, ки дар як вакт ба ҳам васл шудани калимаҳо ва ба онҳо илҳоқ гардидани пасвандро мушоҳида мекунем: **болодарӯ́** (Вқ.Қ.) болодарӣ, чӯби уфуқии болои қолиби дар; **тордарӯ́**

(Қ., Вқ., Шк.) болодарӣ, қисми болоии чорчӯбаи дар: **таҳдарӯ** // **тӓдарӯ** (Ғк., Кҳ.) тагдарӣ, қисми поёнии чорчӯбаи дар; остонаи дар; **зиҳдарӯ** (Қ.) зердарӣ, таҳдарӣ, чӯбест, ки қисми поёнии дар ва дарвозаро аз вай мегузаронанд; **паҳлакдарӯ** // **паҳлударӯ** // **паҳлъдарӯ** // **паҳлидарӯ**) // **палдарӯ** // **паҳликдарӯ** (Вқ.)// **паҳлъндарӯ** // **палинарӯ** (Шк.)// **паладарӯ** // **палударӯ** (Ғк., Кҳ.) - паҳлударӣ; **лавдарӯ** (Вқ., Қ.) чӯбест, ки дар қисми пеши як табақи дар ва дарвоза аз рӯй пайванд мекунанд, то ки вақти пӯшондан табақи дигарро нигоҳ дорад. ***Бардарӯ**:даройи қадимина-ра бардарӯ-ш дига бъд-ъ тордарӯ-ш дига* (Мум.).

Б. Аҷзои дар. Дар ташаккули консепти «сохтмон» ва номгузории аҷзои **дар** афзори ба ин ашё мансубиятдошта нақш дорад. Онҳо семантикаи **часпакҳо, завлона, танба, зулфайн, мурғак, дастаи дар** ва дигар қисмҳои дарро ифода мекунанд. Дар баёни часпакҳои дар калимаҳои содаю сохтаи зерин мураввақ аст: **часпак//часпък** (Кҳ.,Шк.)// **търбак** (Вқ., Қ., Шк.) // **ошиқъ маншуқ** // **маншъқ** (Вқ., Қ., Шк.) часпак, ошиқу маъшуқ, асбоби филизӣ, барои пайваст кардани дару тиреза бо қолиби (чорчӯбаи) он. Барои ифодаи **танба** олати чӯбие истифода мешавад, ки барои аз пас (ақиб) бастану қоим намудани дар мустафид аст ва онро бо вожаҳои сохтаю мураккаб баён мекунанд: **паскълӯ** (Вқ., Шк.); **паслък** (Вқ.); **потъмба// пастъмба** (Шк.); **пастъмбачув** (Қ.), **пасъмбачув** (Вқ.); **пъштпойа** (Вқ.), **пърсева** (Ғк.). Калимаҳои умумихалқии **зулфайн**, **дастқапак** ва **ишкел** дар шакли зерин роиҷ аст: **зълфайн // зулфайн** ҳалқаи дар ё сандуқ; **дъсқапак** (Вқ., Қ., Шк. Ҷк.); **шикел** (Вқ., Шк.), **шъкел** (Кҳ.,Қ.) ишкел, завлона. Ин истилоҳ дар дарҳои дуқабата дар гурӯҳи вахиёӣ-қаротегинӣ бо истилоҳи **мърғак (***мърғак-а тордарӯ-да месъхидан*) ва **мърғакдарӯ** // **марғакдарӯ** баён мегардад. Вожаи **дандуник** (Қ.) ба маънои дандона, ҷузъи қулфи чӯбин, ки дар замони пеш истифода мекарданд, архаистӣ шудааст. Агар ин ҷо маънои вожа архаистӣ шуда, ба гурӯҳи архаизмҳои семантикӣ шомил шуда бошад, дар ҷойи дигар бо калимаи **кълидор** (Вқ.) ба маънои «ғалақа, қуфли чӯбин, ки калидаш низ чӯбин мешавад» мебинем, ки ҳам шайъ ва ҳам маъноияш ба ҳукми архаизм даромадаанд. Дар робита ба ин, вожаҳои **кълидун** (Вқ.) // **келидун** (Вқ., Қ.)// **килидун** (Қ.) // **килидон** // **кълидон** (Шк., Ғк.) // **кълиғдун** (Хм., Шм.) **кълибадъндуна** (Вқ.) ба маънии «калиддон; чоки берунии ғалақаҳои чӯбин, ки барои кушодани он калидро аз он ҷо андозанд; қулфу калиди чӯбин» истифода мешуданд, ки ҳоло ба ин маънӣ мустаъмал нестанд. Вожаҳои **кълидун//килидун** (Қ.) дар баробари маъниҳои боло аз рӯйи семантикаи «тоқчаи зарфгузории доирашакл» имрӯз низ дар истеъмол аст.

3. Воҳидҳои луғавии марбут ба дохил, атроф ва болои хона. Дар доираи консепти «сохтмон» калимаҳои мансуб ба дохил, атроф ва болои хонаҳо хусусиёти хоси этнолингвистӣ доранд. Шарҳи ин масъала ба тариқи зайл аст, ки бо вожаҳои зерин баён мешавад:

Равзан. Дар байни хонаҳои қадимӣ (**катахуна**) **рузан** ҷойгир буд. Ин вожа аз шакли адабии «равзан//равзана» маншаъ мегирад. Дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷанубии шарқӣ дар ду ҳолат мустаъмал аст: а) сӯрохӣ дар сақфи боми хона барои хориҷ шудани дуд, рутубат ва ворид шудани рӯшноӣ; б) ҳар гуна сӯрохӣ ҳам дар сақф ҳам дар девори иморат: *мо Рохарвийо дарича гувемен, ҷойе ки дуд бадар мегара, ванҷийой боло рузан гувамен* (Ванҷ). Дар таркиби ибораи **«дуди хуна-ра рузани хуна дунаме»** ба маънии маҷозии сирру асрори касро ҳама намедонад, омадааст: *ума-м мегуфт, ки дуди хуна-ра рузани хуна дунама боре ҳазоби мън-а*

хъд-ъм дума (Ванҷ). Бо ин вожа калимаи р**узанбанд** ва **рузанпуш** сохта шудааст, ки ба ду маънӣ роиҷ аст: 1. дастачӯби дароз барои пӯшондани равзан ҷиҳати нигоҳ доштани гармӣ ва нарехтани барфу борон; 2. сарпӯш ё худ даричаи равзан. Вожаи **рузанбанд** дар шеваи ҷанубӣ шарқӣ ва **рузанпуш** дар гурӯҳи вахиёӣ-қаротегинӣ ба қайд гирифта шудааст**:** *ун хуноой пешта-ра рузанбанд доштан, шав ва аму рузан-а мебастан* (Ванҷ). Ба ин маънӣ вожаи **харузан** (Вқ., Қ.) маълум аст ва равзанест, ки аз барфу борон эмин медорад. Дар маводи дасти мо ин калима муродиф надорад, аммо дар тадқиқоти Ғ.Ҷӯраев муродифоти дигар низ дорад, ки хеле муҳим аст: «вобаста ба терминологияи боми хонаҳои истиқоматӣ қайд кардани муносибати калимаҳои **харузан** ва **харпиштак** // **харпуштак** айни муддао мебошад. Аз онҳо, аввалӣ, яъне **харузан** мувофиқи материали мо ва маълумоти муаллифони китоби «Таджики Каратегина и Дарваза» хоси гурӯҳи қаротегинӣ аст. Аз ҷумла, он дар деҳаҳои Ховалинг, Зокирободи Ғарм ва ғ. қайд шудааст. Аммо ҳудуди интишори **харпуштак** васеътар аст. Калимаҳои мазкур исми сарпӯшҳои махсусанд, ки барои ба дарунӣ хона нарехтани барфу борон аз болои равзан ва дудкашҳо мегузоранд. Ин предметҳо шаклан ба соботчаҳои махсус шабоҳат дошта, аз чӯбҳои хурду борик бештар ба тарзи конусшакл сохта мешаванд» (Ҷӯраев, 1980, 106). Дар Бадахшон ба ин маънӣ вожаи **тафгир** дар қолаби калимаи мураккаб истифода мешавад. Барои ифодаи равзани хона морфемаи луғавии **тоқча** // **тохча** дар гурӯҳи қаротегинӣ ба қайд гирифта шудааст, ки хусусияти маҳаллӣ дорад ва ба маъноҳои тоқча, рафчаҳои девори хона ё айвон ба таври фаровон мустаъмал аст. Аз рӯйи маънои **раф** вожаи **тополӣ** (Вқ.) низ истифода мешавад: *хунай бе тополӣ бехосийат-ай* (Қк.).

Калимаи **равзан** дар деҳаи Данғараи боло бо вожаи **дудбаро** ифода мешудааст, ки ҳоло бо ин маъно мустаъмал нест ва ин маъниро ба архаизми маъноӣ дохил кардан мумкин аст.

Дар хонаҳои типи нисбатан нави лойӣ, ки мисли **катахуна** бузург нестанд, садсолаи охир бухориҳои оҳанин гузошта мешаванд, ки онҳоро бо истилоҳоти сохтаи мардум **тутапеч** (Шк., Ғк.) // **карнайпечка** (Вқ.), **печка** (Вқ., Қ.) баён мекунанд. Вожаи асосӣ дар ин ҷо калимаи иқтибосии **печка** мебошад. Номгузории **тутапеч**//**карнайпечка** мантиқӣ аст ва номгузории ашё на танҳо барои ин гурӯҳ, балки дар саросари номгузориҳо эҳсос мегардад. Вожаҳои мазкур аз рӯйи мавҷудияти **тута** (лӯла) ва ё **карнай** (лӯла) сохта шудаанд, яъне ибораҳои «печи тутадор» ва ё «печкаи карнайдор» заминасози ин вожаҳои мураккаб мебошанд. **Тута** ва **карнай** асбоби мусиқианд, ки шакли лӯлаӣ доранд ва ҷузъи бухорӣ шудани онҳо дар заминаи сермаъноӣ мебошад. Дар ифодаи маънии дудбаро калимаҳои **дудкаш** (Шк., Ҷк.) // **дудкашак** (Ғк.) низ ҳаст, вале худи бухориро ифода намекунанд. Калимаи **дудкаш** (Шк.) ба маънии дудкаши оҳангархона; **кърнай** (Вқ.) ҳамчун дудкаши самовар ва монанди инҳо низ роиҷ аст. Дар қолаби калимаҳои мураккаби мазкур калимаи мураккаби **таҳтута** (Шк.) ба маънии қисми поёни дудбарои бухорӣ истифода мешавад.

Барои ифодаи қисматҳо ва асбоби хонаҳои қадимӣ дар қолаби калимаҳои сода, сохта, мураккаб истилоҳоте мавҷуд буданд, ки ҳоло бо каме тағйири маъно истифода мешаванд, мисли **пога // тайпога // погадарӣ, санҷък // санҷъндарӣ, тор // тори хуна, декун // дукун // дукон // декън, чала, шаҳсъфа // шäсъфа**; **чалак** (оташдони сандалӣ); **чорпойа** (Қ.) таҳмон, бормонак, ҷойи махсусе, ки дар болои он сандуқ ва курпаҳоро мемонанд; **сурӣ** (Шк.,Вқ.) хавоза, кат;

торкаш (Қ.) либосовезак ва ғайра. Дар лаҳҷаҳои Бадахшон барои ифодаи маънии **санҷък // санҷъндарӯ** вожаи «погашт» роиҷ будааст (Розенфлд, 1971, 123). Доир ба анвои дукон (**дукони паси дегдун, дукони шълақак, дукони шаҳшин, дӯкони дароз, дукони сартакийа, дукони паси дар**) ва калимаҳои марбут ба дохили хонаҳои қадимӣ (**катахунаҳо**) дар китобҳои «Таджики Каратегина и Дарваза» (ТКД, 1966) ва «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» (ШҶЗТ, 1980) маълумоти кофӣ мавҷуд аст. Бояд гуфт, ки дар баробари истифодаи анвои мазкури марбут ба дукон дар шеваи ҷануби шарқӣ истилоҳи ***«дукуни бъни дегдун»*** низ истифода мешавад: *дар дукуни бъни дегдун ҷой мън-а бъдозе* (Ванҷ).

Бом. Калимаҳои содаи ин гурӯҳ **бонг // бунг // бънг** (Вқ., Шк.) мебошанд. Серистеъмолтарини ин вожаҳо калимаи **бънг** мебошад, ки ҳам дар шеваи ҷанубӣ ва ҳам дар шеваи ҷануби шарқӣ истифода мешавад: *дар бънги калун наваро, ки жъғарва-ст* (Ванҷ). Бо вожаи **бънг** танҳо ба вожаи мураккаби **бонгуша // бунгуша // бънгуша** вохӯрдем, ки маънои «бомгӯша»–ро ифода мекунад. Дар маводи шеваҳо калимаи **болохуна // болохона** мавҷуд аст, ки дар типи хонаҳои нав аз болои бом сохта мешавад. Калимаи **сартовала** (Шк.,Ҷк.) низ дар ин гурӯҳ ба маънии «болори кундаланги хона, ки дар паҳлуи хонаи истиқоматӣ гузошта мешавад» мавҷуд аст, ки доираи васеи истеъмол надорад.

Дар атрофи бом новадон, обрез сохта мешавад, ки бо калимаи умумиистеъмолии **новардон // новардун // новарду** (Шк, Ғк., Вқ.. Қ.) ифода меёбад: *новар-дуни пореса-ра ай нав соз кардем* (Мт.). Дар баробари ин дар шеваи ҷанубӣ шарқӣ ва дар гурӯҳи шимолии Кӯлоб вожаи **нова** дар ғарбии Кӯлоб **навшора** ва вожаи **тарнов** барои ҳамаи гурӯҳҳои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ роиҷанд. Боми хонаҳо тавре андова карда мешавад, ки дар он об ҷамъ нашавад ва ин истилоҳ бо калимаи **овдав** (Ош.) баён мешавад: *чор бълинги бонг-да навшора мекънем* (Кан.).

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки таркиби луғавии шеваҳои мавриди таҳқиқ барои баёни афкори сохтмончиён маводи хуби забонӣ дошта, дар ташаккулу тақвияти консепти «сохтмон» ва ташреҳи этнолингвистии он заминаи мусоид фароҳам овардааст. Ин маводи консептологӣ дар тӯли садсолаҳо барои ҳомилони шеваҳо хизмат карда, мукаммал шудааст.

КИТОБНОМА

1. Анварӣ, Ҳасан. Фарҳанги рӯзи сухан / Ҳасан Анварӣ. - Теҳрон, 1383. – 1386 с.
2. Дарвеш, Б. «Чароғи ҳидоят»-и Орзу ва забони тоҷикии форсӣ / Б. Дарвеш. – Душанбе: Адиб, 1992. – 105 с.
3. Джураев, Г. Система диалектной лексики таджикского языка: на материале южных говоров (Автореф. дис. д-ра филол.наук) / Г. Джураев. – Душанбе, 1992. – 30 с.
4. Муҳаммад, Ғиёсуддин. «Ғиёс-ул-луғот» / Муҳаммад Ғиёсуддин. – Душанбе: Адаб, Ҷ.1.1987. – 480 с. Ҷ.2. 1988. – 416 с. Ҷ.3. – 304 с.
5. Маҳмудов, М., Ҷӯраев, Ғ. Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе, 1997. – 288 с.
6. Мирзозода, С., Алавӣ Б. Дастури забони яғнобӣ / С.Мирзозода, Б.Алавӣ. –Душанбе, 2008. –254 с.
7. Мусулмониён, Раҳим. Порсии дарӣ / Раҳим Мусулмониён. – Теҳрон, 1383. –245 с.

8. Неменова, Р.Л. Кулябские говоры таджикского языка (северная группа). – Сталинобод, 1956. -190 с.

9. Расторгуева, В.С. Очерки по таджикской диалектологии / В.С. Расторгуева. – М., 1952-1961. Вып.I.1952; Вып.2.1952; Вып.3. 1956; Вып.4. 1961. Вып.5. – М., 1963.

10. Розенфельд, А.З. Дарвазские говоры таджикского языка / А.З. Розенфельд // Тр. АН СССР. – 1956. – Т. 6. – С. 196-272.

11. Розенфельд, А.З. Ванчские говоры таджикского язы‌а / А.З. Розенфельд. – Душанбе, 1964. – 149 с.

12. Розенфельд, А.З. Бадахшанские говоры таджикского языка / А.З. Розенфельд. – Л., 1971. – 192 с.

13. Розенфельд, А.З. Материалы по этнографии и топономике Ванча / А.З. Розенфельд // Изв. Всесоюз. геогр. о-ва. – 1953. – Т. 35. – №4.

14. Розенфельд, А.З. Говоры Каратегина / А.З. Розенфельд. – Сталинабад, 1960.

15. Таджики Каратегина и Дарвеза / Под ред. Н. Кислякова, А.К. Писарчик. – Душанбе: Дониш, 1966. – Вып. I; - Душанбе: Дониш, 1970, вып.2.

16. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидори асри XX): - М.: Сов. энциклопедия, 1969. Ҷ. 1. 951 с.; Ҷ. 2. 904 с.

17. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. (Зери таҳрири Д. Саймиддинов, С.Д.Холматова). – Душанбе, 2006. – 813 с.

18. Персидско-русский словарь / Под ред. Ю.А.Рубинчика. – М.: Сов. Энциклопедия. Т. 1. 1983.-1632 с.; Т. 2. 1983. – 1632 с.

19. Пури Довуд, Иброҳим. Фарҳанги Эрони Бостон/ Иброҳим Пури Довуд. – Теҳрон, 1386, 371 с.

20. Мирзозода, С. Фарҳанги яғнобӣ-тоҷикӣ / С.Мирзозода. - Душанбе, 2008. - 279 с.

21. Ҷалолӣ, Ноинӣ Саидмуҳаммадризо. Фарҳанги санскрит-форсӣ. Ҷилди1/ Ноинӣ Саидмуҳаммадризо Ҷалолӣ. –Теҳрон, 1375, 618 с.; Ҷилди 2. Теҳрон, 1384, 834 с.

22. Ҷалолов, Д. Гурӯҳи шеваҳои тоҷикони райони Ёвон / Д.Ҷалолов. - Душанбе: Дониш, 1967. - 151 с.

23. Ҷӯраев, Ғ. Лексика // Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ.1/ Ғ.Ҷӯраев. - Душанбе: Дониш, 1980, с.87-328.

24. Шеваи ҷануби забони тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 1979-1982. – Ҷ.1-5.

25. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Иборат аз 3 ҷилд. – Душанбе, 1989.

ТАҲҚИҚИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ КОНСЕПТИ «СОХТМОН» ДАР ШЕВАҲОИ ҶАНУБӢ ВА ҶАНУБИ ШАРҚИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Таҳқиқи шеваҳои забони тоҷикӣ диққати донишмандонро беш аз сад сол боз ба худ ҷалб кардааст. Омӯзиши асару мақолаҳои ба шевашиносӣ бахшидашуда гувоҳи он аст, ки масоили матраҳнашуда зиёд аст. Яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ баррасии консептологии таркиби луғавии шеваҳо ва, махсусан, қабатҳои луғавии соҳавӣ ба шумор меравад. Дар байни вожагони соҳавӣ калимаю истилоҳоти марбут ба консепти «сохтмон» ҷойгоҳи хос доранд. Ин калимаҳо дар сохтани биноҳои истиқоматӣ аз зербинои хона то боми хонаҳоро ифода мекунанд.

Зимни таҳқиқи маводи шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ маълум гардид, ки баррасии консептологии вожагони сохтмониро ба воҳидҳои луғавии вобаста ба девор ва лойкории хона, воҳидҳои луғавии марбут ба

чӯбкориҳои хона ва воҳидҳои луғавии марбут ба дохил, атроф ва болои хона табақабандӣ кардан ба мақсад мувофиқ аст. Дар асоси ҳамин табақабандӣ таҳқиқи этнолингвистии консепти «сохтмон» анҷом ёфта, маълум гардид, ки вожагони сохтмонии шеваҳо барои такмили таркиби луғавии забони адабии меъёр ва хусусиёти этнолингвистии онҳо метавонанд мусоидат кунанд.

***Калидвожаҳо**: консепт, сохтмон, этнолингвистика, табақабандӣ, вожагон, шева, девор, лой, чӯб, дохили хона, атрофи хона, болои хона.*

ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ КОНЦЕПТА «СТРОИТЕЛЬСТВО» В ЮЖНЫХ И ЮГО-ВОСТОЧНЫХ ГОВОРАХ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Изучение таджикских диалектов привлекает внимание ученых уже более ста лет. Однако, рассмотрение трудов, посвященных диалектологии, показывает, что существует много нерешенных вопросов. Одной из важнейших научных проблем является концептологический анализ лексического состава говоров, в частности, отраслевых лексических пластов. Среди отраслевой лексики особое место занимают термины и выражения, связанные с концептом «сохтмон» (строительство). Эти слова относятся к строительству жилых зданий, начиная с фундамента и кончая до крыши дома.

В ходе изучения материала южных и юго-восточных говоров таджикского языка стало известно, что рассмотрение концепта «сохтмон» (строительство) целесообразно классифицировать на лексические единицы, относящиеся к стенам и глинобитонным стенам дома, лексические единицы, относящиеся к деревянной обшивке дома, и лексические единицы, относящиеся к интерьеру, окружению и крыши дома. На основе данной классификации были проведены исследования и стало ясно, что строительные слова говоров могут способствовать обогащению лексического состава литературного языка и их этнолингвистических характеристик.

***Ключевые слова:** концепция, строительство, этнолингвистика, классификация, слова, стиль, стена, глина, дерево, внутри дома, вокруг дома, на крыше дома.*

ETHNOLINGUISTIC ANALYSIS OF THE CONCEPT «CONSTRUCTION» IN THE SOUTHERN AND SOUTH-EASTERN DIALECTS OF THE TAJIK LANGUAGE

The study of Tajik dialects has attracted the attention of scientists for over a hundred years. However, an examination of works which were devoted to dialectology shows that there are many unresolved issues. One of the most important scientific problems is the conceptual analysis of the lexical composition of dialects and, in particular, industry lexical layers. Among the industry vocabulary, a special place is occupied by terms and expressions related to the concept of «sokhtmon» (construction). These words relate to the construction of residential buildings, beginning from the foundation up to the roof of the house.

In the course of studying of the Southern and South-Eastern dialects' material of the Tajik language, it becames clear that it is advisable to classify the concept of «sohtmon» (construction) into lexical units related to the walls and adobe walls of the house, lexical units related to the wooden paneling of the house, and lexical units related to the interior, surroundings and roof of the house.

Based on this classification, studies were conducted and it became clear that the construction words of dialects can contribute to the enrichment of the lexical composition of the literary language of their ethnolinguistic characteristics.

Key words: concept, construction, ethnolinguistics, classification, words, style, wall, clay, wood, inside the house, around the house, on the roof of the house.

Дар бораи муаллиф: Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло – д.и.ф., профессор, узви вобастаи АМИТ, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати ҶТ. Нишонӣ: 734013, ш. Душанбе, к. Беҳзод, 25. Тел: 2275938; 919002178; e-mail: info@kumitaizabon.tj; saxidodi@list.ru.

Сведения об авторе: Рахматуллозода Сахидод Рахматулло – д.ф.н., профессор, член корр. НАНТ председатель Комитета по языку и терминологии при Правительстве Республики Таджикистан. Адрес: 734013, г. Душанбе, ул. Бехзод, 25. Тел: 2275938; e-mail: info@kumitaizabon.tj; saxidodi@list.ru.

Information about the author: Rahmatullozoda Sahidod Rahmatullo – doctor of Philological Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Chairman of the Committee on Language and Terminology under the Government of the Republic of Tajikistan. Address: 734013, Dushanbe, st. Bekhzod, 25. Tel: 2275938; e-mail: info@kumitaizabon.tj; saxidodi@list.ru

ТДУ: 808.2+809.155.0+802.0

ВИЖАГИҲОИ СОХТОРИИ ЛЕКСИКАИ ЛИБОСИ ЗАНОНАВУ МАРДОНАИ ЗАБОНҲОИ ШУҒНОНӢ ВА АНГЛИСӢ

Сафина Абодуллоева
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
Шамима Абдураҳмонова
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Таркиби луғавии забонҳои гуногуни дунё дар баробари вожаҳои маъмули забонӣ дорои калимаҳои дигаре мебошад, ки барои соҳибони забон номафҳум буда, таҳқиқи сохтории ин гурӯҳи калимаҳо мушкилии зиёдеро пеш меоварад. Дар ин маврид ба омӯзиши этимологияи калимаҳо муроҷиат намуда, дар заминаи кадом забон пайдо шудани онҳо, маънои аввалини калима, ташаккули таърихии калимаҳо, дар асоси кадом намунаи калимасозӣ сохта шудани вожаҳо муайян мегардад. Зери мафҳуми сохтори калима ягонагии синтаксисии калимаҳои бо роҳҳои мухталифи грамматикӣ сохташуда фаҳмида шуда, омӯзиши вожаҳои ҳар як забон ба муайян сохтани сохтори калимаҳо ниёз дорад. Мавзуи баҳси мақолаи мазкур таҳқиқи вижагиҳои сохтории лексикаи либоси занонаву мардона дар забонҳои шуғнонӣ ва англисӣ буда, омӯзиши лексикаи мазкур нишон дод, ки дар ду забони омӯхташаванда 4 намуди сохтории онҳо маъмул аст: сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ.

Доираи корбурди вожаҳои ифодакунандаи лексикаи либоси занонаву мардона дар забони шуғнонӣ васеъ буда, аз лиҳози таркиб ду навъ мешаванд:

вожаҳои либоси мардонаву занонаи анъанавӣ (аслӣ) ва вожаҳои либоси мардонаву занонаи иқтибосии русӣ. Дар мақола вижагиҳои сохтории лексикаи либоси занонаву мардонаи анъанавӣ нишон дода мешаванд.

Гурӯҳи калони вожаҳои ифодакунандаи либосро дар забони шуғнонӣ калимаҳои сода ташкил медиҳад ва ҳангоми муайян кардани сохтори ин гурӯҳи калимаҳо ба маънои семантикии онҳо бештар такя карда мешавад: *китен* – ҷомаи жӯлидашуда [11,130]; *кӯла* – матоъ барои дӯхти либос [11, 137]; *куртӣ* – куртаи занона, *яктӣ* – куртаи мардона [11,148]; *куртӣ* – куртка, пиджак, костюм [11,148]; *лӣл, луқ, пухӯк* – мафҳуми либос [11,176], *лозуме* – шалвор, эзори занона [11,178]; *мийенд* – ба калимаи тоҷикии миёнбанд равобит дошта, вақтҳои пеш онро аз матои калон тайёр мекарданд, имрӯзҳо аз пӯст тайёр карда мешавад [11,233]; *кӣфк* – пойафзоли чӯбини қадима, ки се поя дошт; *пакол* – тоқии пасти ҳамвор, ки ҳам занон ва ҳам мардон истифода мебурданд [11, 639]; *пӗх* – чоруқи баланди мулоими аз пӯсти гӯсфанд тайёркардашуда [11,731]; *талпак* – тоқӣ, телпак, дар забони шуғнонӣ одатан мафҳуми «куҳна ва фарсуда»-ро низ ифода мекунад [12,20]; *тасма* – тасмаи аз чарм тайёркардашуда, варианти мийонбанди шуғнонист [12,47]; *тарwӣд* – банд барои сахт бастани эзор, ки дар гузашта ба ҷои резинка истифода мебурданд [12]; *тибит* – сарпӯши мулоими аз гилем дӯхташудаи хоси мардуми афғон [12,72]; *тӣт* – рӯймоли калони занона, ки дар Шуғнон бештар ранги сафедро ба сар карда, аз ранги сурх барои арӯсон истифода мебурданд [12,91]; *тоқе* – тоқӣ дар забони шуғнонӣ сарпӯши пасти гирдшакли рангоранг [12,92], ки бештарашон аз матои сабз ва сурх дӯхта шуда, имрӯз шакли хокистарранги он низ маъмул аст; *фаш* – қисмати охирин матои салла [12,146], ки мондани он тибқи талаботи равияи мазҳабӣ ба роҳ монда мешавад; *чамус* – мӯзаи маҳаллӣ [12,334]; *шерози* – тасмаи гулдӯзишуда [12,417], тасмачаи ороддодашуда, ки дар Шуғнон барои ороиши тоқӣ, гиребони куртаи занона, мардона, остин ва домани куртаҳо истифода шуда, нақши шерозӣ дар ҳар қисмати либос ба таври гуногун сурат мегирифт; *шӯл* – рӯймоли калони пашмин ва абрешимин [12,439], ки иртиботи маънои ба «шаль»-и забони русӣ дорад; *ҷирӣб* – ҷуробҳои помирӣ [12,553], ки бо нақшу нигори гуногун оро дода шуда, ҳар як нақш маънои муайян дорад; *шартӯ́на* – рӯймоли мардонаи шахси бозиро бойдода [12,408]; *тӣк* – гиребонбанд [12,55], сарсӯзани нуқрагин; *дастӯр* – матои тунук [10,438], докаи тоҷикӣ, ки занон бештар дар гармӣ бар сар мемонданд; *амойӣл* – тасмаи шамшеровезӣ, рӯймоле, ки дар китф барои нигоҳ доштани силоҳ, шамшер, хӯроки роҳ ҷой медоданд [10,91].

Калимаҳои сохтаи забони шуғнонӣ бештар бо пасвандҳои зерин сохта мешаванд:

а) пасванди *–вор* ва *–еҷ* мафҳуми мансубиятро ифода намуда, дар мавриди истифода кардани онҳо бо вожаҳои ифодакунандаи либос, матои махсуси аз он дӯхташудаи либос ишора мешавад: *лақwор* : *лақ* – эзор, *–wор* – матои барои дӯхти эзор мувофиқ; *куртаwор*: курта – либоси занонаи болоӣ, *–wор* – матои барои дӯхтани куртаи занона [11,147]; *лозумеwор* : лозуме – шалвор, эзор, *–wор* – матоъ барои дӯхти шалвори занона [11,178], *тоқеwор* : *тоқе* – тоқӣ, *–wор* – матоъ барои дӯхти тоқӣ [12,92], *ҷӯ́маwор* : *ҷӯ́ма* – ҷома, *–wор* – пораи матоъ ба андозаи 5-6 метр, ки

барои як либос мерасад; *тарвӣдеҷ*: *тарвӣд* – банд, *–еҷ* – банди мувофиқ барои бастани эзор [11, 37]; *мийенеҷ*: мийенд – миён, *–еҷ* – матоъ барои тайёр кардани миёнбанд [11,233]; *куртӣйеҷ*: *куртӣ* – куртка, *–еҷ* –матоъ барои костюм ё куртка [11, 148]; *пêхеҷ: пêх* – як навъи пойафзоли пӯстӣ, *–еҷ* – пӯст барои тайёр кардани чамус [11, 400];

б) пасванди *–ин* дар забони шуғнонӣ ду вазифаро иҷро мекунад: 1) тарзи тайёр кардани либосро нишон медиҳад: *wифчин* аз феъли *wифтow* – бофтан ва пасванди *–ин* таркиб ёфта, маъноияш – «бофтагӣ» ; *жêбчин – жебтow* – ресидан, *–ин* – пасванд – «ресидагӣ»; *анцӯвҷин* – аз феъли забони шуғнонии *анцӣвдow* – анцӯвд (замони гузашта) – дӯхтан ва *–ин* – пасванд, – «дӯхташудагӣ»; *пидчуҷин* – аз феъли забони шуғнонии *пид чӣдow* – руфӯ кардани маҳсулоти пашмин ва пасванди *–ин* – «руфӯ-шудагӣ»; *писӯндҷин* – *писӯн бедow* – руфӯ кардани маҳсулоти аз матоъ тайёршуда ва пасванди *–ин* – «руфӯшуда»; 2) аз чӣ тайёршуда шудани либосро нишон медиҳад: *пахтагин* (ҷирибак) – (ҷӯроби) аз пахта тайёр шудагӣ, *пӯстин* (бут) – (пойафзоли) аз пӯст тайёршуда, *пахмин* (курта) – (куртаи) аз матои пашмин тайёршуда:, *пидӯҷин* (капол) – (каполи) аз ресмон, ришта тайёршуда.

Маълум аст, ки дар тайёр кардани либос шахсони муайян иштирок мекунанд ва ҳар яки онҳо тибқи шуғли худашон дар тайёр кардани он саҳмгузоранд. Аз ин рӯ, шахсони номбурда дар забони шуғнонӣ бо калимаҳои содаву мураккаби зерин ёдрас мешаванд: **вожаҳои сода:** *wафӣҷ* – бофанда, *жêбӣҷ* – ресанда, *анцавӣҷ* – дӯзанда; **вожаҳои мураккаби аз исм+асоси замони ҳозираи феъл+пасванди –ӣҷ:** *пиδ+кун+ӣҷ* – руфӯкунанда (ҷуроб), *писӯн+δаδ+ӣҷ* – руфӯкунанда (либос), *даɣз+δаδ+ӣҷ – дарзкунанда (курта)*; **исм+асоси замони ҳозираи феъл:** *ранг+кун* – рангкунанда (ришта), *гулдӯзӣ+кун* – гулдӯзикунанда (шерозӣ); **калимаҳои таркибӣ:** *шерозӣ wафӣҷ* – бофандаи шерозӣ, *курта анцавӣҷ* – дӯзандаи курта, *пакол wафӣҷ* – бофандаи пакол (сарпӯш).

в) пасванди *–ак* дар забони шуғнонӣ ба пасванди *–ак*и забони тоҷикӣ иртиботи маъноӣ дошта, дар таркиби лексикаи либос барои ифодаи мафҳуми хурдӣ корбаст мешавад: *ҷирӣбак* – ҷирӣб – дар забони шуғнонӣ ҷӯроби аз пашм бофташуда буда, бо илова кардани пасванди *–ак* ба вожаи номбурда, бештар ба «носки»-и русӣ иртиботи маъноӣ пайдо мекунад. Шакли хурди ҷӯробҳои аз пашм бофташударо дар забони шуғнонӣ *ҷирӣббуц* меноманд, ки калимаи *– буц* ба хурдии предмет–ҷӯрӣб –ҷӯроб ишора мекунад; *тӣтак* – рӯймоли майдаи занона [12, 92] буда, дар муқоиса бо вожаи *тӣт*-и шуғнонии ифодакунандаи мафҳуми рӯймоли калон, бо илова кардани пасванди *–ак* ба ин вожа мафҳуми руймоли хурдро ифода мекунад; *дастӣрак* (дасторче) – рӯймолчаи аз матои тунук тайёркардашуда [10, 438]; *дастмӣлак* – рӯймолча барои даст [10, 439].

Пешванди маъмули вожаҳои либоси аз ҷиҳати шакли грамматикиашон сохта дар забони шуғнонӣ пешванди *бе-* мебошад, ки барои калима тобиши маъноии инкорӣ бахшида, ба надоштани чизе дар он ишора мекунад: *беқасаб* (курта) – (куртаи) беқасаб, *бегул* (тоқе) – (тоқии) бегул, *белехъа* (шол) – (рӯймоли) бешилшила, *бешерозӣ (*токӣ) – (тоқии) бешерозӣ, *бепулк* (печакен) – (майдабофии) бе пупак, *беастӣр* (куртаи) – куртаи беастар, *безуγ* (курта) –

(куртаи) беостин, *бегиребӯн* (курта) – (куртаи) бегиребон, *бечебак* (куртӣ) – (костюми) бекиса.

Вожаҳои мураккаби либоси занонаву мардонаи анъанавии забони шуғнонӣ бо роҳҳои гуногун сохта шуда, шакли маъмулашон чунинанд:

1. Калимаҳои ифодакунандаи сифати либос, ки ба дарозиву кӯтоҳӣ ва қисматҳои либос, намуди он ишора мекунанд: *кутзӯγ – кут*–кӯтоҳ + *зуγ* – остин, остинкӯтоҳ; *дароззӯγ – дароз* – дароз + *зуγ* – остин, остиндароз; *кутпӯча – кут*–кӯтоҳ + *поча*– почаи шим – шими почааш кӯтоҳ; *дарозпӯча – дароз* – дароз + *поча* – почаи шим, эзор – шим, эзори дарозпоча.

2. Калимаҳои ифодакунандаи мансубият, дорои сифати муайян будани либос ба чизеро ишора мекунанд: *пулкдор – пулк* – пупак + *дор* – асоси замони ҳозираи феъли «доштан», мафҳуми «либоси пӯпакдор»-ро ифода мекунад; *қасабдор* – қасаб – қасаб, полотно + *дор* – асоси замони ҳозираи феъли «доштан», мафҳуми «либоси нақши қасаб дошта»-ро ишора мекунад; *ҷебакдор – ҷебак* – киса + *дор* – асоси замони ҳозираи феъли «доштан», мафҳуми «либоси кисадор»-ро ишора мекунад; *гиребӯндор – гиребӯн* – гиребон + *дор* – асоси замони ҳозираи феъли «доштан», мафҳуми «либоси гиребон доштагӣ»-ро ифода мекунад; *гулдор – гул* – як навъи растанӣ + *дор* – асоси замони ҳозираи феъли «доштан», мафҳуми «либоси дорои нақшу нигори гулдор»-ро ифода мекунад; *шерозидор – шерозӣ* – тасмаи бофташуда, ки барои ороиш додани либос истифода мешавад + *дор* – асоси замони ҳозираи феъли «доштан», мафҳуми «либоси бо шерозӣ ороддодашуда»-ро ифода мекунад; *лехӯдор – лехӯ* – шилшила + *дор* – асоси замони ҳозираи феъли «доштан», мафҳуми «либоси бо шилшила оро додашуда»-ро ифода мекунад.

Дар баробари ин, гурӯҳи дигари вожаҳои мураккаби либос дар забони шуғнонӣ мавҷуданд, ки ба намуди он ишора мекунанд: *панҷапорги* – аз калимаҳои *панҷа* ва *порги* – дӯхташуда иборат буда, чоруқҳои пошнааш дӯхтагӣ, пеҳро ишора мекунанд [11,373]; *пеҳчзанд* – аз калимаҳои *пеҳ* – чомус + *занд* – банд таркиб ёфта, бандҳои барои бастани чамусҳоро ишора мекунанд [11,400]; *пеҳпалак – пеҳ* – чамус + *палак* – пӯшидан, як навъи пойафзол, феъли пӯшиданро ифода мекунанд [11,414].

Вожаҳои таркибии либоси забони шуғнонӣ низ бо роҳҳои гуногуни грамматикӣ сохта шуда, гурӯҳҳои таркибиашонро аз рӯи семантикаи калимаҳои таркибиашон дарёфт кардан мумкин аст, ки ба таври зерин сурат мегирад:

1. Вожаҳои таркибии либоси забони шуғнонӣ, ки ба сифати либос: ранг, хосияти мавсимӣ, мафҳуми умумии нисбӣ ишора мекунанд: *рӯшт тоқе – рӯшт* – сурх ва *тоқе* – токӣ – токии сурх; *савз тоқе – савз* – сабз ва токе – токӣ – токии сабз; *гарм луқ – гарм* – гарм ва *луқ* – либос – либоси гарм; *танук луқ – танук* – тунук ва *луқ* – либос – либоси тунук, сабук; *танук пеҳен – танук* – тунук ва *пеҳен* – чолус – мӯзаҳои тунук; *гарм тӣтак– гарм* – гарм ва *тӣтак* – рӯймол – рӯймоли гарм ; *танук курта – танук* – тунук ва *курта* – курта – куртаи сабук, тунук; *тобистӯне курта – тобистӯне* – тобистона ва *курта*–курта – куртаи тобистона; *зимистӯне патлӯм(н) – зимистӯне* – зимистона ва *патлӯм (н)* – шим – шими зимистона; *зимистӯни бӯт – зимистӯне* – зимистона ва *бут* – як намуди пойафзол – пойафзоли зимистона; *биландпохна бӯт – биланд* – баланд ва *похна* – пошна, *бут* – туфли – туфлии пошнабаланд [10, 249]; *паст похна бӯт* – паст–паст, *похна* – пошна, *бут* – туфли – туфлии пастпошна; *гуγакдор бӯт – гуγак* – гӯшак, дор – доштан, *бут* – пойафзол – пойафзоли гӯшакдор; *гуγакдор талпак – гуγак* – гӯшак, *дор* – доштан, *талпак* –телпак –

телпаки гӯшакдор; *сӯзи пӯх* – мӯзаҳои аз пӯсти яклухт дӯхташуда, чамус [11,731]; *милиҳӣ вӯз пӯх* – мӯзаҳои бо тагчарми мустаҳкам [12,731].

2. Вожаҳои таркибии ифодакунандаи мавқеи истифодабарии либос, ки дар забони шуғнонӣ ҷузъи якумашон ҳатман ду компоненти маънодори *бӣр* – таг [10, 264] ва *тӣр* – боло буда, ишора ба либоси таг ё либоси асосӣ мекунанд: *бӣр луқ – бӣр* – таг, *луқ*– либос – либоси таг: мафҳуми умумии либоси тагро ифода мекунад; *бӣр йактӣ – бӣр* – таг, *йактӣ* – куртаи мардона, мафҳуми куртаи мардонаи тагро ифода мекунад; *бӣр куртӣ – бӣр* – таг, *куртӣ* – куртаи занона, куртаи таги занона; *бӣр танбӯ̆н – бӣр* – таг, *танбӯ̆н* – эзори занона, эзори таги занона; *бӣр лӣқ – бӣр* – таг, *лақ* – тагпӯши мардона ва занона; *тӣр куртӣ – тӣр* – боло, *куртӣ* – куртаи занона, куртаи асосии занона, ки аз боло мепӯшиданд; *тӣр патлӯ̆м (н) – тӣр* – боло, *патлӯ̆м (н)* – шими мардона.

3. Вожаҳои таркибии либос, ки дар асоси редупликатсия – такрори калимаҳои ҳамрадиф ба вуҷуд омада, ба воситаи аломати дефис аз ҳамдигар чудо мешаванд: *луқ-пар* – вожаи мазкур дар забони шуғнонӣ дар баробари ифода кардани мафҳуми умумии либос, инчунин дигар маънои тамоми ҷиҳози хонаро дорад: *тулт-пар* – пораҳои матоъ, либоси дарида, латтапора [12, 249].

Сохтори вожаҳои либоси занонаву мардонаи забони англисӣ низ ба вожаҳои забони шуғнонӣ монандӣ дошта, бо роҳҳои грамматикии гуногун сохта мешаванд. Дар забони англисӣ миқдори зиёди вожаҳои либоси занонаву мардона мавҷуданд, ки барои шаклҳои дигари ин гурӯҳи вожаҳо метавонанд ҳамчун асос, ё калимаи асосӣ хизмат кунанд. Гурӯҳи вожаҳои шакли содаи либоси занонаву мардонаи забони англисиро калимаҳои асосии *coat* – палто, *dress* – куртаи занона, *jacket* – пиҷак, *shirt* – куртаи мардона, *skirt* – юбка, *blouse* – блузка, *suit* – костюм, *tunic* – туника, *hat* – шляпа ва амсоли инҳо ташкил медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки дар забони англисӣ баъзе вожаҳои содаи ифодакунандаи либоси занонаву мардона бо пасванди ҷамъбандии забони англисии *–s* ифода гардида, мафҳуми ҷуфти предмети либосро ифода менамоянд: *boots* – ботинкаҳо, *jeans* – шими ҷинсӣ, *shoes* – туфлиҳо, *trainers* (брит.) / *sneakers* (амер.) – кроссовкаҳо, *trousers* (брит.) / *pants* (амер.) – шими классикӣ, *socks* – ҷӯробҳо, *boxers* – либоси таг, *baggies* – либоси таг барои шиновариӣ. Ифодаи пасванди – *s* дар забони англисӣ дар таркиби вожаҳои ифодакунандаи номгӯи мухталифи матоъ ё мавод барои дӯхти либос низ ба назар мерасад: *adhesives* – матои часпак, *doublings* – калоба, ришгаи тобдодашуда, *downs* – матоъҳои вазнини нимпашмин, *naps* – маводи пашмин барои палто, *singles* – калобаи якришгага, *synthetics* – матои синтетикӣ, *woollens* – либоси аз пашм тайёркардашуда.

Дар баробари ин дар калимасозии вожаҳои либоси забони англисӣ корбурди пасвандҳои зиёд ба назар расида, хар яки онҳо вазифаи махсуси калимасозиро доранд. Вожаҳои сохта бо асосвожаҳо алоқамандии маъноиро нигоҳ медоранд. Аз ин лиҳоз, пасвандҳои калимасози лексикаи алоқаманд ба либосро ба ду гурӯҳ метавон чудо кард: пасвандҳои сермаҳсул ва каммаҳсул.

Гурӯҳи аввали пасвандҳои сермаҳсули калимасозии вожаҳои либосро дар забони англисӣ пасвандҳои зерин ташкил медиҳанд:

1) **пасванди – *er***, пасванди сермаҳсул буда, ду навъи вожаҳои алоқаманд ба лексикаи либосро ба вуҷуд меорад, ба худи мафҳуми либос ва шахсони ба тайёр кардани либос

машғулбуда ва дар ҷараёни тайёр кардани либос иштироккунандаро ишора мекунад [17,107], ки ҳар дуяшон дар асоси алоқаманд шудани асосҳои гуногуни феълӣ забони англисӣ бо пасванди номбурда сурат меёбад: **мафҳуми либос**: *wrapper* – либоси коргарӣ, комбинезон, *sneakers* – як навъи пойафзоли варзишӣ, крассовка, *slippers* – пояфзоли хонагӣ; **шуғли шахсе, ки либосро тайёр мекунад**: *designer* – ороишгар, *dresser* – машшота, *botcher* – таъмиргари либос, *capper* –кулоҳдӯз, кулоҳфурӯш, *furrier* – пӯстиндӯз, мешигар, *hatter* – кулоҳдӯз;

2) **пасванд – *inq*** низ сермаҳсул буда, ба воситаи он низ мафҳумҳои гуногуни ба либос алоқаманд ифода меёбанд: а) **мафҳуми матоъ барои либос**: *bagging* – кандир, *belting* – мавод барои тайёр кардани тасма, *coating* – матоъ барои пальто, *lasting* – мавод барои тайёр кардани пойафзол [5,249]; б) **ҷузъи либос ё атрибути либос**: *backing* – астари либос, *braiding* – шероза, тасмача, *frilling* – пар-пар, *lacing* – бастан бо банд, *lining* – матои астар, *couching* – нақши ороишии либос [5,250]; в) **ичрои амал ҳангоми дӯхти либос**: *detailing* – пардоз кардан,ороиш додан, *clipping* – буридани матоъ, *designing*– тарҳрезии либос;

3) **пасванди –*age*** вожаҳои алоқаманд ба либосро бо маъноҳои амал, ҷараёни амал, методи ичрои амал, вазифа месозад: *shrinkage* – ҷобаҷокунии матоъ, *cleavage* – пешкушоди калони либос [20,36].

4) **пасванди –*y , (e)–ry*** касб, шуғл, шароит, ҷой ё маводи алоқаманд ба либосро ифода менамояд: *corsetry* – маводҳои карсетӣ: тасмаи занона, либоси таги занона, *finery* – либос ва ороиши либоси пӯк, пурдабдаба, *hosiery* – маҳсулоти кешбофӣ, трикотажӣ, *stitchery* – гулдӯзӣ [2,97].

5) **пасванди –*let*** дар забони англисӣ монанд ба забони шуғнонӣ пасванди ифодакунандаи хурдиву навозиш мебошад: *anklet* – побанди хурди ороишӣ, *capelet* – болопӯшак, *necklet* – гарданбанди хурд [4,121].

Боиси зикр аст, ки дар таркиби луғавии забони англисӣ вожаҳои иқтибосии алоқаманд ба лексикаи либоси забонҳои фаронсавӣ, лотинӣ маҳфузанд, ки пасвандҳои махсуси калимасози худро доранд. Аз ҷумла:

а**) вожаҳои фаронсавии ифодакунандаи либос** бештар бо пасвандҳои *–kin* / *–kins, ock – el,–et(te)* сохта мешаванд: *manikin* – манекен, *cassock* – камзӯли кашиш, *lapel* – гиребони майда, *balconette* – як намуди либоси таги занона, балконет, *lappet* – тасмача дар кулоҳ, шляпа;

б) **вожаҳои лотинии ифодакунандаи либос** бо пасванди – *ion* ва муодилҳояшон: *–sion,–-ation, –ition, –tion, –cion, –xion* сохта мешаванд: *collection* – коллексия; *colouration* – обуранг, гуногунрангӣ (матоъ, либос), *compaction* – фишурдакунӣ [17,109] ва ғ.

Ба гурӯҳи пасвандҳои каммаҳсули калимасозии вожаҳои либоси забони англисӣ калимаҳои ёрирасони зерин дохил мешаванд: **пасвандҳои – *ship*** – ифодакунандаи мафҳуми маҳорат, тавоноӣ: *artisanship* – ҳунар, пеша, касб; **пасванди –*age*** : *tannage* – даббобкунӣ; пасвандҳое, ки аз сифат исм месозанд: **пасванди – *ing***: *fulling* – буридан; **пасванди *(i) ty*** – калимаҳои ифодакунандаи сифат, вазъият ва шароит месозад: *elasticity* – чандирӣ, *personality* – фардият; **пасванди – *th*** – исмҳои амалро месозанд: *width* – паҳноӣ; *warmth* – гарм; **–*ment*** – амали мушаххасро ифода мекунад; **–*ness*** – пасванди аслан англисие, ки аз сифат ва сифати феълӣ исмҳои абстрактро месозанд *: shortness* – ченаки дарозии либос [2,23]; ***ary*** – **пасванди** ифодакунандаи мансубият: malitary – (либоси)

низомӣ; **пасванди –an /– ian** – пасванди ифодакунандаи макони тайёр шудани предмети либос [6,62]: albanian (belt) – миёнбанди албанӣ; **пасванди – *ly*** – пасванди ифодакунандаи мафҳуми монандсозӣ: *courtly* – асил, аристократ; **пасванди –en** аз чӣ тайёр шудани либосро ифода мекунад: *golden* – тиллоӣ, *woolen* – пашмин;**– al –** пасванде, ки вожаҳои марбут ба либос, ки мафҳуми шабоҳатро ифодакунанда мекунанд: argental – нуқрагин, *artifical* – сунъӣ [6,62]; **пасванди – *arian*** аз исм сифат месозад: *utiliratian* – утилитарӣ, фоидаовар [6,62]; **пасванди –*ed* / –d**: *carded* – картонӣ; *chained* – занҷирбанд; **пасванди – *ic*** вожаҳои марбут ба либоси забонҳои лотинӣ ва грекиро месозад: *acrylic* – акрилӣ; *metalic* – металикӣ; **пасванди – *ish*** ба вожаҳои марбут ба либос, ки маънои сифати характерноки предметро ифода менамоянд: *moorish* – мавританӣ [17,109]; **пасванди –*ous,*** ки мафҳуми «чизеро ба қадри имкон доштан»-ро ифода мекунад*: lustrous* – ҷилодор, *rubious* – ёқутранг.

Пешванди маъмули забони англисӣ, ки дар калимасозии вожаҳои забони англисӣ зиёд корбаст мешавад, пешванди ***-un*** мебошад, ки тобиши маъноии инкориро ифода мекунад: *unlined* – беастар, *uneven* – ноҳамвор, *undress* – ғайрирасмӣ, ҳаррӯза. Дар забони англисӣ як гурӯҳ вожаҳои либосро низ дучор омадан мумкин аст, ки новобаста ба истифода бурдани пешванди инкории *un* – дар таркибашон мафҳуми муқобилмаъноро ифода мекунад: *unbuckle* – бастани банд; *unbutton* – тугмаро кушодан, *undress*– либосро кашидан, *unfasten* – кушодан, *unlace* – бандро кушодан, *untie* – гарданбандро кушодан [2,98].

Дар забони англисӣ намуди дигари калимасозии вожаҳои либос низ маъмул аст, ки он дар шакли *пешванд+ асос+пасванд* сурат меёбад, ки мафҳумҳои гуногунро ифода мекунад: 1) **мафҳуми вазъият ва амал**: *after+ stretch+ing* – дарозкунии минбаъда, *after +bleach+ing* – сафедкунии иловагӣ, after+*board+ing* – муътадилсозии минбаъдаи шакли либос (ҷӯроб) [2,103]; 2) **мафҳуми атрибутсионӣ, таасуротӣ**: *anti+shrink+ing* – зидди истифодабарӣ, *anti+creas+ing* – зидди пошидан; *anti+sol+ing* – зидди ифлосшавӣ; *a+symmetry+ing (al)* – асимметрӣ; *im+practice+al* – бесифат; *non+fad+ing* – ноаён, *non+inflamm+able* – зиддисӯхтор; *re+us+able* – барои истифодаи такрорӣ мусоид [2,98]; 3) **мафҳуми предмет ва материали мушаххас**: *co-respondent+s* – пойафзоли (туфлии) қаиқмонанд, *non+ women+s* – матоъҳои бофтанашуда; *inter+face+ing* – флизелин, астари махсус, *over+coat+ing* – мавод барои палто.

Боиси қайд аст, ки дар забони англисӣ шакли гибридии вожасозии мураккаби либос бо роҳҳои гуногун ба назар мерасад: 1) **пешванди *anti*** – ба муқобили, зидди: *antibacterial* – зидди бактериалӣ, *antifelting* – зидди намӣ, *antiswelling* – зидди варамкунӣ, *antisoiling* –зидди ифлосшавӣ; 2) **пешванди *non*–** муқобил /на/ бе, бештар сифатҳоро аз шаклҳои гуногуни феъл месозад: *noninflammable* – дарнагиранда, *nonfading* – сафед, хиранашаванда, *nonwoven, fabric* – матои ғайриканабӣ; 3*)* **калимаҳои ёрирасони каммаҳсули *sub* – *: subculture* –** субкултура; ***super –*** *супер: supermodel* – супермодел; ***hypo*** *– гипо: hypoallergic* – гипераллергенӣ**; *extra*** *– экстра: extra-large* – бисёр калон, *extra-long* – бисёр дароз; ***ultra*** *– ултра: ultra-femini*ne – бисёр нафис, нозук [2,103].

Дар забони англисӣ сохта шудани вожаҳои марбут ба либос бо вандҳои (аффиксоидҳо – калимаҳое, ки дорои маънои луғавӣ буда, вазифаи морфемавиро ҳам иҷро мекунанд) низ маъмул мебошад. Аффиксоидҳои забони англисӣ аз преффиксоидҳо ва суффиксоидҳо иборат буда, пасвандҳои маъмуле, ки дар калимасозии вожаҳои либос иштирок мекунанд, чунинанд: ***–like*:** *lacelike– турмонанд*; ***–proof**: acid-proof – ба тӯршавӣ устувор* [2,118]; ***worthy***: *trustworthy – эътимоднок;* ***–wisy**: edgewise – паҳлуякӣ;* ***–monger**: fashion-monger* – фасон [3,59].

Пешвандҳои калимасози вожаҳои марбут ба либоси забони англисӣ нисбат ба пасвандҳо миқдоран зиёданд: ***half //semi*** – мафҳуми «ним»-ро ифода мекунад: *half-hose* – ҷӯробҳои то зону, голфҳо; *half-lengthsheepin coat* – пӯстинчаи кӯтоҳ [13,186]; *semi-bright (wool)* нимҷило (пашм); *semi-casual* – нимрасмӣ; *semi-cord* – пилтабахмал; ***self*** – мансубиятро ифода менамояд: *self-shade* – ҷилои табиӣ; *self-colored cloth* – матои меланжевӣ; ***after***– мафҳуми баъд, пасро ифода мекунад: *afterboarding* – муқарраркунии шакли баъдина (ҷуроб); ***in –*** мафҳуми дохилро ифода мекунад: *indoor shoes*– пойафзоли хонагӣ; *off* – мафҳуми «берун аз»-ро ифода мекунад: *offset twill* – ласи омехтагул; *out* – берун аз: *outseam* – дарзи беруна; ***under*** **–** зери, дар таги*: under collar* – зери гиребон; ***over*** – мафҳуми «қариб, наздикӣ»: *overcap* – сарпӯши муҳофизатӣ, *overdye* – аз нав рангкунӣ, *overknee* – аз зону боло; *overblouse* – куртае, ки аз болои юбка ва шим пӯшида мешавад, *overboot, overshoe* – ҷуроби муҳофизатӣ, *overcoat* – шинел; ***under*** – таг; *undercloth* – астар; *underclothes* – либоси таг; *underdrawers* – эзори таги мардона; *undergarment* – предмети либоси таг, *undershirt* – куртаи таг, *underside* – таг, пушт, *underskirt* – юбкаи таг [2,103].

Таҳқиқи вожаҳои мураккаби либос дар забони англисӣ нишон дод, ки ин навъи вожаҳо метавонанд бо воситаҳои гуногуни грамматикӣ сохта шаванд, ки роҳи маъмули сохташавиашон ифодаи ду ва ё зиёда калима дар таркибашон мебошад: *pinafore* – пешбанди кӯдакона, *tailcoat* – фрак, *fancywork* – гулдӯзии бадеӣ, *pantyhose* – колготка, d*ustcoat* – плаш, *codpiece* – як намуди ҷуроби ба либоси таг маҳкамбуда, *handkerchief*– рӯймолча, *necklace* – гарданбанд, *neckline* – даҳанаи курта, *nightdress* –куртаи хоб [3, 59].

Муайян кардани гурӯҳҳои мавзуии либос, тариқи алоқаманд шудани компоненти «wear» – либос ба калимаҳои муайянкунанда сурат ёфта, вожаҳои мураккаби либоси забони англисии: *beachwear* – либоси шиноварӣ, *clubwear* – либоси шабнишинӣ, *dancewear* – либоси рақс, *eyewear* – айнакҳои муҳофизатӣ, *footwear* – пойафзол, *headwear* – сарпӯш, *leisurwear* – либоси истироҳат, *neckwear* – қисмати либоси мардона, ки дар гардан мебанданд: галстук, рӯймолчаи гардан, *rainwear* – либоси тарнашаванда, *skiwear* – либоси лижабозӣ, *sportwear* – либоси варзишӣ, *stationwear* – либоси коргарӣ, *streetwear* – либоси ҳаррӯза, *womenwear* – либоси занона, *workwear*– либоси махсус барои корро месозад [3,59].

Қисмати зиёди вожаҳои мураккаби алоқаманд ба либос ба воситаи калимаи ***maker***, ки аз феъли замони ҳозираи *(to) make* – тайёр кардан ва пасванди *–er* таркиб ёфтааст, сохта шуда, ба шуғли муайяни вобаста ба тайёр кардани либос ишора мекунад: *casemaker* – лиҳофгар, *dressmaker* – дӯзанда, *freelancer* – тарроҳ,

дизайнер, *hatmaker* – кулоҳдӯз, *pattermaker* – қолибсоз, *shirmaker* – чевар, *shoemake*r – пойафзолдӯз, *trendsetter* – трендсоз [2,75].

Гурӯҳи дигари вожаҳои мураккаби либоси забони англисӣ дар асоси илова шудани шакли герундийи феъл (шакли замони ҳозираи феъл+ING) ба исм сохта мешаванд: *double-knitting* – дубора бофт, *dry-cleaning* – тозакунии хушк, химчистка, *red-bunting*– кумач,*wholesaling* – савдои яктухт, *tarpauling* – бодбон, *dressmaking* – дӯхти либоси занона, *hopsacking* – матои пашмин [3,59].

Ифодаи калимаҳои ихтисоршуда дар таркиби вожаҳои либоси забони англисӣ низ зиёд ба назар мерасанд: *G-suit* (gravity suit) – либоси кайҳоннавардӣ, *H-bag* (handbag) – сумкаи дастӣ, *A-line* – клёш, фарох, *G- string* – камарбанд, *T-shirt* – футболка, *T-zone* – дар доираи бинӣ, пешонӣ, чоғ, китфон, *V-neck* (line) – гарданаи дар шакли ҳарфи V, секунҷа, *X-strap* –тасмаҳои салибмонанд, *X-seam* – дӯхти салибмонанд, *Y-fronts* – либоси таги мардона барои шиновариӣ [8, 100].

Вожаҳои мураккаби либоси забони англисӣ дар шакли редупликатсионӣ низ зиёд ба назар мерасанд, ки ҷузъи дуюмашон калимаи муайянкунандаи аломат, ҳолат, ҳаҷм, миқдор буда, калимаи якум муайяншаванда мебошад: *knee-deep* – то зону дароз,*waist-deep // waist-high* – то миён расидагӣ, *bell-shaped* – трапетсиямонанд, *double-breasted* – дукабата (гиребон), *double-faced* – дутарафа, *half-lined* – астаркӯтоҳ, *highy-heeled* – пошнабаланд.

Шакли таркибии вожаҳои либоси забони англисӣ дар асоси воситаҳои калимасозии лексикӣ-синтаксисӣ, бо назардошти ифодаи ҳиссаҳои нутқи гуногун дар таркибашон ба таври зерин сурат меёбад:

а) воситаи адъективӣ-номӣ, ки компоненти асосиашон сифат мебошад: ***fantastic*** *garb* – либоси фантастикӣ, ғайриодӣ, ***sable*** *collar* – гиребони аз рӯбоҳи артикӣ тайёркардашуда, ***white*** *robe* – ҷомаи сафед, ***wide*** *caftan* –жилети фарох, ***big*** *size shirt* – куртаи калон, ***worn-out*** *shoes* – кафшҳои чӯбин, ***medical*** *gown* – либоси тиббӣ;

б) воситаи сифати феълӣ ва номӣ, ки компоненти вобасташон сифати феълӣ мебошад: *fitting room* – утоқи ивазкунии либос, *skimming dress* –куртаи ба тан часпида [3, 59].

в) воситаи атрибутивӣ-препозитивӣ, ки тариқи морфемаи соҳибияти ’S сохта мешавад: *bishop**s'** robes* – либоси епископӣ, *bishop**'s** toggery* – либоси расмии епископ, *bombardier**'s** cap* – кулоҳи бомбандозӣ, кулоҳи чармин (1697), *children**’s** clothing / childre**n**'s wear* – либоси кӯдакона, *diver**’s** suit* – либоси ғаввосӣ (костюми зериобӣ), *flye**r'**s clothing* – либоси ҳарбии халабон, *fool**'s** cap* – кулоҳи масхарабоз, *genera**l'**s toggery* – либоси генерал,

г) шакли исм + of + исм: *sole of shoe* – поёни пойафзол / таги пойафзол, *round of pattern* – такрори нақш / раппорти нақш, *scroop of silk* –пораи матои абрешимӣ / садои махсуси абрешим ҳангоми ҳаракат, *style of clothing* – фасони либос.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи вожаҳои либоси забонҳои гуногунсохтор: шуғниниву англисӣ нишон дод, ки дар баробари моҳияти асосии ин вожаҳо – эҳтиёт намудан, оро додани ҷисми инсон аз тамоми зуҳуроти табиӣ, инчунин дигар вижагиҳои синтаксисии монанд байни онҳо ба назар мерасид. Пеш аз ҳама таркиби луғавии ҳар ду забон вожаҳои содаи ин гурӯҳи лексикиро дар бар мегиранд, ки ҳамчун асос барои вожаҳои сохта, мураккаб ва таркибӣ хизмат мекунанд: дар забони шуғнонӣ: *лозуме* – шалвор, эзори занона, *лозуме+ вор* – шакли

сохтаи калимаи матоъ барои дӯхти эзор, *мийенд* – миёбанд, *тутлтин мийенд* – шакли таркибии калима бо маънои «миёбанди аз матоъ тайёр кардашудагӣ»; дар забони англисӣ: *glove* – дастпӯшак, *glove+ ed* – дастпӯшакдор, *stock+ing* – чулки, ҷуроб, *half-wool stocking* – ҷӯроби нимпашмин. Сохта шудани баъзе вожаҳои мураккаби ду забони омӯхташаванда бо пешванду пасванд қариб монанд буда, барои ифодаи мафҳумҳои ба ҳам наздик замина мегузорад. Масалан, дар забони шуғнонӣ мафҳуми аз чӣ тайёр шудани либос бо ёрии пасванди *–ин* ифода гардида, дар забони англисӣ он бо пасванди – *en* сурат меёбад: *пахтагин ҷирибак* – ҷӯробҳои пахтагин, *пӯстин бут* – пойафзоли пӯстин, *пахмин* курта – куртаи пашмин, *woolen cloth*–либоси пашмин, *woven fabric* – матои канабӣ.

Истифодаи маводи муайян барои тайёр намудани либоси мухталифи занонаву мардона ё вожаҳои ба он алоқаманд дар забони шуғнонӣ бо суффики – *wор: куртawор* – матоъ барои дӯхтани курта, *лозумewор* – матоъ барои дӯхти шалвори занона, *тоқиwор* – матоъ барои дӯхти тоқӣ ва пасванди *–еҷ: тарвӣдеҷ* – банди мувофиқ барои бастани эзор, *мийенеҷ* – матоъ барои тайёр кардани миёнбанд, *нêхеҷ* – пӯст барои тайёр кардани чамус сурат гирифта, дар забони англисӣ он бо илова кардани суффикис *–ing* ба вожаи ифодакунандаи либос ё лексикаи ба он алоқаманд ифода мешавад: *belting* – *belt* – тасма, – *ing* – пасванд – мавод барои тайёр кардани тасма, *coating* – *coat* – палто, *ing*– пасванд – матоъ *shirting* – *shirt* – куртаи мардона, – *ing* – пасванд– матоъ барои дӯхти курта.

Вижагии дигари ба ҳам наздики сохтори грамматикии вожаҳои либоси ду забони омӯхташаванда ифодаи мавқеи истифодабарии либос тариқи вожаҳои муайян мебошад, ки дар забони шуғнонӣ калимаҳои *бӣр* – таг ва *тӣр* – боло (асосӣ) буда, *бӣр луқ* – либоси таг, *тӣр луқ* – либоси асосӣ, либос барои аз боло пӯшидан буда, дар забони англисӣ он бо калимаи *under* – таг дар калимаи *underwear* мафҳуми тагпӯшро дошта, калимаи *top* – гарчанде ки мафҳуми болоӣ (topless – бараҳна)-ро ифода кунад, дар соҳаи муд мафҳуми «зинаи аввал»-ро дорад: *top-model , top-brend.*

Ифодаи мафҳуми инкорӣ дар ҳолати мавҷуд набудани сифат, ягон ҷузъи либос, ранг, ҳаҷми муайяни либос дар забони шуғнонӣ бо пешванди *бе*– ифода гардида: *беқасаб курта* – куртаи беқасаб, *бегул тоқе* – тоқии бегул, *белеха* (шол) – рӯймоли бе шилшила; дар забони англисӣ он бо пешванди **un–** бо ифодаи мафҳумҳои «ғайри, муқобили, зидди» : *unlined* – беастар, *uneven* – ноҳамвор, *undress* – ғайрирасмӣ ва вожаи **anti** – «ба муқобили, зидди»: *antibacterial* – зидди бактериалӣ, *antifelting* – зидди намӣ, *antiswelling* – зидди варамкунӣ, *antisoiling* – зидди ифлосшавӣ ифода мегардад.

Шуғли муайяни вобаста ба тайёр кардани ягон намуди либос дар забони шуғнонӣ бо илова гардидани пасванди *–ӣҷ* ба асоси замони феъл ифода гардида: *wафӣҷ* – бофанда, *жêбӣҷ* – ресанда, *анцавӣҷ* – дӯзанда, *писӯнбадӣҷ* – *руфӯкунанда*; дар забони англисӣ ин мафҳум бо суффикси – *er* / *-or* сурат меёбад: *cutter* – либосбур, *designer* – ороишгар, *botcher* – таъмиргари либос, *cobbler* – таъмиргари пойафзол, *furrier* – пӯстиндӯз, мешигар, *sewer* – дӯзанда (зан), *tanner* – даббоғ, *weaver* – бофанда. Феълҳои ифодакунандаи амали муайян ҳангоми тайёр кардани либос дар забони шуғнонӣ дар шакли масдарӣ бо пасванди – *ӯ(w)* сохта шуда*: wифтӯ* – бофтан, *анцӣвдӯ* –дӯхтан, *пӣδ чӣдо(w)* – руфӯ кардан, *ранг чӣдо(w)* – ранг кардан (матоъ, нах, пашм), дар забони англисӣ ин мафҳумҳо бо шакли герундийи феълҳо ифода мегарданд: *clipping* – буридани

матоъ, *clothing* – пӯшидан, *designing* – тарҳрезӣ кардани либос, *digitizing* – рақамикунонии истеҳсоли либос, *donning* – пӯшондан (кайҳоннавардон).

Ифодаи хурдии вожаҳои либос ва лексикаи ба он алоқаманд дар ҳар ду забон ба воситаи пасвандҳои махсус ба роҳ монда шуда, дар забони шуғнонӣ он монанд ба забони тоҷикӣ бо пасванди *–ак* ифода гардидааст: *ҷирӣбак* – ҷуробҳо, *тӣтак* – рӯймоли хурди занона, *дастӯрак* (дасторче) – рӯймолчаи аз матои тунук тайёркардашуда, *дастмӯлак* – руймолча барои даст ва дар забони англисӣ роҳи ифодаи он бо пасванди – *let* мебошад: *anklet* – побанди майдаи ороишӣ, *capelet* – болопӯшак, *necklet* – гарданбанди майда; *singlet* – япончa, *sleevelet* – даствона, *wiglet* – мӯйҳои ороишии майда.

КИТОБНОМА

1. Абаев, В.И. Сложные слова - хранители древней лексики / В.И. Абаев // Вопросы языкознания. –1983. - № 4 – С.75-85.
2. Арнольд, И.В. Лексикология современного английского языка: учеб. для ин- тов и фак. иностр. яз. /И.В. Арнольд.–М.: Высш. шк.,1986.– 295 с.
3. Баранов, А.Н., Добровольский, Д.О. Идиоматичность и идиомы / А.Н. Баранов, Д.О. Добровольский // Вопросы языкознания.–1996.-№5. – С. 51-64.
4. Вежбицкая, А. Язык. Культура. Познание / А.Вежбицкая. – М.: Рус. словари, 1996. – 416 с.
5. Гак, В.Г. Сравнительная типология французского и русского языков: учеб. пособие для студентов фак. и ин-тов ин.яз. / В.Г. Гак. – Л.: Просвещение, 1976. – 300 с.
6. Долгова, Т.В. Формирование и развитие английской терминологии дизайна одежды и моды в социолингвистическом аспекте: дис… канд. филол. наук: 10.02.04 / Т.В. Долгова.– Омск, 2007. – 161 с.
7. Додыхудоева Л. Р. К интерпретации этнокультурной истории народов Западного Памира: традиционные головные уборы /Л.Р. Додыхудоева // Этнолингвистика, 2021.– С.43-54.
8. Зеленин, А.В. Компрессивное словообразование в эмигрантской прессе (1919-1939) / А.В. Зеленин // Вопросы языкознания.– 2007.-№ 4.– С.98-128.
9. Камоли, Нилуфари Барот. Лексика традиционной одежды в таджикском и английском языках (на материале романа Дж. Икрами «Дочь огня» и романа М. Митчелл «Унесенные ветром»): автреф.дис…канд.филол. наук:7.9.8. / Барот Нилуфари Камоли.– Душанбе, 2023.– 30 с.
10. Карамшоев, Д. Шугнанско-русский словарь. Том 1. / Д. Карамшоев. – М.: «Наука», 1988. – 576 с.
11. Карамшоев, Д. Шугнанско-русский словарь. Том 2. / Д. Карамшоев. – М.: «Наука», 1991. – 615 с.
12. Карамшоев, Д. Шугнанско-русский словарь. Том 3. / Д. Карамшоев. – М.: «Восточная литература» РАН, 1999. – 568 с.
13. Кирсанова, Р.М. Розовая ксандрейка и драдедамовый платок: костюм вещь и образ в русской литературе XIX века / Р.М. Кирсанова. – М.: Книга, 1989. – 288 с.
14. Набиева, Г.В. Инкишофи лексикаи сару либос // Забоншиносии тоҷик / Г.В. Набиева. –Душанбе: Дониш, 1980. – С.39- 49. (на тадж. языке).

15. Полякова Г.М. Лексико-семантическое поле «одежда» в аспекте сапоставительной лингвокултуралогии / Г.М. Полякова //Вестник РУДН, серия Теория языка. Семиотика. Семантика, 2012, № 4.– М. – С. 37-44.

16. Озер Саяна Прокопьева Структурно-семантическая соотносимость лексики одежды в русском и английском языке: дис…канд.фил.наук: 10.02.20 / С.П. Озер .– Душанбе, 2016.– 245 с.

17.Смирницкий, А.Л. Лексикология английского языка / А.Л. Смирницкий. – М.: Филологический факультет МГУ имени М.В.Ломоносова, 1998. – 260 с.

18. Худоиева, Х.М. Структурно-семантический анализ лексики украшений одежды в таджикском и английском языках: Автореф. дис.канд.филол.наук: 10.02.19. / Х.М. Худоива. – Душнабе, 2019.–32с.

19. Худойбердиева, Дж.Ч. Этнолингвистический и структурный анализ лексики женской одежды и моды в разносистемных языках (на материале русско-таджикского и английского языков): автореф.дис…канд. филол. наук. 10.02.19. / Дж.Ч. Худойбердиева Дж.Ч. – Душанбе, 2020. – 28 с.

20. Klein, E.A comprehensive etymological dictionary of the English Language: dealing with the origin of words and their sense development thus illustrating the history of civilization and culture / E. Klein. – Amsterdam; London; New York, 1966. – Vol. I. - 1776 c. (A - K)

21. Vaan, M. de. Etymological Dictionary of Latin and the other Italic Languages. Leiden Indo-European Etymological Dictionary Series / M. de Vaan; ed.A.Lubotsky. Vol. 7. - Leiden-Boston, 2008. – 825 p.

ВИЖАГИҲОИ СОХТОРИИ ЛЕКСИКАИ ЛИБОСИ ЗАНОНАВУ МАРДОНАИ ЗАБОНҲОИ ШУҒНОНӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақола ба таҳқиқи вожаҳои либоси забонҳои гуногунсохтор: шуғнониву англисӣ бахшида шуда, вижагиҳои синтаксисии муодили байни онҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар ҳар ду забони омӯхташаванда миқдори зиёди вожаҳои ин гурӯҳро калимаҳои сода ташкил медиханд, ки онҳо дар ҳар ду забон ҳамчун асос барои сохта шудани вожаҳои сохта, мураккаб ва таркибӣ хизмат мекунанд. Калимасозии вожаҳои сохтаи либос ва вожаҳои алоқаманд ба он дар забони шуғнонӣ бо ёрии пасвандҳои –ак, –ин, -еҷ, –вор (–воре) ва ғайра сурат ёфта, миқдори пасвандҳои калимасози вожаҳои либос ба зиёда аз 20 адад мерасад. Калимасозии вожаҳои алоқаманд ба лексикаи либоси забони англисӣ нисбат ба забони шуғнонӣ нисбатан зиёд буда, онҳо бо пасвандҳои гуногун сохта мешаванд: er / -or , –ing , –age, – y , (e)–ry ,– let -y / -ie / -ee , -kin / -kins, ock –le, -et(te) ,– ion , – ship –, –age, (i)ty, –ness ary, an, /- ian, -arian ва ғ. Дар баробари пасвандҳо дар калимасозии вожаҳои алоқаманд ба лексикаи либос аффиксоидҳо (вандҳо) низ ишгирок мекунанд, ки ба калима маъноҳои гуногун мебахшанд: дар забони шуғнонӣ пешванди бе–, дар забони англисӣ пешвандҳои маъносози un after –, dis –, anti –, im –, non, co –, sub –, super, hypo, half –// semi– ишгирок мекунанд, ки барои ба вуҷуд омадани калимаҳои таркибӣ низ замина мегузоранд.

Калидвожаҳо: *лексикаи либоси забонҳои гуногунсохтор, вожаҳои сода, сохта, мураккаб, таркибӣ, пешванду пасванд, вандҳо, асоси калима, забонҳои шуғнонӣ ва англисӣ.*

СТРУКТУРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ЛЕКСИКИ ЖЕНСКОЙ И МУЖСКОЙ ОДЕЖДЫ В ШУГНАНСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Статья посвящена исследованию лексики, связанная с одеждой, в разноструктурных языках: шугнанском и английском с выявлением схожих синтаксических особенностей между этими единицами. В обоих языках

значительное количество слов данной группы составляют простые слова, которые служат основой для образования производных, сложных и составных форм этих лексических единиц. Словообразование лексики, связанной с одеждой, в шугнанском языке осуществляется при помощи суффиксов –ак, –ин, -еҷ, –вор (–воре) и многих суффиксов в английском языке, количество которых привышают более 20 единиц. В английском языке словообразование лексики одежды происходит значительно шире и с использованием различных грамматических средств – суффиксов как: -er / -or, –ing, –age, –y, (e)–ry, –let, -y / -ie / -ee, -kin / -kins, -ock, –le, -et(te), –ion, –ship, –age, (i)ty, –ness, -ary, -an / -ian, -arian и др. Помимо суффиксов в образовании слов, связанных с лексикой одежды, также участвуют префиксы и префиксоиды, придающие словам новые значения. В шугнанском языке широко используется преффикс бе–, в английском же языке – un–, after–, dis–, anti–, im–, non–, co–, sub–, super–, hypo–, half– / semi, которые также участвуют в образовании составных слов.

***Ключевые слова**: лексика одежды разноструктурных языков, простые, производные, сложные и составные слова, префиксы и суффиксы, аффиксоиды, основа слова, шугнанский и английский языки.*

STRUCTURAL FEATURES OF LEXIS OF WOMEN'S AND MEN'S CLOTHING IN THE SHUGHNI AND ENGLISH LANGUAGES

This article is devoted to the study of vocabulary related to clothing in two structurally different languages: Shughni and English, with a focus on identifying similar syntactic features between these lexical units. In both languages, a significant number of words in this group are simple words, which serve as the basis for forming derivative, compound, and complex forms of these lexical items. In the Shughni language, the word formation of clothing-related vocabulary is carried out using suffixes such as –ak,–-in, –eč, –vor —vore), while in English, there are more than 20 suffixes used for the same purpose. In English, the word formation of clothing-related lexis is much more extensive and involves various grammatical tools such as the suffixes: –er / –or,–-ing, –age,–y, (e)–ry,–let, –y / –ie / –ee, -kin / –kins, –ock, –le, –et(te), –ion, –ship, –age, (i)ty, –ness, –ary, –an / –ian, –arian, and others. In addition to suffixes, word formation in clothing-related vocabulary also involves prefixes and prefixoids, which give new meanings to words. For example, the Shughni language uses the prefix be–, while English uses un–, after–, dis–, anti–, im–, non–, co–, sub–, super–, hypo–, half– / semi–, all of which contribute to the creation of compound words as well.

***Keywords**: clothing vocabulary in structurally different languages, simple, derivative, compound, and complex words, prefixes and suffixes, affixoids, word stem, Shughni and English languages.*

Дар бораи муаллифон: Абодуллоева Сафина Юсуповна – доктори илмҳои филологӣ, сарходими илмии шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ; Нишонӣ: 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21, телефон: (+992) 935342621; E-mail: safinaabodulloeva77@bk.ru

Абдураҳмонова Шамима Умедовна – докторанти соли дуюми докторантураи назди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев; **Нишонӣ:** 736000, ш. Хоруғ, кӯчаи Шоҳтемур; Тел.: (+992) 90 102 66 97; E-mail: abdurahmonovasamima@ gmail.com.

Сведения об авторах: Абодуллоева Сафина Юсуповна – доктор филологичеких наук, старший научный сотрудник отдела таджикского языка Института языка и литературы имени Рудаки НАНТ; Адрес: 734025, город Душанбе, улица Рудаки, 21; телефон: (+992) 935342621; E-mail: safinaabodulloeva77@bk.ru.

Абдурахмонова Шамима Умедовна – докторант второго курса докторантуры при Хорогском государственном университете имени М. Назаршоева; Адрес: 736000, г. Хорог, ул. Шохтемура; тел: (+992) 90 102 66 97; E-mail: abdurahmonovasamima@ gmail.com

Information about authors: Abodulloeva Safina Usupovna – Doctor of Philology sciences, Chief researcher at the Tajik department of the Institute of Language and Literature named after Rudaki of NAST, 734025, Dushanbe city, 21 Rudaki street, phone: (+992) 935342621; E-mail: safinaabodulloeva77@bk.ru.

Abdurakhmanova Shamima Umedovna – second-year doctoral student at the M. Nazarshoev Khorog State University. Address: 736000, Khorog, st. Shokhtemura; phone: (+992) 90 102 66 97; E-mail: abdurahmonovasamima@gmail.com

ТДУ: 811.21/.22+82

МУРАККАБВОЖАҲОИ ТОҶИКИБУНЁД ДАР АШЪОРИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

Пирмаҳмад Нуров
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Забони мардуми тоҷик, ки онро дар гузашта «забони дарӣ», «порсии дарӣ» ва ё «порсии тоҷикӣ» низ меномиданд, яке аз қадимтарин забонҳои дунё ва яке аз ғанотарин забон аз ҷиҳати луғавӣ аст. Маҳз бо шарофати ниёгони барӯманди тоҷик ин забони латифу зебо борҳо аз кӯраи озмоишҳои басе сахти таърихӣ берун оварда шуда, нигаҳдорӣ ва бегазанд ба насли оянда интиқол дода шудааст. Мусаллам аст, ки забони имрӯзаи тоҷикӣ нахуст ҳамчун забони назм бо ашъори гаронмоя ва безаволи устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз ёфта, минбаъд тавассути ашъори назмию насрии шоирону адибони барҷастаи тоҷик то ба имрӯз рушд кардааст. Ҳамин аст, ки омӯзишу таҳқиқи вижагиҳои луғавии забони назм, аз ҷумла забони ашъори як шоири алоҳида дар як давраи муайяни таърихӣ ва рӯшан кардани нақши ӯ дар афзунгардии захираи луғавии забони тоҷикӣ яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муосири тоҷикӣ мебошад.

Яке аз чунин шоирони барҷастаи мо, ки дар асри XIV дар шаҳри Шероз зиндагӣ ва фаъолияти адабӣ намуда, бо ашъори безаволи худ ҷаҳонро тасхир кардааст, Ҳофизи Шерозӣ (1321-1390) мебошад. Ҳофиз бузургтарин шоири ғазалсаро буда, дар таърихи адабиёти порсу тоҷик мақоми баланд дорад. Осори

Ҳофиз асрҳо инҷониб дар сарзамини Эрону Ҳиндустон, Афғонистон ва Тоҷикистон шуҳрат пайдо карда, дар дили ҳазорон пайравону муштоқонаш ҷой гирифтааст.

Аҳамияти каломи шӯрангези Ҳофиз ва сирри шуҳрати шоири бузург дар ин аст, ки маънӣ ва мазмунҳои баланди назарӣ, панду ҳикматро бо суханҳои ширин баён кардаву ба ҳар мавзуъ аз равзанаи ишқ менигарад. Умуман Ҳофиз дар эҷоди шеър монанди наққоши моҳир ҳар як маъниро бо рангҳои зебо оро дода, маънӣ ва мазмуни шеърашро дилнишин намудааст. Ӯ «ба фарҳангу тамаддуни аҷдодӣ таваҷҷуҳи хос дошта, олами андешаи худро бо рангу бори ин маърифати бостонӣ рангин сохта, дар ин замина ба дастовардҳои назарраси эҷодӣ (камолу ҷамоли сухан) даст ёфтааст» [1, 128].

Бояд зикр намуд, ки Ҳофизшиносӣ дар Тоҷикистони Шуравӣ аз соли 1971, пас аз ҷашн гирифтани 650-солагии Ҳофизи Шерозӣ вусъати бештар пайдо кард. Бино ба таъкиди луғатшиноси маъруф В.Капранов, «калимасозиву калимашиносӣ, ё умуман, омӯзиши вижагиҳои лингвистӣ дар доираи ашъори Ҳофизи Шерозӣ, аз соли 1970 дар баробари таҳқиқоти адабиётшиносӣ рӯ ба рушд овардааст» [7, 55]. Дар воқеъ, муҳаққиқони тоҷик маҳз дар ҳамин давра ва пас аз он дар баробари таҳқиқи вежагиҳои бадеии ашъори Ҳофизи Шерозӣ, ҳамчунин ба таҳқиқи вежагиҳои забонӣ ва мавзуи вожасозии ашъори ӯ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд. Махсусан дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар таҳқиқоти забоншиносони тоҷик, мисли Каримов Ш.Т. [6], Саломов М. [9], Ҷаъфарова Д. [2], Ҳалимов С. [9] ва дигарон вежагиҳои мухталифи забони ашъори Ҳофизи Шерозӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шудаанд. С. Ҳалимов дар хусуси хизмати таърихии Ҳофизи Шерозӣ дар инкишофи забони адабӣ қайд мекунад, ки мавсуф, «ибораҳои рехта ва калимаю тасвирҳои гуфтугӯйии забони зинда, хусусиятҳои морфологӣ ва синтаксисии онро истифода бурдааст» [9, 271]. Ба андешаи муҳаққиқ М. Нарзиқул, «Ҳофизи Шерозӣ дар масъалаи истифодаи калимоту иборот, таркиботи шинаму фасеҳ дар шеър нотакрор аст» [8,152]. Забоншинос М. Калонова низ дар таҳқиқоти худ хусусиятҳои луғавӣ - маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикиро дар назми асри XIV, аз ҷумла дар ашъори Ҳофизи Шерозӣ мавриди баррасӣ қарор додааст [4], [5].

Дар ин мақола вежагиҳои сохториву маъноии танҳо вожаҳои тоҷикибунёд, яъне он вожаҳое, ки дар заминаи вожаҳои порсии дарӣ, яъне забони тоҷикии имрӯза дар ашъори Ҳофизи Шерозӣ сохта шудаанд, мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Барои дарёфти мураккабвожаҳои тоҷикибунёд ва муайян кардани вежагиҳои сохториву маъноии онҳо, аз «Девони Ҳофизи Шерозӣ», ки соли 2015 ба нашр расидааст [11], истифода шуд. Зимни муайян кардани қоидаву қолабҳои сохтани мураккабвожаҳои тоҷикибунёд дар ашъори Ҳофизи Шерозӣ ба китоби «Забони адабии ҳозираи тоҷик» муроҷиат шудааст [3].

Воқеан, тавре таҳлили луғавии ашъори Ҳофизи Шерозӣ собит менамояд, дар ашъори ӯ зимни сохтани вожаҳои тоҷикибунёд вожаҳои забони порсии бостон ва забони порсии миёна мавқеи асосӣ доранд: *бад, базм, бар, бахш, бод, бор, гарм, гирд, гул, гум, дар, даст, даҳ, дил, доғ, дом, дурд, кам, кор, меҳр, мушк, нав, нек, оташ, пур, ранг, роз, рӯз, рух, санг, сар, сард, сахт, сел, сиёҳ, субҳ, танг, тахт, тез, тоб, тоҷ, умед, хоб, хок, хона, хуб, хун, хуш, чашм,чеҳр, чой. шаб. шаҳр, шер, шод, шом, як* ва ғайра. Бо ҳамин маънӣ худи шоир мефармояд, ки:

Зи шеъри дилкаши Ҳофиз касе бувад огаҳ,
Ки лутфи табъи **сухан** гуфтани **дарӣ** донад. [11, 176]

Дар ашъори Ҳофиз бо истифода аз ин нахуствожаҳои порсӣ ва корбурди қоидаҳои гуногуни вожасозӣ, мураккабвожаҳои порсибунёд (яъне тоҷикибунёд)-е сохта шудаанд, ки онҳо асосан ифодакунандаи сифати инсон, номи ашё ва ҳодисаҳо, инчунин амалу ҳаракат мебошанд. Дар ашъори шоир миқдори мураккабвожаҳои порсибунёд тақрибан 1000 ададро ташкил медиҳад. Ин вожаҳоро аз нигоҳи қоидаву қолабҳои маъмули вожасозӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

1) **вандбандӣ**, яъне бо истифодаи нахуствожаҳои порсӣ ва пешванду пасвандҳои забони порсӣ сохтани содавожа ва мураккабвожаҳои нави порсибунёд.

Таҳлили луғавии ашъори Ҳофиз нишон дод, ки пешвандҳои серистеъмол дар сохтани содавожа ва мураккабвожаҳои нави порсибунёд пешвандҳои – *ҳам*, – *бе* ва *-но* мебошанд, чунончи:

а) бо пешванди – *ҳам,* ки бо исмҳо ва асосҳои феълӣ омада, исми шахс ва маънӣ месозад: *ҳамвора, ҳамдам, ҳамзону, ҳамкор, ҳамнишин, ҳамраҳ, ҳамроз, ҳамхона* ва ғайра. Мисолҳо:

Сарви чамони ман чаро майли чаман намекунад,
Ҳамдами гул намешавад, ёди суман намекунад? [11, 186].

***

Аз суханчинон малолатҳо падид омад, вале
Гар миёни **ҳамнишинон** носазое рафт, рафт [11, 104].

***

Сиёҳи некбахт аст, он ки доим
Бувад **ҳамрозу ҳамзонуйи** фаррух [11, 116].

б) бо пешванди –бе: беандом, бедармон, бемеҳрӣ, беморӣ, беором, бериё, беҳудагӣ, бечорагӣ ва ғайра. Мисолҳо:

Ҳар чӣ ҳаст аз қомати носози **беандоми** мост
В-арна ташрифи ту бар болои кас кӯтоҳ нест [11, 95].

* * *

Ашки ман ранги шафақ ёфт зи **бемеҳрии** ёр,
Толеи бешафақат бин, ки дар ин кор чӣ кард! [11, 148].

в) бо пешванди *–но: нопарво, носоз, носуфта, нотавонӣ, ноумедӣ, нофарҷом, нохушнуд* ва ғайра. Мисолҳо:

Ҷу бар рӯи замин бошӣ, тавоноӣ ғанимат дон,
Ки даврон **нотавониҳо** басе зери замин дорад [11, 133].

* * *

Ба **ноумедӣ** аз ин дар марав, бизан фоле,
Бувад, ки ҷуръаи давлат ба номи мо афтад [11, 128].

* * *

Ғайр аз ин нукта, ки Ҳофиз зи ту **нохушнуд** аст,
Дар саропои вуҷудат ҳунаре нест, ки нест [11, 97].

Аз пасвандҳое, ки дар сохтани содавожаҳо ва мураккабвожаҳои порсибунёд истифода шудаанд, пасванди *–ӣ (-гӣ)* серистеъмолтарин мебошад, ки он аз исм исми дигари ифодагари таъинот ва нисбату мансубият, аз сифатҳои сода, сохта ва мураккаб исми ифодакунандаи машғулият, синну сол ва муносибатҳои гуногун ва аз асоси замони гузаштаи феъл исм месозад [3, 145-153], чунончи: *арзонӣ, афтодагӣ, бадномӣ, бандагӣ, баҳорӣ, бузургӣ, даҳрӯзӣ,*

дарбонӣ, дарӣ, дилдорӣ, дилрабоӣ, додгустарӣ, дурӣ, дурдкашӣ, камхирадӣ, муждагонӣ, некӣ, некномӣ, нозукӣ, номасиёҳӣ, ҳарҷойӣ, ҳушёрӣ, огаҳӣ, , ошноӣ, ошуфтагӣ, пардадарӣ, пардапӯшӣ, партобӣ, равонбахшӣ, равшанӣ, роҳравӣ, рӯзӣ, рӯҳфизоӣ, сангдилӣ, сарбаландӣ, сарварӣ, сарфарозӣ, сархушӣ, софӣ, субҳгоҳӣ, тангдастӣ, тангчашмӣ, танҳоӣ, тарӣ, тозӣ, тоҷварӣ, хокӣ, хонагӣ, хорӣ, хубӣ, хушбошӣ, хушдилӣ, хушхабарӣ, чошнӣ, ҷавонӣ, ҷонбозӣ, ҷондарозӣ, ҷондорӣ, ҷодӯйӣ, ҷонӣ, шикастагӣ, шикебоӣ, шикорӣ, шӯхӣ ва ғайра. Мисолҳо:

Давлати фақр, Худоё, ба ман **арзонӣ** дор,
К-ин каромат сабаби ҳашмату тамкини ман аст [11, 78].

* * *

Сухан дар эҳтиёҷи мову истиғнои маъшуқ аст,
Чӣ суд **афсунгарӣ**, эй дил, ки дар дилбар намегирад? [11, 155].

* * *

Ҳама корам зи **худкомӣ** ба **бадномӣ** кашид охир,
Ниҳон кай монад он розе, к-аз ӯ созанд маҳфилҳо? [11, 41].

* * *

Қасри фирдавс, ки Ризвон-ш ба **дарбонӣ** рафт,
Манзаре аз чамани нузҳати дарвешон аст [11, 77].

* * *

Дилбар осоиши мо маслиҳати вақт надид
В-арна аз ҷониби мо **дилнигаронӣ** донист [11, 76].

* * *

Шоҳи шӯридасарон хон мани бесомонро,
З-он ки дар **камхирадӣ** аз ҳама олам пешам [11, 306].

* * *

Он кист, к-аз рӯи карам бо мо вафодорӣ кунад,
Бар ҷойи бадкоре чу ман як дам **накукорӣ** кунад [11, 185].

* * *

Макун ба **номасиёҳӣ** маломати мани маст,
Кӣ огаҳ аст, ки тақдир бар сараш чӣ навишт?! [11, 102].

* * *

Танҳо на зи рози дили ман парда барафтод,
То буд фалак, шеваи ӯ **пардадарӣ** буд [11, 207].

* * *

Аз **равонбахшии** Исо назанам дам ҳаргиз,
З-он ки дар **рӯҳфизоӣ** чу лабат моҳир нест [11, 94].

* * *

Чашмат аз ноз ба Ҳофиз накунад майл, оре,
Саргаронӣ сифати наргиси раъно бошад [11, 161].

* * *

Ба **тангчашмии** он турки **лашкарӣ** нозам,
Ки ҳамла бар мани дарвеши якқабо овард [11, 152].

Дар баъзе мураккабвожаҳо пасвандҳои - *гарӣ, -гон, -гун, -зор, -нок, -ин* ва *-тар* низ ба мушоҳида мерасанд, ки аз исм сифатҳои нисбӣ сохтаанд, чунончи: *афсунгарӣ, шевагарӣ, гандумгун, оташнок, рангин* ва ғайра. Мисолҳо:

Сухан дар эҳтиёҷи мову истиғнои маъшуқ аст,
Чӣ суд **афсунгарӣ**, эй дил, ки дар дилбар намегирад? [11, 155].

* * *

Гузор кун чу сабо бар **бунафшазору** бибин,
Ки аз татовули зулфат чӣ сӯгворонанд [11, 188].

* * *

Эй хуррам аз фурӯғи рухат **лолазор**и умр,
Боз о, ки рехт бе гули рӯят баҳори умр [11, 153].

* * *

Намекунам гилае лек, абри раҳмати дӯст,
Ба **киштзор**и ҷигарташнагон надод наме [11, 171].

* * *

Ҷамолат офтоби ҳар назар бод!
Зи хубӣ рӯйи хубат **хубтар** бод! [11, 119].

* * *

Мечакад шир ҳанӯз аз лаби ҳамчун шакараш,
Гарчи дар **шевагарӣ** ҳар мижааш қаттолест [11, 93].

* * *

Бо дили сангинат оё ҳеч даргирад шабе
Оҳи **оташноку** сӯзи синаи шабгири мо? [11, 47].

2) Сохтани мураккабвожаҳо, яъне вожаҳое, ки аз содавожаҳо ва сохтавожаҳои порсибунёд таркиб ёфтаанд.

Таҳлили луғавии ашъори Ҳофиз собит намуд, ки дар он қолабҳои серистифодаи сохтани мураккабвожаҳои асил инҳо мебошанд:

а) **содавожа+содавожа**. Бо ин қолаб исмҳои маънӣ ва мушаххас сохта шудаанд, ки чигунагии инсонро аз ягон ҷиҳат муайян мекунанд: *бадбин, бадгуҳар, бадном, бадписанд, баландахтар, божгун, боздод, бозхост, болобаланд, боргоҳ, гаронмоя, гирдоб, гулбарг, гулбонг, гулбун, гулнор, гулоб, гулрух, гулчеҳр, гумроҳ, дамсард, дилкӯр, дилҷӯ, дилсӯз, меҳрфурӯғ, наварӯс, навбаҳор, навгул, некбахт, некниҳод, ниҳонхона, номсиёҳ, нӯшлаб, ҳамзону, ҳамкор, ҳамраҳ, ҳамроз, оҳандил, пардасарой, парирӯй, пойбанд, пойбӯс, пурошӯб, пурпеч, рӯзафзун, сангдил, саргарм, сармаст, сароб, селоб, сиёҳкор, сияҳрӯй, сияҳчашм, субҳфурӯғ, суманбӯй, сустбунёд, тангдаст, тангчашм, тундрӯй, тундхӯй, фаррухпай, хокдон, хоксор, хумхона, хунполо, хушдил, хушоб, хушовоз, шабранг, шердил, шоҳроҳ* ва ғайра. Ба мисолҳо таваҷҷуҳ намоед:

Дар он бисот, ки ҳусни ту ҷилва оғозад,
Маҳоли таънаи **бадбину бадписанд** мабод! [11, 121].

* * *

Аз даст рафта буд вуҷуди заифи ман,
Субҳам ба бӯйи васли ту ҷон **боздод** бод [11, 118].

* * *

Дилат ба васли гул, эй булбули саҳар хуш бод,
Ки дар чаман ҳама **гулбонги** ошиқонаи туст [11, 84].

* * *

Ту хуш мебош бо Ҳофиз, бирав, гӯ, хасм, ҷон медеҳ!
Чу гармӣ аз ту мебинам, чӣ бок аз хасми **дамсардам**?! [11, 287]

* * *

Агар рафиқи шафиқӣ, **дурустпаймон** бош,
Ҳарифи ҳуҷраву гармобаву гулистон бош [11, 251].

* * *

Рӯйи хокию нами чашми маро хор мадор,
Чархи фирӯза тарабхона аз ин **каҳгил** кард. [11, 143]

* * *

Ҳофиз аз шавқи рухи **мехрфурӯғи** ту бисӯхт,
Комгоро, назаре кун сӯйи нокоме чанд [11, 179].

* * *

Дар **ниҳонхонаи** ишрат санаме х(в)аш дорам,
К-аз сари зулфу рухаш наъл дар оташ дорам [11, 291].

* * *

Сиёҳи **некбахт** аст, он ки доим
Бувад ҳамрозу **ҳамзонуйи** фаррух [11, 116].

* * *

Кадом **оҳандилаш** омӯхт ин ойини айёрӣ,
К-аз аввал чун бурун омад, раҳи шабзиндадорон зад?! [11, 157].

* * *

Биё ба майкадаву чеҳра арғавонӣ кун,
Марав ба савмаа, к-он ҷо **сиёҳкоронанд** [11, 188]**.**

* * *

Биё, ки қасри амал сахт **сустбунёд** аст,
Биёр бода, ки бунёди умр бар бод аст [11, 66].

* * *

Чун пиёла дилам аз тавба, ки кардам, бишикаст,
Ҳамчу лола ҷигарам бе маю **хумхона** бисӯхт [11, 54].

* * *

Гуфтам: –Эй шоми ғарибон турраи **шабранги** ту,
Дар саҳаргоҳон ҳазар кун, чун бинолад ин ғариб [11, 52].

б) **содавожа+сохтавожа.** Бо ин қолаб исмҳои маънию мушаххас ва сифатҳои феълӣ сохта шудаанд: *ганҷнома, гармоба, гӯшкашида, дилсӯхта, забонбурида, зулфошуфта, камонабрӯ, корафтода, кордида, кулаҳгӯша, навомӯхта, олудадоман, оҳуравиш, остинфишон, пайхуҷаста, сарбаста, сарбурида, сарғашта, саркашида, сарпанҷа, сарфиканда, солхӯрда, хоболуда, худодода, хунгирифта, чашмдарида* ва ғайра. Мисолҳо:

Фиғон, ки дар талаби **ганҷномаи** мақсуд
Шудам хароби ҷаҳоне зи ғам тамому нашуд [11, 169].

* * *

Пеши камони абруяш лоба ҳамекунам, вале
Гӯшкашида аст, аз он гӯш ба ман намекунад [11, 186].

* * *

Зулфошуфтаву хайкардаву хандолабу маст,
Пираҳанчоку ғазалхону суроҳӣ дар даст [11, 76].

* * *

Ҳофизо, сар зи **кулаҳгӯшаи** хуршед барор,
Бахтат ар ҷуръа бад-он моҳи тамом андозад [11, 156].

* * *

Сӯи мани ваҳшисифати ақлрамида
Оҳуравише, кабкхироме нафиристод [11, 123].

* * *

Саманди давлат агарчанд **саркашида** равад,
Зи ҳамраҳон ба сари тозиёна ёд ored [11, 223].

* * *

Шӯхии наргис нигар, ки пеши ту бишкуфт,
Чашмдарида адаб нигоҳ надорад [11, 137].

в) **сохтавожа+сохтавожа:** барлабомада, даргоҳнишин, киштинишаста, одамибача, хонабарандоз ва ғайра. Мисолҳо:

Азми дидори ту дорад ҷони **барлабомада,**
Бозгардад ё барояд, чист фармони шумо? [11, 47].

* * *

Хусраво, Ҳофизи **даргоҳнишин** фотиҳа хонд
В-аз забони ту таманои дуое дорад [11, 136].

* * *

Ҳолиё **хонабарандози** дилу дини ман аст,
То дар оғуши кӣ мехуспаду ҳамхонаи кист? [11, 91].

г) **содавожа+асоси замони ҳозираи феъл**: *ангуштнамо**,** бадандеш, бӯсарабо, гиреҳгир, гиреҳкушо, дасткаш, дастгир, дилдӯз, додгустар, дурдкаш, каҷандоз, ҷонбин, ҷонсупор, ҳамнишин, оинадор, паймондеҳ, пардадар, пашминапӯш, рангомез, рӯҳафзо, саҳархез, саргардон, саркӯш, суханшинос, фараҳбахш, хандазан, хокрӯб, хунрез, хушгӯй* ва ғайра. Мисолҳо:

Эй ки **ангуштнамоӣ** ба карам дар ҳама шаҳр,
Ваҳ, ки дар кори ғарибон аҷабат эҳмолест [11, 92].

* * *

Баъд аз инам чӣ ғам аз тири **каҷандози** ҳасуд,
Чун ба маҳбуби камонабрӯйи худ пайвастам? [11, 283].

* * *

Бодаи лаъли лабаш, к-аз лаби ман дур мабод,
Роҳи рӯҳи киву **паймондеҳи** паймонаи кист? [11, 92].

* * *

Ба Худо, ки ҷуръае деҳ ту ба ҳофизи **саҳархез**,
Ки ба вақти субҳгоҳон асаре бувад дуоро [11, 43].

* * *

Дило, зи нури ҳидоят гар огаҳӣ ёбӣ,
Чу шамъ **хандазанон** тарки сар тавонӣ кард [11, 151].

д) **сохтавожа+содавожа:** *абрӯкамон, буридазабон, сангиндил, сӯхтадил, сӯхтахирман, тарсобача, фархундапаём, хандонлаб, хуниндил, шӯридасар, шӯхдида* ва ғайра. Мисолҳо:

Адӯ бар ҷони Ҳофиз он накардӣ,
Ки тири чашми он **абрӯкамон** кард. [11, 146].

* * *

Забони нотиқа дар васфи шавқи мо лол аст,
Чӣ ҷойи килки **буридазабони** беҳудагӯст?! [11, 86].

* * *

Ҷоно, кадом **сангдили** бекифоят аст,
К-ӯ пеши захми теғи ту ҷонро сипар накард? [11, 148].

* * *

Ку ҳарифе каши сармаст, ки пеши карамаш
Ошиқи **сӯхтадил** номи таманно бибарад [11, 139].

* * *

Чаро чун лола **хуниндил** набошам,
Ки бо мо наргиси ӯ сар гарон кард [11, 145].

* * *

Шоҳи **шӯридасарон** хон мани бесомонро,
З-он ки дар камхирадӣ аз ҳама олам пешам [11, 306].

* * *

Моҳию мурғ дӯш зи афғони ман нахуфт
В-он **шӯхдида** бин, ки сар аз хоб бар накард [11, 147].

е) **сохтавожа+асоси замони ҳозираи феъл:** *банданавоз, беҳудагӯ, бодапараст, бодафурӯш, даргоҳнишин* ва ғайра. Мисолҳо:

Манам, ки дида ба дидори дӯст кардам боз,
Чӣ шукр гӯямат,эй корсози **банданавоз**? [11, 241].

* * *

Забони нотиқа дар васфи шавқи мо лол аст,
Чӣ ҷойи килки буридазабони **беҳудагӯст**?! [11, 86].

* * *

Хусраво, Ҳофизи **даргоҳнишин** фотиҳа хонд
В-аз забони ту таманои дуое дорад. [11, 136].

ё) асоси **замони гузаштаи феъл+миёнаванди «-у-»+асоси замони гузашта (ё ҳозира)-и феъл**: *гуфтушунид, гуфтушунуфт, шустушӯй* ва ғайра, ки кору ҳаракат, амалу ҳолат ва муомилаву мусоҳибаи байни одамонро мефаҳмонанд. Мисолҳо:

То дам аз шоми сари зулфи ту ҳар ҷо назанад,
Бо сабо **гуфтушунидам** саҳаре нест, ки нест [11, 97].

* * *

Сухани ишқ на он аст, ки ояд ба забон,
Соқиё, май деҳу кӯтоҳ кун ин **гуфтушунуфт** [11, 108].

* * *

Худойро ба маям **шустушӯйи** хирқа кунед,
Ки ман намешунавам бӯйи хайр аз ин авзоъ [11, 266].

ж) **содавожа+миёнаванди «-о-»+содавожа:** *дамодам, корубор, саропо* ва ғайра, ки бардавомии амалу ҳолатро ифода мекунанд. Мисолҳо:

Бедор шав, эй дида, ки эмин натавон буд
З-ин сели **дамодам**, ки дар ин манзили хоб аст [11, 60].

* * *

Шукри Худо, ки аз мадади бахти корсоз
Бар ҳасби орзуст ҳама **корубори** дӯст [11, 87].

* * *

Ҳамчу гулбарги тарӣ ҳаст вуҷуди ту латиф,
Ҳамчу сарви чамани хулд **саропойи** ту хуш [11, 259].

з) шумора**+содавожа ё сохтавожа:** *даҳзабон, даҳрӯза, дудар, садшаба, чордаҳ, якдона, якранг, якто, якшаба* ва ғайра. Мисолҳо:

Ба сони савсан агар **даҳзабон** шавад Ҳофиз,
Чу ғунча пеши туаш муҳр бар даҳан бошад [11, 165].

* * *

Даҳрӯза меҳри гардун афсона асту афсун,
Некӣ ба ҷои ёрон фурсат шумор, ёро [11, 41].

* * *

Аз ин работи **дудар** чун зарурат аст раҳил,
Равоқу токи маишат чи сарбаланду чи паст [11, 74].

* * *

Нахуфтаам зи хаёле, ки мепазад дили ман,
Хумори **садшаба** дорам, шаробхона куҷост? [11, 58].

* * *

Ё Раб, он шоҳваши моҳрухи зуҳраҷабин

Дурри **яктои** киву гавҳари **якдонаи** кист? [11, 92].

* * *

Бар дари майхона рафтан кори **якрангон** бувад,
Худфурӯшонро ба кӯйи майфурӯшон роҳ нест [11, 95].

* * *

Хуш он назар, ки лаби ҷому рӯйи соқиро
Ҳилоли **якшабаву** моҳи **чордаҳ** донист [11, 76].

Ҳамин тариқ, тавре аз таҳлили луғавии ашъори Ҳофизи Шерозӣ бармеояд, қолабҳои серистемолтарини сохтани мураккабвожаҳои асил дар ашъори ӯ қолаби «содавожа+содавожа» ва қолаби «содавожа+ асоси замони ҳозираи феъл» буда, бо ин қолабҳо исмҳои маънӣ ва мушаххасе сохта шудаанд, ки чигунагии инсонро аз ягон ҷиҳат муайян мекунанд. Дар ғазалҳои шоир қолаби «содавожа+миёнаванди *-о-* +содавожа»**,** ки ба воситаи он вожаҳои ифодакунандаи бардавомии амалу ҳолат сохта мешавад, низ ба мушоҳида мерасад, вале он камистеъмол мебошад. Дар сохтани содавожаҳо ва мураккабвожаҳои асил пасвандҳои *-ӣ* ва *–гӣ* сермаҳсултарин мебошанд, ки бо истифодаи онҳо аз исму сифат ва асоси замони гузаштаи феъл исмҳо сохта шудааст. Аз пешвандҳо *-ҳам*, *-бе* ва *-но* серистеъмол мебошанд.

КИТОБНОМА

1. Бухориев, О. Фурӯғи маърифати бомдодӣ дар шеъри Ҳофиз / О. Бухориев // Суханшиносӣ. – 2021. – №2. – С.114-131

2. Джафарова, Д. Автоматизация лингвистического анализа поэтического наследия таджикской литературы (на примере газелей Хафиза) // Автореферат диссертации канд. филол. наук. –Душанбе, 2012. – 26 с.

3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби дарсӣ. Қисми 1. Лексикология. Фонетика. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 462 с.

4.Калонова, М. Мавқеи пасвандҳои сифатсоз дар ашъори Ҳофиз / М. Калонова // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд. – 2013. – №4 (37). – С. 23-34.

5. Калонова, М. Пажӯҳиши луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совақӣ) / М. Калонова // Авторефератиди диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии докт. илм. фил. – Душанбе, 2024. – 62 с.

6. Каримов, Ш.Т. Семантикаи воҳидҳои луғавии ғазалиёти Ҳофиз / Ш.Т. Каримов. – Душанбе: 1994. – 146 с.

7. Капранов, В. Сухани Ҳофиз дар фарҳангҳои форсу тоҷик / В. Капранов // Ҷашнномаи Ҳофиз. – Душанбе: Дониш, 1971. – С. 51-62.

8. Мисбоҳиддин, Н. Лутфи сухани худодод / Мисбоҳиддини Нарзиқул // Садои Шарқ. – 2013. – №4-6. – С. 148-153.

9. Саломиён, М. Ифодаҳои маҷозӣ дар ғазалиѐти Ҳофизи Шерозӣ /М. Саломиён // Авторефератиди диссертатсияи номз. илм. филол. – Душанбе, 2000. – 25 с.

10. Ҳалимов, С. Таърихи забони адабии тоҷикӣ (аз асрҳои IX-X то ибтидои асри XX) / С. Ҳалимов. – Душанбе: ҶДММ Суфра, 2022. – 596 с.

11. Шерозӣ, Ҳофиз. Девон / Ҳофизи Шерозӣ. – Душанбе: Адиб, 2015. – 480 с.

МУРАККАБВОЖАҲОИ ТОҶИКИБУНЁД ДАР АШЪОРИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

*Дар мақола содавожаҳо ва мураккабвожаҳое, ки дар ашъори Ҳофизи Шерозӣ танҳо бо истифодаи вожаҳои порсии дарӣ (яъне забони тоҷикии имрӯза) сохта шудаанд, дарёфт карда шуда, вежагиҳои сохторӣ ва маъноии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муайян карда шуд, ки миқдори ин гуна вожаҳо тақрибан 1000 ададро ташкил медиҳад. Онҳо аксаран мураккабвожаҳое мебошанд, ки аз содавожаҳои асил ва сохтавожаҳо таркиб ёфтаанд. Собит гардид, ки қолабҳои серистеъмолтарини сохтани мураккабвожаҳои асил дар ашъори Ҳофизи Шерозӣ қолаби «содавожа+содавожа» ва қолаби «содавожа+ асоси замони ҳозираи феъл» буда, бо ин қолабҳо исмҳои маънӣ ва мушаххасе сохта шудаанд, ки чигунагии инсонро аз ягон ҷиҳат муайян мекунанд. Қолаби «содавожа+ миёнаванди **-о-** +содавожа»**,** ки ба воситаи он вожаҳои ифодакунандаи бардавомии амалу ҳолат сохта мешавад, низ дар ғазалҳои шоир ба мушоҳида мерасад, вале он камистеъмол мебошад. Дар сохтани содавожаҳо ва мураккабвожаҳои асил пасвандҳои **-ӣ** ва **–гӣ** сермаҳсултар мебошанд, ки бо истифодаи онҳо аз исму сифат ва асоси замони гузаштаи феъл исмҳо сохта шудааст. Аз пешвандҳо -**ҳам, -бе** ва **-но** серистеъмолтар мебошанд.*

Калидивожаҳо: *вожа, содавожа, сохтавожа, мураккабвожа, пешванд, пасванд, миёнаванд, қолаб, вожаҳои асил, исм, сифат, асоси замони гузаштаи феъл, асоси замони ҳозираи феъл, ашъори Ҳофизи Шерозӣ.*

СЛОЖНЫЕ ИСКОННЫЕ ТАДЖИКСКИЕ СЛОВА В ПОЭЗИИ ХАФИЗА ШИРАЗИ

В статье выявлены простые и сложные слова в поэзии Хафиза Ширази, созданные исключительно с использованием слов таджикско-персидского языка, а также рассмотрены их структурные и семантические особенности. Установлено, что число таких слов в исследуемой поэзии составляет около 1000 единиц. Определено, что такие слова часто представляют собой сложные слова, состоящие из простых персидских слов и производных, которые появились на их основе. Доказано, что в поэзии Хафиза Ширази наиболее распространенной моделью образования сложных слов на основе чисто персидских слов является модель «простое слово + простое слово» и модель «простое слово+основа настоящего времени глагола», и эти модели создают абстрактные и конкретные существительные, которые тем или иным образом определяют характер человека. Форма «простое слово + интераффикс «-о» +простое слово», посредством которого образуются слова, выражающие непрерывность действия и состояния, которые в поэзии Хафиза употребляются реже. При образовании простых и сложных персидских слов наиболее продуктивными являются суффиксы –ӣ(–гӣ), с помощью которых образованы существительные от других существительных и прилагательных, а также от основы глагола прошедшего времени. Из предлогов наиболее используемыми выявлены: -ҳам, -бе и -но.

Ключевые слова: *слово, простое слово, производное слово, сложное слово, префикс, суффикс, интераффикс, модель, исконные слова, существительное, прилагательное, основа глагола прошедшего времени, основа глагола настоящего времени, поэзия Хафиза Ширази.*

COMPOUND WORDS BASED ON NATIVE WORDS IN THE POETRY OF HAFIZ SHIRAZI

The article identifies simple and compound words in the poetry of Hafiz Shirazi, created exclusively using the words of the Tajik-Persian language, and also examines their structural and semantic features. It has been established that the number of such words is about 1000. It has been determined that such words are often compound words consisting of simple Persian words and derivative words based on them. It has been proven that in the poetry of Hafiz Shirazi, the most common model of forming compound words based on purely Persian words is the model: «simple word + simple word» and the model «simple word + verb of the present tense «, which create abstract and concrete nouns, determining the character of a person. The words' form «simple word + interaffix «-о» + simple word» are expressing the continuity of action, state and also observation, which are used less in studied poetry. In the formation of simple and compound Persian words, the most productive form are constructed by the suffixes -ӣ (–гӣ), with the help of which are formed nouns from other nouns and adjectives, as well as from the verb of past tense. The most commonly used preposition in studied poetry were revealed: -ham, -be and -no.

Key words: *word, simple word, derivative word, compound word, prefix, suffix, interaffix, model, native Tajik words, noun, adjective, verb of the past tense, verb of the present tense , poetry of Hafiz Shirazi.*

Дар бораи муаллиф: Нуров Пирмаҳмад Гулович – сарходими илмии шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, доктори илмҳои филологӣ, Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21; тел.: +992 935534570, е-майл: nurov6464@mail.ru/

Сведения об авторе: Нуров Пирмахмад Гулович – главный научный сотрудник отдела таджикского языка Института языка и литературы имени Рудаки НАНТ, доктор филологических наук, Адрес: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 21. тел.: +992 935534570, e-mail: nurov6464@mail.ru

Information about the author: Nurov Pirmahmad Gulovich –Chief Researcher of the Department of the Tajik Language of the Institute of Language and Literature named after Rudaki NAST, Doctor of Philology, Adress: 734025, Dushanbe, Avenue Rudaki, 21. tel.: +992 935534570, e-mail: nurov6464@mail.ru

ТДУ: 811.21/.22+82

ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРИЮ МАЪНОИИ ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТИ БЕПАЙВАНДАК ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

Солеҳҷон Собирҷонов,
Ҳилола Нарзиқулова
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ тавассути «Шоҳнома»-и хеш ноёбтарин гавҳари ганҷинаи суханро гирд оварда, асолати забони тоҷикӣ-форсиро бар тахтгоҳи иззат нишонд. Донишманди маъруф Муҳаммадамини Риёҳӣ роҷеъ ба забони «Шоҳнома» мегӯяд: «Ҳакими бузург достонҳои миллии мардуми Эронро ба забони мардуми шаҳри худ дар асри худ сурудааст. Забони «Шоҳнома» забони муҳоварааи деҳқонону фарҳехтагони Хуросон дар он рӯзгор аст» [18, 96]. Ба қавли забоншинос Саид Ҳалимов, «бо таълифи «Шоҳнома» Абулқосим Фирдавсӣ воситаҳои тасвирӣ ва тарзҳои истеъмоли «суханҳои шоистаи обдор»-и

халқамонро хеле инкишоф дод. Ӯ бо асари худ нишон дод, ки дар забони мардуми мо чӣ захираҳои бузурги сухан ниҳон аст» [24, 114].

Дар боби бузургии «Шоҳнома» ва суханҳои нағзи он Асадии Тӯсӣ чунин таъкид намудааст:

Ки Фирдавсии Тӯсии покмағз
Бидодаст доди суханҳои нағз.
Ба «Шоҳнома» гетӣ биёростаст,
Бад-он нома номи накӯ хостаст.

Маҳз ҳамин захираҳои бузурги сухан, ки дар «Шоҳнома» мавҷуд мебошад, солҳост, ки таваҷҷуҳи луғатшиносону суханшиносони маъруфро ба худ ҷалб намудааст. Дар асарҳои илмии ҷудогона, китобҳои дарсӣ ва мақолаҳои олимони тоҷик низ баъзе вижагиҳои луғавӣ, сарфию наҳвии забони «Шоҳнома» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, дар мақолаи устод Садриддин Айнӣ «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ», китобҳои дарсии М.Н. Қосимова «Таърихи забони адабии тоҷик» ва Саид Ҳалимов «Таърихи забони адабии тоҷикӣ» дар боби баъзе хусусиятҳои ҷолиби луғавӣ, грамматикӣ (сарфию наҳвӣ)-и забони «Шоҳнома» маълумоти мухтасар дода шудааст. Дар асарҳои илмӣ-монографии Олимҷон Қосимов вазифаву хусусиятҳои калимасозии пасвандҳои калимасози номӣ ва хусусиятҳои сохторию маъноии калимаҳои ифодакунандаи номи ҳайвонот дар «Шоҳнома» таҳлилу баррасӣ гардидаанд [2,7- 51; 13, 186; 14,135; 15, 566; 16, 185; 24, 595]. Таҳти унвони «Вожаҳои низомӣ дар «Шоҳнома» рисолаи илмии Сулаймон Анварӣ низ дастраси олимону хонандагон мебошад [3, 117]. Илова бар ин, дар мақолаҳои ҷудогонаи олимони забоншинос вижагиҳои луғавию грамматикӣ ва услуби забони «Шоҳнома» таҳлилу баррасӣ шудааст.

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ганҷинаи бузурги сухан буда, доираи омӯзиши вижагиҳои сохторию маъноии воҳидҳои забонии он хеле васеъ мебошад. Аз ин рӯ, мо танҳо ба таҳқиқи мухтасари баъзе хусусиятҳои наҳвӣ дар доираи ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак иктифо мекунем.

Ҷумлаи мураккаб ҳамчун воҳиди тому мукаммали забон дар баёни идроки мураккабтари байни ҳодисаҳо, воқеаҳо, ба таври васеъ шарҳу эзоҳ додани аломат, хусусият, барои нишон додани муносибатҳои объектӣ, замон, макон, сабаб, мақсад шарт ва ғайра мақоми шоиста дорад. То кунун хелҳои мухталифи сохторию маъноии он дар забони адабии ҳозираи тоҷик муайяну муқаррар шудааст. Ҷумлаҳои мураккаб вобаста ба муносибати маъноӣ ва грамматикии ҷумлаҳои содаи таркибашон ба ду гурӯҳи калон ҷудо карда шудаанд: ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва ҷумлаҳои мураккаби тобеъ.

Ҷумлаҳои мураккаб, аз ҷумла ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар асоси матни осори адибони классикӣ, ба ҷуз баъзе ишораю маълумоти умумие, ки дар баъзе мақолаю китобҳои дарсӣ ба назар мерасад, мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор нагирифтааст. Профессор М.Н. Қосимова дар китоби дарсиаш таҳти унвони «Баъзе хусусиятҳои синтаксисӣ вобаста ба ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва ҷумлаҳои мураккаби пайвасти сертаркиб» аз «Шоҳном» чанд мисол оварда, таъкид намудааст, ки «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ яке аз нодиртарин асарҳои асри даҳ буда, дорои хусусиятҳои барҷастаи забонӣ аст. «Забони «Шоҳнома» ниҳоят бою ғанӣ буда, ҳамвора мавриди тадқиқу таҳлили забоншиносон, махсусан луғатнигорон, қарор гирифтааст.Таъсири «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ дар инкишофи забони адабӣ ва муайян намудани қонуниятҳои инкишофи он нақши бузурге гузоштааст» [15, 469]. Ба андешаи Саид Ҳалимов, «Шоҳнома» на танҳо аҳамияти бузурги адабию таърихӣ дорад, балки барои омӯхтани таърихи забони адабии мо, таркиби луғавӣ, сохти грамматикӣ ва инкишофи он сарчашмаи бебаҳост» [24, 97].

Дар забоншиносии муосири тоҷик муайян ва муқаррар шудааст, ки ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои сода иборат буда, ифодагари муносибатҳои грамматикии ***замонӣ, хилофӣ, ҷудоӣ, шумур, сабабу натиҷа, қиёс*** ва ***эзоҳӣ*** мебошанд. Ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз рӯйи зиёду

камии ҷумлаҳои содаи таркиби худ **кушода** ва **баста** мешаванд. Ҷумлаҳои мураккаби пайваст вобаста ба алоқаи синтаксисиашон пайвандакдор ва бепайвандак буда, ҳамчунин бо ёрии воситаҳои гуногуни грамматикӣ ва луғавию фонетикӣ бо ҳамдигар муносибати синтаксисӣ доранд. Ба ин воситаҳо пайвандакҳо, интонатсия, муносибати шаклҳои феълии хабарҳо, тартиби ҷумлаҳо, эллипсис, такрори калима, ҷонишинҳои энклитикӣ, воҳидҳои нисбӣ, аъзоҳои умумӣ ва воҳидҳои ёрирасон мансубанд [19, 8; 10, 16-19; 4, 158-160; 12, 223-2226; 19; 20,21].

Мо ҳангоми мутолиаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба ҷумлаҳои мураккаби пайвасти гуногун, аз он ҷумла ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак, ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор ва ба хелҳои мухталифи сохторию маъноягшон дучор шудем.

Дар қатори ин ҷумлаҳо **ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак** мавқеи назаррасро ишғол намуда, хеле фаровон ба кор рафтаанд. Зеро «ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак ҷумлаҳои табиии забони тоҷикӣ буда, ҳам дар нутқи шифоҳӣ ва ҳам забони адабии хаттӣ хеле зиёд дучор мешаванд» [11,236]. Ғайр аз ин, равонию рехтагии забони назм корбурди ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандакро бештар тақозо менамояд. Ҳамчунин дуруст аст, ки ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак нисбатан рехтаву суфта буда, дар онҳо параллелизми аъзоҳо бештар ба назар мерасад [11, 236].

Дар «Шоҳнома» ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак вобаста ба теъдод ва сохтори ҷумлаҳои содаи таркибашон хелҳои гуногунро ташкил додаанд. Тавре ки маълум аст, «муносибати маъноиву грамматикии ин ҷумлаҳо ба мисли ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор равшану возеҳ ифода намеёбад» [11, 236].

Бо вуҷуди ин, вобаста ба интонатсия, таносуби маъноии ҷумлаҳои сода, ҷойи ҷумлаҳо, сохти таркибии ҷумлаҳои сода, тарзи ифодаи хабарҳо ва воситаҳои дигари луғавию грамматикӣ ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаки «Шоҳнома»-ро ба гунаҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаке, ки аз ду ҷумлаи содаи дутаркиба иборатанд.
2. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаке, ки аз ду ҷумлаҳои содаи яктаркиба иборат мебошанд.
3. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаке, ки аз як ҷумлаи содаи дутаркиба ва як ҷумлаи содаи яктаркиба таркиб ёфтаанд.
4. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаке, ки аз се ва зиёда ҷумлаи сода иборатанд.

Ин навъҳои ҷумлаҳои мураккаби пайваст вобаста ба тарзи ифодаи ҷузъи хабарашон ва ифодаи муносибатҳои маъноияшон аз ҳамдигар то андозае фарқ мекунанд.

1. Ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо ду ҷумлаи содаи дутаркиба

Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти мазкур аз рӯйи тарзи ифодаи ҷузъи хабари ҷумлаҳои содаи таркибашон ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд:

а) Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаке, ки хабарҳои ҷумлаҳои содаашон бо феълҳои содаи замони гузаштаи наздик (одӣ) ифода шудаанд:

Ҳаме оташ **афрӯхт** аз наъли ӯ,
Ҳаме хун **чакид** аз бари лаъли ӯ [23, 22].

* * *

Ҳама ростӣ рост аз бахти ӯст,
Ҳама фарру зебоӣ аз тахти ӯст [23, 190].

Дар ин ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак ҷумлаҳои содаи дутаркиба тавассути интонатсияи пайваст, тартиби ҷойгиршавии ҷумлаҳои сода ва

мутобиқати хабари ҷумлаҳо ба ҳам алоқаманд шуда, муносибати ҳамзамониро ифода кардаанд.

б) Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаке, ки хабарҳои ҷумлаҳои содаашон бо феълҳои ёридиҳандаи «шудан», «будан» сурат гирифта, бо ёрии интонатсия, тартиби ҷумлаҳои сода алоқаи тарафайни маъноии онҳо ҷумлаҳои сода ба ҳам алоқаманд шуда, муносибатҳои ҳамзамонию пайиҳамзамонии амалу ҳолатҳои воқеъгардидаро ифода кардаанд:

Ҳирадманд Баҳром аз он **шод шуд,**
Ҳама дардҳо бар дилаш **бод шуд.** [23, 33]

Дар мисоли мазкур ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандаки дорои ду ҷумлаи содаи дутаркиба дар ифодаи муносибати ҳамзамонӣ ба маънои сабабу натиҷа ба кор рафтааст.

Ба ҳар ҷой номи ту **бону бувад,**
Падар пеши тахтат ба зону бувад. [23, 258]

Дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак ду ҷумлаи содаи дутаркибаи нидоӣ (дуоӣ) тариқи интонатсия ба ҳам алоқаманд шуда, муносибати ҳамзамонӣ ва таманниёти гӯяндаро бо ҳиссиёти ифтихору таъкид ифода мекунанд:

Дили шаҳриёри ҷаҳон шод бод,
Ҳама гуфтаи ман варо ёд бод. [23, 434]

Бояд қайд кард, ки хабарҳои ҳамқофияи ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккабро низ яке аз воситаҳои алоқаи сохторию маъноии ҷумлаҳои мураккаб шуморидан мумкин аст. Ғайр аз ин, дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаки дорои ҷумлаҳои содаи дутаркиба муносибатҳои маъноӣ хеле равшан зоҳир мегардад.

2. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаке, ки аз ду ҷумлаи содаи якторкиба иборатанд.

Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаки дорои ду ҷумлаи содаи якторкиба одатан танҳо аз ҷузъи хабар иборат буда, ҷузъи мубтадо надоранд ва ин гуна ҷумлаҳо дар «Шоҳнома» мавриди истифода қарор доранд:

Бар ӯ хона зиндон **куну бозгард**,
Назебад бар ин гоҳи нангу набард [23, 34].

* * *

Ба неку бади шоҳ хурсанд бош,
Парастанда бошу хирадманд бош [23, 22] .

Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаки дар боло зикршуда аз ду ҷумлаи содаи якторкибаи муайяншахс иборат буда, дар байти аввал, муносибати сабабу натиҷа ифода гардида бошад, дар байти дуюм, маънои амру хоҳиш ба назар мерасад. Хабарҳои ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби мазкур бо асоси замони ҳозираи феъл ифода шудаанд.

3. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаке, ки аз як ҷумлаи содаи дутаркиба ва як ҷумлаи содаи якторкиба иборатанд:

Намонад чунин дон, **ҷаҳон** бар касе,
Дар ӯ шодкомӣ **наёбӣ** басе [23,114].

* * *

Ки гуфтори хира **наярзад** ба чиз,
Аз ин дар сухан худ **наронем** низ [23, 170].

* * *

Шунидам ҳама будани нобакор,
Чӣ **гуфт** он ҷаҳонҷӯи нобурдбор [23,171].

Дар ҷумлаҳои зикршуда алоқаи пайвасти байни ҷумлаҳои содаи ҷумлаи мураккаби пайваст тавассути интонатсия ва мутобиқати хабарҳо – шаклҳои феълии асоси замони ҳозира ва гузашта сурат гирифтааст.

4. Ҷумлаҳои муракаби пайвасти сертаркиб

Дар «Шоҳнома» ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаки сертаркиб асосан аз се ҷумлаи содаи гуногунтаркиб иборат буда, тавассути интонатсия ва мутобиқати хабарҳои феълию номӣ сурат гирифтаанд. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаки сертаркиб дар муқоиса бо ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдори сертаркиб дар «Шоҳнома» камтар ба назар мерасанд, ки онҳоро ба таври зайл метавон тасниф кард:

а) Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаке, ки аз се ҷумлаи содаи дутаркиба иборатанд:

Ҳама меҳрашон ҳар замон беш буд,
Хирад дур буд, орзу пеш буд [23, 266].

* * *

Ҳамаш бурз бошад, ҳама мағзу ёл,
Ба разму ба базмаш набошад ҳамол [23, 327].

* * *

Ҳаме баршуд оташ, фуруд омад об,
Ҳаме гашт гирди замин офтоб [23, 287].

Ҷумлаҳои содаи дохили ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаки сертаркиби овардашуда аз хабарҳои гуногунсохтор иборат мебошанд. Дар байти аввал хабарҳои номии ҳар як ҷумлаи сода тавассути зарф ва феъли ёридиҳандаи будан (буд) сурат гирифтааст. Хабарҳои ҷумлаҳои содаи дохили ҷумлаҳои мураккаби мазкур дар замони гузашта мавҷудияти меҳру орзу ва дур будани хирадро таъкид намуда, дар маҷмуъ муносибати ҳамзамониро ифода намудаанд.

Дар байти дуюм хабари ҷумлаи аввал бо сиғаи шартӣ-хоҳишмандии феъли ёридиҳандаи будан (бошад) сурат гирифта, хабари ҷумлаи дуюм бо исму оҳанг (интонатсия) ва хабари ҷумлаи сеюм бо шакли инкории феъли ёридиҳандаи будан (набошад) таркиб ёфтааст.

Аз ин мисолҳо бармеояд, ки хабарҳои ҷумлаҳои содаи дохили ҷумлаи мураккаби мазкур бештар муносибати ҳамзамониро ифода менамоянд.

б) Ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандаке, ки аз ду ҷумлаи содаи дутаркиба ва як ҷумлаи содаи яктаркиба иборат аст:

Ҳаме дамзадан бирри ту бишмарад,
Ҳам ӯ барфарозад, ҳам ӯ бишкарад [23, 339].

Ҷумлаи мураккаби мазкур дар «Шоҳнома» нисбат ба дигар намуди ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб кам истифода гаштааст.

в) Ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандаке, ки ба воситаи се ҷумлаи содаи дутаркиба ифода гаштааст:

Баҳор омад, аз гулистон гул чинем,
Зи рӯи замин шохи сунбул чинем [22, 258].

г) Ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандаке, ки дорои ду ҷумлаи содаи дутаракиба ва як ҷумлаҳои содаи яктаркиба мебошад:

Шавам пеши яздон, ситоиш кунам.
Чу яздонпарастон ниёиш кунам [22, 266].

ғ) Ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандаке, ки аз се ҷумлаҳои содаи яктаркиба иборат аст:

Ки ҳаргиз надидем з-ин гуна шед,
Рухи ҳамчу гул, рӯю мӯяш сапед [22, 259].

Дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвасти сертаркиби бепайвандак чандин ҷумлаи содаро низ дидан мумкин аст, ки он хеле кам ба назар мерасад:

Ҳунар хор шуд, ҷодуӣ – арҷманд,
Ниҳон – ростӣ, ошкоро – газанд.
Ҳаме дамзадан бирри ту бишмарад,
Ҳам ӯ барфарозад, ҳам ӯ бишкарад [23,332].

Хулоса дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак рехтаву суфта буда, аъзоҳою ҷумлаҳои бо ҳам мувозӣ ба назар мерасанд. Ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар «Шоҳнома» аз ҷиҳати сохт дуҷузъа ва сертаркиб мебошанд. Ҷумлаҳои мураккаби дуҷузъа аз ду ҷумлаи содаи дутаркиба, аз ду ҷумлаи содаи яктаркиба, аз як ҷумлаи содаи дутаркиба ва як ҷумлаи содаи яктаркиба иборатанд. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти сертаркиби бепайвандак бештар ва асосан аз се ҷумла иборат буда, ҷумлаҳои мураккаби чорҷузъа дар ин шоҳасар хеле кам истифода гаштаанд. Алоқаи ҷумлаҳои мураккаби пайваст тавассути оҳанг (интонатсия), тартиби ҷойгиршавии ҷумлаҳо, мутобиқати хабарҳо (мутобиқати шаклҳои феълӣ, бандакҳои феълию хабарӣ) сурат гирифтаанд. Дар ҷумлаҳои мураккаби мазкур муносибатҳои маъноии ҳамзамонӣ бештару равшантар баён гардидаанд.

КИТОБНОМА

1. Абдуқодир, А., Давронов А. Каломи Камол / А. Абдуқодир, А. Давронов, Хуҷанд, 1998. – 215 с.
2. Айнӣ, С. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ / С. Айнӣ. Куллиёт Ҷ. 11. Қисми 1. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1964. – С.7-51
3. Анварӣ, С. Вожаҳои низомӣ дар «Шоҳнома» / С. Анварӣ – Душанбе: Маориф, 1994. – 117с.
4. Белошапкова, В.А. Современный русский язык Синтаксис / В. А. Белошапкова – М.: Высшая школа, 1977. – 247 с.
5. Брандес, М.П. Стилистика немецкого языка / М.П. Брандес. – М.: Высшая школа, 1983. – 268 с.
6. Брызгунова, Е.А. Смысловое взаимодействие // Синтаксис текста / Е.А. Брызгунова.– М.: Наука, 1979. – 78-102 (– 367 с.)
7. Валгина, Н.С. Синтаксис современного русского языка / Н.С. Валгина – М.: Высшая школа, 1978. – 438 с.
8. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.3. Ҷумлаҳои мураккаб. – Душанбе: Дониш, 1989. – 215 с.
9. Ғаффоров, Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 223 с.
10. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.2. Синтаксис. – Душанбе: Маориф. 1984. – 324 с.
11. Зикриёев Ф.К. Структурно – семантическое особенности таджикского паратаксиса / Ф.К. Зикриёев. – Душанбе, 1966. – 190 с.
12. Камолиддинов, Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов – Душанбе: Собириён, 2010. – 279 с.
13. Касимов, О.Х. Деривация в «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси (именные словообразовательные суффиксы) / О.Х. Касимов. – Душанбе, 2006. – 186 с.
14. Касимов, О.Х. Картина животного мира в «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси (именные словообразовательные суффиксы) / О.Х. Касимов. – Душанбе: Дониш, 2011. – 135 с.
15. Қосимова, М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-XI) / М.Н. Қосимова. – Ҷ.1. – Душанбе, 2012. – 566 с.
16. Маҳмудҷонова, М., Хусусиятҳои маъноӣ ва имконияти калимасозии феъли «шудан» дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ / М. Маҳмадҷонова. – Хуҷанд, 2007. –185 с.
17. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1959. – 294 с.
18. Раёҳӣ, Муҳаммадамин. Фирдавсӣ / Муҳаммадамин Раёҳӣ**.** –Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 338 с.

19. Набиев, М. Забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Набиев. Наҳв. Қисми 2. – Душанбе: Маориф, 1992. – 175 с.
20. Норматов, М. Забони адабии муосири тоҷик (синтаксис) / М. Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2011. – 324 с.
21. Тоҷиев, Д. Т. Осори мунтахаб / Д.Т. Тоҷиев. – Душанбе, 2005. – 483 с.
22. Фирдавсӣ, А. «Шоҳнома» / А. Фирдавсӣ Ҷ.1. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 464 с.
23. Фирдавсӣ, А. «Шоҳнома» / А. Фирдавсӣ Ҷ.2. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 319 с.
24. Ҳалимов, С. Осор. Таърихи забони адабии тоҷикӣ (аз асрҳои IX – X то ибтидои асри XX (васоити таълимӣ) Ҷ. II. / С. Ҳалимов — Душанбе, 2022. – 595 с.
25. Ҳусейнов, Х. Забон ва услуби «Одина»-и устод Айнӣ / Х. Ҳусейнов. – Душанбе: Ирфон. – 253 с.

ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРИЮ МАЪНОИИ ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТИ БЕПАЙВАНДАК ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

Дар мақолаи мазкур нақши Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ дар нигоҳ доштани асолати забони форсии тоҷикӣ таъкид гардида, хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак бо далелу мисолҳои фаровон баррасӣ шудааст. «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ганҷинаи бузурги сухан буда, доираи омӯзиши вижагиҳои сохторию маъноии воҳидҳои забонии он хеле васеъ аст.

Ҷумлаи мураккаб ҳамчун воҳиди тому мукаммали забон дар баёни идроки мураккабтари баёни ҳодисаҳо, воқеаҳо, ба таври васеъ шарҳу эзоҳ додани аломат, хусусият, барои нишон додани муносибатҳои объектӣ, замон, макон, сабаб, мақсад шарт ва ғайра мақоми ҷолибу шоиста дорад.

Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ мавқеи муайянро ишғол намуда, аз хелҳои зерин иборатанд:

1. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаке, ки аз ду ҷумлаи содаи дутаркиба иборатанд.

2. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаке, ки аз ду ҷумлаи содаи яктаркиба ташкил ёфтаанд.

3. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаке, ки аз як ҷумлаи содаи дутаркиба ва як ҷумлаи содаи яктаркиба таркиб ёфтаанд.

4. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаке, ки аз се ва зиёда ҷумлаи сода иборат мебошанд.

Ин навъҳои ҷумлаҳои мураккаби пайваст вобаста ба тарзи ифодаи ҷузъи хабарашон ва ифодаи тобишу муносибатҳои маъноияшон аз ҳамдигар то андозае фарқ мекунанд, ки он дар мақола бо далелҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Аз таҳқиқи ҳамаҷониба бармеояд, ки дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ҷумлаҳои мураккаби мазкур мавқеи хос дошта, воқеан ҳам намунаи ҷумлаҳои табиии забони тоҷикӣ мебошанд.

Калидвожаҳо: *ҷумлаи сода, содаи яктаркиба, ҷумлаи мураккаб, ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак, ҷумлаи мураккаби пайвасти сертаркиб, феълҳои ёридиҳанда, интонатсия, мубтадо, хабар, муносибати маъноӣ.*

СТРУКТУРНО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СЛОЖНОСОЧИНЕННЫХ БЕССОЮЗНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ

В данной статье рассматривается роль поэта Абулкасыма Фирдавси в сохранении самобытности таджикско-персидского языка, а также

структурно-семантические особенности сложносочиненных бессоюзных предложений в «Шахнаме». Произведение Абулкасыма Фирдавси является великой сокровищницей речи.

Сложное предложение, как полная и законченная единица языка, играет интересную и достойную роль в выражении более сложных восприятий между событиями, явлениями, обширно объясняя и поясняя признаки, характеристики, а также в показе объектных отношений, времени, места, причины, цели и т.д.

В приведенной статье представлены типы структурной композиции сложных предложений со связями. Сложные предложения с бессоюзным союзом занимают определенное положение в «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси и делятся на следующие виды:

1. Сложные предложения с бессоюзным союзом, состоящие из двух простых двухсоставных предложений.

2. Сложные предложения с бессоюзным союзом, состоящие из двух простых односоставных предложений.

3. Сложные предложения с бессоюзным союзом, состоящие из одного простого двухсоставного предложения и одного простого односоставного предложения.

4. Сложные предложения с бессоюзным союзом, состоящие из трех и более простых предложений.

Эти типы сложных предложений в некоторой степени отличаются друг от друга в зависимости от способа выражения ими своего сообщения и выражения их смысловых коннотаций и отношений, которые анализируются в статье с приведением четких научных доводов..

Всестороннее исследование показывает, что в «Шахнаме» Абулкасыма Фирдоуси эти сложные предложения занимают особое место и действительно являются примерами естественных предложений в таджикском языке.

Ключевые слова: *простое предложение, простое односоставное предложение, сложное предложение, сложно соченённое предложение без союза, сложно соченённое предложение, вспомогательные глаголы, интонация, предлог, подлежащее, семантическая связь.*

STRUCTURALLY SEMANTIC FEATURES OF UNIONLESS COMPOUND SENTENCES IN «SHAHNAMA» OF FIRDAWSI

This article examines the role of the poet Abulqasim Firdawsi in preserving the identity of the Tajik-Persian language, as well as the structural and semantic features of compound unionless sentences in his magnum opus – «Shahnama». Firdawsi's «Shahnama» is a true treasury of linguistic richness and eloquence.

A complex sentence, as a complete and independent linguistic unit, plays a significant role in expressing intricate relationships between events and phenomena. It serves to extensively clarify features, characteristics, and various semantic relations such as object-based connections, time, place, cause, purpose, and so forth.

The article identifies the main structural types of compound sentences with asyndetic coordination found in «Shahnama». These constructions occupy a notable position in the syntax of the poem and can be categorized into the following types:

1. Compound unionless sentences consisting of two simple, two-member (two-part) clauses.

2. Compound unionless sentences consisting of two simple, one-member (one-part) clauses.

3. Compound unionless sentences composed of one two-member clause and one one-member clause.

4. Compound unionles sentences consisting of three or more simple clauses.

These types of compound sentences differ to some extent in how they convey meaning, the way their semantic relations are expressed, and the connotative nuances

they bear. These aspects are examined and supported with textual evidence in the article.

Comprehensive analysis shows that such complex constructions occupy a special place in «Shahnama» of Firdawsi and truly exemplify natural sentence patterns in the Tajik language.

Keywords: *simple sentence, one-member sentence, compound sentence, unionless compound sentence, multi-part compound sentence, auxiliary verbs, intonation, preposition, information structure, semantic relation.*

Дар бораи муаллифон: Собирҷонов Солеҳҷон – н.и.ф., ходими пешбари илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, шаҳри Душанбе, х. Рӯдакӣ, 21. Тел: (+992) 90790700. E-mail: solehjon47@mail.ru .

Нарзиқулова Ҳилола Маъруфҷоновна – ходими калони илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ. Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 21. E-mail: noila@internet.ru. Тел.: (+992-37) 221-60-11

Сведения об авторах: Сабиржанов Салехжан – ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. Рудаки, НАНТ (Национальная Академия Наук Таджикистана). Адрес: Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 21. Тел: (+992)907907003. E-mail: solehjon47@mail.ru .

Нарзикулова Хилола Маруфджоновна – старший научный сотрудник Института языка и литературы имени А.Рудаки НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 21. E-mail: noila@internet.ru. Тел.: (+992-37) 221-60-11

Information about the authors: Sobirjanov Solekhjan – leading researcher, Institute of Language and Literature by Rudaki, NAST (National Academy of Sciences of Tajikistan) Address: Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. Tel: (+992)907907003. E-mail: solehjon47@mail.ru.

Narziqulova Hilola Marufjonovna – senior researcher, Institute of Language and Literature named after Rudaki TNAS. Address: Tadjikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Ave., 21; Phone: (+992-37) 221-60-11. E-mail: noila@internet.ru.

ТДУ: 811.21/.22+82

РОЛЬ ВОПРОСИТЕЛЬНЫХ ЧАСТИЦ В ВЫРАЖЕНИИ ОТРИЦАНИЯ

Зебуннисо Холназарова,
Саид Каримов
Институт языка и литературы имени Рудаки НАНТ

В образовании вопросительных отрицательно-риторических предложений наряду с широко употребительными вопросительными лексическими единицами активно используются служебные слова, которые посредством вопроса выражают отношение говорящего к предмету речи, событию и явлению. Вопросительные частицы **магар, наход//наход ки, на ин ки, -чӣ, оё, мӣ-, -а** относятся к таким средствам.

В таджикском языкознании не проводилось специальных исследований, посвященных функции, месту, свойствам и другим характеристикам

вопросительных частиц как средства выражения отрицания. И всё же некоторые языковеды так или иначе в своих разысканиях кое-что об этом сообщали. [7, 331].

Различные модальные значения и разнообразные семантические оттенки вопросительных частиц особенно наглядно проявляются в вопросительных отрицательных риторических предложениях. Достаточно широко распространено в языке употребление вопросительной частицы **магар** при выражении значения отрицания, причем, сфера ее употребления не ограничивается повествовательными предложениями. Она часто наблюдается также в вопросительных отрицательных риторических предложениях. Слово **магар** является полисемантичным, и каждое из его значений выявляется в определенных синтаксических моделях соответственно содержанию предложения. Так, в повествовательных предложениях **магар** выступает в двух функциях: 1] как предлог в значении **ҷуз – кроме, исключая** и 2] в функции модальной единицы, выражающей оттенок вероятности и совпадающей со словами и конструкциями **шояд, шояд ки, мумкин аст ки, аҷаб не.** В группе вопросительных отрицательных риторических предложений вопросительная частица **магар,** не имеющая всех этих особенностей, выражает вопрос и с помощью вопросительной интонации придаёт отрицание предложениям, по форме утвердительным: Корро ту кардию онҳо аз тақдир менолиданд. **Магар** доғи дили модарро **шуста мешавад**?! [15,234]. — Дело сделал ты, а они сетовали на судьбу. Разве можно исцелеть боль сердце матери?! Дар ин ҳолат **магар** аз гулӯи одам **хӯрок мегузарад**?! [13, 197]. — Разве в таком состоянии может пролезть что-что в горло?!

В таджикском языкознании уже отдельные учёные, в числе которых были Б. Ниёзмухаммедов, Р. Гаффоров и М.Н.Косимова, приводили фрагментарные сведения о слове **магар**. В частности, Б. Ниёзмухаммедов в процессе анализирования средств выражения вопросительных предложений, слова **магар** и **наход** назвал «частьями выражающими оттенки» [ҳиссаҳои тобишдиҳанда], т. е. подчеркивал их модальность [18, 96].

А также А. Халилов упоминает об оттенке усиления и несогласия, вносимом вопроси-тельной частицей **магар** [26, 67-70].

Каждое вопросительное средство выражения отрицания, независимо от того, знаменательная это часть речи или служебная, обладает своим значением, выражая отдельное понятие. Вместе с тем каждое слово, в зависимости от места, цели высказывания, содержания текста и интонации, создаёт новые оттенки, расширяется сфера его употребления и, наконец, функционально и семантически совпадает или становится синонимом других языковых единиц. Этими особенностями, подобно другим средствам выражения риторического вопроса обладает и вопросительная частица **магар**. Следует здесь отметить один весьма важный факт: функциональное и семантическое совпадение слова **магар** с морфологиче-скими и лексическими единицами связано также со сказуемым предложения. Для определе-ния того, к какой из грамматических или лексических единиц выступает синонимом вопросительная частица **магар**, имеет значение то, в какой временной форме выступает предикативный центр предложения. Так, слово **магар** при употреблении сказуемого в форме настоящего-будущего времени в основном совпадает по значению с формообразующим префиксом **на-**: **Магар** бо ин дили шефтаи ҷавони шонздаҳсола **осуда мешавад, таскин меёбад**?[5, 62.] . – Разве этим успокоится влюбленное сердце шестнадцатилетней юноши? **Магар** бо «бахшидам» гуфтан ҷароҳатҳо **даво меёбанд**?! [19-№8, 20]. Разве сказов «я тебя простил» можно вылечить раны?! Магар гап дар дили ҷинси зан мепояд? [1, 47].— Разве род женский может тайну хранить? **Магар** сардухтур аз ҷараёни корҳои табобат **дур мемонад**?! [19-№ 3, 80]. — Разве главный врач стоит в стороне от процесса лечения?!

То, что частица **магар** совпадает по значению с префиксом **на-**, особенно наглядно видно, когда основная, предикативная ось выступает в форме аориста прошедшего длительного [или несовершенного] времени.

При синонимичности с префиксом **на-** слово **магар** реже употребляется в первичной форме и чаще — с прошедшим длительным временем. В таких предложениях значение отрицания ощущается более категорично: Кори рӯзгор **магар тамомшавӣ дорад? [** 19- № 8, с.17]. — Разве делам житейским есть конец? Магар ин хел инсонро аз ёд мебарорӣ?[1, 71]. — Разве такого человека забудешь?

В тех случаях, когда сказуемое вопросительного отрицательного риторического предложения выражено именной частью речи, слово **магар** совпадает по значению с вспомогательным глаголом **нест** и частицей **не**, поскольку эти два слова как служебные выступают только в именных глаголах: **Магар** ин **гуноҳ аст**?[14, 74] . – Разве это грех? Якбора бе ҳеҷ сабаб ғайб задани як бачаи бардаму сип-сиҳати дувоздаҳсолаи мактабхон **магар** барои модар **осон аст**?! [16, 5]. Разве легко для матери неожиданное, без всякой причины исчезновение двенадцатилетнего здорового, школьника?! **Магар** шуморо **аз ёд баровардан мумкин аст**? [27, 75]. — Разве можно вас забыть? Аммо ба вай **магар гап маъқул кунондан осон аст**? [27, 8]. — Разве легко убедить его?

Вопросительная частица **магар** в вопросительных отрицательно-риторических предложениях выражает значение отрицания с модальными оттенками *приблизительности, сомнения, возражения, несогласия, категоричности, запальчивости, гнева*:

–Чаро тарсам? Магар аз падари худ метарсам? - гуфтам дар ҷавоб[2, 109] . – Почему мне боятся? – Разве я боюсь своего отца? – ответил я**.**

- **Магар** туро **ман** ба пеши ҷаноби Қорӣ **фиристодам**? - гуфта пурсид ноиб ба сухан ҳамрох шуда [3, 117]. – Разве я послал тебя к господину Кори?- спросил наместник присоединяясь к разговору. **Магар** аз ин ҳам зиёдтар **ноинсофӣ мешавад**, ки ман дар ҳар сад танга дар моҳе ба се танга қаноат карда гардаму ӯ аз болои пули ман дар ҳар сад танга шаш танга мехурад [3, 133]. – Разве может быть большей несправидливости, если я буду давольствоваться тремя монетами за каждые сто монет в месяц, а он с моих денег будет имешь шесть монет за каждые сто монет?

– Ман **магар гапи бечо задам**? [4, 325]. — Разве я сказал что-нибудь неуместное? Ман **магар** ба шумо **даллагӣ мекунам**? — гуфт ҷавони посбон оташинона [2, 251]. — Я, что же, для вас занимаюсь сводничеством? — сказал запальчиво молодой сторож.

Для выражения различных значений и напряженности речи и отрицания слово **магар** может выступать в разных позициях, т-е. оно располагается и в начале, и в середине, и в конце предложения [после сказуемого]. Более постоянным местом этого вопросительного риторического средства является преимущественно начало и середина предложения: **Магар** ин хел инсонро **аз ёд мебарорӣ**? [1, 71]. – Разве можно забыть такого человека? **Магар** сӯги дили ман **поён дорад**?! [24, 29]. Разве горе мое имеет предел?! Раҳпойӣ? Шабзиндадорӣ? **Магар зиндагӣ ҳамин аст**?[6, 108] . – Ожидание. Бессонные ночи. Разве это жизнь? Вале ӯ, Фирдавсӣ**, магар** инро ба вазири султон **гуфта метавонист**? [22, 201] . — Однако он , Фирдоуси, разве мог об этом сказать везиру султана? Аммо бо гиряву фиғон **магар** дарду алами зани сиёҳбахт **дармон меёфт**?[1, 25] . — Но разве можно рыданием утещить горе и печаль несчастной женщины? Уро марги падараш обу адо карда буд. Мусибати дигарро **магар тоб оварда метавонист**?! [1-№ 1, 50]. — Его убила смерть отца. Разве мог он вынести ещё одно горе?!

Употребление слова **магар** в финальной части предложения носит как бы дополнительный характер создавая тем самым впечатление , что предложение состоит из двух вопросов, которые усиливают друг друга. Это дополнительное значение, которое выражает слово **магар** со значением отрицания, яснее

проявляется именно тогда, когда оно находится в препозиции к сказуемому. Так, дополнительные значения *возражения, горячности, язвительности* и т.п. очень хорошо прослеживаются в приводимых ниже предложениях: Аммо Таҳамтан **магар метавонист** интиқоми Бежанро аз Афросиёб нагирифта **баргардад**? [23, 28]. – Разве Тахамтан не отомстив Афрасиябу за Бежана, мог возвращаться? Аз ин ҳам суҳбати нозебтар шуда метавонад **магар**? [14, 336]. — Разве может быть более неинтересная беседа, чем эта? -- Ёдат ҳаст? — Ҳа-а-аст... **Магар** ин чизҳо **аз ёди кас меравад**?[20, 283] . – Ты помнишь? – По-омню... – Разве всё это забывается?

Поскольку значение вопросительной частицы **магар** является обширным, она иногда принимает пояснения, которые определяют её различные смысловые оттенки и усиливают её основное значение, т.е. отрицание. Пояснения, в основном употребляются в форме отрицания и усиливают отношение говоряшего, выражаемое посредством вопросительной интонации, и способствуют его большей выразительности: **Магар** чунин воқеаро **бофтаву фикр карда мешавад**? Дар сад сол ба сари чун туеву чун мане чунин кор намеояд[6,181]. — Разве можно такое событие выдумыть или сочинить? За сто лет ни таким как ты и как я, в голову не придут такие мысли.**Магар** хонандае **дорам**? **Надорам**[24, 236].. **Магар** шуморо аз ёд баровардан мумкин аст? **Ҳаргиз мумкин нест**. [27, 75]. — Разве можно забыть вас? Никак нельзя.

Вопросительная частица **магар** с союзом **ки** может образовать форму **магар ки.** Это больше характерно для индивидуального стиля в языке поэзии и связано с метрикой?

Шармандаам макун, ди бигиру маро бисӯз,
Яъне чӣ ман **магар ки** зи парвона камтарам?
Изнам бидеҳ, ки зулфи туро оварам ба чанг,
Эй бевафо, **магар ки** ман аз шона камтарам?[12, 175].

Не стыди меня, а возьми и сожги,
Разве что я меньше, чем мотылёк?
Разреши мне охватить твой локон,
О неверная, разве я меньше стою, чем гребенька?.

Вопросительная частица **наход//наход ки** в основном используется для образования обычных вопросительных предложений. В таких предложениях вопрос выражается с оттенком удивления и сомнения: **—** **Наход** мағали мардуму мошинаҳо ва кӯфтагии роҳ ӯро ба ин ҳолат **расонида бошанд**? [14, 102]. — Неужели его привели в такое состояние шум да гомон людей и машин и дорожная усталость? — Намебинӣ, ки ман дар ҳачри ту ба чӣ ҳол афтодаам? **Наход** ту инро **ҳис накарда бошӣ**? [27, 265]. — Разве ты не видишь в какомя состоянии оказался в разлуке с тобой? Неужели ты не чувствуешь этого?

Эта частица не только способна выражать обычный вопрос, она имеет и другую особенность, а именно, хотя и редко, выражает риторический вопрос и образует отрицательное предложение. Вопросительные отрицательно-риторические предложения, образованные с помощью частицы **наход//наход ки**, значение отрицания выражают с модальными оттенками *категоричности, обиды, безнадёжности и отчаяния*, *подозрительности, недоверия, удивления и изумления*. В них ясно показывается отношение говорящего к высказываемой мысли, выразительнее проявляется его чувства. В этой функции **наход//наход ки** употреб-ляется реже, чем вопросительная частица **магар**, но чаще чем **-чӣ** и **-а:** Ман **наход** нааңде-шида **коре кунам**?! [19-№ 3, 8]. — Неужели я сделаю что нибудь необдуманно?! **Наход** аз деҳа ин қадар роҳи дарозро нисфишабӣ тай карда, барои ҳамин **омада бошад**? [5,56]. – Неужели ради этого он проделал такой долгий путь в полночь из деревни? - **Наход**?! – тааҷҷуб намуд Наим. - Ҳоло барвақт- ку?! [5, 62]. – Неужели?! – удивился Наим. – Ещё ведь рано?! **Наход** кас дар остони ҳаҷ истода **дурӯғ гӯяд**? [14, 48] . — Неужели находясь на пороге хаджа, человек может лгать? Дар ҳар сурат шикамам сер, танам бутун... – **Наход** инсон … фақат **ғам**и шикамашро **хӯрад**! [23, 227]. —

Наход//наход ки находит применение в сосотаве только таких вопросительных риторических предложениях, сказуемое которых образованно из формы аориста глаголов:

– Наход ки бе розигии ту кунам? — гуфт модар [10, 82]. — Неужели я сделаю это без твоего согласия? — сказала мать. **Наход ки** ба ҳамаи ин ман **гунаҳкор бошам**?[20,235] . — Неужели во всем этом я виноват? **Наход ки** интиҳояш **ҳамин бошад**? [20, 243] . — Неужели это и есть конец?

Вопросительная частица **-а** в качестве риторического вопроса при выражении отрицания в модели вопросительных отрицательно-риторических предложений, по сравнению с другими вопросительными словами этого же ряда, употребляется крайне редко и отличается от частиц **магар, наход, -мӣ, оё** одной своей особенностью: она может самостоятельно выполнить функцию отрицательного сказуемого. Поэтому она занимает только одну устойчивую позицию — в конце предложения. Частица **-а** преимущественно в монологах реже в разговоре. В отличие от других вопросительных частиц, находясь вне контекста она не может выражать значения отрицания. В качестве примера мы приводим развёрнутый контекст:

— Ҳамин Мирзошариф кӣ буд? Як сағираи дарбадар, шикамаш аз нони мардум сер... Лекин аз рӯйи феълу ҳунари хубаш ба дову дастгоҳ расид.

—Ҳамаи ин гапи беҳуда, — ғур-ғур мекунанд баъзе кӯрдилон.

—Ҳунар –**а**?! Дигар устоҳо ҳам аз Мирзошариф як сари мӯй кам нестанд, лекин пишакашон аз гуруснагӣ болои бом мегардад. Гап дар сари рӯзӣ. Ҳм, одам барӯзӣ бошад, сагаш дастёраш мешавад [19- № 6, 7].

—Кем был этот Мирзошариф? Сирота, скитавшийся по домам и питавшийся там у людей…. Но благодаря своим способностям добился ремесла.

Все это —пустые разговоры, — ворчат некоторые недоброжелатели.

—Способности -а?! Другие мастера ни на волосок не хуже Мирзошарифа, но кошки их от голода по крышам бродят. Всё дело в судьбе. Гм, если человек удачливый, то ему и собака помощник.

– **Дурӯғ будааст-а**? Пеши раисат арӯс шуда омадӣ.

– О номусулмон, ба ту чӣ хел фаҳмонам... ?[20, 424] . — Это ложь -а? К своему председателю пришла нарядившись как невестка.

– О негодяй, как мне тебе объяснить это?

— «Кӣ беҳунар? Ҳанӯз нисфи ҳунарамро нишон надодаам. **Беҳунар-а**!» – Тош шӯрид худ ба худ.[8, 226]. —»Кто бездарный? Я ещё не показал половину своего мастерства. Бездарный - а! – Воскликнул Тош про себя.

– **Ризо бикун-а**! У бояд ба ман хушомад гӯяд, ки духтарашро дар хонаам роҳ додаам [8, 25]. — Уговаривай –а! Он должен льстить мне, что я впустил его дочь в свой дом.

– Ҳамин хел орзу кардааст-а? Ин хел бошад, ӯро куштан кам аст.[занони сабз. , 188]. —

Надо отметить, что в модели вопросительных отрицательно-риторических предложений, вопросительная частица –**а**, находясь в своей устойчивой позиции – в конце предло-женеия, иногда требует частицу **наход**, где они усиливая риторический вопрос выражают значение отрицания с оттенками *сомнения и обиды*: – **Наход** ҳамин якгӯши оқипадар мани гулғунчаи тарро **талоқ кунад-а**? [8, 195]. Неужели этот проклятый одноухий мне развод даст – а?

Что касается вопросительной частицы **оё** и **-мӣ** в значении отрицания, то следует отме-тить ограниченность их употребления. Как средство риторического отрицательного вопроса **оё** в основном наблюдается в описательной речи писателей. В таких предложениях, совпадая по значению с отрицательным префиксом **на-**, частица **оё**, в зависимости от контекста, выражает отрицание с дополнительными оттенками *удовлетворения, сомнения, нравоучение, неуверенности, совета и радости*: **Оё** … аз онҳо дил канда баромада омадан **осон аст**?[17, 205] . — Легко ли отказываясь от них и уйти? **Оё** онҳо ба ин **тайёранд**? [17,119]. — Готовы ли они к этому? **Оё** вай монанди

падару бобоҳояш ҳамеша **зирак буд, чорасоз ва оқил буд**. Не албатта [21, 88]. – Был ли он, как его родители и деды, всегда умным, решительным и мудрым? Нет конечно. **Оё** кас барои чанд танга дидаву дониста, худро **ба гирдоб мезанад**? [21, 118] . – Броситься ли человек сознательно в водоворот из-за нескольких монет? Ғайр аз ин **оё** сухан **метавонад** ғами инсонро пурра **таскин бахшад**? Не-е-е… [21,519] . – Но разве слово может избавить человека в полной мере от печали? Не-е-е… . Худаш **оё беосеб мемонад**? Он дафъа дасташро зада шикаста буданд [21, 168] . – Останется ли он без травмы? Тогда его руку сломали. **Оё** бори дигар сурати ӯро **медида бошад**? Не, аз афти кор... намебинадаш. Ҳаргиз! [21,356] . – Увидит ли он когда-нибудь его лицо? Нет, конечно... он не увидит её. Никогда.

Частица **-чӣ** будучи атрибутом разговорного языка, характеризуется большой употребительностью по той причине, что она полисемантична. Так, Р. Гаффаров, указав на некоторые её функции, отмечает, что она больше употребляется для выражения *желания* и *предложения*, чем для вопроса. [9, 159].

Вопросительная частицы **-чӣ**, кроме указанных ниже функций, выражает также значение отрицания. При выполнении функции отрицания она располагается только в финаль-ной части предложения и в этом случае, как и частица **наход**, употребляется с формой аориста. Будучи равнозначной формообразующему префиксу **на-**, она выражает отрицание с семантическим оттенком *сомнения* и *предложения*, а также *неизбежности*:

— Чаро акнун одамонро намезанед? Акнун ҳам одамонро **занед-чӣ**? Канӣ, бинам, читу [чӣ тавр] мезанед! [3, 545]. — Почему вы сейчас не бьете людей? Попробуйте теперь бить людей? Посмотрим, как вы бить будете!

4.3. Modal Verbs/Phrases: proceeding from the assumption of the adduced-examples one can assert that certain English modal verbs and phrases, such as: *might, could, God forbid, I hope not, I pray that...haven't,* and *is it possible that* are resorted to express the rare degrees of possibility, fear, hope, or desire dealing with the potentiality introduced by *mabodo*. The relevant linguistic event can effectively bear the emotional weight or the speaker`s attitude to the hypothetical situation. For instance, the interjection *God forbid* displays a high degree of concentration and frequently corresponds to contexts in which the Tajik modal particle *mabodo* denotes profound uneasiness or a fervent desire to avert a catastrophic event. Nevertheless, these expressions may not consistently involve the prophylactic dimension frequently inherent in the particle under comparison.

4.4. Conjunctions: The most frequently used conjunction in the translational process is *lest.* While *lest* bears the sense of preventing an undesirable outcome, it is a rather formal and archaic word in modern English. Its usage is often restricted to literary or highly formal contexts. While it can be a suitable equivalent in certain cases, particularly in written texts that aims at the more elevated style, and it can sound out of place or unnatural in more colloquial or contemporary settings. Other conjunctions like *so that...not* can sometimes be resorted to, but they might not always fully highlight the potentiality of *mabodo*.

4.5. Verbs/Phrases Expressing Fear, Avoidance, or Precaution: The relevant strategies directly provide the underlying emotion or motivation concerning the modal particle *mabodo*. The following adduced examples, such as *feared, fearing, to avoid, to prevent,* and *making sure that* include these features. The above-mentioned words and phrases might reveal the element of hypothetical possibility that *mabodo* often implies in Tajik. In reference to it, they focus on the internal state or the action taken rather than the potential external event being guarded against.

4.6. Challenge Faced in the Translational Process:

The core challenge while translating *mabodo* lies in its functions to condense multiple shades of meaning into a single particle. At the same time, the particle under consideration simultaneously expresses possibility, negativity (undesirable outcome), and a proactive stance (warning, precaution, avoidance) in Tajik. On the other hand, its English equivalents tend to distribute these semantic components across different words and phrases in English. This can lead to a loss of conciseness and, more importantly, a potential shift in pragmatic force.

For instance, the imperative construction like *Don't do X* might determine the element of hypothetical possibility presented in *mabodo*. Apparently, the phrase like *feared that Y might happen* might lay an emphasis upon the idea of the emotion of fear at the expense of precautionary intent.

Adducing the results of the conducted comparative analysis beset with the theme explored one can come to the conclusion the above-mentioned examples and facts reveals the rich and multifaceted feature of modal expression in the compared languages. Into the bargain, the modal particle under study serves as an appropriate pattern of how a single particle can reveals a complex semantico-pragmatic shades of meaning. While its English equivalents provides a range of strategies to approximate these meanings, the translation process often highlights a delicated balancing act striving to maintain both semantico-functional peculiarities.

The consideration of *mabodo*, therefore, not only bears the particular features in Tajik, but also provides crucial insights into the broader challenges of cross-linguistic communication, while dwelling on certain elements that are profoundly embedded in English, in particular. Further research applying a wider range of texts and proofs is essential to carry out a more comprehensive comprehension of the particle in question and to refine our feedbacks concerning how its subtle meanings can be effectively occurred in the translation process.

СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ

1. Айнӣ, С. Ғуломон. Роман / С. Айнӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2019. – 488 с.
2. Ayni, Sadriddin. Temur Malik / Sadriddin Ayni. – Tajik People`s Hero. Muqanna`s Rebellion. Translation into English and introduction by Professor Abdusalom Mamadnazarov. – Dushanbe: R-graph, 2022. – 156 p.
3. Ashrapov, B.P. Pearls of One Lexicographer's Thoughts / B.P. Ashrapov // Stephanos. – 2024. – No. 5(67). – P. 163-170. – DOI 10.24249/2309-9917-2024-67-5-163-170.
4. Ashrapov, B.P. The Level of Usage of Particles in the historical work entitled as «Tuhfat-ul-khoni» by Muhammadvafoi Karminagi / B.P. Ashrapov // Филологический аспект. – 2022. – No. 3(83). – P. 136-141. – EDN XETGHI.
5. Cancho, R.F. i, & Reina, F. (2002). Quantifying the Semantic Contribution of Particles. Journal of Quantitative Linguistics, 9(1), 35–47. https://doi.org/10.1076/jqul.9.1.35.8483
6. Cook, P., & Stevenson, S. (2006, July). Classifying particle semantics in English verb-particle constructions. In Proceedings of the Workshop on Multiword Expressions: Identifying and Exploiting Underlying Properties (pp. 45-53).
7. Касымова, М.Н. История таджикского литературного языка (IX-X вв.) / М.Н. Касымова. – Душанбе, 2003. – Т.1. – 490 с.

8. Мамадназаров, А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. – Душанбе: Эр-граф, 2021. – 1016 с.
9. Mamatov, J. Tajik-English Dictionary / J. Mamatov, S. J. Harell, K. Kehoe, K. Khodjibaev. – Dunvody Press, 2005. – 741 p.
10. Халилов, А. Ҳиссачаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик / А. Халилов. – Душанбе: Дониш, 1977. – 144 с.
11. Zhang, D. Towards a discourse semantic characterisation of the modal particles in Khorchin Mongolian: A case study of an interaction. Journal of Pragmatics, 2020. 158, 13-32.

References

12. Aini, Sadriddin. Temur Malik – Tajik People`s Hero. Muqanna`s Rebellion. Translation into English and introduction by Professor Abdusalom Mamadnazarov. – Dushanbe: R-graph, 2022. – 156 p.
13. Ashrapov, B.P. The Level of Usage of Particles in the historical work entitled as «Tuhfat-ul-khoni» by Muhammadvafoi Karminagi // Филологический аспект. – 2022. – No. 3(83). – P. 136-141. – EDN XETGHI.
14. Cancho, R. F. i, & Reina, F. (2002). Quantifying the Semantic Contribution of Particles. Journal of Quantitative Linguistics, 9(1), 35–47. https://doi.org/10.1076/jqul.9.1.35.8483
15. Cook, P., & Stevenson, S. (2006, July). Classifying particle semantics in English verb-particle constructions. In Proceedings of the Workshop on Multiword Expressions: Identifying and Exploiting Underlying Properties (pp. 45-53).
16. Kosimova, M.N. The History of the Tajik literary language (IX-X centuries). - Dushanbe, 2003. - V.1. - 490 p.
17. Mamadnazarov, A. English-Tajik Dictionary. Dushanbe: Er-graf, 2021. 1016 p.
18. Mamatov, J. Tajik-English Dictionary / J. Mamatov, S. J. Harell, K. Kehoe, K. Khodjibaev. - Dunvody Press, 2005. - 741 p.
19. Khalilov, A. Particles in modern Tajik literary language. – Dushanbe: Donish, 1977. 144 p.
20. Zhang, D. (2020). Towards a discourse semantic characterisation of the modal particles in Khorchin Mongolian: A case study of an interaction. Journal of Pragmatics, 158, 13-32.

COMPARATIVE ANALYSIS OF SEMANTICO-FUNCTIONAL PECULIARITIES OF THE TAJIK MODAL PARTICLE MABODO AND ITS ENGLISH EQUIVALENTS

The given article dwells on the comparative analysis of semantico-functional peculiarities of the Tajik modal particle mabodo and its English equivalents. Applying the comparative approach, the author of the article analyzes the diverse pragmatic functions of mabodo in context, including its role in expressing modality, politeness, and speaker attitude. Corpus linguistic methods quantify its usage frequency, while a contrastive analysis with English highlights similarities and differences while determining these pragmatic meanings. The study reveals that mabodo, although occur 14 times totally, and this particle demonstrates a rich functional range. The analysis discloses the challenges faced while translating its English equivalents, and reveals how the complex interplay of syntax, semantics, and pragmatics promotes the narrative`s affective depth and stylistic richness. The findings shed light on the cross-

linguistic expression of modality and contribute into a deeper understanding of semantico-functional peculiarities of mabodo in Tajik and English.

Keywords: *comparative analysis, translation, semantics, modal particle of mabodo, semantico-functional peculiarities, expression of modality, linguistic methods.*

ТАҲЛИЛИ ҚИЁСИИ ВИЖАГИҲОИ СЕМАНТИКӢ-ФУНКСИОНАЛИИ ҲИССАЧАИ МОДАЛИИ ТОҶИКИИ «МАБОДО» ВА МУОДИЛҲОИ АНГЛИСИИ ОН

Мақолаи мазкур ба таҳлили қиёсии вежагиҳои семантикӣ-функсионалии ҳиссачаи модалии тоҷикии «мабодо» ва муодилҳои англисии он бахшида шудааст. Муаллиф бо истифода аз равиши муқоисавӣ вазифаҳои гуногуни прагматикии ҳиссачаи мазкурро дар матн, аз ҷумла, нақши он дар ифодаи модалият, ҳусни байн ва муносибати гуянда таҳлил кардааст. Усулҳои лингвистии таҳқиқоти мазкур басомади истифодаи онро муайян мекунанд, дар ҳоле ки таҳлили қиёсӣ бо забони англисӣ умумият ва тафовутро дар муайян кардани ин маъноҳои прагматикӣ таъкид мекунад. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки «мабодо» ҳарчанд ки ҳамагӣ 14 маротиба мавриди истифода қарор гирифта бошад ҳам, доираи функсионалии он васеъ мебошад. Таҳлил душвориҳои дар тарҷумаи муодили англисии он бамиёномадаро ошкор намуда, нишон медиҳад, ки чӣ гуна таъсири мутақобилаи мураккаби синтаксис, семантика ва прагматика ба умқи эҳсосотӣ ва боигарии услубии ривоят мусоидат мекунад. Натичаҳо ба баёни байнизабонии модалӣ равшанӣ андохта, барои амиқ дарк кардани вежагиҳои семантикӣ-функсионалии ҳиссачаи модалии тоҷикии «мабодо» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мусоидат мекунанд.

Калидвожаҳо: *таҳлили қиёсӣ, тарҷума, семантика, ҳиссачаи модалии «мабодо», вежагиҳои семантикӣ-функсионалӣ, ифодаи модалият, усулҳои забоншиносӣ.*

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ СЕМАНТИКО-ФУНКЦИОНАЛЬНЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ ТАДЖИКСКОЙ МОДАЛЬНОЙ ЧАСТИЦЫ МАБОДО И ЕЕ АНГЛИЙСКИХ ЭКВИВАЛЕНТОВ

В данной статье рассматривается сравнительный анализ семантико-функциональных особенностей таджикской модальной частицы мабодо и ее английских эквивалентов. Применяя сравнительный подход исследования, автор статьи анализирует разнообразные прагматические функции мабодо в контексте, включая ее роль в выражении модальности, вежливости и отношения говорящего. Корпусные лингвистические методы количественно определяют частоту ее использования, в то время как сопоставительный анализ с английским языком выделяет сходства и различия при определении этих прагматических значений. Исследование показывает, что мабодо, хотя и встречается всего 14 раз, демонстрирует богатый функциональный диапазон. Анализ раскрывает трудности, возникающие при переводе ее английских эквивалентов, и показывает, как сложное взаимодействие синтаксиса, семантики и прагматики способствуют эмоциональной глубине и стилистическому богатству повествования. Результаты проливают свет на кросс-лингвистическое выражение модальности и способствуют более глубокому пониманию семантико-функциональных особенностей мабодо в таджикском и английском языках.

Ключевые слова: *сопоставительный анализ, перевод, семантика, модальная частица мабодо, семантико-функциональные особенности, выражение модальности, лингвистические приемы.*

Information about the authors: Ashrapov Bahodurjon Pulotovich, Candidate of Philological Sciences, Senior Lecturer of the Department of English Language, Faculty of Oriental Languages, SEI «Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov», Address: 735700, Tajikistan Republic, Khujand-city, Mavlonbekov 1. E-mail: bahodur.ashrapov@mail.ru, Tel.: +992929088344

Huseynova Manizhakhon Farrukhovna, a first-year master`s degree student of the Department of English Language, Faculty of Oriental Languages, SEI «Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov», Address: 735700, Tajikistan Republic, Khujand-city, Mavlonbekov 1. E-mail: bahodur.ashrapov@mail.ru, Tel.: +992927649093.

Дар бораи муаллифон: Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович – н.и.филол., муаллими калони кафедраи забони англисии факултети забонҳои шарқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Мавлонбеков 1. E-mail: bahodur.ashrapov@mail.ru, Тел.: +992929088344

Ҳусейнова Манижахон Фарруховна – магистранти бахши аввали кафедраи забони англисии факултети забонҳои шарқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Мавлонбеков 1. E-mail: bahodur.ashrapov@mail.ru Тел.: +992927649093

Сведения об авторах: Ашрапов Баходурджон Пулотович – кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры английского языка факультета восточных языков ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова», Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, Мавлонбекова 1. E-mail: bahodur.ashrapov@mail.ru, Тел.: +992929088344

Хусейнова Манижахон Фарруховна – магистрант 1-ого курса кафедры английского языка факультета восточных языков ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова», Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, ул. Мавлонбекова, 1. E-mail: bahodur.ashrapov@mail.ru, Тел.: +992927649093

ТДУ: 81.373.21

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЗАБОНШИНОСӢ

Наргис Ҳошимова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Воҳидҳои фразеологӣ захираи бузург ва гаронбаҳои ҳар як забон ба ҳисоб мераванд. Онҳо, бешак, дастоварди бемисл ва ганҷинаи тамомнашавандаи маънавии ҳар халқу миллат мебошанд. Воҳидҳои фразеологӣ на танҳо воситаи ифодаи маъно, балки инъикосгари таърихи забон, марҳалаҳои рушди он, анъанаву одатҳо, тамаддун, ҷаҳонбинӣ ва

таҷрибаи халқ мебошанд. Дар воҳидҳои фразеологӣ хулқу атвори халқ, дарки ҳақиқат, зеҳну фаҳмиш ва маҳорати сухангустарии миллат таҷассум ёфтааст. Воҳидҳои фразеологӣ чун воҳиди забон ба интиқоли ҳиссиёту эҳсосоти гӯянда, ҳадафрасу равшан ва пурқувват намудани мақсади ӯ хизмат менамоянд. Барои фасеҳу пуробуранг намудани асар адибон низ онҳоро ба таври фаровон ба кор мебаранд, зеро барои тасвири воқеият ва ҳадафрасу типӣ гардонидани нутқи қаҳрамонон ибораҳои озод кифоягӣ намекунанд. Барои ҳамин аҳаммияти воҳидҳои фразеологиро дар забон дарк намуда, муҳаққиқон ба омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи он пардохтаанд.

Ибораҳои устувор ё маъмулӣ диққати олимону донишмандонро кайҳо боз ба худ ҷалб намудаанд. Ҳарчанд ҷанбаи амалӣ, яъне ҷамъоварии онҳо чандин аср қабл аз замони мо оғоз гардида бошад ҳам, омӯзиши назариявии онҳо дертар шуруъ шуд.

Нақши фразеологизмҳо дар ғанӣ гаштани таркиби луғавии ҳар як забон бағоят бузург аст. Яке аз вижагиҳои воҳидҳои фразеологӣ истифодаи фарохи онҳо ҳам дар нутқи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ мебошад. Олимони асримиёнагии тоҷику форс ба монанди Закариёи Розӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Насириддини Тӯсӣ, Шамси Қайси Розӣ, Амир Хусрави Делавӣ ва дигарон доир ба масоили забоншиносӣ ҳам таълифоти илмӣ ба миён овардаанд, ки бештарашон ба грамматика –ҳиссаҳои нутқ ва фонетика бахшида шудаанд, аммо доир ба воҳидҳои фразеологӣ пажуҳиши мукаммале мушоҳида намешавад.

Ибораҳои рехта бештар дар фарҳангҳои асримиёнагӣ сабт ва шарҳ дода шудаанд. Воҳидҳои фразеологӣ дар ин луғатҳо бо истилоҳоти гуногун ном бурда шудаанд. Аз ҷумла, истилоҳоти *киноёт, истиорот, мураккабот, таркибот, истилоҳот, мусталеҳот* барои ифодаи навъҳои гуногуни воҳидҳои фразеологӣ ба кор бурда шудаанд.

Муҳаққиқони гузаштаи мо танҳо бо сабти бевоситаи воҳидҳои фразеологӣ қаноат накарда, доир ба сохт ва маънои ибораву ифодаҳои алоҳида, гунаву муродифоти онҳо ва шаклҳои гуногуни истеъмолашон низ маълумот додаанд. Аз ин лиҳоз, дар таҳқиқи масоили гуногуни фразеологияи тоҷик таҷрибаву корҳои онон аҳаммияти бузурги илмиву амалӣ дорад.

Омӯзиши назарияи фразеология танҳо аз ибтидои садаи XX оғоз шуд. Забоншинос Ш. Балли бори аввал назарияи онро пешниҳод намуда, чор навъи ибораҳоро муқаррар намуд:

1) ибораҳои озод (les groupments libres), ибораҳое, ки устувор нестанд ва пас аз сохта шудан аз ҳамдигар боз ҷудо мешаванд;

2) ибораҳои маъмулӣ (les groupments usules), яъне ибораҳое, ки нисбатан пайванди озод доранд;

3) қаторҳои фразеологӣ (les series phraseologiques), яъне гурӯҳи калимаҳои ба ҳам омехташуда, ки як мафҳумро ифода мекунанд;

4) ягонаҳои фразеологӣ (les unites phraseologiques) ибораҳое, ки калимаҳои таркибиаш маънои худро куллан аз даст дода, як мафҳуми воҳид ва тақсимнашавандаро ифода мекунанд.

Таъриф ва ворид намудани истилоҳи нав бо номи «фразеология» дар забоншиносии муосир аз тарафи олимони амрикоиву аврупоӣ қабул нагардид. Новобаста ба ин, таълифоти Ш. Балли барои ба таври амиқ ва густурда омӯхтани фразеология заминаи хубе ба вуҷуд овард. Пас аз ин, як қатор забоншиносон ба омӯзишу пажуҳиши воҳидҳои фразеологӣ пардохтанд. Аз ҷумла забоншиноси англис Логан Пиерсалл Смит китоби илмии «English idioms»-ро (1925) роҷеъ ба воҳидҳои фразеологии забони англисӣ таҳия намуд. Нақши Л. П. Смит дар таҳаввули фразеологияи забони англисӣ чашмрас аст. Мавсуф диққати худро махсусан ба таҳқиқи сохтори луғавии воҳидҳои фразеологӣ, хосиятҳои сохторӣ-семантикии воҳидҳои фразеологӣ ва идиомаҳои луғавӣ равона намудааст.

Ба таҳқиқ ва омӯзиши масоили мухталифи фразеология олими аврупоӣ – забоншиноси испонӣ Х.Касарес пардохтааст. Мавсуф ҳамаи ибораҳои фразеологиро ба се навъ тасниф намудааст:

1) ибораҳои номӣ;
2) ибораҳои феълӣ;
3) зарбулмасал ва мақолҳо.

Ақидаи забоншинос оид ба таҳқиқи зарбулмасалу мақолҳо чун яке аз навъҳои воҳидҳои фразеологӣ ҷолиби диққат аст. Таҳқиқоти Х. Касарес ва Л.П. Смит, бешак, фарогири маводи зиёди аёнӣ буда, дар заминаи онҳо андешаҳои ҷолибе иброз гардидаанд. Сарфи назар аз арзиши баланди илмиашон ин таҳқиқҳо хосияти тавсифӣ доранд. Забоншиноси даниягӣ О.Есперсен дар таъини масъалаи рехташавии калимаҳо ва устуворшавии онҳо саҳми босазо гузоштааст. Мавсуф дар китобаш «Фалсафаи грамматика» ҳамаи таркибҳои забонроба формулаҳо ва ибораҳои озод ҷудо намудааст [10, 74].

Ибораҳои озод дар нутқ ҳар дафъа шакли маъмулиро мегиранд ва гурӯҳи калимаҳои устувор, яъне «формула»-ҳо аз нав ташаккул намеёбанд, балки дар шакли тайёр такроран ба кор бурда мешаванд.

Дар забоншиносии англис ва амрикоӣ фразеология ҳамчун фасли мустақили забоншиносӣ эътироф нашудааст. Он дар фаҳмиши забоншиносони Аврупо воситаи ифодаи ҳиссиёту образнокии нутқ буда, ба нутқи гӯянда ва ё асари бадеӣ хос мебошад. Аз ин ҷост, ки масъалаҳои фразеология ба услубшиносӣ рабт дода мешавад.

Бештари асарҳои забоншиносони хориҷӣ фарогири масоили умдаи воҳидҳои фразеологӣ нестанд. Бештари онҳо хусусияти сатҳӣ дошта, дар байнашон танҳо таҳқиқоти Ш.Балли, Л.П. Смит ва Х.Касарес бо назардошти баъзе норасоиҳо барои муҳаққиқ ҳангоми пажуҳиш маводи хуб дода метавонад. Дар забоншиносии рус қабл аз таҳқиқҳои В.В. Виноградов дигар донишмандон низ ба омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. То замони ба миён омадани мафҳуми «фразеология» ибораҳои устувор ҷамъоварӣ ва дар шакли фарҳангҳо нашр мегардиданд. Аввалин маҷмуаи чопии онҳо ба асри XVIII рост меояд. «Маҷмуаи 4291 зарбулмасали қадимаи рус» соли 1770 аз ҷониби профессори Донишгоҳи Маскав А.А. Барсов омода гардид. Баъдан зарбулмасал ва мақолҳои русиро И.М. Снегирев, И.В.Дал, И.И.Илюстрова гирдоварӣ ва нашр намуданд.

Маҷмуаҳои М.И.Михелсон «Суханони нишонрас», «Забон ва тафааккури русӣ. Ҳуд ва бегона. Маҷмуаи калимаҳои образнок ва истиоравӣ» бо фарогирии миқдори зиёд ва навъҳои мухталифи воҳидҳои фразеологӣ куллан аз таълифоти олимони фавқуззикр тафовут дошт. Дар ин китоб М.И. Михелсон фразеологияро ба таври васеъ шарҳ медиҳад. Дар зери мафҳуми фразеология вай ҳамаи ифодаҳои маҷозиву киноявӣ, зарбулмасалу мақол, иқтибосҳои маъмулиро гирдоварӣ намудааст.

Таҷрибаи ҳуби таҳияи луғатҳои фразеологӣ бо чопи китоби «Қолабҳои сухан»-и Н.С. Ашукин ва М.Г. Ашукина идома меёбад.Дар ибтидои солҳои 50-ум луғатҳои бузургҳаҷми тафсирӣ таълиф гардиданд. Дар фарҳангҳои тафсирии ин солҳо воҳидҳои фразеологӣ танҳо дар заминаи вожаҳои калидии таркиби фразеологизмҳо шарҳ дода мешаванд. Албатта, имкони муайян намудани ҳаҷми воҳидҳои фразеологӣ ва таркиби онҳо дар ин китобҳо ғайриимкон буда, шаҳодати аз назари муаллифон дур мондани омӯзиш ва тафсири махсуси фразеологизмҳо мебошад. Воҳидҳои фразеологӣ дар забон ҷои махсусро дорост ва он бояд дар алоҳидагӣ аз лексика омӯхта ва шарҳу тавзеҳ дода шавад. Бо назардошти камбудиҳои ҷойдошта минбаъд дар таҳияи фарҳангҳо ба воҳидҳои фразеологӣ мавқеи алоҳида дода шуд.

Дар «Луғати тафсирии забони русӣ»-и Д.Н. Ушаков аллакай воҳидҳои фразеологӣ бо назардошти маъно ва услуб эзоҳ дода мешавад. Дар он шумораи зиёди воҳидҳои фразеологӣ ва ҳатто он навъи фразеологизмҳое, ки

баъдан В.В. Виноградов ҳамчун ягонаҳо ва таркибҳои фразеологӣ гурӯҳбандӣ мекунад, ворид гаштаанд.

Фарҳанги тафсирии зери таҳрири Д.Н. Ушаков барои ҷиддитар омӯхтани воҳидҳои фразеологӣ таъсири мусбат расонид. Дар таҳияи луғати мазкур академик В.В. Виноградов низ даст дошт. Нашриин китоб дар оянда зарурати омӯзиши амиқи воҳидҳои фразеологӣ ва ҳангоми навиштани фарҳангҳо ба воҳидҳои фразеологӣ диққати алоҳида зоҳир карданро ба миён овард. Пеш аз таълифот ва навиштаҳои В.Виноградов забоншиносони дигари рус мисли А.А. Потебня, И.И. Серезнёвский, Ф.Ф. Фортунатов, А.А. Шахматов, Е.Д. Поливанов мушоҳидаву андешаҳояшонро доир ба таркибҳои устувори забон иброз доштаанд.

Академик ва забоншиноси варзидаи рус В. Виноградов аввалин нафаре буд, ки масъалаҳои зиёди умумиро дар таҳқиқи ибораҳои устувори забони русӣ ба миён гузошт ва ҳал кард. Таҳқиқҳои баанҷомрасонидаи В. Виноградов арзиши баланди илмӣ дошта, то ҳол қимати худро аз даст надодаанд [9, 18].

Забоншиносони рус ва собиқ кишварҳои шуравӣ дар тӯли қариб 70 сол, яъне аз ибтидои солҳои 50-уми асри ХХ ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни воҳидҳои фразеологӣ пардохтанд. Онҳо на танҳо андешаҳои академик В.Виноградовро инкишоф доданд, инчунин баъзе мафҳумҳоро равшан намуда, тазаккур доданд, ки дар раванди баррасии воҳидҳои фразеологӣ ин ё он забон хусусиятҳои онро бояд ба назар гирифт.

Андешаву назарияи академик В.Виноградов бештар дар навиштаҳои А.И. Ефимов ҷамъбаст гардидаанд. А. Ефимов воҳидҳои фразеологиро ба 2 гурӯҳ тақсим намудааст: ба гурӯҳи якум, он воҳидҳои фразеологиро дохил намудааст, ки В.Виноградов дар корҳояш онҳоро тасниф карда буд, яъне воҳидҳои фразеологии баробар ба ибораҳо; гурӯҳи дуюм, доираи васеи фразеологизмҳо: зарбулмасалу мақолҳо, панду ҳикматҳо, аз ҷумла, гуфтаҳои адибон, таъбирҳои ҳикматомез, ибораҳои устувори формуламонанд, таъбирҳои маъмули илмӣ-техникӣ, қолабҳои маъмул дар дафтардорӣ ва ғ. [9, 59].

Баъзе аз масъалаҳои марбут ба фразеология дар корҳои илмӣ- таҳқиқии С.И. Ожегов баррасӣ гардидаанд. Ӯ зикр менамояд, ки «мушкилоти асосии фразеология ҳал нашудани ҳаҷми он мебошад, зеро бархе олимон чун М.И. Михелсон, Ф.В. Ефимов ба қатори воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо, таъбирҳои маъмули илмӣ-техникӣ, таъбирҳои ҳикматомез, зарбулмасалу мақолҳо, конселяризмҳо ва ғайраро ворид намудаанд, ки домани он боз ҳам васеътар гардид» [14, 56].

Қонунияти таҳия ва пешниҳоди фарҳанги фразеологии дузабонаи А.В. Кунин низ қобили таваҷҷуҳ аст. Дар саросари собиқ кишварҳои шуравӣ бо рушди забоншиносии рус таҳаввули омӯзиши забонҳои худӣ ба миён омад. Дар ин баробар забоншиносони тоҷик низ дар асоси андеша, таълимот ва назарияҳои ҳамқаламони худ ба баррасии забони тоҷикӣ оғоз намуданд [11, 39].

Ташаккули босуръати таҳқиқи забони тоҷикӣ аз солҳои 40-50-уми садаи гузашта ибтидо мегирад. Дар ин давра ҳамаи шохаҳои забон – луғатшиносӣ (лексикология), овошиносӣ (фонетика), сарф (морфология), наҳв (синтаксис), шевашиносӣ (диалектология), таърихи забон ва ғайра мавриди таҳқиқи забоншиносон қарор мегирад. Аввалин маротиба фразеологияи тоҷик дар навиштаҳои забоншиносон А.Мирзоев, Т.Д. Тоҷиев, Н.Маъсумӣ, Ш. Ниёзӣ матраҳ гардид. Дар ин давра забоншиносони тоҷик воҳидҳои фразеологии забони тоҷикиро дар заминаи таҳлили забон ва услуби асарҳои адибони классику муосир мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Пас аз солҳои 80-ум омӯзиши назарии фразеология вусъат меёбад. Масоили фразеологияи тоҷик ба таври асоснок дар навиштаҳои забоншинос Ҳ.Маҷидов баррасӣ гардидаанд. Забоншинос оид ба таърихи пайдоиш,

таҳаввул, навъҳои фразеология, хусусияту шаклҳои грамматикии воҳидҳои фразеологӣ ҳарф зада, сохту маъно, манбаъҳои пайдоиш ва қабатҳои услубии воҳидҳои фразеологиро муқаррар намуд. Мавсуф дар монографияаш «Фразеологическая система современного таджикского литературного языка» масъалаҳои муҳимми умумифразеологӣ ва низоми фразеологии забони тоҷикиро матраҳ кардааст. Ӯ воҳидҳои фразеологиро аз рӯйи сохт ба ҷумлаҳои фразеологӣ (ҷумлаҳои фразеологии дутаркиба, ҷумлаҳои яктаркибаи фразеологӣ, ҷумлаҳои мураккаби фразеологӣ), ибораҳои фразеологӣ (ибораҳои фразеологии феълӣ, ибораҳои фразеологии исмӣ, ибораҳои фразеологии сифатӣ) ва таркибҳои фразеологӣ ҷудо мекунад. Инчунин, дар таҳқиқоти ӯ воҳидҳои фразеологӣ аз рӯйи маъно гурӯҳбандӣ шуда, хусусиятҳои грамматикӣ, роҳҳои сохта шудани ва таркиби морфологиашон матраҳ гардидаанд. Ниҳоят, дар навиштаҳои Ҳ. Маҷидов воҳидҳои фразеологии феълӣ, номӣ, воҳидҳои нутқ (таркибҳои фразеологӣ, ибораҳои фразеологӣ, ҷумлаҳои фразеологӣ) таҳлил шудаанд [12, 32].

Дар умум, паҳлуҳои норавшани назарияи фразеология ҳанӯз боқӣ мондаанд. Барои ба таври пурра фарогирии онҳо бояд таълимот ва ақидаҳо оид ба масъалаҳои муҳимми фразеология муттаҳид гардонида шуда, принсипи ягона дар таҳқиқи фразеологияи умумӣ ва забонҳои алоҳида коркард карда шаванд, зеро гуногунандешӣ ва интиқоди назарҳо боз ҳам ба мураккаб гаштани масъала оварда мерасонад.

КИТОБНОМА

1. Абдураҳимов, С. Ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи тоҷик / С. Абдураҳимов. - Душанбе, 1973. – 165 с.
2. Абдуллозода, Р. Фарҳанги ибораҳои халқӣ / Р. Абдуллозода. – Душанбе: Адиб, 1988. – 400 с.
3. Амосова, Н.Н. Основы английской фразеологии/ Н.Н.Амосова. – Л.: Наука, 1989. – С.47-48.
4. Амосова, Н.Н. Основы английской фразеологии / Н.Н.Амосова. – Л.: Изд-во ЛГУ, 1963. – 208 с.
5. Арзуманов, С.Д. Русско-таджикский словарь / С.Д.Арзуманов, Х.А. Ахрори, М.Бегбуди и др. – М.: Рус. яз., 1985. – 1280 с.
6. Арбекова, Т.И. Лексикология английского языка / Т.И. Арбекова. – М.: Высш. шк., 1977. – 240 с.
7. Арнольд, И.В. Лексикология современного английского языка / И.В. Арнольд. – М.: Изд-во лит. на иностр. яз., 1959. – 352 с.
8. Бархударов, Л.С. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов. – М.: Высш. шк.., 1973. – 424 с.
9. Виноградов, В.В. Об основных типах фразеологических единиц в русском языке / В.В. Виноградов // Избранные труды. Лексикология и лексикография. – М.: Наука, 1977. – С.140-161.
10. Есперсен, О. Философия грамматики. Перевод с английского/ О.Есперсен.– М.: Изд-во иностр. лит., 1958. – С.14.
11. Кунин, А.В. Курс фразеологии современного английского языка / А.В.Кунин. – М.: Высш. шк., 1996. – С.10.
12. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1982. – С.6.
13. Ожегов, С.И. Лексикология. Лексикография. Культура речи / С.И.Ожегов. – М.: Высш. шк., 1974. – С.182..
14. Ожегов, С.И. Лексикология. Лексикография. Культура речи / С.И. Ожегов. – М.: Высш. шк., 1974. – С.184.
15. Ожегов, С.И. Лексикология. Лексикография. Культура речи / С.И. Ожегов. – М.: Высш. шк., 1974. – С.187-188.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЗАБОНШИНОСӢ

Дар мақола асосҳои назарии воҳидҳои фразеологӣ дар забоншиносӣ таҳқиқ шудаанд. Воҳидҳои фразеологӣ на танҳо воситаи ифодаи маъно, балки инъикосгари таърихи забон, марҳалаҳои рушди он, анъанаву одатҳо, тамаддун, ҷаҳонбинӣ ва тафрибаи халқ мебошанд.

Дар воҳидҳои фразеологӣ хулқу атвори халқ, дарки ҳақиқат, зеҳну фаҳмиш ва маҳорати сухангустарии миллат тачассум ёфтааст. Воҳидҳои фразеологӣ чун воҳиди забон ба интиқоли ҳиссиёту эҳсосоти гӯянда, ҳадафрасу равшан ва пурқувват намудани мақсади ӯ хизмат менамоянд. Барои фасеҳу пуробуранг намудани асар адибон низ онҳоро ба таври фаровон ба кор мебаранд, зеро барои тасвири воқеият ва ҳадафрасу типӣ гардонидани нутқи қаҳрамонон ибораҳои озод кифоягӣ намекунанд. Барои ҳамин аҳаммияти воҳидҳои фразеологиро дар забон дарк намуда, муҳаққиқон ба омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи он пардохтаанд.

Барои ба таври пурра фарогирии воҳидҳои фразеологӣ бояд таълимот ва ақидаҳо оид ба масъалаҳои муҳимми фразеология муттаҳид гардонида шуда, принсипи ягона дар таҳқиқи фразеологияи умумӣ ва забонҳои алоҳида коркард карда шаванд, зеро гуногунандешӣ ва интиқоди назарҳо боз ҳам ба мураккаб гаштани масъала оварда мерасонад.

Калидвожаҳо: *фразеология, принсип, семантика, сохтори грамматикӣ, феъл, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, воҳидҳои фразеологии феълӣ, муқоиса, таҳлил.*

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ЯЗЫКОЗНАНИИ

В данной статье рассматривается классификация фразеологических единиц в таджикском и английском языках. В таджикском и английском языках исследуется комплекс структурных признаков ФЕ в сопоставительном аспекте. В статье исследуются теоретические основы фразеологизмов в лингвистике.

Фразеологизмы являются не только средством выражения образных мыслей, но и отражают историю языка, этапы его развития, традиции и обычаи, цивилизацию, мировоззрение и опыт народа. Характер народа, понимание истины, интеллект, понимание и разговорная речь нации воплощены во фразеологизмах. Фразеологизм как языковая единица служит для передачи чувств и эмоций говорящего, уточнения и усиления его цели.

Писатели также обильно используют их для придания произведению красноречивости и красочности, ведь свободных высказываний недостаточно, чтобы отобразить действительность и сделать речь героев целенаправленной и типичной. Именно поэтому, понимая важность фразеологизмов в языке, исследователи посвятили себя его всестороннему изучению и исследованию. В целом остаются неясными аспекты теории фразеологии. Для их полного освещения учения и мнения по важным вопросам фразеологии должны быть унифицированы, а также должен быть выработан единый принцип в исследованиях общей фразеологии и отдельных языков, поскольку разнообразие и критика взглядов еще больше усложнят данный вопрос.

Ключевые слова: *фразеология, классификация, семантика, грамматическая структура, глагол, таджикский язык, английский язык, глагольных фразеологических единиц, сравнение, анализ.*

THEORETICAL BASICS OF THE RESEARCH OF PHRASEOLOGICAL UNITS IN LINGUISTICS

This scientific article discusses the theoretical basics of phraseological units in Tajik and English languages. The complex of structural features of phraseological

units is studied in a comparative aspect of Tajik and English languages. This scientific article examines the theoretical foundations of phraseological units in linguistics.

Phraseologisms is not only the way of figurative expression of thoughts, but also reflect the history of the language, stages of its development, traditions and customs, civilization, worldview and experience of the people. The character of the people, understanding of truth, and intelligence, understanding and colloquial speech of the nation are embodied in phraseological units. Phraseologism as a linguistic unit serves to convey the feelings and emotions of the speaker clarify and strengthen his goal.

Writers also use them abundantly to make the work eloquent and colorful, because free expressions are not enough to reflect reality and make the characters' speech focused and typical. That is why, understanding the importance of phraseological units in language, researchers have devoted themselves to its comprehensive study and research. In general, aspects of the theory of phraseology remain unclear.

To fully illumination of teaching and opinions on important issues of phraseology must be unified, and a single principle must be developed in the study of general phraseology and individual languages, since diversity and criticism of views will further complicate the issue.

Key words: *phraseology, classification, semantics, grammatical structure, verb, Tajik language, English language, verbal phraseological units, comparison, analysis.*

Дар бораи муаллиф: Ҳошимова Наргис Мирҳакимовна – дотсенти кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров». Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков, 1. E-mail: nargis.khoshimova@bk.ru. Тел.: (+992) 92-715-14-59

Сведения об авторе: Хошимова Наргис Мирхакимовна – доцент кафедры фонетики и лексикологии английского языка в ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова». Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проспект. Мавлонбекова, 1. E-mail: nargis.khoshimova@bk.ru. Тел.: (+992) 92-715-14-59

Information about the author: Khoshimova Nargis Mirkhakimovna – Assosiate Professor of the department of phonetics and lexicology of English language at the SEI «Khujand State University named after academician B.Gafurov», Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Streat. 1. E-mail: nargis.khoshimova@bk.ru. Tel.: (+992) 92-715-14-59

ТДУ: 491.59.25

ВОЖАИ «НАРГИС» ВА ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ ОН

Зуҳра Турсунова
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Дар забони тоҷикӣ вожаҳои ифодагари гулу гиёҳҳо мавқеи хос дошта, таҳлилу баррасии онҳо барои муайян кардани баромади забонии таркиби луғавии чунин вожаҳо кумак мерасонад. Вожаҳо бо тобишҳои маъноӣ, лексикию семантикӣ ва иртиботи грамматикии ҳуд дар забон нақши бориз дошта, чун меҳвари асосии он ба ҳисоб мераванд. Таркиби луғавии забон мисли дигар омилҳои ҷамъиятӣ ҳамеша дар ҳоли рушду такомул аст, яъне вобаста ба ҳаводиси сиёсиву ҷамъиятӣ таркиби луғавии забон низ, чун инъикоскунандаи тамоми ҳодисаҳои иҷтимоӣ, такмилу тағйир меёбад. Ин аст, ки дар як даврaи муайян истеъмолу истифодаи як гурӯҳи вожаҳо дар забон фаъол мегарданд ва гурӯҳи дигар батадриҷ доираи истеъмолашон маҳдуд гардида, камистеъмол мешаванд. Ин ҳолатро бештар дар забони гуфтугӯйӣ ва таркиби луғавии забони

адабӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳоло мо ба таҳлили забоншиносии вожаи **наргис**, ки дар забони имрӯзаи тоҷикӣ ба таври васеъ истифода мешавад, кӯшиш менамоем: *Наргис, абҳар* ё *гули қаҳд* (лот. *Narcissus*) -ҷинси гиёҳест пиёзакбех аз оилаи косагулҳо; гули хушбӯйи навбаҳор.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969) ин вожа нисбатан муфассал тафсир ёфта, ибораҳое чун *наргиси бемор, наргиси макҳул, наргиси махмур, наргиси пурфан, наргиси фаттон, наргиси шаҳло, наргиси шергир, наргиси ҷоду* бо намунаҳо шарҳ дода шудаанд. Вожаҳое ба монанди *наргиса, наргисдон, наргисин,наргисӣ* низ ба тафсил шарҳу эзоҳ ёфтаанд. Чунончи:

НАРГИС نرگس 1. номи гиёҳи пиёзбехи хурду нозук, ки гулҳои хушбӯйи сафед ё зард дорад.

Бар фарқи сари наргис-бар зард кулоҳ,
Бар фарқи сари чакова як мушт гиёҳ. *(Манучеҳрӣ)*

2. *мач.* чашм, чашми маҳбуба.

Пас он хоҳарони ҷаҳондор Ҷам
Зи наргис гули сурхро дода нам. (*Фирдавсӣ)*

* * *

Чун шуда сер наргиси ту зи хоб,
Гули рӯйи ту шустаам ба гулоб. (*Ҷомӣ*)

наргиси бемор чашми хумори маҳбуба.

Ба он ду наргиси бемори нотавон, ки барад
Ба як назар зи дили аҳли ишқ тобу тавон. (*Восифӣ*)

наргиси макҳул *киноя аз* чашми сурмасо, чашми сиёҳ:

Ба ҳеҷ чо нарасад нолае, ки мӯҷиби он,
Ҷафои наргиси макҳули дилбарон бошад. (*Шоҳин)*

наргиси махмур чашми хумор:

Агарчи маст бувад гул, хароб нест чу ман,
Ки рози наргиси махмур бо шумо гӯяд. (*Шамси Табрезӣ*)

наргиси пурфанд *киноя аз* чашми фитнаангез, чашми мафтункунанда:

Аз рамза тир дораду аз абрувон камон
Он дилфиреб наргиси чодуи пурфанаш. (*Сузанӣ)*

наргиси фаттон чашми шухи фитнаангез.

Дилбаро, ҳолам хароб аз наргиси фаттони туст,
Хотирам ошуфта аз зулфи абирафшони туст. (*Шоҳин*)

наргиси шаҳло *муҷ.* **шаҳло (шаҳло наргис)** а) наргисе, ки сафедӣ ва зардии он моил ба сиёҳист; б) *мач.*чашми маъшуқ.

Бар замин дӯхта чашму сараш афганда ба пеш,
Гашта шарманда аз он наргиси шаҳло наргис. (*Восифӣ*)

* * *

Аз нигоҳам метавон сайри гули бодом кард,
Чашм дар роҳи туам, эй наргиси шаҳло, биё! (*Сайидо)*

наргиси шергир *киноя аз* чашми мафтункунандаи маҳбуба.

Зи савдои он наргиси шергир
Намебудаш аз шергирӣ гузир. (*Ҳочу)*

наргиси ҷоду чашми фаттон, чашми мафтункунанда.

Аз ғамза тир дораду аз абрувон камон
Он дилфиреб наргиси ҷодуи пурфанаш. (*Сузанӣ*)

* * *

Зи мастӣ наргиси чодуш дар хоб,
Зи савдо сунбули ҳиндуш дар тоб. (*«Анвори Суҳайлӣ»*)

аз наргис бар суман симоб рехтан *киноя аз* рехтани ашк аз чашм ба рӯй.

Фарас меронд чун беморхезон,
Зи наргис бар суман симоб резон. (*Низомӣ*)

НАРГИСА نرگسه 1. *ниг.* наргис.

Нақшест каж онро, ки ту мехонӣ абру
Андар сари он наргисаи пур зи хуморат. (*Хусрави Деҳлавӣ)* [2]

2. гули сунъӣ, ки аз оҷ ё устухон тарошида ба шифти хона барои зинат ҷо медиҳанд.

НАРГИСДОН نرگسدان 1. зарфе, ки дар он пиёзи наргисро мешинонанд; 2. *мач.* ҷойи сабзиши наргис.

Ҳар куҷо он шохи наргис бишкуфад,
Гулрухонаш дида наргисдон кунанд. (*Ҳофиз)*

НАРГИСИН نرگسین наргисмонанд, мисли наргис.

Ба ду чашми наргисинат, ба ду зулфи анбаринат,
Ба ду лаъли шаккаринат, ки касоди шаккар омад. (*Шамси Табрезӣ)*

НАРГИСӢ نرگسی 1. мансуб ба наргис; 2. наргисмонанд, наргисранг; 3. наргисин, аз наргис.

Зи лутфи ту бошад, ки пӯшад чаман ,
Зи ташти зарӣ наргисӣ пераҳан. (*Ҳоҷу)*

4. номи хӯроке, ки тухми мурғро ҷӯшонда ва аз пучоқ тоза карда, дар гӯшти кӯфта печонда мепазанд ва баъд ду пора мекунанд, ки зардию сафедии тухм ба наргис монандӣ пайдо менамояд; 5. навъе аз палав *[17, ҷ. 2. –С. 833]*.

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (2008, 2011) вожаи «наргис» ва мафҳумҳои вобаста ба он чунин шарҳ дода шудааст:

НАРГИС نرگس 1. номи гиёҳи пиёзбехи хурду нозуки баҳорӣ, ки гули хушбӯйи сафед ё зарди ба чашми нимпӯш монанд дорад. 2. *мач.* чашм; **наргиси маст (махмур, шаҳло, ҷоду)** киноя аз чашми хумори маҳбуба

Бар фарқи сари наргис-бар зард кулоҳ,
Бар фарқи сари чакова як мушт гиёҳ. (*Манучеҳрӣ).*

НАРГИСА نرگسه 1. *ниг.* **наргис**. 2. гули сунъӣ, ки аз оҷ ё устухони дигар тарошида ба шифти хона барои зинат ҷо медиҳанд.

НАРГИСӢ نرگسی 1. *мансуб ба* **наргис**. 2. наргисмонанд, наргисранг. 3. номи хӯроке, ки тухми мурғро ҷӯшонда ва аз пӯчоқ тоза карда, дар гӯшти кӯфта печонида мепазанд ва баъд ду пора мекунанд, ки зардию сафедии тухм ба наргис монандӣ пайдо менамояд [18, *ҷ 2. – С.* 265].

Вожаи «наргис» дар «Луғатномаи Деҳхудо», ки дар он вожаҳо хеле батафсил шарҳу эзоҳ меёбанд, ҳам аз лиҳози вожагонӣ ва ҳам аз лиҳози решашиносӣ тафсир шудааст: паҳлавӣ: *наркис*, аз юнонӣ *наркисис*, шакли арабии он *нарҷис*, лотинӣ: *нарси сус*, фаронса: *нарсис* (ҳошияи «Бурҳони қотеъ» ва Муин). Абҳар («Онандроҷ») номи гуле аст хушбӯ, ки тахм ва соқааш монанди пиёз аст ва бар сар гуле меорад зард ё бунафш (аз «Фарҳанги Низом»). Гиёҳест дорои пиёз ва гуле хушбӯ ва муаттар дорад («Нозим-ут-аттибо») ва он чанд навъ аст: шаҳло, мискин ва садпар («Анҷуманоро»). Гулест аз тираи наргисҳо, ки дар васати гулаш ҳалқае зард дида мешавад ва онро наргиси шаҳло гӯянд ва дар баъзе ҷинсҳо худи гул низ зард аст ё гули сафед аст, вале дар васати он гулбаргҳои кучаки сафед аст ва онро наргиси мискин гӯянд [10, 572].

Назар чи гуна бидӯзам, ки баҳри дидани дӯст,
Зи хоки ман ҳама наргис дамад ба ҷойи гиёҳ. (*Фирдавсӣ)*

* * *

То ба айёми хазон наргис буд,
То ба ҳангоми баҳорон арғувон. (*Фаррухӣ)*

* * *

На ғаввоси гавҳар, на аттори анбар,
Ба назди як наргис чи миқдор дорад. (*Носири Хусрав)*

//Киноя аз чашми маъшуқ аст (Бурҳони қотеъ). Ва таннозу фаттону дунболадор ва шӯху карашматарозу ишвасоз ва ҷодунишону сурмасой ва пурфану нимхобу бисёрхоб ва пурхумору хуморӣ ва худкому хунхору ошиқкуш ва мастону масту бемор ва нилуфарӣ аз сифоти ӯст [10, 572].

Бидид он сияҳнаргиси шаҳрсоз,
Пур аз ҷодуӣ бо Фаридун ба соз. (*Фирдавсӣ)*

* * *

Фурӯд омад зи тахт он рӯз дилтанг,

Равон карда зи наргис оби гулранг. (*Низомӣ)*

//Косаи ҷароғ, ки дар он раған кунанд ва баъзе аз онҳо дорои ду ё чанд наргис бувад.(Ёддошти муаллиф) [10, 572].

Ниҳоданд бар чашми равшанаш доғ,
Бимурд он чароғи ду наргис ба боғ. (*Фирдавсӣ)*

Маънии вожаи «наргис» дар «Фарҳанги Муин» чунин омадааст:1.Гиёҳе аст аз радаи таклапаҳо ва гулҳояш мунфариданд. Теъдоди гулбаргҳояш се адад ва сафеду рангаанд ва косабаргҳояш низ се адад ҳастанд. 2. Киноя аз чашми маъшуқ.

Дар луғатноми дигари форсӣ «Фарҳанги Умед» вожаи «наргис» ин гуна тафсир ёфтааст: 1.(зистшиносӣ) гули сафед, кучак ва хушбуй бо косае дар васат, баргҳои сабзу дароз, ки пиёзи он кошта мешавад, нарҷис. 2. [қадимӣ, маҷоз] чашми маъшуқ: Шаб аз наргисаш қатрае чанд чакид/ Саҳар дида баркарду олам бидид (23, 96).

Дар луғатномаҳои гуногун, мисли «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ», «Луғати Деххудо», «Фарҳанги Муин», «Луғати Умед» вожаи **наргис** ба таври «نَرگِس» талаффуз мешавад. Дар забони англисӣ ҳам талаффузи номи Наргис ба сурати «/narges/» роиҷ аст.

Дар «Бурҳони қотеъ» шарҳи ин вожа ба таври зайл омадааст: Наргис гулест маъруф ва киноя аз чашми маъшуқ ҳам ҳаст [13, 2129]. Дар шарҳи «Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ»-и Амон Нуров ду маънии ин вожа омадааст: 1) номи рустании пиёзбех ва хурду нозуки дорои гулҳои нозуки сафед ё зард ва 2) киноя аз чашми маъшуқа пешниҳод гардида, байти зерин аз осори устод Рӯдакӣ дарҷ гардидааст:

Бибурда наргиси ту оби ҷодуи Бобил,
Кушода ғунчаи ту боби муъҷизи Мӯсо. [19, 163]

Иброҳим Ализода дар «Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома»« се маънои вожаи **наргис**ро овардааст: 1. номи гиёҳи дорои гули зард ва хушбӯй; 2. як навъ хушбӯй; 3. маҷозан чашм [3, 228]. Устод Садриддин Айнӣ **наргис**ро гуле тавзеҳ медиҳад, ки шукуфааш ба чашми нимпӯшида шабоҳат дорад [3, 254]. Дар «Ғиёс-ул-луғот» шакли арабии **наргис** *нарҷис* оварда шудааст ва наргисро муаллифи он чун моддаи алоҳида оварда, сарчашмаи онро аз «Мадор» ва «Бурҳон» ба қалам додааст [12, 340]. Муҳаммад Муин шакли паҳлавии ин вожаро nargis оварда, шарҳ медиҳад, ки он аз шакли юнонии nárgisos сарчашма мегирад ва он дар лотинӣ narcissus мебошад. **Наргис** гуле мебошад аз гурӯҳи наргисҳо (Amaryllidéss), ки дар васати гулаш ҳалқаи зард дида мешавад ва онро *наргиси шаҳло* гӯянд. Ва дар баъзе ҷинсҳо худи гул низ зард аст ё гули сафед аст, вале дар васати он гулбаргҳои кучаки сафед аст ва онро *наргиси мискин* гӯянд [17, 2129].

Номшинос О. Ғафуров сарчашмаи вожаи **наргис**ро *нартсисс (нарцисс)* тавзеҳ намуда, онро калимаи иқтибосии юнонӣ мешуморад [4, 113].

Вожаи **наргис** дар шаклгирии ибораҳои рехта ва маҷозӣ хеле фаъол аст. Чунончи, *наргиси нимхоб* (киноя аз чашми маъшуқ ва маҳбуб), *наргиси вакил* (киноя аз чашм ва гӯши матлуб), *наргиси бемор* (чашми махмури маҳбуба),*наргиси макҳул* киноя аз чашми сурмасо (чашми сиёҳ, чашми сурмасо), *наргиси махмур* (чашми хумор), *наргиси пурфанд* (чашми фитнаангез), *наргиси фаттон* (чашми шӯхи фитнаангез),*наргиси шаҳло// шаҳло наргис* (чашми маъшуқ), *наргиси ҷоду* (чашми фаттон), *аз наргис бар суман симоб рехтан* (рехтани ашк аз чашм ба рӯй), *зи наргис ёсаминро лола кардан* (аз чашм ашки хунин ба рухсора рехтан), *наргиси маст* (чашми хуморӣ), *наргиси сероб* (киноя аз чашм), *чашми наргис* (сиёҳии мобайни гулҳои наргис) ва вожаҳои сохта ва мураккаб, монанди *наргиса* (гули сунъӣ, ки аз оҷ ё устухони дигар тарошида ба шифти хона барои зинат ҷо медиҳанд), *наргисдон, наргисӣ* (наргисмонанд, наргисранг; номи хӯроке, ки тухми мурғро ҷӯшонда ва аз пӯчоқ тоза карда, дар гӯшти кӯфта печонида мепазанд ва баъд ду пора мекунанд, ки зардию сафедии тухм ба наргис монандӣ пайдо менамояд; навъе аз палав) ва ғайра.

Наргис маънии тавлиди дубора, шуруъҳои ҷадид, умед, шодӣ ва хушбахтӣ аст. Ин маънигириҳо аксар маврид аз он оғоз мешавад, ки наргис ҳар баҳор

мерӯяд то манзараҳои бесамарро бо гулҳои шоду зард, норинҷиву сафеди худ ҷило бахшад. Наргисҳо мутаалиқ ба ҷинси Narcissus ҳастанд, ки достони ҷолибе низ доранд. Дар асотири юнонӣ *Норсис* исми ҷавони шикорчие будааст, ки бо қавиродагӣ ва зебоии хеш маъруф будааст. Боре ӯ чеҳраи худро дар оинаи об дид ва ошиқи худаш шуд. Ишқи ӯ ба тасвири худ дар об ба қадре зиёд шуд, ки оқибат худашро дар об ғарқ кард ва пас аз ғарқ шуданаш дар канори об гули зебое рӯйид. Гуле, ки ба ёди ӯ онро *норсис* ё *наргис* номиданд ва ин рӯзҳо зебоияш дили ҳамаро бурдааст. Дар ҳоле, ки наргисҳо феълан дар тамоми ҷаҳон ёфт мешаванд, маншаи онҳо дар Аврупои ҷанубӣ ва шимоли Африқо аст. Гулҳои наргис бисёр зебо ҳастанд ва дар иқлими мо бо рангҳои сафед ва зард зиёд мерӯянд. Имрӯзҳо гули наргис рамзи ишқ аст. Чун гиёҳи наргис дар авохири зимистон ва бо оғози фасли баҳор гул мекунад, афроди зиёде ҳастанд, ки дар ин айём онро ба ҳам ҳадя медиҳанд. Тавоноии наргис барои зуҳур пас аз як зимистони сард ба маънии умеди тоза ба зиндагӣ аст. Махсусан, замоне, ки ба назар мерасад дунё барои ҳамеша пӯшида аз барф ва ё дилгиркунанда хоҳад буд, наргис бо сабзидан ва рӯйидан ба зиндагӣ зоҳир мешавад. Шояд ин сарнавишти Норсиси ҷавон ва содадил будааст, ки зебоии афсонавиашро дар гуле ба ёдгор биниҳад ва ишқ ба худашро ба ҳамаи дӯстдорони гулу зебоӣ ҳадя диҳад. Анҷумани саратоншиносони Амрико наргисҳоро ба унвони рамзи умед ба расмият шинохта ва «рӯзҳои наргис»-ро ба унвони рӯзи умед ба афрод муаррифӣ кардааст. Дар ҷараёни ин ҷамъоварии кӯмакҳои молӣ онҳо дастагулҳое аз гулҳои наргисро барои мубталоён ба саратон ва ҳамчунин азизонашон ирсол мекунанд, то умед ба зиндагиро ба онҳо ёдоварӣ кунанд.

Дар фолклори мардуми Чин гули наргисро рамзи хушбахтӣ ҳисоб карда, бовар доранд, ки агар кас шукуфтани наргисҳоро бубинад ё дар ҳангоми шуруи соли ҷадид дар хонааш гули наргис бошад, мутмаин бошад, ки дар соли пешорӯ муваффақият насибаш хоҳад буд. Дар ин маврид миёни мардуми Чин достоне низ вуҷуд дорад, ки агар шахсе дар ҳар баҳор аввалин гули наргисро мебинад, дар соли нав баракати фаровон хоҳад дид.

Наргис гули қадимист. Дар Юнони Қадим наргисро гули шаҳидон меҳисобиданд. Римиҳо бо наргиси зард ғолибони ҷангро пешвоз мегирифтанд. Дар Пруссия наргис рамзи муҳаббат ва оилаи хушбахт буд. Дар Швейтсария ҳар сол аввали моҳи май гули наргисро ид мекарданд.

Гули наргис дар байни тоҷикон низ маъмул аст. Носири Хусрав гуфтааст: *»...ба саҳрое расидем, ки ҳама наргис буд шукуфта, чунон ки тамомати он саҳро сапед менамуд аз бисёрии наргисҳо»*. Дар ин дубайтии Тоҳири Чағонӣ латофату фасоҳат ва таровати **наргис** ҷолибу ҷаззоб тавсиф шудааст:

Он гуле, к-аз соқ аз минои сабз
Бар сараш-бар симу зар омехта,
Нохуни ҳур аст, гӯйӣ, гирд-гирд,
Дидаи боз аз миён-ш ангехта.

Дар адабиёти тоҷику форс барои тасвири табиат, зебоиҳои атрофу акноф, инъикоси ҳодисаю воқеаҳо ва руҳияи қаҳрамонҳо аз вожаҳои ифодагари гулҳо фаровон истифода шудааст. Махсусан, ин қабил вожаҳо ҳангоми тасвирҳои лирикӣ, зебоиҳои маъшуқа дар вақти тамошои бӯстон корбурд шудаанд: гули сурх, наргис, ёсамин, лола, райҳон, санавбар, савсан ва ғайра. Дар адабиёти форсӣ **наргис** маъмулан ба унвони зебоӣ, ишқу латофат ёд шудааст. Бисёре аз шуарои бузургу номдор, аз ҷумла Ҳофиз, Саъдӣ, Мавлоно ва дигарон дар таносуби сухан аз вожаҳои фаъол дар шеър, монанди *гули наргис* ва *чашми наргис* зиёд истифода кардаанд. Вожаи *наргис* бештар истиора аз чашми маъшуқ дорад, ки шоир чашмҳои зебои маъшуқи худро ба гули наргис ташбеҳ медиҳад.

Чун шуда сер наргиси ту зи хоб,
Гули рӯи ту шустаам ба гулоб. *(Ҷомӣ)*

Зимнан, таносуби сухан аз муҳимтарин василаи бунёди шеъри тоҷикӣ ба ҳисоб рафта, дар доираи вожаҳои фаъол дар шеър сурат мегирад. Аз ин ҷост, ки мафҳуми мазкур бояд аз дидгоҳи лингвистӣ низ таҳқиқу таҳлил карда шавад,

чунки бе таносуби сухан тавлиду бунёди шеър ғайриимкон аст. Мафҳуми мазкур аз эҷодкор тақозо менамояд, ки дар доираи майдони семантикӣ ба ҳам иртибот доштани вожаҳои алоҳидаро дуруст дарк намуда, ҳангоми эҷоди шеър онҳоро бамаврид истифода намояд. Аз назари муҳаққиқони илми маонӣ – «таносуби сухан» - чунин шарҳ дода шудааст: дар назм ё наср калимаҳое оварда шаванд, ки на аз роҳи тазод, балки аз лиҳози маъно, ба як навъе бо ҳам таносуб доранд. Дар шеър аз ҷиҳати иртиботи маъноӣ вожаҳои ифодагари таносуби суханро метавон чунин қисмат намуд: а) аз лиҳози ҷинс, монанди *лолаву сунбул, гулу арғувон, хуршеду моҳу ситора* ва ғайра. б) аз нигоҳи шаклу монандӣ, мисли *чашму наргис, даҳону ғунча, зулфу бунафша, қаду сарв* ва ғайра:

Наргис талабад шеваи чашми ту, зиҳӣ чашм,
Мискин хабараш аз сару дар дида ҳаё нест [22, 50].

* * *

Арғувон ҷоми ақиқӣ ба суман хоҳад дод,
Чашми наргис ба шақоиқ нигарон хоҳад шуд [22, 117].

Слова, обозначающие названия болезней, занимают большое место в лексическом составе таджикского языка. Потому что Авиценна, который был представителем таджикско-персидского языка, изначально посвятил свое богатое творчество области медицины. Создав «Аль-Канун» и ряд других медицинских трудов, Ибн Сина, сопоставив и обобщив достижения индийской, греческой, арабской медицины, а также предков таджикского народа, заложил основу теоретической и практической медицины, которая признана всемирно известными исследователями вечной [20, 234].

Развитие науки и техники в X веке, происходившее в условиях государственной независимости, продолжилось в XI веке. Видным представителем науки и великим ученым этого периода был Авиценна.

На самом деле в таджикском языке большинство слов, обозначающие названия болезней, являются разговорными словами. Когда человек заболевает, в речи носителей таджикского языка можно услышать следующие выражения: «лангу лунг» (эпидемия), «касалу бемор» (больной человек), «дарда Худо додааст, шифояшро ҳам медиҳад (Бог дал боль, он же дает и исцеление), «дард меҳмони дурӯза» (боль — гостья на два дня), «Худованд шахси аз ҳама дӯстдоштаашро бемор мекунад, касал мекунад» (Бог делает больным того, кого любит больше всех) и «дардманд шудан» (заболеть) и т. д. Большинство этих слов и словосочетаний восходят к ранним этапам развития таджикского языка. Например, слово «дардманд» было записано в «Донишнома» мудрецом Майсари около 978-980 г., о чем также упоминается в книге «Язык нации- – Сущность нации» вечной [18, 224-225].

В речи носителей китайского языка при болезни используются следующие лексические единицы:: 生病- бемор шудан (заболеть), 恢复- шифо ёфтан (исцеление), 恢复- табобат кардан (лечить) 真诚- ихлос кардан (верить).

Мы не наблюдали использование выражения «масза гурехтан»(заболеть) в китайском языке, но если перевести эту фразу дословно, то она будет переведена как: 味觉逃脱.

В данном случае отчетливо заметна разница в языковой картине мира у таджиков и носителей китайского языка. Напрямую прослеживаются национально-культурные особенности компонента «масза гурехтан» (заболеть). Это слово на русском языке тоже не может передать тот же смысл, что и на таджикском языке, и его буквальный перевод «ускользание вкуса».

В русском языке эта лексическая единица не выражает того же значения, что и в таджикском, хотя таджикский и русский языки принадлежат к индоевропейской языковой семье. Из этого следует, что семантическое поле данного словосочетания узкое и не встречается в речи представителей других языков. В данном словосочетании слово «масза» используется не в своём первичном значении «вкус», а в значении «здоровья».

В медицинскую терминологию включены слова и термины, обозначающие названия болезней. Медицинская терминология — один из особых пластов

лексики, который в силу особенностей семантической структуры, словообразования и стилистических характеристик отличается от общеупотребительных слов и тем самым занимает особое место в лексической системе языка [15, 5].

Сама формулировка медицинской терминологии по-разному воплощается в понимании каждого народа. Например, по мнению некоторых лингвистов, медицинская терминология — это набор слов и фраз, используемых специалистами для выражения понятий в области медицины и здравоохранения. Исследователь Х. Сангова высказала по этому вопросу следующее мнение: «Медицинская терминология включает в себя совокупность анатомических, клинических и фармацевтических терминов» [10, 57].

При анализе материала мы наблюдали, что в обоих языках при болезни человека используются данные слова: бемори вазнин шудан–病重(тяжелобольной); аз гапу ҳарф мондан–保持沉默(быть безмолвным); ҷойгаҳӣ шудан–躺下(лежаший); ба кори худ шудан–躺下((быт на гране смерти); аз гап мондан–停止沟通(перестать говорить); ҷон кандан–能够(умереть); пиҳил кардан –原谅(прощать) и. т. д.

На самом деле, мы наблюдали лексическую единицу «калимаи шаҳодат гуфтан» (произнести слова шаходат) только в речи таджиков, поскольку таджики исповедуют ислам и их обычаи, традиции и обряды отличаются от носителей китайского языка. В словаре эта лексема фиксируется таким образом «шаҳодат гуфтан – говорить слово шаходат» [11, 142].

В этих двух языках существует множество слов и терминов, обозначающих названия болезней, которых можно разделить на следующие группы:

1.Названия болячек-伤口: яра (болячка) -雅拉, пучак (фурункула)-小的чашмӣ (язва от глаза)-眼睛, ширинча-孩子嘴里出现小溃疡 (небольшие язвочки, которые появляются на губах и во рту у детей) -儿童嘴唇和口腔上出现的口腔溃疡/小溃疡, учуқ/ табхол (герпис)-火烧/酷刑, гуҳмиҷа- 脑肿瘤 (ячмень 脑肿瘤, саглесак身体上有红斑点(крапивница), озах -索加尔 (попиломы), нохунпечак /хасмол- 索加尔/奥扎 (панариций)，纳胡尼恰克/哈斯莫尔, гармича -身体上出现皮疹/红斑 (красные пятна на теле) бисмил/ -伤口/很深的伤口глубокая рана, пес /сафедшавии пӯст麻风病/皮肤变白(витилиго), обламараз /захми обила/ обчак /обила - 疖子 / 疮 / 疮 （疮(мазоль), қалахч / сахт шудани рӯйи захм -伤口变硬 (затвердение раны), обҷиқон /об баровардани захм-引流/伤口引流-дренаж (дренирование раны), гул-麻疹 (корь/оспа).

Корь опасная для детей и взрослых вирусная инфекция, заразиться которой можно при мимолётном контакте с патогеном. Болезнь может протекать легко последующим формированием пожизнненного иммунитета, а может привисти к серёзным, иногда долгосрочным, проблемам со здоровьем или даже к смерти. В древных времён корь и оспу считали одной болезни. Только в 1Х веке персидский врач Разес в своём труде изложил основные различия между корью и натуральной оспой. Активная борьба с корью во всём мире начилась после того, как в 1963 году разработали вакцину.У этого заболевания есть свои типы. Хотя эта болезнь существует среди нашего народа уже много лет, но в

таджикской лингвистике не упоминаются слова и термины, которые охватывали бы различные типы этой болезни.

В таджикском языке этот вид заболевания называется гул (цветок), возможно, этот термин возник в связи с цветом цветков, так как при кори тело человека краснеет, и большинство цветов тоже красные. И в этом случае заметно разнообразие языковых картин народов и племён.

Анализ этой группы слов наблюдается только в пределах диалектов и говорах таджикского языка. Например, исследователь диалектов Гиссарской долины Г.З. Абдуллоева выразила свои взгляды по этому вопросу следующим образом: «Виды кори в говорах Гиссарской долины называются следующими терминами: чечаки бузакон (корь с тяжёлой раной), гули майда (корь с меликими сипами), гули сурхак (краснуха), обилаи харакон (корь с большими мазолами), гули гулафшон (корь с очень высокой температурой), гули калон-калон (корь с болшой болячкой), гули қазомуқ (тяжёлая корь), гули қаромуз (смертельная корь) и.т.д. [1, 117].

Эквивалентом термина «гулафшон» как названия болезни в медицине является пурпура (лат. purpura).

Оказалось, что большинство слов и терминов, используемых в таджикском языке для описания ран, также имеют свои диалектные формы и встречаются также в других формах. Например, если слово «хасмол- панариций употребляется в говорах Гиссарской долины в форме нохунпечак, то в этом типе словообразования отчетливо просматривается позиция суффикса -ак, которую мы можем видеть и в слове гилофак, которое в бухарском говоре выражает то же понятие: «гилофак – рана, появляющаяся под ногтем» [7, 253].

2. Название инфекционных заболеваний: домана-裙子(тиф), зардпарвин-金匠(желтуха), зуком -流感 (грипп), сил-结核 (теберкулёз), гулӯзиндонак-一个花盆 (дефтирия). В разговорной речи таджикского народа термин «грипп» чаще всего употребляется в форме «оҳим». Как оказалось, это слово образовано от того же корня «оҳиёна», что означает «верхняя кость носа» [8, 66].

3. Названия болезней: гурдадард-肾脏疾病 (болезнь почек), дилкасал-肠断(болезнь сердца), шикамдард-腹痛 (панос), меъдадард-胃炎(гастрит), касалии руҳӣ-精神疾病, бемории асаб-神经疾病(нервное заболевание), сурхбод-红风 (вид опухули), сиёҳбод-风暴 (вид опухули), касали раг-癌症(опухоль), сулфакабутак -百日咳(коклуш) и.т.д.

При анализе материала нами доказано, что в таджикском языке в большинстве случаев слова обозначающие названия болезней, образованы с помощью лексем дард-疼痛(боль) и касал-疼痛(болезнь), например: таких меъдакасал腹痛(гастрит), гудракасал生病的 (болезнь почек), дилкасал-肠断(болезнь сердца); сардард-生病的(мингрень), почадард-疼痛(боль в ногах), гулӯдард-咽喉痛 (ангена) и.т.д.

Таго известно, что в китайском языке тоже наблюдается такое явление. В китайском языке название болезней образуются с помощью слова **病**- касал (болезнь). Например: 头风病 – мигрень, **肝病** – ҷигаркасал (болезнь печени), **糖尿病**- қандкасал (сахарный диабет), **心**脏病 –дилкасал (болезнь сердца), **胃病**-меъдакасал (болезнь желудка) и. т. д. Несмотря на то, что некоторые названные болезни в китайском языке оброзовались при помощи лексеми «касал»

(болезнь), но однако при переводе на таджикский язык слово «касал»(болезнь), от которого образованы эти слова, наблюдается не в конце слова, а как словосочетание в первой части слово. Например: 肾石病 – касалии санги гурда (санпочечно каменная болезнь), **炭疽病** –касалии антракноз (антракноз), **血友病** – касалии гемофилия (гемофилия), **舞蹈病** – касалии хорея (хорея), **哮喘病** – касалии астма (астма), **肺心病** – касалии норасоии шуш (легочно – сердечная недостаточность), **冠心病** – касалии ишимияи дил (ишемическая болезнь сердца), **狂犬病** – касалии руҳӣ (бешенство) и.т.д.

4.Термины, относящиеся к состоянию пациента: маза набудан /бемор шудан-生病(заболеть), беҳаловат шудан/ бемадор шудан- 累了(устать), тайтайпопо шудан-大病之后起身行走(ставать и ходить после тяжелой болезни), бекора шудан-生病期间变得沉重(серьезно заболеть), аз гапу ҳарф мондан-生病期间保持沉默 (быть безмолвным), овлоҳӣ гуфтан 发高烧时说话 (разговаривать, когда высокая температура), ҳавлуқа каран 房子(разбухать), қузға каран-缓解疼痛(заболеть повторно), ҷазарак бастан - 高温导致嘴唇干裂 (трещины на губах из-за высокой температуры), ҷойгир гирифтанғ嫉妒 (порча), вовайлато гуфтан 因灼痛而尖叫和哭泣 (кричать от жгучей боли), парто-парто (қайд кардан-呕吐(рвать), шай шудан-康复(выздороветь) и.т.д.

5. Название лекарства: тахач锤 (полын), татум-纹身 (растение с кислими семенами, используемое как средство от повышенного кровяного давления), зарчӯба /зелол-胡椒 (куркума), пӯпаки ҷӯворӣ-玉米皮(кукурузная шелуха), алафи газанда-咬草 (крапива), бодоми талхак-苦杏仁(горький миндаль) и.т.д. Выражение «горький миндаль» встречается в словаре в форме «аржан» [8, 77].

Следует отметить, что некоторые термины, обозначающие названия лекарственных средств, берут свое начало на ранних этапах развития нашего языка. Например, термин «хульба» был описан известным мыслителем Авиценна в книге «Канон врачебной науки» следующим образом: «Конец первой степени горячий, а середина первой степени сухая». «От избытка влаги не бывает пустоты» [2, 124].

6. Названия лечебных камней: янтар-琥珀色 (янтарь), санги кабуд-蓝色石头 (камень, вокруг которого можно пройти, и голубиный кашель исчезнет), марҷон-珊瑚(коралл), агат-玛瑙(агат), алмос-钻石(алмаз), лазурит-钻石(лазурит), берёза-钻石(фируза), нефрит肾炎(нефрит) и.т.д.

Один из самых известных китайских дарогоценных камней – нефрит. Нефрит натуралный минерал, который обрабатывают и используют для создания украшений. Китайские драгоценные камни известны своими лечебными свойствами. По мнению китайцев, нефрит считается камнем долголетия и силы, он способен облегчать боли в спине и суставах, а также помогает улучшить кровообращение.

Желтый яшма считается камнем удачи и процветания, он способен укрепить иммунную систему и снимает усталость. Флюорит имеет успокаивающие свойства и помогает снять стресс и улучшить сон. Гематит насыщает организм энергией и укрепляет кровеносную систему. Камень ценится мануальными терапевтами и целителями.

С китайского нефрит переводиться как «почка-肾炎». По этой причине минерал в основном используют для лечения заболеваний мочеполовой

системы. Камень способен отлично сохранять тепло в силу высокой плотности. Даже если поместить его в холодную воду, он нескоро остынет. По этой причине его нередко используют в качестве грелки.

Поскольку китайцы считали, что минерал очень похож на почку человека, его использовали для лечения заболеваний мочеполовой системы. В качестве грелки камень применяли при коликах в почках, а также при заболеваниях желудка. Нефритовую гальку нагревали, а уже после использовали для лечения.

Травм спины и поясницы также лечили теплом, существовали целые пояса из нефрита, которые стоило носить при болях в спине. Естественно, что лечиться таким способом могли себе позволить только избранные.

Правители Китая любили подушки из нефрита, такие изделия пользовались особым спросом потому, что даже в жаркую погоду оставались холодными.

Считалось, что человек, который спит на такой подушке, никогда не будет страдать от деменции. Он сохранит ясность ума до смерти и будет отличаться интеллектом.

Браслет из нефрита, надетый на левую руку, поможет стабилизировать уровень артериального давления в крови, избавит владельца от гипертонии.

Считалось, что если просто носить камень каждый день, прикасаться к нему, то это поможет избавить человека от любых заболеваний. Поскольку нефрит выступает своего рода хранителем здоровья, он отгоняет от владельца различные заболевания и защищает его от негативной энергии.

Следует отметить, что слово «янтарь» на самом деле не является таджикским словом, а считается заимствованным. Некоторые исследователи полагают, что термин янтарь вошел в русский язык из французского в форме amber, а его корни восходят к арабскому слову amber, но, к сожалению, исследователь Фасмер указал, что слово янтарь в русском языке заимствовано из литовского в форме gintäras [14, 558].

Названия лекарств в медицине обычно даются фармацевтическими терминами. По этому поводу исследователь Х. Сангова заявила: «Фармацевтические термины состоят из названий лекарств, лекарственных растений, всех видов масел или химических препаратов. Этот тип терминологии считается международным, изначально записанным на латинском языке и употребляемым в других языках без перевода, только с изменениями звучания» [10, с. 57] **.**

7.Наименование мер, принимаемых против болезней: дедон бастан (вязать семь ниток белой нити в семь узлов и прочтать молитву), лавша кандан (лапша — это вид болезни, которая делает человека слабым, хилым и бессильным, разрывают вены под языком, проливая нечистую кровь, и сжигают арбузные корки, чтобы остановить кровотечение), колак задан (хиджама, безопасный способ устранения различных болезней путём удаления из организма «грязной крови»), момагӣ каран (обряд в которой напоминается момохо подавать милостыню, чтобы больная могла выздороветь), алас каран (ритуал, в котором часть одежды умершего человека обматывают вокруг конца палки, поджигают, а затем обматывают вокруг головы больного человека, чтобы исцелить его), сулаймонӣ каран (если человек заболевает после того, как утонул в воде, он дает милостыню во имя пророка Соломона, чтобы его болезнь быстрее зажила), дар ҳақи читано чилтано нукча мондан (пожертвуйте в память о сорока мучениках, чтобы больной мог быстрее выздороветь), об чакондан

(поливать ватой перед смертью), чилёсин кардан (прочитайте суру Ясин сорок раз), бахшибонӣ (вид психологического воздействия на пациента), ҷодубурорӣ (снятие заклинания с тела пациента), кирмшипонӣ (удаление кариес из зубов), тарсчироғ- монӣ (устранить страх), аз зиёнзада зиёнро баровардан (удалить болезнь из тела человека), бодронӣ (изгоняем из тела человека бода посредством молитвы) и.т.д.

Считается, что слово «зиёнзада» (поврежденный) использовал Камол Худжанды в значении «поврежденный чем-либо», и в этом смысле оно используется и по сей день [19, 55] .

Например, происхождение термина «бодрони» тесно связано с ритуалом «бодрани» (изгоняем из тела человека бода посредством молитвы). Лексема «дамхони» происходит из авестийского языка, о чем свидетельствует следующая надпись: «Лексема дам зафиксирована в авестийском языке, древнеперсидском и других языках иранской ветви» [9, 316-317].

Таким образом, в ходе анализа материала нами доказано, что лексика, представляющая собой наименования болезней в таджикском и китайском языках, включает в себя множество слов и терминов, каждый из которых имеет свои особенности.

ЛИТЕРАТУРА

1. Абдуллоева, Г.З. Этнолингвистические аспекты слов и терминов, выражающих медицинские понятия в диалектах Гиссарской долины / Г.З. Абдуллоева / Вестник Национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2021. – № 5. – С. 115-123.

2. Абуали ибни Сина. Канон врачебной науки. Книга 2. / Сино Абуалӣ. – Душанбе, 1991. – 446 с.

3. Айнӣ, С. Пламя свободы / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 263 с.

4. Гафуров, Б. Таджики. Книга 1. / Б. Гафуров. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 701 с.

5. Маджидов, Х. Современный таджикский литературный язык (Лексикология) / Х. Маджидов. – Душанбе: Ирфан, 2007. – 242 с.

6. Махмаджонов О., Лузина З. Лингвокультурологические аспекты лексики траурных обрядов в таджикском и немецком языках / О. Махмаджонов, Лузина // Вестник Института языков. Серия филологических, педагогических и исторических наук. – 2019. – № 3(35) . – С. 5-11.

7. Махмудов, М., Бердиев, Б. Краткий словарь бухарских говоров / М. Махмудов, Б. Бердиев. – Душанбе: Дониш, – 1989. – 278 с.

8. Муҳаммадхусайн Бурхон. Бурҳони котеъ. Т. 1 / Бурхон Муҳаммадусайн. – Душанбе: Адиб. – 1993. – 416 с.

9. Расторгуева, В.С., Эдельман, Д.И. Этимологический словарь иранских языков. Т. 1 / В.С. Расторгуева, Д.И. Эдельман. – М.: Восточная литература, 200. – 327 с.

10. Сангова, Х.Р. Грамматическая структура медицинских терминов в латинском языке / Х.Р. Сангова // Сообщение Национального университета Таджикистана. Кафедра филологических наук. – Душанбе, 2018. – № 7 – С. 57-62.

11. Сироджуддин Алихон Орзу. Чароги хидоят / Орзу Алихон Сироджуддин. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 238 с.

Сюй Цзиннин. Грамматика китайского языка/ Цзиннин Сюй. –Москва: Литрес, 2021. – 475.с

12. Турахасанов, К.Ш. Роль арабских слов в медицинской терминологии / К.Ш. Турахасанов // Вестник Таджикского национального университета. Кафедра филологических наук. – Душанбе, 2019. – № 8 – С. 46-49.

13. Турсунов, Ф., Ахмедова, А. О выражении понятия «болезнь» через пословицы и поговорки на таджикском и английском языках/ Ф. Турсунов, А. Ахмедова //Материалы международной- практической конференции на тему «Сравнительно-лингвистические аспекты изучения и преподавания иностранных языков в мультикултурном пространстве образования» (ДДЗТ. им Сотим Улугзаде, 24.12.2021). – Душанбе, 2021. – С. 20-24.

14. Фасмер, М. Этимологический словарь русского языка. Том 4 / М. Фасмер. – М.: Прогресс, 1987. – 864 с.

15. Хайдарова, Д.А. Особенноси медицинской терминологии в таджикском и английском языках: афтореф. дисс… канд. филол. наук / Д.А. Хайдарова. – Душанбе, 2007. – 25 с.

16. Ходжагельдыев, Рустем. Медицинские практики среднеазиатских народов на Шелковом пути / Рустем Ходжагельдыев. — Текст : непосредственный // Молодой ученый. — 2024. — № 17 (516). — С. 373-376. — URL: https://moluch.ru/archive/516/113444/ (дата обращения: 06.02.2025).

17. Эмомали, Рахмонов. Таджики в зеркало истории. Книга первая. От Арийцев до Саманидов. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 240 с.

18. Эмомали, Рахмон. Язык нации–- сущность нации. Книга 1 / Рахмон Эмомали. – Душанбе, 2016. – 516 с.

19. Эмомали, Рахмон. Язык нации – сущность нации. Книга 2 / Рахмон Эмомали. – Душанбе, 2020. – 431 с.

20. Эмомалӣ, Раҳмон, Чеҳраҳои мондагор (Вечные личности) / Раҳмон Эмомалӣ. – Душабе: Эр граф, 2016. –364 с.

ВЗГЛЯД НА ОБОЗНАЧЕНИЕ НАЗВАНИЙ БОЛЕЗНЕЙ В ТАДЖИКСКОМ И КИТАЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье говорится, что таджики считаются одним из древнейших народов, обладающим уникальной культурой, цивилизацией и традициями, которые на протяжении веков делали их еще более популярными среди других народов и племен.

Автор предполагает, что хотя китайский язык относится к тибетской языковой семье и по морфологической структуре относится к коренным языкам, в таджикском словарном запасе содержится много слов и терминов из китайского языка.

Также подчёкнуто, что Великий Шелковый путь свидетельствует о преимуществах взаимосвязанного мира, построенного на сотрудничестве и своевременном надежном обмене знаниями.

Взаимодействие на огромных расстояниях, подобное тому, что было на исторических маршрутах Шелкового пути, внесло неоспоримый вклад в обогащение и развитие науки путем передачи знаний и материальных ресурсов для научных исследований. Некоторые важные научные дисциплины, разработанные в ореоле Шелковго пути, включают медицинскую ботанику, фармакологию, ранние реакции на инфекционные заболевания и предшественник научной дисциплины химии - алхимию.

Автор доказал фактами и документами, что лексика, выражающая название болезней, составляет большую часть лексического состава таджикского и китайского языков. А в лексике, выражающей название болезней в таджикском и китайском языках, имеются как различия, так и сходства.

Ключевые слова: *название, болезни, лексика, слова, термины, таджикский язык, китайский язык, языковая картина мира, Шелковый путь и.т.д.*

ДИДГОҲЕ ДАР БОРАИ НОМГУЗОРИИ БЕМОРИҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ЧИНӢ

Дар мақола зикр мешавад, ки тоҷикон яке аз қадимтарин халқҳо ба шумор мераванд, ки дорои фарҳанг, тамаддун ва анъанаҳои беназири хеш мебошанд. Ин арзишҳои фарҳангӣ дар тӯли асрҳо онҳоро дар байни дигар қавму миллатҳо маъруф ва барҷаста гардонидаанд.

Муаллиф бар он назар аст, ки гарчанде забони чинӣ ба гурӯҳи забонҳои тибетӣ-бармоӣ тааллуқ дошта, аз ҷиҳати сохтори морфологӣ ба забонҳои мутлақ (изолятсионӣ) дохил мешавад, дар луғати забони тоҷикӣ шумораи зиёде аз вожаҳо ва истилоҳоти дорои пайдоиши чинӣ дида мешаванд.

Ҳамзамон, таъкид шудааст, ки Роҳи Бузурги Абрешим шаҳодати равшани бартарии ҷаҳони ба ҳам пайваста мебошад, ки бар асоси ҳамкорӣ ва мубодилаи саривақтӣ ва боэътимоди донишҳо бунёд ёфтааст.

Муомилот ва робитаҳои васеъе, ки тавассути роҳҳои таърихии Абрешим имконпазир гардида буданд, саҳми арзандае дар ғанӣ гардондан ва пешрафти илм гузоштанд, зеро онҳо воситаи интиқоли дониш ва захираҳои моддӣ барои таҳқиқоти илмӣ буданд. Аз ҷумла, чандин фанҳои муҳими илмӣ, ки дар доираи Роҳи Абрешим инкишоф ёфтанд, иборатанд аз: ботаникаи тиббӣ, дорушиносӣ, вокунишҳои ибтидоӣ ба беморихои сироятӣ ва илми алхимия, ки ба сифати пешгузари кимиёи муосир шинохта мешавад.

Муаллиф бо овардани далелҳо ва ҳуҷҷатҳо исбот намудааст, ки лексикае, ки номҳои беморихоро ифода мекунад, ҳиссаи муҳими захираи луғавии забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ мебошад. Дар баробари ин, дар луғоте, ки барои ифодаи номҳои беморихо дар ин ду забон истифода мешаванд, ҳам фарқиятҳо ва ҳам монандихо мушоҳида мегарданд.

Калидвожаҳо: *номгузорӣ, беморихо, лексика, вожаҳо, истилоҳот, забони тоҷикӣ, забони чинӣ, манзараи забонӣ-и ҷаҳонӣ, Роҳи Абрешим ва ғайра.*

VISION OF DISEASES' NAMES IN TAJIK AND CHINESE LANGUAGES

The article states that Tajiks are considered to be one of the most ancient nations with a unique culture, civilization and traditions that have made them even more popular among other nations and tribes over the centuries.

The author suggests that although the Chinese language belongs to the Tibetan language family and is an indigenous language by morphological structure, the Tajik vocabulary contains many words and terms from the Chinese language.

It was also said that the Great Silk Road testifies to the benefits of an interconnected world built on cooperation and timely reliable exchange of knowledge. Interaction over vast distances, such as that along the historical Silk Road routes, has made an undeniable contribution to the enrichment and development of science through the transfer of knowledge and material resources for scientific research.

Some important scientific disciplines developed along the Silk Road include medical botany, pharmacology, early responses to infectious diseases and the precursor of the scientific discipline of chemistry - alchemy.

The author has proven with facts and evidence that the vocabulary expressing the name of diseases makes up the majority of the lexical composition of the Tajik and Chinese languages. And in the vocabulary expressing the name of diseases in the Tajik and Chinese languages, there are both differences and similarities.

Keywords: *name, diseases, vocabulary, words, terms, Tajik language, Chinese language, language picture of the world, Silk Road, etc.*

Маълумот оид ба муаллиф: Зафарзод Олисомон – докторанти курси якуми зинаи PhD аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: +992 553917171 T-mail: Olik_0000@mail.ru

Сведения об авторе: Зафарзод Олисомон – докторант первого курса PhD по специальности 6D021300 – Лингвистика, Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода,. Адрес: 734019, ш. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, телефон: +992 553917171 T-mail: Olik_0000mail.ru

Information about the authors: Safarsod Olisomon – first-year doctoral student at the PhD level in the specialty 6D021300 – Linguistics, Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulugzoda, Address: 734019, Dushanbe, Muhammadiev Street, 17/6, tel.: +992 553917171 T-mail: Olik_0000@mail.ru

ТДУ: 491.550.01

ШИНОХТИ ФЕЪЛ ДАР ОСОРИ ФАЛСАФИЮ МАНТИҚӢ

Робия Сангзода
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Илми забоншиносӣ таърихи начандон тулонӣ дорад, вале баҳс атрофи забон ва масоили забоншиносӣ аз даврони қадим вуҷуд доштааст. Афкори забоншиносӣ нахуст дар Ҳинд бо навиштани грамматикаи меъёрии забони санскрит бар асоси матни «Ведҳо» аз ҷониби Панинӣ оғоз меёбад. Баъдтар анъанаи забоншиносии Ҳинд дар Чину Эрон, Юнон ва дар чанде аз кишварҳои Шарқу Ғарб идома ёфтааст [8, 69].

Дар робита ба афкори забоншиносии тоҷик қабл аз ислом пажӯҳиши ҷудогонае ба анҷом нарасидааст. Забоншинос Д. Саймиддинов дар мақолаҳо ва китобҳояш бархе аз масъалаҳои забоншиносиро дар забони форсии миёна таҳқиқ намудааст. Муҳаққиқ соли 1981 дар ҳаммуаллифӣ бо Гертсенберг Л.Г. мақолаеаро бо унвони «Лингвистическая мысль и языковедческая практика в Иране в домонгольское время» нашр намудааст, ки афкори забоншиносии даврони қадимро бозгӯ мекунад [7, 96-115].

Вуҷуди хат ва осори хаттӣ нишонае аз шаклгирии донишҳои забоншиносӣ дар миёни ақвоми ориёӣ дар даврони бостон аст. Ба назари мо, бунёнгузорони хатти мехӣ ҳангоми таҳияи хатти мехӣ аз донишҳои забоншиносӣ бархурдор будаанд. Дар ин замина, забоншинос Д. Хоҷаев чунин зикр намудааст: «Ҳарчанд доир ба илми забоншиносӣ дар давраи то ислом санади мушаххас дар даст надорем, аммо мавҷудияти хатти мехӣ дар замони Ҳахоманишиён (асри VI-IV пеш аз мелод) гувоҳ бар он аст, ки аҷдодони мо оид ба масъалаҳои марбути ин илм (илми забоншиносӣ – С.Р.) тасаввурот ва анъанаи кофӣ доштанд. Маълум аст, ки ҳар як халқи дорои хат соҳиби илму фарҳанги кофӣ ҳам мебошад, зеро ки хат яке аз кашфиётҳои муҳимми инсонӣ аст. Пас, дар ихтирои хат аз қонунияти илми забоншиносӣ истифода шуда ва ҳамчунин ин қавонин такмил ҳам дода шудааст» [13, 8].

Пас аз ислом донишҳои забоншиносии мардуми тоҷику форс, асосан, дар се манбаи илмӣ – осори фалсафӣ, кутуби адабиву балоғӣ ва фарҳангномаҳои форсӣ мунъакис гардидааст. Аз ин рӯ, дар бештари пажӯҳишҳои забоншиносӣ,

ки ба афкори забоншиносии тоҷик бахшида шудааст, ба ҳамин се манбаъ такя шудааст.

Ба назари мо, аз як тараф манбаъҳои мазкур барои шинохти феъл аз диди файласуфони пешини тоҷик нақши муҳим доранд ва аз тарафи дигар зимни таҳияи дастури нави забони тоҷикӣ кумак хоҳанд кард. Забоншинос Д. Хоҷаев дар мақолаи «Баҳрабардорӣ аз осори таълимии гузашта» оид ба аҳаммияти осори имлии гузашта чунин қайд менамояд: «Донишмандони гузаштаи мо дар баробари истифода аз таҷрибаи забоншиносии араб худашон низ роҳу равишҳои судбахшро ҷустуҷӯ ва ба кор мебурданд, ки имрӯз ҳам аз онҳо баҳра бардоштан мумкин аст» [16, 28].

Мо низ дар ин мақола тасмим гирифтем, ки феълро аз назари файласуфон ва осори фалсафию мантиқӣ баррасӣ намоем. Зеро забоншиносӣ пайванде ногусастанӣ бо фалсафаю мантиқ доштааст. Дурустараш масоили забоншиносӣ бештар дар зимни мабоҳиси фалсафию мантиқӣ баррасӣ мешуд. Ин равиш ба далели пайванде, ки бо макотиби фалсафии Юнони қадим дошт, бархурдор аст.

Дар даврони қадим илми забоншиносӣ ҳамчун як ҷузъи илми фалсафаю мантиқ ба ҳисоб мерафт. Бавижа, дар Юнони бостон масоили забоншиносӣ дар доираи мабоҳиси фалсафӣ баррасӣ мешуд. Тибқи назари файласуфони Юнони қадим дар шинохт ва маърифати олам нахуст донишҳои забонӣ ва мантиқӣ нақши асосӣ доранд. «Юнониён бар пояи суннати қадимии худ забонро аз манзари фалсафӣ низ баррасӣ карданд. Бад-ин тартиб афзун бар аҷзои суҳан ба ин мавзуъ ҳам пардохтанд, ки решаи забон чист, иртибот миёни забон ва тафаккур чӣ гуна аст ва оё иртибот миёни шакл ва маъно дар забон амре табиӣ аст ва қарордодӣ?» [8, 62]. Ҳарчанд ки дар давраи Сосониён мардуми тоҷику форс аз донишҳои юнонӣ бархурдор буданд, вале баъд аз ислом забоншиносии форсу тоҷик аз суннати забоншиносии юнонӣ таъсири бештаре пазируфт. Ба назари забоншинос Хоҷаев Д. «ҳанӯз то давраи ислом донишмандони файласуфи тоҷик аз манбаъҳои юнонию ҳиндӣ огоҳ буданд ва қонунҳои сарфу наҳвро дар дар иртибот бо қонунҳои мантиқ шарҳ медоданд» [15, 81]. Бузургтарин файласуфони форсу тоҷик дар пайравӣ ба файласуфони Юнони бостон дар осори фалсафию мантиқӣ ба шарҳи масоили забоншиносӣ пардохтаанд.

Ҳарчанд ки дар замони муосир забоншиносӣ ва мантиқ ду риштаи мустақили илм ҳастанд, аммо иртиботи наздике бо ҳам доранд. Забоншиносӣ ба таҳқиқи забон ва сохтору корбурди он мепардозад, дар ҳоле ки мантиқ ба пажӯҳиши истидлолу далел мепардозад. Аз он ҷое ки забон василае барои баёни мантиқ ва истидлол аст, ин ду ришта дар бисёре аз ҳавзаҳо бо ҳам алоқаманд ҳастанд. Муҳаққиқи эронӣ Беҳрӯзи Тобиш дар робита ба мантиқ ва забоншиносӣ чунин менависад: «Асоси дастури забон бар мантиқ устувор аст ва забонро маъқулона баррасӣ мекунад. Ормони громор танҳо як чиз – сохт аст: таъйин ё ташхиси дуруст ё нодуруст» [12, 149].

Агарчи шинохти феъл ба далели дорои бештарин категорияҳои грамматикӣ будан амре душвор аст, вале аз дер боз зеҳни донишмандонро ба худ машғул доштааст. Донишмандони форсу тоҷик дар баробари дигар ҳиссаҳои нутқ перомуни феъл низ назари худро иброз намудаанд, ки барои забоншиносии имрӯз аз аҳаммият холӣ нест. Бояд қайд намуд, ки донишмандони пешин баҳсҳои забоншиносии худро на дар осори алоҳидаи забоншиносӣ, балки бештар дар осори фалсафию адабӣ ва фарҳангҳои тафсирӣ баён намудаанд.

Нахустин андешаҳоро перомуни феъл мо дар осори донишманди форсу тоҷик Абунасри Форобӣ дарёфт мекунем. Абунасри Форобӣ яке аз пайравони мактаби фалсафии Юнони бостон буда, дар осораш ба масъалаи мантиқу забон таваҷҷуҳ кардааст. Муҳаққиқ Сулаймонов Б. дар иртибот ба масъалаи забону

мантиқ дар осори фалсафии Форобӣ мақолаеро таҳти унвони «Ҳамбастагиҳои забонӣ ва мантиқӣ аз дидгоҳи Абунасри Форобӣ» таълиф намудааст [ниг. ба 11].

Аз миёни осори фалсафии Форобӣ «Китоб-ул-ҳуруф» ҳовии дидгоҳҳои илмӣ, фалсафӣ ва забонӣ аст. «Китоб-ул-ҳуруф» нахустин китоби ҷомеъе аст, ки андешаҳои фалсафию мантиқии Форобиро бозгӯ менамояд. Илова бар ин, ин асар дарбаргирандаи бархе аз андешаҳои забоншиносӣ ва овошиносии ӯст, ки дар миёни пажӯҳишгарони ҳавзаи забоншинохтӣ ба таври дақиқ шинохта ва муаррифӣ нашудааст.

«Китоб-ул-ҳуруф» аслан ба забони арабӣ навишта шудааст. Соли 1394-и ҳ.қ. (2016 м.) китоби мазкур аз ҷониби донишмандони эронӣ Тайиба Сайфӣ ва Самия Мострифароҳонӣ ба забони форсӣ тарҷума ва нашр шудааст. Ин китоб шомили се бахш аст: бахши нахуст **«Ҳуруф ва номҳои мақулот»** унвон дорад, ки тулонитарин бахши китоб ва дар ҳақиқат навъе дастури забони фалсафӣ аст. Ин бахш муштамил бар 18 фасл аст, ки танҳо панҷ фасли он бо унвонҳои забоншинохтӣ мушаххас шудааст ва дигар фаслҳо агарчи мавзуи забонро дар зерсохти худ дорад, мабоҳиси он маъношиносии фалсафӣ ва мантиқӣ аст. Бахши дувум **«Пайдоиши вожагон, фалсафа ва дин»** номгузорӣ шудааст. Мавзуи ин бахш чигунагии шаклгирӣ ва такомули забонҳост. Чунончи, дар фасли алоҳида – **«Асл ва решаи забони миллат ва такомули он»** чӣ тавр пайдо шудани забони инсониятро баррасӣ намудааст.

Фасли ҳафтуми «Китоб-ул-ҳуруф» «Сохтори вожагон ва сарфи онҳо» унвон дорад. Дар ин фасл Форобӣ андешаҳояшро перомуни исму сифат ва феъл баён намудааст. Вай дар бораи тартиби зуҳури мақулоти забонӣ сегонаи исм, феъл ва сифат, исмро муқаддам бар феъл ва феълро муқаддам бар сифат медонад. «Ин маъонии интизоъӣ ба далели он ки сифат мушоралайҳанд (ишорашаванда С.Р.) ва мушоралайҳ бо онҳо васф мешаванд, беҳтар аст хориҷ аз зеҳн, калимоте барои онҳо вуҷуд дошта бошад, ки наҳвиҳои араб ин калимотро «масодир: масдарҳо» номидаанд ва ба замонҳои сегонаи гузашта, ҳол ва оянда қобили сарф ҳастанд [3, 45].

Абунасри Форобӣ дар асари энсиклопедии худ «Эҳсоъ-ул-улум», ки дар он ҳар як илмро вобаста ба ҷойгоҳ ва манзалаташ тасниф намудааст, забонро дар ҷойи аввал мегузорад. Ин донишманд дар фасли забон калимаҳоро ба се ҳисса ҷудо намудааст: «Ҳар лафзи муфраде, ки бар ҷинс ва навъ далолат кунад, ё исм аст, ё калима ва ё адот» [2, 76]. Дар идома доир ба исму феъл чунин менависад: «Ҳар исм ба феъле музаккар ва муаннас ва муфрад ва мусанно ҷамъ мешавад. Вале замон танҳо махсуси феъл аст ва он иборат аст аз: гузашта ва ҳол ва оянда аст» [2, 76].

Аз ин шарҳи додаи Абунасри Форобӣ маълум мешавад, ки ӯ масъалаҳои забониро дар такя ба қавоиди забони арабӣ шарҳ додааст, зеро ӯ исмро музаккару муаннас медонад. Дар ҳоле ки ин хусусият хосси забони арабӣ аст, на забони форсӣ. Вале нуктаи муҳим дар ин тавзеҳ он аст, ки ӯ феълро дорои се замон – гузашта, ҳол ва оянда медонад. Ин назари ӯ ба қавоиди дастурии забони форсии тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Ибни Сино аз ҷумлаи донишмандони барҷастаи форсу тоҷик аст, ки дар заминаи масоили муҳимми илми забоншиносӣ, аз қабили овошиносӣ ва равишҳои вожагузинӣ ва шинохти ҳиссаҳои нутқ хидмати муассир ва арзандае ба илми забоншиносӣ ироа намудааст. Дар осори фалсафии донишманди ҳамадон перомуни шинохти феъл андешаҳои арзишманд оварда шудааст. Назари Ибни Синоро доир ба феъл мо бештар аз рисолаи «Мантиқ»-и «Донишнома» пайдо карда метавонем.

Абуали Сино дар рисолаи «Мантиқ»-и «Донишнома» фаслеро бо номи «Падид кардани маънии ном ва куниш ва ҳарф» ҷудо кардааст ва ҳиссаҳои нутқро ба монанди Абунасри Форобӣ аз се даста иборат медонад: «Ҳар лафзе муфрад ё ном бувад, ё куниш, ё ҳарф. Ва ба тозӣ номро «исм хонанд» ва мар

кунишро наҳвиён «феъл» хонанд ва мантиқиён «калима» хонанд. Ва исму калима ҳардуро маънии тамом бувад, чунонки агар касе пурсад, ки «Киро дидӣ?» - гӯйӣ: «Зайдро», ҷавоб тамом бувад. Ва агар касе пурсад, ки «Зайд чӣ кард?» - гӯйӣ: «Бирафт», - ҷавоб тамом бувад. Ва аммо ҳарфро маънии тамом набувад, чунонки агар гӯяд: «Зайд куҷост?» - гӯйӣ: «ба» ё гӯйӣ: «бар», ё гӯйӣ: «андар» - ҳеҷ ҷавоб набувад, то нагӯйӣ: «Ба хона» ё «Андар масҷид» ё «Бар бом» [8, 34].

Абуалӣ ибни Сино дар баробари он ки ҳиссаҳои нуткро гурӯҳбандӣ намудааст, ҳамчунин кӯшиш намудааст, ки номи ҳиссаҳои нуткро бо истилоҳоти тоҷикӣ баён намояд. Ӯ ба ҷойи «исм» ва феъл»-и арабӣ аз вожаҳои тоҷикии «ном» ва «куниш» кор гирифтааст. Дар робита ба ин бояд гуфт, ки ҳеч кадоме аз донишмандони пешини форсу тоҷик дар вожагузинию вожасозӣ ба Ибни Сино баробар шуда наметавонанд.

Абуалӣ ибни Сино тафовут миёни исму феълро ҳам нишон додааст: «Лекин фарқ миёни исму калима он аст, ки исм далел бувад бар маънӣ ва далел набувад бар кайии он маънӣ, чунонки гӯйӣ: «мардум» ё «дӯстӣ». Ва аммо калима далел бувад бар маънӣ ва кайии он маънӣ, чунонки гӯйӣ: «Бизад», ки далел бувад бар «Задан» ва бар он ки андар замони гузашта бувад ва ҳамчунон чун гӯйӣ: «Бизанад» ва ҳамеша далел бувад бар касе, ки он маънӣ ӯро бувад, чун «зананда» ё «хазанда». Валекин он кас ё он чиз муайян набувад, ки донӣ, ки кадом аст» [8, 34].

Нуктаи муҳим дар ин тавзеҳ он аст, ки Сино феълро дорои категорияи замон медонад, ки хосси феъл аст. Забоншинос Д. Хоҷаев ин назари Ибни Синоро чунин шарҳ додааст: «Дар ин тавзеҳ (тавзеҳи боло С.Р.) Абуали Сино зимни вожаҳои «кас» ва «чиз» фоили ҷумла – мубтадоро, дар назар дорад, аммо хусусияти ҷумлаи яктаркибаи феълиро, ки дар он фоил ҳузур надорад, накушодааст» [17, 84]. Яъне Ибни Сино зимни муайян намудани фоили ҷумла ба категорияи шахсу шумора низ ишора кардааст.

Назари Ибни Сино перомуни феъл дар рисолаи «Мантиқ»-и «Ҳикмати Машриқия» низ баён шудааст. Ӯ дар ин рисола фаслеро бо номи «Таърифи исм, калима, адот ва қавл» ҷудо кардааст: «…исм лафзи муфрадест, ки маъноеро ифода намуда, се замони ин маъноро, ки ба вай ҳамроҳ мешаванд, далолат намекунад, мисли «Зайд». Аммо калима дар ҳар як чиз чун исм мавҷуд буда, замони муайянро ифода мекунад. Чунончи, ту мегӯйӣ «кӯфт», «зад», ки маъниаш «зарб» буда, ду чизи дигарро ифода мекунад: яке нисбати он (кӯфтан) ба мавзуест, ки муайян нест ва дигаре пайдоиши он дар замони берун аз мавзуъ, яъне замони гузашта аст» [8, 61].

Ин тавзеҳи Ибни Сино бештар марбути исм аст ва аз категорияи замон маҳрум будани исмро зикр намуда, ифодаи замонро хосси феъл медонад.

Ҳарчанд ки Форобӣ ва Ибни Сино китоби алоҳидае доир ба илми забоншиносӣ таълиф накардаанд, вале аз осори фалсафию мантиқии онҳо бармеояд, ки дар ташаккули ва таҳаввули илми забоншиносии тоҷик саҳми боризи худро гузоштаанд. Аз ин рӯ, онҳоро бунёдгузори илми забоншиносии тоҷик гуфтаанд.

Ҳамин равиш баъдтар дар осори фалсафии донишмандони дигари форсу тоҷик идома крадааст, ки намунаи он осори фалсафии Носири Хусрав аст. Ҳаким Носири Хусрав яке аз донишмандоне аст, ки то ба имрӯз умдатан дар ҳавзаи шеъру адаби форсӣ ва ҳикмату фалсафа аз ӯ ёд шудааст ва бархе аз афкори ӯ, аз ҷумла дидгоҳи ӯ дар боби забон ношинохта мондааст.

Бар асоси қайд ва тавзеҳоти мавҷуд дар осори фалсафии Носири Хусрав метавон натиҷа гирифт, ки ӯ аз бахшҳои мухталифи забоншиносӣ ба хубӣ огоҳ буда, ҳамчунин бо манобеи назарии ин илм ошно будааст. Афкори забоншиносии Носири Хусрав бештар дар ду асари фалсафии ӯ – «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» ва «Зод-ул-мусофирин» баён шудааст.

Носири Хусрав дар асарҳояш бештар ба масъалҳои нутқ, қавл ва калом таваҷҷуҳ намудааст. Дар баробари ин масоили сарф, бавижа, феъл низ аз назари ӯ дур намондааст. Дар «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» Носири Хусрав мафҳумҳои «фоил» ва «феъл»-ро чунин шарҳ додааст: «Ва фоил он бошад, ки феъл аз ӯ падид ояд, чу «дуредгар» ва феъли ӯ дуредгарист, ки он андар нафси ӯст ва «тахт» он аст, ки дуредгарӣ ба ӯ падид омадааст. Пас, ҳукамо гуфтанд, ки феъл миёнҷист миёни фоил ва миёни мафъул ва феъл ҳамеша ё андар зот фоил бошад ба қувват ё бар зот мафъул бошад ба «феъл» [6, 215]. Дар идома Носири Хусрав дорои се замон будани феълро таъкид намуда, онро мисолҳои мушаххас нишон додааст: «Замон ба се қисм аст: яке ҳозир, чун «**имрӯз**» ва «**ин соат**». Ва дигар гузашта, чун «**дӣ**» ва «**парер**». Ва се дигар оянда, чун «**фардо**» ва «**пасфардо**» ва чизҳои замонӣ низ бад-ин се қисм аст. Вобаста ба ҳамин се замон саҳми олотҳои идрокро чунин муайян менамояд: «Чашм олот аст мар идроки чизеро, ки ҳозир аст имрӯз ва гӯш олот аст мар идроки чизеро, ки дӣ ва парер будааст ва гузаштааст ва фикрат олот аст мар идроки чизеро, ки фардо ва пасфардо хоҳад будан».

Нуктаи муҳимме, ки ин ҷо бояд ба он ишора кард, ин аст, ки Носири Хусрав барои ифодаи замонҳои феъл ба ҷои истилоҳи арабӣ аз вожаҳои тоҷикии «**гузашта**» ва «**оянда**» истифода намудааст.

Ба назари забоншинос Д. Хоҷаев «Носири Хусрав байни замони фалсафию грамматикӣ фарқ нагузоштааст, ки ин аз он дарак медиҳад, ки ӯ ба ҳодисаҳои забонӣ низ аз диди фалсафӣ баҳо додааст» [17, 118].

Тавре ки мебинем, дар марҳалаҳои аввали шаклгирии афкори забоншиносии тоҷик баҳс атрофи масоили забоншиносӣ, бавижа, феъл бештар дар осори фалсафӣ инъикос шудааст. Ҳамин равиш дар асрҳои баъдӣ низ аз ҷониби донишмандони дигар идома намудааст. Дар асри XIII Насириддини Тӯсӣ ба монанди Форобию Ибни Сино ва Носири Хусрав асарҳои фалсафию мантиқӣ таълиф намудааст, ки масоили забоншиносиро низ фаро гирифтаанд.

Мабоҳисе, ки Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар забоншиносӣ мавриди баррасӣ қарор додааст, бештар дар ду асари маъруфаш – «Асос-ул-иқтибос» ва «Меъёр-ул-ашъор» дарҷ гардидааст. «Асос-ул-иқтибос» дар заминаи дониши мантиқ аст, ки ба забони форсӣ навишта шудааст. «Асос-ул-иқтибос» пас аз «Мантиқ»-и «Шифо»-и Ибни Сино бузургтарин ва муҳимтарин китобе аст, ки дар ин илм таълиф шудааст. Ин китоб дар баробари китоби мантиқ будан, ҳамчунин масоили забоншиносиро низ фаро гирифтааст.

Дар «Асос-ул-иқтибос» дар «Мақолоти аввал», ки шомили чор фан аст, фанни аввал «Дар мабоҳиси алфоз» -ро ба масоили шинохти исму феъл аз диди мантиқ бахшидааст. Дар фасли севуми ин фан «Дар қисмати алфоз» дар мавриди тафовути исму феъл баҳс ба миён оварда ва чунин гуфтааст: «Ва ҳамчунин исм ё мавзуъ бошад чун зарб ва ё муштақ бувад, чун зориб ва мазруб. Ва феъл дар бештари луғот муштақ бувад, чунонки дар луғати араб аз исме муштақ аст, ки онро масдар мехонанд» [9, 14].

Дар идома баҳсро доир ба феъл идома дода, онро дорои чунин мухтасот медонад: «Ва феъл мутазамин ва мусталзими чаҳор чиз бувад: маънӣ ва маҳалли он маъниро ва ҳудуси маъноро дар он маҳал ва замони ҳудусро, чунонки дар зарб зарб маънӣ аст ва маҳал он чи ба ҷойи фоъил бувад, чи феъл иқтизои фоъилӣ кунад, ҳарчанд номуайян бошад дар лафз. Ва ҳудуси зарб дар зориби он маънӣ аст, ки аз зарб мафҳум аст. Ва замони ҳудус замони мозист дар ин сурат. Ва аз ин чаҳор маънӣ яке, ки маҳали феъл аст, гоҳ бувад, ки тамаллуқ ба лафзе дигар гирад, ки дар наҳв онро фоиъл хонанд ва аз сиғаи феъл хориҷ бувад, чунонки дар зарби Зайд. Пас, лафзи зарб дол бар се чиз аст: маънӣ ва ҳудусаш ва замони ҳудусаш. Ва гоҳ бувад, ки маънӣ низ тааллуқ ба лафзе дигар гирад хориҷ аз лафзи феъл ва лафзи феъл дол бар ду чиз беш набувад: ҳудуси маънӣ ва замони ҳудус, чунонки дар: Кон Зайда зорибан, ки ба ҷойи зарб Зайд аст» [9, 15].

Хулоса, дар осори фалсафӣ ва мантиқии донишмандони гузаштаи форсу тоҷик феъл чун ҳиссаи нутқ мавқеи муҳим доштааст. Нахустин андешаҳо перомуни феъл дар осори файласуфони форсу тоҷик – Форобӣ, Ибни Сино ва Носири Хусрав баён шудааст. Донишмандони мазкур аз манбаъҳои фалсафии Юнони бостон, дастовардҳои забоншиносии ҳинду араб огоҳии комил доштанд. Баъдтар ҳамин равишро донишманди дигари форсу тоҷик Насируддини Тӯсӣ идома додааст. Ҳарчанд ки донишмандони мазкур китоби алоҳидае доир ба забон ва забоншиносӣ таълиф накардаанд, вале андешаҳои баённамудаи онҳо бо дастурҳои муосир мувофиқат мекунад. Бинобар ин, ҳангоми таълиф ва таҳияи дастурҳои нави забони тоҷикӣ баҳрабардорӣ аз афкори онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

КИТОБНОМА

1. Аруҷӣ, Муҳаммадризо. Макотиби забоншиносӣ (аз аҳди атиқ то даврони муосир) / Муҳаммадризо Аруҷӣ, Ҷавод Раҳмонӣ. – Теҳрон, 1395. – 299 с.
2. Додаров, О. Масъалаҳои забоншиносӣ дар «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун»-и Воҷидалии Муҷмалӣ. – Душанбе, 2019. – 152 с.
3. Додаров, О. Таъриф ва шинохти исму феъл дар осори илмию таълимии донишмандони пешини тоҷик О. Додаров // Забон – рукни тоат (маҷаллаи илмӣ). № 14. – Душанбе, 2023. – С. 58–64.
4. Десницкая, А.В., Кацнельсон, С.Д. (ред.). История лингвистических учений. Средневековый Восток. – Л.: Наука, 1981. – 299 с.
5. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 2017. – 320 с.
6. Носири Хусрав. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн // Куллиёт. Ҷ. 1. – Душанбе: «ЭР-раф», 2011. – 308 с.
7. Сулаймонов, Б.С. Ҳамбастагиҳои забонӣ ва мантиқӣ аз дидгоҳи Абунасри Форобӣ / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишкадаи забонҳо. № 2 (46). – Душанбе, 2022. – С. 27–33.
8. Сино. Осори мунтахаб. Ҷ. 1. / Абуалӣ ибни Сино. – Душанбе, 1980. – 478 с.
9. Тобиш, Беҳрӯз. Забоншиносӣ ва корномаи забони порсӣ / Беҳрӯз Тобиш. – Теҳрон: Навоварон, 1383. – 625 с.
10. Тӯсӣ, Насируддин. Асос-ул-иқтибос Насируддини Тӯсӣ / . – Теҳрон, 1389. – 562 с.
11. Форобӣ. Эҳсо (ъ)-ул-улум / Абунасри Форобӣ. – Теҳрон, 1346 ҳ. – 32 с.
12. Форобӣ. Китоб-ул-ҳуруф / Абунасри Форобӣ. Тарҷумаи Тайиба Сайфӣ ва Самия Мостарфароҳонӣ. – Теҳрон, 1394. – 250 с.
13. Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асарҳои X–XVI / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2013. – 344 с.
14. Хоҷаев, Д. Баҳрабардорӣ аз осори таълимии гузашта / Д. Хоҷаев // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои филологӣ. № 4–6 (146). – Душанбе, 2014. – С. 28–30.
15. Хоҷаев, Д. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна. – Душанбе, 1998. – С. 13.
16. Хоҷаев, Д., Додаров, О. Шарҳи баъзе масъалаҳои марбути феъл дар «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун»-и Воҷидалихон / Д. Хоҷаев // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои филологӣ. № 4-1. – Душанбе, 2012. – С. 3–10.
17. Хоҷаев, Д., Додаров, О. Таърихи афкори забоншиносии тоҷик / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2022. – 303 с.

ШИНОХТИ ФЕЪЛ ДАР ОСОРИ ФАЛСАФИЮ МАНТИҚӢ

Шинохти феъл ба далели печидагӣ ва густурдагии он амре душвор аст ва аз дер боз зеҳни донишмандонро ба худ ҷалб намудааст. Донишҳои

забоншиносии мардуми тоҷику форс, асосан, дар се манбаи илмӣ – осори фалсафӣ, кутуби адабиву балоғӣ ва фарҳангномаҳои форсӣ баён шудааст. Дар марҳалаи аввали шаклгирии афкори забоншиносии тоҷик баҳс атрофи масоили забон бештар дар осори фалсафию мантиқӣ инъикос шудааст. Бинобар ин, дар мақола нахуст шинохти феъл дар осори фалсафии донишмандони форсу тоҷик – Форобӣ, Ибни Сино ва Носири Хусрав таҳлилу баррасӣ шудааст.

Нахустин андешаҳо перомуни феъл дар «Китоб-ул-ҳуруф» ва «Эҳсоъ-ул-улум»-и Абунасри Форобӣ баён шудааст. Ӯ феълро дорои се замон – гузашта, ҳол ва оянда медонад. Баъдтар дар осори фалсафии Ибни Сино перомуни шинохти феъл андешаҳои арзишманд оварда шудааст. Ибни Сино дар рисолаи «Мантиқ»-и «Донишнома» фаслеро бо номи «Падид кардани маънии ном ва куниш ва ҳарф» ҷудо кардааст. Абуали ибни Сино дар баробари он ки ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ кардааст, ҳамчунин кӯшиш намудааст, ки номи ҳиссаҳои нутқро бо истилоҳоти тоҷикӣ баён намояд. Ӯ ба ҷойи «исм» ва феъл»-и арабӣ аз вожаҳои тоҷикии «ном» ва «куниш» кор гирифтааст.

Шинохти феъл аз назари Носири Хусрав низ дур намондааст. Носири Хусрав дорои се замон будани феълро таъкид намуда, онро мисолҳои мушаххас нишон додааст.

Баъдтар дар асри XIII донишманди дигари форсу тоҷик Насируддини Тӯсӣ анъанаи Форобӣ ва Ибни Синоро идома додааст. Насируддни Тӯсӣ дар китоби «Асосӯулӯиқтибос» дар баробари шарҳи масоили фалсафию мантиқӣ ба масоили забоншиносӣ низ пардохтааст. Аз ҷумла, масоили шинохти феъл низ аз назари ӯ дур намондааст.

Калидвожаҳо: *дастур, мантиқ, феъл, шинохт, забоншиносӣ, категорияи замон, сиға.*

ПОНИМАНИЕ ГЛАГОЛА В ФИЛОСОФСКИХ И ЛОГИЧЕСКИХ ТРУДАХ

Понимание глагола, с учётом его сложности и широты семантического охвата, является одной из трудных проблем в языкознании и с древности привлекало внимание учёных. Языковедческие представления таджикского и персидского народов в основном отражены в трёх научных источниках — философских трудах, литературно-беллетристических и риторических книгах, а также в персидских лексиконах.

На раннем этапе становления таджикской лингвистической мысли вопросы языка преимущественно обсуждались в рамках философских и логических произведений. В связи с этим в настоящей статье рассматривается понимание глагола в философском наследии выдающихся представителей таджикско-персидской мысли — Аль-Фараби, Ибн Сины и Насира Хусрава.

Первые идеи о глаголе изложены в трудах Абунасра аль-Фараби — «Китаб аль-Хуруф» и «Ихса аль-Улум». Он определяет глагол как часть речи, обладающую тремя временами: прошедшим, настоящим и будущим.

Позднее в философских произведениях Ибн Сины (Авиценны), особенно в разделе «Логика» своего «Донишнаме» (Книги Знания), были представлены ценные размышления о природе глагола. В главе под названием «Возникновение смысла имени, действия и частицы» он не только классифицирует части речи, но и стремится обозначить их терминами родного (таджикского) языка. В частности, вместо арабских терминов «исм» (имя) и «филь» (глагол), он использует таджикские слова «ном» (имя) и «куниш» (действие).

Насир Хусрав также не обошёл вниманием тему глагола. Он подчёркивает наличие у глагола трёх временных форм и иллюстрирует это конкретными примерами.

В XIII веке эту научную традицию продолжил Насируддин Туси. В своём труде «Асас ал-Иктибос» (Основы умозаключения), наряду с философскими и

логическими вопросами, он также обращается к вопросам языкознания. В том числе и тема глагола занимает важное место в его концепции.

Ключевые слова: *грамматика, логика, глагол, познание, языкознание, категория времени, наклонение.*

THE CONCEPT OF THE VERB IN PHILOSOPHICAL AND LOGICAL WORKS

The recognition and analysis of the verb, due to its complexity and semantic breadth, has long been a challenging issue in linguistics and has drawn the attention of scholars for centuries. The linguistic knowledge of the Tajik and Persian peoples is mainly reflected in three major scientific sources: philosophical writings, literary and rhetorical texts, and Persian lexicons.

In the initial stages of the development of Tajik linguistic thought, discussions on language matters were primarily reflected in philosophical and logical works. Therefore, this article first analyzes the understanding of the verb in the philosophical works of prominent Tajik and Persian scholars — Farabi, Ibn Sina (Avicenna), and Nasir Khusraw.

The earliest ideas concerning the verb are found in Abu Nasr al-Farabi's Kitab al-Huruf and Ihsa al-Ulum. He defines the verb as possessing three tenses — past, present, and future. Later, Ibn Sina provided profound insights on the nature of the verb in his philosophical writings, especially in the «Logic» section of Danishnama (The Book of Knowledge), where he included a chapter titled On the Emergence of the Meaning of Noun, Action, and Particle. Ibn Sina not only classified parts of speech but also attempted to present them using native (Tajik) terms. For instance, he used the Tajik words nom (name) and kunish (action) instead of the Arabic ism and fi'l.

Nasir Khusraw also paid attention to the concept of the verb. He emphasized the three temporal dimensions of the verb and illustrated them with specific examples.

In the 13th century, the Persian-Tajik scholar Nasir al-Din Tusi continued this tradition. In his book Asas al-Iqtibas (The Foundation of Inference), alongside philosophical and logical topics, he also addressed linguistic matters. The recognition of the verb also occupies a notable place in his theoretical framework.

Keywords: *grammar, logic, verb, cognition, linguistics, tense category, mood.*

Дар бораи муаллиф: Сангзода Робияи Муродали – докторанти PhD-и соли дувуми Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ. Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 21. Тел.: +992 98 886 9238.

Сведения об авторах: Сангзода Робия Муродали — докторант PhD)второго года обучения Института языка и литературы имени Рудаки Академии наук Республики Таджикистан. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 21. Тел.: +992 98 886 9238.

Author: Sangzoda Robiya Muradali — PhD student at the Rudaki Institute of Language and Literature, Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. Tel: +992 98 886 9238.

АДАБИЁТШИНОСӢ / ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ / LITERARY STUDIES

ТДУ: 891.55.09

УСТОД ТУРСУНЗОДА ДАР НАҚДИ НОСИРҶОН МАЪСУМӢ

Аламхон Кучарзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Устод Мирзо Турсунзода аз зумраи он адибони маъруфи ҷаҳониест, ки эҷодиёти ӯ аз қадамҳои нахустин таваҷҷуҳи нақди адабиро ба худ ҷалб намудааст. Адабиётшинос Шарифҷон Ҳусейнзода ба маҷмуаи нахустини шоир – «Ҳайроқи зафар» (1932) сарсухан навишта гуфтааст: «Ин маҷмуаи ҳикоя ва шеърҳои аввалин ва истеъдоди ҷавони Турсунзода шоҳид аст, ки ӯ барои адабиёти бузурги сотсиалистӣ хидматҳои шоистаро карда метавонад» [7, 147].

Баъдҳо суханшиносону адибони зиёди ватаниву хориҷӣ осори гуногунпаҳлу ва пурбори адибро ба таҳлилу таҳқиқ гирифта, ҳунари адабӣ ва мавқеи иҷтимоии шоирро баррасӣ намудаанд[1]. Яке аз суханшиносони варзидае, ки ҳам дар китоби дарсии синфи 10, ҳам дар мақолаҳои сершумор, ҳам дар гузоришоту хотираҳояш басо самимона ва воқеъбинона осори устод Турсунзодаро нақду баррасӣ намудааст, Носирҷон Маъсумӣ мебошад.

Н. Маъсумӣ ҳангоми таҳсил дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе (солҳои 1937-1940) дар маҳфилҳои адабии донишкада ва Иттифоқи нависандагон ширкат варзида, аз суҳбатҳо ва маслиҳатҳои устодон Айнӣ, Лоҳутӣ, Раҳимӣ, Деҳотӣ баҳравар мегардид ва дар ин нишастҳои адабӣ махсусан Мирзо Турсунзода бо ҷаҳонбинӣ, тафаккури таҳлилӣ ва андешаҳои созандаи адабию иҷтимоӣ ба ӯ таъсиргузор буд. Аз ҷумла, баррасӣ ва хулосаҳои М.Турсунзода тобистони соли 1940 оид ба баҳси образи «гулу булбул» ба мутахассиси ҷавон таассуроти нек бахшид, зеро бар хилофи зумрае аз суханварон, ки аз образи гулу булбул тамоман даст кашидани адибони шуравии тоҷикро талаб мекарданд, дар образҳои анъанавӣ мувофиқи талаби замон ранги тозаи бадеӣ дода тавонистанро таъкид карда, гуфта буд: «Бигзор ҳар шоир дорои услуби эҷодии худ бошад, садои шоиронаи худро дошта бошад, дар ин кор маҳорат нишон диҳад, ҳунарнамоӣ кунад… Он гоҳ гулу булбул ҳам ҷою мавриди худро меёбад» [1, 40].

Солҳои душвори Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва баъдиҷангӣ Н.Маъсумӣ, чун устоди ҷавони факултети филологияи Донишкадаи омӯзгории Душанбе, басо серкор ва сертараддуд буд. Таълифи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва баёзҳои адабӣ барои макотиби олӣ ва миёнаи касбӣ вақти зиёдеро мегирифт. Бо вуҷуди ин, Н.Маъсумӣ дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ менавишт ва яке аз мавзуъҳои таҳқиқотии муҳаққиқ эҷодиёти М.Турсунзода буд.

Моҳи августи соли 1949 дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» «Шоири дӯстдоштаи халқ» ном мақолаи Н.Маъсумӣ чоп шуд. Ин мақола ба дастовардҳои солҳои охири М.Турсунзода, махсусан силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон», ки соли 1948 ба Мукофоти давлатии Иттиҳоди Шуравӣ сазовор гардида буд, бахшида шудааст. Ҳамчунин, моҳи сентябр дар пойтахти Иттиҳоди Шуравӣ –

1. Абрамов П.Я., Қосимова М. Мирзо Турсунзода. Нишондиҳандаи библиографӣ. Дар зери таҳрири Б.Раҳимзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1953. – 63с.; Шевченко З.М. Мирзо Турсунзода. Нишондиҳандаи библиографӣ. Муҳаррири масъул С.Табаров. – Душанбе: Дониш, 1972. – 310 с.

шаҳри Маскав бояд Деҳаи адабиёти тоҷик баргузор мешуд ва муаллифи мақола ҳамаи комёбиҳои шоирро дар руҳи халқӣ ва ҷанбаи иҷтимоии ашъори ӯ медонад. Дар силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» низ табақаи поинии ҷомеаи Ҳиндустон ба тасвир омадааст.

Соли 1950 устод Турсунзода ба депутатии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешавад ва ба ин муносибат Н. Маъсумӣ бо номи «Фарзанди арзандаи халқ» мақолае навишта, дар он фаъолияти эҷодӣ ва кории шоирро муфассал баррасӣ менамояд. Ин мақола, ҷанбаи публитсистӣ ва тарғиботӣ дорад ва аҳволи халқи заҳматкаши тоҷикро дар ду давраи таърихӣ фаро мегирад:

Рӯзҳои тираро дар ёди худ дорем мо,
Кӯҳсори мо баланду толеи мо паст буд.
Зиндагии пурсаодатро агарчи умрҳо
Орзу мекард инсон, лек кӯтаҳдаст буд [2].

Муаллиф маҳорати ташкилотчигӣ ва фаъолияти иҷтимоии М. Турсунзодаро таъкид намуда, аз ҷумла, менависад: «Солҳои 1930-1931 дар назди рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» маҳфили адабӣ таъсис дода шуд, ки дар он Турсунзода, Миршакар, Икромӣ, Раҳимӣ… фаъолона ширкат меварзиданд. Дар ин гузориш Турсунзода чун фарзанди барӯманди халқи тоҷик ва чун ходими барҷастаи ҷомеаи шуравӣ тавсиф ёфтааст. Ин мақола дар шакли такмилёфта бо номҳои «Мирзо Турсунзода ва эҷодиёти ӯ» ва «Шоир ва ходими давлатӣ» соли 1950 дар матбуоти давр ба табъ мерасад.

Ибтидои солҳои 50-ум масъалаи таълифи китоби дарсии «Адабиёти советии тоҷик» барои синфи 10-и мактаби миёна ба миён меояд ва ба уҳдаи Н. Маъсумӣ навиштани бахшҳои «Мирзо Турсунзода» ва «Муҳаммадҷон Раҳимӣ» вогузор шуд. Ин китоб бо ҳамдастии Х. Мирзозода, Н. Маъсумӣ, Ю. Бобоев бори аввал соли 1952 дастраси хонанда гардида, минбаъд ҳар сол бо таҳриру иловаҳо ба табъ мерасид. Аз ин асар муаллимон ва мактаббачагон оид ба ҳаёт, фаъолияти иҷтимоӣ, давраҳои эҷодиёт, мазмуну муҳтаво ва хусусиятҳои лафзии ашъори лирикиву ҳамосавии М.Турсунзода маълумоти муфассал гирифта, мавқеи шоирро дар назми давраи нави тоҷик дар сатҳи ҷаҳонбинии худ муайян карда метавонанд. Н.Маъсумӣ силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон»-ро аз нигоҳи ғоявию бадеӣ, образҳо ва забону услуб таҳлил намуда, онро асари марҳалавӣ медонад ва сарчашмаи моҳияти ҷаҳонӣ пайдо кардани ашъори шоир мешуморад: «Агар силсилаи шеърҳои ҳиндустонӣ М.Турсунзодаро ҳамчун шоири баркамол ба майдони адабиёти умумииттифоқ бароварда, дар хориҷа ҳам шуҳратманд гардонда бошад, муваффақиятҳои минбаъдаи шоир ин мавқеи ӯро мустаҳкам намуданд» [6, 291] .

Фардияти услуби эҷодии Мирзо Турсунзода, ба қавли муаллиф, дар баррасӣ ва таҳлилҳои фалсафии ҳаёту муборизаи инсоният равшан ба мушоҳида мерасад: «Хулосаҳои ҳикматомези шоир моҳиятан ба зарбулмасалу мақол баробаранд ва афоризм ном доранд. Онҳо вобаста ба мазмуни бойи пандомези худ дорои аҳамияти зиёди тарбиявӣ мебошанд. Дар ин кори эҷодӣ ҳам давоми беҳтарин анъанаҳои адабиёти классикӣ, ҳам навоварии шоиронаи Турсунзода мушоҳида карда мешавад» [6, 317].

Тадриҷан такмил ёфта ба қуллаи камолот расидани маҳорати адабии М.Турсунзода дар мақолаи «Достони табаддулоти ҳаёт», ки ба таҳлилу таҳқиқи асари «Ҳасани аробакаш» бахшида шудааст, баррасӣ гардидааст. Ба қавли Н.

Маъсумӣ, достони «Ҳасани аробакаш» аз ҷумлаи беҳтарин намунаҳои назми реализми сотсиалистӣ ба шумор меравад.

Дар мақола образи Ҳасан, ки чун қаҳрамони асосӣ дар ҳалли мавзуъ – азнавсозии ҳаёти сокинони Тоҷикистон ва муборизаи ҳаёти нав ба зиндагии куҳнаи иҷтимоӣ мавқеи муайянкунандагӣ дорад, басо муфассал ба таҳлил омадааст. Муҳаққиқ дар асар ду хатти сужетро мушоҳида намудааст: «Тағйироти тадриҷии харитаи республика ва ҳаёти ҷамъиятӣ, тағйироти тадриҷии шуур ва муносибатҳои ҳаётию ҷамъиятии Ҳасан, ин ду хатти ҳаракати сюжет ба ҳам сахт марбут аст ва то ба охир якҷоя ҷараён меёбад» [4, 267].

Бояд гуфт, ки устод Турсунзода достони «Ҳасани аробакаш»-ро соли 1961 дар таҳрири нав пешкаши хонандаи тоҷик менамояд. Мақолаи «Достони табаддулоти ҳаёт», соли 1960 навишта шудааст. Аз бойгонии Н.Маъсумӣ бармеояд, ки шоир таҳрири нави достонро дар шакли дастнавис ба муҳаққиқ пешниҳод карда будааст.[1] Аз ҷумла, иловаи мухолифати Ҳасан ба савдогари сароикамарӣ дар мақола бо чунин мисол тақвият ёфтааст:

Саҳни танги аробаро чу Ҳасан
Беамон саҳнаи мубориза сохт,
Аз гиребони ҷомаи ҷаллоб
Бо ду дасташ гирифту дур андохт.

Ба сараш бо ҷувол, бо халта
Кӯфт, ором шуд, шитоб намуд.
Аз Сарои камар гузар карда
Манзили дигар интихоб намуд [5, 275].

Ин ду банд аз ҷониби шоир бори дигар таҳрир хӯрда, дар шакли зер ба хонанда пешниҳод шудааст:

Ҳасани мо аробаи худро
Аз алам саҳнаи мубориза сохт.
Бойро бо ду даст боло кард,
Бо ҳама қувва бар замин андохт.

Дар ароба ҷуволи орд намонд,
Ҳамаро ӯ ба хоки роҳ афканд.
Пуштро карда бар Сарои камар,
Ба раҳи дигаре нигоҳ афканд [9, 210].

Аз лавҳаи боло симои Ҳасан чун қаҳрамони мусбати мубориз равшан намоён мешавад. Ба гуфтаи Н.Маъсумӣ: «Ин кирдори нек дар инкишофи шуури қаҳрамони асар (Ҳасан – К. А.) гардиши муҳим аст ва нишон медиҳад, ки ӯ дар ҳаёти ҷамъиятӣ шахси бепарво ва бетараф намебошад. Вай одами ҷамъияти советӣ аст, вале бо хусусиятҳои махсуси худ» [1, 276]. Маҳз аз ҳамин давра сар карда, дар фикру ақидаи Ҳасан дигаргунии ҷиддӣ ба вуҷуд меояд. Фикр дар варианти ниҳоӣ боз ҳам равшантару ҷолибтар баён ёфтааст, вале Н. Маъсумӣ минбаъд охирин иродаи эҷодии муаллифро ба назар нагирифтааст.

Тавре ки пештар зикр гардид, мақолаи «Достони табаддулоти ҳаёт» соли 1960, яъне як сол пеш аз таҳрири охири «Ҳасани аробакаш» таълиф шудааст. Бино бар ин, дар чопи аввали он ҷой надоштани таҳрири охирини асар табиист, вале дар нашрҳои баъдии мақола, ки баъди дастрасии таҳрири охирин ба вуқуъ

1. Бойгонии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон. Маводди Носирҷон Маъсумӣ. Фонд 23. В. м. 1097. М.Турсунзода «Ҳасани аробакаш» (илова ба боби 3).

пайвастааст, ба эътибор гирифтани он шарту зарур буд. Дар матни китоби дарсӣ низ чунин ҳолат рӯй додааст. Дар таҳрири аввали достон симои Ҳасан чунин васф шудааст:

Мӯйлаб тоб дода то паси гӯш,
Даст дар остин ниҳон мегашт,
Бо сари синаи бараҳнаи худ
Мисли олуфтаи замон мегашт [5, 295].

Ин банд ба калон будани синну сол («Мӯйлаб тоб дода то паси гӯш») ва дорои тачрибаи муайяни зиндагӣ будани Ҳасан ишора карда, ғуруру виқори бечоии ӯро дуруст ифода карда наметавонад. Ин аст, ки шоир баъдҳо онро чунин таҳрир менамояд:

Ба сараш монда лабшикан тоқӣ,
Ҳасани мо ғами зиёд надошт.
Набароварда мӯйи лаб, худро
Дар сафи мардҳо ҳаме пиндошт [9, 173].

Аммо дар ҳамаи матнҳои китоби дарсии «Адабиёти советии тоҷик» барои синфи 10 варианти аввали банди мазкур оварда шудааст. Дар варианти дувум Ҳасан ҷавони камтаҷриба аст, бино бар ин, мағрури касбукори худ ба назар мерасад ва лозим буд, ки дар матнҳои баъдии китоби дарсӣ варианти таҳрирёфта истифода мешуд.

Соли 1961 50-умин солгарди устод Турсунзода таҷлил мегардад. Ба ин муносибат Носирҷон Маъсумӣ китобе бо номи «Мирзо Турсунзода» таълиф карданӣ мешавад. Дар бойгонии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, фонди Н.Маъсумӣ таҳти рақами 9754 дар ҳаҷми 199 саҳифа маводди мошиннавис ва дастхат мавҷуд аст, ки ба устод Турсунзода бахшида шудааст. Дар варақи аввал номи муаллиф (Н. Маъсумӣ), унвони китоб (Мирзо Турсунзода), муносибати таълиф (Ба 50-солагии ҳаёти дурахшон ва 30-солагити фаъолияти пурсамари адабиву эҷодии устоди назми ҳозираи тоҷик, Лауреати мукофотҳои Ленинӣ ва Сталинӣ, рафиқ ва дӯсти меҳрубон Мирзо Турсунзода бахшида мешавад), номи нашрия (Нашриёти давлатии Тоҷикистон) ва ҷою соли чоп (Сталинобод, 1961) зикр гардидааст.

Фасли якум «Ҳамдами халқ, ҳамқадами замон» ном гирифта, ба зиндагиномаи М.Турсунзода бахшида шудааст. Ин фасл то соли 1960, то сазовори Мукофоти Ленинӣ гардидани шоир идома меёбад. Дар ин фасл ҳолномаи шоир басо муфассал баррасӣ мегардад, ки аз рӯйи он баъзе лаҳзаҳои торики ҳаёти устодро равшан кардан мумкин аст: масалан, солҳои 1937-42 ӯ вазифаи раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро ба уҳда доштааст. Ё худ соли 1927 ба сафи комсомолии ленинӣ дохил шуда, солҳои 1927-1930 дар Дорулмуаллимини тоҷикии Тошканд таҳсил кардааст.

Дар баробари ин, дар ин фасл, ки ба мақолаҳои дигари муаллиф ҳам гузаштааст, баъзан фикрҳои баҳсталаб низ мушоҳида мешавад: «Модараш (модари М.Турсунзода – К. А.) соли 1918 вафот кардааст» [2, 9754, фонд.23. В. м. 39]. Ҳол он ки вафоти модари шоир ба вабои Қаратоғ вобаста мебошад ва ба соли 1920 рост меояд. Ҳамчунин, дар ин фасл (ва баъзе мақолаҳои баъдии муҳаққиқ) омадааст: «Ҷаҳонгардии Турсунзода аз соли 1947 сар шуд» [2, 9754. Фонд.23. В. м. 39]. Ҳол он ки бори аввал устод Турсунзода тирамоҳи соли 1941 дар ҳайати дастаи ҳунарии чумҳурӣ ба сарзамини Эрон сафар мекунад ва ин сафар чил рӯз идома меёбад.

Фасли дуюм «Шукуфаҳои нахустин» номгузорӣ шудааст ва дар он эҷодиёти М.Турсунзода аз нахустин қадамҳояш ба ҷодаи адабиёт то соли 1933 баррасӣ шудааст: «М.Турсунзода аз соли 1929 (дар Дорулмуаллимини Тошканд) ба майдони адабиёт қадам гузошт ва солҳои 1930-1933 бештар ба наср таваҷҷуҳ зоҳир намуд» [2, 9754, фонди 23. В. м. 39). Баъд муаллиф ба таҳлили ҳикоя ва очеркҳои шогирдонаи адиб мепардозад ва ба чунин хулоса меояд, ки: «Асарҳои онвақтаи Мирзо Турсунзода ин шукуфаҳои нахустин ё хастагулҳои навниҳоле буданд, ки аз нашъунамои дарахти бузурги серҳосили оянда муждагонӣ медоданд» (2, 9754, фонди 23. В. м. 39).

Фасли сеюм «Таронасарои меҳнат» ном гирифтааст ва дар он марҳалаи аз наср ба назм гузаштани М.Турсунзода ва давраи омӯзиш аз адабиёти классики тоҷик, эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик ва адабиёти рус ба таҳлил омадааст. Муҳаққиқ ашъори лирикӣ ва достонҳои «Офтоби мамлакат» (1935) ва «Хазон ва баҳор» (1937)-и шоирро ба таҳлил гирифта, ба натиҷае мерасад, ки: «М.Турсунзода дар кори эҷодӣ қадамҳои нав гузошт ва дар давоми панҷсолаҳои дуюм ва сеюм пайдарпай асарҳо эҷод карда, дар адабиёти тоҷик мавқеи муносиб ишғол намуд» (2, 9754, фонди 23. В. м. 39).

Ин мавод дар 56 саҳифа бо фарогирии фаслҳои «Ҳамдами халқ, ҳамқадами замон», «Шукуфаҳои нахустин» ва «Таронасарои меҳнат» қатъ мегардад ва варақҳои баъдӣ нусхаҳои дуюм ва сеюм ва дастхатҳои фаслҳои мазкур мебошад. Ин асар дар ҳамин шакли нотамом дар бойгонӣ маҳфуз аст ва чӣ тавре ки аз феҳристномаи «Носирҷон Асадович Маъсумӣ» (Душанбе, 1966) бармеояд, асар ба анҷом нарасида, дастраси хонанда нагардидааст ва, шояд, сабаби ин серкории аз ҳад зиёди муҳаққиқ бошад ё худ, шояд, гузашт кардан ба чопи «Мирзо Турсунзода»-ном монографияи адабиётшинос Юрий Бобоев бошад, ки он ҳам ба ҷашни нимасраи устод Турсунзода бахшида шуда, «дар зери таҳрири умумии Ходими хизматнишондодаи фанни РСС Тоҷикистон Н.Маъсумӣ» ба табъ расидааст ва аз эҳтимол дур нест, ки худи устод Турсунзода ҳамдеҳааш будани Н. Маъсумиро андеша карда, ба анҷом додани китоби мазкур монеъ шуда бошад.

Дар муқаддимаи феҳристномаи Носирҷон Маъсумӣ, ки аз ҷониби адабиётшиносон М.Шукуров ва А.Сайфуллоев мураттаб гардидааст, омадааст: «Н. Маъсуми – поэту особенно удаётся тонкий анализ поэтических произведений. Примером этого могут служить его статьи о поэзии М.Турсунзаде и М.Рахими, его монография о последнем, изданная в 1961г.» [10, 8]. Мураттибон асари «Муҳаммадҷон Раҳимӣ»-и муҳаққиқро дар назар доранд, ки соли 1961 аз тариқи Нашриёти давлатии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Солҳои 1961 ва минбаъд Носирҷон Маъсумӣ оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Турсунзода мақолаҳои «Ҳамдами халқ, ҳамқадами замон» (1961), «Сарояндаи сулҳ ва дӯстӣ» (1962), «Таронасарои ғояҳои коммунизм» (1962-1966), «Ҷавонӣ ва камолоти мусаввири ҳусну дил» (1961) ва «Устоди назми дилрабо» (1971)-ро ба табъ мерасонад, ки дар онҳо камолоти ҳунари эҷодӣ, руҳи муқтадири қаламкашӣ ва ғояҳои инсонпарваронаву сулҳҳоҳонаи ашъори адиби маъруфи тоҷик бо камоли меҳру ихлосмандӣ ба таҳқиқ омадаанд. Дар мақолаи «Ҷавонӣ ва камолоти мусаввири ҳусну дил» сабаби чун шахсияти бузурги фарҳангӣ эътибор пайдо кардани устод Турсунзодаро дар моҳирона пайванд додани заҳмати эҷодӣ ва фаъолияти иҷтимоиву давлатӣ медонад: «Таҷрибаи ҳаёти ҷамъиятӣ ва фаъолияти эҷодии як қатор адибони номии советӣ, амсоли Константин Федин, Николай Тихонов, Алексей Сурков, А. Корнейчук, Шароф

Рашидов, Мирзо Турсунзода ва дигарон нишон медиҳад, ки фаъолияти бузурги ҷамъиятиву давлатӣ ва кори мураккаби адабиву эҷодиро моҳирона ба ҳам омехта, асарҳои ҳамсадою сазовори давр ба вуҷуд овардан, ба инкишофи адабиёти миллии худ саҳми арзанда гузоштан ва ганҷинаи адабиёти сермиллати советиро бо тоза-тоза дурдонаҳои эҷоди бадеъ бой кардан мумкин аст» [4, 251].

Дар мақолаи мазкур тамоми паҳлуҳои эҷодиёти доманфарохи устод Турсунзода ҷиддан ба таҳлилу таҳқиқ гирифта, роҳҳои камолоти ҳунари нигорандагӣ ва мавқеи иҷтимоии шоир муайян карда мешавад. Ба қавли муҳаққиқ, яке аз сабабҳои дар тамоми сарзамини Иттиҳоди Шуравӣ ва Шарқи хориҷӣ маъруфият пайдо кардани шоир басо оқилона ба ҳам пайванд додани суннатҳои адабии миллӣ ва робитаҳои байналмиллии адабиётҳо мебошад: «Мирзо Турсунзода дар эҷодиёти худ муҳимтарин ва беҳтарин анъанаҳои халқро давом ва инкишоф дода, анъанаҳои нави адабиёти советиро ба онҳо омехта, услуби хоси эҷодии худро кор карда баромад, ки дар он навоварӣ мавқеи калоне дорад. Шоир бо ҳаққоният, халқият ва партиявияти амиқи назми худ дар инкишофи маданият ва адабиёти советӣ саҳми арзандае гузоштааст» [4, 262].

Дар мақолаи «Таронасарои ғояҳои коммунизм» асосан мавзуи сулҳу дӯстӣ ба халқҳои ҷаҳон, махсусан Шарқи хориҷӣ, ба тасвир омадааст. Ин мавзуъ ҳам дар шеърҳои хурди лирикӣ ва ҳам дар достонҳои ҳамосиву ғиноии устод Турсунзода мавқеи муносиб дорад. Муҳаққиқ лирикаи шоирро лирикаи навоварона меномад, зеро «мағзу моҳияти онро фалсафаи ишқу зиндагӣ, ҳаёт ва мубориза, муҳокимаи ҳусну қубҳи одам ва кирдори ӯ ташкил медиҳад» [5, 268].

Таҳлил бо мисолҳои равшану возеҳ тақвият меёбад. Дар ҳар як шеъри шоир як ҷузъиёти бадеӣ дар ифодаи мазмун саҳми муносиб дорад ва ҷозибаи сухани шоиронаро меафзояд. Ибораи «дил барнагашт» дар шеъре, ки ба халқи украин бахшида шудааст, чун хатти сурх аз миёни бандҳо гузашта, дар хотима чунин натиҷагирӣ мешавад:

Гарчи худ баргаштам, аммо дил аз он ҷо барнагашт,
Аз лаби дарё, канори шаҳри зебо барнагашт.
Тоҷикистони азизам, аз гуноҳи дил гузар,
К-ӯ дигар аз пеши ёри чашмшаҳло барнагашт [8, 301].

Таҳлил пайдарпай идома меёбад ва мавзуъ аз дӯстии халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ то сулҳу дӯстии халқҳои ҷаҳон доман паҳн мекунад. Силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» ва «Ман аз Шарқи озод», достонҳои «Садои Осиё» ва «Ҷони ширин» бо мазмуну муҳтаво ва ҷанбаи иҷтимоии худ дар фаъолияти озодихоҳиву истиқлолталабии мардуми қитъаҳои Осиё ва Африқо мусоидат кардаанд. «Чунин асарҳои шоирро, -- гуфтааст Н.Маъсумӣ шеъру достонҳои сулҳхоҳонаи шоирро дар назар дошта, – дар ҳақиқат таронаҳои ғазаб ва шодӣ, гимни сулҳу озодӣ ва дӯстиву бародарӣ, фатҳномаи тантанаи ғояҳои озодихоҳӣ номидан равост» [5, 81].

Соли 1971 ҷилди якуми Куллиёти 6-ҷилдаи устод Турсунзода аз тариқи нашриёти «Ирфон» ба табъ мерасад, ки охирсухани он бо номи «Устоди назми дилрабо» ба қалами Н. Маъсумӣ тааллуқ дорад. Дар ин мақола муҳаққиқ кӯшиш кардааст, ки роҳи мураккабу ибратбахши эҷодии шоирро аз романтикаи тақлидкорона то ба лироэпикаи ҷанговарона ва пасон то ба барҷастатарин намунаҳои жанри лирикиву эпикӣ чун достонҳои навоваронаи «Ҳасани аробакаш» ва «Ҷони ширин» мухтасар баррасӣ намояд ва ба натиҷае расад, ки устод Турсунзода дар баробари устодон Айнӣ, Лоҳутӣ, аз адибони рус Горкий,

Маяковский истиқбол намудааст ва худ соҳиби мактаби эҷодӣ гардида, осори ӯ чун шохобе дар баҳри беканори адабиёти пешқадами ҷаҳонӣ ҳамроҳ шудааст.

Умуман, Носирҷон Маъсумӣ чун яке аз мухлисон ва ҳаводорони устод Турсунзода осори доманфарох ва пурмуҳтавои шоирро борҳо аз нигоҳи мавзуъ, мундариҷа ва забону сабки бадеӣ ба таҳлилу таҳқиқ гирифта, даврaҳои эҷодиёт, хусусиятҳои миллӣ ва байналмилалӣ, аҳамияти эстетикӣ, маърифатӣ ва таълимию тарбиявии нигоштаҳои ин шахсияти воломақому арҷманди давронро падидор намудааст ва бо ҳамин мақоми босазои суханварро дар адабиёту фарҳанги давраи нави тоҷик муайян кардааст.

КИТОБНОМА

1. Армуғон (Аз дӯстон ба Мирзо Турсунзода – Шоири халқии Тоҷикистон). – Душанбе: Ирфон, 1971.– 112 с.
2. Бойгонии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ. Фонди Носирҷон Маъсумӣ.
3. Маъсумӣ, Н. Аз хотирот / Н. Маъсумӣ // Армуғон. – Душанбе: Ирфон, 1971. – С. 38-43.
4. Маъсумӣ, Н. Асарҳои мунтахаб / Н. Маъсумӣ.– Душанбе: Ирфон, 1977. Ҷ. 1. – 366 с.
5. Маъсумӣ, Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 268 с.
6. Мирзозода, Х. ва диг. Адабиёти советии тоҷик / Х. Мирзозода, Н. Маъсумӣ ва Ю. Бобоев. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 424 с.
7. Сатторов, А. Қайдҳо дар ҳошияи Куллиёт / А. Сатторов // Садои Шарқ. – 1974. – № 1. – С. 138-147.
8. Турсунзода, М. Куллиёт / М. Турсунзода.– Душанбе: Ирфон, 1971. – Ҷ. 1. – 328 с.
9. Турсунзода, М. Куллиёт / М. Турсунзода.– Душанбе: Ирфон, 1971. – Ҷ. 2.– 328 с.
10. Шукуров, М., Сайфуллоев, А. Краткий очерк научной, педагогической и общественной деятельности / М. Шукуров, А. Сайфуллоев // Носирджон Асадович Маъсуми. – Душанбе, 1966. – С. 3-12.

УСТОД ТУРСУНЗОДА ДАР НАҚДИ НОСИРҶОН МАЪСУМӢ

Донишманди шинохташудаи тоҷик Носирҷон Маъсумӣ дар илми суханшиносии тоҷик мақоми арзанда дорад ва як соҳаи фаъолияти таҳқиқотии ӯ ба зиндагинома ва эҷодиёти устод Мирзо Турсунзода иртибот мегирад. Дар мақолаҳои «Шоири дӯстдоштаи халқ», «Фарзанди арзандаи халқ», «Мирзо Турсунзода ва эҷодиёти ӯ», «Шоир ва ходими ҷамъиятӣ», «Достони табаддулоти ҳаёт», «Ҳамдами халқ, ҳамқадами замон», «Таронасарои меҳнат» маҳорати эҷодии устод Турсунзода басо муфассал ба таҳлилу таҳқиқ гирифта шудааст. Аз бойгонии Н. Маъсумӣ бармеояд, ки ӯ бо номи «Мирзо Турсунзода» китобе таълиф кардани будааст, вале он нотамом монда, дастраси хонанда нагардидааст. Бо вуҷуди ин, мақолаҳои муҳақиқ бисёр паҳлуҳои ҳунарӣ ва иҷтимоии ашъори устод Турсанзодаро равшан мекунанд.

Калидвожаҳо: *М. Турсунзода, Н. Маъсумӣ, муҳаққиқ, таҳлилу таҳқиқ, фарҳанг, ашъор, мақолаҳо, эҷодиёт, фаъолият, достон, маҳорати эҷодӣ, ҷаҳонбинӣ, бойгонӣ.*

УСТОД ТУРСУНЗАДЕ В КРИТИКЕ НОСИРДЖАНА МА´СУМИ

Известный таджикский ученый Носирджан Ма´суми в словесной науке занимает особое место и один из трудов ученого связана с исследованием жизни и творчества устода Мирзо Турсунзаде. В статьях «Любимый поэт народа», «Достойный сын народа», «Мирзо Турсунзаде и его творчество», «Поэт и общественный деятель», «Поэма преобразование жизни», «Друг народа, спутник времени», «Песни труда» очень подробно анализируются и исследуются творческое мастерство устода Турсунзаде. Из архива Н.Ма´суми выявилось, что он хотел издать книгу под названием «Мирзо Турсунзаде», но работа осталась незаконченной и не стала доступной читателям. Несмотря на это, статьи исследователя освещают многие художественные и социальные стороны поэзии устода Турсунзаде.

Ключевые слова: *М.Турсунзаде, Н.Ма´суми, исследователь, исследование, анализ, поэзия, статьи, творчество, поэма, творческая деятельность, мировоззрение, архив.*

USTOD TURSUNZADE IN CRITICISM OF NOSIRJANA MASUMI

The famous Tajik scientist Nosirjan Ma'sumi occupies a special place in literary science, and one of the scientist's works is related to the study of the life and work of Ustoda Mirzo Tursunzade. The articles «Beloved poet of the people», «Worthy son of the people», «Mirzo Tursunzade and his work», «Poet and public figure», «Poem transformation of life», «Friend of the people, friend of time», «Songs of Labor» analyze and explore in great detail the creative skills of Ustoda Tursunzade. It was revealed from N.Ma'sumi's archive that he wanted to publish a book called Mirzo Tursunzade, but the work remained unfinished and was not available to readers. Despite this, the researcher's articles highlight many artistic and social aspects of Ustod Tursunzade's poetry.

Keywords: *M.Tursunzade, N.Ma'sumi, researcher, research, analysis, poetry, articles, creativity, poem, creative activity, worldviews, archive.*

Дар бораи муаллиф: Кучарзода Аламхон – доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев, 64.

Сведения об авторе: Кучарзода Аламхон – доктор филологических наук, профессор кафедры теория и новейшей персидско-таджикской литературы Таджикской национальный Университет. 734025, г. Душанбе, ул.Мухаммадиева, 6.

Information about the author: Kucharzoda Alamkhan – Doctor of Philological Sciences, Professor of the Department of Theory and Contemporary Persian - Tajik Literature of the Tajik National University. 734025, Dushanbe, 6, Muhammadieva, St. 6.

ТДУ:890.550

ҶОЙГОҲИ ҒАЗАЛ ДАР АШЪОРИ НИЗОМ ҚОСИМ

Шамсиддин Солеҳов,
Асрор Баҳодуров
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ғазал аз анвои суннатии ҷинси ғиноӣ буда, нахустин намунаҳои он дар осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҳамасрону пайравони ӯ ба назар мерасанд. Асли хостгоҳи ғазал аз қисмати тағаззули қасидаҳост. Дар адабиёти классикии форсу тоҷик шоирони зиёде бо офаридани ғазал доди сухан додаанд. Ғазал писандидатарин ва маъмултарин жанри адабӣ ҳисоб меёфтааст. Саъдии Шерозӣ чун устоди ғазал шинохта шудааст. Сабаби шуҳратёр шудани ӯ дар ғазалсароӣ он будааст, ки дар баробари корбурди таркибу образҳои шоирона ба ҳамбастагию робитаи мазмуни байтҳо диққати ҷиддӣ додааст. Ғазалҳои Саъдӣ мазмунҳои яклухт доранд. Мазмунҳои ғазалиёти классикон дар ибтидо асосан ошиқона буданд ва тадриҷан ба таркиби жанри ғазал мазомини фалсафию иҷтимоӣ роҳ ёфт. Яке аз сабабҳои шуҳрати адабиёти классикии мо дар Ғарб ба туфайли ҳамин жанр сурат гирифтааст.

Азбаски аз охири садаи нуздаҳ ва ибтидои асри бистум сар карда умумигӯӣ ва корбурди образу таркибҳои обшуста ба ғазал роҳ ёфт, муддате нисбат ба ин навъи суннатӣ аз тарафи адабиётшиносон беэътиноӣ зоҳир шуд. Кор ба ҷое расид, ки дар ҳамоишҳои алоҳида даъват намуданд, то шоирон бо ин навъи адабӣ шеър эҷод накунанд. Сараввал дар кишвари ҳамзамони мо – Эрон ва баъдан дар ҷумҳурии мо перомуни масъалаи гузаштани умри ғазал ҳар гуна баҳсу мубодилаи афкор сурат гирифт, аммо ҳама бенатиҷа анҷом ёфт, зеро худи ғазал бо қолаби зебову вижагиҳои ба худ хос тавонист чун навъи беҳтарини суннатӣ заволи хешро дар адабиёти форсу тоҷик пешгирӣ кунад. Дар адабиёти муосири Эрон Симини Беҳбаҳонӣ ва Муҳаммадҳусайни Шаҳрёр, дар адабиёти Афғонистон Халилуллоҳи Халилӣ ва дар адабиёти имрӯзаи мо Лоиқ Шералӣ ба ғазал ҷони тоза ато карданд. Тавре ки Гулназар қайд кардааст, «муҳити тозаи адабие, ки дар солҳои панҷоҳ ва аввали солҳои шаст тавлид шуд, ба Лоиқ заминае ба вуҷуд овард, то он тозакориҳоро ба рубоиву дубайтӣ ва баъдтар ба ғазал кӯчонад. Яъне, руҳи тозаи шеъри нав ба қолбади куҳнаи рубоиву дубайтиву ғазал роҳ ёфт» [4, 26]. Лоиқ бо унвони «Машқи ғазал» дар ин жанр беҳтарин чакидаҳоро эҷод намуда, собит сохт, ки агар шоир ҳунарманд ва соҳибқариҳаву даррок бошад, метавонад дар ин қолаби куҳна руҳи замони моро ҷойгузин кунад. Ин роҳи пешгирифтаи Лоиқро бисёре аз шоирони мо идома доданд. Имрӯз ғазал аз маъмултарин жанрҳои адабиёти мост. Ба таъбири дигар, шоире нест, ки ғазал нагӯяд.

Ҳарчанд ки иддае аз шоирону муҳаққиқони адабиёти Эрону Тоҷикистон бар онанд, ки замони ғазалсароӣ гузаштааст, аммо умри ин навъи суннатӣ ҳанӯз идома дорад ва идома хоҳад ёфт. Шафеии Кадканӣ дар таҳқиқоти хеш бо унвони «Шамоили ғазали форсӣ дар Фаранг» чунин мефармояд: «Ин нуктаест, ки моэрониҳо ба он камтар таваҷҷуҳ мекунем. Яъне, ғофилем, ки аз фурмҳои адабиёти Машриқзамин ду фурми хос дорад ҷаҳонӣ мешавад, яъне аз марзҳои табиии

худаш таҷовуз мекунад: яке фурми ҳойку (Haiku)-и жопунӣ ва дигаре фурми ғазал (Ghazal)-и форсӣ. Албатта, бо вижагиҳои бумии ҳар кадом» [12, 672].

Низом Қосим аз ҷумлаи шоирони насли чоруми адабиёти муосири мо буда, аз овони ҷавонияш ба сурудани ғазал шавқ пайдо намудааст. Дар маҷмуаи нахустини ӯ «Хӯшаи шеър» (1984) ғазале ба чоп расидааст, ки матлаъ ва мақтааш чунин аст:

Бас донаи дили мо ҳоло накишта монда,
То ҷони орзуҳо дар нӯги ришта монда…
Афкандаем дилро дар чанги зиндагонӣ,
То баъди мо нагӯянд: ӯ носиришта монда [5, 16].

Албатта, ин ғазали аввалини шоир буда, бо вуҷуди хушоҳангӣ ва тароваташ табиист, ки аз норасоӣ орӣ нест. Норасоии ғазали мазкур дар корбурди дастури забони адабӣ ба мушоҳида мерасад. Дар байти дуюми ғазал чунин байт мавҷуд аст:

Бар гӯшаҳои дуре сад роҳҳо кашидем,
Боз он раҳи қариби дил нонавашта монда.

Таркиби *сад роҳҳо* ғалат аст, зеро мувофиқи дастури забон шумораи *сад* талаб мекунад, ки калимаи *роҳ* дар шакли танҳо ояд, яъне *сад роҳ.* Ҳарчанд ки калимаи омехтаи *нокашфгашта* аз лиҳози маънӣ дуруст аст, аммо аз нигоҳи услуб чандон қобили қабул нест:

Ахтаркушоӣ карда, то осмон бирафтем,
Рӯи замин чӣ ахтар нокашфгашта монда [5, 16].

Агар ин ғазали соли 1984 сурудаи Низом Қосимро бо ғазали соли 2024 яъне пас аз 40 сол эҷоднамудаи ӯ холисона мавриди муқоиса қарор диҳем, бевосита ба хулоса меоем, ки шоир дар ғазалсароӣ табъи баланду салиқаи чашмгирро касб кардааст. Як ғазали тозаи шоирро ин ҷо меорем:

Тоҷбарсар халқи ман, бебок берун омадӣ,
Хамчу ахтар аз дили афлок берун омадӣ.
Хасми нопокат ҳама дар оташи Зардушт сӯхт,
Аз ҳар оташ чун Сиёвуш пок берун омадӣ.
Рустанат чун лола дар Боми Ҷаҳон осон набуд,
Аз сади хору хасу хошок берун омадӣ.
Ташнаҷону ташнадил буд интизорат ҳар кучо,
Чашмаи маънӣ шудӣ, чолок берун омадӣ.
Ҷумла дӯзахро барои хештан кардӣ биҳишт,
Дони гандум гаштиву дилчок берун омадӣ.
Решакан карданд чун токат басо аз хоки пок,
Бо майи ноби сухан аз ток берун омадӣ [1, 8].

Ғазали мавриди назари мо аз ҳар ҷиҳат аз ғазали аввалини шоир бартарӣ дорад. Агар аз лиҳози фарогирии мавзуъ баҳо диҳем, дар ҳар сатри он ифтихори миллӣ мавҷ мезанад. Шоир ба таърихи миллати куҳанбунёди мо бо истифода аз санъати талмеҳ ишораҳои нозуки шоирона мекунад. Агар *оташи Зардушт* ишора ба дину тамаддуни қадимаи мо бошад, *Сиёвуш* чун намоди покиву порсоии он маънидод мешавад. Ҷонсахтиҳову сарбаландиҳо ва бунёдкориҳои миллати мо дар образҳои мармузи *лолаи Боми Ҷаҳон, дӯзахро ба биҳишт табдил додан* ва *бо вуҷуди решакан шудан бо майи ноби сухан аз ток берун омадан* бозтоби бадеии худро ёфтааст. Забони ин ғазал пухтаву корхӯрда ва

равону зебост. Тасвирҳои шоиронаи *ҳамчу ахтар аз дили афлок берун омадан, дар оташи Зардушт сӯхтани хасм, бо душворӣ чун лола дар Боми Ҷаҳон рустан, чашмаи маънӣ шудан, ҷумла дӯзахро барои худ биҳишт кардан* ва *дони гандум гаштану дилчок берун омадан* таровату тозагии ин ғазалро афзудаанд. Тазодҳои таърихи миллати мо дар вожаҳои *дӯзаху биҳишт* ва *решакан шудану берун омадан* возеҳ ифода шудаанд. Ғазали баррасишуда яке аз ғазалиёти беҳтарини солҳои охири адабиёти тоҷик аст.

Дар маҷмуаи «Хуни ситора» (1988) 22 ғазали Низом Қосим мавҷуд аст, ки 4 адади онҳо себайтианд. Азбаски ҳадди ақалли ғазал тибқи суннатҳои классикӣ бояд аз 7 байт ва ҳадди охираш аз 14 байт иборат бошад, мо себайтиҳои Низом Қосимро ба истилоҳ «ғазалвора» гуфта метавонем, зеро аз рӯйи фарогирии мавзуъ ва сохтори қофияороияшон мушобеҳи ғазаланд. Аммо худи Низом Қосим онҳоро таҳти унвони «Қитъаҳои ишқ» ба нашр расонидааст. Дар ин бора муҳаққиқи муосири эронӣ Ҳусайни Мунзавӣ дар мақолаи «Рисолати ғазали имрӯз» ақидаи дигар дорад: «Ҳарфи ман ҳар ҷо ки тамом шуд, ғазали ман ҳам ҳамон ҷо тамом мешавад. Чӣ айб дорад, ки ғазали себайтӣ ва чаҳорбайтӣ ҳам дошта бошем? Ё масалан, ғазали шонздаҳ ва ҳафдаҳбайтӣ?» [2, 15]. Воқеан, табиати ғазал нозук буда, дар ғазалҳое, ки мунъакискунандаи ҳолатанд, кӯтоҳбаёнии шоир мақоми вижа дорад. Аммо ғазалҳое, ки тобишҳои иҷтимоиву фалсафӣ доранд, тӯлонианд. Дар адабиёти классикии мо тӯлонитарин ғазалҳоро Саййидои Насафӣ ва Соиби Табрезӣ сурудаанд.

Ғазалвораи аввали Низом Қосим чунин аст:

Ҷони ман, ҷуз туро намехоҳам,
Лоиқат як тарона мехоҳам.
Аз хаёли ту мешавам афсун,
Олами пурфасона мехоҳам.
Ончунон рафтаам зи худ, ки дигар
Ҷуз имои «биё!» намехоҳам [6, 132].

Матлаи ғазалвораи дуюм:

Дили кайҳонии худро дар ишқат хоки раҳ кардам,
Зи роҳи Каҳкашон дил канда, дилро барги каҳ кардам. [6, 132]

Инак, матлаи ғазалвораи сеюм:

Биравам, мӯи туро бинаму барбод равам,
Беҳ аз оне ба ғами рӯи ту ношод равам [6, 132].

Матлаи ғазалвораи чорум ин аст:

Ҳар кӣ пешат ҷони арзоне надошт,
Ростӣ, арзанда ӯ ҷоне надошт [6, 132].

Тавре ки аз муҳтавои матлаи ин ғазалвораҳо бармеояд, онҳо ошиқона буда, ҳолатҳои руҳии муаллифро инъикос намудаанд ва шоир дигар лозим надонистааст, ки онҳоро тӯл диҳад.

Таъсирпазириҳои Низом Қосим аз эҷодиёти Лоиқ Шералӣ ва Бозор Собир ҳақиқати бебаҳс буда, ин падида дар шеъру ғазалиёти замони ҷавонӣ эҷоднамудаи ӯ бармало ба мушоҳида мерасад. Расидан ба қадри сухан ва суханварони мумтоз, арҷгузорӣ ба эшон аз оинҳои ҷавонмардӣ буда, дар ин ҷода Низом Қосим пештоз аст. Ӯ бо радифи «сухан» ду ғазал сурудааст, ки онҳо дар китоби «Хуни ситора» интишор ёфтаанд. Ғазали аввал «Ҳарои Лоиқ Шералӣ» номгузорӣ шудааст. Низом Қосим ба шеъру сухани Лоиқ арҷ гузошта, омилҳои

шуҳрати шоиронаи ӯро ба риштаи тасвир кашидааст ва дар мақтаи ғазал таҳаввулоти дар шеъри имрӯзи тоҷик роҳандозинамудаи устодро шоирона таъкид намуда, ҷовидон мондани номашро сипосгузорона қайд кардааст. Оғозу анҷоми он ғазал чунин аст:

Ҳар кӣ рангин мекунад хони сухан,
Оши ҷонаш мешавад нони сухан.
Ҷону дилҳо кардаӣ шайдои хеш,
Баски пайдо кардаӣ ҷони сухан…
Номи ту монад чу як кайҳоннавард,
То бувад барҷой кайҳони сухан [6, 88].

Ғазали дигари Низом Қосим, ки «Дар ҳиҷрати Бозор Собир» ном дорад, дар китоби «Тафсири панҷ оҳ» ба табъ расида, меҳрномаи шогирдонаест ба ин устоди сухан. Муаллифи ғазал ба устодаш ва шеъри ӯ арҷ мегузорад, аз ҳаққи қалам нони серӣ нахӯрданаш ва либосе напӯшиданаш, аммо ба сухани ноб ҷома пӯшонидану мактаби эҷодии худро таъсис доданашро таъкид карда, ҳиҷрати иҷбории ӯро бо эҳсоси отифӣ ёдовар мешавад. Порае аз ғазали мазкур ин аст:

Он ки як умр ватан сохт зи хишти суханаш,
Худ чу маънии ғариб асту сухан чун ватанаш.
Ҷомаву пираҳанаш ҳеҷ напӯшонд сухан,
Гарчи пӯшонд ба ӯ ҷомаашу пираҳанаш.
Ҳамаро роҳ нишон доду ба ҳар ҷой расонд,
Навраҳон монд ба сар гарди раҳ аз мову манаш [8, 53].

Юсуф Акбарзода дар мақолаи «Ҳосили умр ё ғановати шеър»-аш зимни тақриз ба китоби «Аз ассалом то вассалом»-и Низом Қосим ба ҳамин маънӣ навиштааст: «Чун китоби мазкурро қалам дар даст ҳиҷҷа карда мехонӣ, эҳсос мекунӣ, ки Низом Қосим дар ибтидо ва чанд соли дигар бештар зери асароту таассуроти зебову ширини шеъри ноби Лоиқу Бозор қарор доштааст» [11, 96].

Китоби «Хуни ситора» бо ғазале ҷамъбаст мешавад, ки радифаш «сухан» аст. Низом Қосим ҳама иштиёқ ва ишқу алоқаи ба сухан доштаи худро дар ин ғазал самимона иброз дошта, шабзиндадориҳояшро дар орзуи гуфтани шеъри тоза ва бозёфтҳои шоирона ба қалам додааст. Рӯй бар сухан овардани ӯ аз рӯйи ҳавову ҳавас набуда, шоир тамоми ҳастии хешро раҳни шеъру сухан кардааст ва суханро ягона паноҳу такягоҳи худ донистааст:

Шаб ҳама шаб, маст аз бӯи сухан,
Менишинам рӯй бар рӯи сухан…
Нест ҷуз ӯям паноҳу такягир,
Сар ниҳам охир ба паҳлуи сухан [6, 155].

Дар баъзе ғазалҳои солҳои аввал эҷоднамудаи Низом Қосим бар хилофи суннати ғазали классикон мисраи аввали байти матлаъ дар мисраи дуюми байти мақтаъ айнан оварда шудааст. Чунин падида дар баъзе ғазалиёти муосирони мо, аз ҷумла дар иддае аз ғазалиёти Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ низ ба мушоҳида мерасад. Аз мазмунаш пайдост, ки Низом Қосим такрори матлабро дар охир лозим донистааст. Масалан, дар ин ғазал:

Даме будем, дунёро на пур кардему на холӣ,
Зи худ дунёи зеборо на пур кардему на холӣ…
Дами мурдан наменолем аз бешу ками дунё,
Даме будем, дунёро на пур кардему на холӣ [6, 100].

Такрори пайдарпайи вожаҳо бо мақсади таъкиди маъно аз вижагиҳои ғазали Низом Қосим буда, онҳоро хушоҳангу хондан кардаанд. Дар ғазали мавриди назари мо, ки оҳанги танзу зарофат дораду аз ҳафт байт таркиб ёфтааст, ҷонишини шахси дуюми шумораи танҳои «ту» дар сари ҳар мисраъ, яъне чордаҳ маротиба (ва инчунин дар миёни мисраъҳо) такрор омадааст:

Ту, ки дарки ёр кардӣ, ба ту дарки ёр табрик!
Ту, ки тарки ёр кардӣ, ба ту чашми чор табрик!...
Ту хасӣ, баҳор баҳрат чӣ биёраду чӣ бошад?
Ту гулӣ, баҳор табрик!
Ту гулӣ, баҳор табрик! [6, 139].

Бояд таъкид намуд, ки дар мақтаи ғазал санъати иҳом роҳ ёфта, мантиқи онро суст кардааст. Дар мисраи аввали он шоир қаҳрамони лирикии худро ба хас ташбеҳ дода, дар мисраи дуюм ба гул монанд мекунад. Аммо агар таъвили онро аз нигоҳи санъати таҷоҳули ориф анҷом диҳем, ин шубҳа бартараф хоҳад шуд.

Низом Қосим ғазале дорад бо унвони «Ҳазли ҷиддӣ». Дар ин ғазал сухан дар бораи дили инсони муқаррарӣ не, дили инсони ҳассос меравад. Дар оғози ғазал шоир аз дил гилагузорӣ мекунад ва оҳанги безории худро бо лаҳни тунд иброз медорад. Сабаби шикваҳояшро аз дил дар мисраъҳои баъдӣ баён намуда, дар мақтаи ғазал бе ин узви ҳассос нокомил будани инсонро таъкид мекунад:

Кош, эй дил, ҳамчу дандон будие,
Ҷонхалосӣ аз ту осон будие…
Хуш будӣ, гар менабудӣ дар ҷаҳон,
Бе ту лек инсон чӣ инсон будие?! [6, 139].

Ғазали Низом Қосим бештар аз мушоҳидаҳои шоиронааш об мехӯрад. Шеърияти он бо лутфи шоирона омезиш меёбад. Баёни интизоӣ ва мармуз дар ғазалиёти шоир кам аст. Забони шоир содаву малмус ва бо вуҷуди корбурди санъатҳои зиёди бадеӣ, хусусан таноқуз, вожаҳо моддиву айниянд. Шоир зебоии маъшуқаро дар саропои ин ғазал ба қолаб рехтааст, ки овардани чанд байтеро ин ҷо муносиб медонем:

Чун ин хамӯшӣ шеъри пурово надидаам,
Чун ин ду дида байти фиребо надидаам.
Монанди соқу соиду абрӯву чашми ту
Дар шеърҳо таносуби зебо надидаам…
Шеъри равон дар умр чӣ бисёр дидаам,
Шеъре чу ту равона ба ҳар ҷо надидаам.
Чун рӯи ту сафеду чу иқболи ту баланд
Шеъри баланд дар ҳама дунё надидаам [6, 133].

Миқдори ғазалиёти шоир дар китоби «Паровар» (1990) 8 адад аст. Мавзуъҳои аксарияти ин ғазалҳои Низом Қосим ошиқонаанд ва фарогири ишқи поки инсонианд. Вақте ки шоир аз замони гузаштаи ошиқӣ ёдовар мешавад, ғазали ӯ оҳанги насталжӣ мегирад ва эҳсоси ғанимат шумурдани ишқро дар дили хонанда бедор мекунад.

Поиз буду дар ду дил аммо баҳор буд,
Ҳар гул, ки буд ҷуз гули он рӯй, хор буд…
Дил бехато бисоти ҷавонӣ ҳамешумурд
Ҳамдил якеву орзуи дил ҳазор буд… [7, 73-74].

Низом Қосим дар ғазали «Тӯёна», ки мавзуаш умумист, тавонистааст мазмунҳои тозатареро ҷойгузин кунад. Масалан, дар байтҳои зер чунин вижагӣ ба назар мерасад:

Ду ахтари бахт дар замин гашта қарин,
Ду ахтари ҳамқирон муборак бошад!
Бинед, ки ҷисму ҷон ба ҳам омадаанд,
Ин ваҳдати ҷисму ҷон муборак бошад!
Монандаи фасли панҷуми сол аст ишқ,
Ин мавсими бехазон муборак бошад!…[7, 73-74].

Корбурди маҷозу киноя ва ташбеҳу тарсеъ ғазалиёти ошиқонаи Низом Қосимро пурбору муассир кардааст:

Гушнае ҳамчу маро чеҳраи чун нони ту бас,
Ташнае ҳамчу маро чашмаи чашмони ту бас [7, 81].

Тавре ки ҳангоми баррасии дубайтиву рубоиёти ӯ ба хулоса омадем, шоир дар ҳама анвои шеъри худ, аз он ҷумла дар ғазалиёташ низ дилбастагии хешро аз намоди «ситора» ва муродифҳои он пинҳон надоштааст. Ин ғазал низ аз он ҷумла истисно нест:

Ахтари хеш наҷӯям дигар аз боми фалак,
Ахтари бахт маро дидаи рахшони ту бас [7, 81].

Дар қолаби ғазал ифода намудани мазмунҳои иҷтимоӣ низ аз мухтассоти эҷодиёти Низом Қосим аст. Ин гуна ғазалҳо бештар дар китоби «Тафсири панҷ оҳ» (соли 2008) фароҳам омадаанд. Миқдори ғазалиёти ин китоб 85 адад буда, аксарияти онҳо мазомини иҷтимоӣ доранд. Ғазалҳои «Рӯзи умед», «Эҳё», «Суруди ваҳдат», «Ғазали нур», «Ғазали ҷанозаи модар», «Дар шохи нахли адл яке бар намондааст», «Барги саломи сабз», «Дар раҳи парвоз», «Аҳли фарҳангем…», «Зиндабод» аз ҳамин қабиланд. Яке аз муассиртарин ғазалҳои ин маҷмуа «Эҳё» буда, дар ҳар мисраи он ифтихор аз ваҳдату якпорчагии миллат ва барӯмандтарин фарзандони он ҷӯш мезанад:

Қатра- қатра оқибат дарё шудем,
Зарра- зарра кӯҳи побарҷо шудем.
Сад ҳазорон Ман ба ҳам ҷамъ омадем,
То дар ин даҳри парешон Мо шудем…
Бин ба мо ҳар субҳ чун бар Офтоб-
Гум нагаштем, аз дигар пайдо шудем! [8, 25-26].

Яке аз афзалиятҳои ғазалиёти Низом Қосим он аст, ки дар онҳо ваҳдати мазмун ва иртиботи байтҳо риоя мешавад. Шоир як мавзуи мушаххасро интихоб намуда, аз матлаъ то мақтаи ғазал онро пайгирӣ мекунад ва иқтизои ғазали имрӯз низ ҳамин аст. Мазомини ағлаби ғазалиёти шоир умедворкунанда буда, ба дили хонанда таскину нерӯи тоза мебахшанд. Шоир дар ҳамаи ҳашт байти ғазали мавриди баррасии мо ба ҷоми дили хонанда шароби эътиқоду эътимод мерезад:

Субҳ агар дод Худо, бин, ки сафо низ диҳад,
Бол агар дод туро, авҷи фазо низ диҳад.
Роҳ бар сӯи сафо гир дар ин субҳи сафо,
Ки ба дил қувват агар дод, ба по низ диҳад [8, 132].

Муаллиф дар идомаи ғазал хонандаро барои ба ҷо овардани шукр даъват мекунад, зеро ҳамаи бадбахтиҳои фарзанди Одам аз ношукрӣ ибтидо мегирад.

Чашми бинову дасти расову пои равон беҳтарин неъмат ва осонтарин василаи ҳосил намудани ризқ аст:

Гар ба чашми ту зиё дод, зи шукрона мапеч,
Гӯ дуо низ, ки бар қалб зиё низ диҳад.
Дастгират бишавад, дод агар дасти расо,
Дод чун пои равон, ризқи раво низ диҳад.

Шоир ба онҳое муроҷиат мекунад, ки аз бандаҳои хокӣ чизе тамаъ мекунанд, аз каму костиҳои рӯзгори худ, аз вазъи рӯзгори нобасомон ва вазъи иҷтимоии хеш шикоят мекунанд. Зимнан онҳоро даъват мекунад, ки бо ҳама тангдастӣ сари худро боло гиранд ва ҳама нозу неъматро аз Худо талаб кунанд:

Пеши ҳар банда ба уммед макун сарро хам,
Сарбаландӣ биталаб, то ки Худо низ диҳад.
Пеши ҳар бесаре аз бекулаҳӣ нола макун,
Он Худое, ки сарат дод, куло низ диҳад.

Яке аз омилҳои нороҳатии инсон ҳасад буда, натанҳо ризқу рӯзӣ ва мартабаи ӯро зиёд намекунад, балки ӯро руҳан азоб медиҳад. Ҳамин матлаб дар байти зер чунин ифода ёфтааст:

Ману ту кардани мо баҳри талаб беҳудаст,
Гар маро дод Худованд, туро низ диҳад.

Мақтаи ғазал бо байти тасаллибахш ва сиришта аз итминони комил анҷом меёбад:

Эй дили хаста, ба уммеди саломат хуш бош,
Он Худое, ки диҳад дард, даво низ диҳад [8, 132].

Низом Қосим дар бузургдошту тамҷиди аҳли сухан, аз қабили Мавлои Балх, Хоҷа Ҳофиз, Сайидои Насафӣ, Камол Айнӣ, Халилуллоҳи Халилӣ, Алиризо Қазва, Алиасғари Шеърдӯст, Воҳид Асрорӣ, Мастон Шералӣ, Мирзо Файзалӣ, Абдулҳамиди Самад, Камол Насрулло ва дигарон ғазалҳои алоҳида сурудааст, ки онҳо дар китобҳои «Тафсири панҷ оҳ» ва «Хомасӯзан» чоп шудаанд. Ин ғазалиёти шоир самимӣ буда, бозгӯи меҳру эътиқоди шоиранд.

Дар миёни ғазалиёти Низом Қосим дар чор ғазал суннатшикани роҳ ёфтааст, ки онҳо чунин номгузорӣ шудаанд: «Мавлои Балх», «Ғазали Фаластин», «Хотира» ва «Аз саҳмияи Роғун». Азбаски мо дар ин ҷо ғазалиёти шоирро танҳо чун намунаи анвои суннатӣ баррасӣ карданием, дар бораи сохтору шакли онҳо дар ҷои дигар андешаронӣ мекунем.

Дар китоби «Хомасӯзан» 58 ғазали Низом Қосим фароҳам омадааст, ки онҳо дар мавзуоти мухталиф эҷод шудаанд. Аз ин шумора 2 ғазали шоир аз чор байт ва 3 ғазалаш аз се байт таркиб ёфтаанд. Инак, ғазали чорбайтиеро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Ин ғазал соли 1992 суруда шуда, шоир ҳолати руҳии мардуми тоҷикро дар он соли пур аз шӯру валвала ва авзои бади сиёсии кишвар ба риштаи тасвир кашидааст. Муаллиф ғоратгарону дуздон ва одамкушону мардумозоронро, ки ба манфиати халқ хидмате накарда, чун доғи ҷомеа машғули дасисаву вайронкориянду аз мардум рӯи хуш ва аз олам бӯи хуш мехоҳанд, ҳадафи мазаммат ва нафрин қарор додааст. Оҳанги ин ғазал тунду тез буда, танзи зананда ва услуби калимасозияш баъзе ғазалҳои Абдулқодири Бедилро ба хотир меорад. Масалан, калимаҳои омехтаи *чашмидилпӯшидагон* ва *аздарунафтидагон* дар ин ғазал хеле мувофиқ афтодаанд, ки матлаб низ ҳаминро тақозо менамояд:

Роҳати ин даҳр дида роҳаке нодидагон!
Соҳиби хирман буванд ин хӯшае ночидагон!
Заҳри қотил мечаконанд, ованҳ, андар коми халқ,
Рӯзу шабҳо шаҳдҳо бар коми худ боридагон!
Чашмидилпӯшидагоне боз карда чашми сар,
Аз бурун бархоста ин аздарунафтидагон!
Рӯи хуш хоҳанд қотилҳои хушрӯӣ, аҷаб,
Бӯи хуш хоҳанд дунёро саросар ридагон! [10, 155].

Дар ғазали себайтаи Низом Қосим низ (соли 1992) вазъи сиёсии кишвар ва накбату оқибатҳои ҷанги таҳмилии тоҷикон мавриди накӯҳиш қарор ёфтааст. Шоир пасомадҳои ин ҷанги бемаъниро, ки пуштаҳои гӯрҳои шаҳидонро барҷо гузоштааст, аз мағзшӯии ба ном «даҳоён», ки худро пешвову ғамхори халқ вонамуд карда, чун гург дар либоси меш амалҳои зишту касифи худро роҳандозӣ менамуданд, маҳкум намудааст ва дар ҳамин се байт матлаби хешро ҷамъбаст кардааст:

Риштаи макру риё пайваста шуд,
Риштаи уммедҳо бигсаста шуд.
Пуштаҳои кӯҳ яксар шуд хазон,
Пуштаҳои гӯр пургулдаста шуд.
Мағзи сар шуд аз «даҳоён» чун сароб,
Роҳи ҳақ аз «пешвоён» баста шуд [10, 156].

Тавре ки Муҳаммадалии Аҷамӣ қайд намудааст: «Шеър барои ӯ як ҳақиқат, як воқеият аст, ки дар ин воқеият, дар ин ҳақиқат зиндагӣ ҷараён дорад. Низом Қосим ба зиндагии мардум аз ҳамин дарича нигоҳ мекунад, даричаи ҳақиқат ва воқеиятҳо. Ҳамин ҳақиқат ва ҳамин воқеиятҳоро пӯшиши шеър медиҳад» [3, 166].

Тобишҳои этнографӣ дар баъзе ғазалиёти Низом Қосим, минҷумла, дар ин ғазал рангу ҷилои миллӣ касб кардаанд. Шоир орзуву ҳавасҳои миллатдӯстона ва андешаҳои суннатгароёнаи худро дар он матраҳ карда, пешрафти иқтисодиву фарҳангии миллат ва густариши фарҳангу шуҳрати ҷаҳонии онро таманно намудааст:

Мекунам таклиф оламро ба чойи тоҷикӣ,
Зери овози хуши танбӯру нойи тоҷикӣ!
Мурғи савти тоҷикиро то фалакҳо сар диҳед,
То биафшонем шодон дасту пойи тоҷикӣ! [10, 52].

Доманаи мавзуоти ғазалиёти Низом Қосим торафт фарохтар шудааст. Ӯ натанҳо дарди дили худ ва миллати моро иброз доштааст, инчунин ба мардуми ҷангзадаву офатдидаи Фаластину Карбало низ изҳори ҳамдардӣ кардааст. Масалан, ғазале бо унвони «Офтоби Карбало» (бар асари фоҷиаи Ироқ) чунин оғоз меёбад:

Эй сӯзи ҷонҳоро гувоҳ, эй офтоби Карбало,
Эй шоҳиди рӯзи сиёҳ, эй офтоби Карбало;
Аз чашми хунрези замон, аз теғи зулми беамон
Дар сӯзи дил бурдӣ паноҳ, эй офтоби Карбало! [8, 110].

Шумораи ғазалҳои Низом Қосим дар китоби «Рамзи Ватан» 6 адад буда, онҳо фарогири мавзуъҳои ичтимоиянд. Ғазали «Ормон» ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудааст. Шоир дар ин ғазалаш саъйу

талошҳои ҷавонмардона ва кӯшишҳои пайдарпайи ӯро барои сулҳу ваҳдат арзёбӣ карда, пешрафту шукуфоии кишварамон ва ҳадафҳои созандаашро шоирона ва самимона рӯйи коғаз овардааст. Матлаъ ва мақтаи ғазал чунин аст:

Ҷавониро фидо кардам, диёрам то ҷавон бошад,
Гузаштам борҳо аз ҷон, ки ҷонаш дар амон бошад…
Кунам тоҷи сари дунё дилоро Тоҷикистонро,
Зи тахту тоҷи ин дунё ҳаминам ормон бошад [9, 8].

Ғазалҳои «Давронсоз», «Пешвои миллат», «Оби мо-ободии мо», «Давлатофар» ва «Дуо» низ ба тамҷиду гиромидошти шахсияту хизматҳои беназири Пешвои муаззами миллат эҳдо шудаанд.

Таҳқиқ нишон дод, ки жанри суннатии ғазал дар эҷодиёти Низом Қосим ҷойгоҳи вижаеро касб кардааст, зеро ӯ амин аст, ки бо ин навъи адабӣ метавон кулли ормонҳову афкори иҷтимоӣ ва эҳсоси ошиқонаро ба риштаи тасвир кашид.

Тавре ки Алиасғари Шеърдӯст қайд намудааст, «бетардид, ғазали Тоҷикистон бо пушти сар ниҳодани баъзе костиҳои мусиқӣ (аъам аз вазну қофия…) тавони ҳампарвозӣ бо ғазали имрӯзи Эронро хоҳад дошт, агарчи баъзе аз ғазалҳо аз ин маоиб ба куллӣ мубаррост. Ба ҳар рӯй, ғазал чи дар шеъри Эрон ва чи дар шеъри Тоҷикистон қобилиятҳо ва шоистагиҳои худро барои ҳифзи ҷойгоҳи деринааш нишон додааст ва баид нест, ки дар оянда (дар канори шеъри нав) яке аз пуркорбурдтарин анвои шеър бошад» [15, 143].

Хулоса, ғазалҳои Низом Қосим намунаи беҳтарини ғазали имрӯзаи адабиёти тоҷик буда, онҳо, пеш аз ҳама, аз лиҳози забон, лутфи сухан, ибораорӣ, тахайюли шоирона, паҳлугардониҳои сухан, тарзи тасвир, фарогирии мавзуъҳои мухталифи иҷтимоиву ишқӣ ва мундариҷаи ғоявӣ мумтозанд. Шоир бо ғазалиёти тару тоза ва ноби худ собит намудааст, ки имконоти ин жанр густарда буда, дар ин қолаби куҳна руҳи замони мо бо ҳама паҳлуҳо, рангорангиҳо ва назокаташ ғунҷида метавонад. Тозапардозиҳои шоир дар ин навъи қадим бармало ба мушоҳида мерасанд.

КИТОБНОМА

1.Адабиёт ва санъат. 24-уми октябри соли 2024, №42 (2272), с.8

2.Адабиёт ва санъат. 21-уми ноябри соли 2024, №46 (2276), с.15

3.Аҷамӣ, Муҳаммадалӣ. Тафаккур ва ҳис дар шеър/Муҳаммадалӣ Аҷамӣ. - Душанбе: Адиб, 2008.-296 с.

4.Гулназар. Растохези сухан / Гулназар. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2015. -300 с.

5. Қосим, Низом. Хӯшаи шеър (Маҷмуаи шеърҳо) / Низом Қосим. -Душанбе: Ирфон, 1984.-64 с.

6. Қосим, Низом. Хуни ситора (Маҷмуаи шеърҳо) / Низом Қосим. -Душанбе: Адиб, 1988.-160 с.

7. Қосим, Низом. Паровар. Шеърҳо (Барои наврасон ва ҷавонон) / Низом Қосим. –Душанбе: Адиб, 1990.-96 с.

8. Қосим, Низом. Тафсири панҷ оҳ (Маҷмуаи шеър, суруду тарона, либретто ва драмаи манзум) / Низом Қосим. –Душанбе: Адиб, 2008. – 384 с.

9. Қосим, Низом. Рамзи Ватан (шеърҳо) / Низом Қосим. –Душанбе, 2019. – 72 с.

10. Қосим, Низом. Хомасӯзан (шеърҳо ва достон) / Низом Қосим. – Душанбе: Адиб, 2014. – 232 с.

11. Қосим, Низом. Диле чун арсаи пайкор (Маҷмуаи мақола, тақриз ва мусоҳибаҳо) / Низом Қосим. –Душанбе, 2024. – 228 с. (Нусхаи электронӣ)

12.Шафеии Кадканӣ, Муҳаммадризо. Бо чароғ ва оина / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Сухан, 1390. – 768 с.

13.Шафеии Кадканӣ, Муҳаммадризо. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ (Таҳқиқи интиқодӣ дар татвири иможҳои шеъри форсӣ ва сайри назарияи балоғат дар Ислом ва Эрон) / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.–Теҳрон: Нашри «Огаҳ», 1390. – 748 с.

14.Шафеии Кадканӣ, Муҳаммадризо. Шоире дар ҳуҷуми мунтақидон (Нақди адабӣ дар сабки ҳиндӣ перомуни шеъри Ҳазини Лоҳиҷӣ) / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. –Теҳрон: Нашри «Огаҳ», чопи саввум, 1390. – 512 с.

15.Шеърдӯст, Алиасғар. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик / Алиасғари Шеърдӯст. –Душанбе: Адиб, 1997. – 272 с.

ҶОЙГОҲИ ҒАЗАЛ ДАР АШЪОРИ НИЗОМ ҚОСИМ

Жанри ғазал аз анвои суннатии ҷинси ғиноӣ буда, дар адабиёти форсу тоҷик собиқаи дерина дорад. Аз садаи даҳуми мелодӣ устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба сурудани ғазал оғоз ниҳодааст. Сарчашмаи ғазал ношӣ аз ҷузъи тағаззули қасида буда, он тадриҷан ба жанри мустақил дар адабиёт табдил ёфтааст. Саъдии Шерозӣ дар адабиёти классикии форсу тоҷик чун устоди ғазал эътироф шудааст. Минбаъд дар асрҳои миёна ғазал чун маъмултарин навъи ҷинси ғиноӣ шуҳрат ёфтааст.

Дар ибтидои асри бистум ғазалсароӣ бар асари вазъи сиёсию иҷтимоӣ андаке коҳиш ёфт. Аммо шоироне буданд, ки баъд аз нимаи дуюми садаи мазкур ба ин жанр бештар рӯ меоварданд. Яке аз муваффақтарин шоироне, ки дар таҳаввули ғазал комёб шудааст, Лоиқ Шералӣ буд. Ӯ дар қатори дигар анвои суннатӣ дар жанри ғазал тозакориҳои зиёде ворид намуд.

Дар мақолаи мавриди назар сухан дар бораи ибтикороти Низом Қосим дар ғазалсароӣ меравад. Шоир бо дарназардошти роҳи тайнамудаи ин жанр ва тақозои замони мо ба ғазалсароӣ шуруъ намуда, ба он як қатор тозакориҳоро ворид намудааст. Аз ин ваҷҳ, ғазал дар эҷодиёти ӯ ҷойгоҳи вижаеро касб кардааст, ки дар миёни ғазалиёти ҳамсолонаш аз имтиёзи махсус бархурдор аст. Дар аснои пажуҳиш ба умдатарин хусусиятҳои ғазалиёти Низом Қосим тавоҷҷуҳ зоҳир гардидааст.

Калидвожаҳо: *Низом Қосим, жанри суннатии ғазал, адабиёти классикии форсу тоҷик, асрҳои миёна, ибтидои садаи бист, нимаи дуюми садаи мазкур, таҷрибаи классикон ва мактаби эҷодии Лоиқ, руҳи замони мо дар ин қолаби қадим, суннатгароиҳо ва тозакориҳои Низом Қосим дар жанри ғазал.*

МЕСТО ГАЗЕЛИ В ТВОРЧЕСТВЕ НИЗАМА КАСИМА

Жанр газели является одним из традиционных и имеет давнюю историю в персидской и таджикской литературе. Устод Абу Абдуллах Рудаки начал сочинять газели в десятом веке нашей эры. Происхождение газели связана с одной частью жанра касиды, и постепенно она стала самостоятельным

жанром в литературе. Саади Шерози признан мастером газели в персидско-таджикской классической литературе. Позже, в средние века, газель прославилась как самый популярный вид лирической поэзии.

В начале 20 века сочинение газелей несколько уменьшилось в связи с политической и социальной ситуацией. Но были поэты, которые после второй половины этого столетия больше обратились к этому жанру. Одним из наиболее увлеченных поэтов, добившихся успеха в развитии газели, был Лоик Шерали. Из всех традиционных жанров поэт усовершенствовал жанр газели.

В рассматриваемой статье говорится о новаторстве Низама Касима в газели. Учитывая путь, пройденный этим жанром, и требования современности, поэт внес в газельную поэзию ряд новшеств. По этому газель занимает в его творчетве особое место. В ходе исследования было уделено особое внимание особенностям поэзии Низама Касима.

Ключевые слова: *традиционный жанр газели, классическая персидско-таджикская литература, средние века, начало XX века, вторая половина XX века, опыт классиков и творческая школа Лоика, дух нашего времени в этом древнем жанре, традиционализм и новаторство Низама Касима в жанре газели.*

THE PLACE OF THE GHAZAL IN NIZAM QASIM'S WORK

The ghazal, a traditional genre of poetry, has a long history in Persian and Tajik literature. Ustod Abu Abdulloh Rudaki began composing ghazals in the tenth century CE. Originating from a part of the qasida genre, the ghazal gradually evolved into an independent literary form. Sa'adi Shirazi is recognized as a master of the ghazal in classical Persian-Tajik literature. Later, in the Middle Ages, the ghazal gained fame as the most popular type of literary genre.

In the early 20th century, the composition of ghazals declined somewhat due to the political and social situation. However, there were poets who, after the second half of this century, turned to this genre more often. One of the most passionate poets who succeeded in developing the ghazal was Loiq Sherali. Among other traditional genres, the poet perfected the genre of the ghazal.

The article under consideration discusses the innovations of Nizam Qasim in the ghazal. Considering the path traveled by this genre and the demands of the modern era, the poet laid the foundation for ghazal poetry and introduced a number of innovations into it. Therefore, the ghazal occupies a special place in his works, enjoying special privilege among the ghazals of his peers. In the course of the research, special attention was paid to the main features of Nizam Qasim's poetry.

Keywords: *traditional genre of ghazal, classical Persian-Tajik literature, Middle Ages, early 20th century, second half of the 20th century, experience of the classics and the creative school of Loiq, the spirit of our time in this ancient genre, traditionalism and innovation of Nizam Qasim in the genre of ghazal.*

Дар бораи муаллифон: Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович - роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷик, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Баҳодуров Асрор Муҳитдинович- муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи шаҳрвандии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Сведения об авторах: Солехов Шамсиддин Аслиддинович – научный руководитель, доктор филологических наук, заведующий кафедрой теории и истории литературы факультета таджикской филологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Бахадуров Асрор Мухитдинович – старший преподаватель кафедры физического воспитания и гражданской обороны Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

About the authors: Solekhov Shamsiddin Asliddinovich – scientific director, Doctor of Philological Sciences, head of the department of the theory of literary history of the faculty of Tajik philology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Bakhadurov Asror Mukhitdinovich – senior lecturer of the Department of Physical Education and Civil Defense of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini

ТДУ:889.550

УСТОД АЙНӢ ВА ҶАРАЁНИ ҶАДИДИЯ

Абдухолиқ Набавӣ
Институти забон ва адабиёти ба ном Рӯдакии АМИТ

Маълум аст, ки дар таърихи афкори сиёсиву фарҳангӣ ва адабии мардуми мо наҳзати ҷадидия аз ҷараёнҳои хеле баҳснок, мураккаб ва камомӯхташуда ба шумор меояд. Ҷадидизм ҳодисаи сиёсии асри охир аст, ки дар оғоз тамоюли фарҳангиву маърифатӣ дошт. Мақсади он иборат аз ислоҳу тағйири ҷомеа тавассути мактабу маориф буд. Ин ҳолат сифати амали онҳоро муайян мекард, ки иборат аз ислоҳотхоҳӣ буд, яъне ҷадидизм як наҳзати миллигароёна буд ва аз оғоз майл ба табаддулот ва тағйири инқилобии ҷомеаро надошт. Аммо бо фаро расидани Инқилоби Октябр ин наҳзат бештар характери сиёсӣ гирифт ва он ба гурӯҳҳои сиёсии инқилообӣ ва ислоҳотхоҳ тақсим шуд, ки дар муносибат ба Инқилоби болшевикӣ дар ҷабҳаҳои мухолиф меистод. Бино бар ин, пас аз инқилоб муносибат ба намояндагони онҳо низ гуногун буд.

Ҳамин тавр, яке аз масъалаҳое, ки солҳои зиёд мавриди гуфтугӯи аҳли илм мебошад, дар бораи мақоми устод Айнӣ дар наҳзати ҷадидия, ниҳоду навшряҳои он ва муносибати вай ба намояндагони он мебошад.

Масалан, дар бораи иртиботи устод Айнӣ бо рӯзномаҳои ҷадидии ибтидои аср, бахусус, нахустин рӯзномаи тоҷикӣ «Бухорои шариф» ва нашрияҳои Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ - рӯзномаи «Самарқанд» ва маҷаллаи «Ойина» фикрҳо гуногунанд. Як қисми уламои тоҷик, ба қавли адабиётшинос Валӣ Самад, ба хотири он ки ин нашрияҳо ҷадидӣ будаанд [8, 117], Айниро аз онҳо барканор гузоштанӣ шудаанд. Қисми дигар, мехоҳанд Айниро аз фаъолтарин бунёдгузорон ва муаллифони ин нашрияҳо ба қалам диҳанд. Ба фикри банда, ҳар ду гурӯҳ ҳам дар равшан кардани қазияи мавриди мубоҳиса муносибати якҷониба карда, зиёдаравии нозарур зоҳир менамоянд.

Устод Айнӣ дар бораи иштирокаш дар рӯзномаи «Бухорои Шариф» чизи дақиқе нагуфтааст, аммо аз навиштаҳои ӯ равшан аст, ки дар қатори ҳамаи

ислоҳотхоҳони он давра дар ривоҷи маорифу матбуот мусоидати фаъолона доштааст. Аммо дар бораи фаъолияти бевоситаи ӯ дар саҳифаҳои «Бухорои шариф» то ба имрӯз чизи мушаххасе ба даст надорем. Аз он чи метавон ба муаллифии устод Айнӣ гумон бурд, се навиштае аст, ки «Сайри Наврӯз дар Бухоро» (шумораи 8), «Мастӣ» (шумораи 7) ва «Мактуб. Дар лузуми ҷамъияти нашри маориф қадре тафсил лозим аст» (шумораи 21) мебошад ва бо имзои «Син Ъайн» чоп шудааст. Агар фарз кунем, ки устод бо номи Саидмуродхоҷа (на Садриддин, ки бо «сод» навишта мешавад) «Айнӣ» имзо гузоштааст ва дигар касе ба ин таҳаллус чизе таълиф накардааст (масалан, имзои Саидризо Ализода, бештар «Син Ъайн» буд, аммо ба ин шакл имзои мустаори Айнӣ то ба ҳол маълум нест), пас, танҳо баъди таҳлилу баррасии ҷиддии матн метавон онро ба Айнӣ нисбат дод. Хулоса, ин пешниҳоди мо аз фарзияе беш нест. Дигар ин ки дар зиёда аз сад шумораи «Бухорои шариф», ки аз назар гузаронданаш ба мо муяссар гардидааст, ҳеч далеле барои иштироки фаъолонаи Айнӣ дар саҳифаҳои рӯзномаи мазкур мавҷуд нест. Инчунин ҳастанд касоне, ки саҳми Айниро аз будаш зиёд нишон доданӣ мешаванд ва ӯро ба сифати «ташаббускору иштирокдор»-и нашрияи мазкур ба шумор овардаанд. Бахусус, дар ҷараёни «Рӯзи матбуоти тоҷик» эълон доштани оғози нашри ин нахустин рӯзномаи тоҷикӣ, ки ба 11 марти соли 1912 иттифоқ афтода буд, ҳам дар матбуот ва ҳам дар доираҳои расмӣ фикри боло гаштаву баргашта таъкид мешавад [7]. Ҳол он ки дар ин рӯз, пеш аз ҳама, аз Мирзо Муҳиддин, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Мирзо Ҷалол Юсуфзода ёдовар шудан ва ном бурдан лозим аст, ки ҷиҳатҳои моддӣ ва маънавии (албатта, бо дастгирии дигар ҷавонбухориён ва Айнӣ низ) рӯзномаро ба уҳда доштанд [2].

Устод Айнӣ ба нашрияҳои Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ иртиботи бештаре гирифтааст, бахусус дар саҳафоти маҷаллаи «Ойина» шеърҳои ӯ «Мозӣ ва ҳол», «Ё Раб!» (туркӣ), «Марсия ба Мирзо Сироҷиддини Ҳакими Бухоройӣ» ва «Нидо ба ҷавонон» (Мо дар хусуси ин шеър муфассал таваққуф кардаем) [5, 124] ба табъ расидаанд. Аммо аз мақолоти ӯ дар ин нашрияҳо сухан ба миён овардан оё ҳақиқат дошта бошад, ки устод Камол Айнӣ мутолиаи онҳоро барои ҷилди охирини Куллиёти устод мавқуф гузоштаанд [9, 73-74]. Бояд гӯем, ки ҷустуҷӯҳои мо дар ин маврид натиҷае набахшид. Бино бар ин, ба хулосаи Абдуқодир Маниёзов мувофиқ ҳастем, ки охири солҳои 50 изҳор карда буд: «Айнӣ дар матбуоти он давра (даҳаи дуюми асри XX - А. Н.) кам иштирок дошт» [10]. Ин натиҷагирӣ заминаи воқеӣ дорад ва ба шуҳрати Айнӣ халале ворид нахоҳад кард, балки як зинае аз рушду камоли ӯро ба сифати як фарди равшангар, чунон ки ҳаст, баён менамояд.

Воқеан, Айнӣ дар ин марҳалаи фаъолияташ бештар дар кори маориф, ташкили мактабҳо, таълифи китобҳои дарсӣ саҳм гирифтааст. Маҳз дар ҳамин марҳала китобҳои дарсии қироат ва дастурҳои таълимии ӯ - «Таҳзиб-ус-сибён» (1910, 1917), «Заруриёти диния» (1913) ва «Тартил-ул-Қуръон» (1908) таълиф шуда дар ҷодаи бо роҳи ислоҳ ворид шудани макотибу додани донишҳои мазҳабӣ ба ҷомеа нақши калоне бозидаанд.

Бино бар ин, акнун зарур аст, ки дар бораи фаъолияти Айнӣ ба сифати як таҷдидгар дар маорифи мазҳабӣ ҷиддитар сухан ба миён оварем. Аз ҳама муҳиммаш, аз қиссаи «Хонадони хушбахт» (1917) пайдост, ки устод аз ҳамин замон ба кори адабӣ бештар майл пайдо кард ва нисбат ба як ҷадиди сиёсатмадори публитсист, бештар ба сифати мураббӣ ва адиби таҷдидгар фаъолият кардан мехоҳад. Оре, мо бояд бар хилофи баъзе поккорҳои сиёсии устод Айнӣ эътироф кунем, ки ӯ аз фаъолони наҳзати ҷадидия буда, худ яке аз ҷадидони машҳури замон ба шумор меояд.

Бамаврид аст таъкид кунем, ки аҳли илм солҳои дароз кӯшиш кардаанд, ки устод Айниро умуман аз ҷараёни ҷадидия барканор доранд.

Яке аз ин гуна поккорони «сарсупурда» академик З.Р. Раҷабов буд, ки аз аввал Айниро «маорифпарвар» ва алоқаи ӯро ба ҷадидия «хатои ҷиддӣ» ба шумор меорад [12]. Вай соли 1977 ҳангоми баррасии румони «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» гуфтааст, ки аз

байни ҷадидҳо танҳо «Ҳамзаро ба шумор меорад, ки баъдҳо ба платформаи болшевизм гузаштааст. Гӯё Айнӣ аслан ба ин гурӯҳ дохил намешавад [13]. Дар ҳамин баррасӣ И.С. Брагинский ба як наҳзати мураккаб будани ҷадидизм ишора мекунад, аммо инро дар хубиву бадии шахсияти ҷадидҳо мебинад. Яке аз хулосаҳои ӯ ба ин шакл аст: «Айнии ҷадид одами хуб буд» [13, 135].

Устод Айнӣ аслан то нимаи солҳои 20 бо ҳамаи намояндагони ин равия дар иртиботи эҷодӣ ва муносибати неки бо эҳтиром қарор дошт.

Масалан, қайд кардан лозим аст, ки Айнӣ бо Беҳбудӣ иртиботи дӯстӣ доштааст ва инро худи устод изҳор медорад. Албатта, ин дӯстӣ аз умумияти ниятҳо ибтидо гирифта буд ва минбаъд ба унси шахсӣ табдил шудааст. Айнӣ дар бораи Беҳбудӣ дар он мавриде ёдовар мешавад, ки вай ҳамроҳ бо қозӣ Ҳайдарбек ва як нафар аврупоӣ аз Самарқанд барои таҳнияти эъломи ислоҳоти амир омада буд [4, 183]. Маълум мешавад, ки ҳарчанд дар маҷлиси эъломи ислоҳот амир ба Беҳбудӣ беэътиноӣ мекунад, вале муфтӣ Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ аз тарафи аҳолии Самарқанд расман аҳли Бухороро бо ин неъмати кубро табрик ва ба ҳаққи амир дуои хайр менамояд [4, 186]. Минбаъд Айнӣ изҳор медорад, ки вай ба фармони ислоҳот бовар надошт, балки дар фикри берун рафтан аз Бухоро буд. Дар ин миён иттифоқе меафтад, ки Айнӣ аз ҷониби дӯсташ - Мирзо Муҳиддин ба дидорбинии Беҳбудӣ таклиф мешавад. Вай навиштааст, ки «Чун фақир бо меҳмонони мазкур равобити дӯстии қадимӣ доштам, ба вақти мавъуд ба зиёраташон рафтанро муқаррар карда… соати чаҳор ба манзили маъҳуд рафтам…» [4, 187]. Аммо Айнӣ чун яке аз мухолифони намоиш ба суҳбати Мирзо Муҳиддин Абдулвоҳиди Мунзимро низ даъват мекунад, то ба ӯ нолозим будани намоишро собит созад [4, 189]. Аммо оқибати фаҷеъи ин корро медонем… Дар «Таърихи инқилоби Бухоро» устод Айнӣ дар бораи муносибати беэътиноёнаи амир ба Беҳбудӣ, иштироку маслиҳати вай дар шарту шароити баргузор кардани намоиш ҷузъиёти дигаре афзудааст [2, 152-154]. Дар ин ҳама иттилоот чанд нукта муҳим аст: аввалан, дӯстии Айнӣ ва Беҳбудӣ; сониян, беэътиноии амир ба ҷадидони Самарқанд, хосса Беҳбудӣ; дигар, таваҷҷуҳи зиёди Беҳбудӣ ба ислоҳоту таҷаддуди Бухоро. Дар мавриди муносибати Айнӣ ва Беҳбудӣ ҳаминро афзудан лозим аст, ки устод ба муносибати марги фоҷиавии Беҳбудӣ мақола ва марсия эҷод карда буд. Ва ин воқеаро дар асарҳои адабияш низ баъдҳо пайгирӣ кардааст.

Аслан, баъдтар низ устод ҷадидияро ба тариқи умумӣ ва ба таври куллӣ, дақиқтараш аз нуқтаи назари сиёсати ҷадидон, ки зоҳиран гӯё танҳо иборат аз ислоҳот ва созишкорӣ буд, танқид карда, афроди алоҳида, бахусус аҳли адаби онро мушаххасан мавриди интиқоду мазаммат қарор надодааст. Дар ин маврид ду хулоса ба миён меояд: Айнӣ гӯё дар мавриди аввал маҳдуд ва ҳатто «хато» будани барномаи сиёсии ҷадидонро дар арафа ва пас аз Инқилоби Октябр қабул дошта, дар ин мавқеъ худро аз онҳо барканор гирифтааст. Ба фикри мо, ин дар шароити ҳокимияти диктотурӣ як воситаи худмуҳофиза буд; дар мавриди сонӣ, яъне ба шакли умумӣ ва тасвири бадеӣ ба интиқоди сиёсии ҷадидия пардохтани Айнӣ сабаб мешуд, ки ба ӯ ва дигарон барои мушаххасан баррасӣ кардани фаъолияти намояндагони алоҳида, бахусус аҳли адаб ва баёни андешаҳои мусбат ва воқеӣ нисбат бо эшон имконе боқӣ монда бошад. Ба ҳар ҳол, Айнӣ бо ҷидду ҷаҳде, ки ба аҳли илм хос буд, ба танқиду бадгӯии доимии ҷадидия напардохтааст, ҳеч гоҳ бар алайҳи касе, масалан Ҳ. Мирзозода, ки аз ҷонибдорони ашаддии адабиёти ҷадида буд, эътироз баён накардааст. Ду мавриде ки дар соли 1948 ба баррасии масъалаи ҷадидия ручуъ мекунад, ҳар ду ҳам ғайриихтиёр аст. Аввалӣ, дар мавриди тақриз ба асари Б. Ғафуров «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» ва дигаре, дар ҷавоби пурсиши И. С. Брагинский оид ба «фарқи фаъолияти маорифпарварии асри XIX тоҷик ва ҷадидони асри XX» гуфта шудаанд [1; 6]. Айнӣ дар ин ду ҳолат маҷбур буд, ки ба ҷадидия баҳо

дода бошад[1] ва ҳар бор ӯ ҷадидизмро аз назари сиёсӣ ва нокифоягии талабҳои ислоҳотхоҳонае, ки дар назди амир гузошта буданд ва асосан барои Инқилоби Октябрро қабул надоштанашон мазаммат кардааст. Ва аз ҳамин меъёр гузаштаи худашро низ мавриди интиқод қарор медиҳад ва баъди инқилоб аз ҷадидҳо қатъи алоқа карданашро низ аз ҳамин ҷо донистааст.

Аслан, оё Айнӣ ба ин тарзи муносибат танҳо аз ибтидои солҳои 30 гаравидааст ва ё дар ин амали худ, ба қавле «дастёри ҳизбия» буд? Албатта, дар ин гуногунии муносибати Айнӣ ба ҷадидия нақши сиёсати ҳизбияро наметавон инкор кард. Вале ин ҳам ҳақиқат аст, ки Айнӣ дар соли 1917 бо бисёр амалиёти сарварони ҷавонбухориён (масалан, дар иртибот бо моҳияти ислоҳот ва таҷлили намоиши шукрона) ҳамфикр набудааст. Мухолифати ақидатии эшон ба дараҷае будааст, ки Айнӣ баъдҳо барои иштирок дар ҳукумати нави Бухоро майл накард. Ва Айнӣ ҳанӯз соли 1920 (ниг. мақаллаи «Шуълаи Инқилоб», № 47, аз 25 августи соли 1920) ба ғояи ислоҳот дар аморати Бухоро шубҳа карда, навишта буд: «Соҳибони ин ҳусни занн (яъне касоне, ки ба ислоҳи ҳокимияти амирӣ бовар доштаанд - А.Н.) табиӣ давом ва бақои ҳукумати ҳозираи Бухороро мехоҳанд, нуқсонеро, ки имрӯза ба ҳукумати Бухоро мулоҳиза меравад, нуқсони муваққатӣ гумон карда, батадриҷ ислоҳ ва икмол ёфтанашро умедворанд.

Аксари аҳолии Туркистон ва як қисм аҳли исломӣ, ки аз Бухоро дуранд, ба ҳамин ақидаву гумон буданд…

Лекин касоне, ки аз наздик бо ҷузъиёти умури идораи ҳукумати Бухоро ба диққат назар андохтаанд… билкуллия аз ин ҳукумат даст шуста, аз ислоҳ шуданаш маъюс мешаванд…» [3].

Аммо ин ихтилофи ақидаҳо монеи он нашудаанд, ки Айнӣ дар асарҳояш «Таърихи инқилоби Бухоро» (1921) ва «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) ба мақоми ҷадидон ва намояндагони алоҳидаи ӯ, мисли Фитрат, Беҳбудӣ, Аҷзӣ, Асирӣ, Мирзо Сироҷ баҳои мусбат дода бошад. Аз ҳама аҷибтар ин аст, ки Айнӣ дар ҳамон посуххои ба И. С. Брагинский додааш низ (1948) аксари ҷадидҳо, аз ҷумла Аҷзӣ, Доктор Собир (Мирзо Сироҷи Ҳаким - А. Н.), Мунзим, Ҳамдӣ, Садри Зиё, Асирӣ, Васлӣ ва дигаронро ё «шогирдони Дониш» номидааст ва ё «бо эҳтироми зиёда ёдоварӣ» намудааст ва ё «баҳои мусбат» додааст. Дар ин маврид пурсише пеш меояд, ки пас, Айнӣ ба сифати ҷадид киро муттаҳам ва сиёҳ карда будааст? Агар ба номгӯи боло диққат диҳем, аз ҷадидҳои маъруф танҳо номи Беҳбудӣ ва Фитрат оварда нашудаасту бас. Ё Вадуд Маҳмудӣ ва Ҳоҷӣ Муин, ки он қадар аз чеҳраҳои равшани ҷадидия ба шумор намеомаданд. Агар дар ин маврид ба хотир орем, ки Беҳбудӣ аз саромадони наҳзати ҷадидия ва норозиҳои ҳукумати шуравӣ буд ва Фитрат низ дар аввалвақла аз мафкурабардорони ҷадидия ва пантуркисти гузаро маҳсуб мешуд ва ба эшон номҳои Файзулло Хоҷаев ва Абдуқодир Муҳиддиновро, ки сарварони ҷадидия буданду ба сифати «миллатчӣ» ва «душмани халқ» дар соли 1937 ба табъид дучор шудаанд, илова намоем, мурод аз танқиди ҷадидия аз ҷониби Айнӣ хеле мушаххас мегардад. Агар ба ин ҳама афзоем, ки андак беэҳтиётӣ метавонист худи Айниро ҳамқисмати онҳо гардонад (ва ин ҳолат дар солҳои 1937-1938 хеле воқеӣ шуда буд), пас, сабаби эътирозҳои куллии ӯро нисбат ба ҷадидия фаҳмидан душвор нест. Мо вақте мисли марҳум Маъруф Раҷабӣ аз суханони Айнӣ, ки гуфтааст: ҳизбия ӯро аз ҷадидҳо ҷудо ва тарбия кардааст, «…ҷадидизмро сафед ва ба вай раҳм накунед. Ҷадидизм идеологияи реаксионӣ буд ва мебошад», хулосае дар бораи «тағйироти номатлуб» дар «ҳофизаи таърихии С. Айнӣ» бароварда, он «дар дасти зумрае аз муҳаққиқон бар зидди адибони даҳаи аввали (чаро даҳаҳои аввал не? - А. Н.) асри XX ва ҷонибдорони онҳо истифода мешуд» [11, 83-84] гуфта ҳукм мекунем, бояд вазъи равонӣ ва имкони сиёсии ӯро ҳангоми ифодаи афкораш ба ҳисоб гирем ва ҳар яке аз он ақидаро дар куллияташ баррасӣ намоем, вагарна, кори мо ба касе монанд мешавад,

1. Бояд ба назар гирифт, ки баҳои Б. Ғафуров ба ҷадидия то андозае нуқтаи назари расмӣ ва идеологияи замона буд ва пурсишҳои И. С. Брагинский ба рӯшан кардани ин қазия равона шуда буд.

ки «ба ҷойи салла калла меовардааст». Мо чунин фикреро талқин кардан нестем, ки Айнӣ як шахси пок аз камбудҳо буд. На, Айнӣ камбуд ва маҳдудиятҳо дошт, вале ӯро наметавон бо он чанд мавқеъшиносӣ ва эҳтиёткорӣ ба гунаҳкорӣ бароварда. Зиёда аз он, агар моҳияти амалу фаъолияти Айниро ҷиддӣ қазоват кунем, бояд мардона изҳор намоем, ки на танҳо дар ҳофизаи таърихии ӯ халал дидан матлуб нест, балки аз рӯи инсоф иқрор кардан лозим аст, ки маҳз ӯ ба халқи худ ҳофиза бахшид: таърихашро ёдовар шуд, буданашро хотирнишон кард, аз хоби гаронаш бедор сохт, ҳамияташро ба ҷунбиш оварда ва ба роҳи худшиносиву ҳуввияти миллӣ ҳидояташ намуд. Банда фикр мекунам, ки ин хулосаҳои моро ҳоҷат ба тафсир нест, зеро ҳар яке аз аҳли тамаддун медонанд, ки дар ин маврид ба чӣ далоиле ишора рафтааст, яъне, ин тавсифҳо гапҳои хушку умумӣ ва бепоя нестанд ва устод Айнӣ ба сифати фарзанди замони худ ва як марди сиёсатмадору зиндагисанҷида, аз байни бадиҳо сабуктарашро интихоб карда, дар ҳар лаҳзаву мавриди муносиб барои миллаташ коре муҳим, таърихӣ ва марҳалавиро анҷом додааст.

Ҳамин тавр ба натиҷае расидан мумкин аст, ки устод Садриддин Айнӣ дар оғози фаъолияти адабиву сиёсӣ аз фаъолони наҳзати ҷадидия буд ва фаъолияти милливу ватанпарваронаи вай аз ҳамин ҷо ибтидо мегирад. Вай дар даврони кору зиндагӣ дар замони шӯравӣ низ бисёр аз ормонҳои равшанфикрии худро амалӣ кардаву дар кул нисбат ба аксари намояндагони ҷадидия муносибати мутавассит доштааст.

КИТОБНОМА

1. Айнӣ, С. Таърихи мухтасари халқи тоҷик / С. Айнӣ // Шарқи Сурх, 1948, № 3
2. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби Бухоро / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1987, саҳ. 152-153, 154.
3. Айнӣ, С.. Куллиёт / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1969, - Ҷ. IX. -15с.
4. Айнӣ, С. Куллиёт, Ҷ. 14. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро / С. Айнӣ. – Душанбе: Матбуот, 2005, саҳ. 183.
5. Айнӣ, К. Луғати Айнӣ / Камол Айнӣ // Садои Шарқ. – 1974. – № 4. – С. 124.
6. Брагинский, И.С. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1968. – С. 181-183.
7. Вечерный курьер, 1996, 19 январ, № 2.
8. Мираҳмадов, А. Самад, В. Тафсири як ишораи Айнӣ /А. Мираҳмадов, Валӣ Самад // Садои Шарқ, 1986, № 10, саҳ. 117.
9. Маниёзов, А. Публитсистика ва назми устод Айнӣ / А. Маниёзов. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1958, с. 73-74.
10. Набавӣ, А. Нахустрӯзномаи тоҷикӣ ва фарҳанги рӯзноманигорӣ / А. Набавӣ. – Душанбе, 2007.
11. Раҷабӣ, М. Ислом: ҷадидия ва инқилоб / М. Раҷабӣ. – Душанбе: Дониш, 1997, с. 83-84, 130.
12. Раҷабов, З. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик / З. Раҷабов. – Сталинобод, 1952, саҳ. 432-433, 435.
13. Садои Шарқ, 1977, № 7, саҳ. 144.

УСТОД АЙНӢ ВА ҶАРАЁНИ ҶАДИДИЯ

Дар таърихи афкори сиёсиву фарҳангӣ ва адабии мардуми мо наҳзати ҷадидия аз ҷараёнҳои хеле баҳснок ва камомӯхташуда ба шумор меояд. Ҷадидизм ҳодисаи сиёсии асри охир аст, ки дар оғоз тамоюли фарҳангию маърифатӣ дошт. Мақсади он иборат аз ислоҳу тағйири ҷомеа тавассути мактабу маориф буд.

Баъдтар он ҷанбаи сиёсӣ гирифт ва пас аз Инқилоби Октябр асосан ҷараёни зиддиинқилобӣ ба шумор меомад. Дар ин маврид муносибат ва баҳо ба шахсиятҳои он хеле муҳим буд.

Устод Айнӣ аз фаъолони ин ҷараён буд ва пас аз инқилоби болшевикӣ дар ҷомеаи нав иштироки фаъолона дошт ва то андозае дар он ормонҳои равшанфикронаи худро амалӣ менамуд.

Дар ин маврид муносибати ӯ ба ҷадидия ва ҷадидҳо, ки асосан мутавассит аст, барои дурусту дақиқ омӯхтани ҳам фаъолияти худи вай ва ҳам ҷараёни мазкур хеле муҳим мебошад.

Калидвожаҳо: *адабиёт, сиёсат, ҷадидия, ислоҳотпарварӣ, матбуот, мактаб ва маориф, равшанфикрӣ, Айнӣ, Беҳбудӣ.*

УСТОД АЙНИ И ДВИЖЕНИЕ ДЖАДИДИЯ

В истории политической, культурной и литературной мысли нашего народа движение джадидия относится к числу наиболее дискуссионных и малоизученных явлений. Джадидизм — это политическое явление последнего столетия, которое с начала носило культурно-просветительский характер. Его цель состояла в реформировании и преобразовании общества через создания новых школ и просвещение.

Позднее, после Октябрьской революции, оно приобрело политическое измерение и в основном стало восприниматься как контрреволюционное течение. В этом отношении особое значение имели оценки и отношение к его представителям самому течению .

Устод Айни был одним из активных участников данного движения, а после большевистской революции он принимал деятельное участие в жизни нового общества и в определённой мере реализовывал в нём собственные просветительские идеалы.

В этом контексте его отношение к джадидизму и джадидам в целом можно охарактеризовать как умеренное, имеет важное значение для правильного и глубокого изучения как его собственной деятельности, так и данного движения в целом.

Ключевые слова: *литература, политика, джадидия, реформаторство, печать, школа и просвещение, просветительство, Айни, Бехбуди.*

USTOD AYNI AND THE JADIDIY MOVEMENT

In the history of political, cultural and literary thought of our people, the Jadidiya movement is one of the most controversial and little-studied phenomena. Jadidism is a political phenomenon of the last century, which initially had a cultural and educational character. Its goal was to reform and transform society through the creation of new schools and education.

Later, after the October Revolution, it acquired a political dimension and was mainly perceived as a counter-revolutionary movement. In this regard, the assessments and attitudes of its representatives by themselves were of particular importance.

Ustod Ayni was one of the active participants in this movement, and after the Bolshevik Revolution he took an active part in the life of the new society and to a

certain extent realized his own educational ideals in it. In this context, his attitude towards Jadidism and Jadidists, which can generally be described as moderate, is of great importance for a correct and profound study of both his own activities and the movement as a whole.

Keywords: *literature, politics, Jadidiya, reformism, press, school and education, enlightenment, Ayni, Behbudi.*

Дар бораи муаллиф: Набиев Абдухолиқ Мирзоевич (Абдуқолиқ Набавӣ) – номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари шуъбаи адабиёти муосири тоҷики Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, Тел.: 93-508-46-08. Email: anabavi46@mail.ru

Информация об авторе: Набиев Абдухолик Мирзоевич (Абдуколик Набави) – кандидат филологических наук, ведущий научный сотрудник отдела современной таджикской литературы Института языка и литературы им. М.Рудаки Национальной академии наук Таджикистана, тел.: 93-508-46-08, e-mail: anabavi46@mail.ru

Information about the author: Nabiev Abdukholik Mirzoevich (Abdukolik Nabavi) – candidate of philological sciences, Leading researcher of the department of modern Tajik literature of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the National Academy of Sciences of Tajikistan, tel.: 93-508-46-08, e-mail: anabavi46@mail.ru

ТДУ:891.55+891

ПЕРОМУНИ НАШРИ НАВИ «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Шамсиддин Муҳаммадиев
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Рӯзи 5 декабри соли 2023 зимни суханронӣ дар Симпозиуми байналмилалӣ ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур дода шуд, ки ба хотири огоҳии бештари мардум аз таъриху фарҳанг ва тамаддуни ниёгони хеш «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ нашр ва ба ҳар як оила дастрас карда шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи арзиши мондагори «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ борҳо таъкид карда буданд: «Шоҳнома» танҳо китоби базму разм, диловарию қаҳрамонӣ ва ривояту афсона нест. Вай пандномаи беназир, ахлоқнома ва дастури омӯзандаи хулқу атвори ҳасана, хислат ва хусусиёти неки инсонист. Аз достонҳои ҷангӣ, ишқӣ ва нақлу ривоёти «Шоҳнома» мо таърихи пурифтихори халқҳои ориёинажод, суннат ва анъанаҳои мардум, тарзи зисту зиндагӣ, ойини мамлакатдорӣ, раиятпарварӣ, ватандӯстӣ, ҳифзи истиқлоли кишвар, озодию озодагӣ, мафҳуми ҷангу сулҳ, шинохти ҳаққу ботил, пирӯзии нур бар зулмот, масоили мардумшиносӣ, ҳаллу фасли мушкилоти байни давлатҳо, бемаъно будани ихтилофоти динию мазҳабӣ, эҳтиром гузоштан ба ҳаққу ҳуқуқи дигарон ва дӯстию рафоқатро меомӯзем...» [13, 229].

Дар таърихи адаби форсии тоҷикӣ дар ситоиши номварномаи Ҳакими Тӯсӣ беш аз ҳар шоири дигаре сухан рафтааст ё ситоиши ӯ дар ҳар даврае аз даврони ин адабистон бозтобу бозгӯии фаровоне доштааст ва ашъораш мавриди истиқболу пайравӣ будааст ва беҳтарин намунаҳои осори шеъри тоҷикӣ дар ҳамин қолаби маснавии баҳри мутақориб эҷод гардидаанд:

Чӣ назм аст, к-он пурҳунар дошта,
Чӣ кохи фасоҳат, ки афрошта.
Надонам чӣ гӯям ман ин гуфтаро,
Аз ин сон гуҳарҳои носуфтаро.
Нахоҳам ба сеҳраш, ки ин аст ҳалол,
На муъҷиз, ки бошад ба шаръам вабол.
Баёни ман аз васфи он қосир аст,
Баён нест ҳоҷат, сухан зоҳир аст. [5, 98]

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз ҳар нигоҳ хоҳ адабӣ, хоҳ ҳунарӣ, хоҳ воқеънигорӣ ва хоҳ баёни назокатҳои тахайюли инсонӣ асаре беназир ва беҳамто дар паҳнаи адаби ҷаҳон мебошад, ки бо забони нобу покизаи сокинони Хуросони замони шоир, ки мусодиф бо ҳукумати шоҳону шоҳзодагони сомонии тоҷикнасаб будааст, суруда шуда, шукӯҳу азамати гузаштаи пурифтихори миллии мардумони ин сарзаминро бедор кард ва дар он зулмати бедодиву турктозии қавмҳои бегона ба ин хостгоҳи тамаддунҳои безаволи моддиву маънавӣ нидои додхоҳӣ дардод.

Ҳамин руҳияи ватанхоҳии «Шоҳнома» дар густариши афкори меҳанпарастӣ дар адабиёти муосири тоҷик такони диданӣ ва чашмгире падид овард, ки шоирони зиёде бо илҳом аз ин шоҳи номаҳои адаби форсии тоҷикӣ ба сурудани ашъоре пардохтанд, ки вирди забони хосу ом гардид, таъсири сазоворе дар тарбияти ҳисси озодӣ ва ободии кишвари соҳибистиқлол гузошт:

Кист аз он шоирони хушсухан,
Кард девонро дари ҳифзи ватан.
Зулмате омад сиёсӣ дар давот,
Додӣ бар лафзи дарӣ оби ҳаёт.
Мисраҳояш ҷавшани Эрон шуданд,
Ҳарфҳояш нохуни шерон шуданд.
Дар сари ҳар нукта омад устувор,
Бар замин афканд чандин шаҳриёр.
Хуш қалам меронд бар ҳарфу рақам,
То ҷаҳонгир омад аз теғи қалам.
Нозукандоме нанолад то зи хор,
Оҳанинаш кард чун Исфандиёр.
Ҳар хаташ чун барқ омад пурғирев,
Ҳамчу теғи Рустам андар ҳалқи дев. [7,81]

Хидматҳои офаринандаи «Шоҳнома» дар абёти зери Заҳири Форёбӣ – шоири матраҳ дар шеъри форсӣ ба унвони касе, ки меъёри сухан дар дасти ӯст, бо як арзёбии мунсифона муътақид аст, ки Фирдавсӣ бунёди устуворе барои иморати сухан ниҳод ва ҳаққи онро ба дурустӣ адо кард:

Эй тозаву муҳкам аз ту бунёди сухан,
Ҳаргиз накунад чун ту касе ёди Ватан.
Фирдавс мақом бодат, эй Фирдавсӣ.
Инсоф, ки нек додаӣ доди сухан. [10]

Ҳаким Абулқосим Мансур ибни Ҳасани Фирдавсӣ аз бузургтарин суханварону ҳамосасароёни адабиёти форсии тоҷикӣ мебошад. Ҳамосаи миллӣ як падидаи фарҳангии миллӣ дар таърихи тамаддун ва адабиёти аксари қавму миллатҳои ҷаҳон аст.

Тадвини «Шоҳнома» ба забони порсии дарӣ як наҳзати фарҳангӣ шинохта мешавад, зеро вай осори гузаштаи ҳамосӣ ва зимнан луғоту таркиботи шеваи

қадимаро нигоҳ доштааст. Соли 1933 С.Айнӣ дар мақолааш «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» ба забони баёни «Шоҳнома» навишта буд: «сар то пои он ба оммаи тоҷикон фаҳмост, балки бештарини онҳо имрӯз дар забони зиндаи мардуми тоҷик кор фармуда мешаванд: ҳатто дар «Шоҳнома» он гуна луғатҳои форсӣ ва бо он гуна талаффуз кор фармуда шудаанд, ки имрӯз дар забони адабии Эрон кор намефармоянд, аммо дар миёни тоҷикон зинда аст [1, 40]. Ва ба гумони ғолиб, гуфтаи Фирдавсӣ «Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ» ҳамин маъноро дорад.

Фирдавсӣ сухансаро ва шоири бузургест, ки дарахти пурбори боғи Ирами шеъри порсии дариро монад, зеро бунёди забонӣ, ҳунарӣ, завқӣ, маърифатӣ, зебоишиносӣ ва ҳаҳонбиниеро асос гузошт, ки дар ҳазор соли дигар дар ин поя роҳи устувори рушду пешрафту такмилро паймуд.

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бузургтарин асари ҳамосии мардуми эронинажод ва яке аз муҳимтарин осори адабии забони тоҷикии форсӣ ва ҷаҳон мебошад.

Шоир китоби худро дар матни асараш бо номҳои «нома», «дафтари паҳлавӣ», «номаи бостон», «номаи хусравон», «номаи шаҳрёр» ва монанди инҳо ёд кардааст. Танҳо як ҷо дар ҳачвномаи ба Маҳмуд бахшида мегӯяд:

Ҷу сӣ сол бурдам ба «Шаҳнома» ранҷ,
Ки шоҳам бибахшад ба подош ганҷ. [36]

вале аз он ҷое, ки дар он замон осори манзуму мансуреро, ки муҳтавои онҳо шарҳи фармонравоии подшоҳони ориёӣ аз Каюмарс то Яздгирд буд, ғолибан «Шоҳнома» меномидаанд ва дар муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абумансурӣ» низ чунин омадааст: «Ва инро ном «Шоҳнома» ниҳоданд». Дар осори баъдии тоҷикии форсӣ ва ҳам дар тарҷумаи арабии он номи ин китоб «Шоҳнома» сабт шудааст. Дигар ҳеч гумоне боқӣ намемонад, ки унвони аслии ин китоб «Шоҳнома» аст, ки тарҷумаи форсии «Худойнома» дар паҳлавӣ будааст.

Бино бар таҳқиқи шоҳномашиносон, шоир асари худро дар ҳудуди соли 367ҳ.қ. / 978 мелодӣ оғоз карда, 25 исфанди 400 ҳ.қ./ 8 марти 1010 мелодӣ ба поён расонида бошад ҳам, кори тасҳеҳу такмили онро баъдан идома додааст. Пеш аз оғози назми «Шоҳнома» Фирдавсӣ достони «Бежан ва Манижа»-ро суруда будааст, ки маншаи шарқии эронӣ доштааст. Дар маҷмуъ Фирдавсӣ 35 соли умри хешро барои таълифи ин шоҳасар сарф кардааст.

«Шоҳнома» бо «Дебоча»-е оғоз мегардад, ки онро шоир тибқи суннати маснависароии замони хеш суруда, нахуст ба ситоиши Худованд ва сипас ба шарҳи маротиби офариниши ҷаҳон мепардозад ва ба шарҳи чигунагии таълифи «Шоҳнома»-и Абумансурӣ, фароҳам овардани дастнависе аз он, оғоз кардани Дақиқӣ ба назми «Шоҳнома» бақияи матолиби ин қисмат аст. Дар ҳамин ҷост, ки шоири огоҳ аз тамоми оинҳо ва суннатҳои аҷдодии хеш хирадро ягона ҷавҳари ҳастии инсон мешиносад ва арҷу пос доштани инсонро маҳз ба василаи хираду дониши ӯ медонад, ки аз аслҳои муҳимму бунёдии ҷаҳоншиносии гузаштагони мо будааст. Дар «Шоҳнома» тафсили подшоҳии чаҳор силсилаи подшоҳон гузориш шудааст: Силсилаи Пешдодиён аз Каюмарс то Завитаҳмосп (ҷамъан шарҳи нуҳ подшоҳӣ), силсилаи Каёниён аз Кайқубод то Искандар (шарҳи даҳ подшоҳӣ), силсилаи Ашкониён аз Ашк то Ардавон (шарҳи нуҳ подшоҳӣ), силсилаи Сосониён аз Ардашер то Яздгирди шаҳрёр (шарҳи сӣ подшоҳӣ).

Теъдоди кулли подшоҳони «Шоҳнома» панҷоҳу ҳашт тан ва кулли байтҳои он дар чопҳои гуногун мутафовит буда, дар яке аз чопҳои беҳтари он, ки аз тарафи донишмандони Шуравии собиқ таҳти роҳбарии эроншиноси варзида Эвгений Эдуардович Бертелс дар Маскав анҷом дода шудааст ва борҳо дар Эрон ҳам чоп шуд, фарогири 49500 байт ва дар чопи охирини аз тарафи Холиқии Мутлақ таҳиягардида 49539 байт мебошад. Аз 58 нафар шоҳони «Шоҳнома» ду нафар – Заҳҳок аз бегонагон ва Искандар ба ривояти «Шоҳнома» нимаэронӣ мебошанд.

Заҳҳок дар Авесто аз ажадаҳоки мардумхор аст, вале дар «Шоҳнома» писари Мардос ва панҷумин подшоҳи ғосиб дар силсилаи Пешдодиён мебошад.

«Шоҳнома»-ро ба се бахш: асотирӣ, паҳлавонӣ ва таърихӣ тақсим кардаанд, вале ин тақсимбандӣ мутлақ ва ниҳоӣ набуда, дар ҳар бахше аз бахшҳои дигар ҳиссаҳо ва баҳраҳо бо ҳам омехтаанд.

«Шоҳнома» як ҳамосаи бузург ва воҳиди адабии ҳунарист, ки ягонагии он аз мақсаду ҳадафи муаллифи он бармеояд. Дар «Шоҳнома», гузашта аз ҳадаф ва назарҳои ҷузъӣ, ба андешаи адабиётшинос Худоӣ Шарифзода, се идеяи марказӣ ва роҳнамо мавҷуд мебошад, ки пайванди ин маҷмуаи бузурги гуногунмавзуъро ба вуҷуд овардааст: 1. Идеяи ба вуҷуд омадани аввалин ҷомеаҳои башарӣ; 2. Идеяи ватандӯстӣ ва ватангароӣ; 3. Идеяи салоҳи иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа [37]. Месазад аз ин таъриху тақдиру корномаи башарият омӯхту ибрат гирифт ва онро раҳнамои хеш қарор дод. Ба қавли Маликушшуаро Баҳор:

Ҷалолу рифъати гуфторҳои шоҳона
Нишони ҳиммати Фирдавсияст бе каму кост.
Муҳоваротиҳакимонаву дироятҳош
Гувоҳи шоир дар ақлу ройи ҳикматзост. [4]

Ба ин тартиб, «Шоҳнома» ҳамосаи бузурги шоҳон аст ва дар ин шоҳасар ҳаёти мардумони Эрону Моваруннаҳр дар пайванди замонию маконӣ, таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, руҳонӣ ва маънавӣ воқеияти зиндаи ҳунарӣ меёбад. «Шоҳнома» барои омӯзандагони ҷараёни зиндагӣ ва таҷрибаи ҳазорсолаҳо, аз ҷумла мардумони эронитабор, форсизабонон ва дигар мардумони олам як манбаи муътамад аст.

К-аз ин номвар номаи бостон
Бимонам ба гетӣ яке достон,
Ки ҳар кас, ки андар сухан дод дод,
Зи ман ҷуз ба некӣ наёрад ба ёд [24, 244].

Маҳз ба хотири дар ҷомеаи имрӯзӣ ба вуҷуд овардани фазои мусоиди арҷгузорӣ ба чунин мероси оламшумул ва тақвияту суръат бахшидан ба нуфузи ҳамагонӣ ва эътибору азамати «Шоҳнома», ки дар таърихи адабу фарҳанги миллати тоҷик аз ҷойгоҳи баланду шоиста бархурдор аст, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми чопи матни комили «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва тавзеъи он ба ҳар хонадони кишварро роҳандозӣ намуданд, ки дар қатори дигар ташаббусҳои фарҳангпарварона ва адабдӯстонаи эшон қадами дигаре дар эҳёи руҳи тамаддунофари миллат ва таҳкими пояҳои худшиносӣ ва худогоҳии ин «қавми муаззам» мебошад.

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба чопу тавзеҳ, тарғибу ташвиқи ҳамосаи миллии «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ дар суханронии хеш дар Симпозиуми байналмилалӣ ба муносибати 1115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров 5-уми декабри соли 2023 дар Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон гурӯҳи корӣ дар ҳайати мутахассисону олимони шоҳномапажӯҳ таъсис гардид. Гурӯҳи корӣ пас аз баррасии тулонӣ ба натиҷае расид, ки таҳияи матни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бар асоси чопи охирини он дар силсилаи «Ахтарони адаб» бо кӯшиши Камол Айнӣ ва Зоҳир Аҳрорӣ [26] ва дар муқоиса бо чопҳои Маскав зери назари Е.Э.Бертелс [27;28;29;30;31;32;33;34;35] чопҳои теҳронии Ҷалол Холиқии Мутлақ [18;19;21;22;20;23], Жул Мул ва Фаридуни Ҷунайдӣ анҷом дода шавад.

Ҳайати Гурӯҳи корӣ дар муҳлати пешниҳодшуда бо сарбаландӣ кори таҳия, таҳрир, муқоиса, муқобала, бозхонӣ ва тасҳеҳи матни мукаммали «Шоҳнома» ва таҳияву тавзеҳи луғату вожагони номафҳуми асарро ба охир расонида, дар як ҷилди бузурги 1200 саҳифаӣ онро ба нашриёт супориданд, ки аз тарафи нашриёти «Шарқи озод» дар ду ҷилд ба чоп расид [16; 6]. Китоб бо муқаддимаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳти унвони «Фурӯғи «Шоҳнома» дар ҳар хонадони тоҷик»

оғоз меёбад [16, 7-10]. Аз он ки чопи ҳозир оммавӣ аст, фарқу бадали нусхаҳо, тавзеҳи поварақҳо, абёти илҳоқии ҳошияи китоб ҳазф карда шуданд. Ҳамчунин абёти машкук ба матн дохил нашуданд. Шарҳи луғоту тавзеҳоти вожаҳои маҷҳулу матрук дар охири матни китоб ҷой дода шуданд. Гунаи дурусти байтҳо ва вожаҳо дар заминаи маънои мантиқӣ ва хулосаи мутахассисони гурӯҳ интихоб гардид. Матн мувофиқи имлои нави забони тоҷикӣ таҳия гардида, дар ҳолатҳои зарурӣ бино бар тақозои вазн ва шакли таърихии калимаҳо истисно сурат гирифт, ки ногузир будем. Мисли вожаи **сӯй** дар аввали мисраъҳои ба шакли **суй** оварда шуданд, ки тақозои вазн мебошад. Ҳамин гуна аст, кашидани баъзе ҳарфҳо дар байни мисраъҳо ба хотири вазнро пур кардан: Ҷа**ммшед**, ка**жжӣ**; барои равшан намудани маънӣ бо нимтире навиштани пасвандҳои таркибӣ: ба разм-**андарун**, ба рӯз-**андарун**, ба ғирбол-**бар**, бар ӯ-**бар**, бар нома-**бар**, ба ҳар шорсон-**дар**... Дар навиштани номҳои Худованд ҳар ҷо ном буд, бо ҳарфи калон, дар мавриди сифатҳои Худо ҳарфи хурд истифода шудааст. Ҳамин гуна дар навиштани исмҳои хоси аҷроми самовӣ, ҳар ҷо манзури шоир сайёра буд, бо ҳарфи калон ва ҳар ҷо, ки номи сайёраҳо барои бадеият истифода шудаанд, бо ҳарфи хурд навишта шудаанд.

Дар масъалаи интихоби миниатюраҳо аз сюжетҳои «Шоҳнома» роҳбарияти Институт аввалан масъаларо омӯхта, бо мутахассисони ҳирфаии ин ришта машварат карда, иҷозати истифода аз беҳтарин ва муосиртарин миниатюраҳоро аз муаллифони онҳо ҳосил намуд ва барои баррасӣ ба ҳайати коршиносон ва мутахассисони ин бахш пешниҳод намуданд. Бар асоси ҳамаи пешниҳодҳо хулоса ва натиҷагирӣ бар он шуд, ки миниатюраҳо барои матни «Шоҳнома» ҳам аз осори миниатюрнигорони давраи классикӣ, ҳам аз Олим Камолзода – миниатюрнигори муосири тоҷик ва ҳам аз Маҳмуди Фаршчиён интихоб карда шаванд. Дар маҷмуъ аз осори миниатаюраи классикӣ 20 адад, 4 адад аз асарҳои Олим Камолзода ва 8 адад аз осори минатюрнигори муосири эронӣ Маҳмуди Фаршчиён (дар маҷмуъ 32 адад) барои матн баргузида шуд.

Ҳамчунин ба ҳамин муносибат ду китоби дигар аз тарафи кормандони илмии Институт барои чоп омода гардид, ки барои дарки матни «Шоҳнома» зарурат доранд. Ходимони илмии Институт «Фарҳанги Шоҳнома»- ро дар асоси нусхаҳои гуногуни он ва бо муқоисаву муқобала бо луғатномаҳои пешини «Шоҳнома» – «Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома» [14], «Луғати «Шоҳнома»-и Абдулқодири Бағдодӣ [3], «Фарҳанги «Шоҳнома»-и Маҳмуди Занҷонӣ [8], «Фарҳанги «Шоҳнома»-и Ҳусайн Шаҳидии Мозандаронӣ» [9], «Вожаномаи «Шоҳнома»-и Парвизи Атобакӣ [2], «Фарҳанги «Шоҳнома»-и Ризозода Шафақ [38], китоби вожаномаи «Шоҳнома»-и Ҷалол Холиқии Мутлақ [11], Фарҳанги «Шоҳнома»-и Алии Равоқӣ [12], Фарҳанги номҳои «Шоҳнома»-и Мансур Растагори Фасоӣ [15], асари Фритс Вулф [6] дар ҳаҷми 600 саҳифа мураттаб намуданд ва ин кори заҳматталаб бо кӯшишу эҳтимом ва сарпарастии доктори илми филология, директори Институт Фарангис Шарифзода анҷом дода шуд.

Китоби дигар «Ном ва номгузорӣ дар «Шоҳнома» унвон дошта, ба қалами доктори илми филология Умриддин Юсуфӣ тааллуқ дорад. Дар ин китоб номҳои ориёии «Шоҳнома» ба ин хотир мураттаб гардидааст, ки мардуми тоҷик номи фарзандони худро аз рӯи қаҳрамонони асари безаволи Фирдавсӣ гузоранд ва суннатҳои пойдори номгузории таърихии гузаштагони худро идомат бахшанд, зеро ном шиносномаи фарҳангии миллат ва номгузорӣ як рукни усулии худшиносии миллӣ ба шумор рафта, мардумони халқу миллатҳоро, пеш аз ҳама, аз рӯи номашон мешиносанду нажодашонро муайян мекунанд.

Зикри ин нукта муҳим аст, ки ҳамаи абёти «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз рӯи таҳия ва тасҳеҳи наве, ки аз ҷониби мутахассисони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ анҷом пазируфта, оварда шудааст. Дар ҳолати зарурат ба нусхаҳои дигари «Шоҳнома» низ мурочиат шудааст.

Зарурати таълифи чунин китоб пеш аз ҳама дар он аст, ки асолати номҳо ва сохтори онҳо дар «Шоҳнома» аз ҳар маъхази дигар бештар ва беҳтар нигоҳ

дошта шудааст, ки барои ҳар фарди ҷомеаи соҳибистиқлол дастурномаи хубе барои дурусту рост ва бехато навитани номҳои асили миллӣ ба шумор меравад. Ҳамчунин муаллифи китоб дар шарҳу тавзеҳи номҳо ҳам талош варзида, дар равшанӣ андохтан дар шиносоии забонӣ ва такрории номҳо, мисли Ардашер, ки дар ин асар 11 шахсият бо ин ном омадаанд. Бино бар таҳқиқи муаллифи рисола дар «Шоҳнома» ҳудуди ду ҳазор ном истифода шуда, машҳуру маъруфтари онҳо Рустами Дастон мебошад.

Номвожаҳои «Шоҳнома» тибқи алифбои тоҷикӣ мураттаб гардида, ҳамзамон пас аз овардани ном гунаи форсӣ ва тарзи навишти он дар овонигорӣ ба лотинӣ (транскрипсия) зикр шудааст, ки талаффузи дурусти номҳоро осон менамояд.

Тамоми роҳбарӣ, мудирият ва тартибу низоми таҳияи матни комили «Шоҳнома» таҳти сарпарастии умумии президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Қобилҷон Хушвахтзода ва директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илми филология Фарангис Шарифзода бо камоли меҳандӯстӣ ва тахассусмандӣ ҳусни анҷом ёфтааст.

Дар охир ҳаминро афзуданием, ки ташаббускори ин иқдоми наҷиб ва вориси воқеии Фирдавсии покзод, Сарвари давлати соҳибистиқлоли мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хитоб ба насли ҷавони кишвар фармудаанд: «Агар мо бихоҳем, ки ҷовидон дар ин сарзамин руҳи Фирдавсиро зиндаву покиза нигоҳ дорем ва худро вориси воқеии ӯ бидонем, бояд ҳамаи андарзҳои ӯро ҳифз намуда, тибқи онҳо амал бикунем, баҳри оромишу осоиш, ваҳдату ягонагӣ ва пойдор гардидани сулҳ ба ҷон бикӯшем»[13,229]. Ва барои расидан ба ин ҳадафи нек моро зарур аст, «Шоҳнома» машъалафрӯзи ҳар як хонадони тоҷик бошад ва анъанаи неки шоҳномасароӣ барқарор шавад. Умед аст, ин иқдоми сутудании Сарвари давлат ва азму иродаи миллати тоҷик дар роҳи пос доштани арзишҳои фарҳангиву миллиамон амалӣ хоҳад шуд.

Дар фароварди ин гузориш аз забони офаридгори «Шоҳнома», ки аз ганҷинаҳои номирои миллати мо ва санади гӯёи ҳувияти ориёии ин нажод аст, мегӯем:

Худованди гетӣ паноҳи ту бод,
Замину замон некхоҳи ту бод.
Ба коми ту гардад сипеҳри баланд,
Дилат шод бодо, танат бегазанд.
На ғамро ҳаме бар дилат роҳ бод,
На шодӣ-тро даст кӯтоҳ бод!
Замона туро ҷовидон банда бод,
Сари бадсиголон-т афканда бод!
Зи ту чашми оҳарманон дур бод,
Дилу ҷони ту хонаи сур бод. [25, 395]

КИТОБНОМА

1. Айнӣ, С. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ/ С.Айнӣ. // Куллиёт. Ҷилди 11, китоби аввал. –Душанбе: Ирфон, 1963. -Саҳ. 7-51.
2. Атобакӣ, Парвиз. Вожаномаи «Шоҳнома» (Шомили шарҳи луғот, истилоҳот, номҳо ва ҷойҳои «Шоҳнома») / Атобакӣ, Парвиз. –Теҳрон: нашру пажуҳиши Фарзонрӯз, 1379. -363 с.
3. Бағдодӣ, Абдулқодир. Луғати «Шоҳнома». Ба тасҳеҳи Карл Залеман. Тарҷума, тавзеҳ ва таълиқи Тавфиқи Субҳонӣ, Алии Равоқӣ / Бағдодӣ, Абдулқодир. -Теҳрон: Анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ,1382.- саҳ. 668.
4. Баҳор, Маликушшуаро. Фирдавсӣ. Қасоид. / Маликушшуаро, Баҳор // Ганҷур. Қасидаи шумораи 37, байтҳои 15 ва 17.

5. Бузургдошти Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» дар адабиёти шифоҳӣ ва китобӣ. (Гирдоваранда, мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Додоҷон Обидов). –Душанбе: Империал-Груп, 2012. -200 саҳ. саҳ.98;
6. Вулф, Фритс. Фарҳанги «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ / Вулф, Фритс. -Теҳрон, 1398. -1076 саҳ.
7. Давлат, Қувват. Фирдавсӣ // Фирдавсӣ дар шеъри дунё (Таҳияи Шокир Мухтор). / Қувват, Давлат. –Душанбе: Адиб, 1991. 128 саҳ., саҳ.81;
8. Занҷонӣ, Маҳмуд. Фарҳанги ҷомеъи «Шоҳнома» / Занҷонӣ, Маҳмуд. –Теҳрон: интишороти Атоӣ, 1390.-1116 саҳ.
9. Мозандаронӣ, Ҳусайн Шаҳидӣ. Фарҳанги «Шоҳнома» / Мозандаронӣ, Ҳусайн Шаҳидӣ. -Теҳрон: интишороти Бунёди Нишобур,1377. -816 саҳ.
10. Мокон, Муҳаммад Бақоӣ. Шоҳкори адаби форсии ҳазору ёздаҳсола шуд/ Мокон, Муҳаммад Бақоӣ. https://www.isna.ir/news/98122519232/ муроҷиат 16.11.2024
11. Мутлақ, Ҷалол Холиқӣ. Китоби вожаномаи «Шоҳнома» / Мутлақ, Ҷалол Холиқӣ. -Теҳрон: интишороти Сухан, 1399/2018. -403 саҳ.
12. Равоқӣ, Алӣ. Фарҳанги «Шоҳнома». / Равоқӣ, Алӣ. -Теҳрон: Муассисаи таълиф, тарҷума ва нашри осори ҳунарӣ, 1389. -1397 саҳ.
13. Раҳмон, Эмомалӣ. Ситоишгари адлу ростӣ ва нуру хирад/ Чеҳраҳои мондагор. / Эмомалӣ Раҳмон. -Душанбе: Эр-граф, 2016. -366 саҳ.
14. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». Мураттиб:Иброҳим Ализода. / Ализода, Иброҳим. -Душанбе: Адиб,1992.-492 саҳ.
15. Фасоӣ, Мансур Растагор. Фарҳанги номҳои «Шоҳнома» / Фасоӣ, Мансур Растагор. -Теҳрон, 1370. -1280 саҳ.
16. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. / Фирдавсӣ, Абулқосим. -Душанбе: Шарқи озод, 2025. Ҷилди 1. 792 саҳ.
17. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. / Фирдавсӣ, Абулқосим. -Душанбе: Шарқи озод, 2025. Ҷилди 2. 704 саҳ.
18. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Дафтари аввал. Ба кӯшиши Ҷалол Холиқии Мутлақ. / Фирдавсӣ, Абулқосим. -Ню-Йорк: Библиотека Персика,1366/1988. -34+374+11саҳ.
19. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Дафтари дувум. Ба кӯшиши Ҷалол Холиқии Мутлақ. / Фирдавсӣ, Абулқосим. -Ню-Йорк: Библиотека Персика, 1369/1991. -506 саҳ.
20. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Дафтари панҷум Ба кӯшиши Ҷалол Холиқии Мутлақ / Фирдавсӣ, Абулқосим. -Ню-Йорк: Библиотека Персика, 1375/1997. 14+585.
21. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Дафтари саввум. Ба кӯшиши Ҷалол Холиқии Мутлақ. / Фирдавсӣ, Абулқосим. -Ню-Йорк: Библиотека Персика, 1371/1992. -14+420 саҳ.
22. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Дафтари чаҳорум. Ба кӯшиши Ҷалол Холиқии Мутлақ / Фирдавсӣ, Абулқосим. -Ню-Йорк: Библиотека Персика,1374/1994. -14+397 саҳ.
23. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Дафтари шашум, Ба кӯшиши Ҷалол Холиқии Мутлақ. / Фирдавсӣ, Абулқосим. -Ню-Йорк: Библиотека Персика, 1384/2005. -14+637.
24. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 3. / Фирдавсӣ, Абулқосим. -Душанбе: Адиб, 1988. -528 саҳ.
25. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 8. / Фирдавсӣ, Абулқосим. -Душанбе: Адиб, 1990. -614 саҳ.
26. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилдҳои I-X. / Фирдавсӣ, Абулқосим. -Душанбе: «Адиб», 2007-2010. (ҷилди X 416 саҳ. ҳамаи ҷилдҳои дигар 480 саҳ.)
27. Фирдоуси. Шах-наме. Критический текст. Том I. Под редакцией Е.Э. Бертельса / Фирдоуси. -Москва, 1960. – 30+272 стр.

28. Фирдоуси. Шах-наме. Критический текст. Том II. Е.Э. Бертельса. / Фирдоуси. -Москва, 1962. -16+261 стр.
29. Фирдоуси. Шах-наме. Критический текст. Том III. Под редакцией А. Нушина / Фирдоуси. -Москва, 1965. -14+261 стр. – 30+272 стр.
30. Фирдоуси. Шах-наме. Критический текст. Том IV. Под редакцией Р. Алиева. / Фирдоуси. -Москва, 1965. -20+422 стр.
31. Фирдоуси. Шах-наме. Критический текст. Том IX. Под редакцией А.Нушина / Фирдоуси. -Москва, 1971. -27+400 стр.]
32. Фирдоуси. Шах-наме. Критический текст. Том V. Под редакцией Р.Алиева / Фирдоуси. -Москва, 1967. -18+424 стр.
33. Фирдоуси. Шах-наме. Критический текст. Том VI. Под редакцией А. Нушина / Фирдоуси. -Москва, 1967. -19+406 стр.
34. Фирдоуси. Шах-наме. Критический текст. Том VII. / Фирдоуси. -Москва, 1968. -16+459 стр.
35. Фирдоуси. Шах-наме. Критический текст. Том VIII. Под редакцией А. Азера. / Фирдоуси. -Москва, 1970. -16+445 стр.
36. Ҳаҷвномаи Султон Маҳмуд. /Фирдавсӣ, Абулқосим. Аз Ганҷур;
37. Шарифзода Х. «Шоҳнома» ва шеъри замони Фирдавсӣ» / Х. Шарифзода. -Душанбе: Андалеб-Р, 2014. -400 саҳ.
38. Шафақ, Ризозода. Фарҳанги «Шоҳнома» / Ризозода, Шафақ. -Теҳрон, 1350. -234 саҳ.

ПЕРОМУНИ НАШРИ НАВИ «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз ҳар нигоҳ хоҳ адабӣ, хоҳ ҳунарӣ, хоҳ воқеънигорӣ ва хоҳ баёни назокатҳои тахайюли инсонӣ асаре беназир ва беҳамто дар паҳнаи адаби ҷаҳон мебошад, ки бо забони нобу покизаи сокинони Хуросони замони шоир, ки мусодиф бо ҳукумати шоҳону шоҳзодагони сомонии тоҷикнасаб будааст, суруда шуда, шукӯҳу азамати гузаштаи пурифтихори миллии мардумони ин сарзаминро бедор ва дар он зулмати бедодиву турктозии қавмҳои бегона ба ин хостгоҳи тамаддунҳои безаволи моддиву маънавӣ нидои додхоҳӣ дардодааст.

Барои ба вуҷуд овардани фазои мусоиди арҷгузорӣ ба чунин мероси оламшумул ва тақвияту суръат бахшидан ба нуфузи ҳамагонӣ ва эътибору азамати «Шоҳнома», ки дар таърихи адабу фарҳанги миллати тоҷик аз ҷойгоҳи баланду шоиста бархурдор аст, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми чопи матни комили «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва тавзеъи он ба ҳар хонадони кишварро роҳандозӣ намуданд, ки дар қатори дигар ташаббусҳои фарҳангпарварона ва адабдӯстонаи эшон қадами дигаре дар эҳёи руҳи тамаддунофари миллат ва таҳкими пояҳои худшиносӣ ва худогоҳии ин «қавми муаззам» мебошад.

Азбаски чопи ҳозир оммавӣ аст, фарқу бадали нусхаҳо, тавзеҳи поварақҳо, абёти илҳоқии ҳошияи китоб ҳазф карда шуданд. Ҳамчунин абёти машкук ба матн дохил нашуданд. Шарҳи луғоту тавзеҳоти вожаҳои маҷҳулу матрук дар охири матни китоб ҷой дода шудаанд. Гунаи дурусти байтҳо ва вожаҳо дар заминаи маънои мантиқӣ ва хулосаи мутахассисон интихоб гардид. Матн мувофиқи имлои нави забони тоҷикӣ таҳия гардида, дар ҳолатҳои зарурӣ бино бар тақозои вазн ва шакли таърихии калимаҳо истисно сурат гирифт.

Вожаҳои калидӣ: *Шоҳнома, Фирдавсӣ, чоп, назм, фарҳанг, таърих, маснавӣ, нашри интиқодӣ, адабиёт, луғат.*

О НОВОМ ИЗДАНИИ «ШАХНАМЕ» АБУЛКАСИМА ФИРДОУСИ

«Шахнаме» Фирдоуси – уникальное и неповторимое произведение в мировой литературе, написанное благородным и чистым языком жителей Хорасана времен поэта, совпавшие с правлением таджикских правителей

Саманидов. В нем воспевалась слава и величие гордого прошлого историии иранских народов и это пробудило людей во времена тьмы войны и жестокости чужих народов.

В целях создания благоприятной атмосферы для воздаеяния должного такому общечеловеческому наследию, а также для укрепления и ускорения всеобщего влияния, престижа и величия «Шахнаме», занимающей высокое и заслуженное место в истории литературы и культуры таджикского народа, Лидер нации уважаемый Эмомали Рахмон выступил с инициативой публикации полного текста «Шахнаме» Фирдоуси и предоставления его каждой семье страны. Наряду с другими его культурными и литературными инициативами, это еще один шаг в возрождении духа цивилизации и укреплении основ самосознания и самосознания этой «великолепной нации».

Поскольку настоящее издание предназначено для широкой публики, различия между копиями, пояснения сносок и дополнительные стихи на полях книги были удалены. Кроме того, сомнительные бейты не были включены в текст. В конце текста книги размещены глоссарий и пояснения неизвестных и устаревших слов. Правильный вариант стихов и слов был выбран на основе логического смысла и мнения экспертов. Текст подготовлен в соответствии с новой орфографией таджикского языка, с исключениями, сделанными в необходимых случаях, исходя из требований метрики и исторической формы слов.

Ключевые слова: *Шахнаме, Фирдавси, книгопечатание, поэзия, культура, история, маснави, критическое издание, литература, словарь.*

ABOUT THE NEW EDITION OF «SHAHNAME» BY ABULQASIM FIRDAWSI

«Shakhnoma» by Firdausi is a unique and inimitable work in world literature, written in the noble and pure language of the inhabitants of Khorasan, the poet's time, which coincided with the reign of the Tajik rulers of the Samanids. It glorified the glory and greatness of the proud past of the history of the Iranian peoples and this awakened people in times of darkness of war and cruelty of foreign peoples.

In order to create a favorable atmosphere for paying tribute to such a universal heritage, as well as to strengthen and accelerate the general influence, prestige and greatness of the Shahnameh, which occupies a high and deserved place in the history of literature and culture of the Tajik people, the Leader of the Nation - the Founder of Peace and National Unity, respected Emomali Rahmon took the initiative to publish the full text of Firdausi's Shahnameh and make it available to every family in the country. Along with his other cultural and literary initiatives, this is another step in reviving the spirit of civilization and strengthening the foundations of self-consciousness and self-awareness of this «magnificent nation». Since this edition is intended for the general public, differences between copies, footnote explanations and additional verses in the margins of the book have been removed. In addition, questionable bayts have not been included in the text. A glossary and explanations of unknown and obsolete words are placed at the end of the text of the book. The correct version of the verses and words was chosen based on logical meaning and expert opinion. The text was prepared in accordance with the new spelling of the Tajik language, with exceptions made in necessary cases based on the requirements of metrics and the historical form of words.

Key words: *Shahnama, Firdawsi, printing, poetry, culture, history, masnavi, critical edition, literature, dictionary.*

Дар бораи муаллиф: Муҳаммадиев Шамсиддин – муовини директори Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21. E-mail: shamsiddin-2010@mail.ru. Тел.: (+992) 93-511-23-87.

Сведение об автора: Мухаммадиев Шамсиддин – заместитель директора Институт языка и литературы им. Рудаки Академии наук Республика Таджикистан. Адрес: Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 21. E-mail: shamsiddin-2010@mail.ru. Тел.: (+992) 93-511-23-87.

Information about the author: Muhammadiev Shamsiddin – Institute of Language and Literature. Rudaki Academy of Sciences Republic of Tajikistan, deputy director of Rudaki Language and Literature Institute. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: shamsiddin-2010@mail.ru. Tel.: (+992) 93-511-23- 87.

ТДУ: 890.550.14

ҲАЗИНИ ЛОҲИҶӢ ВА ДИДГОҲҲОИ Ӯ ДОИР БА ҶОЙГОҲИ ШОИРИИ ҶАМОЛИДДИН АБДУРРАЗЗОҚ ИСФАҲОНӢ ВА КАМОЛИДДИНИ ИСМОИЛ

Ромезҷон Абдуллоев
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Баҳсу баррасии шинохт ва мақоми шоирии ду нафар суханвари мумтози адабиёти классикӣ, аз ҷумла Ҷамолиддин Абдурраззоқ Исфаҳонӣ ва писараш - Камолиддин Исмоил яке аз масъалаҳои муҳимми нақду сухансанҷӣ ба шумор меравад, ки дар меҳвари мутолиботи яке аз шоирон ва тазкиранигорони барҷастаи шибҳи қораи Ҳинд - Ҳазини Лоҳиҷӣ қарор гирифтааст. Азбаски дар даврaҳои гуногуни адабиёти классикӣ алоқамандону сухансанҷон хеле афзоиш ёфтаанд, табиист, ки дар ин замина баҳсҳо дар атрофи мақому мартабаи ин ё он шоири соҳибном низ фаровон сурат гирифтаанд ва чун байни худ ба натиҷае нарасидаанд, ба ин ё он шоири маъруфи замонашон тариқи мактуб муроҷиат кардаанд. Хусусан, дар доираи адабии шибҳи қораи Ҳинд ин падида зиёд ба чашм мехӯрад, ки яке аз ҳамин гуна баҳсҳо муроҷиати ҳаводорони мероси адабии Ҷамолиддин Абдурраззоқ Исфаҳонӣ ва писараш - Камолиддини Исмоил мебошад. Вуҷуд доштани қитъаи ҷавобии Ҳазини Лоҳиҷӣ дар девони ашъораш ба унвони Мирзо Абутолиби Шулистонӣ ва инчунин посухи манзуми Соиби Табрезӣ ба алоқамандони шеъри Ҳофиз оид ба ифодаи «киштишикаста ва киштинишаста» доманаи фарох доштани ин гуна масоилро дар ҳавзаи адабии шибҳи қораи Ҳинд бозгӯ менамояд. Мактуби ба Соиби Табрезӣ ирсолнамудаи ҳаводорони шеъри Ҳофизи Шерозӣ, ки ба суханварони аҳли Бухоро тааллуқ доштааст, дар китоби адабиётшиноси маъруфи тоҷик Абдулманнони Насриддин «Рӯдакӣ [нусхашиносӣ ва нақду баррасии ашъори бозмонда]» таҳлилу баррасӣ гардидааст. Ин масъала дар қисмати «Тағйироти матн»-и китоби мазкур, ки ба масоили тағйир ёфтани матни асари бадеӣ, тасарруфоти луғавию баёнӣ, мудохала ба тарҳи умумии осори адабӣ ва ҷараён гирифтани баҳсҳо перомуни байти Ҳофиз дар солҳои 80-уми асри гузашта ва аз бойгонии Зуфархон Ҷавҳарӣ ёфт шудани матни мактуби манзуми алоқамандони шеъри Ҳофиз дар Бухоро аз ҷониби ходими илмии Пажуҳишгоҳи ховаршиносӣ Саидумар Султонов ва монанди инҳо нигаронида шудааст ва муаллиф дар ин бобат чунин менигорад: «Ҳарчанд дар асолати он мактуб ба Соиби Табрезӣ ва ҷавоби Соиб ба номи аҳли Бухоро ҷойи шакку тардид аст, [зеро Соиб асосан дар Исфаҳон мезист ва Малеҳои Самарқандӣ аз ин боб хабар додааст ва Малеҳо бо муаллифони мактуб ҳамзамон аст], муҳим он аст, ки ҷавоби нома ва асноди нусхаҳои муътабар ва

қадимаи девони Ҳофиз бо ҳам мувофиқ ҳастанд» [4, 86]. Тавре ки ба мушоҳида расид, бо вуҷуди нақл шудани масъалаи мазкур дар тазкираи Малеҳои Самарқандӣ, муаллиф ба асли нома шубҳа кардааст, аммо мувофиқати асолати матни номаи ирсолгардида ба нусхаҳои қадимаи шеъри Ҳофиз нишон медиҳад, ки дар ин давра дар баробари ҷустуҷӯ кардани шарҳу тафсири дурусти байтҳо, инчунин таъмини асолати матни осори бадеӣ низ яке аз масъалаҳои муҳимтарини аҳли илму адаб ба ҳисоб меомадааст. Аз ин ҷиҳат, муқоисаи шакливу маъноии ин ду номаи манзум имкон медиҳад монандиҳо ва санаду фактҳои ҷолиби диққат дар ин замина ба даст оварда шавад. Азбаски номаи ирсолгардида ба Ҳазини Лоҳиҷӣ дар талаби доварӣ кардани ӯ байни Ҷамолиддин Абдурраззоқ Исфаҳонӣ ва писараш - Камолиддини Исмоил дар шеъру шоирӣ айни ҳол дар даст нест, ин ҷо танҳо номаи ҷавобии ӯ бо номаи ҷавобии Соиби Табрезӣ қиёс карда мешавад. Масалан, ҳар ду нома дар оғоз як равзанаи вурудӣ доранд ва он чунин аст, ки ҳар ду муаллиф аз як пайки шодиовар, яъне боди сабо, насими лутф, қосиди фархунда ва суруши паёмовар ҳарф мезананд, зеро аз онҳо номаи меҳр ба машомашон мерасад:

Ҳазини Лоҳиҷӣ:

Дӯш аз бари ёре, ки дилам шефтаи ӯст,
В-аз шарҳи камоли хирадаш нотиқа лол аст.
Омад ба барам қосиди фархундасуруше,
Бо номаи азбе, ки магар оби зулол аст.
Назмаш натавон гуфт, ки силкест зи гавҳар,
Ҳар сатре аз он дар назарам уқдаи лол аст.
Бикшудаму бархондаму санҷидаму дидам,
К-аз банда – раҳӣ ҳосили он нома суол аст [3,157-158].

Соиби Табрезӣ:

Омад насими лутфе имрӯз чун ба Соиб,
Аз мақдами насимаш гулҳо шукуфта моро,
К-эй дӯстони ҷонӣ ман бандаам ба Ҳофиз,
Шеъраш лисони ғайб аст, эй мардуми Бухоро [4,86].

Яъне, ин санадҳо бозгӯкунандаи он ҳастанд, ки чунин сурудаҳои манзум дар шарҳи як таркиб ва ё тавзеҳи мақом ва ҷойгоҳи як ё ду суханвар дар шеъру шоирӣ дар қиёси ҳамдигар, ё дар маҷмуъ, баёни масоили назарии адабиёт ва ғайра аз усули хос бархурдор будаанд. Дар шеъри Ҳазини Лоҳиҷӣ расидани нома ба таври муфассал тавзеҳ ёфтааст ва ин қисмат бар хилофи сурудаи Соиби Табрезӣ дорои чаҳор байт мебошад. Ҳазин таъкид медорад, ки дӯш аз бари ёр, ки дилам ҳамеша шефтаи он асту аз шарҳи камолоти он забонам лол мебошад, ба ман ба воситаи қосиде номаи саршор аз сухани гавҳароин омадааст ва ҳангоме ки онро мекушоям, барои посух чанд суол пешниҳод шудааст. Сурудаи Соиби Табрезӣ, ба ин равшанӣ дорои сабаб ва тавзеҳоти ирсоли нома намебошад. Шоир баъд аз омадани насими лутфе, ки оганда аз гулу шукуфоист, ба аҳли Бухоро, ки дар як вақт дӯстони ҷонияш низ ҳастанд, изҳори бандагӣ менамояд ва инчунин навкари шеъри Ҳофиз буданашро ҳам зикр карда, бо таркиби «шеъраш лисони ғайб аст» Ҳофизро меситояд. Номаи ирсолшуда ба Соиби Табрезӣ ҳам бо муроҷиат бо боди сабо оғоз меёбад ва ба назар мерасад, ки чунин суннат дар сурудани шеърҳои инчунонӣ аз тарафи шоирони шибҳи қораи Ҳинд ба таври аҳсан риоя гардидааст. Ва он аз як раванди муҳимми адабӣ,

аз ҷумла шарҳу тавзеҳи таъбиру ифодаҳо ва нақду баҳогузориҳо сарчашма гирифтааст:

Боди сабо, гузар кун бар лутф сӯи Табрез,
Бо Соиби пурихлос аз мо расон дуоро.
Баъд аз дуо бигӯяш, к-ин байти Хоҷа Ҳофиз,
Ҳарчанд нест мушкил, мушкил шудаст моро [4,85].

Аз боди сабо хоҳиши гузар кардан сӯи Табрез, ба Соиб дуову паём расонидан ва баъдан ба мушкилии шарҳи байти Ҳофиз ишора намудан як андоза аз лиҳози мазмун қитъаи ҷавобии Соиби Табрезиро такмил мебахшад. Аз лобалои сурудаи Ҳазини Лоҳиҷӣ, тафсилоти масъала ба таври муфассал баён шудааст ва матлаби шоир бидуни мушкил дарк карда мешавад. Байти Хоҷа Ҳофиз асосан сари таъбироти «киштишикаставу киштинишаста» дар номаи ба Соиб ирсолшуда дида мешавад, инчунин дар қасидаи Ҳазини Лоҳиҷӣ моҷаро сари шеъри Ҷамолиддину Камолиддин ва дар ин арса муайян кардани ҷойгоҳи шоирии онҳо ба вуқуъ пайвастааст, ки тавзеҳоташ дар ин қисмат чунин оварда шудааст:

К-имрӯз дар ин ноҳия ушшоқи суханро
Ғавғо ба сари шеъри Ҷамол асту Камол аст.
Алқисса, дар ин масъала ёрон ду гурӯҳанд,
Дар ҳуҷҷати тарҷеҳ яке з-ин ду ҷидол аст.
Ин шеъри падар оварад, он шеъри писарро,
Яксӯ нашуд ин машғала, имрӯз ду сол аст.
Розӣ шудаанд он ҳама ёрони муҷодил,
К-аз килки ту ҳукме ки расад, ваҳймисол аст.
Бикшод пайи посухи санҷида пари хеш,
Симурғи хаёлам, ки сипеҳраш таҳи бол аст [3,157].

Аз мазмуни порчаи шеъри боло маълум мегардад, ки ду гурӯҳи алоқамандони шеъри Ҷамолиддин Абдурраззоқ Исфаҳонӣ ва писараш - Камолиддини Исмоил сари масъалаи шеър ва мақоми шоирии ин ду чеҳраи шинохташудаи адабиёти классикӣ баҳсу ҷидол пайдо мешавад ва як гурӯҳ мақоми шоирии Ҷамолиддин Абдурраззоқ Исфаҳониро баланд мешуморанд ва дигаре писари ӯ - Камолиддини Исмоилро. Мисли он ки дар шарҳу тавзеҳи байти Ҳофиз як гурӯҳ тарафдори «киштишикаста» хондану дигар гуруҳ «киштинишаста» донистани ифодаҳои шарҳшаванда шудаанд ва баъдан чунон, ки дида шуд, онҳо ба Соиб муроҷиат кардаанд. Ҳамин тариқ мубоҳисоти ашъори Ҷамолиддин Абдурраззоқ Исфаҳонӣ ва писараш - Камолиддини Исмоил низ ба Ҳазини Лоҳиҷӣ ҳавола мешавад ва онҳо ба хулоса меоянд, ки ҳар ҷавобе аз Ҳазини Лоҳиҷӣ ба эшон мерасад, онро ҳар ду гурӯҳ ба ҳукми санад қабул менамоянд ва бо ҳамин баҳсро хотима мебахшанд.

Ҳазини Лоҳиҷӣ дар қисмати дигар, ки асосан ба баҳогузории ашъори сухаварони мазкур нигаронида шудааст, нигоҳашро доир ба ин масъала баён намуда, дар навбати аввал бо сурудаҳои ҳар ду суханвар баҳогузорӣ мекунад:

Маҷмуаи он ҳарду ба диққат нигаристам,
Гар муъҷиза гуфтан натавон, сеҳри ҳалол аст.
Дидам, ки давоту қалами он ду шаҳаншоҳ
Дар мамлакати шавкаташон кӯсу давол аст.
Он ҳар ду ба фазл ояту бурҳони балоғат,
Дар ҳаҷлаи он ҳар ду паризоди хаёл аст.

Ғарроии ҳар матлаашон меҳри сипеҳр аст,
Серобии ҳар мисраашон теғмисол аст.
Шеъри шуарое, ки қаринанд ба эшон,
Нисбат ба гуҳарсанҷии он ҳар ду сафол аст.
Дар чанд дабирони қавипанҷа қаламҳо
Пурпечухам аз хиҷлати он ҳар ду чу нол аст...
Ҳар сафҳаи мушкинрақами он ду гуҳарсанҷ
Чун орази хубон ҳама хатту ҳама хол аст [3,157].

Суханвар пас аз расидани нома ба мутолиаи ашъори шоирон мепардозад ва шеърашонро агар муъҷиза намешуморад, «сеҳри ҳалол» унвон мениҳад. Сеҳр, ҷоду ва афсуне, ки ба воситаи ҳунар суханвар онро дар шеър анҷом медиҳад. Сухани зебо ва диловез, ки хоси шеър аст ва он ҷозибадору ҳаяҷонбахш мебошад. «Сеҳри ҳалол» ба маънои шеъри воқеӣ ва баланд ҳам омадааст. Илова бар ин, давоту қалами ин ду шоҳаншоҳи мулки сухан ба кӯсу давол, яъне табл ва тасмаи ғафси чармин, ки дар атрофи он насб гардида, ҳангоми ба гардан овехтан кори навохтанро осон мегардонад, шабоҳат ёфтаанд ва ин лавозимот таҷассумкунандаи ҷалолу ҳишмати шоҳ ҳам ба ҳисоб меоянд. Пухтагии каломашон далели фазлу донишашон мебошад ва тафаккурашон ҳамеша ороставу пероста ва арӯси хаёлашон мафтункунандаву марғуб ҷилвагар мешавад. Ҳар матлаи шеърашон барҷаставу олӣ ва ҳар мисраашон шабоҳат ба теғу ханҷар дорад, яъне буррандаву ҷонкоҳ ва муассиру нишонрас. Ба назар мерасад, ки Ҳазини Лоҳиҷӣ ба ҷойгоҳи матлаъ дар шеър ҳамчун суннат аҳаммияти хоса додааст ва чун дар ашъори худ ба мисраъҳо мақоми хосаеро қоил аст, ҳангоми баррасӣ арзиши шеъри шоиронро аз дидгоҳи мазкур муқаррар намудааст. Ҳазин таъкид медорад, ки суханвароне, ки бо сабку услуб ба шоирони мазкур қаробат доранд, аз нигоҳи сухансанҷӣ мақому мартабаи эшонро ба даст оварда натавонистаанд, зеро ҳар сафҳаи ашъори онҳо мисли рухсораи хубон ба хатту хол ороиш ёфтааст, яъне каломашон аз зебоиҳои бадеӣ ҳусн гирифааст. Ҳамин тариқ, Ҳазини Лоҳиҷӣ қабл аз он, ки хостаи аслии муаллифони номаи ба ӯ ирсолшударо бароварда гардонад, як нигоҳи иҷмолӣ ба ашъори шоирони мавриди назар андохтааст ва ба таври умумӣ мероси адабиашонро баррасӣ кардааст.

Ҳазини Лоҳиҷӣ дар идомаи чунин андешаҳо нигоштааст:

Аммо чу касе дидаи инсоф кушояд,
Ин мисраи ман оинаи сидқи мақол аст.
Дар шеъри Ҷамол арчи ҷамоле ба камол аст,
Аммо на ба зебоии абкори Камол аст [3,158].

Ҳамин қисмати қитъаи Ҳазини Лоҳиҷӣ, ки талаби асосии номанигорон ба ҳисоб меравад, бо калимаи «аммо» шуруъ мешавад ва ӯ ба сароҳат таъкид медорад, ки ҳусни ашъори Ҷамолиддин Абдурраззоқ Исфаҳонӣ агар аз рӯи ихлос ва самимият баҳогузорӣ шавад, бо вуҷуди камол ва пухтагии калом бар пояи каломи Камолиддини Исмол нарасидааст. Сипас, дар ин масир баҳси суханвар перомуни лафзи шеъри шоир, маъниофарӣ, тасвири нуктаҳои дилфиреб, устувории қалам ва қобилияти сурудани ашъори ғарро, доштани истеъдоди фавқулода сурат гирифтааст ва бо тасвирҳои шоиронае чун «оинаи шоҳиди маънӣ», «туғрои ҷалол», «нофаи мушкин», «чашми ғизол», «уфуқи фазл» ва монанди инҳо лаёқату қобилияти шоирии суханварро бозгӯ сохтааст:

Лафзаш ба сафо оинаи шоҳиди маънист,
Маънӣ ба шукӯҳест, ки туғрои ҷалол аст.
Ҳар нуктаи сарбастаи ӯ нофаи мушкест,
Ҳар нуктаи ӯ шӯхтар аз чашми ғизол аст.
Файзи рақамаш аз тутуқи ғайб суруш аст,
Мадди қаламаш дар уфуқи фазл ҳалол аст.
Сад бор зи сар то сари девон-ш гузаштам,
Лайлест, ки сар то ба қадам ғанҷу далол аст.
Дарюзагари рашҳаи ӯянд ҳариқон,
Алҳақ раги абри қаламаш баҳрнавол аст [3,158].

Ҳазини Лоҳиҷӣ дар шеъру шоирӣ Ҷамолиддин Абдурраззоқ Исфаҳониро устоди забардаст медонад ва мақоми онро ҳамчун шоири соҳибсабк меситояд. Дар баробари ин Камолиддини Исмоилро идомадиҳандаи роҳи падар унвон мениҳад, ки равиши суханварии Ҷамолиддинро такмил бахшидааст ва ба ҳамин минвол камол ёфта, ба дараҷаи устодӣ расидааст:

Устоди сухан гарчи Ҷамол аст, валекин
Такмили ҳамон тарзу равиш кори Камол аст.
Таҳқиқ дар ақволи ду устод Ҳазинро,
Ин аст, ки гуфтему ҷуз ин маҳзи ҷидол аст.
Рои ҳама ин буд, ки халлоқи маъонӣ,
Охир на хитоби вай аз асҳоби камол аст.
Меъёри камолам ману бо ман дигаронро,
Дар паллаи мизони худ андеша вабол аст. [3,158].

Тавре ки ба мушоҳида расид, оғози қитъаи суханвар агар бо ишора ба боди сабо, насими лутф ва қосиди сурушпаём ва монанди инҳо сурат гирифта бошад, дар қисмати хотимавии қитъа санаи суруда шудани онро ба унвони ҳусни ихтитоми каломи хеш зикр менамояд ва таъкид медорад, ки сурудаи мазкур санаи ҳафтуми моҳи шавволи соли 1132 [Ин нома навиштам ба шаби ҳафтуми шаввол, Моҳ ину ҳазору саду сию ду ба сол аст] ҳичрӣ ба вуқуъ пайвастааст. Яъне, шоир бо як сохтори муназзам ва ҳисобшуда қасидаи хешро ба вуҷуд овардааст ва ба қисматҳои алоҳида тақсим кардааст. Ҳар як қисмат дорои мавзуи алоҳида мебошад. Ба ин тариқ, метавон таъкид кард, ки қитъаи мазкур бо ин гуна қисматҳо, аз ҷумла қисмати равзанаи вуруд, қисмати баҳогузорӣ ба шеъри ҳар ду шоир, ҳамчунин муайян кардани мақоми шоирии яке аз ин шоирон ва нишон додани хусусиятҳои ашъори шоире, ки бо хусусиятҳои хос аз шоири дигар имтиёз дода шудааст ва дар охир қисми ихтитомӣ фароҳам омадааст ва бо ин роҳ қитъа ба як асари сохторманд табдил ёфтааст. Муқоисаи қитъаи макур бо қитъаи ҷавобии Соиби Табрезӣ ба аҳли Бухоро нишон медиҳад, ки ду суруда аз лиҳози сохтор шабоҳатҳои куллӣ ба ҳамдигар доранд ва дидгоҳҳои шоирон доир ба ин ё он масъала бо ҷобаҷогузории қисматҳои қитъаҳои хеш ба миён омадаанд. Чун Ҳазини Лоҳиҷӣ ба шеъру шоирӣ нигоҳи хос дорад, баъзе нуктаҳои муҳиммеро доир ба мисраи ашъори шоирон, ҳусни матлаъ дар шеър ва ҷойгоҳи лафзу маънӣ дар сурудаҳои эшон баён намудааст ва мақоме, ки ба суханварони мазкур лоиқ донистааст, албатта, аз рӯи ҳамин меъёру санҷа сурат гирифтааст. Чунин санадҳо нишон медиҳанд, ки Ҳазини Лоҳиҷӣ дар баробари шоири соҳибмақом эътироф гардиданаш ҳамчун суханшиноси барҷаста дар шинохти зовияҳои шеъри шоирон ба майдони адабиёт ворид гардидааст. Тавре ки мутолиаи ашъораш

нишон медиҳад, борҳо худи шоир ба равиши нақду сухансанҷии хеш ишора карда, худро ҳамчун суханвари соҳиблаёқат дар нақду сухансанҷӣ муаррифӣ намудааст, ки намунаҳои чунин суханшиносиро аз баррасии қитъаи мазкур метавон ба мушоҳида гирифт. Муқоисаи қасидаи ҷавобии Соиби Табрезӣ ба аҳли Бухоро бо қасидаи мазкур нишон медиҳад, ки ҳамгунии зиёд байни қасидаи ӯ ва Ҳазини Лоҳиҷӣ ба чашм мехӯрад, вале имкон дорад, ки дар сурати пайдо шудани матнҳои дигар аз қасидаи Соиби Табрезӣ дигаргуниҳо ва тафовутҳое чашмгир ба вуҷуд оянд. Дар ин сурат боз ҳам мулоҳизаҳо ва андешаҳои нав дар мавриди шакли зоҳирӣ ва сохтории он рӯи кор меоянд, ки албатта, ин масъала ҷои баҳси дигар аст. Чун дар ашъори шоир номҳои шоирони салаф ба монанди Анварии Абевардӣ, Саноии Ғазнавӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Авҳадии Мароғаӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Қосими Анвор, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва ғайра дида мешаванд, баррасии ин гуна масъалаҳо доир ба ашъори Ҷамолиддин Абдурраззоқ Исфаҳонӣ ва Камолиидини Исмоил доманаи мутолиботи суханварро дар ин замина дар канори бардоштҳои ӯ аз ашъори шоирони дигар пуррангу пурҷозиба ба ҷилва овардааст.

КИТОБНОМА

1. Деҳлавӣ, Саҳбоӣ. Қавли файсал (Таҳияи Шафеии Кадканӣ) // Саҳбоии Деҳлавӣ.–Теҳрон: Огаҳ, 1375. – 512 с.

2. Кадканӣ, Шафеӣ. Шоире дар ҳуҷуми мунтақидон: Нақди адабӣ дар сабки ҳиндӣ перомуни шеъри Ҳазини Лоҳиҷӣ. /–Теҳрон: Огаҳ, 1375. – С.238-362

3. Лоҳиҷӣ, Ҳазин.Девон. –Теҳрон: Нашри «Соя», 1378.–832 с.

4. Насриддин, Абдулманнон. «Рӯдакӣ (нусхашиносӣ ва нақду баррасии ашъори бозмонда). //–Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 1999.–394 с.

5. Орзу, Сироҷиддин Алихон. Танбеҳ-ул-ғофилин (Бо муқаддима, тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммад Акрам, Сироҷиддин Алихони Орзу). –Лоҳур: Донишгоҳи Панҷоб, 1401.– 210с.

6. Футуҳӣ, Маҳмуд. Нақди адабӣ дар сабки ҳиндӣ. Чопи аввал.–Теҳрон: Сухан, 1385.– 440 с.

ҲАЗИНИ ЛОҲИҶӢ ВА ДИДГОҲҲОИ Ӯ ДОИР БА ҶОЙГОҲИ ШОИРИИ ҶАМОЛИДДИН АБДУРРАЗЗОҚ ИСФАҲОНӢ ВА КАМОЛИДДИНИ ИСМОИЛ

Дар мақолаи мазкур ҷойгоҳи ду шоири маъруфи аҳди классикӣ, аз қабили Ҷамолиддин Абдурраззоқ Исфаҳонӣ ва писараш Камолиддин Исмоил аз нигоҳи суханвари маъруфи шибҳи қораи Ҳинд Ҳазини Лоҳиҷӣ баҳогузорӣ гардидааст. Гуфта мешавад, ки дар девони Ҳазини Лоҳиҷӣ қитъае ба унвони Мирзо Абутолиби Шулистонӣ мавҷуд мебошад, ки дар он қитъа шоир ба мақоми шоирӣ, тарзи суханварӣ, ҳунари маъниофарӣ ва дигар хусусиятҳои ашъори ин шоирон баҳои сазовор додааст. Ҳазини Лоҳиҷӣ бар он аст, ки дар шеъру шоирӣ Ҷамолиддин Абдурраззоқ Исфаҳонӣ устоди забардаст аст, аз ин сабаб ӯ мақоми онро ҳамчун шоири соҳибсабк меситояд. Дар баробари ин Камолиддини Исмоилро идомадиҳандаи роҳи падари хеш унвон мениҳад, ки равиши суханварии Ҷамолиддинро такмил бахшидааст. Ҳазини Лоҳиҷӣ ба сароҳат таъкид медорад, ки ҳусни ашъори Ҷамолиддин Абдурраззоқ Исфаҳонӣ агар аз рӯи ихлос ва самимият баҳогузорӣ шавад, бо вуҷуди камол ва пухтагии калом ба пояи каломи Камолиддини Исмоил нарасидааст. Ин андешаҳо аз он сабаб рӯи кор

омадаанд, ки дар замони Ҳазин як гурӯҳи алоқамандони шеъри ин шоирон ба он ақида буданд, ки шеъри Ҷамолиддин Абдурраззоқ Исфаҳонӣ нисбат ба шеъри Камолиддин Исмоил баландтар аст. Гурӯҳи дигар, ин андешаро рад карда, шеъри Камолиддини Исмоилро пухтаву баланд шуморидаанд. Чунин мубоҳисаҳо боиси муроҷиат кардани ин алоқамандони шеър ба Ҳазини Лоҳиҷӣ мешавад ва Ҳазин дар посух ба суолоти онҳо ин қитъаро ба қалам меоварад.

Вожаҳои калидӣ: *қитъа, ҷойгоҳи шоирӣ, Ҷамолиддин Абдурраззоқ Исфаҳонӣ ва писараш - Камолиддини Исмоил, сабку услуб, нақду сухансанҷӣ.*

ХАЗИН ЛОХИДЖИ И ЕГО ВЗГЛЯДЫ О РОЛЬ ПОЭЗИИ ДЖАМАЛИДДИНА АБДУРРАЗЗОКА ИСФАХАНИ И КАМАЛИДДИНА ИСМАИЛА

В данной статье оценивается место двух известных поэтов классической эпохи – Джамолиддина Абдурраззока Исфахани и его сына Камолиддина Исмаила с точки зрения известного индийского поэта Хазина Лохиджи. Известно, что в диване Хазина Лохиджи есть раздел под названием «Мирза Абуталиб Шулистани», в котором поэт дал должную оценку поэтическому статусу, стилю речи, искусству создания смысла и другим особенностям стихов этих поэтов. Хазини Лохиджи считает, что Джамолиддин Абдурраззок из Исфахана является блестящим мастером поэзии и поэтики, поэтому он восхваляет стиль и статус поэта. При этом он называет Камолиддина Исмаила продолжателем дела своего отца, который усовершенствовал ораторский стиль Джамолиддина. Хазини Лохиджи ясно подчеркивает, что если оценивать красоту поэзии Джамолиддина Абдурраззока Исфахани по искренности и прямоте, то, несмотря на совершенство и зрелость слов, она не достигает уровня слов Камолиддина Исмаила. Эти сроры появились потому, что во времена Хазина группа людей, интересующихся поэзией этих поэтов, считала, что поэзия Джамолиддина Абдурраззока Исфахани превосходит поэзию Камолиддина Исмаила. Однако другая группа отвергает этот взгляд и считает поэзию Камолиддина Исмаила зрелой и возвышенной. Подобные дискуссии побуждают любителей поэзии обратиться за ответом к Хазину Лохиджи.

Ключевые слова: *китъа, роль поэта, Джамолиддин Абдурраззок Исфахани и его сын Камолиддин Исмаил, стиль, критика и риторика*

KHAZIN LOHIDJI AND HIS VIEWS ABOUT THE ROLE OF POETRY OF JAMALIDDIN ABDURRAZZOQI ISFAHANI AND KAMALIDDIN ISMAIL

This article evaluates the place of two famous poets of the classical era, Jamoliddin Abdurrazzoq Isfahani and his son Kamoliddin Ismail, from the point of view of the famous Indian poet Khazin Lohiji. It is known that in the divan of Khazin Lohiji there is a section called «Mirza Abutalib Shulistani», in which the poet gave due assessment to the poetic status, style of speech, art of creating meaning and other characteristics of the poems of these poets. Khazini Lohiji believes that Jamoliddin Abdurrazzoq of Isfahan is a brilliant master of poetry and poetics, so he praises the style and status of the poet. At the same time, he calls Kamoliddin Ismail the successor of his father's work, who improved the oratorical style of Jamoliddin. Khazini Lohiji clearly emphasizes that if the beauty of the poetry of Jamoliddin Abdurrazzoq Isfahani

is assessed by sincerity and directness, then, despite the perfection and maturity of the words, it does not reach the level of the words of Kamoliddin Ismail. These ideas appeared because during Khazin's time, a group of people interested in the poetry of these poets believed that the poetry of Jamoliddin Abdurrazzoq Isfahani was superior to the poetry of Kamoliddin Ismail. However, another group rejects this view and considers the poetry of Kamoliddin Ismail to be mature and sublime. Such discussions prompt poetry lovers to turn to Khazin Lohiji for an answer, and this kita nap

Keywords: *kita, the role of the poet, Jamoliddin Abdurrazzok Isfahani and his son Kamoliddin Ismail, style, criticism and rhetoric*

Дар бораи муаллиф: Абдуллоев Ромезҷон Холмуминович– номзади илмҳои филологӣ, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», **Нишонӣ:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, к. Мавлонбеков, 1., **тел.** [+992]: 92 8894004, **Е-майл:** romizjona@gmail.com

Сведения об авторе: Абдуллоев Ромезджон Холмуминович– кандидат филологических наук, заведующий отделом науки и инновации Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова» **Адрес:** 735700 Республика Таджикистан, г.Худжанд, ул. Мавлонбекова, 1. **тел.** [+992]: 92 8894004, **Е-майл:** romizjona@gmail.com

Key words: Abdulloev Romezjon Kholmuminovich -candidate of philological sciences, associate professor, head of the department of science and innovation of the State Educational institution «Khujand State University» by name of Academician Bobojan Gafurov», 735700 Republic of Tajikistan, Khujand, st. Mavlonbekov, 1., **tel.** [+992]: 92 889 40 04, **Email:** romizjona@gmail.com

ТДУ: 891.550.092

МАҚОМИ ТАЪРИХ ВА ТОҶИКУ ТОҶИКИСТОН ДАР ОСОРИ АЙНӢ

Беҳрӯзи Забеҳулло
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд,
Халқи моро дафтари Айнӣ шаҳодатнома шуд.
Сарзамини мо худ аз осори ӯ сар мешавад,
Ин замин бо ӯ ба дунёе баробар мешавад [11, 12].

Устод Айнӣ дар таърихи адабу фарҳанги муосири тоҷик бо андешаи равшани адабӣ-бадеӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва ҳувиятшиносӣ, иҷтимоъгароӣ ва билохира фарҳанггустарӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Ӯ, қабл аз ҳама, ҳамчун чеҳра ва симои миллӣ дар ошкор сохтани камбуду навоқиси иҷтимоӣ ва ба истилоҳ, осебшиносии иҷтимоӣ, ки заминаи мушкилоту печидагиҳои дигари ҳаёти инсонӣ мегарданд, қадамҳои устувор бардоштааст. Ӯ дар ташаккули шахсият ва симои нави халқи тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ хидмати бебаҳо анҷом додааст. «Намунаи адабиёти тоҷик» тазкираи тақдирсози устод аст, ки бо ҳамин мақсад гирдоварӣ шуда, мавҷудияти як халқи қадима дар Осиёи Миёнаро собит

менамояд. Минбаъд устод тамоми осори адабӣ-бадеӣ, илмӣ ва публитсистии худро дар атрофи ҳамин мавзуъ, яъне тоҷик ва Тоҷикистон эҷод кардааст. Ӯ дар мақолаи хеш бо номи «Тақдири як халқ» (1951) дар ин хусус чунин менависад: «Дар давоми умри худ ман китобҳои зиёде навиштаам, ки ҳамаи онҳо ба як мавзуъ бахшида шуда, аз як маводи ҳаётӣ фароҳам омадаанд. Ҳамаи ин китобҳо дар бораи тоҷик ва Тоҷикистон аст, дар бораи кишвари кӯҳистонии ман, ки ба воситаи қуллаҳои сарбарфалаки Помир бар фарози ҷаҳон қомат афрохтааст, дар бораи сарзамини модарии ман, ки дар гузашта тавассути анбӯҳе аз фотеҳон тороҷ гардидааст, дар бораи фарзандони ин сарзамин мебошанд, ки дар қарни ҳашт ба худ номи «тоҷик»-ро гирифт» [6, 149].

Дар як калом метавон хулоса кард, ки мавзуъ ва мундариҷаи тамоми осори устод Айниро саргузашту сарнавишти миллати тоҷик ташкил медиҳад. Ӯ аз шароиту имконоте, ки пас аз ташкили Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон фароҳам омад, тамоми қудрату тавони илмию эҷодии худро сарфи муаррифии халқи тоҷик ва симои нави он кард. Ӯ қавми соҳибтамаддун, аммо фаромӯшшудаи таърихро дубора эҳё намуд. Устод Айнӣ дар бораи вазъияти халқи тоҷик менависад: «Ҳар фарди таҳсилкардае медонад, ки тоҷикҳо таърихи бузурге доранд ва хостгоҳи фарҳангии мардуми кучак, аммо куҳани мо аз давраи бостон сарчашма мегирад. Кофӣ аст аз офаридаҳои Рӯдакӣ, Дақиқӣ ва шоиру файласуфи бузург Фирдавсӣ, ки «Шоҳнома»-ро офарид, ном бибарем. Ҳамин бас, ки аз шоирони номдор Саъдӣ, Ҳофиз, Умари Хайём ва Ҷомӣ ном бибарем, ки бо офаридаҳои ҷовидонаи худ адабиёти тоҷикро машҳури ҷаҳон кардаанд. Донишманди маъруф, энсиклопедист, бунёдгузори тибби илмӣ Абуалӣ ибни Сино (Авитсенна), мутафаккир ва шоир Носири Хисрав ва дигар шахсиятҳои тоҷик шуҳрати ҷаҳонӣ доранд. Аммо дар солҳои пеш аз инқилоб ҳамаи ин мероси бузурги мардуми тоҷик тақрибан аз ёдҳо фаромӯш шуда буд. Дар Тоҷикистони қадима ин номҳо фаромӯш гардида буд. Режими аморати Бухоро мардумро дар торикӣ нигоҳ дошта, тамоми падидаҳои зинда ва мутараққиро нобуд мекард» [6, 150-151].

Устод Айнӣ таҷрибаи кофии динӣ ва мазҳабӣ дошт; ӯ қариб дар тамоми мадориси маъруфи «маркази ислому дин – Бухоро» таҳсили илм намуда, аз тарзу усули тадрис, маҷмуи донишҳои динию мазҳабии минтақавӣ, мазмуну муҳтавои барномаҳои таълимӣ, саводи мударрисину муҳассилин огоҳии комил пайдо кард ва дар заминаи андӯхтаҳои инфиродӣ беҳтарин асарҳои бадеӣ ва илмӣ-оммавӣ таълиф намуд, ки ба доираи васеи хонандагон нигаронида шуда, дар шинохти вазъи мавҷуда, симоҳои хурофотии давр, таассуби шадиди замон, мушкилоти печидаи даврон, ҳолати таълиму тадриси мадориси Бухоро ва амсоли инҳо манбаи муътамад ба ҳисоб мераванд.

Омӯзишу таҳлили ҷиддии осори адабӣ-бадеӣ ва илмӣ-оммавии устод Айнӣ имкон медиҳад, ки фазо ва шароити феълиро дуруст шиносем ва натиҷатан ба ояндабинии равандҳои сиёсию мафкуравии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ даст ёбем. Шароити номусоиди таълимӣ, иҷтимоӣ, эҷодӣ ва фикрӣ, ки заминаи ақибмондагии мардуми Осиёи Миёнаро фароҳам карда буд, дар осори устод Айнӣ – «Одина», «Дохунда», «Ғуломон», «Марги судхӯр», «Ҷаллодони Бухоро», «Ёддоштҳо» ва амсоли инҳо инъикос ёфтаанд. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» қисман вазъи мадориси Бухороро бо назардошти барномаҳои таълимӣ-тадрисӣ ва сатҳи

донишу биниши мударрисину муҳассилин хеле хуб ба риштаи тасвир кашидааст.

Нишонаи бузургӣ ва равшангароии устод Айнӣ аз он ҷо маншаъ мегирад, ки ӯ дар набарди куҳнаву нав, аз озодӣ ва пешрафт бо қотеият ҳимоя кард. Ӯ аз зумраи адибони навовару воқеъбини замони хеш буд, ки дар ташхиси мушкилоти фикрӣ ва ақидатии давраи хеш саҳми муносиб гузошта, барои ҳалли мушкилоти фикрию зеҳнии мардуми Осиёи Миёна дар баробари иртиҷоъ ва хурофот иқдомоти ҷиддӣ рӯйи даст гирифтааст. Муҳимтарин иқдоми устод Айнӣ дар ин замина ҳимояти ӯ аз ҷабҳаи озодӣ ва истиқлоли инсон буд, зеро маҳз дар сояи нахли озодист, ки инсонҳо ва миллиятҳо ба камол расида, шукуфо мешаванд. Аз ин рӯ, ҳар андешаву ҷаҳонбиние, ки озодии инсонро маҳдуд намояд, ба нафъи башарият нест. Ба гуфтаи профессор Шарифҷон Ҳусейнзода, «С. Айнӣ пеш аз Революцияи Октябр умуман дар бораи адабиёт ва санъат чизе нанавиштааст. Ҳар чизе ки доир ба масъалаҳои санъат ва адабиёт навиштааст, маҳсули ғалабаи Революцияи Октябр ва натиҷаи тантанаи сиёсати миллии ленинӣ мебошад...Дар асоси силсилаи фикрҳои ӯ доир ба адабиёт чунин нуқтаи назаре дида мешавад, ки тараққии таърихи санъат ва адабиёти халқи тоҷик, таърихи аз миён рафтани санъати синфҳои ҳукмрон бо таърихи зиндагонии халқ ва ҳаракатҳои озодихоҳии ӯ алоқаи ҷудонашавандагӣ дорад» [12, 131].

Устод Айнӣ ҳангоми интихоб байни озодӣ ва афкори қолабӣ, байни суннат ва навоварӣ қотеона аз озодӣ дифоъ кардааст. Андешаҳои қолабӣ барои инсон танҳо ҳувияти козиб эҷод карда, истеъдоди ӯро буғӣ мекунанд. Дар ибтидои асри ХХ аксари ҳамватанони мо таҳти таъсири ҳамин ҳувиятҳои козиб ватани худро тарк намуда, дар Афғонистону Покистону Арабистон ва Шому Туркия оворау пароканда шуда, аз онҳо ному нишоне боқӣ намонд. Аз вуҷуди онҳо ва кору амалашон ҳеч суде барои миллат оид нашуд. Аммо устод Айнӣ майдонро тарк накард ва дар гирудори асри навин аз ҳувияти хеш ва тоҷику Тоҷикистон дифоъ кард. Катибаи санги мазори охирин амири фирории Бухоро тасдиққунандаи мавқеи дурусти Айнӣ дар баробари сарнавишти миллат аст:

Амири беватан хору асир аст,
Ғарибе дар ватан мирад, амир аст! [9].

Тоҷиконе, ки таҳти таъсири ҳувияти козиб ватани худро дар лаҳзаҳои сахту сарнавиштсоз раҳо карда, ба «билоди исломӣ» фирор карданд, ҳаргиз имтиёзи зиндагии шарофатмандона ва ҳаққи шаҳрвандии он билодро ба даст наёварданд ва дар гӯшаи фаромӯшӣ рӯзгори худро зоеъ карданд. Устод Айнӣ дар миёни оташу хун истод, барои таъйини сарнавишти миллӣ мубориза кард, дар набардҳои ҳувиятӣ ҷоннисорӣ намуда, барои тоҷик ватан сохт ва ҳамчун шаҳрванди боифтихори Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагии худро ба поён бурд.

Тоҷиконро аз замин чун донаҳо дарёфт ӯ,
Чун китоби куҳна аз вайронаҳо дарёфт ӯ.
Тоҷикистон гар на, ҳар як тоҷике осори ӯст,
Хотири бедори мардум хотири бедори ӯст [11, 13].

Устод Айнӣ танҳо дар мақолаи «Маънии калимаи «тоҷик», ки соли 1942 онро дар Самарқанд таълиф кардааст, маънӣ ва асли он дар луғатҳо, ҷойи корфармудашуда дар таълифоти муаллифони Шарқро ҷустуҷӯ намуда, 182 мавриди истифодаи калимаи мазкурро пайдо ва сабт кардааст. Дар сарсухани

«Намунаи адабиёти тоҷик», ки ҳамагӣ 4 саҳифа аст, устод 18 бор калимаҳои «тоҷик», «тоҷикон» ва «Тоҷикистон»-ро истифода кардааст.

Ҳар як асари устод бо ҳадафи хосе навишта шуда, дар он масъалаҳои муҳимме оид ба сарнавишти халқи тоҷик ва бедор кардани ҳувият ва шахсияти миллии тоҷикон иртибот дорад. Аз ҷумла, устод дар бораи сабаби эҷоди романи «Ғуломон» чунин изҳори назар кардааст: «Ман ин романро дар бораи сарнавишти халқам, дар бораи зиндагии наслҳои гузашта навиштам, аммо содиқона бигӯям, ки нигоҳам камтар ба сӯи гузашта буд. Ин роман дар бораи гузашта, аммо чун дарсе барои оянда навишта шудааст... Романи «Ғуломон» то ҳудуде саргузашти зиндагии ман аст. Дар он гуфта шудааст, ки чигуна тоҷикҳо як аср дар бардагӣ қарор дошта, чӣ гуна ба он поён дода ва зиндагии наву шоистаеро оғоз кардаанд» [6, 149-150].

Устод дар романи «Ғуломон» тасвири одамонеро, ки ба бардагӣ кашида мешуданд, ба равшанӣ мунъакис кардааст. Мутолиаи ин саҳнаҳои ҳузнангез бисёр риққатовар аст. Аз ҷумла, эпизоди мазкур порае аз он рӯзгоронест, ки одамон ба содагӣ хариду фурӯш мешуданд. «Ғуломон дар оғили Абдурраҳимбой, дар ҳолате ки дасту поҳошон бастагӣ буд, чанд рӯз боз маҳбус буданд. Дари аз берун қуфлзадаи он оғилро рӯзе як бор Набӣ-Полвон мекушод, ба он ҷо як кӯза об дароварда мемонд. Пас аз парча-парча карда додани як-ду нони бо худ овардааш ба онҳо, кӯзаи холишудаи дирӯз овардаашро гирифта мебаромад ва боз дарро аз берун қуфл карда мерафт.

Бандиён рӯзҳои аввали маҳбусии худашон чанд бор аз Набӣ-Полвон қамчин ва чӯб хӯрда буданд; бино бар ин, ҳар гоҳ, ки ӯ ба оғил медаромад, монанди гурбае, ки сагро дида бошад, тарсону ларзон ба гӯшаҳои оғил гурехта мехазиданд ва баъд аз баромада рафтани ӯ хӯсида-хӯсида нонпарчаҳои ба пешашон партофтаро мехоиданд» [3, 105].

Устод Айнӣ дар шинохти ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ истеъдоди махсус ва дар таҳлилу тафсири онҳо маҳорати фавқулодае доштааст. Ӯ дар рисолаи таърихии «Исёни Муқаннаъ» сабабҳои рух додани ҳодисаи мазкурро аз таърихномаҳои қадим, аз ҷумла «Таърихи Табарӣ», «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд, «Таърихи Наршахӣ», «Осор-ул-билод»-и Қазвинӣ ва манбаъҳои дигар ба монанди ривоятҳои Гардезӣ, Берунӣ, Ибни Асир, Ибни Халикон мутолиаву муқоиса намуда, ҳақиқати таърихиро то ҳадди имкон барқарор карда, онҳоро мутобиқи манфиати миллӣ шарҳу тавзеҳ медиҳад. Устод баъди баррасии ҳаводиси рӯзгори Муқаннаъ, зикри далоили фаровони таърихӣ ҳадафи асосии шӯриши Абумуслими Хуросониро ин гуна шарҳ медиҳад: «Аз мазмуни корҳои Абумуслим ва аз рӯи он чизҳое, ки таърихнависон дар бораи хуруҷи ӯ навишта, ба мо ёдгор гузоштаанд, ҳамин маълум мешавад, ки мақсади ҳақиқии Абумуслим аз хуруҷ танҳо маҳв кардани банӣ Умайя – Марвониён ва ба рӯи кор овардани Аббосиён набуда, балки мақсади асосии ӯ нест кардан ва пеш кардани истилогарони араб аз Хуросон, Мовароуннаҳр ва умуман аз вилоятҳои тоҷикон-эрониён буд...Агар ин матлабро кутоҳтару содатар карда гӯем, мақсади ҳақиқӣ ва охирини Абумуслим таъсис кардани як ҳукумати миллӣ дар Хуросон, Мовароуннаҳр ва умуман дар вилоятҳои тоҷикон-эрониён буда, ба рӯи кор овардани Аббосиён барои расидан ба ин мақсад як манзил ё ин ки як поғунда буд» [1, 24]. Яке аз абзорҳои муҳимми устод Айнӣ дар заминаи равшан сохтани паҳлуҳои торики таърихи тоҷикон огоҳӣ ва дастрасии ӯ ба сарчашмаҳо ва

манбаъҳои асили таърихӣ ва қудрати таҳлилу таҷзияи муҳтавои осори мазкур ва кашфи ҳақиқати таърихӣ аз миёни ривоятҳои сохтаву бофта будааст. Мавзуи миллият ва ҳувият на танҳо дар осори таърихӣ ва публитсистии устод Айнӣ, балки дар меҳвари асарҳои бадеӣ (роман, повест, ёддоштҳо ва қиссаҳо)-и устод низ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, дар «Ёддоштҳо»-и устод дар бахши «Шарифҷон-махдум ва ҳамсуҳбатони ӯ», ҳангоми зикри сифоту симои Яҳёхоҷа чунин менигорад: «Рӯзе Яҳёхоҷа ба ҳавлии Шарифҷон-махдум омад, ки дар меҳмонхона Ҷӯрабек Арабов ном яке аз савдогарони калони Бухоро менишаст. Вай сар то пои ин савдогарро аз назар гузаронида, ба ӯ гуфт:

– Хӯҷаин, шумо бо арабзода буданатон фахр карда наметавонед, зеро Ҳаҷҷоҷи золим, ки ба воситаи гумоштаи худ-Қутайба ибни Муслим Мовароуннаҳри моро хун гирёнд, арабзода ва яке аз калонони арабҳо буд; инчунин шумо бо саллаву ҷомаи қиматбаҳотон, бо ҳавлии қасрмонандатон, бо аспҳои қаторатон, бо хурӯсҳои бешуморатон фахр карда наметавонед, бо пулҳое, ки дар банк доред, низ фахр карда наметавонед. Ман мешунавам, ки шумо даҳ сар аспи кӯпкоригӣ нигоҳ дошта, ба чандин нафар чапандозон ҳам ошу нон медихед. 25 адад хурӯси ҷангӣ нигоҳ дошта, барои нигоҳубини онҳо чанд нафар мири шикор ҳам парво мекунед, инчунин ман шунидаам, ки шумо ҳавлии аз ин 5 сол пеш имораткардаатонро вайрон карда, сад ҳазор танга (15 ҳазор сум) харҷ намуда, аз сари нав иморат кардаед. Дониста монед, ки бо инҳо ҳам фахр карда наметавонед, зеро агар аз куҷо пайдо шудани он ҳама сарвату дороиро ба назар гиред, ба ҷои фахр кардан шарм медоред...» [2, 13].

Муҳаққиқи амрикоӣ Ҷонатан Зарман ба ин масъала ба дурустӣ ишора кардааст, ки «Садриддин Айнӣ барои ба хонанда равшан гардонидани воқеаҳои таърихӣ таҳлили интиқодии сарчашмаҳои дастрасро анҷом дода, ҳамчунин дар афзудани иттилоот бо далелҳои муътамад ҳатто аз манбаъҳои пароканда эҷодкорӣ нишон дода, дар инъикоси ҳақиқати таърихии ин минтақа саҳми бузург гузоштааст» [7, 4].

Садриддин Айнӣ ташкили Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистонро бузургтарин рӯйдод дар таърихи навини тоҷикон арзёбӣ кардааст. Расидан ба истиқлолу озодӣ аз волотарин орзуҳои устод Айнӣ буд ва аҳаммияти он барои шукуфои ва пешрафти як миллат дар сюжети тамоми осори устод бо ҷиддият пайгирӣ шудааст.

Ба пешинзамон даври чору амир
Зану марди муздур буданд асир,
Ба бечорагон рӯзи серӣ набуд,
Гуноҳе батар аз фақирӣ набуд.
Фақир аз ҳама чиз маҳрум буд,
Ба нафю ба эъдом маҳкум буд.
Масунии молию ҷонӣ надошт,
Ба дунё ҳақи зиндагонӣ надошт.
Чи қозӣ, чи миршаб, чи муфтии шаҳр,
Задӣ, куштӣ бечорагонро ба қаҳр.
Агар хостӣ бой ё мири милк,
Кашидӣ зи чашмони бечора пилк.
Мукофоти меҳнат ба ҷуз хун набуд,
Ба ҷуз «гир! зан! банд!» қонун набуд.

Чу Уктабр омад ба рӯйи ҷаҳон,
Ба муздуру бечора бахшид ҷон.
Ба ёрии ин Инқилоби Кабир
Раҳо ёфт аз беҳуқуқӣ фақир [4, 383-384].

Эҳсоси озодӣ ва истиқлоли миллӣ аз бузургтарин ангезаҳои устод барои истиқбол аз Инқилоби Октябр будааст. Ӯ бо шавқу шӯри беандоза неъмати Истиқлоли миллии тоҷиконро ситоиш кардааст:

Мо кунун соҳиби Ватан шудаем,
Соҳиби бахти хештан шудаем.
Бо Ватан мо шудем ҷону бадан,
Ватан аз мо бузургу мо зи Ватан.
Ҳар кас онро азиз медорад,
Дар раҳаш ҷони хеш биспорад [4, 511-512].

Масъалаи таърих дар тамоми осори устод Айнӣ мавзуи марказиро ташкил додааст. Аҳаммияти таърих дар назди устод ба ҳадде буда, ки ӯ дар ҳар навиштаи хеш, чи адабӣ, чи публитсистӣ, рисолаҳои илмӣ ва ашъору ёддоштҳояш мураттаб ба ҳодисаҳои таърихӣ такя намуда, насли баъдиро ҳушдор додааст. Аз назари устод Айнӣ фаромӯш кардани таърих ба маънии фаромӯш кардани ҳофизаи як миллат аст, ки пайомадҳои ногуворе ба бор хоҳад овард. Ишораҳои мукаррари устод ба таърих ба хотири баланд бардоштани ҳиссии хештаншиносӣ, бедор намудани ҳувияти миллӣ ва сабақ гирифтан аз ҳаводиси гузашта аст. Ӯ ба ҷонфишониҳои халқи тоҷик дар асрҳои гузашта барои касби истиқлолу озодӣ ишора карда, месарояд:

Лек бо он ҳама талоши зиёд
Халқ як рӯз ҳам набуд озод.
Рафта-рафта ба қарнҳои ахир
Шуд тамоман сиёҳбахту асир.
Монд бе шаъну илму истиқлол,
Ҳар ҳуқуқе ки дошт, шуд помол.
Кас набурдӣ ба ҳеч айёме,
Ҷуз китоби луғат зи мо номе [4, 495].

Устод таъкид мекунад, ки то қабл аз ташкили Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон касе дар ҷаҳон номи тоҷику Тоҷикистонро намедонист. Ин ном асрҳои дароз фақат зинати фарҳангномаҳову луғатномаҳо буд, аммо дар амал, дар воқеият тоҷик ҳеч қудрате надошт. Як қавми парешони фаромӯшшуда буд:

Тоҷикистонӣ ба даврони амир афсурда буд,
Тоҷикистонӣ зи бойи худ лагадҳо хӯрда буд.
Тоҷикистонӣ зи шоҳи рус ҳам озурда буд,
Тоҷикистонӣ, агар кӯтоҳ гӯям, мурда буд! [4, 344].

Устод Садриддин Айнӣ на танҳо шоиру нависанда, олим ва публитсистӣ дақиқназар буд, балки дар таҳқиқи масъала ва ҳодисаҳои таърихӣ низ ҳамчун муаррих чеҳраи барҷастае аз худ нишон додааст. Аз тарафи дигар, тамоми осори устод ҷанба ва назарияи таърихӣ доранд. Аз ҷумла, романҳо, повестҳо, «Ёддоштҳо» ва таҳқиқоти адабиётшиносии устод Айнӣ санади муътабари таърихӣ ба шумор мераванд. Бино бар ин, аксари осори адабию илмӣ ва ҳатто

осори манзуми ӯ ҷанбаи таърихӣ дошта, бо такя ба воқеаҳои таърихӣ эҷод шудаанд.

Дувум, устод Айнӣ ҳатто дар бораи ҳодисаҳову воқеаҳо ва қаҳрамонҳои повесту романҳои адабии худ огоҳӣ ва маълумоти дақиқ доштааст. Масалан, вақте ки Нарзуллоҳи Бектош рисолаи «С. Айнӣ ва эҷодиёти ӯ»-ро соли 1933 чоп ва андешаҳояш роҷеъ ба осори Айниро баён кард, устод Айнӣ билофосила ба ӯ посух дод. Дар ҷавоб устод Айнӣ ба таҳрифи воқеа ва санадҳои таърихие, ки Бектош дар бораи ашъор ва насри устод баён кардааст, посухи равшан додааст. Аз ҷумла, устод Айнӣ ба таъбиру тафсири дур аз ҳақиқати Бектош аз баъзе ашъори Айнӣ, бахусус шеърҳое, ки дар мавзуи низои шиаву суннӣ дар Бухоро, кушта шудани бародараш Сироҷиддин ё ғазале алайҳи фатвои уламои «Шурои ислом», ки Айниро ба куфр муттаҳам карда буданд, аммо аз тарафи Бектош бо мақсадҳои дигар шарҳу тавзеҳ ёфтаанд, эътироз баён мекунад.

Яке аз масъалаҳое, ки байни устод Айнӣ ва Бектош ихтилофи назар эҷод кардааст, нигоҳи онҳо ба ҷараёни босмачигарӣ аст, ки Бектош қасд дошт аз Иброҳимбек як муборизи миллӣ битарошад, аммо устод Айнӣ ӯро як дузд ва роҳзан медонист. Устод Айнӣ дар номае «Ба Маъруф Расулӣ, Сирус, Бобоҷонов, Бектош ва Улуғзода», 17 апрели соли 1933, Самарқанд менависад: «Он ҳаракати Иброҳимголлуро мо ҳеч гоҳ «исёни деҳқони камбағал ба муқобили ҳукумати амир» гуфта, эзоҳ карда наметавонем, зеро Иброҳимголлу ба деҳқони камбағал ҳеч муносибат надошт. Падари ӯ ҳам Чақобой Тӯқсабо амалдори амир буд ва дар айни замон дузд буд» [5, 40].

Сипас устод Айнӣ ба туҳмати дигари Бектош дар бораи афсона будани ҳодисаи аз зиндон гурехтани бандиён дар романи «Дохунда» чунин посухи дақиқ медиҳад: «Лекин аз ҷониби ман, хушбахтона ва аз ҷониби рафиқ Бектош бадбахтона, он воқеа бо ҳама ҷузъиёти худаш ба тарзе, ки дар «Дохунда» тасвир карда шудааст, рост аст. Агар Саййид Маҳмуди таракачӣ, ки падари Маҳмудуфи артист аст, ҳоло дар Истолинобод бошад, шаҳодат медиҳад, ки ин воқеа айнан ва факт аст. Он воқеа дар рамазони соли 1325 (1907) ҳичрӣ воқеъ шуд. Аз қаҳрамонони ин воқеа яке Сафдар аст, ки бо номи Абдуллоҳ Сафдар машҳур буда, писари Ботурбойи рангрези Ғиждувонӣ ва ҳаммактаби худи ман буд. Дигараш Қаландари Зангаригӣ аст, ки он дар «Аҳмади девбанд» ном ҳикояи ман ҳам иштирок мекунад, қозии Вобканд, ки яке аз бандиёнро бо дуои дар каллапӯш буда ёфта гирифта буд, Шарифҷон Махдум буд, ки порсол вафот кард» [5, 42-43]. Хулоса, устод Айнӣ ба ҳамаи эродҳои Нарзуллоҳи Бектош ба ҳамин равиш ҷавобҳои дақиқ дода, ботил будани хулосаҳои ӯро ошкор мекунад.

Аз ин санадҳо бармеояд, ки устод Айнӣ ба таърих ва ҳаводиси таърихӣ ниҳоят масъулона амал мекардааст. Ӯ дар мақолаи «Сарнавишти як халқ», ки соли 1951 ба забони русӣ дар Маскав чоп шудааст, дар бораи таърих чунин менигорад: «Таърих танҳо замоне маънӣ пайдо мекунад, ки дар дастони халқ ҳамчун абзори мубориза барои оянда табдил шавад [6, 149].

Ба ин тартиб, устод Айнӣ ҳамин принсип, яъне масъулона амал кардан дар баробари таърих ва ҳифзи манфиатҳои миллиро дар ҳама гуна шароит ҳифз кардааст. Барои мисол, равиши мазкур дар китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) ба хубӣ риоят шудааст. Баъдан устод Айнӣ бо ҳамин равиш асарҳои таърихӣ, рисола ва монографияҳои илмӣ, аз ҷумла «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ», «Шайхурраис Абуалӣ Сино», «Шайх Муслиҳиддин Саъдии

Шерозӣ», «Устод Рудакӣ», «Камоли Хуҷандӣ», «Алишери Навоӣ», «Зайниддин Маҳмуди Восифӣ» ва ғайраро таҳияву такмил намудааст.

Бо таваҷҷуҳ ба далоили зикршуда мо метавонем муносибати устод Айнӣ ба таърихи халқи тоҷикро ин гуна муайян кунем:

1. Дақиқназар будан дар инъикоси ҳодисаҳои таърихӣ («Ёддоштҳо» ва роману повестҳо);

2. Назари муҳаққиқона (на муқаллидона) доштан ба таърих (Намунааш «Исёни Муқаннаъ ва «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»);

3. Фарқ кардани ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ аз ривояту афсона ва қиссаҳои бофташудаву беасос (Рисолаи «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ»);

4. Таҳлилу арзёбии ҳаводису воқеаҳои таърихӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ;

5. Риояти инсофу эътидол дар таҳқиқи ҳаводиси таърихӣ;

6. Истифода аз сарчашмаҳо ва санадҳои муътабар барои исботи андеша («Намунаи адабиёти тоҷик», «Ёддоштҳо»);

7. Истифода аз равиши қиёсӣ ва реалистӣ дар осор;

нозукиҳои муҳтавои матни забони хориҷиро ҳифз карда, низоми тасвирии он бо дар назар гирифтани хусусиятҳо ва имкониятҳои маъноӣ ва ифодакунандаи ҳам забони мабдаъ ва ҳам забони мақсад сурат гирифтааст; **8)** Навъи хосси фаъолияти иртиботӣ. Ҳангоми тарҷумаи матни адабӣ на чандон бо тарҷума ба маънои фоидаовари он, балки бо як навъи хосси иртиботи байнифарҳангӣ, фарҳангӣ-этникӣ ва бадеӣ сару кор дорем, ки барои он муҳим худи матн аст - ҳамчун арзиши муҳимми маъноӣ ва мавзуи тасвирсозию дарки бадеӣ» [11, 246].

Чунонки аз иқтибоси фавқ мушоҳида мешавад, дар он ба мафҳуми «тарҷумаи бадеӣ» аз манозири гуногун таваҷҷуҳ шуда, дар кул, муаллиф таърифи нисбатан ҷомеъе аз он ироа намудааст. Дар таърифи мазкур доираи баҳс ё худ ҳудуди тарҷумаи бадеӣ, меъёрҳо, вижагиҳо ва боядҳову набоядҳои тарҷумаи бадеӣ баён шудааст.

Ба андешаи К.Чуковский фароянди тарҷумаи бадеӣ ба масобаи кори эҷодӣ ва ё ба таъбири дигар мушоракаткунанда дар кори эҷодии нависандаи нусхаи аслӣ мебошад, чунончи, «як мутарҷими насри бадеӣ аз нусхаи аслӣ акс намегирад, балки ҳаллоқона онро бозсозӣ мекунад. Барои мутарҷим будан, фақат донистани забони хориҷӣ кофӣ нест. Мутарҷим - наққош, устоди сухан ва мушорикаткунанда дар кори халлоқи нависандаест, ки тарҷума мекунад [14, 5].

Донишманди машҳури соҳаи тарҷумашиносӣ В.Н. Комиссаров тарҷумаи бадеиро чунин тавзеҳ додааст: «Тарҷумаи бадеӣ тарҷумаеро меноманд, ки ба тарҷумаи осори бадеӣ машғул аст. Осори бадеӣ бо соири асарҳои нутқии дигар аз он сабаб қиёс карда мешавад, ки барои ҳамаи онҳо яке аз вазифаҳои иртиботӣ, яъне бадеӣ-зебоишинохтӣ ва ё поэтикӣ хос аст. Ҳадафи аслии ҳар як осори ин навъ, ноил шудан ба таъсири зебоишинохтии махсус ва офаридани образи бадеӣ мебошад» [6, 75].

Дар ин таърифи худ В.Н. Комиссаров тарҷумаи бадеиро фаъолияте мешиносад, ки ба тарҷумаи осори бадеӣ, аъам аз назм, наср ва намоишнома машғул бошад. Нуктаи дигаре, ки ӯ дар ин маврид муҳим медонад, ҳифзи ҷанбаи зебоишиносӣ ва образҳои бадеии асари мабдаъ аст.

Шоир, драматруг, мунаққид ва мутарҷими бузурги рус С. Маршак перомуни тарҷумаи бадеӣ назари ҷолиб дорад. Ба андешаи ӯ, «дар вожаи тарҷума» мо чизи техникиеро эҳсос мекунем, на эҷодиро. Шояд, дар мавриди тарҷумаи як ҳуҷҷат, нома ва ё нутқи гуфтории аз забоне ба забони дигар марбут мешавад, комилан дуруст бошад. Аммо тарҷумаи бадеӣ амри дигар аст, ки бидуни сарфи неруи равонӣ, бидуни образҳо ва интуитсия ғайри қобили тасаввур аст» [10, 205].

С. Маркшак баҳсҳои перомуни ҳунари мутраҷимӣ мавҷудбударо ба эътибор гирифта, фикри худро чунин такмил медиҳад: «Бигузор ин ҳунар (мутарҷимӣ. – Б.З.) ба ҳар номе хонда шавад, то замоне ки мутарҷимон ва хонандагон битавонанд, бо вузуҳи кофӣ печидагӣ ва душвории ҳунареро тасаввур кунанд, ки барои бозофарини амиқтарин афкор, образҳо ва зарифтарин сояҳои эҳсосот ба забони дигар фаро хонда мешавад, дар ҳоле ки дақиқтарин баёни худро дар забони аслӣ пайдо кардаанд» [10, 205].

Нуктаи қобили мулоҳизаи ин донишманд дар иқтибоси фавқ, пеш аз ҳама, дар он хулоса мешавад, ки мавсуф ба фароянди тарҷумаи бадеӣ ба ҳайси ҳунар ва ё фаъолияти эҷодӣ муносибат намуда, онро баробар ба офаридани як асари комилан бадеӣ медонад.

Муаллифони китоби дарсии «Тарҷумаи бадеӣ: курси амалии тарҷума» («Художественный перевод: практический курс перевода») В.В. Алимов ва Ю.В. Артемева, ки яке аз таълифоти охир дар ин замина шинохта мешавад, ба ин назаранд, ки «мавзӯи тарҷумаи адабӣ - адабиёти бадеӣ аст. Вижагии боризи осори бадеӣ таъсири образӣ-эҳсосӣ (тасвирӣ ва отифӣ) расонидан ба хонанда мебошад, ки бо истифода аз теъдоди зиёди абзорҳои мухталифи забонӣ ҳосил мешавад: шуруъ аз ташбеҳ (таърифи рангоранг) ва маҷоз (маънои маҷозӣ) то сохтани як ибораи ритмӣ ва наҳвӣ. Ҳама осори бадеиро метавон ба муаллифӣ ва

фолклорӣ тақсим кард, ки минбаъд тафовути жанрӣ доранд - **наср**: романҳо, қиссаҳо, ҳикояҳо (муаллифӣ); **назм**: сурудҳо, шеърҳо, қасидаҳо, афсонаҳои таълиф кардаи нависандагону шоирон ва **фолклорӣ**: афсона, масалҳо, суруд, шеър, зарбулмасалу мақол. Дар шакли намудорӣ (диаграмма) онро метавон ба сурати зер тасниф кард:



Чуноне ки мебинем, ин таснифот дар доираи анвои жанрҳои адабиёти бадеӣ амалӣ карда шудааст ва бояд дар доираи назарияи тарҷумаи бадеӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад. Ҳамзамон, дар асоси таснифоти олимони мазкур ҷиҳати саҳл шудани фаҳми осоре, ки дар фароянди тарҷумаи бадеӣ амалӣ мешаванд, мо пешниҳод мекунем, ки онҳоро ба ду гурӯҳ: **тарҷумаи осори мансур** ва **тарҷумаи осори манзум** ҷудо бояд кард. Зеро тарҷумаи осори мансур шеваи хоси худро дорад ва манзум низ, агарчи онҳо муаллифи мушаххас дошта бошанд ва ё моли эҷодиёти халқ бошанд.

Тарҷума дар фарҳанги мо таърихи дерина дошта, намунаҳои комили онро дар давраҳои мухталифи таърихи ташаккул ва рушди адабиётамон мушоҳида кардан мумкин аст. Дар хусуси шаклгирӣ, рушду инкишоф ва марҳалаҳои тарҷума, ҳамчунин намунаҳои он, дар адабиётшиносии тоҷик осори гаронарҷи зиёде таълиф ёфтаанд, ки онҳо, ба истиснои баҳсҳои ихтисосӣ, ба дурустӣ сайри таърихии онро баён мекунанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ҳолат, мо дар ин маҳдуда аз баҳсҳои маълум худдорӣ намуда, бевосита ба баёни матлаб мепардозем.

Дар илми тарҷумашиносии тоҷик бештар истилоҳи «тарҷумаи бадеӣ» ва дар баъзе мавридҳо таркиби «тарҷумаи адабӣ» истифода мешавад. Истилоҳи «тарҷумаи бадеӣ» дар қиёс ба «тарҷумаи адабӣ» дар муҳити илмии тоҷикӣ бештар истифода мешавад. Ба назари мо, истифодаи тарҷумаи бадеӣ ба мақсад мувофиқ аст. Зеро тарҷумаи бадеӣ ба тарҷумаи осори адабиёти бадеӣ машғул мебошад ва дар зимн кулли ҷанбаҳои сохторӣ ва муҳтавоии он: тахайюл, тасвирсозӣ, жанрҳои бадеӣ, санъатҳои бадеӣ, зебоишиносӣ ва ғайраро низ бозофаринӣ мекунад. Аз ин лиҳоз, истилоҳи «тарҷумаи бадеӣ» дар илми тарҷумашиносии тоҷик қобили қабул буда, дар ин нигошта мо низ аз он истифода кардем.

Мафҳуми «тарҷумаи бадеӣ» дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» «як навъи эҷодиёти бадеӣ, тафсири ваҳдати шаклу мазмуни асари бадеӣ аз як забон ба забони дигар, аён намудани таъсири эстетикии асари оригинал ба хонандаи забони ғайр» маънидод шудааст [16, 175].

Дар ин таърифи мухтасар муҳимтарин нукоти тарҷумаи бадеӣ баён шудааст. Муҳимтар аз ҳама, муаллифон тарҷумаи бадеиро «як навъ эҷодиёти бадеӣ» медонанд. Мо дар сутури боло, зимни баррасии бархе таърифҳо аз муҳаққиқони рус, таърифҳое шабеҳ ба ин назарро мушоҳида кардем. Аслитарин далели муаллифоне, ки фароянди тарҷумаи бадеиро ба унвони як ҳунар ёд кардаанд, ба назари мо, тарҷума ва дар айни замон, ҳифзи ваҳдати сохторию муҳтавоӣ, интиқоли сабк, лаҳн, нигоҳ дошта тавонистани таъсири ҷанбаи зебоишиносӣ, ки дар матни асл вуҷуд дорад, дар матни тарҷума мебошад.

Бидуни шак, ҳамаи ин душворӣ ин фарояндро аз як фаъолияти техникӣ ба фаъолияти эҷодӣ ва тавлид ё бозофаринии як асари сирф бадеӣ табдил медиҳад.

Дар идомаи баҳси худ муаллифони мақола, тафовутҳои матни тарҷумаи асари бадеирро аз матни асл дар ду нукта нишон додаанд: 1) асари бадеии забони асл моли як миллат, аммо матни тарҷумаи бадеии ҳамон асар ба ду миллат - ҳам ба миллати муаллифи нусхаи асл ва ҳам ба миллати мутарҷим, тааллуқ мегирад. Ин вақт бори дигар ба аҳаммияти тарҷумаи бадеӣ таъкид менамояд; 2) матни бадеии тарҷумашуда нисбат ба нусхаи аслии худ як навъ рамз буда, дар сатҳҳои фонетикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, услубӣ, «яъне, ҳар як ҷузъи нусхаи аслро як падидаи мустақил пиндорем (фонема, морфема, ибора, ҷумла, ҷанбаҳои жанр, услуб ва ғ.), ҳамаи онҳо дар тарҷума низ инъикос бояд шаванд» [16, 175].

Дар миёни мутарҷимон ва тарҷумашиносони тоҷик Ҳабиб Аҳрорӣ, дар баробари тарҷумаи осори зиёди бадеӣ, талош намудааст, ки чаҳорчӯби назарии тарҷумаи бадеӣ, меъёрҳо ва вижагиҳои дигари онро таъйин намояд. Ба андешаи ӯ, «тарҷумаи асари бадеӣ бояд дуруст, ба оригинал айнан мувофиқ ва дар баробари он эҷодӣ бошад. Яъне, аввалан, тарҷумон бояд идея ва мазмуни асарро дар тарҷума дуруст дода тавонад, мақсади сиёсии асар, муносибати муаллифро ба ҳаёт ва ҳодисаҳои замони худ дуруст муайян карда, онҳоро дар тарҷума айнан акс кунонад. Сониян, бо воситаҳои забони модарӣ дар ҳудуди нормаҳои забони модарӣ тарҷумон хусусиятҳои бадеӣ ва миллии асар, фикри муаллиф, шахсияти нависандагии ӯ, услуби ӯ, хусусиятҳои алоҳидаи ӯро айнан, чунон ки ҳаст, дода тавонад. Хулоса, дар тарҷума тамоми қимати идеявӣ ва бадеии асар нигоҳ дошта шавад. Асар, чунон ки ҳаст, айнан ҳамон тавр тарҷума карда шавад» [2, 93].

Аз андешаи фавқ маълум мешавад, ки Ҳабиб Аҳрорӣ аз ҷумлаи ҷонибдоронест, ки аз мутарҷим сахт пойбанд будан ба матни аслиро тақозо намуда, аз дасткориҳои нораво дар матни аслӣ иҷтиноб карданро муносиб медонад. Мавсуф аз мутарҷим амонатдор будан ва аз тасарруфҳо даст кашиданро талаб мекунад. Ин тарзи муносибат дар дидгоҳҳои назарии бисёре тарҷумашиносон мушоҳида мешавад, ки дар аксар маврид, хосса дар тарҷумаи шеър, номумкин аст ва на ҳамеша метавон бо он амал кард.

Ҳасан Ирфон аз дигар муҳаққиқонест, ки оид ба тарҷумаи бадеӣ андешаҳои худро баён кардааст. Ба назари ӯ, «то майдони қалами тарҷумон дар забони худаш озод набошад, фасоҳату балоғат ва ширинии сухани бадеиро дода наметавонад, каломаш суфта ва салис намебарояд» [5, 69].

Ба таври умумӣ, агар ба назариёти матраҳкардаи мутарҷимони тоҷик ба диққат назар кунем, маълум мешавад, ки онҳо аз ҳар ҷиҳат таҳти андешаҳои бузургтарин муҳаққиқон ва назарияпардозони рус қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, бархе аз дидгоҳҳои назарии онҳо зодаи таҷрибаи амалии онҳо низ мебошад. Таъкиди ин нукта низ зарур аст, ки то кунун дар илми тарҷумашиносии тоҷик ба забони тоҷикӣ китоби ҷомеъе, ки анвои тарҷума, махсусан тарҷумаи бадеӣ ва вижагиҳои онро бо тавоҷҷуҳ ба таълифоти навини донишмандони машҳур шарҳу тавзеҳ дода бошад, вуҷуд надорад.

Барои боз ҳам амиқтар омӯхтан ва рӯшанӣ андохтан ба ин истилоҳ ба осори тарҷумашиносии муҳити адабии Эрон, ки ин илм дар он ҷо бисёр ҳам густариш ёфтааст, руҷуъ кардем ва ҷиҳати шарҳи ин мафҳум чунин истилоҳҳоро мушоҳида намудем: «тарҷумаи адабӣ», «тарҷумаи ҳунарӣ», «тарҷумаи бадеӣ», «тарҷумаи шоирона». Аммо дар ин миён бештар чун истилоҳ таркиби «тарҷумаи адабӣ» мутадовил мебошад.

Дар илми тарҷумашиносии Эрон низ, ҳарчанд фикру мулоҳизаҳои зиёд баён шуда бошад ҳам, дар кул ин дидгоҳҳо бо андешаҳои олимони рус ва аврупоӣ ҳамхониҳои зиёд доранд.

Аз ҷумлаи таърифҳое, ки дар бештари осори илмӣ ва таълимӣ баён шудааст, таърифи мазкур мебошад: «Тарҷумаи адабӣ аслан як навъи тарҷумаи эҷодӣ ва шоирона аз як забон ба забони дигар аст. Ба ибораи дигар, ин усул

барои тарҷумаи матнҳои гуногуни адабӣ истифода мешавад. Тарҷумони адабӣ метавонад бо доираи васеи матнҳои адабии қадим ё муосир сарукор дошта бошад. Аз ин рӯ, кор дар ин соҳа фаҳмиши муфассали сохтори забонҳои сарчашма ва мавриди ҳадафро тақозо мекунад. Зеро дар ин усул шумо бо гузориш ё як навъ матни ҳуқуқӣ рӯ ба рӯ намешавед. Аз ин рӯ, мутарҷим бояд ҷанбаҳои адабии асарҳои пешбинишударо аз забони сарчашма ба забони адабӣ дуруст интиқол диҳад» [18].

Дар асоси тарҷумаи китобу мақолоти гуногуни илмии тарҷумашиносони аврупоӣ, ки дар ҳавзаи илми тарҷумшиносии Эрон анҷом ёфтаанд, ба назариёти олимони аврупоӣ низ таваҷҷуҳ шудааст. Мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додани муҳтавои афкори онҳо ва аз ин тариқ шинос шудан ба назариёти тарҷумашиносон ва мутарҷимони машҳури аврупоӣ аз манфиат холӣ нест.

Ҳамон гуна ки дар ҳавзаҳои гуногуни забоншиносию тарҷумашиносии ҷаҳон афкори зидду нақизе дар бораи тарҷумаи бадеӣ матраҳ шудааст, дар ҳавзаҳои илмии Аврупо низ дидгоҳҳои мухталиферо мушоҳида кардан мумкин аст.

Ба андешаи қисмати зиёди мутарҷимони аврупоӣ, тарҷумаи адабӣ ягона навъи тарҷумаест, ки сазовори ин ном мебошад. Ин андешаи мутарҷимонро метавон чунин шарҳ дод, ки агар бар фарзи мисол мо дар бораи бузургтарин мутарҷимон суҳан ба миён биёрем, ҳатман дар хусуси тарҷумононе суҳбат хоҳем, кард, ки ба тарҷумаи адабӣ машғул будаанд [4, 126].

Эдмонд Кари, вақте ки таҳқиқоти худро перомуни мутарҷимони бузурги фаронсавӣ мунташир мекунад, Жерард де Нирвал, Амиют, Голланд, Ликонт де Лисл ва Жеоржинро, ки ба тарҷумаи адабӣ машғул буданд, мавриди назар дошт ва дар тамоми навиштаҳое, ки аз тарҷума ба унвони ҳунар ёд карда буд, ба тарҷумаи ашхоси мазкур ишора намудааст [4, 123].

Ба андешаи Ҷ. Добелнет «наметавон аз мутарҷимони адабӣ фақат интизори «кайфият» ва «вафодорӣ» ба матнро дошт; онон бояд дар роҳи нависандагӣ гом бардоранд» [4, 124]. Ҷ. Добелнет дар яке аз мақолаҳои худ дидгоҳҳои мутарҷимон ва тарҷумашиносонро роҷеъ ба тарҷумаи бадеӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст, ки мо дар сатрҳои зер муҳимтарини онҳоро баррасӣ менамоем.

Мадам Д. Оливиер холӣ будани заминаи ақоиди илмиро дар мутуни илмии тарҷумашуда ба Фаронса, ки «мутарҷимони адабӣ барои қишрҳои мутафовит тарҷума кардаанд», эълом медорад [4, 127].

Назарияпардози фаронсавӣ Жерар Жинет дар асари худ «Палимпсестҳо: марҳилаи дуюми адабиёт», ки ба тарҷумаи адабӣ бахшида шудааст, чунин менависад: «Барои тарҷумон, бешубҳа, қабул кардан аз ҳама оқилона мебуд, ки бипазирад, танҳо тарҷумаи бад намудан мумкин аст, вале, бо вуҷуди ин, барои ҳарчи беҳтар тарҷумаро анҷом додан саъю кӯшиш кардан лозим аст, ки ин аксар вақт маънои ба куллӣ дигар карданро дорад» [4, 128].

Тибқи гуфтаи Мишел Муҳирт аз рӯзномаи «Фигаро»-и адабӣ теъдоди мутарҷимони осори адабии хориҷӣ дар Фаронса «ба андозаи романҳои фаронсавӣ» аҳаммият хоҳад ёфт [4, 127].

Дар кул андешаҳои муҳаққиқони аврупоиро роҷеъ ба тарҷумаи бадеӣ ба сурати зер метавон дастабандӣ кард:

Тарҷумаи бадеӣ ба манзури дастёбӣ ба аҳдофи мутафовите сурат мегирад: Мақолаи 25-уми сентябри 1967 «Фигаро»-и адабӣ ба мутарҷимони бадеӣ итминон медиҳад, ки имкони зуҳури «мошини тарҷума» вуҷуд дорад. Аммо ин мошин асосан рӯйи тарҷумаҳои илмӣ кор хоҳад кард, ки «наҳви онҳо осон аст», аммо қодир ба тарҷумаи мутуни адабӣ нест, зеро дар тарҷумаи бадеӣ шакли забон бисёр муҳим аст [4, 127].

Тарҷумаи бадеӣ муаррафи халлоқият аст: Пиер Франссоис Кайле - раиси Федератсияи байналмилалии тарҷума ва назарияпардозӣ дар суханронии

худ дар кунгураи Лаҳти тафовути тарҷумаи адабӣ ва тарҷумаи мутуни фанниро чунин баён доштааст: «Мо ба мушкилоти музоафе чун тахассус ва ташаккул дасту панҷа нарм мекунем, ҳадди тафовути байни тарҷумаи адабӣ аст, ки ҳифзи қавонин, халлоқияти навишторӣ ва ҳунар дар он чашмгир аст ва тарҷумаи илмӣ бидуни пофишорӣ бар қавонини ҷазмӣ ва жарф муассир воқеъ намешавад. Ин ҷост, ки бояд як бори дигар мутазаккир шавем, ки ё мутарҷими адабӣ ба дунё меоем ё наметавонем, ба ин кор даст бизанем» [4, 127-128].

Тарҷумаи бадеӣ бояд монанди матни аслӣ як асари адабӣ бошад: Бидуни шак, ин шиори касоне аст, ки ақида доранд, ки «тарҷума ҳунар аст». Дар ин замина ба навиштаи Арманд Пиерҳал - нависанда ва мутарҷим ишора мекунем: «Кайфияти як тарҷумаи адабӣ, бо ҳамон усуле, ки кайфияти як асари адабии асилу воқеӣ бастагӣ дорад, пайванд аст. Ба илова, мутарҷим бояд ба тафаккури нависандае, ки асари ӯро тарҷума мекунад, вафодор бошад» [4, 129].

Чжао Юанжен, ки яке аз забоншиносони машҳури Чин мебошад, дар мақолаи «Перомуни мизони дурустӣ, меъёрҳо ва сабк дар тарҷума»-и худ мизони дурустии тарҷумаро, ба муҳите, ки дар он анҷом ёфтааст, забони тарҷума, мафҳумҳои бакоррафта дар матни аслӣ, вижагиҳои овоии матни аслӣ, оҳанг ва матн вобаста медонад. Ҳамаи ин омилҳо метавонанд ба дараҷаи эътимоднокии тарҷума таъсир гузоранд [15, 15].

Дар идомаи баҳси худ ӯ дар мавриди тарҷумаи шеър ва ҳифзи абзорҳои лозим барои як асари манзум чунин назар дорад: «Агар аз тарҷумаи шеър суҳбат кунем, барои расидан ба тарҷумаи сифатии лаҳн ва оҳанг бояд хеле омилҳои дигарро сарфи назар кард, аммо агар ба тарҷумаи дақиқи аносири дигар пардозем, дар ин сурат, лаҳн ва оҳанг дақиқ нахоҳанд буд. Таркиби ҳамаи ин дар як ҷо бисёр душвор аст» [15, 15].

Дар нимаи аввали даҳаи 50-уми қарни XX баҳсҳо перомуни он ки илми тарҷума шомили кадом низоми илмӣ - низоми илмҳои адабиётшиносӣ ва ё низоми илмҳои забоншиносӣ бошад, шиддат гирифт. Дар ин маврид низ муҳаққиқон ва тарҷумушиносон иттифоқи назар надошта, ба ду ҷабҳаи комилан мухталиф ҷудо шудаанд.

Яке аз нафароне, ки тарафдори дар низоми илмҳои забоншиносӣ баррасӣ кардани тарҷума буд, А. Фёдоров маҳсуб мешуд. Ӯ ин ҷиҳатгирии худро чунин асоснок мекард, ки «тарҷума як шакли фаъолияти эҷодӣ дар соҳаи забон мебошад» [13, 65]. Бо таваҷҷуҳ ба нуктаи мазкур, ӯ дар низоми илмҳои забоншиносӣ баррасӣ кардани тарҷумаро ба мақсад мувофиқ медонист.

А.А. Реформатский илми тарҷумаро бе улуми забоншиносӣ тасаввур карда наметавонист. Ба пиндошти ӯ, «оё фанни тарҷума метавонад вуҷуд дошта бошад? Ин хел фан нест... Аммо як фанне ҳаст, ки ба гирифтани номи «фанни тарҷума» ҳаргиз даъво накунад ҳам, барои ҳар як тип ва жанри тарҷума фоиданок шуда метавонад ва он фанни забоншиносӣ аст» [12, 14].

Ба андешаи мо, кулли тарҷумаҳоро наметавон аз манзари илмҳои забоншиносӣ ва ё адабиётшиносӣ баррасӣ намуд. Зеро агар тарҷумаро танҳо аз манзари забоншиносӣ баррасӣ намоем, пас он маҷмуи абзорҳои ҳунариеро, ки дар осори адабӣ вуҷуд дорад, чӣ гуна метавон арзёбӣ кард? Дигар вижагиҳои адабиёти бадеӣ ҷанбаҳои зебоишинохтии он аст, ки яке аз масъалаи дигари асосии назарияи тарҷумаи адабиёти бадеӣ ба ҳисоб меравад ва он оё танҳо аз манзари забоншиносӣ ҳалли худро пайдо карда метавонад? Ҳамин аст, ки теъдоде аз муҳаққиқон, аз ҷумла Г. Гачечиладзе, муътақид бар онанд, ки ба тарҷумаи бадеӣ бояд чун як навъи ҳунари вожаофаринӣ, яъне ба он на аз манзари забоншиносӣ, балки аз манзари адабиётшиносӣ назар кард [3].

А. Лилова низ ин андешаро чунин таъйид мекунад: «Тафовут байни мутуни бадеӣ ва илмӣ на танҳо дар шакл, балки дар муҳтаво низ нуҳуфта аст, ки роҳҳои мухталифи бозофаринии онҳо дар раванди тарҷума муайян мешавад» [9, 145].

Вижагии фарқкунандаи дигари тарҷумаи бадеӣ аз дигар анвои тарҷума (масалан, илмӣ ва техникӣ) дар он аст, ки матни тарҷумашуда мутааллиқ ба осорӣ бадеӣ аст. Ба ибораи дигар, тарҷумаи бадеӣ як навъи фаъолияти тарҷумонӣ буда, вазифаи аслии он тавлиди як асари хаттӣ дар забони мақсад аст, ки битавонад ба хонанда таъсири бадеӣ ва зебоишинохтӣ гузорад [7, 102].

Ҳамчунин, ба ақидаи И. Кашкин, В. Росселс, П. Топер ва Л.Н. Соболоев тарҷума як навъи санъати сухан аст ва тарҷумаҳоро объекти омӯзиши адабиётшиносӣ донистан лозим аст, на забоншиносӣ. Ҳамин аст, ки ба андешаи тарафдорони назариёти адабиётшиносӣ, тарҷумаи осори бадеӣ аз соири амалҳои иртиботии хаттии дигар, ки ҳадафи онҳо расонидани иттилоъ буда, мазмуни иттилоотӣ доранд, фарқ мекунад.

Мо низ бар ин назарем, ки агар тарҷума адабиёти бадеӣ бошад, пас онро ба донишҳои асосӣ ва ёвари илмҳои адабиётшиносӣ шомил кардан дар чаҳорчӯби он баррасӣ намудан, ба мақсад мувофиқ аст. Зеро адабиёти бадеӣ дорои анвою жанрҳои хос мебошад, ки таҳлили онҳо аз доираи имконоти илми забоншиносӣ берун аст.

Баъдан ин баҳсҳо то ҷое олимону мутахассисонро ба хулосае овард, ки тарҷумашиносӣ ҷанбаи умумифилологӣ дошта, ҳам ба забоншиносӣ ва ҳам ба адабиётшиносӣ таалluқ дорад ва феълан, миёни тарафдорони равишҳои забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ ихтилофҳое, ки дар солҳои 50-уми садаи гузашта буд, нисбатан кам аст. Ду ҷониб усулҳои мухталифи илмиро дар қолаби як маҷмуа аз масоили тарҷума мавриди истифодаи хеш қарор медиҳанд. Бо вуҷуди ин, айни замон низ ҷонибдорони назарияи адабии тарҷума вуҷуд доранд, ки дар он тарҷумаи бадеӣ мавзуи таҳқиқи мустақил аст. Мо низ то ҷое ҷонибдори назариёти адабиётшиносии тарҷумаи бадеӣ ҳастем, зеро дар забоншиносӣ наметавон вижагиҳои осори бадеиро ба таври зарурӣ таҳқиқ ва баррасӣ намуд. Бинобар ин, ба назари мо, бояд осори бадеии тарҷумашударо аз манзари адабиётшиносӣ баррасӣ ва таҳқиқ намоем. Зеро тарҷумаи бадеӣ яке аз қадимтарин ва мураккабтарин анвои тарҷума аз рӯи иртибот ва жанр ҳисобида мешавад.

Хулоса, маънии тарҷумаи бадеӣ аз ҷониби олимону донишмандони кишварҳои мухталиф то ба имрӯз тавзеҳи комил пайдо намуда, моҳияту вижагӣ ва доираи баҳси ин навъи тарҷума дар китобҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ инъикос гардидааст. Мутарҷимон аз ин навъи тарҷума самаранок истифода намуда, намунаи адабиёти бадеии ҷаҳонро тарҷума менамоянд, ки моҳияти ин навъи осори хаттӣ то ҳадди имкон ба хонандае, ки забони ғайрро намедонад, дастрас намудани шоҳкори адабиёти миллатҳои мухталиф мебошад.

Муҳаққиқон ба тарҷумаи бадеӣ ба унвони навъи хосси тарҷума муносибат карда, ҳамзамон онро аз душвортарин навъи тарҷума донистаанд. Як нуктаи қобили мулоҳиза дар андешаҳои донишмандон ин аст, ки онҳо фароянди тарҷумаи бадеиро бо раванди кори эҷодӣ ҳамсон дониста, аз он ба унвони ҳунар ёд кардаанд.

Ба тавр куллӣ, тарҷумаи бадеӣ навъи махсуси тарҷумаи матнҳои бадеӣ - насри бадеӣ, шеър ва намоишномаҳо мебошад, ки дар қиёс ба дигар анвои тарҷума аз мутарҷим, илова бар табаҳҳури комил доштан дар забони мабдаъ, тавоноиҳои зиёди дигаре ҳамчун доштани маҳорати эҷодӣ, огоҳии лозим аз фарҳанг, одобу русум ва адабиёти хаттию шифоҳиро тақозо менамояд. Мутуни бадеӣ, дар баробари дар фазои фарҳангии хосси миллӣ, муҳити ҷуғрофӣ, расму оинҳо ва эътиқоду боварҳо иншо гардидан дорои абъоди зиёде чун низоми мукаммали образҳо, обуранг ва зарофатҳои бадеӣ, резакориҳои ҳунарӣ, вазну қофия ва аносири дигари зебоишиносӣ мебошад. Ҳамаи ин абъод тарҷумаи бадеиро ба унвони навъи хосси тарҷума ва дар айни замон душвортарин навъи он талаққӣ менамоянд.

КИТОБНОМА

1. Алимов, В. Художественный перевод: практический курс перевода: учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений / В. В. Алимов, Ю. В. Артемьева. – М.: Издательский центр «Академия», 2010. — 256 с.

2. Аҳрорӣ, Ҳ. Дар бораи баъзе масъалаҳои тарҷумаи наср. / Ҳ. Аҳрорӣ // Шарқи сурх. – 1952. – № 11. – С. 91-100.

3. Гачечиладзе, Г. Художественный перевод и литературные взаимосвязи / Г.Р. Гачечиладзе. – 2-е изд. – Москва: Сов. писатель, 1980. – 255 с.

4. Добелнет, Ҷ. Оё тарҷумаи адабӣ навъи хоссе аз тарҷума аст? Тарҷумаи Фотима Ишқӣ / Добелнет Ҷ. // Фаслномаи “Забон ва адабиёт”, давраи №6, дайи 1377. – С. 123-132.

5. Ирфон, Ҳ. Ба назари ман / Ҳ. Ирфон // Шарқи сурх. – 1962. – № 6. – С. 69-72.

6. Комиссаров, В. Теория перевода (лингвистические аспекты): Учеб. для ин-тов и фак. иностр. яз. / В. Н. Комиссаров – М.: Высш. шк., 1990. – 253 с.

7. Комиссаров, В. Теория перевода / В. Н. Комиссаров. – : Высшая школа, 1999. – 136 с.

8. Конкол, М. Поэтический перевод в России: классицизм, романтизм, реализм // Россия и Запад: диалог культур. – 2018. – №20. – С. 622-634.

9. Лилова, А. Введение в общую теорию перевода. / А. Лилова – М.: Высшая школа, 1985. – 255 с.

10. Маршак, С.Я. Портрет или копия? (Искусство перевода) / С. Я. Маршак. Собрание сочинений в 4-х томах. Том 4 (статьи, заметки, воспоминания). – М.: Правда, 1990. – 251 с.

11. Нелюбин, Л. Толковый переводоведческий словарь / Л.Л. Нелюбин. – 3-е изд., перераб. – М.: Флинта: Наука, 2003. – 320 с.

12. Реформатсикий, А. А. Лингвистические вопросы перевода / Реформатсикий А.А. // Иностранные языки в школе. – 1952 г. – № 6. – С. 12-28.

13. Федоров, А. В. Основы общей теории перевода (лингвистические проблемы): Для институтов и факультетов иностр. языков. Учеб. пособие. – 5-е изд. – СПб.: Филологический факультет СПбГУ; М.: ООО «Издательский Дом «ФИЛОЛОГИЯ ТРИ», 2002. – 416 с.

14. Чуковский К., Гумилев Н. Принципы художественного перевода. Статьи К.Чуковского, Н.Гумилева. – Санкт-Петербург: Изадтелство «Всемирная литература» при Народном Комиссариате по просвещению Петербург, 1919. – 34 стр.

15. Шичко, В. Теория и практика первода (Китайский язык) /В.Ф. Шичко. Учебное пособие / В. Шичко. – Москва: Восток и Запад, 2020. – 226 с.

16. Энсиклопелияи алабиёт ва санъати тоҷик. Иборат аз 3 чилд. Чилди 3. Равзана – Чӯраев. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2004. – 524 с.

17. http://az.lib.ru/b/belinskij_w_g/text_2350.shtml.

18. https://autgrammarly.ir.

19.https://cyberleninka.ru/article/n/hudozhestvennyyperevod.В.Н.Базылев.Художественный перевод. – С. 214-217.

20. http://az.lib.ru/b/belinskij_w_g/text_2350.shtml

ДИДГОҲҲО ПЕРОМУНИ МАЪНӢ ВА МОҲИЯТИ ТАРҶУМАИ БАДЕӢ

Дар мақола муаллиф дидгоҳҳои донишмандони ватанию хориҷиро перомуни маънӣ ва моҳияти тарҷумаи бадеӣ баррасӣ намуда, ба ин натиҷа расидааст, ки ҳарчанд роҷеъ ба ин мафҳум аз ҷониби мунаққидон дар ҳавзаҳои гуногуни тарҷумашиносии олам андешаҳои зидду нақиз ироа гардидааст, дар маҷмуъ, ҳамаи онҳо барои шинохти дурусти доираи баҳс, вижагиҳо ва фароянди он кӯмак мекунанд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар фароянди тарҷумаи бадеӣ ҳадафи аслӣ ноил шудан ба ҳифзи сабк, лаҳн, таъсири зебошиносӣ ва интиқоли образи бадеии манти мабдаъ ба матни мақсад мебошад. Ин принсипро ағлаби назарияпардозони тарҷума ва мутарҷимоне, ки бевосита ба фаъолияти тарҷумонӣ машғуланд, ҷонибдорӣ намудаанд.

Ҳамзамон, нуктаи қобили мулоҳизаи бештари донишмандон дар он хулоса мешавад, ки ба фароянди тарҷумаи бадеӣ бояд ба ҳайси ҳунар ва ё фаъолияти эҷодӣ муносибат намуда, онро баробар ба офаридани як асари комилан бадеӣ дар забони дигар арзёбӣ кард.

Ба таври куллӣ, бар мабнои дидгоҳҳои олимони соҳа фароянди тарҷумаи бадеӣ раванди пурзаҳмат ва мураккаб буда, дар қиёс ба дигар анвои тарҷума аз мутарҷим, илова бар табаҳҳури комил доштан дар забони мабдаъ, тавоноиҳои зиёде ҳамчун доштани маҳорати эҷодӣ, огоҳии лозим аз фарҳанг, одобу русум ва адабиёти хаттию шифоҳиро тақозо менамояд.

Калидвожаҳо: *маънӣ, моҳият, тарҷумаи бадеӣ, тарҷумаи адабӣ, дидгоҳҳо, тарҷумон, осори бадеӣ, адабиёт, фаъолияти эҷодӣ, ҳунар, матни аслӣ, илми тарҷумашиносӣ.*

ОПРЕДЕЛЕНИЕ СМЫСЛА И СУТА ХУДОЖЕСТВЕННОГО ПЕРЕВОДА

В статье автор рассмотрел взгляды отечественных и зарубежных ученых о значении и сути художественного перевода. Автор пришел к выводу, что, хотя критики разней областях переводоведения мира высказывают противоречивые мнения по поводу этого понятия, но, в целом, все они необходимы для правильного распознавания объема художественного перевода, его особенностей и определение сути перевода.

Анализ показывает, что основной целью художественного перевода является сохранение стиля, тона, эстетического эффекта и передача художественного образа текста-оригинала в переведенном тексте. Этот принцип поддерживается большинством теоретиков и переводчиков, непосредственно занимающимся переводческой деятельностью.

В то же время важнейшим моментом с точки зрения большинства ученых является то, что процесс литературного перевода следует рассматривать как ремесло или творческая деятельность и считать его эквивалентом создания полноценного произведения искусства на другом языке.

В целом, по мнению ученых в данной области, художественный перевод, по сравнению с другими видами перевода, является трудоемким и сложным процессом, переводчик, помимо прекрасного владения исходным языком, должен обладать многими другими способностями, такими как творческое начало, навыки, необходимое знание культуры, обычаев и традиций, и владения письменной и устной литературой.

Ключевые слова: *значение, суть, художественный перевод, взгляды, переводчик, художественные произведения, литература, критик, творческая деятельность, искусство, оригинальный текст, переводоведение.*

DEFINITION OF THE MEANING AND ESSENCE OF LITERARY TRANSLATION

In the article, the author discussed the views of domestic and foreign scholars on the meaning and essence of literary translation. The author cames to conclusion, that although critics in different areas of translation studies around the world,they have given conflicting opinions about this concept, in general, all of them are necessary for a correct understanding of the scope of the debate.

The analysis shows that the main goal of literary translation is to preserve the style, tone, aesthetic effect and transfer the artistic image of the source text to the

target text. This principle is supported by most theorists of literary translation and translators directly involved in translation activities.

At the same time, the significant point of the majority of scientists are concluded that the process of artistic translation should be treated as a craft or creative activity, and equated with the creation of a completely artistic work in another language.

In general, based on the views of scientists in the field, it became known that literary translation is a laborious and complex process, compared to other types of translation, a translator, in addition to having a perfect command of the source language, has many strengths such as creative skills, the necessary awareness of culture, customs and traditions. and requires written and oral literature.

Key words: *meaning, essence, literary translation, views, translator, works of art, literature, critic, creative activity, art, original text, translation studies.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Бобоалиева Зебониссо Пирмуродовна – *номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Нишонӣ: 734019, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. E-mail: zebosh@list.ru, тел: (+992) 931038191.*

Сведения об авторе: Бобоалиева Зебониссо Пирмуродовна – *Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, доцент кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода. Адрес: Таджикистан, 734019, г. Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6. E-mail: zebosh@list.ru, тел: (+992) 931038191.*

Information about the author: *Boboalieva Zebonisso Pirmurodovna – The Tajik International university of foreign languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of philology, associate professor of the department of comparative Linguistics and translation theory. Address: Tajikistan, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev street. E-mail: zebosh@list.ru, phone: (+992) 931038191.*

ТДУ: 891.55.092

МИРЗО СОДИҚИ МУНШӢ ВА ОСОРИ ПУРАРЗИШИ Ӯ

Зебо Абдулазизова
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Осори Мирзо Содиқи Муншӣ дар таърихи адабиёти Мовароуннаҳри баъди асри XV аз назари мазмуну мундариҷа, ғояи сиёсию иҷтимоӣ ва диди зебоишинохтии худ арзиши баланд дорад. Маснавии «Дахмаи шоҳон», ғазалиёти дилнишин ва муқаттаоти баландмазмуни ин шоир дар силсилаи суннатҳои раванди адабии Мовароуннаҳр миёни осори гаронбаҳои Сайидои Насафӣ ва Аҳмади Дониш ҳалқаи муҳимми ногусастанӣ ба шумор меояд. Дар паҳлӯи осори Мирзо Содиқи Муншӣ маҷмуаи офаридаҳои Қонеи Насафӣ, Носеҳи Хатлонӣ, Муҳаммадшарифи Шавқӣ, Ҳачрии Дарвозӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Нодими Истаравшанӣ, Маъдани Понғозӣ, Моҳларойими Макнуна ва чанд нафари дигар низ ҳақиқатҳои таърихии яке аз душвортарин давраҳои мардуми Мовароуннаҳри қарни XVIII-ро дар қолабу услубҳои гуногуни бадеӣ то ба миёнаҳои асри XIX пайваст намудаанд.

Тазкиранигори асри XIX-и тоҷик Возеҳ дар «Туҳфат-ул-аҳбоб...» дар хусуси услуби бадеии ашъори Содиқ овардааст, ки «ӯ шоири бедилхаёлу

соибмисол аст»[2, 224]. Тазкиранависи ин аср Мирсиддиқи Ҳишмат дар як нусхаи «Тазкират-уш-шуаро»-и хеш доир ба услуби ашъори Содиқ мегӯяд, ки «дар шеър ӯ талоши Абулмаонӣ» (яъне Бедил) мекунад ва дар нусхаи дигари ин асар Содиқро тамоман «Абулмаонии Сонӣ» шуморидааст ва шуҳрати ӯро дар ин ҷода «аз шарҳ мустағнӣ» медонад [9, 79б]. Шоҳиди ин андешаҳои Возеҳу Ҳишмат услуби ғазалҳои «бедилхаёлонаю соибмисол»-и Мирзо Содиқ ҳастанд. Чунончи Содиқ ба ҷуз услуби Бедил, бо сиёқи шоирони сабки ҳиндӣ ба монанди Толиби Омулӣ ва Соиби Табрезӣ ба хубӣ ошно будааст ва ҳатто худро аз Толибу Соиб камтар намедонистааст. Вай дар ин ду байт ин матлабро ба тариқи суханбозӣ ба ин қарор адо кардааст:

Хуш он рӯзе, ки будам сокини майхонаи ҳасрат,
Ки ҳар як обила як соғари мул буд дар дастам.
Дар иклими сухан рӯзе, ки будам Толиби маънӣ
Зимоми ихтиёри мулки Омул буд дар дастам. [8, 65а]

Дар ин ду байти боло Содиқ гуфтан хостааст, ки матлаби ман дар арсаи шеър ҳамтоӣ кардан бо Толиби ширинсухан буд ва шукр мегӯям, ки ба нияти хеш расидам. Дар ҷои дигар ӯ, ба андешаи мо, пеш аз ҳама ба Соиб ва сипас ба дигар «Ушшоқ»-и Исфаҳон ишора карда мегӯяд:

Дилам гар дар шикаст афтод аз он абрӯ, аҷаб набвад,
Куҷо монад дуруст он шиша, к-аз болои тоқ афтад?
Зи ушшоқи Сифаҳон сад навои офарин хезад,
Агар овозаи ашъори Содиқ дар Ироқ афтад. [7, 37а]

Маълум аст, ки Сифаҳон ба мисли Шероз Маккаи шоирон ва яке аз шаҳрҳои пурфайзу муҳаббатзои Ироқи Аҷам аст. Шоир бовар дорад, ки чун шӯҳрати шеъраш ба шаҳрҳои Ироқ мерасад, ҳатман ошиқони дилбохта, яъне шуарои ин кишвари шоирхези ҷаҳон онро ҳамчун навиди фараҳзо мепазиранд. Дар абёти фавқи Содиқ дар хусуси ороиши тарҳи сухани мактаби сабки ҳиндӣ ҳеч гуна баҳсе нест.

Дар ғазалиёти Содиқ ба ҷуз ин таъсири услуби ғазалиёти Соиби Табрезию Толиби Омулӣ нуфузи бузургтарин намояндаи сабки ҳиндӣ, аз ҷумла Мирзо Абдулқодири Бедил низ бисёр калон аст. Чун Мирзо Абдулқодири Бедил дар сабки ҳиндӣ ва адабиёти форсизабони Ҳинд ба сифати шоир ва мутафаккири бузурге зуҳур кард, дере нагузашта, услуби осори ӯ таваҷҷуҳи шоирони Моваруннаҳрро ба худ ҷалб намуд, чунки ӯ ҳамон шоире буд, ки якҷо бо Носиралии Сарҳиндӣ ба гуфтаи тазкиранигори маъруфи Ҳинд Ғуломалихони Озод, «тарҳи суханро ба ойини тоза андохтанд ва ин гавҳари қобилро дар сурати назарфиреб ҷилвагар сохтанд» [3, 117].

Устод Айнӣ дар асари «Мирзо Абдулқодири Бедил» дар бораи навпардозиҳои Бедил сухан ронда таъкид мекунад, ки «Носиралӣ панҷ сол пеш аз таваллуди Бедил зоида шуда ва бисту чаҳор сол пеш аз вафоташ фавтидааст. Азбаски Бедил аз даҳсолагияш ба шеъргӯӣ даромадааст, бояд фаъолияти адабии инҳо баробар сар шуда бошад. Аммо азбаски Бедил аз хурдсолӣ қобилияти ихтироъкории худро нишон додааст, тахмин кардан мумкин аст, ки бояд Носиралӣ Бедилро тақлид карда бошад. Дар ҳар ҳол, пайравони Бедил, хоҳ дар назм бошад, хоҳ дар наср ин тарзи навро аз номи Бедил қабул кардаанд ва ривоҷ додаанд» [1,107-108].

Адибони тоҷик гурӯҳ-гурӯҳ ҷамъ омада, осори Бедилро мутолиа мекарданд, аз боби нуктаҳои борик ва мӯшикофонаи он баҳсу мунозира

мекарданд. Мирсиддиқи Ҳишмат дар тазкирааш овардааст, ки «Махдум Ҷунайд ва Мулло Музтар ва Мавлоно Осии Ҳиндӣ ва Садри Сарир осори Мирзо Бедилро мутолиа менамуданд» [9,67а].

Нуфузи Бедил дар садаҳои XVIII-XIX-и Мовароуннаҳр хусусан дар адабиёти форсии тоҷикӣ ба дараҷае афзуд, ки ҳатто дар мактабҳои тоҷикӣ ашъори ӯро ба мисли «Гулистон»-и Саъдӣ ва девони Хоҷа Ҳофиз мехонданд [1,8].

Устод Айнӣ таъкид мекунад, ки дар ашъори Бедил аз ҷиҳати фикр ва идея мазмунҳои зидди якдигарро мебинем. Масалан, дар як байт ё рубоӣ шоир як диндори тамоми аҳкоми шариатро риоякунанда шуда намояд, дар як байт ва рубоии дигар ӯ аҳли тасаввуфи тарафдори ваҳдати вуҷуд ё ин ки файласуфи ғайр аз чизҳои ба назар намоянда ҳама чизро инкоркунанда шуда ҷилва менамояд [1, 60]. Ин мулоҳизаи устод Айниро адабиётшинос Р. Ҳодизода низ комилан тақвият додааст [10, 63].

Тафсири ин ақидаҳои пурихтилофро як навъ муҳити зиндагӣ ва муҳаққиқони шарҳи аҳволи Бедил медиҳанд. Чунонки устод Айнӣ мефармояд, «Бедил дар айёми бачагӣ ва аввалҳои навҷавонияш дар зери тарбияи Шайх Камол буд, ки қоидаҳои дини исломро сахт нигоҳ медошт, баъд аз он шоир дар зери таъсири маҷзубон афтода, дарвешӣ ва тарки дунявиро пеш гирифт, баъд аз он ғарқи суфизми исломӣ шуда, ба тарафи ваҳдати вуҷуд майл кард ва сонитар дар натиҷаи тафтиши фалсафаи Ҳинди қадим ва татбиқи он ба суфизми исломӣ як файласуфе шуд, ки дар байни куфру ислом ҳеч фарқе намегузорад» [1, 63].

Бино бар ин, пайравон ва муқаллидони Бедил ба эҷодиёти ӯ аз рӯйи завқу мазоқ ва мавқеъҳои иҷтимоияшон дахл карда, онро ба таври худ фаҳмидаю маънидод менамуданд [4, 124].

Аз шоирони муқаллиди услуби Бедил дар қарни XVIII ва нимаи аввали асри XIX ҳамчун Шевану Якдил ва Хиҷлати Бухороӣ бештар аз пайи ғояҳои афтодаруҳию таркидунявии ин шоири Ҳинд рафтаанд, аммо аксари шоирони Мовароуннаҳри ин қарнҳо ба монанди Мирзо Содиқи Муншӣ, Қонеи Насафӣ, Шавқии Каттақурғонӣ, Мирзо Олимҷони Ҳасрат, Мулло Раҷаби Парӣ, Гулмуҳаммади Афғон, Султонхони Адо, Шӯхии Хуҷандӣ, Ранҷаи Дарвозӣ ва чанд тани дигар зиёдтар ақидаҳои дунявию воқеӣ ва ҳаётии ин шоири бузургро дунбол намудаанд. Бад-ин васила ин адибон нуқсону норасоиҳои даврони беадолати хеш - бемурувватиҳои дастандаркорони кишвар, хорию залилӣ ва оҳу нолаҳои аҳли хираду ҳунар ва ниҳоят ба дараҷаи сахт тоқатгудоз гардидани аҳволи оммаи мардумони Мовароуннаҳрро ба гӯши оламиён расонидаанд [4, 82-100]. Чунин аҳвол ва тарзи ифодаи муносибати аҳли хирад дар иртибот ба авзои ваҳмангези Мовароуннаҳр яке аз вазифаҳои муҳим ва рисолати таърихии адибону адабиёт мебошад. Маҳз чунин рисолат, яъне орзуи беҳтар дидани зиндагии сокинони кишвар дар тамоми давраҳои таърихи инсонӣ вазифаи якумдараҷаи адабиёт буд ва хоҳад монд. Чунончи, дар як силсила ғазалиёти Содиқ мустақиман дар заминаи кадом ғазалҳои Бедил суруда шуданашон маълум набошад ҳам, аз нигоҳи ороиши иборот равиши тахайюлот ва маҷмуи нақшҳои ҳунарӣ таъсири услуби бедилиро мушоҳида мекунем. Дар абёти чунин ғазалҳо Содиқ хилофи бедодиҳои зимомдорони давру муҳит баромада, манфиатҳои халқу мамлакатро бо камоли хирадмандӣ ҳимоя кардааст. Ба андешаи ӯ агар дар муҳит мууввату адолат барқарор набошад, чунин тартиби вожгунро нобуд бояд кард:

Кашад аввал сари савдоии Фарҳоди маҳзунро,
Мусаввир аз куҷо тасвир созад пойи Гулгунро.
Забони чарби ман з-он обу оташ дар сухан резад,
Ки аз хуни ҷигар бастам чу нахли шамъ мазмунро.
Ба зери чарх, Содиқ, қатрае, софи мурувват нест,
Задан беҳтар бувад бар санг ин минои вожунро».

Дар ин ғазал ба таври нозук ҷилвагар сохтани маонӣ ва ибороти **«сари савдони Фарҳод», «пойи Гулгун»** (аспи Ширин), **«сухан рехтани забои»** ва **«нахли шамъ»** (қомати шамъ) оини сухангустарии бедилиро ба ёд меоранд. Байти дигареро аз ғазалҳои **«бедилхаёлу соибмисол»**-и Содиқ меорем:

Чу ашк он кас, ки по бар рӯйи **мардум** мениҳад, Содиқ,
Агарчанде ки мардумзода бошад, аз назар ғалтад.

Дар ин байт ҳукуматдорон муаззаф гардидаанд, ки эҳтирому манзалат ва ҷойгоҳи иҷтимоии мардум чун гавҳараки чашми инсон дар ҳифозат бошад. Бинои шеър дар ин байт бар калимаҳои **«ашк», «мардум»** ва **«назар»** гузошта шудааст. Байти мазкур маъноҳои дур ва наздик дорад. Дар маънои наздик лафзи **«мардум»** маънои «гавҳари **чашм»** ва дар маънии дур маънои **«одам»**-ро ифода кардааст.

Маънои якуми байт: Чун ашки аз камари чашм ҳосилшуда мардумаки чашмро мепӯшонад, мижгон онро ҳатман бо нӯки тезаш дур меандозад. Маънои дуюми байт: Вақте ки касе бар рӯйи мардум беадабона пой ниҳода, қадру қимат ва иззати нафси ононро поймол мекунад, сарфи назар аз аслу насаб, чунин шахс аз эътибори мардум ба мисли ашки аз назар чакида бо замин яксон мешавад. Дар ин байт аз сувари хаёл ташбеҳи равшан (**чу ашк**) омадааст.

Ғайр аз ин дар ин байт лафзи **«мардум»** одамон ва ибораи **«гавҳари чашм»** байни худ аз лиҳози маънӣ таносуби томе доранд. Мардум ва гавҳари чашм басе азизанд. Дар байти боло лафзи **«назар»** ҳам соҳиби ду маънӣ аст. Маънои якумаш **«назари чашм»** ва маънои дуюмаш **«эътибори халқ»** мебошад.

Шоир дар ин байт барои пуртаъсиру рехта ва мухтасар овардани маънои барҷаста санъати ташбеҳи равшанро корбаст намудааст, ки каси пой бар рӯи мардум гузошта ба ҳолати ашки сар ба зер монанд шудааст. Зотан ташбеҳи байт барои дар сурати барҷаста ҷилвагар сохтани маънои аслии он нигаронида шудааст.

Бад-ин минвол, ҳоло беҳтар аст, ки аз назари вижагиҳо ашъори дар пайравии Бедил сурудаи Содиқро шартан дар ду гурӯҳ дастабандӣ намоем. Ба гурӯҳи якум мустақиман ғазалҳои татаббуоту тазминоти шоир дохил мешаванд ва ба дастаи дуюм ҳамон ғазалҳо, ки дар онҳо маҷмуаи нақшҳои ҳунарии сабки ҳиндӣ ва услуби бедилӣ мушоҳида шудаанд.

Аз гурӯҳи ғазалҳои татаббуоту тазминоти Содиқ ғазалҳои дар радифи **«асту бас», «аст шабнамро», «ойинаро»** ва **«доштам»** хеле ҷолибанд. Ба таври мисол ҳамчун намуна дар поин ғазали бо радифи **«аст шабнамро»**-и **Бедил** ва Содиқро дарҷ мекунем.[5, 94-95].

Бедил:

Гудози гавҳари дил бодаи ноб аст шабнамро,
Нами чашми таҳайюр олами об аст шабнамро.
Нагардӣ ғофил, эй ашки ниёз, аз тарки худдорӣ,
Ки бар дӯши чакидан сайри маҳтоб аст шабнамро.
Ба васли гулрухон натвон канори офият ҷустан,

Ки дар оғӯши гул чун дар ҷигар об аст шабнамро.
Гули ашкам агар манзури ҷонон шуд, аҷаб набвад,
Ки рӯ дар чашми хуршеди ҷаҳонтоб аст шабнамро.
Ҳаё боли ҳавасро монеи парвоз мегардад,
Нигаҳ дар дида, Бедил, мавҷаи об аст шабнамро. [6, 6]

Содиқ:

Куҷо ҷуз ашкрезӣ, фикри асбоб аст шабнамро,
Ба каф аз нақди ҳастӣ як қадаҳ об аст шабнамро.
Гудози хештан паҳлӯи роҳат дар камин дорад,
Ҳарири пардаи гул бистари хоб аст шабнамро.
Зи тоби ҳусн дорад ошиқи вомонда бетобӣ,
Ки акси меҳр бар оина симоб аст шабнамро.
Намесозад висоли ёр манъи гиряи ошиқ,
Ки дар оғӯши гул ҳам дида пуроб аст шабнамро.
Ба пастӣ хешро Содиқ, бизан то рафъате ёбӣ,
Уруҷи оини ҳосил ҳамин бол аст шабнамро. [8, 45[6]]

Ин ду ғазал аз ҷиҳати вазну қофия ва радифҳои хеш бо ҳамдигар умумияти том доранд. Аз лиҳози руҳу равони гуфтор, тарзи обуранги бадеию сувари хаёл ва маҷмуи нақшҳои ҳунарӣ низ аз як сарчашма шодоб гардидаанд. Ҳадафи асосии ин ду шоир ҳам дар ин ғазалҳо тавассути ҳолатҳои гуногуни нақши ҳунарии **«шабнам»** ва гоҳе бо истиораву ба нақши ҳунарӣ ҷон бахшидани шоирон ифода ёфтаанд. Мавзуи ғазалҳо ғиноию ошиқона ва маърифати саҳеҳи зиндагию роҳи ба рифъат расидани инсони бедору фурӯтан аст.

Бедил дар панҷ байти ғазал тавассути қиёсу муқобил гузоштани ҳолатҳои мухталифи **«шабнам»** (ин ҷо истиора аз инсон ва низ ташхис омада) бар хилофи ғурур, уҷбу такаббур ва манмонӣ баромада, таъкид менамояд, ки роҳи ягонаву мустақими дар ҳаёт ба рифъати қуллаҳои баланди мақсад расидани инсони комил ин дунболу пеша кардани тавозуъу фурӯтанӣ ва шикастанафсӣ мебошад. Ва ӯ дар исботи фикраш ҳолати «шабнам»-и рӯйи сабзаро далел меорад, ки **«бол»**-и ба **«уруҷ»** (баландӣ) парвоз кардани вай маҳз ҳамин тавозуъ аст. Ин ғазалҳо дар баъзе байтҳо ҳангоми истифодаи алфозу иборот ба ҳам хеле наздик шуда бошанд ҳам, аз ҷиҳати тарзи кушодани воқеаҳову усули сохтани нақшҳои ҳунарӣ бо якдигар тафовут доранд. Ин нақшҳои ҳунарӣ ва тарзи ифодаи онҳо хеле ҷолибанд. Чунончи, дар ғазали Бедил ибороти гудози гавҳари дил дар нақши ҳунарии **хуноб,** нами чашми таҳайюр дар нақши **олами об,** ашки ниёз дар сурати тарки худдорӣ, дӯши чакидан дар нақши **сайри маҳтоб,** васли гулрухон дар сурати **канори офият,** оғӯши дил дар нақши **об дар ҷигар,** гули ашк (ашки хунин) дар сурати манзури ҷонон, рӯй дар нақши **чашмаи хуршед,** боли ҳаё дар сурати **монеаи парвоз** ва нигоҳи дида дар сурати **мавҷи об** ҷилвагар шудаанд.

Дар ғазали Содиқ лафзи ашкрезӣ дар нақши **асбоби фикр,** ибороти нақди ҳастӣ дар сурати **қадаҳи об,** гудози хештан дар нақши **паҳлӯи роҳат,** ҳарири гул дар сурати **бистари хоб,** тоби ҳусн дар нақши **ошиқи вомонда** (бечора), акси меҳр дар сурати **симоби ойина,** висоли ёр дар **нақши ошиқ,** оғӯши гул дар сурати **дидаи пуроб,** пастии хеш дар нақши **рифъати ошиқ** ва уруҷи ойин дар сурати боли **шабнам** бозтоб ёфтаанд. Ин ҳолат, албатта, як навъ аз мухторияти Содиқ гувоҳӣ медиҳад. Гузашта аз ин, дар девони Содиқ се ғазале ҳаст, ки дар тазмини ғазали нахустини девони ғазали Бедил суруда шудаанд.

Матлаи ғазали нахустини девони ғазали Бедил ин аст: «Ба авҷи кибриё, к-аз пахлуи ачз аст роҳ он ҷо, Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо». Дар поин бо каме ихтисор яке аз он се ғазали тазминии Содиқро меорем:

Хушо афтодагӣ аз заъф то бурдам паноҳ он ҷо,
Асои нотавонӣ ёфтан аз мадди оҳ он ҷо.
Ба ранги ғунча гар хоҳӣ гулат дар остин бошад,
Ба боғи ишқ сар дар ҷайб каш ҳар субҳгоҳ он ҷо.
Ҳазар кун аз ғурури ҳастию аз гарданафрозӣ,
Ки шамъ аз саркашиҳо мешавад оташкулоҳ он ҷо.
Ба базми ҷилва чун ойинаи дил муддао маҳв аст,
Магар гардад забони безабонӣ узрхоҳ он ҷо.
Зи бас дар хок бурдам хор-хори мардуми чашме,
Сазад, мижгон дамад аз ҳар танам ҷои гиёҳ он ҷо.
Гарат иқбол манзур аст, тарки лофи қудрат кун,
Чу моҳи нав зи хам гаштан суи анҷум паноҳ он ҷо...
Тариқи ачз бинмудам чу Содиқ, баски Бедил гуфт:
«Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо». [6, 7]

Ғазали Содиқро чун як навъ шарҳу эзоҳ ва тавзеҳи байту мисраъҳои ғазали Бедил қабул кардан беҳтар аст. Зеро тамоми мазмуни ғазали Содиқ ба тавзеҳи дарунмоя ва шакли ғазали Бедил тобеъ кунонида шудааст. Бедил **«роҳи авҷи кибриё»**-ро (ба мақоми бузургӣ расиданро) **«аз паҳлуи ачз»** медонад. Содиқ низ тарафдори ҳамин ақида аст ва ӯ бо овардани қиёсу ташбеҳҳои ҳаётӣ ва истиорот, ки ба фаҳми хонандаи одӣ назар ба умқи хаёли Бедил наздиктар аст, ҳамин матлабро илқо мекунад. Ӯ дар байти мақтаъ мисраъи **«тариқи ачз бинмудам чу Содиқ, баски Бедил гуфт»**-ро оварда, баъд мисраи Бедилро тазмин кардани шоир як далели фикри боло аст. Ғазали Содиқ аз ҷиҳати вазн, қофия, радиф ва тарзи густариши фикр бо ғазали Бедил ҳамоҳанг аст. Содиқ дар тазмини ин ғазал бештар кӯшидааст, ки дар ивази мазмунҳои духураи (ҳам суфиёна ва ҳаётӣ)-и абёти Бедил фикру мулоҳизаҳои дунявию воқеӣ (ба мисли ишқи софу пок, вафо, тавозуъ, хоксорӣ, васфи қадру манзилати инсон, афъоли нек ва амсоли инҳо)-ро ворид кардааст. Дар ғазали Содиқ низ мулоҳизаҳои шоир бештар ба тарзи мазмуни мисраи аввалро шарҳ додани мисраъҳои дуюми байтҳо ифода ёфтаанд. Дар ин маврид шоир аз воситаҳои сувари хаёл: ташбеҳу истиора, муқобала, асои нотавонию мадди оҳ - истиора аз **«заъф»,** саркашии шамъу оташкулоҳ гардидани он истиора аз **«сарнагунӣ»,** ғунчаи гул - киноя аз **«эмину парешонӣ»,** узрхоҳии забони безабонӣ - истиора аз **«хомӯшӣ»,** аз мӯйи тан дамидани мижгон - киноя аз **«дилфигорӣ»...)** ва амсоли инҳо барои рангину барҷаста ва таъсирбахш баромадани мавриди тасвир ба хубӣ истифода бурдааст.

Ҷолиб аст, дар ин мавридҳо дарку фаҳм намудани ғазали Содиқ нисбат ба ғазали Бедил чанд дараҷа осонтар аст. Гӯё ки Содиқ ғазали Бедилро барои аҳли Мовароуннаҳр шарҳу эзоҳ ва тафсир карда бошад.

Дар бораи мухаммасоти бар ғазалҳои Бедил бастаи Содиқ низ тақрибан ҳамин мулоҳизаро гуфтан беҳтар аст.

Содиқ дар се мисраи бар абёти Бедил бастаи худ паҳлӯҳои афкори ӯро аз назари мазмун ва нақши ҳунарӣ ба мисли Сайидо дар се мисрааш бар байтҳои Соиб такмилу тарвиҷ намудааст.

Дар канори ин тазмину мухаммасот, ки Содиқ бар газалиёти Бедил бастааст, дар як силсила ғазалиёти ӯ маҷмуи нақшҳои ҳунарии бедилиро низ

мушоҳида мекунем. Аммо равшан маълум намешавад, ки чунин навъ ғазалҳо таҳти таъсири кадом ғазалҳои Бедил суруда шудаанд. Аз ин рӯ, ин гуна ғазалҳоро мо ба гурӯҳи дар партави умумии ғазалҳои Бедил сурудаи Содиқ дохил намудем. Ба далели тақвияти ин андеша ғазали зерини Содиқро дарҷ менамоем:

Аз рухи дил нақши зулфи муддао бардоштам,
Аз сари ин ганҷ гӯё аждаҳо бардоштам.
Чатри шоҳӣ роҳати девори дарвешӣ надошт,
Сар зи фикри сояи боли ҳумо бардоштам.
Офати гарданкашон дар базми имкон равшан аст,
Сӯхтам чун шамъ агар, сар бар ҳаво бардоштам.
Паҳлуи ачзам қависармоя шуд ҳамчун ҳилол,
Осмонеро ба як пушти дуто бардоштам...
Мавҷзан сад теғи офат дар камин, ман чун ҳубоб
Сар зи бемағзӣ ба имдоди ҳаво бардоштам.
Нест, Содиқ, бори каҷ бар дӯши манзил ошно,
Дар раҳаш аз ростӣ бар каф асо бардоштам. [8, 45[б]]

Ба мисли оини сухангустарии Бедил дар байти якуми ғазали Содиқ ибороти **«рухи дил», «сари ганҷи муддао»** ва лафзи **«аждаҳо»** аз матлабу монеаи матлаби шоир истиора омадаанд. Ба воситаи ин истиорот матлаби мисраи якуму дуюм ба ҳамдигар дар сурати ташбеҳи пӯшида корбаст шудаанд, яъне, шахси шоир аз асрори **«дил»** ва **«ганҷ»**-и матлаб бархурдор аст. Акнун барои ӯ чатри шоҳӣ роҳати лаззати дарвеширо надорад ва ҳаловати **«сояи боли ҳумо»**-ро санҷидааст. Содиқ дар тавзеҳи ақидаи Бедил бо равиши бедилӣ мерасонад, ки «офати гарданкашӣ»-ро ба хубӣ медонад ва намеҳоҳад, ки мисли шамъи мағрур саропо сӯхта нобуд гардад. Дар байти сеюм низ мисраи дуюм мазмуни якумро ба таври қиёсӣ шарҳ намудааст, яъне касе, ки саркаш шуд, мисли шамъ зуд сӯхта нобуд мешавад. Дар байти чаҳорум шоир дар шахси худ ба таври самбул мисол меорад, ки мани оҷизи мисли ҳилол наҳиф бори вазнини осмони бузургро бардоштам. Ин ҷо низ ҳамчун услуби маъмули бедилӣ мисраи дуюми байт дар шарҳи маънии мисраи якум омадааст... Дар байти панҷум Содиқ бо исрор мефармояд, ки аз бемағзӣ сари хеш ба мисли ҳубоби об боло набардорӣ, зеро ки дар камин сад теғи офат мавҷ доранд ва зинҳор худро нобуд насозӣ.

Дар мақтаи ғазал шоир бо усули дар сурати истиора қиёс овардани ҳодисаи табиату иҷтимоъ огоҳ мекунад, ки ҳаргиз **«бори каҷ ба манзил намерасад».** Ин рӯйдодро ӯ борҳо санҷидааст. Дар ин маврид рамзи **«ростӣ»** ва **«каҷӣ»** ба якдигар муқобил гузошта шудаанд ва манфиати «**ростӣ**» бар **«каҷӣ»** тавзеҳ гардидааст. Дар ин ғазал ба мисли услуби бедилӣ сувари хаёли истиора ва сипас ба таври овардани қиёс ташбеҳи пӯшида ҷойгоҳи асосӣ доранд.

Ба ин тариқ, аз гузоришу баррасӣ, далелҳои ба исботи фикр оварда ва арзёбиҳои мо ба дараҷаи зарур маълум гардид:

а) Мирзо Содиқи Муншӣ дар тазмину татаббуоти ғазалиёти Бедил бештар ба ғазалҳои дорои мазмунҳои дунявию воқеӣ ва ҳаётии ин шоири бузурги намояндаи сабки ҳиндӣ пайравӣ кардааст. Ӯ ҳамин паҳлӯҳои мазмуни ғазалиёти Бедилро дар шароити воқеии Моваруннаҳри нимаи дуюми қарни XVIII ва ибтидои асри XIX тибқи доираю дараҷаи тафаккури аҳли завқи ин

кишвар дархури услуб ва маҷмуи нақшҳои ҳунарии бедилӣ такмилу тарвиҷ ва шарҳу тавзеҳ намудааст.

б) Содиқ дар гурӯҳи ғазалҳои дар партави умумии ғазалҳои Бедил сурудаи хеш низ, бо вучуди муқайяди сабки ҳиндию услуби бедилӣ будани худ, ба навъе симои мухтори хешро дар илқои паёпайи ақоиди пешқадами дунявӣ, аз ҷумла, дар панду андарз, такомули маънавии шахс, шинохти манзалати инсон, дӯстию рафоқат, ростию адолат, покию накӯкорӣ ва родмардӣ нишон додааст.

в) Ҳам дар тазмину татаббуи ғазалҳои Бедил ва ҳам дар партави умумии ғазалҳои ин шоири бузург сурудаи Содиқ ба шакли зоҳири асар таваҷҷуҳи зиёд намуда, мазмунро амалан қурбони шакл кардани шоир тақрибан мушоҳида нашуд.

г) Бино ба ин далелҳои боварбахши мо Мирзо Содиқи Мунширо, яке аз шоирони номии пайрави сабки ҳиндӣ ва услуби бедилии Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми қарни XVIII ва ибтидои садаи XIX мешуморем.

КИТОБНОМА

1. Айнӣ, Садриддин. Мирзо Абдулқодири Бедил. / Садриддин Айнӣ. – Сталинобод. 1954 - С. 192.
2. Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ. Тӯҳфату-л-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб / Бо матни интиқодӣ ва муқаддимаву тасҳеҳи Алиасғар Ҷонфидо / Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ. – Душанбе: Дониш, 1977. – 224 с.
3. Озод, Ғуломалихон. Хизонаи омира / Ғуломалихони Озод. – Ҳиндустон, 1907. – С. 117.
4. Каримов, У. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX (қисми 1) / У. Каримов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 201 с.
5. Каримов, У., А.Абибов. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX (қисми 2) / У. Каримов. – Душанбе:Дониш 1990. - 242 с.
6. Каримов, У., Абдулазизова З.С. Мурруре бар таҳаввули ғазали форсии тоҷикӣ дар садаҳои XII – XVIII ва аввали қарни XIX / У Каримов, З.С. Абдулазизова - Душанбе: Ирфон,2011. - 164 с.
7. Каримов, Усмон. Мирзо Содиқи Муншӣ / Усмон Каримов - Душанбе: Дониш, 1972. – С. 94-95.
8. Мирзо, Абдулқодири Бедил. Девони ғазалиёт. – Тошканд, 1892.
9. Мирзо Содиқи Муншӣ. Девон, Нусхаи №765 (Дш). - В. 37а.
10. Мирзо Содиқи Муншӣ. Девон, нусхаи № 1047 (ДШ). - в. 45б.
11. Мирсиддиқи Ҳишмат. Тазкират-уш-шуаро. – Нусхаи №27298 (Тш). В. 79б.
12. Ҳодизода, Р. Мирзо Абдулқодири Бедил / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Дониш, 1954. – С. 63.

МИРЗО СОДИҚИ МУНШӢ ВА ОСОРИ ПУРАРЗИШИ Ӯ

Осори Мирзо Содиқи Мунший дар таърихи адабиёти Мовароуннаҳри баъди асри XV аз назари мазмуну мундариҷа, ғояи сиёсию иҷтимоӣ ва паҳлӯҳои диди зебошиносхтии худ арзиши баланд дорад.

Дар паҳлуи осори Мирзо Содиқи Мунший маҷмуаи офаридаҳои Қонеи Насафӣ, Носеҳи Хатлонӣ, Муҳаммад Шарифи Шавқӣ, Ҳаҷрии Дарвозӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Нодими Истаравшанӣ, Маъдани Понғозӣ, Моҳларойими Макнуна ва чанд нафари дигар низ ҳақиқатҳои таърихи яке аз душвортарин

давраҳои мардуми Мовароуннаҳри қарни XVIII-ро дар қолабу услубҳои гуногуни бадеӣ, то ба миёнаҳои асри XIX пайваст намудаанд.

Мирзо Содиқи Мунши ба ҷуз услуби Бедил, бо сиёқи шоирони сабки ҳиндӣ ба монанди Толиби Омулӣ ва Соиби Табрезӣ ба хубӣ ошно будааст ва ҳатто худро аз онон камтар намедонистааст.

Калидвожаҳо: *Мовароуннаҳр, Мирзо Содиқи Мунши, осор, услуби Бедил, сабки ҳиндӣ.*

МИРЗО САДЫК МУНШИ И ЕГО БЕСЦЕННЫЕ ПОЭТИЧЕСКИЕ ПРОИЗВЕДЕНИЯ

Произведения Мирзо Садыка Мунши имеют большое значение в истории литературы Мавераннахра после XV века по своему содержанию, политическим, социальным идеям и аспектам их эстетического видения.

Произведения Мирзо Садыка Мунши наряду с произведениями Конеи Насафи, Насехи Хатлони, Мухаммада Шарифа Шавки, Хаджрии Дарвази, Джунайдулло Хазыка, Надима Истаравшани, Мадани Пангази, Мохлароим Макнуны и ряда других поэтов в различных художественных стилях раскрывают истинную историю одного из труднейших периодов народов Мавераннахра XVIII до середины XIX в.

Помимо стиля Бедиля, Мирзо Садык Мунши был хорошо знаком со стилем изложения поэтов индийского стиля, таких как Талиб Омули и Саиби Табрези, и не считал себя менее талантливым, чем они.

Ключевые слова: *Мавераннахр, Мирзо Садык Мунши, поэтические произведения, стиль Бедиля, индийсктй стиль.*

MIRZO SODIQ MUNSHI AND HIS PRICELESS POETIC WRITINGS

The works of Mirzo Sadiq Munshi have a great importance in the history of Mawarannahr literature after the XV century in terms of their content, political, social ideas and aspects of their aesthetic vision.

The works of Mirzo Sadiq Munshi, along with the works of Konei Nasafi, Nasehi Khatloni, Muhammad Sharif Shavqi, Hajri Darwazi, Junaidullo Haziq, Nadim Istaravshani, Madani Panghazi, Mokhlaraim Maknoona and a number of other poets in various artistic styles, reveal the true history of one of the most difficult periods of the peoples of Transoxiana of the XVIII to the middle of the XIX century.

In addition to Bedil's style, Mirzo Sadiq Munshi was well acquainted with the style of presentation of Indian-style poets such as Talib Omuli and Saibi Tabrezi, which did not considered himself less talented than them.

Key words: *Mawarannahr, Mirzo Sadiq Munshi, poetic writings, Bedil's style, Indian-style.*

Дар бораи муаллиф: Абдулазизова Зебо Садуллаевна – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Суроға: 734055, ш. Душанбе, 734055, кӯчаи Деҳотӣ, ½. Тел.: 935069151. Email: zebo161@mail.ru

Сведение об авторе: Абдулазизова Зебо – Садуллаевна кандидат филологических наук, доцент кафедры языков Таджикского государственного

университета коммерции. Адрес: 734055, г Душанбе, ул. Дехоти ½. Тел.: 935069151. E-Mail:zebo61@mail.ru

Information about the author: Abdulazizova Zebo Sadullaevna –candidate of philological sciences, docent of the Department of languages, Tajik State University of Commerce, Dehoti Street 1/2, 734055, Dushanbe. Phone: 935069151. E-Mail:zebo161@mail.ru

ТДУ: 889.550.6

ВИЖАГИҲОИ АДАБИИ КИТОБИ «КАЛИЛА ВА ДИМНА»-И АБДУЛЛОҲ ИБНИ МУҚАФФАЪ

Мирзошоҳрух Искандаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Калила ва Димна» маҷмуае аз қиссаву ҳикоёт мебошад, ки ғолибан аз забони ҳайвонот нақл шуда, ба мақсади тарбияи мардум ва ислоҳи ахлоқи иҷтимоӣ, тартиби муомилаи мардум бо якдигар ва одоби мамлакатдорӣ навишта шудааст. Қобили тазаккур аст, ки тарҷумаи ҳикояҳои маъруфи тарбиявии ҳиндӣ бо номи «Калила ва Димна» ба забони арабӣ ба нависандаи маъруфи арабизабони форсу тоҷик Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ шуҳрати зиёд оварда. Бар мабнои таъкиди муҳаққиқи тоҷик К.Беков, вақте ки «Калила ва Димна» аз рӯйи нусхаҳои тарҷумаи арабии Рӯзбеҳ (Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ) боз ба забони тоҷикӣ баргардонида шуд, ҳар кас метавонист ифтихор кунад, ки маҳз бобҳое, ки Рӯзбеҳ ҳангоми тарҷума аз паҳлавӣ ба арабӣ ба он аз дигар асарҳои фалсафӣ илова карда буд (масалан, ақидаҳои боби «Барзавайҳ»), боиси шуҳрати дубораи он гардид [17, 115-120]. Бо назардошти аҳаммияти китоб ва достонҳои дорои хусусияти ахлоқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ онро табиби моҳир Барзуя ба забони форсии бостон (паҳлавӣ) тарҷума намуд ва сипас онро ба забони форсӣ Абулмаолии Насруллоҳ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон тарҷума кардаанд. Баъдан он ба забони санскрит аз сари нав аз тарҷумаи форсӣ баргардонида шуд.

Бояд таъкид дошт, ки дар дарозои таърих китоби «Калила ва Димна» ба бисёр дигаргуниҳо ва таҳаввулот рӯ ба рӯ гаштааст. Азбаски Ибни Муқаффаъ забон ва адабиёти паҳлавӣ, таърихи гузаштаи халқҳои маҳаллиро хуб медонист, бо ҳисси бузурги ватандӯстӣ аз таъриху адабиёти гузаштаи халқҳои эронинажод чандин асари муҳимро ба забони арабӣ тарҷума кардааст. Дар байни ин асарҳо китоби «Калила ва Димна», ки аз забони паҳлавӣ бо як фасоҳату балоғати беназир ба арабӣ тарҷума карда шудааст, ҳам ба худи Ибни Муқаффаъ ва ҳам ба ин ёдгории адабиёти Ҳинд шуҳрати ҷаҳонӣ оварда. Китоби «Калила ва Димна» ба воситаи тарҷумаи Ибни Муқаффаъ ба бисёр забонҳои дунё тарҷума гардид.

Шоирони араб дар аҳди ҷоҳилӣ бидуни муайян кардани таърифу истилоҳоти илми фасоҳат (суханварӣ) ва балоғат (илми маонӣ ва баён), бо онҳо машғул мешуданд. Баъдан дар давраи исломӣ олимон зимни гирдоварии илмҳо аз ин истилоҳот пурсон мешуданд. Дар робита ба ин, аз Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ дар бисёр мавридҳо аз маънии балоғат савол мекарданд ва суханони ӯ худ балоғат буданд. Чунончи, дар вақти маслиҳат додан ба яке аз нависандагон ин адиби соҳибназар гуфта буд: «Аз суханони бемаънӣ ба умеди ба балоғат расидан худдорӣ кунед, зеро ин муъҷизаи бузург мебошад» [4, 115-116].

Дар пайвастагӣ ба ин масъала Ибни Муқаффаъ чунин изҳори назар кардааст: «Агар шахси ҷоҳил балоғатро шунавад, гумон менамояд, ки ӯ низ ин корро анҷом дода метавонад». Аз ин ҷост, ки ӯ ба адибони ҷавон чунин маслиҳат медиҳад: «Шуморо зарур аст, ки аз вожаҳои осон истифода намуда, аз вожаҳои душвор дурӣ ҷӯед». Сипас мефармояд: «Балоғат – номест барои маъниҳо, ки бо тарзҳои гуногун вомехӯранд, як иддаи онҳо сукут, дигарашон гӯш кардан ва иддаи дигарашон ишораҳо мебошанд» [4, 115-116].

Бояд таъкид кард, ки Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ин суханро пеш аз зуҳури илми балоғат гуфтааст. Аз ин рӯ, ин адиби донишвар бо мушоҳидаҳои зиёду дақиқи худ яке аз аввалинҳое ба шумор меравад, ки дар таваҷҷуҳ ба мавзуъҳои балоғат, ки баъдан ба як илми алоҳида табдил ёфт, изҳори назар кардааст.

Дар ин ҷо метавон ба натиҷае расид, ки сабаби таъсирпазирии донишмандону адибони баъдӣ аз Ибни Муқаффаъ сабки замонавӣ, мутамаддин ва фасоҳати баланди ӯ, вазифаҳои тарбиявию педагогии нигоштаҳои ӯ, такяи ин нависандаи забардаст ба рамзҳо ва қиссаҳое, ки дар онҳо парандагон ва ҳайвонот ривоят карда мешаванд, ҳамзамон фалсафаи ақлгароӣ ва диалектикии ӯ мебошанд.

Мутаассифона, ин нависанда ва мутарҷими машҳурро ба бидъат муттаҳам карданд ва бар дурӯғ ва бо туҳмат гуфта шуд, ки ӯ матнҳоеро хилофи Қуръони карим навиштааст, баъдан он осорро пора-пора карданд. Ниҳоят худи Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ низ ба таври разилона ва ноҷавонмардона кушта шуд. Аммо сабаби аслии он фаҳми фарогири ӯ буд, ки халифаи Аббосиён – Абуҷаъфари Мансурро ба ташвиш овард ва ӯ амри қатли Ибни Муқаффаъро бо даъвои он, ки ӯ таълимоти маҷусиро тавассути тарҷумаҳо ва корҳои дигараш паҳн карду барои баргардондани хатари афзояндаи эрониён дод.

Мухтассоти адабии китоби «Калила ва Димна» аз инҳо иборат мебошанд:

1. Ин китоб аввалан ба услуби қиссанависӣ асос ёфтааст, ки дар он қисса ба қиссаи дигар ва шояд ба қиссаи сеюм ва чаҳорум супурда мешавад ва ҳар қисса қиссаи дигареро дунбол мекунад, бинобар ин, шахсиятҳои мухталиф дар матни як қисса қарор мегиранд. Барои намуна қиссаи зер оварда мешавад: «Ҳар кас душмани худро ба сабаби заъфаш таҳқир кунад, ба он чизе гирифтор мешавад, ки нигаҳбони баҳр ба қассобак (парандаи хурди баҳрӣ) гирифтор шуда буд». Калила гуфт: «Ин чӣ гуна буд?» Димна гуфт: «Тасдиқ мекунанд, ки дар соҳили баҳр як парандаи баҳрӣ бо номи қассобак зиндагӣ мекардааст, ки зодгоҳаш дар соҳили баҳр қарор дошта, ҳамсараш ҳамроҳаш будааст. Ҳангоме ки вақти берун омадани ӯ фаро расид, ӯ ба занаш гуфт: «Дар ҷойи худ чӯҷа барор, зеро он барои мо мувофиқ аст ва обу гил ба мо наздик аст». Занаш ба ӯ гуфт: «Эй ғофил! Хуб бингар, ман аз нигаҳбони баҳр метарсам, ки барои бурдани чӯҷаҳоямон меояд. Қассобак ба занаш гуфт: «Чӯҷаҳои моро дар он ҷойе, ки ҳастӣ, барор, вай ин корро намекунад». Занаш ба ӯ гуфт: «Ту чӣ гуна якрав ҳастӣ? Оё ту дӯғу пӯписа ва таҳдиди ӯро нисбатат дар хотир надорӣ? Оё ту ҷону қадри худро намедонӣ?» Қассобак намехост, ки ба ӯ итоат кунад. Чун занаш ба ӯ исрор кард ва қассобак ба суханони ӯ гӯш надод, занаш ба ӯ гуфт: «Ҳар кӣ ба насиҳаткунанда гӯш надиҳад, ба сарнавишти сангпушт гирифтор мешавад, вақте ки ӯ ба суханони ду мурғобӣ гӯш накард». Калила гуфт: «Ин чӣ гуна буд?».

Як вежагии хосси «Калила ва Димна» дар он аст, ки як ҳикоя то сар шудани ҳикояи дигар тамом намешавад: «Тасдиқ мекунанд, ки ҳавзе дорои сабза аст ва дар он ду мурғобӣ ва дар ҳавз сангпуште ҳаст. Дар миёни он сангпушт ва он ду мурғобӣ меҳру дӯстӣ буд ва иттифоқан об паст шуд ва ду мурғобӣ омаданд,

то бо сангпушт видоъ кунанд ва гуфтанд: «Ассалому алайкум, ки мо аз ин макон берун мешавем, зеро об кам шудааст». Сангпушт гуфт: Беобӣ танҳо барои касе монанди ман маълум аст, зеро ман мисли киштӣ ҳастам ва танҳо бо об зиндагӣ карда метавонам. Аммо ҳар дуи шумо танҳо дар ҳар ҷойе, ки бошед, зиндагӣ карда метавонед, маро ҳамроҳи худ гиред». Ду мурғобӣ ба сангпушт гуфтанд: «Бале». Гуфт: «Маро чӣ гуна мебардоред?». Гуфтанд: Мо аз баданат мегирем, аз миёнат мебандем ва мо бо ту дар ҳаво парвоз мекунем ва агар ту одамонро бишнавӣ, гӯянд, ки ӯро аз камараш баста, сипас гирифта, ҳамроҳи худ дар ҳаво парвоз карданд. Одамон гуфтанд: «Чӣ аҷиб! Сангпушт миёни ду мурғобӣ, дар вақеъ ӯро бардоштаанд» [6, 139-140].

2. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки аксари персонажҳои ин достонҳо парандагону ҷонварон ҳастанд, аз ин рӯ, ба ҷаҳони инсон ношиносанд, вале барои нависанда ҳамеша ва пайваста ҷолиб ҳастанд, зеро ин достонҳо дар баробари таҳрики зеҳни хонанда тахайюли ӯро низ таҳрик медиҳанд. Дар он ҷойе, ки ӯ худро талаб мекунад, ки ҳар як хислати парандаҳо ва ҳайвонотро ба он чизе, ки дар ҷаҳони инсон шабоҳат дорад, баргардонад, барои мисол, шер рамзи подшоҳ, паланг рамзи вазир, рӯбоҳ як шахси маккору ҳилагар, кабӯтар одами хуб аст ва ғайра, чунон ки дар достони «Барзагов ва шер» гуфта шудааст.

3. Ибни Муқаффаъ забони равону шеворо низ ба кор мебарад ва аз дилгирӣ қариб комилан беҳавсала аст. Ҳангоми истифодаи муколама гоҳ-гоҳ ба латифа такя мекунад. Тавре ки дар ҳикояи «Роҳи кабӯтари ҳалқадор» мебинем, онҳо яке паси дигаре суҳбат мекунанд ва гап мезананд: кабӯтар, зоғ, сангпушт, оҳу ва муш, суҳбати онҳо бо ҳам ба сурати забони адабии равону шево ва услуби муколама сурат мегирад. Аз ин хотир, агар қиссаро аз ибтидо то интиҳо бихонем, ҳаргиз хаста намешавем, зеро дар он ҳикмат, зарбулмасалу панду насиҳат ва ибрат мавҷуд аст.

Қиссаи зер намунаи барҷастаи андешаҳои мазкур мебошад**:** «Чун муш суханашро тамом кард, сангпушт бо сухани нарму ширин ба ӯ посух дод ва гуфт: «Суханони туро шунидам ва он чи гуфтӣ, хуб буд, вале дидам, ки ҳоли зикри бақоёи коре ҳастӣ, ки дар ҷони туст, гуфтори хуб бидуни кори хуб комил намешавад ва беморе, ки омӯхтааст, агар бо он бемористро табобат кунад, ба ӯ ҳеҷ ёрӣ намерасонад ва барои бемориии худ таскин ва сабукӣ намеёбад, аз бепулӣ ғамгин мабош, зеро марди ҷавонмард бе пул мумкин аст аз ӯ бимнок бошад, ҳатто агар хамида бошад ва сарватманде, ки ҷавонмардӣ надорад, хор мешавад. Пули бисёр доштан мисли ҳолати сагест, ки парвои он надорад, ҳатто агар гарданбанди зар баста бошад ҳам. Пас нагузоред, бегонагии шумо барои шумо зиёд бошад, зеро марди оқил монанди шер эҳсоси бегонангӣ намекунад, ки ҷуз бо неруи худ ба ақиб барнамегардад, пас мувозиби худат бош, зеро агар чунин кунӣ, некӣ ба ту мерасад, ҳамон гуна ки об ҷараёни худро металабад ва эътибори он аз он хирадмандон аст. Аммо танбал бечуръат аст, зеро фазилат бо ӯ ҳамроҳ нест, дар мавриди чизҳое, ки пойдор ва мондагор нестанд, гуфта шудааст: сояи абр дар тобистон, дӯстии бадкорон, сохтмони бепоя ва пули бисёр барои андаки он ғусса намехӯрад, балки пули хирадманд ақли ӯст ва ҳар хайре, ки анҷом додааст, ба он мутмаин аст, аз коре, ки кардааст, маҳрум нахоҳад шуд ва сазовор аст, ки аз амри охирати худ кӯтоҳӣ накунад.

Марг ногаҳон меояд ва вақти муайяне надорад, туро бо таваҷҷуҳ ба шинохте ки дорӣ, ба насиҳати ман ниёзе нест, аммо ман дидам, ки бояд ҳаққи туро бар худамон адо кунам, чунки ту бародари мо ҳастӣ ва он чи аз насиҳат ки мо доштем, ба ту иброз намудем. Пас вақте ки зоғ сухани сангпуштро ба муш

расонид ва посухи ҷавоби ӯро шунид, ба ӯ лутф карда, хушҳол шуд ва гуфт: Маро хушнуд кардӣ ва ба ман некӣ кардӣ ва ту сазовори он ҳастӣ, ки худатро ба ҳамон гуна ки маро розӣ кардӣ, хушнуд кунӣ ва сазовортарини мардуми ҷаҳон касоне ҳастанд, ки ӯ ҳанӯз ҳам гурӯҳе аз онон мебошад, ки хушнудии ӯро мебинад ва ӯ низ онҳоро хушнуд месозад ва ҳамеша дар кору ҳоҷати эшон назорат мекунад, зеро агар шахси саховатманд пешпо хӯрад, фақат саховатмандон ба ӯ мадад мерасонанд, монанди филе, ки ҳар гоҳ дар гил часпад, онро танҳо филҳо берун мебароранд» [6, 185-186].

Ба мо аз мазмуни достон маълум мешавад, ки иттиҳоду эътилоф ва ҳамфикрӣ боиси ноумедии душманон мешавад ва онҳо танҳо зиён мебинанду дасти холӣ бармегарданд, зеро дар ин қисса кабӯтари ҳалқадор, муш, оҳу ва зоғ тавассути муошират ва ҳамкории худ бар сайёд, ки барои шикори онҳо монанди шахси разиле. ки ба сарзамини онҳо меояд, ғалаба карданд.

4. Мундариҷаи китоб комилан пур аз ҳикмат ва зарбулмасал аст, ки моҳияти афкори файласуфон ва таҷрибаи мардумони бостонӣ маҳсуб мешавад. Хонанда метавонад ба осонӣ дар ҳар замону макон андешаҳои равшани онҳоро дар бораи рӯзгор ва даврони худ пайдо кунад, чӣ тавре ки дар мисоли пеш аз он ба мушоҳида мерасад, миқдори зарбулмасалу ҳикмат хеле зиёданд.

5. Илова бар ин, дар ин китоб фазилатҳои асосӣ, ба монанди садоқат, саховатмандӣ, мардонагӣ, покдоманӣ ва ғайра ситоиш ва ҳар гуна зуҳуроти зишту бадиҳо маҳкум карда мешаванд. Аз ин рӯ, салоҳи кор аст, ки китоб ба унвони як василаи болобурди маънавиёти ҷавонон истифода карда шавад.

Дар ин маврид мисоле оварда мешавад, ки дар он Калила Димнаро даъват мекунад, ки бо некиҳо муҷаҳҳаз гардида, аз зиштиҳо дурӣ ҷӯяд: «Он ки фиребандаи фиребу найранг аст, фиребхӯрда бошад ва ту, эй Димна, ту гирдоварандаи макру найранг ва бадахлоқӣ ҳастӣ, ман аз самараи корат метарсам, ҳарчанд ки ту аз азоб наҷот намеёбӣ, зеро ту дорои ду рангу ду забон ҳастӣ. Дар ҳақиқат, ширинии оби дарё то замонест, ки ба баҳрҳо нарасад ва некӯии аҳли хона то замонест, ки дар он фасодкоре роҳ наёбад ва чизе монанди ту бештар аз море нест, ки дар он ду забон аст, ки заҳр дорад ва заҳраш метавонад аз забони ту ҷорӣ шавад ва ман то ҳол аз заҳрҳои забони ту хавф дорам ва ӯ мунтазири он аст, ки ба ту чӣ мешавад ва фасодкор дар миёни бародарону дӯстон монанди морест, ки одам онро парвариш мекунад, мехӯронад, масҳ мекунад ва иззату икром менамояд. Пас аз он чизе ҷуз неш нахоҳад дошт ва аз тарки онҳо напарҳез, ҳарчанд ӯ оқилу саховатманд аст, аз ахлоқу манфиати ӯ барҳазар бошед. Бо ақли ӯ ва шахси саховатманд, аммо ғайримантиқӣ ба ӯ бичаспу робитаашро раҳо накун, ҳатто агар зеҳни ӯро ситоиш накунӣ ва аз саховати ӯ баҳраманд шавӣ ва бо ақли худ ба ӯ суд барӣ ва аз аҳмақи хабис комилан фирор кун. Ва ман сазоворам, ки аз ту бигурезам ва чӣ гуна бародаронат умеди саховату дӯстӣ аз ту дошта бошанд. Дар ҳоле ки ту бо подшоҳии худ, ки туро гиромӣ дошта ва иззату икром кардаӣ, анҷом додаӣ? [6, 149].

Нахустин достони китоб, ки бо номи «Боби шер ва барзагов» маъруф аст, нисфи китобро ишғол мекунад ва он ба мо нишон медиҳад, ки фиребу найранг чарогоҳи хатарнок аст, чунки Димна вақте дар назди султон мақоми барзаговро дид, хост, ки ӯро хор кунад, расво кунад ва дашном диҳад, аз ин рӯ, бар зидди ӯ макр карду найрангҳо бофта буд, вале дар найрангу фиреби худ муваффақ нашуд ва билохира ба натиҷаи сахт расида, дар зиндон ба таври зишттарин кушта шуд.

6. Дар ин китоб ба таври умумӣ муҳити шоҳон, ҳокимон ва атрофиёни онҳо тасвир шудааст. Маълум аст, ки ин муҳит табъи мардумро ба худ ҷалб ва қалби мардумро тасхир мекунад. Дар ин ҷо мисоле дар бораи ақлу фаҳм ҷиҳати тафаккур дар ин масъала пешниҳод карда мешавад, зеро ҳар кас ки ақлу фаҳмро ба кор барад, бар душманони ашаддии худ пирӯз хоҳад шуд, чунон ки ин дар қиссаи «Бум ва зоғҳо» буд: «Дар кӯҳе дарахти дарахти бисёр бузурге буд, ки дар он лонае аз ҳазор зоғ буд ва дар болои онҳо ҳоким аз миёни худашон буд. Сипас подшоҳи бумон яке аз рӯзҳо ба берун рафт ва ин подшоҳро душман подшоҳи зоғҳо буд. Баъд подшоҳи бумҳо ба зоғҳо дар лонаашон ҳуҷум кард ва бисёре аз онҳоро кушту асир гирифт. Зоғҳо дар назди подшоҳи худ барои машварат ҷамъ омаданд ва ба ӯ гуфтанд: Медонӣ, ки мо имшаб аз дасти шоҳи бумҳо чӣ ранҷ кашидем ва ҳеҷ яке аз мо мурдаву захмӣ аз хоб бедор нашудем, бо боли шикаста ва ё пари канда ё думи бурида ... Мо аз они туем ва қарор аз ҷониби туст, эй подшоҳ! Пас аз миёни зоғҳо яке фикри хуберо пешниҳод намуд:

«...аммо дар мавриди ҷанг ман назари худро медонам ва аз он нафрат дорам, вале ман андеша ва ҳилае дорам, ки он, Худо хоҳад, осудагии хотирро бар бор меорад … Ман аз подшоҳ мехоҳам, ки маро дар назди дигар шоҳидон сарзаниш кунад, парҳо ва думи маро биканад, сипас ба пояи ин дарахт бибанданд ва шоҳу сарбозонаш аз ин ҷо бираванд». Пас подшоҳ он чиро, ки он зоғ гуфт, анҷом дод ва ӯро раҳо кард, то ин ки бум ӯро дид, ки нола мекунад, вақте ки ба ӯ наздик шуд, ба буме дастур дод, ки аз ӯ бипурсид: «Ту кистӣ? Зоғҳо куҷо ҳастанд?». Зоғ дар посух гуфт: «Номи ман фалонӣ аст ва он чи аз ман пурсидӣ, гумон мекунам, ки ҳоли ман ҳоли он касест, ки асрорро намедонад». Пас подшоҳи бумон гуфт: «Ин вазири подшоҳи зоғҳо ва соҳиби андеша ӯст, пас, аз ӯ мепурсем, ки чӣ гуноҳе дар ҳаққи ӯ карда шудааст?». Аз зоғ аҳволи ӯ пурсида шуд. Гуфт: «Подшоҳи мо дар бораи шумо бо гурӯҳи мо машварат кард ва ман дар он вақт он ҷо ҳозир будам». Гуфт: «Эй зоғ, назари ту дар ин бора чист?». Гуфтам: «Эй подшоҳ, мо қудрати ҷангидан бо бумҳоро надорем, чунки онҳо аз мо боқувваттаранд ва қалби тезтар аз мо доранд, аммо ман фикр мекунам, ки мо бояд ба дунболи сулҳ бошем, сипас пули гарав пешниҳод кунем, агар бум онро қабул кунад, вагарна … сулҳ аз душманӣ беҳтар аст. Ба онҳо дастур додам, ки аз ҷанг баргарданд ва барои онҳо мисол овардам ва ба онҳо гуфтам: «Душмани нерумандро бо таслим шудан наметавон дафъ кард». Пас дар ин амр аз ман сарпечӣ карданд ва даъво намуданд, ки мехоҳанд биҷанганд ва маро ба он чи гуфтам, муттаҳам карданд… Сухану насиҳати маро рад карданд ва бо ин маро сахт шиканҷа намуданд, малик ва сипоҳаш маро тарк карда рафтанд ва баъд аз ин ба ман дар бораи онҳо чизе маълум нест». Пас аз он подшоҳи бумҳо, вақте ки суханони зоғро шунид, ба яке аз вазирони худ гуфт: «Дар мавриди зоғ чӣ мегӯед? Чӣ чизе дар он мебинед?». Ӯ гуфт: «Чизе ҷуз таъҷил дар куштани ӯ намебинам…». Дигарон пешниҳоди раҳмат, зинда нигоҳ доштану бахшидани ӯро доданд… Пас подшоҳ дастур дод зоғро ба хонаи бумҳо бибаранд ва ба ӯ иззату икром ва некӣ кунанд… Аммо шоҳи бумҳо ба вазири аввалаш, ки қатли зоғро пешниҳод карда буд, таваҷҷуҳе накард.

Ӯ бо зоғ меҳрубон буд ва фақат эҳтиромашро ба ӯ бештар кард, то ин ки зиндагии ӯ хуб шуд ва парҳояш рушд кард ва дид, он чиро ки хост бубинад. Пас он чиро ки диду шунид, барои дӯстонаш хабар дод … ва гуфт: «Бумҳо дар фалон макон бар кӯҳе мебошанд, ки он ҷо ҳезуми бисёр дорад ва дар он макон галлае аст… Гӯсфандон бо як чӯпон буданд ва мо он ҷо оташ мезанем ва онҳоро дар сӯрохи хонаи бумҳо меандозем ва ҳезумҳои хушкро рӯйи онҳо мерезем ва бо бол

онҳоро мезанем, то оташ ҳезумро дар гиронад. Ҳар кӣ аз онҳо берун ояд, сӯзаду ҳар кӣ берун наёмад, аз дуд дар ҷойи худ бимирад. Пас зоғҳо чунин карданд ва бумҳоро нобуд сохта, ба хонаҳои худ солим баргаштанд» [6, 192-217].

Аз ин қисса чунин хулоса кардан мумкин аст, ки махлуқи нотавон бо ақлу заковат, макру ҳила ва найранги худ бар сарбозони сершумори далер, шуҷоъ, сершумор ва мусаллаҳ ғолиб меояд.

7. Мутарҷими закии «Калила ва Димна»-и Ибни Муқаффаъ дар забони арабияш ба он хусусияти динии хеле равшан пӯшонидааст, ки дар он вожаҳои қаноат ба тақдир, шароити дину дунёву охират муштарак аст. Ба назари мо, ҳамин хусусияти асар буд, ки он зуд ба сохтори фарҳанги исломӣ ворид шуд, бо вуҷуди асли бегона доштанаш, он ба як нуқтаи ҳусни таваҷҷуҳи фарҳанги динӣ табдил гардид. Ин гуфта ба он ишора мекунад, ки мутарҷим ба он хусусияти динӣ дода, онро бо тобиши мазҳабӣ ранг кардааст: «Вақте ки тақдир нозил мешавад, чашмҳоро аз ҷойи худ мебароранд ва дидаро мепӯшонанд, вале қисмат чашмони моро аз ширк дур накард ва онҳоро аз ин ганҷ дур насохт. Сипас ман кӯзаро кофта берун баровардам ва он пур аз динор буд. Барои саломатии онҳо дуо кардам ва ба он ҳар ду гуфтам: «Ҳамду сано Худоеро, ки ба шумо чизҳоеро омӯхт, ки намедонистед ва шумо ҳар ду дар осмон парвоз мекардеду аз он чизе, ки зери замин аст, огоҳӣ ёфтед. Онҳо ба ман гуфтанд: Эй хирадманд, магар намедонӣ, ки тақдир бар ҳама чиз ҳукмфармост ва ҳеҷ кас аз он берун баромада наметавонад, он чи дидам, ба подшоҳ мегӯям, агар подшоҳ бифармояд, пулро ба хизонааш мегузорам. Подшоҳ гуфт: Ин барои туст ва ту наҷот хоҳӣ ёфт» [6, 285].

Лозим ба ёдоварист, ки ҳадафи асосии таълифи китоби «Калила ва Димна» тарбияи маънавиву ахлоқии одамон дар ҷомеа мебошад. Мақсади ин китоб ислоҳоти ахлоқӣ барои ҷомеа ва сиёсат, пешниҳоди маслиҳат оид ба ислоҳоти ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва роҳбарии сиёсӣ, баъзан бо истифода аз ҳазлу шӯхӣ мебошад. Дар китоб бисёр фазилатҳои бунёдӣ, аз қабили фидокорӣ, саховатмандӣ, мардонагӣ, меҳрубонӣ, оқилӣ ва ғайра таърифу тавсиф гардида, бадӣ бо тамоми зуҳуроташ маҳкум карда мешавад. Ин аст, ки олами ислом дар давраҳои мухталиф аз ин китоб ҳамчун василаи хубе барои ахлоқу тарбияи ҷавонон истифода кардааст.

Муаллиф дар шакли ҷолиб кӯшиш мекунад, ки қоидаҳои рафтори ҳокимонро нисбат ба наздикон ва тобеонашон баён кунад ва бахусус, мансабдорони воломақомро аз бовари зиёд ба хабаркашон ва аз шитобкорӣ дар мавриди муҳокимаи гунаҳкорон ҳушдор додааст. Ҳоким, ба қавли муаллиф, бояд одил ва раҳмдил бошад, бояд ба қавли худ вафо карда, ба ғазаби хеш таслим нашавад.

Ҳар як боб чаҳорчӯби масалро дар бар мегирад, ки барои тасвир кардани мақсади асосӣ пешбинӣ шудааст. Масалҳо аз рӯйи хислатҳои бадеии худ гуногунанд. Бархе масалҳо ифодакунандаи персонажҳои бечеҳра мебошанд, ки хирадмандӣ (масалан, дар бораи бум ва зоғ)-ро талқин мекунанд, дигар масалҳо, мисли саҳнаҳои хурди драмавӣ (масалан, қиссаҳо дар бораи шер ва барзагов) мебошанд, ки дар онҳо хислатҳои инфиродӣ инкишоф ёфта, характер ташаккул меёбанд. Далерӣ, саховатмандӣ, ҳисси амри виҷдон, садоқат ба дӯстӣ, парҳезгорӣ ва тақво – ин хислатхои асосии инсоние мебошанд, ки дар ин асар ситоиш карда шудаанд.

Мақсад ва ҳадафҳои таълифи китоб дар муқаддимаи Ибни Муқаффаъ инъикос гардидааст ва ӯ ба ин ғаразҳо, мақсадҳо, ҳадафҳо ва хусусиятҳои хосси китоб ишора менамояд. Зеро мутарҷим пас аз муаллифи ҳар китоб аҳаммияти

китобро хуб дарк мекунад, ҷойгоҳ ва хусусиятҳои онро медонад ва то замоне ки ба забони модарӣ арзиши китобро дарк накунад, тарҷумаи ҳеҷ китоберо бар уҳда намегирад ва худи Ибни Муқаффаъ ин ҳадафҳо, мақсадҳо ва хусусиятҳои ин китобро, ки ӯро водор ба тарҷумаи он ба арабӣ кардааст, баён мекунад:

Ӯ чизҳои зиёдеро, ки боиси интихоби ӯ барои тарҷумаи китоб шудааст, зикр карда, хонандаро тавсия медиҳад, ки аз китоб ба қадри имкон баҳра барад. Мақсадҳо ва ҳадафҳое, ки Ибни Муқаффаъ ба он даст ёфтааст, дар нуктаҳои зерин баён карда мешавад:

1. Ӯ дар мавқеи дар бораи сабаби таҳияи чунин китоб аз тарафи уламои Ҳинд чунин мегӯяд: «Ин китоби «Калила ва Димна» аст ва фарогири зарбулмасалу ҳадисҳоест, ки уламои Ҳинд навиштаанд ва онҳо илҳом гирифтаанд, ки ба он фасеҳатарин суханонеро, ки дар усулуб ёфтаанд, дохил кунанд» [6, 65].

2. Мундариҷаи китоб аслияти онро равшан мекунад ва баёнгари он аст, ки дар «ҳикмат» ифода ёфтааст ва муаллифи китоб онро ба гунае пешкаш кардааст, ки ҳам аҳли хос ва ҳам аҳли ҷомеаро ба худ ҷалб кунад: «Хирадманд онро барои ҳикмат ва нодон барои фароғати худ интихоб кардааст, аммо донишҷӯйи хурдсол онро дар аввал ба осонӣ қабул мекунад, аммо вақте ки калон мешавад ва ба камол мерасад, мефаҳмад, ки дорои ганҷи хирад аст. Ҳикмате, ки нодида гирифтааст, ӯро аз ниёз ба дигар ҷанбаҳои адабӣ мустақил кардааст» [6, 66].

3. Ибни Муқаффаъ низ хонандаи китобро ба андеша ва тафаккур дар бораи аҳдофи китоб даъват мекунад, ки бо кадом мақсад китоб бо забони ҳайвонот ва парандагон навишта шудааст ва дар ин бора мефармояд: «Ҳар кӣ ин китобро мехонад, бояд сабабҳои навишта шудани он ва муаллифи он кадом мақсадро пеш гирифтааст, вақте ки онро ба ҳайвонҳо нисбат медиҳад, бидонад ва онро ба чизҳое изофа мекунад, ки возеҳ нест. Агар хонандааш чунин мекунад, ин корро накун, ӯ намедонад мақсад аз он маонӣ чист ва на аз он чӣ мевае хоҳад бардошт ва на аз муқаддимаҳои китоб чӣ натиҷае хоҳад гирифт ва ҳатто агар ҳадафаш анҷом додани хондани он то охир бошад, бидуни он ки бидонад аз он чи мехонад, фоидае барои ӯ нахоҳад дошт» [6, 66].

4. Равшан аст, ки мақсад мазмуни китоби «Калила ва Димна» аст ва аз ин рӯ, шакл ҷуз василаи расонидани ин мазмун ба хонандагон чизе нест. Ибни Муқаффаъ мефармояд: «Касе, ки ба ин китоби мо менигарад, набояд мақсадаш варақгардонии он бошад, балки ба зарбулмасалҳое, ки дар он вуҷуд дорад, бингарад, то онро ба итмом расонад ва ба ҳар як мисолу сухан таваққуф кунад ва дидгоҳи худро ба он татбиқ намояд» [6, 66].

5. Пас аз ин он чизеро, ки Ибни Муқаффаъ таъкид мекунад ва хонандаро пас аз фаҳмидани мақсадҳо ва аҳдофи аслии китоб, ба корбурди онҳо дар ҳаёти амалӣ даъват мекунад, зеро илм танҳо тавассути амал ба даст меояд ва ин мафҳуми хирад дар миёни файласуфон ва мутафаккирон аст. Ӯ мефармояд: «Агар хирадманд ин китобро дарк кунад ва илмаш бо он ба поён бирасад, бояд ба он чи аз он омӯхтааст, амал кунад, то аз он баҳра барад ва онро намунае созад, ки аз он дур нагардад» [6, 69].

Ибни Муқаффаъ аҳаммияти бо илм амал карданро чунин тавҷеҳ медиҳад: Камтарин бахшиш барои парҳез аз аъмоли ситоиш ва сарзаниш касест, ки онро бибинад ва фарқ кунад, бартарии баъзеро ба баъзеи дигар бидонад, мисли ин ки ду мард, ки яке бино ва дигаре нобиност, ронда шуда бошанд, ба амри тақдир дар сӯрохе афтоданд, чун ба қаъри он расиданд, дар ҳамон ҳолате хоҳанд буд, магар он ки шахси бино дар миёни мардум узри камтар аз нобино дорад, зеро ду

чашм дорад, мебинад ва он ба хотири он аст, ки ӯ ғофил ва ҷоҳил шудааст» [6, 69].

Ӯ ҳамчунин мегӯяд: «Олим бояд аз худ оғоз кунад ва бо илми худ ба тарбияи хеш бипардозад, ҳадафаш гирифтани илм нест, то ба дигарон ёрӣ расонад, балки монанди чашмае бошад, ки мардум аз он об менӯшанд, барои ӯ дар ин кор манфиате нест, ба монанди кирми пилаест, ки ҳунарашро хеле хуб аз худ мекунад, вале аз он баҳра намебарад, пас, ҳар кӣ илм талаб кунад, бояд аз насиҳати худ оғоз кунад, сипас ӯро зарур аст, ки онро иқтибос намояд» [6, 69].

Ба далели аҳаммияти китоб ва хусусиятҳои хос, афзалиятҳо, мақсаду аҳдофаш ин асар дар доираҳои илмии саросари ҷаҳон маъруфияти зиёд пайдо карда, ҳикояҳои он ба барномаҳои таълимии донишгоҳҳои кишварҳои арабӣ ва дигар кишварҳо дохил шудаанд. Батакрор мутолиа кардани ин китоб хонандаро дар забони арабӣ боистеъдод ва нобиға мегардонад.

Бо дарназардошти баррасии мавзуи мақола метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

1. Услуби баёни «Калила ва Димна» равону сода аст. «Калила ва Димна» дар нусхаи ба забони арабӣ навишташуда то чӣ андоза хушоҳанг садо медиҳад, аммо ҳатто тарҷумаи он ба маънои томаш бо калимаҳо ва ибораҳо бозӣ мекунад, таркиботи комили ибораҳоро месозад, ки онҳоро метавон дар ҳаёти ҳаррӯза навишт ва истифода бурд. Ибни Муқаффаъ забони равону шеворо ба кор бурда, ҳангоми истифодаи муколама гоҳ-гоҳ ба латифа такя мекунад.

2. Дар «Калила ва Димна» услуби тамсилӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Албатта, ғоя ва арзиши асосии китоб дар он ҳикмате ифода меёбад, ки ҳакимон ба подшоҳонашон расонида буданд. Бисёр зиштиҳои инсонӣ, ки ба одамон таъсири бад мерасонанд, дар шакли масалҳо дар бораи ҳайвонҳои сухангӯ оварда мешаванд. Ҳамзамон маслиҳатҳо дода мешавад, ки чӣ гуна аз хашми афроди қудратманд дурӣ ҷуста шавад, чӣ гуна мавриди қаҳру ғазаби подшоҳ нагарданд, чӣ гуна ба худ бояд содиқ бимонд, чӣ сон ба пайравӣ аз дигарон ва афроди нописанд бояд нарафт.

3. «Калила ва Димна» ба услуби қисса асос ёфтааст, ки дар он қисса ба қиссаи дигар ва шояд ба қиссаи сеюм ва чаҳорум супурда мешавад ва ҳар қисса қиссаи дигареро дунбол мекунад,

4. «Калила и Димна» асари навпардозона мебошад. Ибни Муқаффаъ бо тарҷумаи одӣ қаноат накарда, онро таҳрири ҷиддӣ намуда, бо корбурди ҳунари нависандагии хеш як қатор қисматҳои навпардозонаро бо таълифоти шахсии худ, ҳамзамон бо истифодаи зарбулмасалҳои арабии мувофиқ ва иқтибостеро аз Қуръон ба он ворид намуд. «Калила ва Димна» дар ҳақиқат асари нав мебошад, зеро дар эпоси ҳиндӣ ва арабии мусулмонӣ ҷаҳонбинии комилан гуногун мавҷуд мебошад. Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ аз «Панчатантра» худоёни ба эпоси ҳиндӣ хосро бардошта, баъзе таъриххоро тағйир дода, дигарашонро илова намуд, ки дар давраи Аббосиҳо навишта шуда буданд. Мунаққидону муҳаққиқон эътироф кардаанд, ки Ибни Муқаффаъ дар кори мутарҷимияш бо тарҷумаи матн, ба тавре ки ҳаст, маҳдуд нашудааст, балки матнҳоро ба шеваи мувофиқ бо ақида ва ё хусусиятҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва мазҳабӣ, ки ҷамъияти ӯро фарқ мекард, илова кардаву тағйир додааст.

5. Мундариҷаи китоб комилан пур аз ҳикмат ва зарбулмасал аст, ки моҳияти афкори файласуфон ва таҷрибаи мардумони бостонӣ маҳсуб мешавад. Хонанда метавонад ба осонӣ дар ҳар замону макон андешаҳои равшани онҳоро дар бораи рӯзгор ва даврони худ пайдо кунад.

6. Ибни Муқаффаъ ҳамчун мутарҷими закии «Калила ва Димна» дар забони арабӣ ба он хусусиятҳои динии хеле равшан пӯшонидааст, ки дар он вожаҳои қаноат ба тақдир, шароити дину дунёву охират муштарак аст. Ба назари мо, ҳамин хусусияти асар буд, ки он зуд ба сохтори фарҳанги исломӣ ворид шуд ва бо вуҷуди асли бегона доштанаш ба як нуқтаи хусни таваҷҷуҳи фарҳанги динӣ табдил гардид.

7. Дар китоби «Калила ва Димна» фазилатҳои асосӣ, ба монанди садоқат, саховатмандӣ, мардонагӣ, покдоманӣ ва ғайра ситоиш гардида, ҳар гуна зуҳуроти зишту бадиҳо маҳкум карда мешаванд. Аз ин рӯ, салоҳи кор аст, ки китоб ба унвони як василаи боло бурдани сатҳу сифати тарбияи маънавии ҷавонон истифода шавад.

Ҳамин тавр, китоби «Калила ва Димна» аҳаммияти худро имрӯз ҳам гум накардааст. Аз мутолиаи он метавон дарсҳои зиёди ҳаётӣ гирифта, табиати инсониро шинохт, худро аз дурӯғ, фиреб, дӯрӯӣ ва дигар кирдору рафторҳои номуносиб муҳофизат намуд ахлоқи ҳамида, ростию некукориро омӯхта, дар зиндагӣ ба кор бурд.

КИТОБНОМА

1) ба алифбои арабиасос:

1. Оштиёнӣ Аббос Иқбол. Шарҳи ҳоли Абдуллоҳ ибни Ал-Муқаффаъ. – Теҳрон: Асотир, 1382.
2. Азимӣ Аббосалӣ. Шарҳи ҳол ва осори Ибни Муқаффаъ. – Теҳрон: Интишороти Фарҳӣ, 1355. – 385с.
3. Ал-Ҷоҳиз Абу Усмон ибн Баҳр. Рисолату замми ахлоқи-л-китоби. – Байрут: Дору-л-китоби-л-илмиййати, ат-табъату-л-увло, 2001.
4. Ал-Ҷоҳиз Абу Усмон ибн Баҳр. Ал-Баён ва-т-табйин. Таҳқиқу Муҳаммад Абдуссалом Ҳорун. – Ал-Қоҳира: Матбаату Лаҷнати-т-таълифи ва-т-тарҷумати ва-н-нашри, 1948-1950 .
5. Ибн Ал-Муқаффаъ Абдуллоҳ. Китобу «Калила ва Димна» зимна-л-аъмоли-комилати лаҳу. – Байрут, 1985.
6. Ибн Ал-Муқаффаъ Абдуллоҳ. Калила ва Димна. – Байрут: Дору-л-маърифати, 2004.
7. Ал-Яманӣ, Абу Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҳусейн ибни Умар. Мазоҳоҳу Амсоли Калила ва Димна бимо ашбаҳаҳу мин ашъори-л-араби. – Байрут: Дору-с-сақофатӣ, 1961. – 231с.
8. Бурҳони қотеъ. Тасҳеҳ ва таҳқиқи доктор Муҳаммад Муин. – Ҷилди 1. – Теҳрон, 1330-1331.
9. Ёддоштҳои Қазвинӣ. Матни комил дар панҷ муҷаллад. – Теҳрон, 1363. – 3023 с.
10. Ибни Надим, Абулфараҷ ибни Аби Яъқуб. Ал-Феҳрист. – Лондон: Муассасату-л-фурқони ли-т-туроси-л-исломиййи, 1429 ҳиҷрӣ=2009 мелодӣ. – 1976с.
11. Ибни Халликон, Абулаббос Шамсуддин Аҳмад ибн Муҳаммад. Вафаиёту-л-аъён фӣ анбои абнои-з-замон. Ҳаққақаҳу ад-дуктур Эҳсон Аббос. Ал-муҷаллад 1. – 493 с., ал-муҷаллад 2. – 557 с., ал-муҷаллад Муҳаммад Курд Алӣ. Умароу-л-баён. – Байрут: Дору-л-амонати, ат-табъату-с-солисату, 1969. 3. – 524 с., ал-муҷаллад 4. – 490 с., ал-муҷаллад 5. – 439 с. – Байрут, 2011. – 3980 с.
12. Қуръони карим. Сураи ал-Ҷумъату, ояи 5. – Душанбе, «Ирфон», 2007. – 616 с.

13. Иброҳим Мино. Суноийот мина-насри-л-Аббосӣ: байна-т-таъсири ва-т-таассури. – Қоҳира: Ҷомиату Айни-ш-шамси, 2008.

14. Мунтахаби «Калила ва Димна». Бо эҳтимоми устод Абдулазим Қариб. – Теҳрон, 1330. – 272 с.

15. Муҳаммад, Курд Алӣ. Умароу-л-баён. – Байрут: Дору-л-амаонати, ат-табъату-с-солисату, 1969.

16. Шавқӣ, Зайф. Ал-фанну ва мазоҳибуҳу фӣ-н-насри-л-арабиййи. – Ал-Қоҳира: Дору-л-маорифи. Ат-табъату-с-сониййата ашара, 1981.

2) ба алифбои русӣ:

17. Беков К. Рӯзбеҳ ибни Муқаффаъ - намояндаи барҷастаи адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик // «Суханшиносӣ». Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 2022. – №4. – С. 115-120.

18. Гаспаров М. Басни Эзопа // Басни Эзопа. – Ленинград: Наука, 1968. – С.252-254.

19. Гринцер П. Древнеиндийская литература // Поэзия и проза Древнего Востока. – Т. 1. – Москва: Художественная литература, 1973.

20. Зоҳидов Н. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX (давраи арабизабонӣ). – Душанбе: «Бухоро», 2014. – 444 с.

21. Ибн аль-Мукаффа. Калила и Димна / Ибн аль-Мукаффа; пер. с араб. Б.Шидфар. – Москва.: «Художественная литература», 1986. – 303 с.

22. «Калила ва Димна». (Аз рӯйи «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ) бо танзим ва таҳрири нави Р.Ҳодизода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. – 316 с.

23. Рақабова М. Адабиёти шуубии форсу тоҷики асрҳои VIII-X. – Хуҷанд, 2011. – 204 с.

24. Фильштинский И.М. История арабской литературы. V – начало VIII века. – Москва: Главная редакция восточной литературы, издательство «Наука», 1985. – 526 с.

3) сарчашмаҳои электронӣ:

25. Китобу Калила ва Димна: мизонатуҳу ва хасоисуҳу ва аҳдофуҳу. Доктор Муҳаммад Фазлулоҳ Шариф. [Сарчашмаи электронӣ] URL: https://www.alukah. net/literature_ language/0/111866 (санаи мурочиат: 05.02.2025).

26. Марзуқӣ Ҳаким. Калила ва Димна. Ҳина тақтамиъу ҳикмату-л-Ҳинди ва фитнати-л-фураси ва рашоқату луғати-л-араби. – Саҳифату-л-Араби, ас-сабти, 27.04.2009. [Сарчашмаи электронӣ] URL: https://alarab.co.uk/ (санаи мурочиат: 10.02.2025).

ВИЖАГИҲОИ АДАБИИ КИТОБИ «КАЛИЛА ВА ДИМНА»-И АБДУЛЛОҲ ИБНИ МУҚАФФАЪ

Омӯзиши зиндагинома ва осори гаронбаҳои Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ, махсусан, китоби «Калила ва Димна», аслияти ин китоб, услуби нигориши он, афзалияту бартарӣ, хусусияти фарқкунандаи он, инчунин, ҳадафҳои асоси ин асари безавол дар адабиётшиносии муосири ҷаҳон, бахусус пажуҳиши адабиёти арабӣ, форсӣ, аврупоӣ ва ватанӣ бетаваҷҷуҳ намондааст.

Ин масъала дар мақола дар асоси услуби муқоисавӣ-таҳлилӣ, бо истинод ба сарчашмаҳо ва адабиётҳои илмӣ, аз тарафи муаллиф мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар ин китоб фазилатҳои асосӣ, ба

монанди садоқат, саховатмандӣ, мардонагӣ, покдоманӣ ва ғайра ситоиш ва ҳар гуна рафтори зишт ва бадиҳо маҳкум карда мешаванд. Аз ин рӯ, салоҳи кор аст, ки китоби «Калила ва Димна» ба унвони як василаи болобурди маънавиёти ҷавонони ҷомеаи муосир истифода карда шавад.

***Калидвожаҳо**: Ибни Муқаффаъ, «Калила ва Димна»,»Панчатантра», услуб, ҳадаф, Аббосиён, тарҷума, муаллиф, эрониён, забони санскрит, паҳлавӣ, ҳиндӣ, арабӣ, осор, хусусият, балоғат, андешаҳо, ҳикмат, зарбулмасал.*

ЛИТЕРАТУРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ «КАЛИЛЫ И ДИМНЫ» ИБН МУКАФФЫ

Изучение жизнеописания и ценных произведения Абдуллы ибни Мукаффы, особенно, книги «Калилы и Димны», подлинность этой книги, стиль его сочинении, превосходство и примущество, и его отличительные особенности, а также, основные цели этой бесценной книги не осталась без внимания в современном литературоведение мира, особенно, иследования арабской, персидской. европейской и отечественной литературе.

Этот вопрос был изучен автором в статье, основанной на сравнительном-аналитическом стиле, со ссылкой на источников и научных литератур. Автор подчёркивает, что основные добрые дела, подобие верности, великодушие, мужество, невинность и другие восхваляться, а любые безобразные поведения и дурные дела осуждаются. И поэтому, считаеться целесообразным, что книга «Калилы и Димны» должна использоваться как одно из средства повышения духовный мир молодёжи современной общества.

***Ключевые слова**: Ибни Мукаффа, «Калилы ва Димны»,»Панчатантра», стиль, цели, Аббосиды, перевод, автор, иранцы, язык санскрит, пехлавийский, индийский, арабский, сочинение, особенности, риторика, мысли, мудрость, пословица.*

LITERARY FEATURES OF IBN AL-MUQAFFA'S «*KALILA AND DIMNA*»

The study of the biography and valuable works of Abdullah Ibni Muqaffe, especially the book of «Kalila and Dimna», the authenticity of this book, the style of its essay, superiority and acceptance, and its distinctive features, as well as the main goals of this invaluable book were not without attention in modern literary studies in the the world, especially, is the exhaustion of Arabic, Persian. European and domestic literature.

This question was studied by the author in an article based on a comparative analytical style, citing sources and scientific literature. The author emphasizes that the main good deeds, the semblance of fidelity, generosity, courage, innocence and others to praise, and any ugly behavior and bad deeds are condemned. And therefore, it is considered appropriate that the book «Kalila and Dimna» should be used as one of the means of increasing the spiritual world of youth of modern society.

***Keywords:** Ibni Muqaffa, «Kalila and Dimna», «Panchatantra», style, goals, abbosids, translation, author, Iranians, Sanskrit language, Pahlavi, Indian, Arabic, composition, features, rhetoric, thought, wisdom, proverb.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Искандаров Мирзошоҳрух Рустамович – докторанти доктор Phd кафедраи филологияи араби Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: (+992) 933339163.

Сведения об авторе: Искандаров Мирзошохрух Рустамович — докторант доктора PhD кафедры арабской филологии Таджикского национального университета,. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 933339163.

Information about the author: Iskandarov Mirzoshohrukh Rustamovich – National University of Tajikistan, doctoral candidate of Phd of Department of Arabic Philology. Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, 17 Rudaki avenue. Phone: (+992) 933339163.

ТДУ:889.550.03

МУШКИЛОТИ ЗАБОНИЮ УСЛУБӢ ДАР РАВАНДИ ТАРҶУМАИ ЭҶОДИЁТИ ЛУ СИН
(БА ЗАБОНҲОИ РУСӢ ВА ТОҶИКӢ)

Ши Сяоюй
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Лу Син ҳамчун «бузургтарин ва диловартарин байрақбардори артиши маданияти нав» [13, 27] дар адабиёти муосири Чин мақоми беназир дорад ва осораш ба зиёда аз 50 забон, аз ҷумла забонҳои русӣ ва тоҷикӣ, тарҷума шудааст. Ин тарҷумаҳо ба густариши васеи осори ӯ дар саросари ҷаҳон мусоидат намуда, ба адабиёти ҷаҳонӣ таъсири амиқ гузоштаанд. Аммо тарҷумаи асарҳои Лу Син кори осон нест ва тарҷумонҳо зимни тарҷума ҳамеша бо душвориҳои гуногун рӯ ба рӯ мешаванд.

Яке аз сабабҳои асосии мушкилоти тарҷума ба вижагиҳои хоси сабку забони осори Лу Син вобаста аст. Масалан, маҳорати баланди ӯ дар интихоби вожаҳое, ки маъноҳои нозук доранд ва омезиши забони гуфтугӯйӣ бо забони адабии китобӣ дар раванди тарҷума душворӣ эҷод мекунад. Илова бар ин, бисёре аз рамзҳо ва суннатҳои марбут ба фарҳанги анъанавии Чин дар забону фарҳангҳои дигар мутобиқат надоранд, ки ин боиси аз даст рафтани маъно ё таҳрифи он дар тарҷума мегардад. Ҳангоми баррасии тарҷумаи осори Лу Син ба забони тоҷикӣ мо бояд таъсири тарҷумаи бавоситаро ба назар гирем, зеро забони русӣ дар ин раванд ҳамчун забони миёнарав хизмат мекунад.

Барои таҳлилу баррасии мушкилоти забонию услубии тарҷумаи осори Лу Син мо ҳикояи маъруфи ӯ «Хун Йичӣ»-ро ҳамчун намуна интихоб намуда, тарҷумаҳои онро ба забони русӣ (ду нусхаи гуногуни як тарҷумон) ва ба забони тоҷикӣ бо ҳамдигар муқоиса мекунем.

1. **Интиқоли нозуки маънои вожа дар раванди тарҷума.** Лу Син дар интихоби калимаю ифода ва дар корбасти бамавқеи онҳо маҳорати баланди сухандонӣ зоҳир намуда тавассути забони неруманду ғании худ шахсияту табиати персонажҳоро пурра мекунад. Лекин дар ҷараёни тарҷумаи асарҳои нависанда маъноҳои нозуки баъзе вожаҳо аз ҷониби тарҷумонҳо дуруст дарк нагардидааст ё бинобар омилҳои забонӣ ва фарҳангӣ дар тарҷума дуруст интиқол наёфтаанд. Ин нозукиҳои забонӣ ва тафсири нодурусти баъзе вожаҳо метавонанд ба тасвири шахсияти қаҳрамонҳо таъсири ҷиддӣ расонанд ва дарки

хонандаро аз хусусият ва хулқу атвор (характер)-и аслии онҳо дур созанд.

Масалан:

«温两碗酒，要一碟茴香豆。» 便排出九文大钱。(матни асл) [5, 293]

— Подогрей две чарки вина и порцию бобов! — И тут же выкладывал девять медяков. (Тарҷумаи Н. Федоренко, 1971) [7, 60]

— Две чашки вина и чашку бобов! — и тотчас выкладывал девять медяков. (Тарҷумаи Н. Федоренко, 1945) [3, 66]

— Ду пиёла вино ва як пиёла лубиё! — ва дарҳол нуҳ пули сиёҳ бароварда медод. (Тарҷумаи Ҳ. Аҳрорӣ, 1950) [9, 39]

Лу Син барои тасвири амали пардохти қаҳрамон феъли «排»-ро истифода мебарад. Феъли «排» (талаффуз — пай) дар ин ҷумла дорои ду маъно аст: яке он ки персонаж бо диққат ва эҳтиёткорона тангаҳоро рӯйи пешдӯкон мемонад ва дигаре он ки тангаҳоро дар як қатор бо тартиб мегузорад. Аз ин ҳаракати нозук дида мешавад, ки қаҳрамон он қадар сарватманд нест ва ӯ тангаҳои худро як чизи қиматбаҳо шумурда, бо онҳо хеле эҳтиёткорона муносибат мекунад. Вай тангаҳоро дар як қатор бо тартиб гузошта, гӯё ба хизматгор ва дигарон фаҳмонданӣ мешавад, ки нуҳ танга комилан дуруст аст, на каму на зиёд, то бовиҷдонии худро исбот кунад ва худро шахси сарватманд ҳам нишон диҳад. Ва инчунин хешро аз дигарон, яъне аз намояндагони қабати меҳнаткаш, фарқ кунонад.

Дар тарҷумаҳои русӣ феъли «выкладывать» ба маънои «排» баробар нест, зеро «выкладывать» танҳо маънои «бароварда гузоштан»-ро дорад. Дар ҳоле ки дар тарҷумаи тоҷикӣ «бароварда медод» низ маънои пурраи феъли «排»-ро дуруст интиқол надодааст. Ва ҳаракати бароварда гузоштан дар забони чинӣ низ бо феъли дигар – «放» (талаффуз — фан) ифода мешавад. Бинобар ин, дар чунин тарҷумаҳо худнамоии қаҳрамон ба таври комил инъикос наёфтааст.

Ба назари мо, ҷумлаи мазкур ба таври зайл бояд тарҷума мешуд:

«— ва тангаҳоро фавран рӯйи пешдӯкон дар як қатор мемонд».

Акнун мисоли дигаре меорем:

他从破衣袋里摸出四文大钱，放在我手里 (Матни асл) [5, 297]

Кун вытащил из рваного кармана четыре медяка и дал мне. (Тарҷумаи Н. Федоренко, 1971) [7, 63]

Кун И-цзи вытащил из кармана рваного халата четыре медяка и положил мне в руку. (тарҷумаи Н. Федоренко, 1945) [3, 71]

Хун И-цзи аз кисаи ҷомаи даридааш чор пули сиёҳ бароварда ба дасти ман дод. (Тарҷумаи Ҳ. Аҳрорӣ, 1950) [9, 42]

Маънои феъли «摸» (талаффуз — мо) «бо даст кофтан ё ҷустуҷӯ кардан» мебошад. Қаҳрамон даруни ҷомаи даридааш даст-даст карда кофт ва аз он ҷо чор пули сиёҳ бароварда ба дасти «ман» дод. Феъли «摸» мушкилии амали персонажро нишон медиҳад, ки он бо амали пардохти пештарааш, яъне феъли «排» (дар як қатор бо тартиб гузоштан), муқоисаи равшан менамояд.

Ин дар ҳикоя охирин борест, ки қаҳрамон барои харидани май пайдо мешавад. Пас аз он ки дигарон пойҳои ӯро шикастанд, зиндагии ӯ боз ҳам душвортар шуд. Аз ин рӯ, бо дарназардошти вазъи ҷисмонӣ ва руҳии онлаҳзаинаи ӯ амали баровардани пулаш бояд оҳиста ва суст сурат гирад.

Истифодаи феъли «摸» ба хонанда имкон медиҳад, ки бенавоии қаҳрамон ва ҳолати ногувори ӯро ҳангоми харидани май беҳтар эҳсос кунад.

Дар тарҷумаҳои русӣ феъли «вытащить» маънои «баровардан, берун кашидан»-ро дорад, ки ба маънои феъли «摸» пурра баробар нест. Инчунин дар тарҷумаи тоҷикӣ «бароварда» низ маънои «摸»-ро ба хонандагон дақиқ расонда наметавонад. Барои дар тарҷума нишон додани симои табиии қаҳрамон зарурат ба интихоби вожаҳои мувофиқтар пеш меояд. Ба андешаи мо, ҷумла бояд чунин тарҷума мешуд:

«Хун Йиҷӣ кисаи ҷомаи даридаашро кофта-кофта, чор пули сиёҳ бароварда ва ба дасти ман гузошт».

Боз як мисол овардан мумкин аст:

见他满手是泥，**原来他便用**这手走来的。不一会，**他喝完酒，便又在旁人的**说笑声中，**坐着用**这手慢慢走去了。(Матни асл) [5, 297]

Его пальцы были в грязи — ведь он передвигался на руках. Осушив чашку, он медленно пополз, сопровождаемый взрывами смеха. (Тарҷумаи Н. Федоренко, 1971) [7, 63]

Его рука была в грязи, он ползал на руках. Он быстро выпил вино и, под взрыв весёлого смеха, медленно пополз, опираясь на руки. (Тарҷумаи Н. Федоренко, 1945) [3, 71]

Дасти ӯ лойолуд буд: дастонашро ба замин такя дода хазида мегашт. Ӯ виноро зуд нӯшида, дастонашро ба замин такя дода, оҳиста-оҳиста хазида баромад. Ҳама аз паси ӯ қоҳ-қоҳ зада механдиданд. (Тарҷумаи Ҳ. Аҳрорӣ, 1950) [9, 42]

Барои тасвири ҳаракати қаҳрамон, ки пойҳояш шикаста буданд, Лу Син аз феъли «**走**» (талаффуз — зо) (роҳ рафтан) истифода бурдааст, ки маъмулан барои тасвири одамони солим ба кор меравад. Гарчанде ки «хазидан» воқеиятро дақиқтар инъикос мекард, Лу Син қасдан ду маротиба «**走**» (роҳ рафтан)-ро истифода намудааст. Бо дарназардошти маҳорати баланди забондонии нависанда ва эҳтиёткории ӯ дар интихоби вожаҳо, истифодаи ғайримаъмулии «**走**» (роҳ рафтан) ҳадафи ҷалби таваҷҷуҳи хонандагонро дорад. Лу Син махсусан аз фарқияти байни «роҳ рафтан» ва «хазидан» истифода бурда, бо содатарин калимот ҳайрат ва андӯҳи худро нисбат ба сарнавишти фоҷиавии қаҳрамон ба таври фурӯтанона ифода менамояд. Ин тарзи баён фазои фоҷиавиро таҳким бахшида, ба дили хонанда таъсири амиқ мерасонад.

Аммо тарҷумон, бо такя ба маънои маъмулӣ, бо иваз кардани «**用**这手走来» (бо дастон роҳ рафтан) ба «ползать на руках» (бо дастон хазидан) ва «поползти, опираясь на руки» (бо такя ба дастон хазидан) гарчанде маънои воқеиашро расонидааст, аммо ҳамзамон таъсири услубии матни аслиро заиф кардааст. Дар тарҷумаи тоҷикӣ низ метавон чунин тарзи коркарди вожаҳоро мушоҳида кард, масалан, «дастонашро ба замин такя дода хазида мегашт» ва «дастонашро ба замин такя дода, оҳиста-оҳиста хазида баромад». Аз ин рӯ, ба назари мо, барои ин ҷумлаҳо тарҷумаи зерин шояд мувофиқтар бошад:

«Ангуштони ӯ пур аз лой буд: ӯ бо дастонаш роҳ гашта омадааст. Баъди зуд нӯшидани шароб ӯ аз миёни хандаву масхараи дигарон бо дастонаш оҳиста роҳ гашта рафт».

2. **Инъикоси услуби классикию китобии забони осори Лу Син.** Забони Лу Син дорои услуби хоси худ мебошад: гарчанде ки ӯ бо байхуа (забони гуфтории чинӣ) эҷод мекард, одатан баъзе унсурҳои вэнян (забони классикии чинӣ)-ро ба забони осораш ворид менамуд. Нависанда забони шевагии маҳаллӣ ва классикии адабиро ба ҳам омезиш додааст, ки яке аз хусусиятҳои муҳими эҷодиёти ӯ ба шумор меравад. Ин омезиши байхуа ва вэнян воқеияти давраи тағйироти забонӣ ва иҷтимоиро инъикос мекунад, ки ҳам анъанаҳои забониро нигоҳ медошт, ҳам ба содагардонӣ ва рушди забони муосир мусоидат мекард. Истифодаи бамавриди забони гуфторӣ ва классикӣ барои офаридани симои комил ва равшани қаҳрамонҳо кӯмак мекунад ва, инчунин, хусусияти танзомез ва ҳисси ҳаҷвии осорро тақвият мебахшад. Ин услуб, бешубҳа, душвории тарҷумаро зиёд мекунад, зеро дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ шаклҳои мутобиқ ба он мавҷуд нестанд. Барои ҳамин тарҷумонҳоро мебоист, ки аз унсурҳои дигари муассири забонӣ истифода баранд.

Ҳоло як мисол меорем:

«窃书不能算偷……窃书！……读书人的事，能算偷么？» (Матни асл) [5, 293]

— Взять книгу не значит воровать... Взять книгу... Для образованного человека дело обычное... Разве это воровство? (Тарҷумаи Н. Федоренко, 1971) [7, 60]

— Взять книгу, это ещё не воровство... У грамотных людей это самое обычное дело... Разве это можно назвать воровством? (Тарҷумаи Н. Федоренко, 1945) [3, 66]

— Китобро гирифтан – дуздӣ ҳисоб намешавад... Дар байни одамони маълумотнок ин кори одитарин аст... Магар инро дуздӣ номидан мумкин аст? (тарҷумаи Ҳ. Аҳрорӣ, 1950) [9, 39]

Хун Йичӣ қасдан дар суханаш аз забони адабӣ ва классикӣ истифода мебурд, то мақоми худашро ҳамчун шахси бофарҳанг ҳифз намояд. Вале чунин сабки забон бо муҳити атрофи ӯ мувофиқат надошт. Ӯ бо нутқи худ кӯшиш мекард, ки эҳтироми атрофиёнро ба даст орад, аммо дар асл ин вазъияти ӯ ҳам хандаовар ва ҳам ғамангез ба назар менамуд.

Ҳангоме ки ӯро ба дуздӣ айбдор мекунанд, Хун Йичӣ гуноҳи худро эътироф намекунад, балки бо ҳар роҳ мекӯшад, ки худро сафед намуда, кирдорашро сабуктар нишон диҳад. Дар матни аслӣ калимаи «窃» (талаффуз — че) истифода шудааст, ки ба маънои «дуздидан» наздик аст, аммо тобиши расмӣ ва услуби классикӣ дорад. Баръакс, «偷» (талаффуз — то) ба маънои «дуздидан» бештар дар гуфтори рӯзмарра истифода мешавад. Ва ин чумларо метавонем айнан чунин тарҷума кунем: «Рабудани китоб дуздӣ ҳисоб намешавад».

Тарҷумони рус калимаи «窃»-ро бо «взять» тарҷума кардааст, ки маънои «гирифтан» ва «киро кардан»-ро дорад. Ҳарчанд ин калима сатҳи расмияти «窃»-ро пурра ифода намекунад, он кӯшиши қаҳрамонро барои сафед кардани худ ва нишон додани дуздии китоб ҳамчун як амали ғайричиноятӣ зоҳир мекунад. Тарҷумони тоҷик низ мисли тарҷумони рус барои «窃» «гирифтан»-ро истифода кардааст, ки ҳам кӯшиши қаҳрамонро барои сабук кардани гуноҳи худ ва ҳифзи обрӯяш инъикос менамояд. Мо ҳам ин тарзи коркардро пайгирӣ карда, тарҷумаи худро пешниҳод менамоем:

«— Гирифтани китоб дуздӣ ҳисоб намешавад... Гирифтани китоб!... Барои одамони маълумотнок... Магар инро дуздӣ номидан мумкин аст?»

Сабки забонии Хун Йичӣ чузъи чудонашавандаи сарнавишти фоҷиавии ӯст. Барои ӯ забон ягона василаест, ки бо ёрии он худро аз дигарон фарқ мекунонад ва мақоми худро ҳифз мекунад, вале маҳз ҳамин восита нотавонӣ ва нокомиашро ошкор карда, ӯро аз ҷомеа дур месозад. Ва ин метавон дар мисоли зерин мушоҳида кард.

他对人说话，总是满口之乎者也，教人半懂不懂的。(Матни асл) [5, 293]

Он так обильно уснащал свою речь архаизмами, вроде дабы и паки, что его почти никто не понимал. (Тарҷумаи Н. Федоренко, 1971) [7, 60]

Свою речь Кун И-цзи обильно уснащал непонятными выражениями из старых книг, и слушатели его понимали не более половины из того, что он говорил. (тарҷумаи Н. Федоренко, 1945) [3, 66]

Хун И-цзи дар аснои гап заданаш бисёр калимаҳои номафҳуми аз китобҳои кӯҳна гирифташударо кор мефармуд, ва сомеон аз гуфтаҳои ӯ фақат нисфашро мефаҳмиданду халос. (Тарҷумаи Ҳ. Аҳрорӣ, 1950) [9, 39]

Вожаи «之乎者也» аз чаҳор ҳиссачаи серистеъмоли забони классикии чинӣ иборат аст, ки дар якҷоягӣ архаизмҳо (вожаҳо ва ибораҳои аз истеъмол баромада, куҳнашуда)-ро ифода мекунад.

Дар соли 1945 маънои «之乎者也»-ро тарҷумони рус Н. Федоренко бо «непонятные выражения из старых книг» ифода кардааст. Дар соли 1971 номбурда тарҷумаи худро такмил дода, бо «архаизмы, вроде дабы и паки» маънои аслиашро ба хонандагон расондааст, ки назар ба тарҷумаи соли 1945 равшантару ҷаззобтар менамояд. Тарҷумон барои ба таври комил интиқол кардани маънои «之乎者也», яъне архаизм, махсусан дуто калимаи куҳнашудаи русиро интихоб карда, онҳоро ҳамчун мисол ба матн ворид кардааст, ки симои «бофарҳангӣ»-и Хун Йичӣ барои хонандагони рус наздиктару фаҳмотар намудааст. Тавассути ин тағйири зоҳирӣ метавон дид, ки Н. Федоренко маҳорати тарҷумонии худро баланд бардошта, матнро боз ҳам равшантар ва ба мазмуни матни аслӣ хеле наздиктар гардонидааст.

Ва тарҷумони тоҷик бо такя ба гунаи соли 1945 айнан чунин баргардон кардааст: «калимаҳои номафҳуми аз китобҳои кӯҳна гирифташуда». Ин матнро метавонем низ бо услуби тарҷумони русӣ мукаммал кунем. Яъне, дуто калимаи куҳнаи забони китобии тоҷикиро истеъмол кардем, ки ба ҳиссачаҳои забони классикии чинӣ мувофиқат доранд. Дар асоси тарҷумаҳои дар боло зикргардида варианти худро пешкаш мекунем:

«Ӯ дар суханронии худ архаизмҳои «эдун», «эдар» ва ба мисли онҳоро чунон фаровон истифода мебурд, ки қариб ҳеҷ кас ӯро пурра дарк намекард».

Ҳамчунин вожаи «之乎者也», ки архаизмҳоро ишора мекунад, дар ҳикоя борҳо истифода шудааст, ки он барои тасвири хусусияти асосии суханронии Хун Йичӣ хизмат мекунад. Ва ба назар чинин менамояд, ки Хун бештар дар лаҳзаҳои хеле ногувори худ ва дар муҳити хандаву масхараи атрофиён аз вожаҳою иборoти куҳнашуда истифода бурдааст, то ки обрӯяшро то андозае ҳифз намояд.

Масалан, дар ҳолате ки дигарон бо мақсади масхара кардани Хун Йичӣ аз ӯ мепурсиданд, ки чаро солҳо хонда бошад ҳам, дар озмунҳо барои ишғоли

вазифа ҳеҷ бор муваффақ нашудаст, Хун зуд ба изтироб омада, рангаш тира мегашт ва ҳамзамон ба забони кӯҳнаю душворфаҳм мақоми худро нигоҳ медошт. Ё дар ҳолате ки Хун Йиҷиро ба дуздӣ айбдор карда буданд, ӯ дар ин лаҳза ҳам бо роҳи забони китобии нофаҳмо худро сафед кард. Маълум мешавад, ки дар тарҷумаи русии соли 1971 барои ифодаи архаизм дар чунин ҳолатҳо калимаҳои «дабы» ва «паки» низ истеъмол гардидаанд. Мо дар ин асос тарҷумаҳои тоҷикиро ҳам такмил дода, матнҳои навро пешниҳод мекунем.

孔乙己立刻显出颓唐不安模样，脸上笼上了一层灰色，嘴里说些话；这回可是全是之乎者也之类，一些不懂了。(Матни асл) [5, 293]

Тут Кун сразу же сникал, становился серым и в волнении начинал сыпать своими «дабы» и «паки». (Тарҷумаи Н. Федоренко, 1971) [7, 60]

Кун И-цзи огорчался, снова бледнел и начинал взволнованную речь на непонятном литературном языке. (Тарҷумаи Н. Федоренко, 1945) [3, 66]

Дар ин гуна мавридҳо Хун И-цзи вазъияти оромиашро якбора гум мекард, ранги рӯяш тира мегардид ва ӯ ба забони адабии номафҳум ким-чӣ хел чизҳо мегуфт. (Тарҷумаи Ҳ. Аҳрорӣ, 1950) [9, 39]

«Хун Йиҷӣ якбора ба ҳаяҷон омад, рангаш тира гашт ва ба гуфтани «эдун» ва «эдар»-ҳои худ шуруъ кард». (Тарҷумаи мо)

接连便是难懂的话，什么»**君子固**穷»，**什么**»**者乎**»**之**类，(Матни асл) [5, 293]

Затем следовало нечто непонятное, вроде «Совершенный муж тверд в бедности», «дабы», «паки», и все в таком духе. (Тарҷумаи Н. Федоренко, 1971) [7, 60]

Затем он говорил какие-то мало понятные слова, например: «Совершенный муж тверд в нищете». (Тарҷумаи Н. Федоренко, 1945) [3, 66]

Баъд аз он ӯ ким-чӣ хел гапҳои номафҳум мегуфт, масалан: «Одами мӯътабар аз қашшоқӣ шикоят намекунад». (Тарҷумаи Ҳ. Аҳрорӣ, 1950) [9, 39]

«Баъд ким-чӣ хел гапҳои нофаҳмо гуфт, ба мисли «Марди комил дар камбағалӣ ҳам устувор аст», «эдун», «эдар» ва чизҳои ба ҳамин монанд». (Тарҷумаи мо)

Ва бояд қайд кунем, ки Хун Йиҷӣ дар нутқи худ одатан аз афоризмҳои Конфутсий истифода бурдааст, ки дорои услуби классикию китобӣ мебошанд. Тарзи тарҷумаи чунин афоризмҳо бо ҳолатҳои мушаххас зич алоқаманд аст. Яъне, тарҷумон бояд андешад, ки бештар маънои он афоризмҳо ба хонанда расонида шавад ё хусусиятҳои услубиаш инъикос ёбад, ё ҳардуяшон. Масалан, дар мисоли боло «**君子固**穷» ҳам яке аз афоризмҳои Конфутсий мебошад, ки ба назари мо, дар тарҷума беҳтар аст мазмунаш мустақиман (бе дарназардошти хусусиятҳои услубиаш) «Марди комил дар камбағалӣ ҳам устувор аст» интиқол карда шавад. Чунки дар ҳамон ҳолат дигар ишораҳо, ба мисли «эдун», «эдар» ва «гапҳои нофаҳмо», аллакай вижагиҳои услубиашонро муайян намудаанд. Ғайр аз ин, худи мазмуни ин афоризм низ хеле амиқ аст. Барои ҳамин зарурати нигоҳ доштани хусусияти шаклиаш дар тарҷума он қадар шарт нест. Аммо дар ҳолати зерин вазъият мураккабтар аст.

直起身又看一看豆，自己摇头说，»**不多不多！多乎哉？不多也。**» (Матни асл) [5, 295]

Выпрямив тело, он опять смотрел на бобы и, покачивая головой, повторял: — Немного, немного! Ах, ну разве здесь много? Немного? (Тарҷумаи Н. Федоренко, 1971) [7, 62]

Потом выпрямлялся и смотрел на бобы, покачивая головой.

— Немного. Разве здесь много? Совсем немного. (Тарҷумаи Н. Федоренко, 1945) [3, 69]

Баъд сар бардошта ба лӯбиё нигоҳ мекард ва сарашро меҷунбонд.

— Кам мондааст. Магар ин бисёр аст? Хеле кам. (Тарҷумаи Ҳ. Аҳрорӣ, 1950) [9, 41]

Баъд рост шуда, ба лӯбиё боз нигоҳ кард ва сарашро ҷунбонда такрор мекард:

— Бисёр не, бисёр не! Магар ано оканда аст? Оканда нест. (Тарҷумаи мо)

Маънои «бисёр ва бисёрӣ» дар забони пешини форсии тоҷикӣ бо вожаи «оканда» ва ҷонишини ишоратии «ин» дар шакли «ано» низ ифода мешудаанд ва ба фикри мо, агар тарҷумон ҷумларо «Магар ано оканда аст? Оканда нест» тарҷума мекард, матлаби нависанда Лу Син пурратар зоҳир мегардид. Дар ин ҳолат калимаҳои куҳнашудаи «ано» ва «оканда»-ро дар поварақ шарҳ додан лозим меомад.

Афоризми «多乎哉？不多也» ҳам аз Конфутсий гирифта шудааст ва шакли пураи он «君子多乎哉？不多也» мебошад, ки маънояш чунин аст: «Магар ба марди комил бисёр маҳорат лозим аст? Бисёр лозим нест». Конфуций тавассути ин суханон таъкид мекард, ки барои шахси комил муҳимтарин чиз шумораи зиёди маҳоратҳо нест, балки ахлоқ ва одоби дуруст мебошад. Ва ин афоризм дар гуфтори қаҳрамон ба шакли кӯтоҳшуда омада, маънои аслии фалсафии худро пурра аз даст додааст. Ин афоризми кӯтоҳшуда аз рӯйи контекст дар матн он маъное дорад, ки «магар лӯбиё бисёр аст? Бисёр нест». Ин тағйироти маъноӣ нишон медиҳад, ки суханони «бомаданият»-и қаҳрамон дар муҳити рӯзгор комилан бемантиқ ва хандаовар менамоянд.

Дар чунин ҳолат, ба назари мо, ҳангоми тарҷумаи ин ҷумла муҳимтар аз ҳама инъикоси услуби классикию китобии афоризм мебошад, зеро маҳз ҳамин вижагии услубӣ ба тасвири симои «бофарҳанг»-и қаҳрамон мусоидат мекунад.

3. **Тарҷумаи унсурҳои фарҳангӣ.** Асарҳои Лу Синро метавон як навъ донишномаи зиндагии мардум донист, ки манзараи ҷомеаи Чини онвақтаро бо ҷузъиёт тасвир мекунанд ва дар онҳо унсурҳои зиёди фарҳанги анъанавӣ, ба мисли расму оинҳои мардумӣ, инъикос ёфтаанд. Таъсири анъанаҳои қадимӣ, урфу одатҳои ҷомеа ва боварҳои мардумӣ дар рафтор ва тафаккури персонажҳо таҷассум меёбад, ки ин унсурҳо барои муассир гардидани образҳо низ нақши муҳим мебозанд.

Аммо ин анъанаҳои фарҳангӣ хусусияти маҳаллӣ доранд ва ҳангоми тарҷумаи осори Лу Син онҳо метавонанд бо сабаби тафовутҳои фарҳангӣ ба таври дақиқ ифода наёбанд. Бисёр мафҳумҳо, аз қабили сохтори иҷтимоии анъанавии Чин, урфу одатҳо ва расму русуми ҷашнҳо ва суннатҳои зиндагии рӯзмарра ба забон ва фарҳанги миллати дигар тамоман мутобиқат надоранд. Аз ин рӯ, тарҷумон бояд на танҳо маънои бевоситаи матнро интиқол диҳад, балки муҳити таърихӣ ва вижагиҳои фарҳангиро низ ба назар гирад ва барои расонидани ин маъниҳои таърихию фарҳангӣ аз усулҳои гуногун, ба монанди шарҳдиҳӣ, истифода барад.

Илова бар ин, Лу Син аз воситаҳои тасвири бадеӣ, масалан, маҷоз, киноя ва рамзҳо, фаровон истифода мебарад ва ин боиси он мегардад, ки баъзе унсурҳои фарҳангӣ на танҳо маълумоти сатҳӣ дошта бошанд, балки онҳо бояд ҷузъи муҳими маънии амиқи асарро ташкил диҳанд.

Акнун як мисолро дида мебароем:

孔乙己是站着喝酒而穿长衫的唯一的人。(Матни асл) [5, 293]

Единственный из всех посетителей в халатах, Кун И-цзи пил вино, стоя у прилавка. (Тарҷумаи Н. Федоренко, 1971) [7, 60]

Кун И-цзи был единственным посетителем в халате, который пил вино, стоя у прилавка. (Тарҷумаи Н. Федоренко, 1945) [3, 65]

Хун И-цзи ягона каси ҷомапӯше буд, ки дар назди пешдӯкон истода вино менӯшид. (Тарҷумаи Ҳ. Аҳрорӣ, 1950) [9, 39]

«长衫» либоси анъанавии чинӣ мебошад, ки то пошна мерасад ва асосан аз ҷониби одамони бофарҳангу сарватманд пӯшида мешавад; дар ҳоле ки «短衣» (куртаи кӯтоҳ), ки барои меҳнат ва фаъолияти ҳаррӯза роҳат аст, асосан аз тарафи одамони одӣ ва меҳнаткаш пӯшида мешавад. Аз ин рӯ, либос низ маънои рамзӣ пайдо кардааст ва табақаҳои гуногуни иҷтимоиро намояндагӣ мекунад.

Табақаҳои коргарон ва деҳқонон, ки куртаи кӯтоҳ мепӯшанд, одатан истода ба пешдукон такя дода, май менӯшанд, дар ҳоле ки одамони дорои мавқеи баланди иҷтимоӣ, ки ҷомапӯш мебошад, бо карруфар ба хонаи алоҳида медароянд, ба ғайр аз май боз чанд хӯрок фармоиш дода, бо тамкин нишаста, мехӯранду менӯшанд. Ҳамин тариқ, усулҳои гуногуни нӯшидан низ ҳамчун рамз мавқеи иҷтимоии одамонро нишон медиҳад.

Аз он ки Хун Йиҷӣ ҷома мепӯшид, вале дар назди пешдӯкон истода май менӯшид, мо метавонем дарҳол вижагии хоси ин шахсиятро дарк кунем: Хун Йиҷӣ маблағе надошт, ки чанд хӯроки дигар фармоиш диҳад, бинобар ин маҷбур буд, ки истода май нӯшад; ӯ дар байни одамони нимтанапӯш ҳам ҷомаи кӯҳнаю даридагии худро мепӯшад, зеро ин ҷома ягона чизе буд, ки бо он фахр карда метавонист.

Ба ибораи дигар метавон гуфт, ки Хун Йиҷӣ ягона касест, ки ба қатори гурӯҳи одамон, ки дорои мансабҳои баланд ва сарват мебошанд, қабул намешавад ва ҳамчунин дар байни табақаи меҳнаткаш низ ҷойи худро ёфта наметавонад. Ва дар тарҷума мо тартиби ҷумларо тағйир медиҳем, то ки мақоми хоси қаҳрамонро дақиқтар таъкид намоем:

«Ягона касе, ки дар тан ҷома ва дар назди пешдӯкон истода май менӯшид, Хун Йиҷӣ буд».

«长衫» ва «短衣» ҳамчун мафҳумҳои хоси анъанаҳои чинӣ дар забону фарҳангҳои дигар мутобиқат надоранд. Ин навъҳои либос аз ҷониби тарҷумони рус ба «халат» ва «куртка» баргардон карда шудаанд, дар ҳоле ки дар матни забони тоҷикӣ ба «ҷома» ва «нимтана» тарҷума гардидаанд. Маълум мешавад, ки тарҷумонҳо ба ҷойи «长衫» ва «短衣» аз калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои маҳаллии ба онҳо монанд истифода бурдаанд. Ба ғайр аз ин, маъноҳои рамзии ин навъҳои либос асосан тавассути контекстҳо ба хонандагон расонда мешаванд. Ва барои дақиқтар интиқол кардани ин маъноҳои рамзӣ тарҷумонон дар баъзе ҷойҳо вожаҳои иловагиро ҳам ворид кардаанд, ба монанди «простой» дар «посетители в простых куртках» ва «побогаче» дар «кто побогаче, в халатах».

Тарҷумонҳо ҳам метавонанд калимаҳои ифодакунандаи либоси хоси чиниро бе тарҷума дар шакли аслиашон «Чаншан» ва «Дуани» истифода намоянд. Ин навъ калимаҳоро дар забоншиносӣ экзотизмҳо мегӯянд. «Экзотизмҳо... калима ва ибораҳое, ки аз забонҳои хориҷии номаълум барои ифодаи моҳияти асосии гуфтугӯи он маҳал иқтибос карда мешаванд:

мадемуазел, сенор, фрау, фрейлен, ҷентлмен, лир, мерси, браво» [11, 215]. Экзотизмҳо вожаҳое мебошанд, ки баръакси калимаҳои иқтибосӣ ба низоми қонунии забон пурра дохил нашудаанд ва асосан дар матнҳои бадеии тарҷумавӣ ба кор бурда мешаванд. Ва ҳангоми ворид кардани экзотизмҳо ба онҳо дар поварақ шарҳ додан ҳатмӣ аст.

Боз як мисол меорем:

孔乙己显出极高兴的样子，将两个指头的长指甲敲着柜台，点头说，(Мат-ни асл) [5, 295]

Кун И-цзи очень обрадовался, постучал по прилавку своими длинными ногтями двух пальцев и одобрительно кивнул головой: (Тарҷумаи Н. Федоренко, 1971) [7, 61]

Кун И-цзи очень обрадовался. Он поднял два пальца, постучал ими по прилавку и одобрительно кивнул головой: (тарҷумаи Н. Федоренко, 1945) [3, 68]

Хун И-тсзи хеле хурсанд шуд. Ӯ бо нохунҳои ду ангушти дарозаш ба рӯи тахтаи пешдӯкон зада, бо ифодаи таҳсин сар ҷунбонд: (Тарҷумаи Ҳ. Аҳрорӣ, 1950) [9, 40]

Нохунҳои дароз дар даврaҳои гузашта ҳам нишонаи мақоми болоӣ ба ҳисоб мерафтанд. Яъне, соҳиби онҳо одатан ба табақаҳои ашрофзодагон тааллуқ дошт. Зеро камбағалон бо дастон меҳнат мекарданд ва бо нохунҳои дароз кор кардан барои онҳо тамоман душвор буд. Нохунҳои дарози Хун Ийчӣ нишон медиҳанд, ки ӯ меҳнати сахти ҷисмонӣ намекард. Бо ин нохунҳо ӯ саъю кӯшиш менамуд, ки худро аз дигарон фарқ кунонад. Ҳамзамон, ин ба хусусиятҳои шахсияти Хун Ийчӣ комилан мувофиқ аст: худро волотар мешуморид ва намехост бо «одамони нимтанапӯш» ҳамроҳ бошад.

Аз тарҷумаҳои дар боло зикргардида дида мешавад, ки дар матни соли 1945 тарҷумони рус Н. Федоренко ба «нохунҳои дароз» сарфаҳм нарафта, маънояшро ба хонандагон дуруст нарасондааст. Ҳ. Аҳрорӣ ҳангоми тарҷума ба гунаи соли 1945 такя карда, ин хаторо боз такрор намудааст. Дар матни соли 1971 Н. Федоренко ҳамин ғалатро ислоҳ карда, ба матни худ шарҳи иловагиро ворид кардааст. Мо дар навбати худ тарҷумаи тоҷикиро такмил дода, бо андаке тағйир – таъкид бар нохунҳои дароз, пешниҳод менамоем:

Хун Ийчӣ хеле хурсанд шуда, бо нохунҳои дарози ду ангушташ ба рӯйи пешдӯкон тақ-тақ зада, бо ишораи таҳсин сар ҷунбонд.

Як мисоли дигар овардан мумкин аст:

到了年关，掌柜取下粉板说，»**孔乙己**还欠十九个钱呢！»**到第二年的端午**，**又**说»**孔乙己**还欠十九个钱呢！»**到中秋可是没有**说，再到年关也没有看见他。(Матни асл) [5, 297]

В канун Нового года хозяин, сняв доску, сказал:

— А за Куном все еще должок в девятнадцать медяков.

В следующем году перед летним праздником хозяин опять вспомнил:

— А за Куном все еще девятнадцать монет!

Но в осенние праздники хозяин его уже не вспоминал. Не появился он и в канун Нового года. (Тарҷумаи Н. Федоренко, 1971) [7, 63]

Помню, когда наступил конец года, хозяин, сняв доску должников, сказал:

— А за Кун И-цзи всё еще остаётся должок в девятнадцать медяков!

Когда на следующий год наступил праздник пятого мая, хозяин повторил:

— А за Кун И-цзи всё еще остаётся должок в девятнадцать монет!

Но к осеннему празднику он уже ничего не сказал. Кун И-цзи не появился и в конце года. (Тарҷумаи Н. Федоренко, 1945) [3, 71]

Дар хотир дорам, ки дар охири сол хӯҷаин тахтачаи карздоронро ба даст гирифта, гуфт:

— Хун И-тсзи ҳамон нуздаҳ пули қарзашро ҳоло ҳам надодааст.

Вақте ки соли дигар иди панҷӯми май расид, хӯҷаин боз гуфт:

— Хун И-тсзи нуздаҳ пул қарзашро ҳоло ҳам надодааст.

Аммо пеш аз иди тирамоҳӣ хӯҷаин дигар ҳеҷ чиз нагуфт: Хун И-тсзи дар охири сол ҳам наёмад. (Тарҷумаи Ҳ. Аҳрорӣ, 1950) [9, 42]

«年关» (талаффуз — ниянгуан) (Соли нави чинӣ), «端午» (талаффуз — дуану) ва «中秋»(талаффуз — ҷунтсию) ҷашнҳои анъанавии чинӣ мебошанд. Дар матнҳо ҳамчун рамзҳои ифодакунандаи вақт хизмат мекунанд. Арафаи соли нави чинӣ дар охири моҳи декабри тақвими кишоварзии чинӣ буда, одатан дар моҳҳои январ-феврали тақвими нав фаро мерасад. Дуануро, ки ҳар сол бо тақвими кишоварзии чинӣ 5-уми май (моҳҳои май-июн бо тақвими нав) ҷашн мегиранд, як иди фасли тобистон шумурдан мумкин аст. Ҷунтсию бо тақвими кишоварзии чинӣ ба 15-уми август (бо тақвими нав моҳҳои сентябр-октябр) фаро мерасад, ки онро як ҷашни фасли тирамоҳ мешуморанд.

Як урфу одате, ки то имрӯз дар Чин боқӣ мондааст, ин аст, ки то фаро расидани иди калон, ба монанди Соли нави чинӣ, Дуану ва Ҷунтсию, ҳамаи қарзҳо бояд адо карда шаванд. Барои ҳамин хӯҷаин дар арафаи ҳар як иди калон ҳисоб карда, Хун Иҷиро ба хотир меовард, зеро ӯ ҳанӯз нуздаҳ танга қарзро барнагардондааст. Ва аз ин ҷо бечорагию нодории Хун Иҷӣ маълум мешавад: дигарон маҳз ҳангоми ба ҳисоб гирифтани қарзҳо ӯро ба ёд меоранд.

Тарҷумаи номи чунин идҳо кори сангину душвор аст. Метавонем онҳоро бе тарҷума ба таври экзотизм дар шакли «Дуану» ва «Ҷунтсию» истифода намуд. Ва дар ин ҳолат ба идҳо дар поварақ шарҳ додан лозим аст. Бо ин усул ба хонандагон мансубият ва хусусияти фарҳангӣ доштани онҳо дақиқтар расонида мешавад. Мо ҳам метавонем мисли тарҷумонони рус ва тоҷик бо усули дигар «Дуану»-ро ба «Иди 5-уми май» ё «Иди тобистонӣ», «Ҷунтсию»-ро ба «Иди 15-уми август» ё «Иди тирамоҳӣ» баргардон кунем, ки ба назари мо, барои ишораи вақт мувофиқ ва равшантар менамояд. Мо варианти худро пешниҳод мекунем:

«Дар арафаи соли нав хӯҷаин тахтачаро аз девор гирифта, гуфт:

Хун Иҷӣ нуздаҳ пули сиёҳ қарзашро ҳоло ҳам надодааст.

Вақте ки соли дигар иди 5-уми май фаро расид, хӯҷаин боз гуфт:

Хун Иҷӣ нуздаҳ танга қарзашро ҳоло ҳам надодааст.

Аммо пеш аз иди 15-уми август хӯҷаин дигар он гапҳоро такрор накард. Дар арафаи соли нав Хун Иҷӣ ҳам пайдо нашуд».

4. Таъсири тарҷумаи бавосита. Бояд қайд кард, ки осори Лу Син на аз матнҳои асли чинӣ, балки аз тарҷумаҳои русӣ ба забони тоҷикӣ баргардон шудаанд. Чунин тарзи тарҷумаи бавосита аз давраи шуравӣ оғоз ёфта, то ба имрӯз ҳам давом дорад. Сабаби асосии чунин ҳолат дар он аст, ки мутахассисоне, ки ҳам забони чинӣ ва ҳам забони тоҷикиро дар сатҳи олӣ медонанд ва метавонанд тарҷумаи адабиро анҷом диҳанд, ҳатто имрӯз низ ангуштшумор мебошанд. Аммо маҳз ба шарофати ин тарзи бавосита тарҷумаи осори Лу Син ва дигар адибони чинӣ ба забони тоҷикӣ дар як муддати кӯтоҳ (солҳои 50-уми асри XX) имконпазир гардид ва хонандагони тоҷик фурсат пайдо карданд, ки бо забони модарии худ ба мероси ғании фарҳангию адабии Чин ошно шаванд.

Аз ҷониби дигар, тарҷумаи бавосита бо истифода аз забони русӣ ҳамчун забони миёнарав то андозае тасаллути фарҳангии Иттиҳоди Шуравиро инъикос мекунад, зеро забони русӣ дар интиқоли дониш ва фарҳанг ҳамеша мавқеи марказӣ дошт. Дар давраи пасошӯравӣ, гарчанде ки кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ба истиқлоли сиёсӣ ноил гардиданд, таъсири фарҳангӣ боқӣ монда, забони русӣ ҳамчун забони миёнарав аҳамияти худро аз даст надодааст.

Тарҷумаи бавосита, бешубҳа, ба сифати матни тарҷумашуда таъсири амиқ мерасонад. Ҳангоми тарҷумаи осори Лу Син тарҷумонони тоҷик ба матнҳои аслашон дастрасӣ надошта, фақат ба матнҳои русиашон такя карда метавонистанд, ки ин равиш баъзе мушкилиҳоро ба вуҷуд овардааст. Тарҷумаи

бавосита таҳти таъсири луғат, сохтори грамматикӣ ва хусусиятҳои фарҳангии забони русӣ (забони миёнарав) қарор мегирад, ки ин метавонад боиси таҳрифҳои маъноӣ ва тағйири услуб гардад. Яъне, тарҷумаи тоҷикӣ аз тарзи фаҳмиш ва усули тарҷумаи русӣ вобаста мебошад ва ин сабаб мегардад, ки унсурҳои субъективии тарҷумони русӣ дар матни тоҷикӣ ҳам зоҳир гарданд.

Худи Лу Син ҳамчун тарҷумон ба эътимоднокии тарҷумаи бавоситаи худ низ боварии комил надошт: «Ман се нусхаи тарҷумаи «Торумор»-ро дорам – ба забонҳои англисӣ, олмонӣ ва ҷопонӣ ва дар баъзе ҷойҳо ин се гуна аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ин чиз маро хеле маъюс мекунад. Аммо, новобаста аз ин, ман мехоҳам ин китобро тарҷума кунанд, то ки ҳадди ақал як нусхаи он вуҷуд дошта бошад» [6, 278]. Ҳамин аст, ки хатоҳои тарҷумаи бавосита дар аксар ҳолат аз ғалатҳои забони миёнарав сарчашма мегиранд. Масалан, Ҳ. Аҳрорӣ «нохунҳои ангушти дароз» тарҷума намудааст, ҳол он ки дар матни асл гап сари нохунҳои дароз, ки рамзи табақаи болоии ҷомеа аст, меравад. Маълум мешавад, ки тарҷумони рус ба «нохунҳои дароз» таваҷҷуҳи кофӣ надода, онро ба «нохунҳои ангушти дароз» табдил додааст. Тарҷумони тоҷик ҳангоми тарҷума ба гунаи русӣ такя карда, ин хаторо боз такрор намудааст.

Албатта, тарҷумаи бавосита баъзе афзалиятҳо низ дорад. Зеро дар ин раванд, ҷузъиёти зиёди мураккабе, ки тарҷумаи онҳо душвор аст, қаблан аз ҷониби тарҷумони аввал коркард шудаанд, ки ин кори тарҷумони бавоситаро то андозае осонтар мекунад. Илова бар ин, тарҷумони боэътимод дар мавридҳои душворфаҳм на танҳо эзоҳҳои иловагӣ мегузорад, балки маънои норӯшани матнро равшантар месозад, ҳол он ки чунин эзоҳҳо дар матни аслӣ ҳатман вуҷуд надоранд.

Ғайр аз ин, матни тарҷумаи бавосита ба фарҳанги маҳаллӣ наздиктару аз матни асл дуртар мешавад. Масалан, тарҷумони рус аллакай тарҷумаи чиниро ба фарҳанги русӣ наздиктар сохтааст. Дар навбати худ, тарҷумони тоҷик, бо нигоҳ доштани ин тағйирот, барои мутобиқ сохтани матн ба муҳити фарҳангии тоҷикӣ боз ислоҳоти иловагӣ ворид мекунад, то ки «ин асарҳоро хонандаи тоҷик чун асари ба тоҷикӣ навишташудае хонад ва завқ барад» [14, 114]. Масалан, дар тарҷумаи тоҷикӣ номи каҳрамон «Кун И-тсзи» буда, Ҳ. Аҳрорӣ дар матни худ насабашро ба «Хун» табдил додааст. Чунки «кун» дар фарҳанги тоҷикӣ маънои вулгарӣ дорад, ки боиси ассотсиатсияи номувофиқи хонандагон мегардад. Ҳ. Аҳрорӣ барои пешгирӣ аз чунин таҳрифи нолозим ҳарфи аввали вожаро ба овози ба он наздик тағйир додааст.

Умуман, тарҷумаи осори Лу Син аз тарҷумон маҳорати баланд ва дониши васеъ талаб мекунад. Пеш аз ҳама, тарҷумон бояд матни аслиро ба таври амиқ дарк намояд, бо услуби омезиши забони гуфторӣ ва классикии нависанда шинос бошад ва тавонад бо истифода аз унсурҳои гуногуни забонӣ онро дар тарҷума бозсозӣ кунад. Ғайр аз ин, тарҷумон бояд на танҳо забонро хуб донад, балки бо таърих ва фарҳанги чинӣ, инчунин ҷаҳонбинии замоне, ки асар дар он таълиф шудааст, ошно бошад. Танҳо дар ин сурат метавон аз ғалатҳои маъноӣ ва гум шудани иттилоот, ки дар натиҷаи тарҷумаи бавосита ба миён меоянд, ҷилавгирӣ кард ва мазмуни осорро ба таври воқеӣ ва пурра ба хонанда расонид. Ҳамзамон, тарҷумонро лозим аст, ки хусусиятҳои фарҳанги маҳаллиро низ ба назар гирад ва матни тарҷумаро то андозае ба фарҳангу муҳити миллии худ мутобиқ созад, то он барои хонандагон фаҳмотар ва таъсирбахштар гардад.

КИТОБНОМА

1. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / Х. Асозода – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.

2. Исмоилова, Д. Ҳ. Муруре ба зиндагинома ва эҷодиёти Ҳабиб Аҳрорӣ // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров. Илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2023. №1 (74). – С. 226-231.

3. Лу, Синь. Избранное: перевод с китайского. Под редакцией Вл. Рогова /

Синь Лу. – Москва: Художественная литература, 1945. – 214 с.
4. Лу, Синь. Избранное: перевод с китайского. Под редакцией Вл. Рогова. / Синь Лу.– Москва: Художественная литература, 1952. – 203 с.
5. Лу, Син. Куллиёт. 20 Ҷ. – Пекин: Нашриёти адабиёти мардуми Чин, 1973, Ҷ. 1. – 382 с.
6. Лу, Син. Куллиёт. 12 Ҷ. / Синь Лу. – Пекин: Нашриёти адабиёти мардуми Чин, 2005, Ҷ. 12. – 518 с.
7. Лу, Синь. Повести и рассказы. / Синь Лу. – Москва: Художественная литература, 1971. – 494 с.
8. Лу, Синь. Правдивая история А-Кея: перевод с китайского. Под редакцией Б. А. Васильева. – Ленинград: Прибой, 1929. – 189 с.
9. Лу, Син. Хун Йиҷӣ // Шарқи сурх. – Сталинобод, 1950. № 6. С. 38-42.
10. Лу, Син. Ҳикояҳо. / Синь Лу. – Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1952. – 102 с.
11. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ. Китоби дарсӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Девештич, 2007. – 254 с.
12. Мирзоюнус, М. Сабкшиносии насри муосир. / М, Мирзоюнус– Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – 420 с.
13. Ниёзӣ, Шавкат. Адабиёти республикаи демократии Хитой // Шарқи сурх. – Сталинобод, 1950. № 6. С. 26-32.
14. Раҳим, Ҳошим, Имомназар Келдиев. Инсони зариф ва коршинос // Садои Шарқ. – Душанбе, 1983. № 6. С. 113-118.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Мураттибон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода. – Иборат аз ду ҷилд. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 950 с; Ҷ. 2. – 945 с.

МУШКИЛОТИ ЗАБОНИЮ УСЛУБӢ ДАР РАВАНДИ ТАРҶУМАИ ЭҶОДИЁТИ ЛУ СИН (БА ЗАБОНҲОИ РУСӢ ВА ТОҶИКӢ)

Ин мақола ба омӯзиши мушкилоти тарҷумаи эҷодиёти Лу Син ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Лу Син ҳамчун асосгузори адабиёти муосири Чин шинохта мешавад. Асарҳои пурмазмун ва таъсирбахши нависанда ба зиёда аз 50 забон, аз ҷумла забонҳои русӣ ва тоҷикӣ, тарҷума шуда, дар миқёси ҷаҳонӣ шӯҳрат пайдо кардаанд. Тарҷумаи асарҳои Лу Син вазифаи сангину душвор ба ҳисоб меравад ва тарҷумонро водор мекунад, ки аз садду монеаҳои зиёде гузарад. Муаллиф мушкилоти забонию сабкиро, ки дар ҷараёни тарҷумаи эҷодиёти Лу Син аз лиҳози интиқоли нозукӣ дар маънои вожа, инъикоси услуби классикию китобии забон ва тарҷумаи унсурҳои фарҳангӣ ба миён омадаанд, таҳлилу баррасӣ намудааст. Дар мақола таъсири тарҷумаи бавосита низ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Азбаски тарҷумони тоҷик ба матни асл дастрасӣ надоштааст ва тарҷумаи худро тавассути забони русӣ анҷом додааст, дар интиқоли мазмуни баъзе унсурҳо мушкилоте ба вуҷуд омадаанд. Барои муайян кардани мушкилоти гуногуни тарҷума ва усули ислоҳ намудани онҳо муаллиф ҳикояи маъруфи ӯ – «Хун Йиҷӣ»-ро ҳамчун намуна интихоб намуда, тарҷумаҳои онро ба забони русӣ (ду нусхаи гуногун) ва ба забони тоҷикӣ (як нусха) бо ҳамдигар муқоиса кардааст.

Калидвожаҳо: *Лу Син, тарҷума, тарҷумаи бавосита, ҳикояи «Хун Йиҷӣ», мушкилоти тарҷума, забон, услуб.*

ЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ И СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ В ПРОЦЕССЕ ПЕРЕВОДА ПРОИЗВЕДЕНИЙ ЛУ СИНЯ (НА РУССКИЙ И ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫКИ)

Данная статья посвящена изучению проблем перевода произведений Лу Синя на русский и таджикский языки. Лу Синь признан основоположником современной китайской литературы. Его содержательные и влиятельные

произведения были переведены более чем на 50 языков, в том числе на русский и таджикский, и получили мировую известность. Перевод произведений Лу Синя представляет собой сложную и трудоёмкую задачу, требующую от переводчика преодоления множества препятствий. Автор анализирует языковые и стилевые сложности, возникающие в процессе перевода произведений Лу Синя, в частности передачу тонких оттенков значений слов, отражение классического и книжного стиля языка, а также перевод культурных элементов. В статье также рассматривается влияние посреднического перевода. Поскольку таджикский переводчик не имел доступа к оригинальному тексту и выполнял перевод через русский язык, возникли определённые трудности в передаче смысла некоторых элементов. Для выявления различных проблем перевода и способов их устранения автор выбрал в качестве примера известный рассказ Лу Синя – «Кун Ицзи» и провёл сравнительный анализ его русского перевода (две разные версии) с таджикским переводом (одна версия).

Ключевые слова: *Лу Синь, перевод, посреднический перевод, рассказ «Кун И-цзи», проблемы перевода, язык, стиль.*

LINGUISTIC AND STYLISTIC CHALLENGES IN THE PROCESS OF TRANSLATING LU XUN'S WORKS (INTO RUSSIAN AND TAJIK)

This article is dedicated to the study of translation challenges in rendering Lu Xun's works into Russian and Tajik. Lu Xun is recognized as the founder of modern Chinese literature. His profound and influential works have been translated into more than 50 languages, including Russian and Tajik, gaining worldwide recognition. The translation of Lu Xun's works is considered a complex and challenging task, requiring the translator to overcome numerous obstacles. The author analyzes linguistic and stylistic difficulties arising in the translation of Lu Xun's works, particularly regarding the transfer of subtleties in word meanings, the reflection of classical and literary language style and the translation of cultural elements. The article also examines the impact of indirect translation. Since the Tajik translator did not have access to the original text and relied on the Russian translation, certain difficulties emerged in conveying the meaning of some elements. To identify various translation challenges and possible solutions, the author selected Lu Xun's famous short story Kong Yiji as a case study, comparing its translations into Russian (two different versions) and Tajik (one version).

Keywords: *Lu Xun, translation, indirect translation, short story Kong Yiji, translation challenges, language, style.*

Дар бораи муаллиф: Ши Сяоюй – докторанти PhD-и кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Е-mail: **xiaoyu.shi@mail.ru.** Тел.: **(+992)117-70-89-77.**

Сведения об авторе: Ши Сяоюй – докторант PhD кафедры современной таджикско-персидской теории и литературы Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **xiaoyu.shi@mail.ru.** Тел.: **(+992)117-70-89-77.**

Information about the author: Shi Xiaoyu – PhD student of the department of modern persian-tajik theory and literature of the Tajik National University. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Email: **xiaoyu.shi@mail.ru.** Phone: **(+992)117-70-89-77.**

ТДУ:889.550.2

САНОӢ ВА СУННАТИ УҚАЛОИ МАҶОНИН ДАР АДАБИЁТИ АСРИМИЁНАГИИ ФОРСУ ТОҶИК

Сайакбар Абдулазиз-зода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Абдулмаҷд Маҷдуд ибни Одам мутахаллис ба Саноии Ғазнавӣ яке аз бузургтарин суханварони адабиёти асримиёнагии форсии тоҷикӣ мебошад, ки пажуҳандагону муҳаққиқон ӯро пешгоми се шохаи барӯманди шеъри мо донистаанд. Яъне ӯ бо қасидаҳои хеш шеъри иҷтимоӣ-интиқодӣ, бо ғазалиёташ шеъри орифонаву қаландарона ва бо маснавиҳояш панду ҳикмати омехта бо омӯзаҳои диниро дар адабиёти мо бунёд гузоштааст, ки пас аз ӯ суханварони дигаре чун Аттор, Мавлавӣ ва Ҳофиз шохаҳои орифонаву ошиқонаи шеъри Саноиро ба камол расонидаанд.

Замонеро, ки Саноӣ ба сар мебурд, метавон даврони зулму ситам номид, ки мардум аз оламу одам бехабар буданд, шоирон бо мадҳу ситоиши шоҳон саргарм мешуданд, ки як марҳилаи муҳимми умри Саноӣ ҳам дар маддоҳию айшу нӯш сипарӣ шудааст ва пас аз ҷазбае, ки ӯро аз хоби ғафлат бедор сохт, чун шоири бедору огоҳ аз ҷабҳаи золимон ба сангари мазлумон омаду шоири мардум шуд ва барои бедории онҳо ранҷу машаққатҳои зиёде кашид. Дар муқобили аҳли зоҳир, ки динро ба шоҳону ҳокимони давр фурӯхта буданд, қиём намуда, ризоияти Худоро дар раҳоӣ ва огоҳии мардум ҷустуҷӯ намуд ва ирфону маънавиёту ахлоқро ҳастаи аслии дин ба шумор овард.

Аз марҳилаи зиндагии моддӣ ба зиндагии маънавӣ ворид шудан, яъне тавба, бозгашт ва таҳаввули дарунию инқилоби маънавӣ яке аз суннатҳои ирфонӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад, ки онро дар истилоҳ «таваллуди дубора», «марги ихтиёрӣ», «бозгашт ба хештан» ва амсоли ин ҳам меноманд. Дар адабиёти тасаввуфӣ ҳикояҳои ҷолибе дар бораи чунин инқилобҳои ботинии орифон мавҷуд аст, ки дар баробари муболиғаву ҷанбаи афсонавӣ доштан, ҳақиқатеро ҳам дар худ ниҳон доштаанд. Табиист, ки барои мондагору хотирмон шудани ҳикояҳо зарур мешавад иғроқу муболиғаҳое ба он афзуда шавад, то мавриди таваҷҷуҳи хонандагону шунавандагон қарор бигирад.

Дар мавриди ба таҳаввули ботинӣ дучор гардидани Саноӣ ҳам ҳикояҳои ҷолиберо нақл кардаанд, ки муҳаққиқон ба таври мухталиф онро шарҳу тавзеҳ додаанд. Абдулҳусайни Зарринкӯб навиштааст, ки «ин инқилоби дарунӣ, ки ғайр аз ӯ барои бисёре аз орифони бузурги дигар низ чун Ғаззолӣ, Аттор, Мавлавӣ даст додааст, бешак гузашта аз як андешаи дароз, ҳодисаи ногаҳонӣ, ки ғолибан дар ҷону дил таъсири қавӣ дорад, дар он муассир будааст. Чунонки, дар аҳволи Буддо, дар аҳволи Паскал, дар аҳволи Мавлавӣ низ як ҳодиса маншаи таҳаввуле шудааст. Дар ҳар ҳол, дар сабаби тавбаи бисёре аз машоих достонҳое нақл шудааст, ки ғолиби онҳо аз ранги афсона холӣ намондааст» [5, 124-125]. Дар сарчашмаҳо омадааст, ки Саноӣ ба қассобписаре зеборӯ дил бохт. Қассобписар аз ӯ тақозо кард, ки барояш панҷсад гӯсфанди сарсиёҳу дунбасафед биёрад. Барои баровардани ин тақозо ӯ роҳи Хоразмро пеш мегирад ва кафшпораи панҷмании худро ҳамчун амонат назди маъшуқ мемонад. Аз беэътибории маъшуқ кафш гум мешавад ва дар бозгашт вақте Саноӣ кафши

худро тақозо менамояду намеёбад, мегӯяд, ки он ки кафшпораеро нигоҳ дошта наметавонад, чӣ тавр дил, ки арши илоҳӣ аст, нигоҳ хоҳад дошт? Ҳамин тавр, аз маъшуқ рӯй мегардонаду ба маъшуқи дарунӣ рӯй меоварад ... [10,70]. Ҳикояи дигар, ки онро Давлатшоҳи Самарқандӣ овардааст, ба девонаи лойхор рабт дорад. Ба ривояти Давлатшоҳ, ин лойхор аз маҳзубону ошуфтагони Ғазнин буд. Дар майхонаҳо мегашт, дурди шароб ҷамъ мекард ва дар гулханҳо дурд. менӯшид. Боре Саноӣ аз наздики ин гулхан, ки лойхор он ҷо мезист, мегузарад. Садое мешунавад ва ба гулхан наздик шуда, гӯш фаро медиҳад. Лойхор ба дӯсташ мегӯяд, ки қадаҳе деҳ, то ба кӯрии чашми Иброҳимаки Ғазнавӣ бинӯшем. Соқӣ гуфт: - Ин чӣ сухан аст? Иброҳим подшоҳи одилест, чаро ӯро мазаммат менамоӣ? Гуфт: - Оре, чунин аст, аммо мардест нохурсанд ва беинсоф. Ғазнинро нигаҳ дошта наметавонаду оҳанги вилояти дигар дорад. Баъди ин сухан ӯ қадаҳро нӯшид ва ба соқӣ гуфт, ки қадаҳи дигаре бирезад, то ба кӯрии чашми Саноияки шоир бинӯшам. Соқӣ гуфт: - Саноӣ мардест шоир ва зариф, ки қабули хоссу омм дорад, аз ӯ чунин сухан набояд гуфт. Лойхор гуфт: - Хато кардӣ, ки мардест аҳмақ. Лофу газофе чанд ба ҳам бофта, шеъраш ном ниҳодааст. Ҳар рӯз аз рӯйи тамаъ дар пеши аблаҳе дигар барпой истода, мехонаду хушомад мегӯяд. Ин қадр намедонад, ки ӯро барои ҳарзагӯӣ наофаридаанд. «Газофе чанд дар коғаз навишта, ки ба ҳеҷ кори ӯ намеояд. Агар дар он сарой аз ӯ пурсанд, ки барои ин рӯз чӣ андӯхтаӣ ва бо худ чӣ овардаӣ, ки даргоҳи фарди ягонаро сазад қасидаву мадҳи подшоҳонро арза хоҳад дошт..» [10, 71].

Ин гуфтаи Лойхор Саноиро ҳушёр кард ва дил аз хизмати махлуқ канду ба даргоҳи Худой рӯй овард. Узлатнишин шуд ва дар шаҳр побараҳна мегашт. Хешону дӯстон ба ҳоли ӯ мегиристанд, аммо ӯ механдиду шодӣ мекард. Яке аз ошноён барояш кафше харид ва маҷбуран ба пояш пӯшонд. Рӯзи дигар Саноиро дар роҳ дида, салом дод. Саноӣ кафшро аз пояш бароварда, ба ӯ бозпас дод. Аз ӯ сабаб пурсиданд. Гуфт: - Имрӯз саломаш аз дирӯз фарқ дошт.

«Саноӣ марде узлатдӯст ва гӯшагиру аз омезиш бо мардум муҷтанаб буд ва дар харобаву вайронаҳо ҷой дошт ва пайваста пойи бараҳна роҳ мерафт ва кафш намепӯшид.

Яке аз вузаро ба ӯ эътиқод дошт ва ӯро ба хонаи худ мехонд ва Саноӣ гоҳ-гоҳ ба назди ӯ мерафт ва ҳар гоҳ, ки бар вазир ворид мешуд, вазир ба эҳтироми ӯ меистод ва ҷойи худро ба ӯ дода, ӯро бар маснади хеш менишонд.

Гоҳе, ки Саноӣ бар вазир ворид мешуд, пояш олуда ба гил буд. Барои ин ки фарш ва маснади вазир гилолуд нашавад, дар вақти нишастан пойи худро дароз мекард» [10, 74].

Ҳикояҳои мазкур, ки дар бораи маҳзубию шӯридагӣ ва ворастагии Саноӣ дар сарчашмаҳо оварда шудаанд, аз ҷониби ҳамаи муҳаққиқон машкук шумурда шудаанд. [10,71; 5,125] Ин ки мегӯянд, ӯ аз мадҳи шоҳону ҳокимон рӯ гардонд, низ воқеият надорад, зеро чунин ба назар мерасад, ки то охири умр ӯ пойбанди маддоҳӣ мондааст, то ҷое, ки Шафеии Кадканӣ сабабҳои тағйирёбии ҳолати равонии ӯро шарҳ дода [17, 16], се соҳати вуҷудии Саноиро бо мисолҳои мушаххас таҳқиқ намудааст [17, 25-32].

Ҳамчунин ба Саноӣ нисбат надоштани маснавиҳои «Тариқ-ул-таҳқиқ», «Ақлнома», «Ишқнома», «Саноиобод», «Ғарибнома», «Зодулсоликин»,

«Баҳрому Беҳрӯз», ки бузургтарин муҳаққиқоне чун Мударриси Разавӣ ба Саноӣ мансуб донистааст, дар пажуҳиши Кадканӣ собит гаштааст [17, 18-20].

Ҳикоёти мазкур ва ба ин монанд ривоятҳои дигар Саноиро дар радифи оқилони девона (уқало-ул-маҷонин) қарор медиҳад. Беҳуда нест, ки Абдулҳусани Зарринкӯб ӯро «шӯридае дар Ғазна» хондааст [5, 118-146].

Ба андешаи Бадеъуззамони Фурӯзонфар, «чун таҷаллӣ ва зуҳури Ҳақ фавқи таҳаммул ва иститоати толиб бошад, бунёди ҳастӣ ва ақлу тасарруфаш аз ҳам фурӯ мерезад ва риштаи тадбираш мегусилад ва пора-пора мегардад ва дилу ҷонаш пас аз урузи чунин ҳолате дар тасарруфи ҷазба ва таҷаллӣ қарор мегирад ва дигар молики тадбири худ нест ва ихтиёраш аз даст меравад ва ба ӯ ҳамон мерасад, ки аз таҷаллии илоҳӣ ба кӯҳи Тур расида, зарра-зарра аз ҳам пошид ва фурӯ рехт» [5, 124-125].

Донишманди тоҷик Карокатулло Олимов дар ҳамин таззоди афкор ва ихтилофҳоро дар шахсияти Саноӣ мушоҳида карда, менависад: «Саноӣ гоҳо як шахсест комилан муташарреъ, гоҳо лоуболу маломатӣ, гоҳо гӯшанишин, гоҳи суфии сукрпешаи пайрави Боязид ва Мансур ва гоҳо шахси маъюсу бепарво ҷилвагар мегардад. Вале ӯ орифест мутафаккир, ҳақиқатгӯ ва адолатхоҳ» [11, 20].

Дар китоби «Футуҳоти маккия» фасли махсусе дар бораи маротиб ва аҳволи ин тоифа оварда шудааст, ки аз нигоҳи руҳия ва ҳолати равонӣ онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо кардааст: «1. Он ки вориди ғайбии бештар ва фавқи истеъдодаш бошад ва ин ҳолат то охири умр боқӣ монад ва соҳиби ин ҳолатро «маҷнун» хонанд. 2. Касе, ки бар асари вуруди ворид инони ақлро аз даст диҳад, вале шуури ҳайвонияш барҷой бимонад ва хӯрду хоби ӯ ба ҳукми ғаризаи ҳайвонӣ ва бидуни идроки инсонӣ сурат гирад ва дорандагони ин ҳолат «уқалои маҷонин» номида мешаванд. 3. Касе, ки ҷувваташ мосавӣ ворид аст ва дар вақти вуруди вориди ғайбӣ навъе зуҳул аз ҳис ва таваҷҷуҳ ба ғайб барои ӯ ҳосил мегардад ва ҳамин ки ҳолаташ мунқазӣ шуд, кирдору рафтораш табиӣ мешавад [12, 53-54].

Аз дигар ҷониб Саноиро бунёдгузор ва идомадиҳандаи моҷароҳои уқалои маҷонин дар адабиёти форсии тоҷикӣ хонда, навиштаанд, ки «бешак яке аз бахшҳои аслии андешаи Саноӣ ва яке аз ибтикорҳои ӯ моҷароҳои уқалои маҷонин ва девонаҳост, ки ба сурати суннати адабӣ дар адабиёти порсӣ идома ёфт. Яке аз онҳо ҳикояти пирмарди ҷузомӣ буд, ки дар «Хайрулмаҷолис» омада ва дигаре девонаи лойхор, ки дар ағлаби манобеи куҳан омада ва инҳо бахше аз андешаҳои қаландарӣ ва хароботии ӯ ба шумор меояд, ки бо ақли ҷузъӣ ба мухолифат бархостааст» [2, 113].

Таърихи пайдоиши таркиби «уқало-ул-маҷонин» чандон дақиқ нест. Абулқосими Нишопурӣ, ки ин унвонро барои китоби худ интихоб кардааст, дар нимаи дуюми қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ мезист [7]. Аз ин рӯ, метавон хулоса бароварад, ки дар қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ ин таркиб комилан роиҷ будааст ва шояд дар қарнҳои дуюму сеюм низ таркиби мазкур мутадовил буда бошад. Аз нигоҳи орифон ва суфиён уқало-ул-маҷонин аз маҷзубони ва авлиёи илоҳӣ будаанд, ки фарзонагии онҳоро ҳақиқӣ ва девонагиашонро маҷозӣ медонистанд.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ (492-525 ҳ.) дар номаҳои худ, аз ин тоифа ба унвони «зуъафо-ул- тариқа» ва «маҷонин-ул-хулқ» ном мебарад ва онҳоро девонаи ҷамоли маъшуқ номида, менависад, ки «онҳо, ки намоз намегузоранд ва

рӯза намедоранд, аммо ин қавмро зуъафо-ул- тариқа ва маҷонин-ул-хулқ ном мебаранд, ки ба як қатра маст шудаанд « [5, 124-125].

Оқилони девонаро «марфуъ-ул-қалам» низ номидаанд, яъне қалам аз онҳо бардошта шудааст ва фариштагон гуноҳи онҳоро наменависанд. Дар китоби «Уқало-ул-маҷонин»-и Абулқосим Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Ҳабиби Нишопурӣ беш аз панҷоҳ нафар оқилони девона зикр гардидаанд, ки аз байни ин миқдор дар адабиёти классикии мо номҳои Увайси Қаранӣ, Баҳлул ва Саъдун машҳуранд. Хурдагирӣ аз кори хилқат ва беадолатиҳои иҷтимоӣ дарунмояи аслии суханони ин тоифаро ташкил додааст.

Дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ таркиби «уқало-ул-маҷонин» дар шакли «девонаи оқилҷон» бори аввал дар ашъори Хоқонии Шарвонӣ, ки яке аз пайравони маъруфи Саноӣ мебошад, зикр гардидааст. Дар байти охири қасидаи «Айвони Мадоин» Хоқонӣ худро аз аҳли маломатиён муаррифӣ карда, навиштааст:

Бингар, ки дар ин қитъа чӣ сеҳр ҳамеронад,
Маҳтуки мусаббаҳдил, девонаи оқилҷон. [14, 360]

«Маҳтук - киноя аз расво. Хоқонӣ хешро аз гурӯҳе аз мардони роҳу пирони ҷоногоҳ дониста, ки «фарзонагони девона» хонда мешаванд» [6,486].

Дар баъзе нусхаҳои девони Хоқонӣ «маътуҳи масеҳодил, девонаи оқилҷон» омадааст ва онро чунин шарҳ додаанд: «Ба диққат бингар, ки он маҷнуни фарзона ва он девонаи хирадманд дар ин қитъа шеър чӣ қадар соҳирӣ мекунад. Мурод аз «маътуҳи масеҳодил» ва «девонаи оқилҷон» худи Хоқонӣ аст, ки ба зоҳир девона ва марфуъулқалам ва дар ботин фарзонаи хирадманд аст» [13,49].

Ин нукта, ки Хоқонӣ ба қаландария ва маломатия муносибате надорад, ҷойи баҳс нест. Аммо устоди ӯ Саноиро дар таърихи адабиёти гузашта чун шахсияти чандбуъдӣ ва орифи ҷомеъ шинохтаанд. Ӯ, аз як ҷониб, обиде зоҳид ва муташареъи пойбанд ба Қуръону дин, аз дигар тараф, ошиқе қаландар ва ҳакиме бо истидлолҳои ақлию каломӣ маъруф аст. Барои ҳамин ҳам соҳатҳои фикриву адабии мухталифе барои ӯ дар назар гирифтаанд, яъне ӯро маддоҳ, воиз, мунтақиди иҷтимоӣ ва орифу ошиқу қаландар хондаанд, ки аз ҳамаи фазилатҳои мазкур барои пажуҳиши илмии мо дар ин мақола ҷанбаи қаландариёти осори ӯ муҳим мебошад.

Андешаҳои маломатия ва қаландария яке аз мавзуоти муҳими тасаввуф ва ирфон мебошанд. Аз ҳама масоили муҳим ва мушкил барои орифону суфиён он аст, ки бо хушомаду бадомади мардум чӣ гуна муносибат намоянд? Маломатиён ҷавоб медиҳанд, ки бояд ба ин довариҳои мардум беэътино бошанд ва ҳамин довариҳои мардум метавонанд беҳтарин тамрин барои худсозӣ бошад. Яъне агар суфӣ хулус дорад, бояд худро дар баробари мардум бадкору беобрӯ нишон диҳад, то ин ки ҷомеа нисбат ба ӯ назари манфӣ дошта бошад. Барои он ки бар хилофи зуҳду риё амал кунанд ва худро дар назари мардум бад ҷилва диҳанд, корҳои хилофи шаръ содир созанд, амалҳои онҳо характери намоишӣ пайдо мекард ва ин амр боис мешуд, ки як идда муташарриъин онҳоро нисбат ба дину шариат номуқайяд муаррифӣ намоянд. Яъне онҳо зоҳири худро дар маломат мемонданд, то ботинашон саломат бошад. Ин шеваи маломатӣ охируламр расми қаладариро ба вуҷуд овард, ки Саноии Ғазнавӣ бунёдгузори қаландария дар ғазали адабиёти асримиёнагии мо ба шумор меравад [16, 300-307].

Айни он чи дар мавриди аҳли маломатия гуфта мешавад, барои фарзонагони девона (уқалои маҷонин) ҳам хос аст. Дар маснавиҳои Аттор 115 ҳикоя аз табақаи девонагон оварда шудааст, ки он ҷо Шайх андешаҳоеро, ки аз забони як фарди оқилу ҳушманд оварданаш ғайриимкон аст, баён месозад. Аммо Саноӣ дар тамоми маснавии «Ҳадиқа» ҳамагӣ як ҳикоя аз Баҳлул зикр кардаасту тамом. Шояд сабаби ин падида дар он бошад, ки Саноӣ дар ифшои масоили гуногуни иҷтимоию ахлоқӣ ва мазҳабию динӣ нисбат ба Аттору Мавлавӣ ҷуръати бештаре дорад.

Дар «Ҳадиқа» ҳудуди сад ҳикояву тамсил оварда шудааст. Дар ҳикоёти «Ҳадиқа» ровӣ нозири моҷароҳо мебошад ва мисли осори Аттору Мавлавӣ ҳикоят андар ҳикоят оварда нашудааст.

Саноӣ дар «Ҳадиқа» ба қадри зарурат аз тамсил ва ҳикоёт баҳра гирифтааст ва ин амр барои наздик кардани мафҳумҳои ирфониву ахлоқӣ барои авом мебошад. Сабки овардани ҳикояву тамсилот дар осори Саноӣ нисбат ба сабки Аттору Мавлавӣ тафовут доранд. Аттор ва Мавлоно бо ҳар ду тарафи мунозара ҳамроҳӣ мекунанд ва хонанда то ҳикоятро ба поён нарасонад, намедонад, ки ҳақ бо кист. Аммо дар «Ҳадиқа» аз оғоз натиҷа маълум аст, зеро гуфтугӯҳо комилан таҳкимиянд ва аз ҳамон оғоз ҳокиму маҳкум маълуманд.

«Ҳадиқат-ул-ҳақиқа»-и Саноӣ аз даҳ боб ва даҳ ҳазор байт иборат аст. Шоир мундариҷаи маснавиро дар феҳрасти манзуме, ки дар оғози асар оварда шудааст, чунин баён менамояд:

Боби аввал баёни тамҳид аст,
Маҳзи танзия, сарфи тавҳид аст.
Боби сонӣ санову наъти Расул,
В-он ба ҳар чор ёр гашта қабул.
Боби солис зи ақл гӯям ман,
З-он ки гунҷад дар ӯ маҷоли сухан.
Боби робеъ зи илму хондани илм,
Гуфт хоҳам зи рӯйи донишу ҳилм.
Боби хомис зи ишқу таъбираш,
К-аз куҷо то куҷост таъсираш.
Боби содис зи ғафлату нисён,
Ки чи муставлияст бар инсон.
Боби собеъ зи ҳоли душману дӯст,
Ки биёбӣ ҳар он чи сирати ӯст.
Боби сомин зи гашти афлок аст,
Ки чунин ҷоиз аст ва ё бок аст.
Боби тосеъ санои шоҳи ҷаҳон,
Он ки душман зи теғи ӯст ниҳон.
Боби ошир сифоти ин тасниф,
Ки набинӣ дигар чунин таълиф. [9, 59]

Саноӣ чун шоири маъниофарин ва навовар дар заминаи зуҳдиёташ, ки такя бар Қуръон ва суннати Паёмбар (с) ва макорими ахлоқӣ дорад, аз гумроҳӣ ва бепарвоии омма дучори хашму нафрат мешавад, аз ишратҷӯиҳову саргармиҳои ҳақири аҳли замона шикоят менамояд. Бо ниҳодҳои ҳокими иҷтимоии аср бо як шуҷоати ба худ хос ҳуҷум менамояд ва онҳоро мавриди ҳаҷву таҳқир қарор медиҳад. Зуҳди ӯ орифона аст ва ба ботини Қуръон

аҳаммият дода, зуҳди ҳақиқиро аз зуҳди риёӣ ҷудо мекунад. Шахсиятҳое, ки дар ҳикоёти маснавии ӯ барои ифодаи ғояву матлаб оварда шудаанд, ҳар қадар ба сӯи ботин пеш мераванд, аз риёву тазвир фосилаи бештаре мегиранд. Масалан, дар ҳикояте, ки ӯ барои Маъмун овардааст, зуҳди риёиро чунин қаламдод менамояд:

Он шунидӣ, ки зоҳиде озод
Рафт рӯзе ба ҷониби Бағдод.
То сӯйи хонаи Худой шавад,
Ба сӯйи халқи некрой шавад.
Халқ гашт аз қудуми зоҳид шод,
З-он ки буд ӯ ба панд додан род…[9, 645-646]

Чун Маъмун аз омадани чунин зоҳиде воқиф мешавад, ӯро мехонад ва мегӯяд:

Гуфт: -Шод омадӣ, аё зоҳид,
Марҳабо, марҳабо, аё обид!

Аммо зоҳид ба Маъмун мегӯяд, ки зоҳид туӣ, на ман. Зоҳид он аст, ки ба чизи андак қаноат кунад. Чун ту ба дунё қаноат кардаӣ, зоҳидӣ. Ман, ки сар ба дунё ва охират фурӯ намеорам, чӣ гуна зоҳид бошам? Ва Маъмун аз ин гуфтор ҳиҷолат кашид:

Зоҳидӣ мар туро мусаллам гашт,
Ки ба дунё дили ту беғам гашт.
Шодмонӣ бад-ин қадар дунё,
Ёд н-орӣ зи ҷаннату уқбо... [9,646-647]

Ин ҳикояро минбаъд ҳамаи пайравони Саноӣ овардаанд. Аттор онро дар «Тазкират-ул-авлиё» ба Ҳотами Асам нисбат додаст [1, 404] ва Мавлавии Балхӣ ҳам онро дар «Фиҳи мо фиҳи» аз номи дарвеше овардааст [3, 35-36].

Яке аз бобҳои ҷолиби маснавии «Ҳадиқа» боби шашум аст, ки «Дар зикри нафси кулл ва маротиби камоли ақл» унвон дорад ва Саноӣ дар феҳрасти манзуми асар онро «Дар ғафлату нисён» гуфтааст. Дар ин боб шоир сифати нафси куллро карда, сипас дар бораи хубрӯёни бадхӯй, шарҳи хубу зишт, сифати шоҳидон, мазаммати шаҳват рондан, мазаммати дунё ва васфи тарки он, мазаммати касоне, ки ба ҷоҳу луқма мағруранд, талаби дунё ва ғурури ӯ, мазаммати молдӯст, мазаммати шароб, тарки дунё ва риёзати нафс, нуқси дунё, мазаммати ҳирсу шаҳвату хашм, оқилон беғам набошанд, сифати нафси баҳима ва анвои шаҳват, дар инсонию ҳайвонӣ, зулму ҷаҳл, мазаммати баддилӣ, ситоиши шуҷоат ва ғайрат, накӯҳиши шикамхорӣ ва бисёр хӯрдан ва амсоли ин мулоҳизаҳояшро баён кардааст. Дар ин боб Саноӣ 21 ҳикоя ва тамсилро барои ифода кардани ғояи панду андарз ва афкораш овардааст.

Беэътибории қудрати дунё, нопойдории мулки ин ҷаҳон аҷз ва бечорагии башар, бандаи ҳирсу тамаъу қудратталабии умаро, ҳаром будани амволи эшон ва гунаҳгор буданашон ва амсоли инҳо аз масоилеанд, ки Саноӣ дар маснавияш талқин намудааст. Саноӣ таъкид мекунад, ки ҳар кас аз Худованди худ дунёву лаззати дунёро бихоҳад, хушаш бод, аммо ӯро аз охират насибе нест. Дунё ва охират ҳар ду бо ҳам ҷамъ намешаванд, бояд якеро раҳо кунӣ. Дунё ғаддору ҳиллагар ва беарзиш аст, мурдорест ва шоистаи сагон мебошад. Ҳар кас аз Худованд охиратро бихоҳад, Худованд ба ӯ медиҳад. Ҳар кас иддаои дӯстии Ҳақ кунад, бо ранҷу машаққатҳо рӯ ба рӯ мешавад. Он моле аз они туст, ки туро ба

ком бирасонад, зеро он чи аз ту бимонад, аз ту нест. Зоҳиран дунё мисли арӯси зебост, аммо ботинаш пиру аҷузаест бе ҳақиқат. Дунёву охират ду душмани мухталифанд. Ҳар ки дунёро дӯст дорад ва рӯ ба ӯ кунад, охиратро душманӣ карда бошад. Ва ҳар ду, яъне дунё ва охират, чун машриқу мағрибанд ва касе, ки дар миён бувад, чунонки ба яке наздик мешавад, аз дигаре дур мегардад. Инсони комил бояд аз пулу тилло сарфи назар намояд, зеро пулпарастӣ фардои қиёмат мубаддал ба нору оташ мешавад. Эй инсонҳо, ҳанӯз худро нашинохтаед, ҳанӯз ба маърифати худ бехабар ва ноогоҳед. Бадани одамӣ аз ҷони ӯ ҷилва ва хосияту арзиш меёбад. Тане, ки аз ҷони огоҳ бебаҳра бошад, ҳамчун найи хушку бесамар аст.

Ба воситаи ҳикоёт ва тамсилҳо Саноӣ матолиби мазкурро ба шеваҳои гуногун баён кардааст. Лозим ба зикр аст, ки ҳамаи ҳикояҳои овардаи шоир дар як поя нестанд. Пас аз нақли ҳикоя Саноӣ аз роҳи таъвил матлабро шарҳ додааст. Аз ҳама ҳикояи ҷолиб дар ин боб, ҳикояи уштури маст ва нодон мебошад, ки дар ин ҳикоя Саноӣ ба таври хеле барҷаста матлабро баён намуда, баъд онро таъвил кардааст:

Он шунидӣ, ки дар вилояти Шом,
Рафта буданд уштурон ба чаром.
Уштури маст дар биёбоне,
Кард қасди ҳалоки нодоне. [9, 408-409]

Шутури маст қасди ҳалоки касе кард, ки нодону ноогоҳ аст. Нодон аз пеши уштур по ба фирор гузошт ва уштури маст ҳам ӯро дунбол мекард. Мард дар ҳоле, ки мегурехт, ба чоҳе расид ва андешид дар чоҳ биравад, то аз шарри уштури маст дар амон бошад. Уштур ҳам ба наздики ӯ расид ва мард маҷбур худро ба чоҳ афканд. Барои он ки ба умқи чоҳ наравад, даст ба хору хошоки атрофи чоҳ гирифта буд, ки он хорҳо он лаҳза мисли гулҳои сурх буданд. Пойи худро дар шикофҳои атрофи чоҳ қарор дод. Вақте ба таги чоҳ назар кард, дид аждаҳое дар умқи чоҳ даҳон боз кардааст. Ба зери пойҳои худ назар андохт, дар зери ҳар пояш як ҷуфт море хуфта буд. Аз тарафи дигар, чашмаш ба ду муши сафеду сиёҳ афтод, ки ришталҳои хореро, ки ба онҳо даст ёзида буд, мехоиданд, то канда шаваду мард ба таги чоҳ афтад. Он нодони аблаҳ, ки дар чунин ҳоле мустаманд қарор гирифта буд, аз Худованд мадад хост ва ба худ меандешид, ки ба таги чоҳ афтаму туъмаи аждаҳо гардам, ё бигзорам то маро морон бигазанд? Агар сарамро аз чоҳ барорам, уштури масти киначӯ маро мунтазир аст. Оқибат худро ба ҳукми сарнавишт супурд ва Худованд аз карам дареро ба рӯяш боз кард. Чашмаш дар баданаи чоҳ ба хорҳое, ки дар он туранҷабин (моддаи оромбахш) мегиранд, афтод. Миқдоре аз он гиёҳ ва хори туранҷабин дар даҳон гузошт. Лаззати он гиёҳ ӯро масту мадҳуш сохт ва тарсу ҳаросро фаромӯш кард:

Лаззати он бикард мадҳушаш,
Магар он хавф шуд фаромӯшаш.
Туӣ он марду чоҳат ин дунйӣ,
Чор табъат ба сони ин афъӣ. [9,409]

Машғули хӯрдан шуда, аз кори мушҳо, ки шохаҳои зери пойи ӯро мечавиданд, ғофил мемонад, то ин ки решаҳо қатъ мешаванд ва нодони комҷӯ ба коми аждаҳо меафтад.

Дар охири ҳикоя Саноӣ аз тамсил натиҷагирӣ мекунад ва ҳама он мавҷудоту ашёе, ки дар ҳикоя зикр шудааст, таъвил месозад ва бо зиндагии дунёии одамӣ мутобиқ месозад:

Он ду муши сияҳ сафеди дижам,
Ки бурад бехи хору бун дар дам.
Шабу рӯз аст он сапеду сиёҳ,
Бехи умри ту мекунанд табоҳ.
Ажаҳое, ки ҳаст дар таҳи чоҳ,
Гӯри танг аст з-он наӣ огоҳ.
Бар сари чоҳ низ уштури маст,
Аҷал аст, эй заифи кутаҳдаст.
Хорбун умри туст, яъне зист,
Менадонӣ туранҷабини ту чист.
Шаҳват аст он туранҷабин, эй мард,
Ки туро аз ду кавн ғофил кард. [9, 409]

Яъне, эй инсон, ту ба монанди ҳамон марди нодоне ҳастӣ, ки чаҳор табъи ту (чаҳор мизоҷ: сафро, савдо, балғам ва хун) монанди чаҳор мори афъӣ аст ва мехоҳанд туро фурӯ барад. Он ду муши сиёҳу сафеди хашмнок, ки бехи гиёҳу хорро мебуранду мегусиланд, шабу рӯзи ин дунёст, ки сиёҳу сапеданд, яъне гардиши айём умри туро аз байн мебарад. Он аждаҳо, ки дар таги чоҳ даҳон кушода туро интизор аст, гӯри тангу торик аст. Дар сари чоҳ он уштури маст аҷалу марг аст, ки ту инсони кӯтоҳдасту нотавонро таҳдид дорад. Он хорбуну решаҳои хор умри туст, ки мушҳо (шабу рӯз) онро мехӯранд. Туранҷабин, ки туро аз кори ду олам ғофил кардааст, шаҳвати туст.

Дар ҳикояти Баҳлул низ Саноӣ мавзуи мазкурро ба тарзи дигар баён карда, аз подоши доҳӣ (дар луғат ба маънои зираку доно ва доро)-е саркашӣ кардани Баҳлулро, ки аз зумраи оқилони девона аст, бо шевае, ки одамони фақир нисбат ба олами ҳастӣ доранд, созгор кардааст:

Гуфт Баҳлулро яке доҳӣ,
Ҷаббаи бурд бахшамат хоҳӣ.
Гуфт: Хоҳам дувист чӯб бар ӯ,
Гуфт: Чӯбат чӣ орзӯст бигӯ. [9, 366-367]

Дар байти аввал вожаи «ҷабба» ба маънии либоси баланду беостин аст, ки ба рӯйи либосҳо пӯшанд.[4,213] Яъне доҳие ба Баҳлул гуфт, ки агар хоҳӣ ҷаббаи бурд (бурд-навъе аз матоъ, бурди ямонӣ) ба ту мебахшам. Аммо Баҳлул инкор карда мегӯяд, ки ман ба он ҷома, ки ту пешкаш дорӣ, нафрат дорам. Зоҳиран ин маъниро Саноӣ аз китоби «Уюн-ал-ахбор»-и Ибни Қутайба гирифтааст.

(قيل لمزبد ايسّرك ان هذه الجبّه لك؟ قال واضرب عشرين سوطا و لم تقول هذا و قال لانه لا يكون شيء البشيء) [2,323]

Ба Мазбди Асирак гуфтанд, ки ин ҷабба аз они туст? Гуфт: -Бист тозиёна занед. Сабаби инро нагуфтед. Гуфт: -Зеро он ки ягон чиз беҳуда нахоҳад буд.

Дар абёти баъдӣ мавзуи нопойдории дунё, ки маргу мурдан бар он соя афкандааст, ба таври густарда баён шуда, мисли дигар шоирони суфимашраб худи дунёро масъули бесуботӣ ва марг медонад:

Гуфт, зеро ки дар саройи ғурур,
Роҳат аз ранҷи дил набошад дур.
Аз пайи он ки дар сарои сипанҷ,
Ҳеҷ роҳат наёфт кас беранҷ.
Андар ин манзили фиребу ғурур,
Роҳат аз ранҷи дил набинам дур.
Ҷаббаи мард зуҳду суннати ӯст,
З-он ки тасҳифи ҷабба ҷаннати ӯст.
Ҷаббаи бурдро чӣ хоҳам кард,
Ҷаббаи бахш номи ӯ овард.
З-он ки андар саройи роҳату ранҷ,
Аз пайи номи худ, на аз сари ханҷ.
Ҳар чӣ гардун ба халқ биспурдааст,
Номи ҷумла ба назди ман бурдаст.
Рози ин кулба нафси ғаммоз аст,
Ақли кул ганҷхонаи роз аст.
Чӣ ситонӣ зи дасти он кас қут,
Ки кунад дарс илми моту ямут. [9, 366-367]

Саноӣ дунёро накӯҳиш мекунад ва одамонро аз он барҳазар медорад, ки баъдтар дар пайравӣ ба ӯ Аттору Мавлавӣ мавзуи мазкурро бо овардани ҳикоёту тамсилоти зиёде қавӣ намудаанд. Саноӣ дар ҷое изҳороти ғамангезе дар бевафоӣ ва бесуботию мардумкушии он менамояд, гоҳе онро иқоматгоҳи муваққат меномад, ки пойдор донистани он нишонаи девонагию ғафлати одамизод аст ва ҳамзамон аз беарзишию пучӣ ва манфур будани он ҳикоят ба миён меоварад. Ҷаҳон арзише надорад. Бо вуҷуди марг симу зар ва моли дунё беарзиш аст. Азроилро аз пулу молу зару зевари ин дунё наметавон ришва дод.

Камтарин чизе аз моли ин дунё инсонро аз тақарруб бо Худо бозмедорад. Гузашта аз бевафоии дунё, ин зиндагӣ сафое надорад ва макони ранҷу фишор аст. Гӯё Худованд мехоҳад фақирон пайваста гурусна бимонанд.

Бору барги дунё ранҷу фишор аст. Ин ҷаҳон хонаи мусибат аст. Агар даме ба шодӣ барорӣ, дар пайи он садҳо дарду андӯҳ туро интизор мешавад. Чаро қути лоямутро аз касе интизор мешавӣ, ки бароят мурдану маргро мехоҳад?

Дар иқтибоси мазкур бо овардани вожаи «ҷабба» Саноӣ санъати тасҳифро истифода кардааст ва дар байти:

Ҷаббаи мард зуҳду суннати ӯст,
З-он ки тасҳифи ҷабба ҷаннати ӯст.

Тасҳиф дар луғат ба маънии хато хондан, хато кардан ва навиштан аст. Дар истилоҳи адабӣ яке аз ороятҳои лафзӣ дар бадеъ аст, ки дар он калима ба воситаи костан ва ё афзудани нуқтаҳо тағйир меёбад. Чунончи, агар нуқтаҳои калимаи «бӯса»-ро тағйир диҳем, «туша» мешавад. Ба ҳамин монанд вожаҳои «тохтам» ва «бохтам», «рӯд», «зуд» ва амсоли ин.[8,113] Агар нуқтаҳои вожаи «ҷабба»-ро (جبّة) тағйир диҳем, вожаи «ҷаннат» (جنّة) ҳосил мешавад. Яъне зебу зиннати мард дар зоҳидию порсоии ӯст, мисли ин ки дар ҳолати тасҳиф ҷабба ба ҷаннат мубаддал мегардад.

Хулоса, Саноӣ чун шоири ориф ва яке аз пешоҳангони адабиёти ирфонӣ тавонистааст на танҳо ҷанбаи лафзии шеъри асримиёнагиро аз лиҳози ҳунари

шоирӣ нав намояд, балки бо ворид намудани масъалаҳои гуногуни иҷтимоию ахлоқӣ навовари ҷанбаи мундариҷавии каломи бадеъ ҳам бошад. Баъди ӯ бузургтарин суханвароне чун Хоқонӣ, Аттор, Мавлавӣ, Ҳофиз ва дигарон навовариҳои ӯро ба нуқтаи камол расониданд.

КИТОБНОМА

1. Аттор, Фаридуддин Муҳаммади Нишопурӣ. Тазкират-ул-авлиё / Фаридуддин Муҳаммад Аттори Нишопурӣ. Баррасӣ, тасҳеҳи матн, тавзеҳот ва фаҳориси Муҳаммади Истеъломӣ. – Теҳрон: Иттиҳод, 1377. – 919 с.
2. Афросиёбпур, Алӣ Акбар. Шарҳи ҷомеъи «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа ва шариат-ул- тариқа»-и Саноӣ /Алӣ Акбари Афросиёбпур. – Теҳрон: Ирфон. 1377. – 891с.
3. Балхӣ, Ҷалолуддин. Фиҳи мо фиҳи /Ҷалолуддини Балхӣ. Таҳия, тавзеҳот ва луғатнома аз Абдуллоҳ Боқизодаи Шаваткӣ. – Душанбе, 2021. -338 с.
4. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома Деҳхудо. / Алиакбари Деҳхудо. –Теҳрон: Сирус, 1334-1258. Ҷ.16 – 464+193с.
5. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Бо корвони ҳулла / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон: Ирфон, 1347. – 397 с.
6. Каззозӣ, Мирҷалолиддин. Гузориши душвориҳои девони Хоқонӣ /Мирҷалолуддини Каззозӣ.- Теҳрон: Нашри марказ, 1385. – 996 с. (саҳ.486)
7. Нишопурӣ, Абуқосим ал-Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Ҳабиб. Қиссаи фарзонагони девона. Шарҳ ва тарҷумаи «Уқало-ул-маҷонин» асари Абулқосим Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Ҳабиб Нишобурӣ. Шарҳ ва тарҷумаи Юсуф Асғарӣ Бойқутӣ / Абуқосим ал-Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Ҳабиби Нишопурӣ.– Ҷирафт: Донишгоҳи Ҷирафт,1396.–315с. Проблема дар сноска ҳаст
8. Ранҷбар, Аҳмад. Бадеъ /Аҳмади Ранҷбар. – Теҳрон: Асотир, 1385. – 144 с.
9. Саноӣ, Абдулмаҷд Маҷдуд ибни Одам. Ҳадиқат-ул-ҳақиқа ва шариат-ут-тариқа /Абдулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ. Тасҳеҳ ва таҳшияи Мударриси Разавӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1377. – 875 с.
10. Саноӣ, Маҷдуддин Одам. Девони Ҳаким Абдулмаҷдуддин Одам Саноии Ғазнавӣ. Бо муқаддима, ҳавошӣ ва феҳраст / Ба сайъ ва эҳтимоми Мударриси Разавӣ. – Теҳрон, Саноӣ, 1362. – 1227 с.
11. Саноии Ғазнавӣ, Абдулмаҷд Маҷдуд ибни Одам. Ҳадиқат-ул-ҳақиқа ва шариат-ут-тариқа /Абдулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ. Таҳиягарони матн: К.Олимов ва А.Ҳисориев. – Душанбе: Дониш, 2008.- 666 с.
12. Фурӯзонфар, Бадеъуззамон. Шарҳи осор ва нақду таҳлили осори Шайх Фаридуддини Аттори Нишопурӣ / Бадеъуззамон Фурӯзонфар – Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1374. – 562 с.
13. Хоқонӣ, Бадил ибни Алӣ. Гузидаи ашъори Хоқонӣ. / Интихоб ва шарҳи Аббоси Моҳёр. – Теҳрон: Нашри Қатра, 1373. – 240 с.
14. Хоқонӣ, Бадил ибни Алӣ. Девони Афзалуддин Бадил ибни Алӣ Наҷҷор Хоқонии Шарвонӣ / Бо муқобалаи қадимтарин насах, тасҳеҳ ва муқаддима ва таълиқот ба кӯшиши Зиёуддини Саҷҷодӣ. – Теҳрон: Заввор, 1338. – 1085 с. (саҳ.360)
15. Ҳусайнӣ, Марям. Шарҳи «Ҳадиқа»-и Саноӣ /Марям Ҳусайнӣ.- Теҳрон:Донишгоҳи Заҳро, 1388. – 801 с.

16.Шафеии Кадканӣ, Муҳаммадризо. Қаландария дар таърих. Дигардисиҳои як идеоложӣ /Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Сухан, 1387. – 567 с.

17.Шафеии Кадканӣ, Муҳаммадризо. Тозиёнаҳои сулук. Нақд ва таҳлили чанд қасида аз Ҳаким Саноӣ / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1372. – 544 с.

САНОӢ ВА СУННАТИ УҚАЛОИ МАҶОНИН ДАР АДАБИЁТИ АСРИМИЁНАГИИ ФОРСУ ТОҶИК

Дар ин мақола мақоми Саноии Ғазнавӣ дар таҳаввули ҷанбаи мундариҷавии шеър аз лиҳози овардани ҳикояву тамсилот барои ифода кардани матолиби зуҳдиёту қаландариёт, афкори маломатӣ ва идомаи суннати андешаҳои оқилони девона дар адабиёти асримиёнагии форсии тоҷикӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Саноӣ аз шоиронест, ки на танҳо бори аввал аз афкори оқилони девона барои баёни мулоҳизоти ирфонию ахлоқии худ моя гирифтааст, балки шарҳи ҳоли худи шоир ҳам далели ин нукта аст, ки пас аз таҳаввулоти ботинӣ ӯ ҳам замоне дар радифи уқало-ул-маҷонин қарор гирифтааст ва бо рафтору кирдори ғайримаъмулии худ, аз як ҷониб, аз тарафи дигар бо шеваи ҷасуронаи баёни масъалаҳои иҷтимоию ахлоқӣ барои бедор кардани мардуми замона нақши муассир гузоштааст.

Саноӣ чун шоири маъниофарин ва навовар дар заминаи зуҳдиёташ, ки такя бар Қуръон, суннати Паёмбар (с) ва макорими ахлоқӣ дорад, аз гумроҳӣ ва бепарвоии омма дучори хашму нафрат мешавад, аз ишратҷӯиҳову саргармиҳои ҳақири аҳли замона шикоят менамояд. Бо ниҳодҳои ҳокими иҷтимоии аср бо як шуҷоати ба худ хос ҳуҷум менамояд ва онҳоро мавриди ҳаҷву таҳқир қарор медиҳад. Зуҳди ӯ орифона аст ва ба ботини Қуръон аҳаммият дода, зуҳди ҳақиқиро аз зуҳди риёӣ ҷудо мекунад. Шахсиятҳое, ки дар ҳикоёти маснавии ӯ барои ифодаи ғояву матлаб оварда шудаанд, ҳар қадар ба сӯи ботин пеш мераванд, аз риёву тазвир фосилаи бештаре мегиранд.

Калидвожаҳо*: ирфон, зуҳд, ахлоқ, иҷтимоиёт, оқилони девона, қаландариёт, маломатиён, ҳикоя, тамсил, зуҳди риёӣ, зуҳди ҳақиқӣ, суннат, навовар, дунё, уқбо, ғафлат, бедорӣ, лафз, маънӣ, ботин, зоҳир.*

САНАИ И ТРАДИЦИИ МУДРЫХ БЕЗУМЦЕВ В СРЕДНЕВЕКОВОЙ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Санаи звезда первой величины из созвездия таджикско-персидской классической поэзии, кому выпала честь стать первооткрывателем пути сердечного общения и духовного единения с плеядой необыкновенных личностей, известных в литературе как укало-ул-маджонин (мудрые безумцы).

Он не только для выражения своих мистических и духовно-нравественных мыслей пользовался идеями мудрых безумцев, опережая в этом других представителей суфийской словесности, но и, как показывает его биография, сам также пережив стадию духовной эволюции, когда-то примкнул к когорте мудрых безумцев и оставил яркий след в пробуждении общества, не только в силу своего необычного поведения, но и благодаря смелому обножению общественных и моральных проблем.

Этого поэта - новатора и творца смыслов, религиозность и богобоязненность которого неразрывно связано с Кораном, Сунной Пророка и духовно-нравственным благородством, приводит в ярость расположенность современников к жалким развращениям и заблуждениям, развлечениям и наслаждениям, вызывая в нем чувства отвращения и явного протеста. Он с особым мужеством противостоит социальным институтам своего времени, критикуя их в своих стихах. Его религиозность носит мистический характер и опирается на сущность Корана; он отделяет истинную религиозность от притворной набожности. Персонажи его рассказов, задействованные для выражения определенных идей, двигаются в сторону внутреннего мира, все больше отдаляясь от притворства и двуличия.

Ключевые слова: *мистика, набожность, мораль, социальные сферы, мудрые безумцы, дервишисткие мотивы, последователи маламатии, рассказ, притча, притворная набожность, истинная набожность, сунна, новатор, бренный мир, загробный мир. Небрежность, пробуждение, словесный, смысл, внутренный мир, внешный мир,*

SANAI AND TRADITIONS OF THE WISE MADNESS IN THE MEDIEVAL TAJIK-PERSIAN LITERATURE

Sanai is a star of the first magnitude from the constellation of Tajik-Persian classical poetry, who had the honor of becoming the pioneer of the path of heartfelt communication and spiritual unity with a galaxy of extraordinary personalities, known in literature as ukalo-ul-majonin (wise madmen).

He not only used the ideas of wise madmen to express his mystical and spiritual-moral thoughts, being ahead of other representatives of Sufi literature in this, but also, as his biography shows, he himself also experienced the stage of spiritual evolution, once joined the cohort of wise madmen and left a bright mark in the awakening of society, not only due to his unusual behavior, but also due to the bold exposure of social and moral problems. His religiosity is mystical in nature and is based on the essence of the Koran; he separates true religiosity from feigned piety. The characters in his stories, used to express certain ideas, move towards the inner world, increasingly moving away from pretense and duplicity.

This poet, an innovator and creator of meanings, whose religiosity and fear of God is inextricably linked with the Koran, the Sunnah of the Prophet and spiritual and moral nobility, is enraged by the disposition of his contemporaries towards pathetic corruptions and delusions, entertainment and pleasures, causing in him feelings of disgust and obvious protest. With particular courage, he confronts the social institutions of his time, criticizing them in his poems.

Key words: *mysticism, piety, morality, social spheres, wise madmen, dervish motives, followers of malamatiya, story, parable, feigned piety, true piety, sunnah, innovator, mortal world, afterlife. Carelessness, awakening, verbal, meaning, inner world, outer world*

Маълумот оид ба муаллиф: Абдулазиз-зода Сайакбар – аспиранти кафедраи филологияи араби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,. **Суроға:** 724025, Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, хиёбони Сино, 2/2. E-mail: **Abduaziz.2015@mail.ru**. Тел.: **(+992) 934811115, 200232424.**

Сведения об авторе: Абдулазиз-зода Сайакбар – Таджикского национального университета, аспирант кафедры арабский филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Сино, 2/2 E-mail: **Abduaziz.2015@mail.ru**. Тел.: **(+992) 934811115, 200232424.**

Information about the author: Abdulaziz-zoda Sayakbar – Tajik National University, Postgraduate of Department Arabik Philology. **Address:** 734025, Republik of Tajikistan, Dushanbe, Sino Ave., 2/2. E-mail: **Abduaziz.2015@mail.ru**. Tel,:**(+992) 934811115, 200232424.**

ТДУ:.889.550

МИРЗО СИДДИҚИ ФАНО – ШОИРИ СОҲИБДЕВОН

Ҷамила Ғафурова
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Новобаста аз он, ки дар илми адабиёшиносии тоҷик оид ба ҳаёти адабию мадании авохири қарни XVIII ва нимаи аввали асри XIX ва як қатор намояндагони он асарҳои зиёди илмӣ - таҳқиқӣ навишта шудаанд, аммо шоироне низ дар ин давраи таърих аз доираҳои адабии Моваруннаҳр фаъолият доштанд, ки ҷараёни зиндагӣ ва осори онҳо то кунун аз ҷониби муҳаққиқон ба тамомӣ омӯхта нашудааст. ки ин масъала ба таҳлилу таҳқиқоти алоҳида зарурат дорад. Омӯзиши масъалаи зикршуда ба бисёре аз торикиҳои адабиёти ин давр равшанӣ хоҳад андохт, зеро адибони дар ин давраи таърихӣ зиста аксаран аз табақаҳои поёнии иҷтимоъ, яъне, косибону ҳунармандон ва деҳқонону чоряккорон буданд, ки ашъорашон бозгӯкунандаи ҳаёти маҳз ҳамин табақаҳои аҳолӣ буд.

Таҳқиқи нисбатан амиқи адабиёти тоҷики нимаи дувуми асри XVIII ва аввали қарни XIX тоҷик ва намояндагони он, бахусус адибони доираи адабии Истаравшан, аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ аз солҳои 60-уми садаи XX оғоз гардида буд. Мувофиқи андешаҳои муҳаққиқон, дар ин давра, дар баробари як қатор ҳавзаҳои адабӣ, монанди Бухоро, Хӯқанд, Хоразм, Хева, ки шаҳрҳои сернуфуз ва марказҳои фарҳангӣ ба шумор мерафтанд, сарфи назар аз носозгории замон, доираҳои адабӣ дар дигар манотиқи гирду атроф, ба мисли доираи адабии Истаравшан, фаъолият мекарданд ва суханварону шоирони номдореро гирд оварда, маҳфилҳои эҷодии худро ривоҷ медодаанд. Гувоҳи равшани ин ҳукм, пеш аз ҳама, рӯйи кор омадани рисолаву девонҳо ва осори хаттии фаровон дар қаламрави шаҳри Истаравшан аст, ки аз рушди адабиёт дар ин мавзеъ шаҳодат медиҳанд. Дастрасӣ ба чунин ғанои маънавӣ ва хазинаи пурганҷи осори барҷомонда, бавежа дастхатҳо дарак медиҳад, ки аз ин диёр суханварону олимон, адибону донишмандони зиёде бархоста, дар ривоҷи фарҳанги миллии халқи тоҷик саҳми муносиб гузоштаанд. Ҳамчунон, дар аксари сарчашмаҳои таърихии тоҷикӣ зикр шудани номи Истаравшан бар он далолат мекунад, ки саҳми аҳли илму адаб ва ҳунармандони он дар ташаккули тамаддуни ин давраи пурмоҷарои таърихи миллат хеле арзишманд будааст.

Дар робита ба ин, аҳли таҳқиқ саъй кардаанд, ки бештар дар мавриди доираҳои адабӣ ва осори шоирони ин давраи таърихии Истаравшан таваҷҷуҳ дошта бошанд, аммо мушоҳида ва ковишҳо нишон доданд, ки ин таваҷҷуҳ ҳанӯз

ба дараҷаи лозим сурат нагирифтааст ва аксари таҳқиқот роҷеъ ба ин масъала ба таври умумӣ ва асосан дар доираи таърих, фарҳанг ва ҳунари шаҳр ва музофоти гирду атроф анҷом шудаанд, яъне аксари андешаҳо ва хулосаҳо роҷеъ ба Истаравшан ва доираҳои адабии он вобаста ба масъалаҳои дигар ҳаллу фасл шудаанд. Он таҳқиқоте, ки бевосита ба вазъи маданию фарҳангӣ ва доираи адабии Истаравшан бахшида шудаанд, ҳанӯз воқеъияти аслиро муаррифӣ намекунанд. Минҷумла, аҳвол ва ашъори яке аз пешқадамтарин намояндагони доираҳои адабии ин давра Мирзо Сиддиқи Фано ба таври бояду шояд мавриди таҳлили илмӣ қарор нагирифтааст. Ҳол он ки зиндагинома ва муҳтавои ашъори ин симо як навъ ҷамъбасти ҳунарҳои эҷоди бадеӣ ва инъикоси масъалаҳои сиёсию иҷтимоии давраи мавриди назар ба ҳисоб меравад.

Дар мавриди аҳаммияти осори адибони доираи адабии Истаравшан дар ин давра ва бахусус, эҷодиёти Мирзо Сиддиқи Фано, ҳаминро илова кардан зарур аст, ки ин шоир ашъори хешро бо бардоштҳои маънавӣ ва таваҷҷуҳ ба зиндагии табақаи заҳматкаш, рӯзгордорӣ ва саргузашти иҷтимоии як давраи муайяни таърихии мардуми диёри хеш офаридааст. Ҳарчанд метавон осори намояндагони доираи адабии ин давраи таърихии Истаравшанро ба равияи пешқадами адабиёт мансуб донист, аммо назари таҳқиқӣ бар эҷодиёти Мирзо Сиддиқи Фано, хусусан ба тамоми анвои шеърӣ ва чистонҳои шоир, ки бо фолклори мардуми замони худ, рӯҳия, ҳусни одоб, тафаккури бадеӣ ва маданияти халқии он алоқаи бевосита наздик ва дар ниҳоят ҳаммаъноии зиче дорад, муайянкунандаи падидаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии даврони зиндагии худи шоир дар миёни оммаи мардум ва нишондиҳандаи бартарии фитриву фикрӣ ва назари ин шоири мушоҳидакор ба шумор мераванд.

Дар рӯнамоии паҳлуҳои норавшани таърихи адабиёт ва махсусан тамоюли халқии адабиёти нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX, ҳаёти адабии Моваруннаҳр, инчунин рӯзгор ва осори баъзе намояндагони доираи адабии Истаравшан, муҳаққиқони ватанию хориҷӣ саҳмгузорӣ кардаанд. Аз ҷумла, дар муаррифии доираи адабии Истаравшан асари устод Садриддин Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» [1, 480], ки сарчашмаи он «Туҳфат-ул-аҳбоб-фӣ-тазкират-ил-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ба ҳисоб меравад, ҳамчун аввалин маъхаз дар илми адабиётшиносии муосири тоҷик рӯйи кор омадааст, ки роҷеъ ба адибони нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX ба мисли Саидғозии Нола, Комилхӯҷаи Накҳат, Олимхоҷаи Ҳотифӣ, Иброҳим Махдуми Ҳоиф, Султонхони Адо, ки дар вилояти Истаравшан зиндагӣ ва эҷод намудаанд, маълумот медиҳад [4, 227].

Адабиётшинос Х. Мирзозода дар китоби «Материалхо аз таърихи адабиёти тоҷик» дар бораи мавқеи ҷуғрофии адибон дар «Маҷмуаи шоирон»-и Фазлии Намангонӣ сухан ронда, якчанд шоири истаравшанӣ, амсоли аз Нола, Ҳиҷрат, Дабир, Ҳотифӣ ва Ҳоифро номбар карда, қайд менамояд, ки дар ин минтақа шоирони зиёде дар ин давра будаанд [8, 89].

Идомаи чунин таҳлилҳои умумии илмиро қариб дар тамоми пажуҳишҳо ва махсусан китобҳои таълимие, ки барои донишҷӯён таҳия ва нашр мегардиданд, мушоҳида кардан мумкин аст. Барои мисол, соли 1988 китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ бо номи «Адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX)» аз ҷониби Р.Ҳодизода, У. Каримов ва С. Саъдиев ба нашр мерасад ва дар қисмати «Адабиёти асри XVIII ва аввали асри XIX» дар қатори шоирони номдори ин давра исми Мирзо Сиддиқи Фано низ зикр мегардад [21,

232]. Мутаассифона, ба ҷуз аз зикри номи шоирони доираи адабии Истаравшан ва махсусан зикри номи шоир Мирзо Сиддиқи Фано, аз ашъори онҳо намунае оварда нашудааст. Роҷеъ ба Мирзо Сиддиқи Фано дар чанд ҷо, аз ҷумла дар бораи эҷоди рубоӣ ва қитъа [21, 240-241], шоири дузабона буданаш [21, 243] ва инчунин таҷриба кардани пайравии Бедил дар радифи шоирони дигар [20, 246] сухан рафтаасту халос. Аммо ҷои зикр аст, ки яке аз муаллифони ин асар, Усмон Каримов дар таҳқиқоти хеш, ки соли 1974 бо унвони «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XVIII ва авали асри XIX» нашр шуда буд, таҳти зерқисмати «адабиёти дузабона» [6, 72-78] аз Мирзо Сиддиқи Фано дар се ҷо ёд мешавад ва аз намунаи ашъораш ду байти як ғазали ӯзбекӣ ва як байти тоҷикӣ оварда мешавад [6, 74-75]. Инчунин, бояд гуфт, ки муҳаққиқ номи шоирро «Фано», «Фанои Ӯротеппагӣ» ва «Фанои Истаравшанӣ» зикр мекунад. Таҳти исми Мирзо Содиқ бошад, Мирзо Содиқи Мунширо дар назар дорад ва аз намунаи эҷоди ин шоир дар асар ба таври фаровон истифода шудааст.

Дар бораи Мирзо Сиддиқи Фано соли 1955 мақолаи таърихшинос А. Мухторов нашр шуд, ки дар он бори нахуст аз соҳибдевон будани шоир хабар дода шуда, аз девони шоир ба сифати намуна нуҳ чистон оварда мешавад [9,2]. Пас аз як сол ин чистонҳо дар маҷмуаи «Чистонҳо»-и фолклоршиносони тоҷик Р. Амонов ва Я. Калонтаров бо тавзеҳоти илмӣ нашр гардиданд [2, 4].

Таърихшиноси тоҷик А. Мухторов ташаббуси омӯзиши таърих ва фарҳанги Истаравшанро идома бахшида, соли 1964 дар китоби «Очеркҳои таърихӣ дар бораи Истаравшан дар асри XIX» дар аз шоир Фанои Ӯротеппагӣ ёдрас мешавад ва аз мавҷуд будани ду нусхаи девони дастнависи ӯ таҳти рақамҳои 121, 697 дар китобхонаи Институти шарқшиносии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маълумот медиҳад [11, 95-96]. А. Мухторов инчунин асареро бо номи «Дилшод ва мақоми ӯ дар таърихи афкори иҷтимоии халқи тоҷик дар асри XIX ва аввали асри XX» ба ҳаводорони илму адаб ва таърих муаррифӣ намуд.

Соли 1960 С. Султонов дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» таҳти унвони «Нодими Истаравшанӣ» мақолаеро нашр намуд, ки дар он оид ба муҳити адабии Истаравшан, шарҳи ҳол ва ғазалиёти адиб сухан ба миён омадааст ва мақолаи мазкур дар робита ба мавзуъ аввалин маълумот дар илми адабиётшиносии тоҷик ба ҳисоб меравад. Ин мақола нисбатан бо маълумоти мушаххас ва пурра роҷеъ ба муҳити адабии ин макон таҳия гардидааст ва арзиши илмиаш боз дар он зоҳир мегардад, ки дар он аз як қатор шоирони нимаи дувуми асри XVIII ва ибтидои асри XIX Истаравшан, ба мисли Хоҷа Убайдуллоҳи Солик, Ҳоҷӣ Мухаммади Шаҳдӣ, Саидғозии Нола, Ноёб ва Муҳтасиб, ки пайравони Ҳофизи Шерозӣ буданд, ёдоварӣ шудааст [15, 3].

Инчунин муаллифи зикршуда соли 1967 дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» якчанд наврӯзияҳои шоирони Истаравшанро ба табъ расонид, ки дар он ҳам номи шоирони истаравшанӣ, ба мисли Возеҳӣ, Солик, Нола, Моил, Нодим, Фано ва Назмӣ зикр шудааст [14, 3].

Дар натиҷаи пажуҳишҳо, С. Султонов, соли 1971 дар мақолаҳои худ бо номи «Як симои номашҳур» ва соли 1978 дар мақолаи «Нодим ва муҳити адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII ва ибтидои асри XIX» дар бораи Хоҷа Юсуфи Возеҳӣ ва Беҳҷати Мирзоайюб маълумот дод, ки муҳтавои он дар ҷилди якум ва дувуми «Энсиклопедияи советии тоҷик» оид ба рӯзгор ва осори Дабир, Фано, Мирзо Шариф ва Дилшоди Барно оварда шудааст [16, 3].

Дар баробари ин, С. Султонов дар рисолаи номзадии худ «Нодим ва муҳити адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII ва ибтидои асри XIX» на танҳо рӯзгор, осор ва мавқеи шоирии Нодими Истаравшаниро дар таърихи адабиёти ин давр муайян кардааст, инчунин оид ба доираи адабии Истаравшан низ маълумоти муфидеро пешниҳод кардааст.

Адабиётшиноси тоҷик С. Амирқулов дар «Адабиёти тоҷик дар нимаи аввали асри XIX» ном асараш бо баррасии вазъи иҷтимоӣ ва таърихии ин давр, дар радифи шеърҳои дар мавзуъҳои сиёсию иҷтимоӣ навиштаи баъзе адибон, аз Нодими Истаравшанӣ ва намуни ашъори ӯ низ ёдовар шудааст [3, 89].

Чунонки зикр гардид, новобаста аз истифодаи маълумоти зиёд роҷеъ ба адабиёти ин давраи таърих аз ҷониби муаллифони китобҳои таърихи адабиёти тоҷику форс ва муҳаққиқони алоҳида, ба зиндагиномаву осор, фаъолияту маҳорат ва вижагиҳои мундариҷаи эҷодиёти шоирони алоҳидаи ин давр ба таври мушаххас ва зарурӣ таваҷҷуҳи кам зоҳир гардидааст. Аз ҷумла, роҷеъ ба Мирзо Сиддиқи Фано, ки ашъораш намунаи адабиёти ин давра ба ҳисоб меравад, ба ҷуз аз баъзе ишораву қайдҳо ва мақолоти ҷудогона таҳқиқоти мукаммале сурат нагирифтааст. Гуфтан бамаврид аст, ки то имрӯз дар илми адабиётшиносии тоҷик ба ғайр аз нашри мақолоти ҷудогона дар бораи Мирзо Сиддиқи Фано ва бархе аз ғазалҳои ашъори ӯ тадқиқоти мукаммале, ки тамоми ҷанбаҳои ҳаёту фаъолияти шоирро дар бар гирифта бошад, анҷом дода нашудааст. Бинобар ин, омӯзишу таҳқиқи зиндагинома ва осори адабӣ, мундариҷаи ғоявии ашъор, махсусан матн ва мазмунҳои ҳаётии чистонҳо ва паҳлуҳои дигари эҷодиёти Мирзо Сиддиқи Фано яке аз вазифаҳои муҳим ва зарурӣ дар адабиётшиносии муосири тоҷик боқӣ мемонад, зеро таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба намояндагони ҳавзаи адабии Истаравшан дар ин давра боис мегардад, то раванди рушди фарҳангу адабиёти умумии Мовароуннаҳр, ки махсусиятҳои умумии худро дошт, беҳтару хубтар дарк шавад.

Мирзо Сиддиқи Фано аз зумраи шоирон ва равшанфикрони маъруфи охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX - и Истаравшан ба шумор меравад. Ин шоири тавоно ва соҳибистеъдод аз худ мероси арзишмандеро ба ёдгор гузоштааст. Далели ин гуфтаҳо маҳбубияту маъруфияти шоир дар байни аҳли адаб ва мардуми Истаравшан дар тӯли беш аз дусад соли охир мебошад. Аксари муҳаққиқони адабиёти тоҷики асрҳои XVIII-XIX Мирзо Сиддиқи Фаноро ба ҳайси адиби забардаст ва машҳури замонаш ба қалам додаанд.

Дар хусуси Мирзо Сиддиқи Фано, ба ҷуз девони дастнависи худи ӯ, дар дигар маъхазҳои адабию таърихии гузашта маълумоте дастрас нест. Бинобар ин, дар омӯхтани ҳаёту эҷодиёти ӯ маъхази ягона ва гаронбаҳо девони дастнависи худи шоир аст.

Мирзо Сиддиқ ибни Тағоймурод мутахаллис ба «Фано» аст. Дар сарчашмаҳои асри XIX бо ин тахаллус номи се шоир қайд шудааст. Яке Муҳаммаднафаси Пирмастист, ки дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Муҳтарам [12, 292], ду нафари дигар аз шоирони Озорбойҷон буда, дар «Тазкираи наввоб»-и Мир Муҳсини Наввоб қайд гардидаанд.

Мирзо Сиддиқи Фано тақрибан миёнаҳои ҳукумати Норбӯта (1768 – 1798) дар вилояти Ӯротеппа ба дунё омадааст. Дар ин хусус худи шоир дар дебочаи девонаш менависад, ки «…фақири бебизоат валади афсаҳулуламо Тағоймурод маҳрумии мағфури Мирзо Сиддиқи Ӯротеппагист» [19,3а]. Аз «афсаҳулуламо» унвон гирифтани падари шоир маълум мешавад, ки Тағоймурод аз донишмандони замони худ будааст. Мирзо Сиддиқ аз овони хурдсолӣ дар

тарбия ва парастории бевоситаи падараш, аввал, дар мактаб ва сипас, дар мадраса ба омӯхтани илмҳои динӣ ва зарурии замона машғул мешавад. Ӯ дар андак муддат мактабро ба итмом расонда, чанд гоҳ дар мадрасаи худи Ӯротеппа таҳсили илм менамояд. Аз ин хусус низ шоир дар дебочаи девонаш менависад, ки «умре ба улуми диния ва масоили бақия иштиғол менамудам. Аз ҳар кадом улум андар кайфияти омол баҳра ёфтам» [19, 6а]. Аз ин гуфтаҳо равшан мешавад, ки Мирзо Сиддиқи Фано дар мадраса таҳсил намуда, аз илмҳои гуногуни замона ба хубӣ баҳравар гардидааст. Чунонки аз маълумоти девони ӯ равшан мегардад, дар баробари омӯхтани сарфу наҳви арабӣ, таърихи адабиёти форсу тоҷик ва турк дар мактаби хаттотии доираи адабии Истаравшан таҳсил намуда, дар навиштани ҳафт қалам хат ба дараҷаи устодӣ мерасад [8, 11]. Пас аз ин Мирзо Сиддиқи Фано, шояд ба сабаби такмили минбаъдаи илму дониш бошад, чанд муддат дар маркази онвақтаи хонияи шаҳри Хӯқанд зиндагӣ мекунад. «Рахти қоматро, -менависад ӯ, ба тарафи Хӯқанд кашида, чанд вақт дар он ҷо бар маснади иқомат муқим гаштам» [19, 6а]. Ба Хӯқанд омадани ӯ, зоҳиран, ба давраи ҳукмронии амир Умархон (1799-1822) рост меояд, зеро маҳз дар ҳамин вақт шуҳрати хонигарӣ баланд шуда, ба маркази он аз гӯшаву канори Осиёи Миёна аҳли илму фазли бисёре ҷамъ омада буданд. Мирзо Сиддиқи Фано низ дар ҳамин вақтҳо ба Хӯқанд омада, аввал дар мадраса, шояд дар мадрасаи «Ҷомеъ»-и худи Умархон бошад,таҳсили илм мекунад. «Баъди чанд муддат,- таъкид мекунад шоир,- махзани табъам аз ҷавоҳири лоалии маонӣ мамлу гашта ва шаъшааи анвори илму фазлам дар он вило шуҳрат ёфт» [19, 6а]. Шуҳрати шоир, аслан, ба давраи баъди вафоти амир Умархон (с.в.1822) мутобиқ меояд. Чунки агар ӯ то ин вақт шуҳрат меёфт, номи шоир бояд ба «Маҷмуаи шуаро»-и Фазлии Намангонӣ, ки соли 1236/1822 тартиб дода шудааст, дохил мегардид. Ғайр аз ин, дар ин рӯзгор дар Хӯқанд бо илму фазилат ва шеъру шоирӣ шуҳрат ёфтани Мирзо Сиддиқ баъди вафоти Зокирхоҷаи Намангонӣ (в. 1240/1824) будааст. Шоир хотирнишон мекунад, ки «шабе он бузурги ҳақ ва волии мутлақ эшон Зокирхоҷаи Намангонии марҳумро дар хоб дидам… Аввал ғазалашонро мухаммас кардам. Баъд аз он ба андак таваҷҷуҳ ҳар чизе гуфтам, дар силки назм даромад» [19, 3а].

Мирзо Сиддиқи Фано ҳарчанд ба адабиёт рағбати тамом дошт ва дар ин соҳа низ ба мисли илмҳои дигари замон дониши пурдоманае андӯхтааст, гуфтани шеърро дертар шуруъ кардааст. Дар ин бобат ӯ таъкид мекунад, ки «фақир дар тақсир шеъру шоириро аднои мартабаи фазли инсонӣ медонистам» [19, в. 3б]. Вай ба зудӣ хуб мефаҳмад, ки «шеър низ дохили камолоти инсонӣ аст» [19, 5а] «Ба тақозо, - менависад шоир, якчанд авқотро ба ин рамуз масрур дорам, шояд, ки ба абёти саҳоби фикру хаёл ниҳоли муддао боровар гардад» [19, 5 а].

Воқеан, дар ин ҷабҳа дере нагузашта «аз гулбуни хаёл» -и шоир ба гуфти худаш, «аҷоиб ғунчаҳои рангин мешукуфад» [19, 5а]. Мирзо Сиддиқи Фано дар ҷойи дигари девонаш, эҳтимол, ҳамин давраи ҳаёташро, ки сазовори таҳсини умум гаштааст, ба хотир оварда мегӯяд:

Намедонам чӣ рангин шеър сар барзад зи табъи ман,
Ба гӯшам мерасад з-абнои даврон ҳар замон таҳсин. [19, 36а]

Дар хусуси баландии табъу заковати сухан ва рангинии хаёли Мирзо Сиддиқи Фано далели қавиӯ гувоҳи боэътмод девони ашъори худи шоир аст.

Ба ин тариқ, аз ин далелу мулоҳизаҳо натиҷа гирифта, мо гуфта метавонем, ки шуҳрати дар маркази хонияи Хӯқанд ба илму фазилат ва шеъру

шоирӣ ёфтаи Мирзо Сиддиқи Фано воқеан баъди вафоти амир Умархон, яъне ба давраи ҳукумати Муҳаммадалихон (1822 - 1842) рост меояд.

Замони ҳукмронии ин амир дар таърихи халқҳои тоҷику ӯзбек яке аз давраҳои вазнин ва пурфитнаву фасод ҳисоб меёбад, зеро Муҳаммадалихон шахси худписанду мағрур буд. Ӯ на танҳо маслиҳати аҳли фазлро гӯш намекард, балки ба иллати худписандиву мағрурӣ аксари уламову фузало ва шуарои пешқадами давраи падарашро аз дарбор дур сохта, худ ба айшу нӯш ва ишратҳои пайваста гирифтор мегардад. Дар натиҷаи ин амалҳо дар идораи давлат харҷу марҷ ривоҷ меёбад [5, 560]. Натиҷаи ҳамин худрписандиву бенизомиҳо буд, ки олими маъруфи замон Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон бо фармони амир маҷбур мешавад, ки дар давоми як шабонарӯз сарзамини хонияро тарк гӯяд, ҳамчунин Авазмуҳаммади Нозил аз дарбор ронда шуда, гирифтори зиндон гардад [5, 172]. Яке аз шоирони машҳури замон Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ ночор ба сӯйи Хоразм рахти сафар мебандад. Дар ин маврид аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳо, Мирзо Сиддиқи Фано дар Хӯқанд берун аз дарбор ба таълиму тарбияи толибони илм машғул буд [19, 3а]. Аз ин сабаб шояд ӯ ба таъқиби амир дучор наомадааст. Мирзо Сиддиқи Фано оид ба таълими толибони илм шуғл доштани худ сухан ронда, чунин менависад: «Ҳамчун нофаи тотор мардум аз ҳолам бӯ бурданд. Гурӯҳ-гурӯҳ лайливашон бар сари мани Маҷнун чун авроқи гул дар бӯстонсарои фазл ҷамъ омаданд ва тақозои таълими илму фазл намудандӣ» [19, 3б]. Аз ин иқтибосҳо аён аст, ки Мирзо Сиддиқи Фано баъди дар илму фазл шуҳрат ёфтан, дар худи маркази хония ба таълими толибони илм машғул гаштааст, вале аз ибораҳои «дар бӯстонсарои фазл ҷамъ омаданд ва тақозои таълими илму фазл намудандӣ» равшан нест, ки шоир бо ин суханон таълими мактабро дар назар дорад, ё таҳсили мадрасаро.

Чанд вақт ва то кай дар Хӯқанд зистани Мирзо Сиддиқи Фано маълум нест, аммо аз солҳои таълифи ду қитъаи таърих, ки яке бар вафоти Низомиддинхоҷа ибни Исҳоқхони Махдуми Аъзамӣ (с.в. 1247/1832) ва дигаре ба вафоти Эшонхоҷаи Аҳрорӣ (с.в.1266/1850) [115, с.116] бахшида шудааст, равшан мегардад, ки шоир дар Хӯқанд то соли 1266 ҳичрӣ ҳаёт ба сар бурдааст. Барои рафъи шубҳа дар поён мисраи таърихи қитъаи якумро меорем, ки ин аст:

برامد آه و و اه از شهر خواقند

/Баромад оҳу воҳ аз шаҳри Хӯқанд/.

Ин ҷо агар аз қимати ибораи «шаҳри Хӯқанд (1265), қимати ибораи «оҳу воҳ» (18)-ро берун созем, санаи 1247-и санаи ҳичрие, ки бар соли 1832-и мелодӣ рост меояд – 33 боқӣ мемонад, ки он соли вафоти Низомиддинхоҷа ибни Исҳоқхон аст. Чунон ки мебинем, шоир дар ин қитъа ҳангоми вафоти Низомиддинхоҷаро ҳамчун шахси шоҳиди воқеа тасвир мекунад. Дар қитъаи дувум ба вафоти Эшонхоҷаи Аҳрорӣ ишора кардааст, ки худ шоҳиди он будааст. Аз ин далелҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки фаъолияти адабии Мирзо Сиддиқи Фано то соли 1266-и ҳичрӣ дар Хӯқанд ҷараён дошта, ӯ шоҳиди бевоситаи воқеаҳои вафоти ду адиби номбурдаи замон гаштааст.

Минбаъд ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти адабии Мирзо Сиддиқи Фано дар зодгоҳаш – вилояти Ӯротеппа давом мекунад. Зоҳиран, шоир ба зодгоҳаш баъди 65-солагӣ бармегардад. Бояд бигӯем, ки дар ин вақт ӯ шоири маъруфи замон гардида буд. Шоир мувофиқи соли тадвини девонаш, соли 1258/1841 девони тоҷикӣ ва соли 1259/1842 девони ӯзбекии худро тартиб дода буд. Дар Ӯротеппа шоир дар яке аз ҳуҷраҳои мадрасаи Намозгоҳ зиндагӣ мекард. Ӯ дар ин хусус қайд мекунад, ки «дар вилояти Ӯротеппа дар мадрасаи Намозгоҳ

истиқомат карда, хомаи дақоиқ ва ҳақоиқсанҷро дар арсаи қоғаз дар ҷавлон оварда» [19, 5а]. Ин ҷо аз «хомаро дар арсаи қоғаз ба ҷавлон оварда» гуфтани шоир хуб равшан мешавад, ки эҷодиёти ӯ баъди соли 1266/1850 низ давом доштааст. Дар ин солҳо шоир баробари давом додани эҷодиёти худ дар мадрасаи Намозгоҳ ба толибилмон аз сарфу наҳви арабӣ дарс ҳам мегуфт. Ба ҷуз девонҳои номбурда, боз девони дигаре тартиб додани Мирзо Сиддиқи Фано ҳоло маълум нест. Гумон меравад, ки ӯ шеърҳои дертар гуфтаи худро баъдтар ба девонаш илова карда бошад. Чунки дар девони солҳои 1258/1841 ва 1259/1842 тартибдодаи ӯ ду қитъаи таърих ворид гардидааст, ки яке соли 1260/1844 [19, 78а] ва дигаре санаи 1266/1850 [19, 77а] иншо шудаанд.

Мутаассифона, чанд сол умр ба сар бурдани Мирзо Сиддиқи Фано ва вақти вафоти вай маълум нест. Тақрибан ӯ байни солҳои 50-60-уми асри XIX аз дунё чашм мепӯшад ва ба гуфти куҳансолони зодгоҳаш дар мазори гузари Намозгоҳи вилояти Ӯротеппа дафн карда мешавад.

Ба ин тариқ, он маълумотеро, ки аз дебочаи девон ва ашъори шоир доир ба лаҳзаҳои зиндагии ӯ ба даст овардаем, ҳамин мебошад.

Эҷодиёти Мирзо Сиддиқи Фано аз девони ашъор иборат мебошад. Нусхаҳои девони ашъори Мирзо Сиддиқи Фано ва дигар намояндагони адабиёти нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX Истаравшан, ки дар китобхонаҳои ватаниву хориҷӣ маҳфузанд, барои таҳқиқи масъалаҳои нусхашиносӣ, матншиносии ашъор ва таҳияи нашри илмӣ-интиқодии девон, санъати сухани онҳо имкон фароҳам меоранд.

Муҳаққиқи адабиёти нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX У. Каримов дар фасли «Адабиёти дузабона»-и китоби худ «Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX» дар шумори чанд шоири дузабона (Махмур, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Нозили Хуҷандӣ, Гулханӣ, Маъдани Понғозӣ, Муҳаммадшарифи Шавқӣ) оид ба мазмуну мундариҷа ва ғояи зиддифеодалии ашъори тоҷикиву ӯзбекии Мирзо Сиддиқи Фано сухан ронда, дар ин бобат комилан ба якдигар ҳамоҳанг гардидани эҷодиёти шоирони номбурдаро таъкид кардааст [6, 75].

Яке аз муҳаққиқони жанри чистон А. Суфиев дар таҳқиқоти ба чистонҳои халқӣ бахшидаи худ 8 адад чистони Мирзо Сиддиқи Фаноро бехабар аз муаллифаш моли эҷодиёти даҳонии халқ пиндоштааст [18, 39, 76, 77, 96, 105, 110].

Гузашта аз ин, бо саъю кӯшиши С. Султонов соли 2002 дар нашриёти «Сурушан»-и Душанбе китобе бо унвони «Таърихи доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX» интишор ёфт, ки дар он дар қатори шоирони Истаравшан доир ба баъзе лаҳзаҳо ва осори адабии Мирзо Сиддиқи Фано низ маълумот дарҷ гардидааст [17]. Дар ин асар муаллиф Мирзо Сиддиқи Фаноро дар гурӯҳи адибони пешқадам зикр карда, аз хусуси ҷои таваллуд, мерос ва чанд нусхаи девони шоир маълумот дода, дар замимаи он чанд ғазалро аз мероси Мирзо Сиддиқи Фано ҳамчун намуна овардааст. Ин далелҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки Мирзо Сиддиқи Фано яке аз шоирони боистеъдод ва пешқадами муҳити адабии замонаш будааст [19, 6б].

Бояд зикр кард, ки то имрӯз панҷ нусхаи хаттии девони Мирзо Сиддиқи Фано ба мо маълум аст. Як нусхаи он дар захираи Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти рақами 468 ва чор нусхаи дигар дар захираи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Узбекистон зери рақамҳои 910, 1030, 7015 ва 7025 нигоҳ дошта мешавад. Тавсифи мухтасари ин нусхаҳо дар феҳристи китобхонаҳои номбурда мундариҷ аст.

С. Султонов дар китоби «Таърихи доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX» оид ба нусхаҳои девони Мирзо Сиддиқи Фано хабар додааст: «Айни ҳол, - менависад муҳаққиқ, - аз осори хаттии ӯ ду китоб дастраси мо мебошад. Ин китобҳо нусхаҳои девони худи шоир буда, таҳти № 1021, 697 дар ганҷинаи Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд» [17, 154].

Ба фикри мо, нусхаи хаттии рақами 468, ки дастхатти худи шоир буда, ашъори тоҷикӣ ва ӯзбекии ӯро дарбар гирифтааст, назар ба нусхаҳои дигар бештар эътимодбахш аст. Бинобар ин, зарур донистем, ки оид ба нусхаи зикргардида маълумоти бештар пешкаш намоем.

Андозаи девони мазкур 16 х 26, 5 см буда, он аз 85 варақ иборат аст. Ҳар рӯйи варақи нусха бо ду сутун 11-12 рахӣ китобат шудааст. Муқоваи девон ранги сабзтоб дошта, аз ду тарафаш сетоӣ–шаш медалион нақш ёфтааст. Хатти нусха настаълиқи резаи нимшикаста ва коғази он хӯқандӣ мебошад.

Дар варақҳои 1б–7а дебочаи худи муаллиф омада, дар он шоир аз хусуси баъзе лаҳзаҳои аҳвол, вазъи зиндагӣ, сабаби тартибу таълифи девон ва муҳимтарин мавзуоти он сухан меронад. Девон бо суханони «Ҳамд мар мутакаллимеро, ки...» [19, 1б] ибтидо гирифта, бо мусаббаи ӯзбекии мисраи охиринаш: «Маҳшар кунӣ магар кӣ булур руъяти лиқо» / Рӯзи маҳшар ҳар лиқо руъят шавад / аст, ба поён мерасад [19, 85а].

Девони номбурдаи Мирзо Сиддиқи Фано, аз ду қисм иборат аст, яъне дар варақҳои 1 б – 54 б ашъори тоҷикӣ ва дар варақҳои 55а– 85а шеърҳои ӯзбекии шоир ҷой дода шудааст. Дар охири варақи 54б тартиб ва китобати ашъори тоҷикӣ санаи 1257/1841 ва дар охири варақи 85а тартиб ва китобати шеърҳои ӯзбекиаш соли 1258 /1842 дарҷ ёфтаанд. Худи шоир дар дебочаи девон [19, 6б] пеш аз санаҳои номбурда, доир ба тадвини он сухан ронда, менависад, ки ин «саҳифаи парешонро чун ғунча дар шероза ба тартиб даровардам дар асри Сайидмуҳаммад амир Насрулло - Баҳодурхон» [7, 123-124].

Илова бар ин, ду нусхаи девонашро бо хатти хеле зебои худ китобат карда, ба Амир Насрулло тақдим намудааст, ки баъдтар хаттотони дарбори амир Музаффар аз руйи ин нусха нусхаҳои дигарро бардошту китобат кардаанд.

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки шоир тартиб ва китобати ин девонро дар замони амир Насрулло (солҳои ҳаёти шоир 1827-1860) дар давоми солҳои 1841 ё 1842-и мелодӣ ба поён расонидааст.

Аз тавсифи таркиб ва тартиби девон маълум мешавад, ки дар ин нусха 1410 байт ашъори тоҷикӣ ва 881 байт шеърҳои ӯзбекӣ, ҷамъулҷамъ 2291 байт ашъори Мирзо Сиддиқи Фано гирд омадааст. Омӯзиш ва таҳлил нишон медиҳад, ки қасида ҳамчун жанри адабӣ дар девони Мирзо Сиддиқи Фано мақоми назаррас надорад, аммо дар девони шоир мақоми жанрҳои лирикии ғазал, мухаммас, рубоӣ, соқинома ва махсусан, чистон калон аст, ки ин ҳолат ба ҷанбаи бештари халқӣ касб кардани эҷодиёти шоир гувоҳӣ медиҳад.

КИТОБНОМА

1. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик / С. Айнӣ. – Аз хати форсӣ таҳия ва тасҳеҳи Мубашшири Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2010. – 438 с.
2. Амонов, Р., Калонтаров Я. Чистонҳо / Р. Амонов, Я Калонтаров. – Сталинобод: Ирфон, 1956. – 133 с.
3. Амирқулов, С. Таҳаввули жанрҳои адабиёти тоҷик дар нимаи аввали асри Х1Х / С.Амирқулов. –Душанбе: Деваштич, 2005. – 128 с.
4. Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ. Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб / Қорӣ Раҳмалуллоҳи Возеҳ. Матни интиқодӣ бо муқаддима ва тасҳеҳи Асғари Ҷонфидо. Зери назари Абдулғанӣ Мирзоев. / Раҳматуллоҳ, Қорӣ Возеҳ – Душанбе: Дониш, 1977. – 227 с.
5. История Узбекской ССР. В четырёх томах. Т.1. - Ташкент, 1067. – 660 с.

6. Каримов, У. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XVIII ва аввали асри Х1Х: китоби дарсӣ / У.Каримов. – Душанбе: Дониш, 1974. –187 с .
7. Каталог восточных рукописей АН Таджикской ССР / Под ред. А. Мирзоева и М. И.Занда. –Т.4. –Душанбе: Дониш, 1970. – 328 с.
8. Мирзозода, Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои ХУ1-Х1Х ва ибтидои асри ХХ) / Х. Мирзозода. – Сталинобод: Нашр. давл. Тоҷ. 1950. – 304 с.
9. Мухторов, А. Чистонҳои шоир Фаноӣ /А.Мухторов // Пионер, М.:, № 12.- 1955. – С. 2.
10. Мухторов, А. Дилшод и ее место в истории общественной мысли таджикского народа в XIX начале XX вв. / А. Мухторов. – Душанбе: 1969. – 372 с.
11. Мухторов, А. Очерки истории Ура-Тюбинского владения в Х1Х в / А. Мухторов. – Душанбе: Маориф, 1964. – 198 с.
12. Муҳтарам, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ. Тазкирату-ш-шуаро / Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. Зери назари Камол Айнӣ. – Душанбе: Дониш,1975. – 369 с.
13. Собрание восточных рукописей АН УЗБ. ССР. Т.1. – Ташкент: Фан, 1952. – 348 с.
14. Султонов, С. Наврӯзияҳои шоирони Истаравшан / С.Султонов // Тоҷикистони советӣ, 24 март. – Душабе: Маориф, 1967. – С. 29.
15. Султонов, С. Нодими Истаравшанӣ / С. Султонов // Маориф ва маданият. 17 майи соли 1960. – Душанбе: Маориф, 1960. – С. 3.
16. Султонов, С. Як симои номашҳур / С.Султонов // Рӯзномаи Маориф ва маданият, 28 августи соли 1971. – Душанбе, 1971. – С. 3.
17. Султонов, С. Таърихи доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX / С. Султон. – Душанбе: Сурушан, 2002. – 232 с.
18. Сӯфиев, А. Чистонҳои халқии тоҷикӣ /А. Сӯфиев. –Душанбе. Дониш, 1972. – 178 с.
19. Фано, Мирзо Сиддиқ. Девон / Мирзо Сиддиқи Фано. – Нусхаи хаттии Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти рақами 468, вар. 198б.
20. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX: китоби дарсӣ / Р. Ҳодизода. – Душанбе. Адиб, 1967. – 288 с.
21. Ҳодизода Р., Каримов У., Саъдиев С. Адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри ХХ): Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев. – Душанбе: Маориф, 1988.– 416 с.
22. Чистонҳо. Ҷамъкунанда ва тартибдиҳандагон Амонов Р. ва Калонтаров Я. – Душанбе: Нашр. Давл. Тоҷ.,1956. – 134 с.

МИРЗО СИДДИҚИ ФАНО – ШОИРИ СОҲИБДЕВОН

Дар адабиёшиносии тоҷик оид ба ҳаёти адабию мадании охири асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX ва як қатор намояндагони он асарҳои гуногуни илмӣ-таҳқиқотӣ навишта шудаанд, аммо ҷараёни зиндагӣ ва осори бисёре аз шоирони ин давр то кунун ба таври комил омӯхта нашудааст. Он пажуҳишҳое, ки бевосита ба вазъи фарҳангӣ ва доираҳои адабии Истаравшан бахшида шудаанд, ҳанӯз воқеъияти аслиро муаррифӣ намекунанд. Махсусан, аҳвол ва ашъори яке аз пешқадамтарин намояндагони доираи адабии ин давра Мирзо Сиддиқи Фано ба таври бояду шояд мавриди таҳлили илмӣ қарор нагирифтааст. Ҳол он ки зиндагинома ва муҳтавои ашъори ин чеҳраи намоёни адабиёт як навъ ҷамъбасти ҳунарҳои эҷоди бадеӣ ва инъикоси масъалаҳои иҷтимоии давраи мавриди таҳлил ба ҳисоб меравад.

Дар ин мақола мушаххасоти ҷараёни зиндагӣ, фаъолият, мероси адабӣ, мазмуну мундариҷа, забону сабки нигориш, тарзи истифодаи санъатҳои бадеӣ,

таҳаввули анъанаҳои шеъри классикии тоҷик дар мисоли ашъори гуногунҷабҳаи шоир Фано таҳлил шудааст. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи нусхаи қаламии девони шоир маълум гардид, ки дар эҷодиёти ӯ дар баробари ғазалиёташ чистонҳои бо забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ эҷодкарда, ҳама саршор аз мазмунҳои ҳаётиянд, мавқеи муҳим доранд.

Калидвожаҳо: *доираҳои адабӣ, ҳавзаи адабии Истаравшан, вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ, Мирзо Сиддиқи Фано, зиндагинома, ашъор, рубоӣ, ғазал, мухаммас, чистон, образҳои нав, ибораҳои нави бадеӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, халқияти эҷод, таҳлили матн, раванди эҷод, субъекти лирикӣ.*

МИРЗА СИДДЫК ФАНО – ВЛАДЕЛЕЦ ДИВАНА

В таджикском литературоведении существует ряд научно-исследовательских работ, посвящённых культурной жизни конца XVIII и первой половины XIX века и её представителям. Однако жизненный путь и творчество многих поэтов этого периода остаются недостаточно изученными. В частности, исследования, касающиеся литературной обстановки Истаравшана, пока не в полной мере отражают реальность. До настоящего времени не был проведён должный научный анализ жизненного пути и стихов Мирзы Сиддык Фано, одного из ведущих представителей литературного круга этого периода. Тем не менее, биография и содержание произведений этого деятеля считаются уникальным итогом художественного творчества и отражением социальных проблем анализируемого периода.

Данная статья представляет собой целостное и детальное исследование в таджикском литературоведении. Она включает в себя уточнение жизненного пути, деятельности, литературного наследия, содержания, значения, языка и стиля Мирзы Сиддык Фано, а также способов использования им художественных приёмов и эволюции традиций классической таджикской поэзии. В результате изучения подлинной копии дивана поэта было установлено, что в его творчестве, наряду с газелями, важное место занимают загадки, написанные на таджикском и узбекском языках.

Ключевые слова: *литературные круги, литературные круги Истаравшана, политическая и социальная обстановка, Мирза Сиддык Фано, биография, стихи, рубаи, газели, мухаммас, загадки, новые образы, новые художественные выражения, социальные группы, творческие люди, анализ текста, творческий процесс, лирический субъект.*

MIRZO SIDDIQI FANO – OWNER OF A COLLECTION OF POETRY

Various researchs have been devoted to the literary and cultural life of the late XVIII and first half of the XIX century and the number of its representatives in Tajik literature, but the life paths and work of many poets of this period have not yet been fully studied. Those studies that are directly devoted to the cultural and literary aspects of Istaravshan do not yet reflect reality. In particular, the life and poems of one of the leading representatives of this literary circle, Mirzo Siddiqi Fano, have not received due scientific analysis. However, the biography and content of the poems of this poet are considered a kind of summary of artistic creativity and reflection of the social problems of the analyzed period.

This scientific work in Tajik literary criticism is a unified and detailed study, including clarification of the life path, activities, literary heritage, content, meaning,

language and style, the way of using artistic techniques, the evolution of the traditions of classical Tajik poetry on the example of the multifaceted poems of Mirzo Siddiqi Fano. As a result of studying the most original copy of the poet's Divan, it became clear that in his work, along with ghazals, an important place is occupied by riddles written in Tajik and Uzbek languages.

Keywords: *literary circles, literary circles of Istaravshan, political and social situation, Mirzo Siddiqi Fano, biography, poems, rubai, ghazal, mukhammas, riddles, new images, new artistic expressions, social groups, creative people, text analysis, process of creativity, lyrical subject.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ғафурова Ҷамила Музаффаровна саромӯзгори калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Нишонӣ: 734061, ш. Душанбе, кӯч. Деҳотӣ, 1/2, Тел.: (+992) 934-06-66-55; E-mail: djamila.1966@mail.ru

Сведения об авторе: Гафурова Джамила Музаффаровна старший преподователь кафедры языков Таджикского государственного университета коммерции. Адрес: 734061, г. Душанбе, ул. Дехоти, 1/2. Тел.: (+992) 934-06-66-55; E-mail: djamila.1966@mail.ru

Information about the author: Gafurova Jamila Muzaffarovna senior Lecturer of the department 0f languages at Tajik state university of commerce. Address: 734061, Dushanbe, st. Dehoti, 1/2. Phone: (+992) 934-06-66-55; E-mail: djamila.1966@mail.ru

ТДУ: 889.990

ДИЛНОМАИ ЛОҲУТӢ ВА МАҚОМИ ОН ДАР ЭҶОДИЁТИ ШОИР

Саидхоҷа Илоҳаи Беҳрӯз
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Абулқосим Лоҳутӣ аз шуарои маъруф ва аз пешоҳангони ҷунбиши Машрута дар Эрон буд, ки дар соли 1921- роҳбарии шӯрише ба номи «Шуриши Лоҳутихон» - ро дар шимоли Эрон ба уҳда дошт ва пас аз шикасти ин шӯриш ба Иттиҳоди Шуравӣ паноҳ бурд. Дар ин ҳангом буд, ки ӯ фаҳмид дар қисмате аз Шуравӣ мардумоне ба номи «тоҷик» зиндагӣ мекунанд ва дар ҳамон солҳо буд, ки Ҷумҳурии худмухтори шуравии сусиёлистии Тоҷикистон таъсис шуд. Лоҳутӣ он гуна, ки худаш мегӯяд, «аз портиё (ҳизби коммунист)» хостааст, ки ӯро ба Тоҷикистон фиристад [1,1].

Устод Лоҳутӣ баъд аз устод Айнӣ дувумин пояи фарҳанги тоҷик дар асри ХХ буд, ки дар рушду камоли адабиёти давраи нави он саҳми муносиб гузошт. Вай чандин сол намояндаи Тоҷикистон дар назди Иттифоқи нависандагони Шуравӣ буда, ба сифати яке аз муовинҳои А.М. Горкий иҷрои вазифа намудааст. Дар ҳама анҷуманҳои нависандагони Шуравӣ дар паҳлуи С. Айнӣ қарор дошт ва бахши шеъри тоҷикиро аз минбарҳои расмӣ бештар ӯ муаррифӣ мекард. Абулқосим Лоҳутӣ ба адибоне чун М.Турсунзода, М. Миршакар, Б. Раҳимзода, А. Деҳотӣ, Ҳ. Юсуфӣ дарси маҳорат омӯхт. Маҳз бо кӯшиши ӯ осори адибони

тоҷик дар нашриёти Маскав бо чандин забон рӯйи чопро медид. Лоҳутӣ намунаҳои осори адибони тоҷикро ба дунёи форсизабон паҳн менамуд [2, 85].

Аз Абулқосим Лоҳутӣ мероси адабии зиёде боқӣ мондааст, ки ҳамаи онҳо асарҳои мондагор мебошанд. Устод Лоҳутӣ низ ба монанди дигар шоирони баландандеша дӯстдори шоирони классикӣ буда, шеърҳои Рудакӣ, Фирдавсӣ, Ҳофиз, Саъдӣ ва дигаронро мутолиа ва аз онҳо баҳравар гардидааст. Гарчи устод дар авоили шеърсароии худ шеърҳои тасаввуфӣ месуруд, аммо вобаста ба замон ва тағйири ҷомеа ба сурудани шеъри нав ва шеърҳои ватандӯстӣ, ватанхоҳӣ, шеърҳои мутантан ва лирикӣ рӯ овард. Дар бораи истеъдоди шоирӣ ва асарҳои устод Абулқосим Лоҳутӣ ҳар қадар сухан гӯем, боз ҳам кам аст. Устод Лоҳутӣ дар тамомии анвои назм шеъри хуб ва дилчасп месуруд. Ба гуфтаи адабиётшинос Абдураҳмони Абдуманнон, «эҷодиёти Лоҳутӣ, хосса лирикаи ӯ, дар таърихи адабиёти шуравии тоҷик падидаи фавқулода аст. Лоҳутӣ дар давоми зиёда аз сӣ сол бо эҷодиёти худ маҷрои таҳаввули назми шӯравии тоҷикро чун раҳбалади закиву доно ва силаҳшӯру тавоно инкишофу вусъат ва нақшу зинат мебахшид. Эҷодиёти ӯ ҳалқаҳои гусастаи силсилаи назми шуравии тоҷикро аз шеъри ҳазорсолаи халқҳои тоҷику форс устодона пайваст кард [2, 167].

Дар ин мақола мехоҳем ба рубоиёти устод Лоҳутӣ назаре афканем. Рубоӣ дар луғат ба маънии чаҳоргона ва ҳар чизест, ки чаҳор ҷузъ дошта бошад. Ба ҳамин тартиб, рубоӣ ё чаҳортоӣ яке аз қолабҳои шеъри форсист, ки чаҳор мисраъ дорад. Дар ашъори қадими форсӣ ба ҷои «рубоӣ» аз вожаҳои «дубайтӣ» ва «тарона» истифода мешудааст, ки албатта имрӯза дубайтӣ дар шеъри форсӣ бо рубоӣ тафовутҳое дорад ва тарона низ мафҳуме тоза, бавижа дар мусиқӣ, пайдо кардааст. Дар гузашта рубоиро «байт» низ мегуфтаанд, ки мафҳуми имрӯзии он бо гузашта тафовут дорад. «Чаҳордона» ва «чаҳорхона» аз дигар вожаҳоест, ки ба рубоӣ итлоқ мешавад. Ҷолиб аст бидонем, ки калимаи «дубайтӣ» ба унвони рубоӣ ба забони арабӣ роҳ пайдо карда ва онро «ад-дубайт» мегӯянд. Бад-ин сурат аст, ки форсизабонҳо аз вожаи арабии «рубоӣ» истифода мекунанд ва арабҳо аз вожаи форсии «дубайт». Аз назари қофия рубоӣ ба ду сурат аст: а) бо чаҳор мисраъи ҳамқофия. б) бо се мисраъи ҳамқофия. Тарҳи дуюми рубоӣ, ки бисёр роиҷ аст ва рубоиро ба ин шакл мешиносем, ҳамқофия будани мисраъҳои аввал ва дуюм ва чаҳоруми он аст. Ин навъи рубоиро истилоҳан «хасӣ» мегӯянд. Рубоӣ аз назари мавзуъ ва маънӣ ба се даста тақсим мешавад: рубоии ошиқона, рубоии суфиёна, рубоии фалсафӣ [6, 25].

Рубоии муосир монанди дигар қолабҳои шеърӣ таҳти таъсири ҷараёнҳо ва рухдодҳои иҷтимоӣ қарор гирифта, бо таъсирпазирӣ аз шеъри нав ва бо баёни ҳакимона ва андешаи дарунӣ дар он мавзуоте мутаносиб бо замона ироа шуд. Вожагони тоза, забони кӯчаву бозор, ҳанҷоршиканиҳо дар қофия ва радиф аз вижагиҳои бисёре аз рубоиҳои имрӯзӣ ҳастанд [6,41].

Устод Лоҳутӣ дар канори офаридани шеърҳои тару тоза боз рубоиҳои бисёр зебо ва хубе низ сурудааст, ки ин рубоиёт дар китобчае бо номи «Дили Лоҳутӣ», ки ба хатти лотинӣ дар Сталинобод (Нашриёти давлатии Тоҷикистон соли 1936, дар ҳаҷми 21 саҳифа) ба чоп расидааст. Дар ин китобча шасту ду рубоӣ ва як ғазал бо унвони «Дили Лоҳутӣ», ки ҳаждаҳ сатрро дар бар мегирад навишта шудааст. Ҷолиб ин ҷост, ки ҳамаи ин рубоиҳо дар бораи дил буда, шоир ба воситаи калимаи «дил» мазмунҳои гуногун меофарад. Ин нишон медиҳад, ки устод Лоҳутӣ ба шеърҳои лирикӣ низ алоқаманд буда, фонди

луғавии бисёр қавӣ ва ғанӣ низ доштаанд, ки дар ин мавзуъ, яъне танҳо бо як калимаи «дил» даҳҳо рубоии зебо ва дилнишин офаридааст. Дар умум мавзуи дил дар осори Лоҳутӣ ҷойгоҳи хосе дошта, шоир ба воситаи он беҳтарин ғазалу рубоиёташро эҷод кардааст. «Нигоҳи шуаро дар ғазалҳои ошиқона асосан ба ду навъ мебошад – хаёлпардозона (романтикӣ) ва вуҷуъгаро (реалистӣ), ки ҳар дуи он ҳам дар эҷодиёти як шоир воқеъ шуданаш мумкин аст [7, 11]. Рубоиҳои устод аз назари муҳтаво лирикӣ, фалсафӣ ва иҷтимоӣ буда, аз назари қолаби қофия бо се мисраи ҳамқофия навишта шудаанд, яъне рубоии «хасӣ» мебошанд ва дар шакли рубоии муосир, яъне аз назари муҳтаво муъшуқаи замони навро ба тасвир кашидааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки устод Лоҳутӣ дар сурудани тамоми анвои шеърӣ маҳорати баланд ва табъи оташбор доштааст. Ӯ дар корномаи эҷодии хеш як силсила рубоиёт дар васфи ранҷбарон, занон, тарғиби илму дониш ва озодии халқҳо дорад, ки аз назари шеърият дар сатҳи баланд қарор доранд. Дар канори масъулияти иҷтимоӣ шоири мубориз Лоҳутӣ ғазалу рубоиёти ошиқона низ суруда, ки ҳама мавриди истиқболи гарми хонандагон қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, шоир ба калимаҳои серистеъмол дар шеъри классикӣ, аз қабли «дил», «ҷон», «чашм» ва «маъшуқа» тобиши маъноии тоза дода, бо кумаки онҳо мутобиқи руҳи замони хеш мазмунсозиҳои тоза кардааст. Мафҳумҳои роиҷ дар шеъри классикӣ, аз қабили «сӯхтан»-у «пухтан»-у «сохтан» дар эҷодиёти Лоҳутӣ «ба ҷуз маънои зоҳирӣ маънои таҳтонӣ касб намуда, ҳисси ватандӯстӣ, дар роҳи муборизаи баҳри озодиву ободии Ватан устувор будан, садоқат ба маслаки инқилобӣ ва барои ҷомаи амал пӯшидани орзуи худ то охир кӯшидани қаҳрамони лирикии ашъори ӯро ифода мекунанд» [2, 105]. Аз ҷумла рубоии зер намунае аз маҳорати шоир аст, ки дар ҳар давру замоне қобили истифода хоҳад буд:

Ҳуснат зи ҷаҳон чашми маро дӯхтааст,
Ишқи ту ба ҷонам оташ афрӯхтааст.
Азбас ба дилам дастдарозӣ кардӣ,
Дастат зи ҳарорати дилам сӯхтааст. [9, 70]

Дар маҷмуаи «Дили Лоҳутӣ» намунаи беҳтарин рубоиёти шоир, ки дар мавзуи дил эҷод шудаанд, гирдоварӣ шудааст. Ин дилномаҳои шоир ҳам мазмуни ошиқона, ҳам орифона ва ҳам пайванди мустаҳками иҷтимоӣ дошта, хонандаро бо дунёи нопайдоканори дили одам ошно мекунанд. Дар воқеъ дар ин силсилаи рубоиёт шоир образи дилро бо маҳорати тамом дар адабиёти муосир ба тарзи нав эҷод карда, ҳақиқатро бо воқеият пайванд додааст. Ин махсусиятро Ш. Ҳусейнзода чунин шарҳ додааст: «Образи «маният»-и лирикӣ, ки дар адабиёти советии тоҷик, махсусан дар назми ин давра муҷассам гардидааст, дар асл таҷассуми образи лирикии оммаи васеъ ва қаҳрамонӣ мебошад. Ин навъ образро бо романтикаи фардиятпарастӣ, ки мафҳуми куҳнае дошт, баробар кардан мумкин нест [9, 71].

Намонад ҷон ба ҷо, гар дил набошад,
Ҷаҳон гардад фано, гар дил набошад.
Ба ҳусни рӯи хубон ҳеч чашме
Нагардад мубтало, гар дил набошад. [4, 5]

Устод Лоҳутӣ дилро арзишманду муқаддас мешуморанд, дар ҳақиқат агар дил намебуд, одамӣ чӣ гуна зинда мемонд. Пас, дил неъмате пурбаҳо ва ҳадяе аз ҷониби Парвардигор аст. Агар инсон дил намедошт, чӣ гуна ошиқ мешуд, чӣ

гуна зебоиҳоро медид, чӣ гуна олами ҳастиро дарк мекард, чӣ тавре, ки устод мегӯяд: ҷон фақат бо вуҷуди дил зинда аст:

Фақат, эй ҷон, ту ҳастӣ зинда бо дил,
Вуҷуди ту бувад поянда бо дил.
Макун бо дил рақобат дар раҳи ишқ,
Самимӣ бош дар оянда бо дил. [4, 19]

Нақши дилбар ё маъшуқа дар рубоиҳои шоир хеле муҳим аст. Вақте ошиқ маъшуқро мебинад, дилаш ба ларза меафтад ва аз ин шодмон мешавад. Дар он ҳангом гӯӣ, ки ӯ дар дунё ҳукмронӣ мекунад ва ҳеч лаҳзае аз ин беҳтар дар назараш наметобад:

Бибин, чун шодмонӣ мекунад дил,
Нишаста, комронӣ мекунад дил.
Кунун дар сояи дидори дилбар
Ба дунё ҳукмронӣ мекунад дил. [4, 20]

Ва ҳар гоҳе, ки ошиқ маъшуқашро мебинад, ӯро дуздида менигарад, симои маъшуқа дар дили ошиқ нақш бастааст. Ҳатто вақте ки ӯ набошад, бо пӯшидани чашмони худ чеҳраи зебои маъшуқашро дидан метавонад.

Дилам дуздида мебинад рухатро,
Касе нодида мебинад рухатро.
Дили ман як диле дар сина дорад,
Ки ӯ нодида мебинад рухатро. [4, 5]

Вақте диле ошиқ мешавад, дигар дар ихтиёри соҳибаш нест, ӯ хоҳ-нохоҳ ба сӯи маъшуқаш кашида мешавад ва ошиқро бе ихтиёр ба тарафи ӯ мебарад:

Дил аз аҳду қарори ман бурун шуд,
Зи сина пеши ёри ман бурун шуд.
Зи ҳоли ӯ дигар аз ман мапурсед,
Ки дил аз ихтиёри ман бурун шуд. [4, 6]

Дар бисёре аз образҳо маъшуқа бепарво, бераҳм тасвир карда мешавад. Устод Лоҳутӣ низ чунин мегӯяд:

Чаро раҳме ба ҳоли ман надорӣ,
Чаро дилро парешон мегузорӣ?
Намедонӣ магар, лабрези хун аст,
Чаро ин гуна дилро мефишорӣ? [4, 10]

Устод дар рубоиҳояш дилро сарзаниш менамояд, онро худпараст, берангубӯ, девона мешуморад, бо вуҷуди он ки маъшуқа ба он аҳаммияте намедиҳад, вале дил боз дар ба дар ба дунболи ӯ меравад:

Ту хеле худпарастӣ, эй дил, эй дил,
Чу хоки роҳ пастӣ, эй дил, эй дил.
Туро рондасту ту хурсандӣ аз ёр,
Сафеҳӣ ё ки мастӣ, эй дил, эй дил? [4, 14]

Ё дар рубоии дигар мегӯяд:

Намехоҳад туро ёр, эй дил, эй дил,
Маро з-ин пас маёзор, эй дил, эй дил.
Чу дилбар нест, дил дар сина бор аст,
Зи ҷонам даст бардор, эй дил, эй дил. [4, 14]

Дар рубоиёти устод билохира баъди хуни дил хӯрданҳо, шаббедориҳо, оҳ кашиданҳо ва зорӣ карданҳо маъшуқаи бепарво оҳи дили ошиқи дилсӯхтаро

шунида, ба доди ӯ мерасад ва ба дидори ошиқ меояд ва ин ҳама интизориву меҳнати ошиқ самар дода, ба пирӯзӣ мубаддал мегардад:

Сар омад меҳнати дирӯзии дил,
Шуд охир васли ҷонон рӯзии дил,
Кунун бо дил яке шуд дилбари ӯ,
Муборак бод ин пирӯзии дил! [4, 20].

Дар ин мақола мо фақат чанд рубоии устодро ба унвони намуна овардем, вале тамоми ин рубоиёт сода, равон, дилчасп ва хеле дилнишин мебошанд ва табъи хонандаро низ болида мегардонанд.

Дар охири китобча як ғазал зикр шудааст, ки он ҳам дар мавзуи «дил» мебошад. Дар ин ғазал, ки аз мафҳуми луғавию истилоҳии он ҳам пайдост, сухан аз ишқу ошиқӣ, зебоиҳои маъшуқ ва хислатҳои ӯ меравад ва беҳтарин ғазалҳои Лоҳутӣ ҳам аз ҳамин қабиланд. Дар ғазалиёти Лоҳутӣ симои маъшуқа дастнорас, ситамгар, сернозунуз, беэътино, ҳардамхаёл ва монанди ин, ки дар шеъри классикиямон намунаҳояш фаровон аст, низ мавқеъ дорад. Дар зимн дарк мешавад, ки маъшуқи Лоҳутӣ маъшуқи замони нав аст, ин сифати тозаест дар суннати ғазали классикӣ, яъне аз назари муҳтаво нав кардани сифати маъшуқа тозакории Лоҳутист [4, 2].

Нашуд як лаҳза аз ёдат ҷудо дил,
Зиҳӣ дил, офарин дил, марҳабо дил!
Зи дасташ як дам осоиш надорам,
Намедонам чӣ бояд кард бо дил?
Ҳазорон бор манъаш кардам аз ишқ,
Магар баргашт аз роҳи хато дил?
Ба чашмонат маро дил мубтало кард,
Фалокат дил, мусибат дил, бало дил!
Даруни сина оҳе ҳам надорад,
Ситамкаш дил, парешон дил, гадо дил!
Бишуд хоку зи кӯят бар нахезад,
Зиҳӣ собитқадам дил, бовафо дил!
Ба торе гарданашро баста зулфат,
Фақиру оҷизу бедаступо дил!
Зи ақлу дил дигар аз ман мапурсед,
Ҷу ишқ омад, куҷо ақлу куҷо дил?
Ту, Лоҳутӣ, зи дил нолӣ, дил аз ту,
Ҳаё кун, ё ту сокит бош, ё дил! [4, 21]

Дар ин ғазал устод Лоҳутӣ ба он ишора менамояд, ки дил ҳеч гоҳ аз ёди маъшуқи худ ҷудо намешавад, гоҳе ба дил офарин мехонад ва ӯро таҳсин мекунад ва гоҳе онро бало ва фалокат мешуморад ва ҳам ӯро собитқадам ва бовафо медонад ва баъзе вақтҳо оҷизу бечора мешавад. Вақте ки ишқ ба ҳарими холии дил ворид мешавад ва онро равшану пурнур менамояд, дигар дар ин миён ақл корсоз нест ва ошиқ маъшуқро ба чашми дил мебинад. Шоир дилро дар ашъори худ бисёр моҳирона ва ошиқона тавсиф мекунад. Ғазал ва рубоиёти шоир гарчанде аз назари шакл ба ғазалиёти классикӣ шабоҳат доранд, аз назари мазмун ва фазосозӣ падидаи тоза дар адабиёти муосир ба шумор мераванд:

Эй кошки, ба олам то чашм кор мекард,
Дил буду одам онро қурбони ёр мекард.
Шурои давлати ишқ фотеҳ агар намешуд,
Ҷумҳурии диламро ғам торумор мекард. [5, 99]

Устод Лоҳутӣ лаҳзаҳои гуногун ва пуртазоди ҳаётро, чи дар рубоӣ ва чи дар ғазалиёт, бисёр моҳирона инъикос намудааст. Ҳарчанд китобчаи мазкур «Дили Лоҳутӣ» ном дорад, аммо шоир дар ин силсила дарди дили ҳамаи мазлумони (ошиқони) дунёро баён кардааст.

КИТОБНОМА

1. Асозода, Х., Кучаров, А. Адабиёти синфи 11 / Х. Асозода, А. Кучаров. – Душанбе, 2006. – 291 с.
2. Абдуманнон, Абдураҳмон. Аз дирӯзу имрӯзи адабиёти тоҷик / Абдураҳмони Абдуманнон. – Душанбе: Адиб, 2022. – 480 с.
3. Одина, Исфандиёр. Шеъре аз Абулқосим Лоҳутӣ: «Хатти порсӣ» ва «Кохи тамаддуни тоҷик»// Анҷумани порсӣ (2019/10/16)
4. Лоҳутӣ, А. Дили Лоҳутӣ / А. Лоҳутӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ., 1936. – 21 с.
5. Лоҳутӣ, А. Куллиёт. ҷилди 2 (Шеърҳо) / А. Лоҳутӣ. – Душанбе: «Адиб», 2010. – 352 саҳ.
6. Шамисо, Сирус. Сайри рубоӣ. Теҳрон: Интишороти «Қитъа», 1402. – 374 саҳ.
7. Ҳаким, Аскар. Анвои шеъри ғиноӣ (нимаи дувуми садаи ХХ) / Аскар Ҳаким. – Душанбе: Дониш, 2020. – 546 с.
8. Ҳаким, Аскар. Пажӯҳиш ва нақди шеър / Аскар Ҳаким. – Душанбе, 2022. – 625 с.
9. Ҳусейнзода, Шарифҷон. Баҳс ва андеша / Шарифҷон Ҳусейнзода. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 264 с.

ДИЛНОМАИ ЛОҲУТӢ ВА МАҚОМИ ОН ДАР ЭҶОДИЁТИ ШОИР

Абулқосим Лоҳутӣ баъд аз устод Айнӣ дувумин пояи фарҳанги тоҷик дар асри ХХ буд, ки дар рушду камоли адабиёти даврааи нави он саҳми калон гузоштааст. Ӯ дар авоили фаъолияти эҷодӣ шеърҳои тасаввуфӣ месуруд, аммо вобаста ба замон ва тағйири ҷомеа ба сурудани шеъри нав, ашъори инқилобӣ, ватандӯстона ва лирикӣ рӯ оварда, ба яке аз пешқадамтарин шоирони шуравӣ табдил гардид.

Устод Лоҳутӣ дар мавзуъҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистон шеъру сурудҳои бисёре эҷод карда, ки аҳаммияти калони таблиғотӣ дошта, ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз лиҳози мазмун тоза ва намунаи ибрати ҳамагон будаанд.

Дар мақолаи мазкур сухан дар боби рубоиёти шоир, бахусус маҷмуаи «Дили Лоҳутӣ» меравад, ки соли 1936 ба хатти лотин дар Сталинобод (Душанбеи имрӯзӣ) чоп шудааст. Ин дилномаҳои шоир ҳам мазмуни ошиқона, ҳам орифона ва ҳам пайванди мустаҳками иҷтимоӣ дошта, хонандаро ба дунёи нопайдоканори дили инсон ошно мекунанд. Дар воқеъ, дар ин силсила рубоиёт шоир образи дилро бо маҳорати тамом дар адабиёти муосир ба тарзи нав эҷод карда, ҳақиқатро бо воқеият пайванд додааст.

Калидвожаҳо: *Абулқосим Лоҳутӣ, шоири инқилобӣ, дилнома, рубоиҳо, навоварӣ, лирика, хатти лотин, образи бадеӣ, маҳорат, тарзи нав.*

ДИЛЬНАМЕ ЛОХУТИ И И ЕГО МЕСТО В ТВОРЧЕСТВЕ ПОЭТА

Абулкасым Лохути был вторым столпом таджикской культуры XX века после Устада Айны, внесший большой вклад в развитие и зрелость литературы новой эпохи. В начале своего творческого пути он воспевал суфийские мотивы, но согласно требованием времени и изменениями в обществе обратился к воспеванию новых, революционных, патриотических и лирических стихотворений и стал одним из ведущих советских поэтов.

Устад Лохути написал множество стихов и песен на различные темы общественно-политической жизни молодой республики Таджикистан, которые имели большое пропагандистское значение как по форме, так и по содержанию и были примером для всех.

Данная статья посвящена изучению повествований поэта, в частности сборнику «Дили Лохути», вышедшему в 1936 году на латинице в Сталинабаде (ныне Душанбе). Данный сборник поэта имеют одновременно романтическое и просветительское содержания и прочную социальную связь, которые знакомят безграничным читателя с невидимым миром человеческого сердца. По сути, в этой серии повествований поэт по-новому в современной литературе создал образ «сердца», соединив истину с действительностью.

Ключевые слова: *Абулкасым Лохути, революционный поэт, дильнаме, четверостишие, новаторство, лирика, латиница, художественный образ, навыки, новый метод.*

DILNAME LOHUTI AND HER STATUS IN THE POET'S WORK

Abulkasym Lohuti was the second pillar of Tajik culture of the twentieth century after Ustad Aina, who made a great contribution to the development and maturity of the literature of the new era. At the beginning of his creative career, he sang Sufi motifs, but according to the demands of the time and changes in society, he turned to chanting new, revolutionary, patriotic and lyrical poems and became one of the leading Soviet poets.

Ustad Lohuti wrote many poems and songs on various topics of the socio-political life of the young republic of Tajikistan, which had great propaganda value both in form and content and were an example for everyone.

This article is devoted to the study of the poet's narratives, in particular the collection «Dili Lokhuti», published in 1936 in Latin in Stalinabad (now Dushanbe). This collection of the poet has both romantic and educational content and a strong social connection, which introduce the boundless reader to the invisible world of the human heart. In fact, in this series of stories, the poet created the image of the «heart» in a new way in modern literature, connecting truth with reality.

Key words: *Abulkasym Lohuti, revolutionary poet, dilname, quatrain, innovation, lyrics, latin, literary image, skills, new method.*

Дар бораи муаллиф: Саидхоҷа Илоҳаи Беҳрӯз, магистранти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ. Нишонӣ: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21, тел:. 0992 933171308.

Сведении об авторе: Саидходжа Илоха Бехруз, магистрант Института языка и литературы им. Рудаки НАНТ. Адрес: г. Душанбе, ул. Рудаки-21, тел:. 0992933171308.

Information about the author: Saidkhoja Iloha Behruz, master's student Institute of Language and Literature named after Rudaki National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: Dushanbe, Rudaki-21, Tel:. 0992933171308

ФОЛКЛОРШИНОСӢ / ФОЛЬКЛОРИСТИКА / FOLKLORISTICS

ТДУ: 889-550-9

НАЗМИ МАҲАЛЛИЗАБОНИ ВОДИИ ВАХОН ВА САБАБҲОИ КАМ ДАСТРАС ГАРДИДАНИ ОН

А.А. Абдулназарзода
Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АМИТ

Вахон водиест, ки дар ду тарафи қисмати болоии дарёи Панҷ ҷойгир буда, қисмати он водие дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб ёфта, ҳудуди дигари он ба кишвари Афғонистон тааллуқ дорад. Худи вожаи Вахон дар китоби «Авасто» дар шакли «ванҳу» омадааст, ки маънои бахшандаи некӣ дорад. Ба ақидаи антрополог А. Н. Аристов номи Вахон ҳанӯз дар асри IV маълум будааст, ва маскунони онро вахониён номидаанд.

Забони сокинони вахонзамин забони вахонӣ ё худ забони вахӣ мебошад. Бо забони вахонӣ ба ғайр аз мардуми водии Вахони ноҳияи Ишкошим дар минтақаҳои Афғонистони бо ин водӣ ҳамсарҳад низ ҳарф мезананд. Инчунин дар қисмати Покистон ва Синсзяни Ҷумҳурии мардумии Хитой ҳам бо забони вахонӣ муколама мекунанд. Оид ба теъдоди одамоне, ки бо ин забон дар ин чор кишвар дар маҷмуъ гуфтугӯ менамоянд, маълумоти саҳеҳро дар ихтиёр надорем. Танҳо ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки теъдоди соҳибзабонон дар ҳудуди ноҳияи Ишкошими Ҷумҳурии Тоҷикистон феълан зиёда аз 20000 нафар мебошанд.

Яке аз муҳаққиқони шинохтаи забони вахонӣ Пахалина дар сарсухани рисолаи илмии худ «Ваханский язык», роҷеъ ба макони зист ва теъдоди одамоне, ки бо забони вахонӣ гуфтугӯ менамоянд, навиштааст: «Территориально ваханцы расселены в наиболее высокогорные части Припамирья, как в пределах СССР, так и в пограничных с Советским Союзом районах Афганистана, Пакистана и Китай. Численность говорящих на ваханском языке можеть быт определена только приблизительно. В пределах СССР она составляет примерно 6-7 тыс. человек. Немногих меньше проживает ваханцев в Афганистане и Пакистане, ещё меньше - в пределах Китая (Синьцизян)» [10, 2-3].

Ба маълумоти мазкур такя намуда метавон хулосабарорӣ намуд, ки теъдоди бештари соҳибзабонони забони вахонӣ нисбат ба Афғонистон, Покистон ва Хитой дар кишвари мо зиёдтар будаанд.

Тартибдиҳандагони «Дастури ҷамъоварии материалҳои забонҳои помирӣ ва фолклор» қайд мекунанд, ки вахониён дар қисмати Ҳиндустон низ зиндагӣ мекунанд ва бо забони вахонӣ миёни худ муошират менамоянд. «Забони вахонӣ дар водии Вахони райони Ишкошими ВАБК паҳн шудааст. Вахониён инчунин дар Афғонистон, Покистон ва Ҳиндустон низ маскан доранд. Қисме аз мардуми Вахон дар Синтсзяни Хитой дар он ҷойе, ки сарҳади ССР, Хитой ва Ҳиндустон аз ҳам ҷудо мешавад, истиқомат мекунанд [6, 14].

Муҳаққиқи осори шифоии Бадашон Н. Шакармамадов дар хусуси доираи фарогири забони вахонӣ дар қаламрави Тоҷикистон ва се кишвари дар боло зикргардида нисбатан маълумоти ҷузъиро баррасӣ намудааст. «Ваханский язык

на территории нашей страны распространён по долине верхнего течения Панджа от сел. Лянгар-кишн до сел. Намадгут. На территории Афганистана на нём говорят в долине Вахандарья (левый приток Пянджа) и в ваханских селениях, расположенных на левом берегу Пянджа. Некоторые количество ваханских поселений находится также в долинах Ярхун, Верхняя Хунзе, в Ишкашиме, в Чиргатале (западный Пакистан) и в Синьцзяне (верховья р. Яркенд) [4, 6].

Мардуми водии Вахони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари забони вахонӣ бо забони тоҷикӣ аз замони хеле қадим озодона ҳарф мезананд ва ба қавли аксари тадқиқотчиён, онҳо ҳар ду забонро чун забони модарӣ эҳсос менамуданд. Аз ҷумла, Стеблин-Каменский марбут ба ин масъала менависад, ки «Поскольку для ваханцев оба языка, и таджикский, и ваханский являются родными, они не проводят между ними резкой границы, тем более что таджикский язык служит источником непрерывного обогащение ваханской лексики. Для ваханца совершено безразлично, расскажет ли он сказку по-таджикски или по-вахански. Нередко, начав расказывать по вахански, сказитель переходит на таджикский язык, а затем внезапно опомнившись, заканчивает по ваханski» [9, 161].

Ҳатто дар маводҳои назмии фолклории мардуми Вахон омехтагии зиёди калимаҳои вахонӣ ва тоҷикӣ дар матнҳо баръало мушоҳида мегардад. Стеблин-Каменский оид ба маводҳои назмии шифоии кудакона ба забони вахонӣ ҳарф зада, менигорад: «Характерным для ваханского фольклора является также макаронические стихотворения. Большей частью это детские стихи шуточного содердания, состоящие из смеси таджикских и ваханских слов» [9, 173].

Забони вахонӣ аз забонҳои дигари помирӣ куллан фарқ дошта кайҳо боз таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст.

Аз охири қарни XVIII аллакай олимони зиёд ба сарзамини Вахон сафар карда, дар баробари фарҳангу маданият ва табиати нотакрори он фолклор ва забони маҳаллиро низ меомӯхтанд ва матну намунаҳоро бо забони вахонӣ гирдоварӣ менамуданд. Яке аз нахустинҳо шуда, сайёҳи англис Р. Б. Шоу дар баробари маводҳои фолклор, аз ҷумла афсонаҳои мардуми Шуғнону Сариқул намунаҳои афсонаҳои вахониро гирд оварда нашр менамояд [11, 5].

Солҳои 1890 гурӯҳҳои кории илмӣ аз ҷониби Россия ва Дания ба Помир, аз ҷумла Вахон сафарбар гардидаанд. Олимони машҳури рус А.Н. Бобринский, А. А. Семёнов ва Н.В. Богоявленский махсус ба водии Вахон сафари корӣ анҷом доданд. А. Семёнов то охири ҳаёташ ба ҷамъоварӣ ва омӯзиши таъриху фолклор ва забони вахонӣ машғул буд. Минбаъд олимони дигари шинохта ба монанди М.С. Андреев, И.Б. Стеблин-Каменский, С.И. Климчитский, И.И. Зарубин ва дигарон қариб тамоми умри худро ба омӯзиши забони вахонӣ бахшиданд ва бархе аз онҳо қисмате аз умри хешро дар водии Вахон ба сар бурданд.

Дар баробари олимони хориҷӣ муҳаққиқони тоҷик А. Ҳабибов, Б. Лашкарбеков, А. Мирбобоев, С. Матробиён ва дигарон минбаъд ба омӯзиши забони вахонӣ ва ашъори тоҷикизабони шоирони маҳаллӣ машғул шудаанд. «Осори мардумии вахониён мисли ин сарзамин таърихи бостонӣ дорад. Дар байни мардуми сокини водии Вахон аз қадим боз афсонаҳо, ривояту устураҳо, зарбулмасалу мақолҳо, ҳамчунин жанрҳои манзуме мисли булбулику таронаҳо, сурудҳо ва соири навъҳои фолклорӣ васеъ ривоҷ доштанд ва то ба имрӯз ривоҷ доранд» [3, 12].

Сокинони вахонзамин мисли дигар халқиятҳо эҳсосоти худро дар шакли назм баён намуда, шоирони зиёди маҳаллӣ ба забони тоҷикӣ ва вахонӣ осор эҷод менамоянд. Намунаҳои зиёди назмии фолклорӣ миёни мардуми Вахон аз он шаҳодат медиҳанд, ки эҷоди назм миёни онҳо аз қадим ривоҷ ёфтааст. Қобили зикр аст, ки дар фолклори мардуми Вахон аксари жанрҳои адабӣ, махсусан осори назмиро зиёд дарёфт кардан мумкин аст, ки аз ғанӣ будани он гувоҳӣ медиҳад.

Яке аз жанрҳои маъмули фолклори водии Вахон булбулик мебошад. Ин жанр ҳамрадифи даргилик ва лалайик, ки қадимтарин намунаҳои назми гӯруҳи забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ мебошанд, мансуб меёбад. Булубулик дар байни сокинони Вахон хеле маъмул буда, олимони зиёд онро ҷамоварӣ, нашр ва оид ба мундариҷаву шакл ва мавзуъҳои асосии фарогирифтаи он изҳори андеша намудаанд. Алалхусус, аз ҷониби яке аз аввалин муҳаққиқ ва гирдоварандаи фолклори Вахонзамин С.И. Климчитский 12 номгӯйи булбулик ва И.М. Стеблин-Каменский бештар аз он булбуликро бо қаринаҳои мухталиф ҷамоварӣ намудаанд. Минбаъд олимони маъруф аз ҷумла А. Н. Болдиров дар пешгуфтори китоби «Сказки народов Памира» ва А. З. Рознефелд, Боғшо Лашкарбеков, Т. Н. Пахалина, А. Л. Грюнберг намунаҳои булбуликро гирдоварӣ намуда, оид ба паҳлуҳои зиёди ин жанр андешаронӣ намудаанд. Соли 1996 дар Покистон китоби Сабине Фелму таҳти унвони «The voice of the nighningale» «Навои булбул» нашр мегардад, ки дар он 37 намунаи булбуликро бо тарҷума ба забони англисӣ нашр карда мешавад. Дар замони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар китоби «Ганҷи Вахонзамин» 283 намунаҳои булбулик нашр гардидаанд.

Осори шоири маҳаллӣ ба забони тоҷикӣ аз лиҳози теъдод зиёд буда, он аз ҷониби муҳаққиқони то андозае гирдоварӣ, нашр ва таҳқиқ гардидааст.

Ашъор бо забони вахонӣ бошад, хеле кам ҷамъоварӣ гардидааст ва он ба ҷуз аз доираи чанд мақола дигар тадқиқ нашудааст. Осори ягон шоири вахизабон то кунун дар шакли китоби алоҳида нашр нашудааст. Танҳо чанд шеър дар саҳифаи рӯзномаҳои маҳаллии «Маърифати Шуғнон», «Зиндагӣ» ва чанд намунаҳои дигари шеъри шоирони маҳалӣ ҳамчун намуна дар китобҳои «Вопрос памирская филология», «Алифбои фаврии забонҳои помирӣ». «Памироведение» ва «Ганҷи Вахонзамин» нашр шудаанд.

Муаллифи ин сатрҳо зиёд кӯшиш намуда, ки оиди адибони маҳаллизабони вахонзамин ва осори онҳо, ки замони пеш аз Инқилоби Октябр ва замони Иттиҳоди Шуравӣ ҳаёт ба сар бурдаанд ва эҷод кардаанд, маълумоти бештар пайдо намояд. Мутаассифона, он интизорие, ки доштем, бароварда нашуд. Аслан аҳли таҳқиқи илмҳои филологӣ, минҷумла адабиётшиносон ва фолклоршиносон бар он ақидаанд, ки агар ин ё он халқ, соҳибзабонони ин ё он забон фолклори ғанӣ дошта бошанд, ҳатман осори ашъори муаллифии зиёдро низ соҳиб мебошанд. Аз ин хотир метавон ба хулоса омад, ки чун мардуми вахизабон соҳиби эҷодиёти бузурги даҳанакии халқ мебошад, миёни он шоирони маҳаллизабон аз давраи пештар зиёдтар будаанд ва аз худ осори назми муаллифии теъдодан бештарро ба мерос гузоштаанд.

Нуқтаи дигари ҷолиб он аст, ки дар фолклори водии Вахон намунаҳои зиёди назмиро дучор омадан мумкин аст, бо назардошти ҷанбаҳои мусбии шаклӣ ва мазмунии хуб доштан, хонанда амиқ пай мебарад, ки онҳо ба таври

касбӣ аз ҷониби ашхоси аз шеъру шоирӣ огоҳёфта ва соҳибтаҷриба, яъне шоири пуртаҷриба офарида шудаанд. Ин ҳолатҳо дар адабиёти шифоҳӣ бо забонҳои дигари маҳаллии помирӣ низ зиёд дучор меоянд. Муҳаққиқ В. Охонниёзов роҷеъ ба омилҳои пайдоиши шеъри муаллифӣ андешаронӣ намуда, қайд мекунад, ки «дар байни хазинаи илмии Пажуҳишгоҳи улуми инсонӣ шеърпораҳое мавҷуданд, ки аз ҷиҳати сохт, услуб, таносуби калом ва вазни шеърӣ эҷоди ашхоси ҷудогона ва ашъори китобӣ мебошанд. Ин ашъор чун осори адабиёти шифоҳӣ дар байни мардум маҳфуз дошта шудаанд» [8, 91].

Ин аст, ки чун дигар забонҳои помирӣ ба сабаби аз алифбои алоҳида маҳрум будани забони вахонӣ осори адибони вахизабон то замони истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон кам маҳфуз монд.

Таҳқиқи шеъри муаллифии помиризабон моро ба хулосае овард, ки яке аз воситаҳои маҳфуз мондани назми таълифӣ ин пайваста бо мусиқӣ хондани он аз ҷониби ҳунармандону ҳофизон дар маъракаҳои хурсандӣ ва мотам мебошад. Албатта ин восита наметавонад барои ҳифзи пурраи эҷоди шоирони маҳаллизабон мусоидат намояд, зеро на ҳамаи шеърҳои шоирон аз ҷониби ҳунармандон интихоб гардида, ба он мусиқӣ банду баст мегардад ё на ҳамаи осори шоири дилхоҳ таваҷҷуҳи ҳофизонро ҷалб менамояд.

Вобаста ба осори муаллифии вахизабон як нуқтаи дигарро қайд кардан зарур аст, ки ин забон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар қисмати як ноҳия ё ҳуд як водии Вахон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст. Нисбат ба баъзе забонҳои помирӣ, алалхусус гуруҳи забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ доираи он хеле маҳдуд мебошад. Агар бо забонҳои шуғнонӣ ва рушонӣ аксарияти соҳибзабонони забонҳои дигари помирӣ дар Бадахшони Тоҷикистон ҳарф мезананд, онро мефаҳманд, забони вахониро қариб танҳо бошандагони водии Вахони ноҳияи Ишкошим медонанду халос. Ин аст, ки ҳофизону дигар ноҳияҳои вилоят тақрибан осори ба забони вахонӣ таълифшударо намефаҳманд ва мавриди баҳрабардорӣ қарор намедиҳанд.

Сарфи назар аз ин, ҳунармандон дар бештари ҳолатҳо ашъори шоирони ҳудуд ва маҳалли худро барои ба риштаи мусиқӣ кашидан ва истифодабарӣ интихоб менамоянд. Ба қавли муҳаққиқи шеъри муаллифии помиризабон В. Охонниёзов, «ин гуна ашъор (осори аз ҷониби шоирони маҳаллӣ эҷодшуда - А.А.) асосан дар он маҳал бештар дар ҳукми истеъмол қарор мегирад, ки шоир зодаи ҳамон маҳал ё ҳуд намояндаи ҳамон забон бошад. Чунонки муҳаққиқи эҷодиёти даҳанакии мардуми Бадахшон Н. Шакармамадов менигорад, агар «мухамасҳои Ғуломҷон (1880-1945) дар байни сокинони Рӯшон бештар маъмул бошанд, мухаммаси дар бораи деҳаи Зуворн гуфтаи Сулаймоншо (1888-1938) барои аҳолии водии Ғунд маъмул аст» [8, 60].

Бо вуҷуди нуқтаҳои боло бояд зикр намуд, ки мо зимни ҷамъоварии шеърии таълифии вахизабон маводи зиёдро аз миёни ҳофизон пайдо намудем. Саҳми аҳли ҳунар дар маҳфуз доштани чи осори шифоҳӣ ва чи ашъори таълифӣ на танҳо барои забони вахонӣ, балки барои забонҳои дигари маҳаллии помирӣ ниҳоят калон аст. Ба ин мазмун Л. Қимматшоев дар сарсухани «Даргилмодак» овардааст, ки «ба иллати мавҷуд набудани алифбо намунаҳои комили адабии рӯшонӣ то замони мо нарасидаанд. Танҳо он сурудаҳо ба ёдгор мондаанд, ки тавассути ҳунармандон (созмандон) аз даҳон ба даҳон гузашта, ҳифз шудаанд,

вале умри ин сурудаҳо низ бо танг омадани муҳити истифодаи жанрҳои мусиқии суннатии помирӣ рӯ ба кӯтаҳӣ овардааст» [5, 9].

Албатта, на ҳамаи шеърҳои аз забони ҳофизон руйи коғаз овардашуда метавонанд, матни асили эҷоди шоирон бошанд, ба ҳар ҳол ҳунармандон дар ҳар сурат ба сифати интиқолдиҳандаи воқеии маводи фолклорӣ ва шеъри муаллифӣ дар водии Вахони Тоҷикистон хизмат карда истодаанд.

Мавқеи ҷуғрофии Вахон, ки аз қадим то замони Шуравӣ имкон надодааст, то шоирони он бо доираҳои адабӣ ва аҳли адаби минтиқаҳои дигар ҳамкорӣ ва рафтуомадро барқарор карда бошанд. Таҳқиқгари ҳаёт ва осори яке аз шоирону донишманди Вахон Мубораки Вахонӣ, Гулҳасан Мирҳасан оид ба кам дастрас будани маълумот оид ба ин шоир андешаронӣ намуда, қайд менамояд, ки «Водии пурганҷе (Вахон - А.А.) аст, аммо ба сабаби кам будани иртиботи маънавӣ бо марказҳои маъмурӣ ва бахусус бо доираи адабӣ-илмии он замон (аввалҳои асри XIX) номи чунин шахси фозилу донишманд ва олиму хирадманд (Мубораки Вахонӣ - А.А.) дар тазкираҳову таърихномаҳои он давр дарҷ нагардидааст» [7, 126]. Маҳз аз марказҳои илмиву адабӣ дар канор будани водии Вахон сабаби дигари аз байн рафтани осори зиёди шоирону адибони Вахон, махсусан ба забони маҳаллӣ гардида буд.

Тарафи дигари масъалаи то ба мо нарасидани теъдоди бештари шеърҳои таълифӣ, ки дар замони то инқилоб ва замони шуравӣ офарида шудаанд, ин роҳандозӣ нагардидани таҳқиқҳои сирф ба масъалаи назми маҳаллизабон, махсусан ба забони вахонӣ мебошад. Мо дар боло фаъолияти кории гурӯҳҳои кории илмӣ ва олимони алоҳидаро барои гирдоварӣ ва анҷом додани тадқиқот дар водии Вахон қайд намудем. Лекин як бояд ба инобат гирифт, ки аксарияти ин таҳқиқҳо дар масъалаи забон, фолклор, таърих ва ҷонибҳои дигари ҳаёти маскунони Вахон анҷом дода шудаанд. Маводи гирдовардаи то солҳои 50-уми қарни XX - ро қариб барои ҳифзу таҳқиқи масоили марбут ба илми адабиётшиносӣ истифода бурдан номумкин аст. Барои тақвияти ин фикр зарур шуморидем, ки як қисмати мақолаи профессор А. Н. Болдиров - ро айнан биёрем, ки масъаларо возеҳтар мекушояд: «ҳамаи адабиёте, ки дар илми шарқшиносӣ оид ба Бадахшон ва вилоятҳои атрофи он - болооби Амударё мавҷуданд, аксарияти онҳо, асосан, дар бораи ҳолати сиёсии ин кишвар ва ё доир ба забони ачибе, ки мардуми маҳаллӣ бо он сухан мегӯяд ва менависад, бахшида шудаанд.

Сарфи назар аз баъзе қайдҳои мазмуни этнографидошта, кори таҳқиқотие оид ба адабиёти хаттӣ ва фолклории мардумони сершумори Бадахшон, бо маънои васеи ин мафҳум вуҷуд надорад.

Материалҳое, ки дар кори таҳқиқотчиёни забоншинос барои мисол ва исботи фикрашон аз адабиёти хаттӣ ва ё фолклор дар шакли ҳикоя, зарбулмасал, шеърҳои ишқӣ ва ғайра оварда мешаванд, аз нуқтаи назари адабиётшиносӣ таҳлил карда намешаванд.

Албатта, чунин материалҳои пароканда оид ба фолклор ва адабиёти хаттии гузашта ва ҳозираи Бадахшон тасаввуроти пуррае ба мо дода наметавонанд» [2, 7].

Нуқтаи дигареро, ки зимни баррасии масъалаи кам дастрас гардидани осори муаллифӣ ба забони вахонӣ бояд ба назар гирифт, ин бар асари воқеаву монеаҳои зиёд пароканда гардидани соҳибзабонон дар марҳилаҳои мухталифи

таърих мебошад. Махсусан сарчашмаҳои таърихии зиёд аз он далолат мекунанд, ки мардуми Вахон дар таърихи мавҷудияти худ тақрибан то замони ба Россия ҳамроҳшавии минтақа зери зулму истибдоди шадиди беруна қарор гирифтаанд. Таърихнигор Т. Г.Абаева зимни таҳлили таърихи Бадахшон вобаста ба авҷи хариду фурӯши одамон далелҳо оварда, махсус вобаста ба минтиқаи Вахон қайд менамояд, ки «хариду фурӯши ғулом дар Бадахшон ба он оварда расонд, ки мардуми он барои аз ғуломӣ халосӣ ёфтан, ба таври оммавӣ (деҳа ба деҳа) баромада, ба мамлакатҳои дигар мерафтаанд. Хусусан бисёрии мардуми Вахон ва Ишкошим (дар замони ҳокимияти Ҷонхон ва Шоҳҷон) дар нимаи якуми асри XIX ба Ёрканд, Чатрор, Канҷут, Қуқанд ва Дарвоз кӯчида рафтаанд. Соли 1901 дар наздикии Ёрканд то 1000 хоҷагӣ, дар Сариқул қариб 200 оила ва дар Ош 20 хоҷагӣ аз мардуми Вахон зиндагӣ мекардаанд» [1, 31].

Чунин ҳолати кӯчи оммавии маскунони Вахон ба дигар минтиқаҳо натанҳо барои аз байн рафтан ё барои ояндагон дастрас нагардидани ҳама гуна осори онҳо заминагузорӣ намуд, балки барои кам гаридани теъдоди худи соҳибзабонон мусоидат менамояд.

Масъалаҳои дар боло овардашуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки маскунони водии Вахони Тоҷикистон чун дигар соҳибзабонони маҳаллии помирӣ соҳиби эҷоди таълифӣ бо забони маҳаллӣ мебошанд. Мутаассифона, агарчи ашъори муаллифии замони Истиқлолият ба забони вахонӣ бештар ҳифз шудааст, эҷоди таълифии то ин замон эҷодгардида, теъдодан хеле кам маҳфуз мондааст. Албатта, ин агар аз як ҷиҳат ба кӯшишу ғайрати муаллифон ва олимони ватании замони истиқлол вобастагӣ дошта бошад, аз ҷониби дигар ба пайдо гардидани имкониятҳои муосир ба монанди мусоидат аз ҷониби мақомоти иҷроияи давлатӣ, таъсиси рӯзномаҳои маҳаллӣ, пайдо гардидани шабакаҳои иҷтимоӣ ва рушди технологияи иттилоотӣ сахт марбут аст.

Ин аст, ки назми мавҷуда, аз ҷумла осори муаллифӣ ба забони вахонӣ, чун эҷоди бо дигар забонҳои маҳаллии помирӣ ба гирдоварӣ, таҳқиқ, нашр, таваҷҷуҳи бештари соҳибзабонон, сохторҳои дахлдор ва муҳаққиқони соҳа ниёз дорад.

КИТОБНОМА

1. Абаева, Т.Г. Очерки истории Бадахшана / Т.Г. Абаева. – Ташкент: Дониш, 1964. – 41 с.
2. Абибов, А. Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон / А. Абибов. – Душанбе: Дониш, 1975. – 72 с.
3. Аловатшои Қурбоншо. Пешгузаштагони Мубораккадам / Аловатшои Қурбоншо // Зиндагӣ. 1996, № 6.
4. Вопросы памирской филологии. – Душанбе: Дониш, 1985. – 317 с.
5. Ганҷи Вахонзамин (Тартибдиҳанда: Ш. Давлатмамадов). – Душанбе, 2015. – 158 с.
6. Даргилик (Тартибдиҳандагон: Шакармамадов Н. Қурбонов Х.). – Душанбе: Дониш, 1987. – 143.
7. Даргилмодак (Мураттиб: Қимматшоев Л.). – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 140 с.

8. Дастури ҷамоварии материалҳои забонҳои помирӣ ва фолклор. (Тартибдиҳандагон Қурбонов Х., Шакармамадов Н., Карамшоев Д.). – Душанбе: Дониш, 1975. – 125 с.

9. Карамшоев, Д. Алифбои фаврии забонҳои помирӣ (бо намунаҳои адабӣ) / Д. Карамшоев. – Хоруғ: Помир, 1992. – 73 с.

10. Қурбоншоев, А. Вахон осорхонаи таърих / А. Қурбоншоев. – Душанбе: 2009, 217 с.

11. Матробов, С.Қ. Мубораки Вахонӣ / С.Қ. Матробшоев. – Душанбе: 2010. – 116 с.

12. Мирҳасан, Г. Ҳаёт ва назариёти ахлоқии Мубораки Вахонӣ / Г. Мирҳасан // Масъалаҳои помиршиносӣ, №5. – Душанбе: Дониш, 2003. – С. 126-140.

13. Охонниёзов, В.Д. Пайдоиш ва ташаккули шеъри муаллифӣ ба забонҳои помирӣ (дар мисоли гурӯҳи забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ) / В.Д. Охониёзов. – Душанбе: Сифат-Офсет, 2022. – 328 с.

14. Охонниёзов, В.Д. Таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ дар Бадахшон (Китоби аввал) / В.Д. Охониёзов. – Душанбе: Сифат-Офсет, 2022. – 328 с.

15. Пахалина, Т.Н. Ваханский язык (Второе издание) / Т.Н. Пахалина. – Душанбе: Эр-граф, 2022. – 348 с.

16. Толибов, О. Вассофони Бадахшон / О. Толибов. – Хоруғ, 1991. – 77 с.

17. Шакармамадов, Н. Назми халқии Бадахшон / Н. Шакармамадов. – Душанбе: Дониш, 1975. – 72 с.

18. Энсиклопедияи Бадахшон. – Душанбе: Андалеб Р, 2016. – 469 с.

НАЗМИ МАҲАЛЛИЗАБОНИ ВОДИИ ВАХОН ВА САБАБҲОИ КАМ ДАСТРАС ГАРДИДАНИ ОН

Дар мақола масъалаи забони вахонӣ ва доираи истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дигари ҳамсарҳад, инчунин заминаҳои рушди назми забони вахонӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон оид ба таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқони хориҷӣ ба омӯзиши забон, фолклор ва паҳлуҳои дигари ҳаёти маскунони водии Вахон маълумот манзур гардида, муаллиф кӯшиш кардааст, ки сабабҳои кам дастрас гардидани назми маҳаллизабони водии Вахонро муайян намуда, бо назардошти мавҷудияти адабиёти бойи шифоҳӣ бо забони вахонӣ марбут ба он хулосабарорӣ намояд.

Дар баробари ин, дар мақола бо истифода аз далелҳои мавҷуда дар хусуси аз аҳди қадим воситаи муошират қарор гирифтани забони форсӣ-тоҷикӣ миёни мардуми вахизабон ва сурат гирифтани маросимҳои мардумии водӣ бо забони мазкур маълумот дода шудааст.

Бо назардошти зиёд ва рангоранг будани фолклор ва назми муаллифӣ бо забони вахонӣ муаллиф таъкид мекунад, ки то кунун осори муаллифӣ ва шифоҳӣ ба забони вахонӣ ба таври зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Ҳол он ки омӯзиши эҷоди манзум ва мансури мардуми Вахон боиси рӯшан гардидани саҳифаҳои нави таърихи водӣ ва минтиқа мегардад. Аз ин хотир, назми мавҷуда, аз ҷумла осори муаллифӣ ба забони вахонӣ, чун эҷоди бо дигар забонҳои маҳаллии помирӣ ба гирдоварӣ, таҳқиқ, нашр, таваҷҷуҳи бештари соҳибзабонон, сохторҳои дахлдор ва муҳаққиқони соҳа ниёз дорад.

Калимаҳои калидӣ:Калимаҳои калидӣ: *забони вахонӣ, водии Вахон, назми таълифӣ, адабиёти шифоӣ, Вахон, забонҳои помирӣ, шеъри муаллифӣ, маскунони водии Вахон, муҳаққиқон, булбулик.*

МЕСТНАЯ ДИАЛЕКТНАЯ ПОЭЗИЯ ВАХАНСКОЙ ДОЛИНЫ И ФАКТОРЫ ЕЁ ОГРАНИЧЕННОЙ ДОСТУПНОСТИ

В статье рассматриваются вопросы функционирования ваханского языка и сферы его употребления на территории Республике Таджикистан и соседних странах, а также предпосылки развития поэзии на ваханском языке. Одновременно приводятся сведения о заинтересованности иностранных учёных и исследователей в изучении языка, фольклора и иных аспектов жизни жителей Ваханского ущелья. Автор стремится выявить причины ограниченной доступности поэтического творчества на местных диалектах Вахана и, учитывая наличие богатого устного литературного наследия на ваханском языке, сделать соответствующие выводы.

Наравне с этим, в статье на основании имеющихся свидетельств обосновывается, что персидско-таджикский язык с древнейших времён выступал средством коммуникации среди носителей ваханского языка и применялся при проведении народных обрядов в долине Вахан.

Учитывая богатство и многообразие фольклорного и авторского стихотворного творчества на ваханском языке, автор подчёркивает, что до настоящего времени ни авторские, ни устные памятники на ваханском языке не были исследованы в должной мере. Между тем изучение и анализ поэтических (манзум) и прозаических (мансур) произведений народов Вахана способно открыть новые страницы истории данного региона. В связи с этим существующая поэзия, включая авторские тексты на ваханском языке, наряду с произведениями на других памирских языках, требует систематизации, филологического исследования, издания в научных сериях и привлечения повышенного внимания со стороны носителей языка, профильных учреждений и исследователей.

Ключевые слова: *авторская поэма, Ваханская долина, композиционная поэзия, медицинская литература, ваханский, помирский языки, развитие авторской поэзии, издание произведений, местные языки.*

LOCAL DIALECT POETRY OF THE WAKHAN VALLEY AND THE FACTORS INFLUENCING ITS LIMITED ACCESSIBILITY

This article examines the functioning of the Wakhi language and its domains of use in the Republic of Tajikistan territory and neighboring countries, as well as the prerequisites for the development of poetry in Wakhi. It also presents data on the interest shown by foreign scholars and researchers in studying the language, its folklore, and other aspects of life among the inhabitants of the Wakhan Gorge. The author seeks to identify the factors limiting access to poetic works in the local dialects of Wakhan and, taking into account the existence of a rich oral literary heritage in Wakhi, to draw appropriate conclusions.

Furthermore, on the basis of the available evidence, the article substantiates that the Persian-Tajik language has, since time immemorial, functioned as a medium

of communication among Wakhi speakers and was employed in the performance of folk rituals in the Wakhan Valley.

Considering the wealth and diversity of both folk and authorial poetic creations in the Wakhi language, the author underscores that to date neither the authorial nor the oral monuments in Wakhi have been adequately studied. Meanwhile, the examination and analysis of poetic (manzum) and prose (mansur) works of the peoples of Wakhan have the potential to reveal new chapters in the region's history. Consequently, the extant poetry, including authorial texts in Wakhi alongside works in other Pamiri languages requires systematic compilation, philological investigation, publication in scholarly series, and heightened engagement by native speakers, relevant institutions, and researchers.

Key words: *author's poetry, Wakhan Valley, compositional poetry, medical literature, Wakhan, Pamirian languages, development of author's poetry, publication of works, local languages.*

Дар бораи муаллиф: Абдулназарзода А.А. –доктори илмҳои филологӣ, сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АМИТ. Нишонӣ: ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4. Тел.: +99293 4060804; E.-mail: abdulnazar9416@gmail.com

Сведении об авторе: Абдулназарзода А.А. – доктор филологических наук, главный научный сотруднак отдела фолклор и литература Бадахшана Института гуманитарных наук им. Б Искандарова НАНТ. Адрес: ГБАО, г. Хорог, ул. У. Холдоров, 4. Тел.: +99293 4060804; E.-mail: abdulnazar9416@gmail.com

Information about the author: Abdulnazarzoda A.A. –Doctor of Philology, Chief Researcher at the Badakhshan Folklore and Literature department of the Institute of Humanities named after B. Iskandarova of NAST. Address: GBAO, Khorog town, st. U. Kholdorov, 4. Phone: +99293 4060804; E.-mail: abdulnazar9416@gmail.com

ТДУ:890.550

ПАРӢ ҲАМЧУН ПЕРСОНАЖИ МИФОПОЭТИКИИ АФСОНАҲОИ ТОҶИКӢ

Дилшод Раҳимӣ

Афсонаҳои тоҷикӣ бозтобкунандаи унсурҳои тасаввуроту эътиқодоти инсонҳои қадимтарин, устураҳои Эрони бостон, табиату ҷуғрофиёи маҳаллӣ ва маишату рӯзгори ниёгони тоҷикон мебошанд. Дар онҳо силсилаи персонажҳои демонологӣ ё аҳриманӣ, аз қабили дев, парӣ, албастӣ, аждаҳо, ғул, шайтон, кампири ҷодугар ва ёварони он фаъолият мекунанд, ки бо қувваҳои некӣ, инсонҳо ва ҷонварони аҳлӣ мубориза мебаранд.

Тимсоли парӣ дар манобеи бостонӣ. Мувофиқи таҳқиқоти олимон, образи парӣ дар даврони хеле қадим ба вуҷуд омада, ба ақидаҳои анимистӣ ё худ зиндаангорӣ рабт дорад. Дар Авесто ва адабиёти паҳлавӣ париён ҳамчун

тимсоли манфӣ дар қатори девону ҷодугарон ва мардумони дуруҷванд (дурӯғгӯй, зишткор) ёд шуда, аз душманони инсонҳои росткор ва офаридаҳои аҳуроӣ маҳсуб шудаанд.

Ҳарчанд парӣ дар манобеи қадим, масалан дар Авесто ва асарҳои паҳлавӣ махлуқи аҳриманӣ шумурда шудааст, вале дар афсонаҳои тоҷикӣ мавқеи ҷудогона дорад ва онро наметавон комилан ва қотеан мусбат ё манфӣ шумурд. Дар ин мақола мехоҳем, роҷеъ ба чигунагии тасвири парӣ, ному ҳолу кору пайкори он дар афсонаҳои тоҷикӣ ҳарф занем.

Вожаи «парӣ» дар Авесто ба гунаи *паирика* (pairika) омада, ба қавли пажӯҳишгарон аз решаи ҳиндуаврупоии *per* ба маънии ба вуҷуд овардан, зоидан будааст. Онро бо калимаҳои лотинии *pario* – зоидан, ба дунё овардан; юнонӣ: *poris* ба маънии каниз ва духтари ҷавон ва ҳамчунин *parent* (дар фаронсавӣ ва англисӣ), ҳамреша шуморидаанд [17, 103].

Роҷеъ ба чигунагии симову хислат ва вазифаи парӣ, муҳаққиқи эронӣ Баҳмани Саркоротӣ бо такя ба манобеи асотирӣ ва ҳамосавӣ, қайд кардааст, ки дар динҳои бостонии тозардуштии эрониён парӣ ба ҳайси илоҳаи зебову фаттон, мушкилкушову ҳоҷатбарори бонувон, ёрирасони занҳои ҳомила ва зоимон будааст. Аммо бо сабаби иртиботи ин илоҳа бо оинҳои комравоию шаҳвонӣ Зардушт ӯро табоҳкори меъёрҳои ахлоқӣ шуморида, дар қатори девону ҷодугарон аз ҳамдастони Аҳриман хондааст. Пас аз таназзули дини зардуштӣ дар тасаввуроти мардум симои бостонии парӣ ҳамчун махлуқи зебову ёрирасон эҳё шуда, ба доираи адабиёти достонӣ ва фолклорӣ роҳ ёфтааст [17, 117-118], [7, 146].

Парӣ дар адабиёти бадеӣ. Дар асотири бостону навиштаҳои Авесто ва адабиёти паҳлавӣ тасвири симои парӣ ба гунаи манфӣ ва яке аз офаридагону ҳамдастони Аҳриман зикр шуда, баъдан дар тӯли таърих бо таъсири идеология ва дину оинҳои роиҷ ба тағйирот дучор шудааст. Пас аз роиҷ шудани дини ислом парӣ дар адабиёти форс-тоҷик нахуст дугуна – ҳам образи манфӣ ва ҳам симои мусбат тасвир меёбад. Пас аз асрҳои 12-13, ки чеҳраи парӣ дар ашъори шоирони форсу тоҷик бештар чун образи мусбат баён мегардад.

Дар «Бундаҳишн» низ парӣ тимсоли манфӣ аст, ҳатто дар бораи парии сагсурате сухан рафтааст. «Пас Срит исрор кард ва Ковус гуфт, ба ҳамон беша андар шав. Дар он ҷо парии сагпайкаре аст, ки туро бикушад. Срит ба он беша бозгашт ва парии сагпайкарро дид. Пас он париро кушт. Парӣ дуто шуд. Ҳар дуро кушт ва то ҳар бор афзун шудӣ ва ба ҳазор расидӣ, ки аз анбӯҳӣ Сритро бикуштанд» [8, 129].

Симои парӣ дар адабиёти бадеӣ, баръакси маълумоти Авесто ва осори паҳлавӣ, ҳамчун офаридаи хушсурат, дилбару фаттон тасвир ёфтааст. Аммо дар адабиёти форсӣ-тоҷикии асрҳои 9-12 симои парӣ ба ду гуна дар ҷое тимсоли мусбату дилхоҳ, ҳамчун фариштагон зебо ва ҷое дигар чун махлуқи аҳриманӣ дар паҳлуи дев тасвир шудааст. Чунончи, Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» гуфтааст:

Нигаҳ кун, ки ҳуши ту бар дасти кист,
Зи мардум нажод ар зи деву парист.

Дар достони дигар Фирдавсӣ духтарони зеборо ба парӣ ташбеҳ додааст:

Се хоҳар зи як модару як падар,
Паричеҳраву поку хусравгуҳар.

Чунин сувари дуранги парӣ дар тасаввуроти эътиқодӣ ва маросимҳои мардумӣ низ ба назар мерасад. Яъне ҷое парӣ зебову дилбару нозанин васф шуда, ҷое дигар махлуқи зиёнрасон тасвир гаштааст.

Парӣ дар боварҳои мардумӣ. Парӣ, мувофиқи бовару эътиқодоти мардуми тоҷик, махлуқи зансурати зебое мебошад, ки бештар ба назари мардҳо аён шуда, онҳоро ба итоату қабули оини худ ҷалб мекунад ва бо худ мебарад, яъне ба онҳо «ёр мешавад». Айёми вохӯриву ишқварзӣ, гӯё, ҳар кадоме аз одамизоду париҳо кӯшиш ба кор мебурдаанд, ки яке дигареро ба роҳи худ дарорад. Баъзеҳо бовар доштанд, ки париҳо одамони ба худ ромкардаро ё ба сайругашти ҷойҳои хуб ё ба мамлакати худ – пушти кӯҳи Қоф гирифта мебаранд ва мақсаду нияташонро ба ӯ талқин мекунанд. Мардум ин гуна касонро «париошиқ» меномиданд ва дар вақти ғайб заданашон онҳоро аз кӯҳу кӯтал, аз боғу беша, аз лаби кӯлу дарё, киштзору чакалакзорҳо пайдо менамуданд» [12, 11].

Дар боварҳои мардумӣ парӣ бештар бо *ҷин* – тимсоли асотирии халқҳои мусулмон айният пайдо мекунанд. Миёни тоҷикон низ ақидаҳои парӣ *бо фалонӣ ёр шудааст*, *париёр, паривара, парибурда* маъмул буда, тибқи боварҳои мардумӣ, париҳо ба вуҷуди инсон метавонанд ворид шаванд ва онҳоро бехуду девона кунанд. Барои табобати чунин шахсони мубталои бемори рӯҳӣ дар гузашта табибони халқӣ – *ҷинбарор, парихон, парибанд* ва муллою эшонҳо ҳар гуна маросими эътиқодӣ мегузарониданд.

Париҳо дар тасаввури сокинони Бадахшон, гӯё, ба табақаи «кофар» ва «мусулмон» тақсим мешудаанд. Дар ин бора ҳангоми экспедитсияи фолклоршиносӣ дар соли 2015 пирамарди 67-сола А.Ғарибшоев аз деҳаи Баррӯшон ба мо чунин нақл кард: «Бобоям мегуфт, ки парӣ аз осмон меояд. Баъзеҳо ба шикор мераванд, бо парӣ рӯбарӯ мешаванд. Шахсе дар кӯҳсор дидааст, ки парӣ оҳуеро меҷӯшад. Оҳу ҳам нагурехта истодааст. Агар парӣ ба одам наздик шавад, он кас *париёр* мегардад. Шахсони париёр зуд-зуд ба дараи Баррӯшон мерафтанд, бо париҳо муҳаббат доштанд. Аммо лаҳзаҳои маҳрамонаро танҳо дар хаёли худ тасаввур мекарданд» [14, 26].

Парӣ, мутобиқи боварҳои халқӣ, бо кабӯтар бештар пайвандӣ дорад. Назар ба ақидаи мардум, париҳо аслан шабона гашту гузор дошта, бо оташ, хокистар ва кабӯтар рабт доранд. Аз ин сабаб мегӯянд, ки:

Гӯшти кафтара нахӯр, ки паривара мешӣ. Ё худ: *Агар шаб кафтарбозӣ кунӣ, паривара мешӣ.* [15, 52]

Ҳамин тариқ, симои парӣ дар бовару эътиқод ва маросимҳои мардумӣ ба ҳайси як махлуқи зиёнрасон тасвир шудааст. Аммо симои парӣ дар афсонаҳои тоҷикӣ куллан дигар аст.

Парӣ дар афсонаҳо. Дар афсонаҳои тоҷикӣ, ҳамчунин дар афсонаҳои мардумони эронитабор, париҳо ҳамчун дӯхтарони зебову нозанин тасвир шуда, мамлакати онҳо дар пушти кӯҳи Қоф аст. Қаҳрамони афсонаҳо дар ҷустуҷӯи ҳақиқат ва адолат, ё дар пайи иҷрои супорише бо париҳо рӯбарӯ шуда, ошиқу мафтуни онҳо мегарданд, ҳамдигарро дӯст медоранд ва бо ҳам аҳд мебанданд, дар ҳалли мушкилоти зиндагӣ якҷоя мубориза мебаранд ва ниҳоят пас аз моҷароҳои зиёде ба васли якдигар мерасанд.

Номи париҳо дар афсонаҳои тоҷикӣ мутобиқи суннати номгузории тоҷикон, бештар номҳои духтарон, мавсум шудаанд. Чунончи, Офтобпарӣ ва

Моҳтобпарӣ (аз афсонаи «Сангпаҳлавон») [2], Меҳрнигори парӣ, («Дузди Соҳибқирон») Зулхумори парӣ («Соҳибқирон ва Соҳибҷамол») [11], Момохолбика – духтари шоҳи париҳо («Момохолбика») [4]. ва ғайра. Дар афсонаи «Шоҳзода Баҳром» номҳои паридӯхтарҳо – Сарвисоя ва Рӯҳафзо буда, бародарони париҳо: Ҷамҳур, Кайҳур, Шаммос, Каммоса паҳлавони пурзӯр мебошанд [3].

То кунун ҳеҷ номи қадимаи париеро вонахӯрдем, ки аз адабиёти паҳлавӣ, Авесто ва дигар манобеи бостонӣ дар афсонаҳои тоҷикӣ айнан омада бошад.

Чеҳра ва хулқу хисоли парӣ. Тавсифи ҷамолу зебоии парӣ қариб дар ҳамаи афсонаҳое, ки ин персонаж фаъолият мекунад, ба таъкиду такрор зикр ёфтааст. Париён аслан дар шакли антропоморфӣ, яъне сурати инсонӣ таҷассум ёфта, дорои чеҳраи зебо, нозанин, ранги пӯсти баданашон сап-сафед мисли барф, рухсораҳояшон мисли лола сурх тасвир мешаванд. Дар афсонаи «Мурғи зарин» [21] дар васфи чеҳраи духтараки паризод ҳатто гуфта шудааст, ки як бари рӯяш мисли офтоб ва як бари рӯяш мисли моҳтоб зебо буд.

Дар афсонаҳо паридӯхтарон вафодор ва намакшиносанд, аммо баръакси онҳо ҷавони қаҳрамони афсона ва умуман, инсонҳо аҳдшикан мебошанд ва ин хислати нохуби одамон боиси сар задани моҷароҳои дигар мешавад. Дар маҷмуъ, ҳамаи париён вафодор, содиқ ва ёвару мададрасони қаҳрамонҳои асосӣ мебошанд. Дар афсонаи «Водареғ» [5] паридӯхтар баробари меҳрварзию вафодорӣ, ҳатто паҳлавонӣ мекунад. Водареғ аслан номи паридӯхтаре буд, ки либоси сиёҳ пӯшида мегашт. Ӯ паҳлавон буд, чил кокулашро таги телпак намуда, бо душманаш ҷанг мекард. Ба як ҷанг кардан чил рӯз меҷангиду баъд аз он чил рӯз ба хоби паҳлавонӣ мерафт.

Бинобар мазмуни бисёр афсонаҳои сеҳромез, макони париҳо ё мамлакати онҳо дар пушти кӯҳи Қоф тасвир шудааст. Онҳо дар паси Қоф, даруни қаср ё боғе зиндагӣ мекунанд. Дар афсонаи «Шоҳзода» [3] ишора шудааст, ки париҳо дар Эрон зиндагӣ мекардаанд ва шабҳо ба ҳар тараф мерафтаанд. Дар баъзе афсонаҳо («Калча») макони парию девҳо зери замин буда, деве дар сари зонуи парие хоб аст [20].

Париён офаридаҳои ғайризаминӣ, дорои қобилияти фавқуттабиӣ, донандаи сеҳру ҷоду, тилисмсозу тилисмшикан мебошанд. Паридухтарон дар афсонаҳо ба тимсолҳои зооморфӣ: кабӯтар, қу, баррача, гул, моҳӣ, қурбоққа, мор, маймун, хар ва дигар ҷонварон табдил меёбанд. Мубаддалшавии онҳо тавассути суханон ва дуоҳои ҷодуӣ, ба монанди *исми аъзам*, тӯмори *ҳайкал,* ашёи сеҳрнок ва бевосита бо суханону амалҳои ҷудогона низ сурат мегирад. Падидаи аз як сурат ба сурати дигар табдил ёфтани париён аз қобилияту тавонмандии онҳо дарак медиҳад. Бо вуҷуди меҳрварзию алоқаи онҳо ба инсон онҳо махлуқи фавқуттабиӣ боқӣ мемонанд ва ба он корҳое қодиранд, ки аз дасти одамон барнамеояд.

Иртиботи парӣ бо об. Дар асотири баъзе халқҳо мурғони ҳаво, ки марбут ба се табақаи фазо – осмон, рӯйи замин ва об ҳастанд, таҷассуми парӣ ба шумор мераванд. Дар афсонаҳои тоҷикӣ париҳо ниқоб ё пӯшоки кабӯтару қувонро доранд, ки парвозкунон то лаби ҳавз омада, либосашонро кашида, ба об медароянд. Аммо аз байни ҷонварон париҳо бештар ба кабӯтар (кафтар) иртибот доранд. Сабаби инро метавон дар он дид, ки кабӯтар парандаи поку беозор,

оромтабиат, аз нигоҳи шаръӣ гӯшташ ҳалол, марбут ба мурғони аҳуроӣ мебошад.

Роҷеъ ба иртиботи парӣ ба унсурҳои аввалияи табиат: об, хок, ҳаво ва оташ миёни донишмандон ақидаҳои гуногун баён шудаанд. Албатта, ҳар кадом аз соҳибназарон вобаста ба маводи дастрас ва фолклори халқҳои муайян мулоҳизаҳои худро баён кардаанд. А.Е. Бертелс бо назардошти маълумоти Авесто ва ишораҳои тозардуштии манобеи таърихӣ, пириро марбут ба обу борон ва илоҳаи обистанӣ шуморидааст [7, 149]. Баҳмани Саркоротӣ низ пириро ба обу обанбор ва кӯлҳо рабт додааст Дар афсонаҳои курдӣ парӣ бо бод алоқа дорад. Дар боварҳои халқии озарҳо (су пяриси), ӯзбакҳо (су пари), туркманҳо (сув-периси) ва дигар мардумони турктабор парӣ бо об иртибот дорад, ки бешубҳа аз асотири тоҷикону эрониён ба фарҳанги мардуми онҳо гузаштааст [10, 287].

Дар афсонаҳои тоҷикӣ париён ба оби ҳавзу кӯл ва чашмаҳо пайвандӣ доранд, аммо дар бовару эътиқод ва маросими мардумӣ онҳо ба оташу хокистар бештар марбут ҳастанд. Барои мисол ба чанд аз пора аз афсонаҳои тоҷикӣ муроҷиат мекунем.

«Сесара Искандаршоҳ гуфтанӣ подшоҳе будааст, рӯзе дар лаби чашмае парии зебоеро дида ошиқ мешавад. Аз парӣ дархости издивоҷ мекунад, аммо парӣ ду шарт мемонад, якум дар назди чашма қалъае месозӣ, дуюм ба кори ман кордор намешавӣ...» («Кимиёгар-говсувор») [2].

Дар афсонаи «Дузди Соҳибқирон» Меҳрнигор духтари шоҳи париён буда, бо дугонаҳояш 12-то парӣ, кафтар шуда, ба лаби ҳавз меоянд ва ба сурати одамӣ табдил шуда, дар ҳавз оббозӣ мекунанд [11].

Дар афсонаи «Момохолбика» се писари подшоҳ барои интихоби арӯси ояндаашон тир меандозанд. Тири камони писари севум ба дур парвоз карда, рафта дар ҳавзе дар назди як қурбоққа фурӯд меояд. Аммо он қурбоққа набуд, балки Момохолбика – духтари шоҳи париён буд. Ниқоби қурбоққаро дошт... [6, с. 148-152].

Чи тавре ки аз ин мисолҳо бармеояд, дар афсонаҳои тоҷикӣ париён аз миёни чор унсури табиат бештар ба обу манбаъҳои об – чашма, ҳавз, кӯл иртибот доранд, ки ин мотивҳои асотирии бостонӣ буда, андешаҳои Б. Саркоротиро тасдиқ мекунанд. Он чӣ дар боварҳо ва маросимҳои тоҷикӣ роҷеъ ба иртиботи парӣ бо оташ мушоҳида мекунем, возеҳан чунин ақоид таҳти таъсири боварҳои исломӣ дар бораи ҷин ба вуҷуд омадаанд. Зеро дар асотиру эътиқодоти эрониёни бостон парӣ тимсоли манфӣ буда, бо оташи муқаддаси зардуштиён ҳеҷ пайвандӣ надоштааст.

Издивоҷи инсон бо парӣ. Дар баъзе афсонаҳо мотивҳои издивоҷи миёни инсону парӣ, деву парӣ, ҳатто дев бо инсон ва ҳайвону инсон ба назар мерасанд, ки далел аз мазмунҳои асотирии даврони қадимтарини инсоният будани онҳо мебошанд. Дар ҳаёти дохили афсонаҳо инсонҳо париҳоро дӯст медоранд, бо онҳо ёру ёваранд, унсу муҳаббат доранд ва аз издивоҷашон фарзандони зебо ба дунё меоянд. Дар афсонаҳо одамон бо париён на танҳо робита доранд, инчунин пайванди хешию ҳамхунӣ низ дошта, бо онҳо як ҷо зиндагӣ мекунанд, барои ба мақсад расидан талош меварзанд. Чунончи, дар афсонаи «Хандаи моҳӣ» ба қаҳрамон – Сайёдбача бибияш, ки парӣ буд ва хоҳарони бибияш – париён барои

ба мақсад расидан ёрӣ медиҳанд. Онҳо барои ба даст овардани ҳавзи чинӣ ва гули ҳамешабаҳор мадад мерасонанд [3].

Дар афсонаи «Подшоҳи сирчӯй» персонажи асосӣ марди деҳқоне аст, ки занаш парӣ буд, аҳд доштанд, ки деҳқон ба корҳои парӣ дахолат намекунад, аммо деҳқон ба рафтори ғайримуқаррарии парӣ тоқат накарда, ӯро сарзаниш мекунад ва миёнашон монеаи мушкиле рух медиҳад [19].

Дар афсонаи «Хӯтуки дилдода ба духтари подшоҳ» персонажи асосӣ – Хӯтук (курраи хар) аз зоти париҳо буда, модараш инсон мебошад. Марду зане мезистанд, ки фарзанд надоштанд. Рӯзе Хизр ба зан себи сурхе медиҳад. Зан себро хӯрда, баъди нуҳ моҳ куррача таваллуд мекунад. Куррачаи хар сухангӯй буд, чун ба воя расид, духтари шоҳро хостгор шуд. Хӯтук аслан аз тухми париҳо буд ва ниқоби хар пӯшида мегашт. Вақте пӯсташро месӯзонанд, дар замин ғел зада, ба кабӯтар табдил шуда, ба паси кӯҳи Қоф парида меравад. Шоҳи париён хӯтук-писарро дида мегӯяд: ту аслат аз себи боғи мо буд. Духтари шоҳ дар ҷустуҷӯйи ӯ ба мулки париён раҳсипор мешавад ва ғайра [4].

Ин ҷо нуктаи ҷолиб ишора шудааст, яъне себи ба зан додаи Хизр, себи сеҳрнок буд ва аз боғи шоҳи париён бурдаанд, аз ин хотир фарзанди он зани себхӯрда ҳам парӣ шуд. Аммо ҷолиб худи образи Хизри исломӣ аст. Дар асл ин образи ёрирасон симои тоисломӣ буда, дар чанд афсонаи дигар ҳамчун пири нуронӣ ва хирадманди роҳнамо тасвир шудааст.

Мотиви издивоҷи паридухтарон, ҳамчун духтарони зебову оқилу доно ва фаттону дилкаш қисми муҳими афсонаҳои сеҳромез мебошад. Тавсифҳои ҳусну ҷамоли париён, тасвирҳои муошиқа, меҳрварзӣ ва издивоҷи паридӯхтарон бо қаҳрамонон қисмати диққатҷалбкунандаи афсонаҳо ба шумор меравад. Чи тавре ки имрӯзҳо дар филмҳои мелодрамавии ғарбӣ мушоҳида мекунем, коргардонҳо ва муаллифони филмномаҳо барои ҷалби бештари бинандагон ва харидорони филм лаҳзаҳои муҳаббату ишқварзӣ ва ҳатто амалиёти ғайриахлоқиро ба намоиш мегузоранд. Ба ҳамин тариқа дар замонҳои қадим лаҳзаҳои дӯстдорию меҳру муҳаббат ва оиладоршавии паҳлавонону қаҳрамонон бо паридухтарон дилҳои ташнаи ҷавонон ва муҷаррадонро шодоб мекард ва ба зиндагӣ дилгарм менамуд.

Мардумшинос О. Сухарева дар як мақолаи муфассалаш дар масъалаи издивоҷи парӣ бо инсон ба консепсияи Л.Я. Штернберг такя карда гуфтааст, ки дар динҳои гуногуни халқҳои ҷаҳон ва асотиру боварҳои қадима ақидаи интихоби инсонҳои дӯстдошта аз ҷониби қувваҳои фавқулода роиҷ будааст. Бозмондаҳои ин ақидаи бостонӣ то кунун дар нақлу ривоят ва афсонаҳои тоҷикӣ идома доранд. Мардуми тоҷик бовар доштанд, ки парӣ ба инсон «ошиқ» мешавад ва аз ӯ ҷавоби муҳаббатро интизор аст. Агар шахси интихобкардаи парӣ ба муҳаббат ҷавоб надиҳад, сардмуомила бошад ва зид барояд, он гоҳ парӣ ба хашм омада, он мардро бемор мекардааст. Агар ба ишқи парӣ инсон ҷавоби мусбат диҳад, он гоҳ парӣ ба ӯ истеъдоди табибиро ато мекардааст, ки ӯ минбаъд метавонистааст беморҳоро табобат карда, рӯҳҳои зиёнрасонро дур созад [18, с. 45-46].

Ин ақидаи бостонӣ ва тасаввуроти мардумӣ дар афсонаҳо низ ба шакли андаке дигар тасвир шудаанд. Дар афсонаҳо вақте қаҳрамонписар париро дӯст медорад, дар поёни моҷаро ва ҳаллу фасли мушкилот парӣ ба ӯ баробари ишқу

муҳаббати самимӣ, фарзандони зебо, сарвату пулу моли зиёд ва хушбахтиро подош медиҳад.

Фарзанддор шудани парӣ ва одам. Дар чанд афсонаи тоҷикӣ омадааст, ки аз издивоҷи персонажи асосӣ бо паридухтар фарзанд таваллуд мешавад. Мотиви фарзанддоршавии парӣ ба думболи издивоҷи ӯ бо инсон тасвир шудааст. Масалан, дар афсонаи «Кимиёгар-говсувор», ки болотар иқтибос овардем, Искандаршоҳ рӯзе дар лаби чашмае парии зебоеро дида ошиқ мешавад. Аз парӣ дархости издивоҷ мекунад, аммо парӣ ду шарт мемонад, якум, дар назди чашма қалъае месозӣ, дувум, ба кори ман кордор намешавӣ. Искандаршоҳ розӣ шуда, қалъае сохта медиҳад ва ӯро ба издивоҷи худ медарорад. Паридухтар аз ӯ ҳомила шуда, писар таваллуд мекунад. Аммо пас аз таваллуд худи парӣ тифлашро ба ҳавзи чашма, ба даҳони саги тарғел, ки аз об сар мебарорад, мепартояд. Ҳамин тавр, парӣ ду писару як духтарашро ба саги обии тарғел медиҳад. Подшоҳ дар ғазаб шуда, аҳдро шикаста, париро дашном медиҳад. Парӣ ӯро ҷоду мекунад ва саги тарғел аз об ду писарро оварда, ба ду китфаш мечаспонад ва Искандаршоҳ сесара мешавад. Пас аз ин парӣ духтарашро гирифта, бо худ мебарад [2].

Ҳамин сужет, дар таркиби афсонаҳои «Маликаи Зебоҳусн» [11] ва «Подшоҳи сирҷӯй» [19] низ бо андаке тафовут дида мешавад. Он ҷо сирри марди сесара подшоҳи кунҷковро ором намегузорад.

Одами сесара, марди деҳқоне буд, ки париро ба занӣ гирифтааст. Онҳо аҳд доштанд, ки деҳқон ба корҳои парӣ дахолат намекунад. Онҳо соҳиби се фарзанд мешаванд, аммо парӣ тифлҳоро ба даҳони модасаге медод. Мард ниҳоят тоқат накарда, париро як шаппотӣ мезанад. Парӣ рафта, кӯдаконро оварда, ду писарро ба ду китфи мард зада, мечаспонаду духтарашро гирифта, ба кабӯтар табдил шуда, парида меравад... [19].

Ҳарчанд дар варианти «Подшоҳи сирҷӯй» гуфта мешавад, ки парӣ кӯдаконро бо мақсади дар дигар ҷой калон кардан ба саг медиҳад, аммо ин мотив ғайриодӣ ва хеле қадимӣ мебошад. Мазмунҳои издивоҷу фарзандоршавии инсон бо парӣ бо баъзе тағйирот дар бовару ривоятҳои асотирии халқӣ низ мушоҳида мешаванд. О.А. Сухарева дар мақолаи худ чанд нақлу ривоятро аз сокинони Самарқанду Истаравшан (Ӯротеппа) овардааст, ки дар онҳо аз алоқаи парӣ бо инсон фарзандони ноаён таваллуд шуда бошанд. «Тоҷикон бофтаҳои тахайюлиро ҳақиқат пиндошта, бовар мекарданд, ки аз алоқаи одамон бо парӣ метавонанд кӯдакон таваллуд шаванд. Бештар ин кӯдаконро тасаввур менамуданд. Шамани [бахшии] мазкур Парихон аз Ӯротеппа гоҳ-гоҳ мегуфтааст, ки ӯ аз парӣ фарзандро интизор аст. Баъди гузаштани чанд вақт гуфтааст, ки кӯдак таваллуд кардааст ва андоми зан мисли пештара шудааст. Вале кӯдакони ӯро касе надидааст. Ба гуфти ӯ, парии падари кӯдакон, вақте ки онҳо таваллуд мешудаанд, гирифта мебурдааст [18, 51-52].

Аз муқоиса ва баррасии ин мазмунҳо ба хулоса омадан мумкин аст, ки мотиви фарзандонро аз одамон пинҳон доштан ва онҳоро бурдани париҳо решаҳои хеле қадима дошта, дар имтидоди қарнҳо ба таъсири ақоиди динию эътиқодӣ дучор шудааст. Ба андешаи мо, сабаб ин аст, ки дар тасаввурот ва чорчӯбаи шариати динҳои зардуштию ислом издивоҷи инсон ба ҷуз инсон бо дигар махлуқот мамнуъ шуморида шудааст. Бавижа, дар боварҳои динии зардуштӣ парӣ махлуқи аҳриманӣ маҳсуб будааст.

Тибқи иттилои О.А. Сухарева, мардуми Самарқанд нақл мекардаанд, ки гӯё аз шайтон ҳам баъзе занҳо таваллуд мекардаанд. Он фарзандон калон шуда, гӯё, гунаҳкор, дузд ва масту нашъаманд мешудаанд. Иваз шудани образи парӣ ба шайтон, бегуфтугӯ, таъсири ислом мебошад.

Дар байни мардум одате ҳаст, вақте ягон падидаи ғайриодӣ, ашё ё ҷисмҳои ғайримуқаррариро бинанд, он падидаро ба таври ноогоҳона ва аз ақлу мантиқ дур шарҳ медиҳанд, кӯшиш менамоянд, ки пайдоиши онро «таҳқиқ» кунанд.

«Ҳатто ба кӯдаконе, ки бо пӯсту мӯйи сафед таваллуд мешаванд, ба назари шубҳа нигариста, ӯро фарзанди парӣ мегуфтаанд» [18, 52-53].

Издивоҷи парӣ бо дев. Париҳо, аз сабаби он ки дар таърихи асотир ва тасаввуроти эрониёни бостон бо девҳо ба гурӯҳи махлуқони аҳриманӣ маҳсубанд, дар чанде аз афсонаҳои сеҳромези тоҷикӣ низ ҳамсари девҳо мебошанд. Тибқи тасвири афсонаҳо, девҳо дар зери замину ғорҳо зиндагӣ мекунанд ва паридухтаронро дуздида, ба макони худ бурда, зани худ кардаанд.

Дар афсонаи «Сангпаҳлавон» [2] аъзои оилаи махлуқони аҳриманӣ чунин тасвир шудаанд: дев – шавҳар, занаш парӣ, аз фарзандони онҳо писар дев мешудаасту духтарашон – парӣ. Ё худ дар афсонаи «Чил кафтар» [3] кафтарҳо ба парӣ табдил меёбанд ва ишора шудааст, ки падару модарашон дев мебошанд. Чунин омезиши парӣ бо дев ба тасаввуроти басо қадимаи ориёиҳо реша меандозад.

Дар афсонаи «Калча» бародарон тавассути чоҳ ба ҷаҳони зеризаминӣ фуромаданӣ мешаванд. Зери чоҳ гармии тоқатфарсо буд. Танҳо бародари хурдӣ, ки Калча ном дошт, ба гармӣ тоқат карда, ба поён мефурояд. Зери замин макони парию девҳо буд, ӯ мебинад, ки деве дар сари зонуи парие хоб аст. Калча бо шамшер девро кушта, париро наҷот медиҳад [20].

Ҳамин сужет дар афсонаи «Оқбилакшоҳ» аз маҷмуаи «Фолклори тоҷикони водии Қашқадарё», бо баъзе тафовутҳои ҷузъӣ дида мешавад. Номи қаҳрамони афсона Оқбилакшоҳ аст, ки бародаронаш ғадр карда, ӯро ба чоҳи амиқе мепартоянд. Оқбилакшоҳ ба таги чоҳ, ба мамлакати деву парӣ мефурояд. «*Таги ҳамун-ба ҳамун як парӣ шиштас. Вай зани деби сиёҳ буд. Ин парӣ духтари як пошшо буд, вая деби сиёҳ дуздида, омда зан када, гифтагӣ буд*» [20, 197]

Аз ин мотивҳо маълум аст, ки девҳо ба ҷабру зӯрӣ париёнро ҳамчун зану канизак дар манзилҳояшон нигоҳ доштаанд. Инҳо унсурҳои асотирию таърихӣ буда, бозтоби бадеии ҳаводиси даврони ғуломдорию феодалӣ мебошанд. Дар ҷангҳои байни қабилаҳову қавмҳо ва халқҳо занону духтаронро асир мегирифтанд, иҷборан ба худ зан мекарданд. Аз юришҳо ва ҷабру ситами қавму қабилаҳои кӯчӣ низ баъзе унсурҳо бо каме тобиши бадеӣ дар афсонаҳо инъикос шудаанд. Яке аз он одатҳо духтардуздӣ мебошад, ки то кунун ин анъанаи ваҳшиёнаву ғайриинсонӣ миёни баъзе халқҳои Осиёи Марказӣ роиҷ мебошад. Ин гуна ҳодисаҳои нангин аз ҳамон даврон дар ҳофизаи халқи тоҷик боқӣ монда, дар афсонаҳояшон дар шакли париёну духтаронро дуздидани девҳо тасвир шудаанд. Чунин мотивҳое, ки реша дар воқеияту ҳақиқати таърих доранд, дар мундариҷаи афсонаҳо хеле зиёд тасвир шудаанд ва аз ин ҷиҳат афсонаҳоро беҳуда ҳофизаи бадеии халқ ва дар маҷмуъ фолклорро оинаи рӯзгор нагуфтаанд.

Дар маҷмуъ, дар тимсоли парӣ фаъолияти мавҷудоти се табақаи ҳаёт ба мушоҳада мерасад: якум, фаъолияти париён дар рӯйи замин; дувум – дар зери замин, севум – даруни об, ё канори ҳавзу чашмаҳо ва ниҳоят дар ҳаво парвоз кардани онҳо ва зиндагӣ дар паси кӯҳи баландтарини Қоф. Чунин доираи васеи фаъолияти париён далели қудрату тавоноӣ, доноӣ ва махлуқи фавқуттабиӣ будани онҳост.

КИТОБНОМА

1. Авесто / тарҷумаи Ҷ. Дӯстхоҳ. – Душанбе: Қонуният, 2001. – 792 с.
2. Афсонаҳои мардуми навоҳии Ғозималику Ҳисор ва Ленин / мураттиб С. Қарабулоқӣ. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 80 с.
3. Афсонаҳои Самарқанд / Мураттиб Шермуҳаммадов Б. –Душанбе: Нашриёти АФ РСС Тоҷикистон, 1965. – 274 с.
4. Афсонаҳои тоҷикӣ / мураттиб Р.Амонов. – Душанбе, 2001 – 368 с.
5. Афсонаҳои Ӯротеппа / мураттиб Ҷ. Рабиев, Душанбе: Дониш, 1992. – 348 с.
6. Афсонаҳои халқи тоҷик / дар асоси нусхаи «Афсонаҳои халқи тоҷик» (с. 1957) ва маҷмуаҳои дигар. – Хуҷанд, Ношир, 2005, – 374 с.
7. Бертельс, А.Е. Художественный образ в искусстве Ирана IX-XV веков (Слово, изображение) / А.Е. Бертельс. – Москва: Восточная литература, 1997. – 422 с.
8. Бундаҳишн // Мероси хаттии бостон. – Душанбе: Бухоро, 2014. – Китоби II. – Ҷ. 1. – С. 12-112.
9. Қурбонхонова, Н. Устураи ҷонварон дар фолклори Бадахшон / Н. Қурбонхонова. – Душанбе: Дониш, 2011. – 146 с.
10. Литвинский, Б.А., Басилов, В. Н. Пари // Мифы народов мира / Гл. ред. С. А. Токарев. — М.: Советская энциклопедия, 1982. — Т. II. — С. 287.
11. Маликаи зебоҳусн. Афсонаҳои Сайид Маҳмадӣ дар сабти Абдулҳай Маҳмадаминов. – Душанбе: Истеъдод, 2016. – 176 с.
12. Муродов, О. Дар пардаи сеҳру ҷоду / О. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 128 с.
13. Муродов, О. Древние образы мифологии таджиков долины Зеравшана / О. Муродов. – Душанбе: Дониш, 1979. – 116 с.
14. Раҳимӣ, Д. Боварҳои халқӣ ва тасаввуроти асотирии мардуми Бадахшон / Д. Раҳимӣ // Паёмномаи фарҳанг. – 2018. – №4. – С. 20-36.
15. Раҳимӣ, Д. Шугун ва боварҳои мардуми тоҷик / Д. Раҳимӣ. – Душанбе: Озар, 2004. – 144 с.
16. Ризвоншоева, Г. Афсонаҳои сеҳромези Бадахшон (Таҳқиқи ғоя ва образ) / Г. Ризвоншоева. – Душанбе: Дониш, 2011. – 256 с.
17. Саркоротӣ, Б. Парӣ: таҳқиқе дар ҳошияи устурашиносии табиқӣ / Б. Саркоротӣ // Андеша / фаслномаи илмӣ-пажӯҳишӣ. – 2013. – №2. – С. 101-126.
18. Сухарева, О.А. Пережитки демонологии и шаманства у равнинных таджиков / О.А. Сухарева // Домусульманские верования и обряды в Средней Азии / Отв. Редакторы Г.П. Снесарев, В.Н. Басилов. – Москва: Наука, 1975. – С. 5-93.
19. Фолклори Норак / тартибдиҳанда С. Маҳдиев. – Душанбе: Нашриёти давлатии тоҷик, 1963. – 316 с.

20. Фолклори тоҷикони водии Қашқадарё / гирдоваранда ва мураттиб Р. Қодиров. – Ҷилди 1. – Душанбе: Оли Сомон, 1998. – 276 с.
21. Фолклори Яғноб / мураттиб Т. Ёрзода. – Душанбе: Империал - Групп, 2007. – 330 с.

ПАРӢ ҲАМЧУН ПЕРСОНАЖИ МИФОПОЭТИКИИ АФСОНАҲОИ ТОҶИКӢ

Афсона қадимтарин ва маъмултарин жанри ҳамосавии адабиёти шифоҳӣ буда, тасаввуроти бостонии одамонро дар бораи муносибатҳои инсону табиат, ҳодисаҳои табиӣ, ашё ва қувваю махлуқҳои фавқуттабиӣ бозтоб намуда, василаи интиқоли рамзу розҳои асотирӣ ва эътиқодӣ ба шумор меравад.

Дар ин мақола дар бораи чигунагии тасвири парӣ, аз асотири бостону навиштаҳои Авесто то осори адабиёти хаттию шифоҳӣ сухан рафтааст. Симои парӣ дар сарчашмаҳои хаттии зардуштӣ аслан манфӣ буда, аз офаридаҳои Аҳриман ба шумор меравад. Дар бовару эътиқоди мардумӣ ва як қатор маросими суннатӣ образи парӣ гоҳ мусбат ва гоҳе манфӣ тасвир шудаанд. Баъдан дар адабиёти даврони исломӣ образи ин махлуқи аҳриманӣ ба симои зебову ёрирасони инсон табдил ёфта, ҳатто дар баъзе достонҳои ривоятӣ ва асарҳои фолклорӣ маъшуқаву ҳамсари қаҳрамон мегардад.

Дар адабиёти бадеӣ ҳарчанд идомаи тасвири авестоӣ ва сарчашмаҳои паҳлавӣ дида мешавад, аммо дар маҷмуъ парӣ дар назму насри форсӣ-тоҷикӣ тимсоли мусбат аст.

Дар афсонаҳои халқи тоҷик парӣ симои машҳури фавқуттабиӣ мебошад, ки бо чеҳраи зебову хислати вафодорӣ ва амалиёти ғайриодии худ мундариҷаи афсонаҳоро рангин сохтааст. Дар афсонаҳои тоҷикон париҳо дар шаклҳои антропоморфӣ ва зооморфӣ зуҳур карда, нақши мусбатро иҷро мекунанд. Қаҳрамони афсонаҳо дар ҷустуҷӯи ҳақиқат ва адолат бо париҳо рӯбарӯ шуда ошиқу мафтуни онҳо мегарданд, ҳамдигарро дӯст медоранд ва бо ҳам аҳд мебанданд, дар ҳалли мушкилоти зиндагӣ якҷоя мубориза мебаранд ва ниҳоят пас аз моҷароҳои зиёд ба васли якдигар мерасанд.

Калидвожаҳо: *фолклори тоҷик, афсона, ривоят, симои парӣ, демонология, бовару эътиқод, портрет, характер.*

ПЕРИ КАК МИФОПОЭТИЧЕСКИЙ ПЕРСОНАЖ В ТАДЖИКСКИХ НАРОДНЫХ СКАЗКАХ

Сказка представляет собой один из древнейших и наиболее распространённых эпических жанров устного народного творчества, в котором отражаются представления древних людей о взаимодействии человека с природой, природными явлениями, сверхъестественными силами и существами. Этот жанр служит важным средством передачи мифологических и религиозных символов, представлений и тайн.

В данной статье рассматривается эволюция образа Пери – от древнеиранских мифов и текстов «Авесты» до произведений письменной и устной литературы. В зороастрийских письменных источниках Пери имеет преимущественно негативную характеристику и ассоциируются с силами Ахримана. В народных верованиях и традиционных обрядах образ Пери

приобретает двойственное значение: она может трактоваться как положительно, так и отрицательно. В литературе исламской эпохи происходит трансформация этого демонического образа: Пери становится символом красоты, добродетели и магической помощи, а в ряде сказочных и фольклорных текстов — даже возлюбленной или супругой главного героя.

Несмотря на сохранение в литературных памятниках отдельных черт, восходящих к авестийским и пехлевийским источникам, в целом в таджикско-персидской поэзии и прозе Пери предстает как положительный персонаж. В таджикских народных сказках Пери является широко распространённым образом сверхъестественного существа, обладающего необыкновенной красотой, верностью и благородством, что придаёт особую выразительность повествованию. В легендах Пери может иметь как антропоморфный, так и зооморфный облик, неизменно играя положительную роль.

Ключевые слова: *таджикский фолклор, сказка, предания, образ Пери, демонология, верование, портрет, характер.*

PARI AS A MYTHOPOETIC CHARACTER IN TAJIK FOLKTALES

The fairy tale is one of the most ancient and widespread epic genres of oral folk tradition, reflecting early conceptions of the relationship between humans and nature, natural phenomena, supernatural beings, and mystical forces. This genre serves as an important means of transmitting mythological and religious symbols, concepts, and mysteries.

This article examines the evolution of the image of the Pari – from ancient Iranian myths and the texts of the Avesta to works of both written and oral literature. In zoroastrian scriptural sources, the Pari is predominantly depicted in a negative light and associated with the forces of Ahriman. In folk beliefs and traditional rituals, however, the Pari takes on an ambivalent nature and may be portrayed either positively or negatively. During the Islamic literary period, the demonic image of the pari undergoes transformation into a symbol of beauty, virtue, and magical assistance; in some folktales and narrative folklore, the Pari even becomes the beloved or wife of the hero.

Despite the persistence of certain features rooted in Avestan and Pahlavi sources, the pari generally appears as a positive figure in Tajik-Persian poetry and prose. In Tajik folk tales, the pari is a well-known supernatural character who enhances the narrative with her extraordinary beauty, loyalty, and noble actions. In legends, Paris may appear in both anthropomorphic and zoomorphic forms, consistently playing a positive role.

Keywords: *Tajik folklore, fairy tale, legends, image of Pari, demonology, belief, portrait, character.*

Дар бораи муаллиф: Раҳимӣ Дилшод Камолзода – номзади илмҳои филологӣ, роҳбари Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди ЮНЕСКО. Телефон: (+33) 745-14-10-81; e-mail: dilshodr@gmail.com

Информация об авторе: Рахими Дилшод Камолзода – кандидат филологических наук, руководитель Постоянного Представительства

Республики Таджикистан при ЮНЕСКО. Телефон: (+33) 745 14 10 81; электронная почта: dilshodr@gmail.com

Information about the author: Rahimi Dilshod Kamolzoda – Candidate of Philological sciences, Head of the Permanent Delegation of the Republic of Tajikistan to UNESCO. Phone: (+33) 745 14 10 81; e-mail: dilshodr@gmail.com

ТДУ: 880.550+555

ИСТИФОДАИ ШАКЛҲОИ ШЕЪРӢ ДАР АФСОНАҲОИ СЕҲРОМЕЗИ ТОШБЕК ВА ГУЛҚУРБОН

Абдуламин Мажнунов,
Умеда Султонмамадова
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Афсонаҳои сеҳромез мавзуъҳои гуногунро фаро гирифтаанд. Ташкили оила ва пойдору устувор намудани он яке аз мавзуъҳои асосӣ ва доманадори ин навъи жанри афсона аст. Дар байни мардуми мо силсилаи афсонаҳое мавҷуданд, ки дар дохили худ шеър доранд, яъне бо порчаҳои шеърӣ зинат ёфтаанд.Бино бар ин онҳо дар илми фолклоршиносии тоҷик бо номи «афсонаҳои шеърдор» пазируфта шудаанд. Афсонаҳои сеҳромез дар байни анвои дигари афсонаҳои мардуми Бадахшон мақоми махсус доранд ва яке аз муҳимтарину барҷастатарин ҷузъиёти насри шифоҳии мардуми моро ташкил медиҳанд. Ба ин гурӯҳ афсонаҳое марбутанд, ки онҳо дар асоси ҷаҳонбинӣ, руҳия ва тасаввуроту ақидаҳои одамони ҷамъияти ибтидоӣ эҷод гардидаанд. Ин гурӯҳи афсонаҳо ба он сабаб сеҳрангез (муъҷизаангез) ном гирифтаанд, ки сеҳру муъҷиза дар феълу хӯй ва амалиёти қаҳрамонҳои онҳо мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Афсонаҳои сеҳрангез як қисми муҳимми афсонаҳои Бадахшонро ташкил медиҳанд. Ба тавассути шароитҳои таърихӣ ва ҷуғрофиёии Бадахшон ин қабил афсонаҳо, ки аз ҷиҳати мавзуъ ва сюжети худ хеле қадимӣ буда, ба ҷамъияти бесинфии ибтидоӣ реша меандозанд, дар ин маҳал мавҷудияти худро ба таври васеъ нигаҳ доштаанд. Афсонаҳои сеҳрангез дар замоне ба вуҷуд омадаанд, ки одамизод аз асрори табиат воқиф набуд, сирри ба вуҷуд омадани ҳодисаҳоро намефаҳмид, дар мағзи он оид ба ҳодисоти олами берунаи бетанаффус ақидаҳои хаёлӣ пайдо мешудаанд. Сохти афсонаҳои сеҳромез нисбатан мураккаб ва сюжеташон сервоқеа мебошад. Яъне кор фармудани формулаҳои махсус, такрор ёфтани эпизодҳои якхела, оғозу хотимаҳои муфассал ва ба таври печ дар печу тулонӣ тасвир намудани воқеаҳо ба ин афсонаҳо бештар хос аст.

Хушбахтона, теъдоди зиёде аз ин қабил афсонаҳо дар давоми солҳои гуногун аз тарафи кормандони шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ва бо ҳамкории мухлисони адабиёти шифоҳӣ аз шаҳру ноҳия ва деҳоти Тоҷикистон ва маҳалҳои тоҷикнишини Ҷумҳурии Узбекистон гирдоварӣ шудаанд.

Афсонаҳои сеҳромез бо вижагиҳои худ дар мавриди муайян кардани ақида, тасаввурот, урфу одат, маданияти қадимии ниёгонамон аз далелҳои судманде буда метавонанд.

Фолклоршинос А. Сӯфизода дар китоби «Фолклор - махзани сухан» дар бораи назм дар афсонаи мардум менависад: «Назми халқӣ дар афсонаҳои ишқӣ романтикӣ васеъ истифода шуда, дар шаклҳои суруд, рубоӣ, дубайтӣ ва байт

зуҳур намудааст. Сурудҳои лирикӣ фикру ҳис, ҷаҳонбинӣ ва орзую умеди дар шароитҳои гуногуни зиндагӣ бамиёномадаи мардумро самимӣ, амиқ ва равшан инъикос менамоянд»[13, 34].

Суруд аз қадимтарин давраҳо ҳамсафари ҳаёт, ҳамдами шодию андӯҳ, ифшокунандаи рози дил ва марому мақсади инсон аст. Сурудҳое, ки ба ин афсонаҳо ворид шудаанд, хеле ширину намакинанд ва матлаби марбутаро ба таври возеҳ ифода менамоянд. Масалан, суруде, ки дар афсонаи «Тошбек ва Гулқурбон» омадааст.

Подшоҳ мехост, ки дар сафар ба Тошбек 300 савор ҳамроҳ кунанд, вале Тошбек аз байни онҳо фақат 50 савор ва вазирбача - Атохуҷаро ҳамроҳи худ гирифта, азми сафари Миср кард. Ҳангоми видоъ Тошбек ба падараш рӯ оварда мегӯяд:

Ало билло а тат рухсат гирум-е,
Ба шаҳри Миср аҷаб даргилум-е
Ё Гул, қурбонат мешавам,
Ё Гул, харидори ту астуме. [ФФ XI: 0493-0502]

Суруд афсонаро аз як тараф агар ҷозибаноку таъсирбахш намояд, аз тарафи дигар дар таъсирбахш кардани мазмун хидмати басазое дорад.

Модари Тошбек гирёну нолон ба писараш мегӯяд: «Тошбек, писарам, дар синни ҷавонӣ ту ба чунин сафари дури пурхатар баромаданӣ ҳастӣ. Як бори дигар баргашта ба ман нигоҳ кун, то як лаҳзаи дигар туро бибинам ва аз ҷудоӣ менолад:

Аспи сиёҳи зоғате,
Модар набинад доғате.
Модар бинад, бинад,
Ошиқ набинад доғате. [ФФ: IV5866-5884]

Нақши суруд, порчаҳои манзум дар афсонаҳои «Тошбек ва Гулқурбон» хеле бузург аст ва он барои ифодаи мазмуни афсона, хусусан дар мавриди ҷомаи амал пӯшидани мақсади қаҳрамони асосӣ мусоидат кардааст:

Тошбек дар ҷавоби модараш мегӯяд:

Ту момои ман-э
Бирав, бишин дар боғат ман э.
Ҳу гул бичин дар боғат ман э
Ё Гул, харидори ту астум. [ФФIII: 3345-4561]

Дар афсонаи «Тошбек ва Гулқурбон» тавассути шеър як ҳодисаи ҳайратангез ба вуқуъ пайвастааст:

Хоҳари Тошбек бо дидаи гирён мегӯяд:

Яктет Тошбек аҷаб дароз асте, аҷаб,
Роҳ гаштани Тошбек ба ноз асте, аҷаб. [ФФIII: 4077-4156]

Ва боз илова менамояд:

Қатии Тошбек панҷоҳ савор -э,
Қатл кардааст лашкари куффор- э. [ФФIII: 4077-4156]

Номзади Тошбек - Баҳор ҳам ба гусели ӯ баромада, бо дидаи гирён мегӯяд:

Тоқии Тошбек ба даст дӯхтаме- э,
Дар ҳаққи Тошбек ман сӯхтаме. [ФФVI: 2765-2774]

Тошбек ба Баҳор рӯ оварда мегӯяд:

Ту Баҳорат ман астӣ- э,
Бирав, биншин дар боғат ман –э.

Ху гул бичин дар боғат ман- э,
То зиндаам, ба ёдат астум- э. [ФФVI: 2765-2774]

Тошбек ба роҳ мебарояд ва духтаре, ки пеш аз Баҳор номзади Тошбек буд, ӯро дуои бад мекунад:

Киштии Тошбек ба дарё меравад-э,
Тошбек ба савдо меравад-э.
Илоҳо, киштии Тошбек ба дарё ғарқ шавад-э,
Савдо савдои Тошбек ху илоҳӣ нашавад –э.

Тошбек дар ҷавоби ӯ мегӯяд:

Ало хисменҷик рӯякат илоҳи сиёҳ шавадэ,
Тошбек ба савдо меравад-э.
Савдо савдои Тошбек ху илоҳӣ нашавад –э. [ФФVII:6493-6508]

Қисса кӯтоҳ, Тошбек ҳамроҳи 50 савораш ба роҳ мебарояд. Чанд рӯзу шаб дар дашту биёбон роҳ паймуда, ба дашти калоне мерасанд ва дар он дашт савореро вомехӯранд. Атохӯҷа ба пеши савор рафта, дар бораи Гулқурбон пурсон мешавад. Савор ҷавоб медиҳад, ки агар тифли хурдсол номи Гулқурбонро ба забон гирад, ӯро ба зиндон меандозанд. Тошбек ба ӯ саргузашту хоби дидаи худро нақл мекунад ва бо сӯз мегӯяд:

Дар дашт будам, гули оташ дидам,
Аз ёри азиз ҳеч хабар нашнидам.
Як шахс омад, ки ёракат ман дидам,
Аз нимаи умри худ ба ӯ бахшидам. [ФФVII:6493-6508]

Канизак фармоиши Гулқурбонро иҷро мекунад. Тошбеку Атохӯҷа дастархонро гирифта, аз хӯрданиҳо мечашанд ва боз Тошбек сеторашро гирифта, ба навохтану суруд хондан шуруъ мекунад:

Дар боғ будам қандат наботат хӯрдам -э,
Аз ёраки худ хабар нашнидам- э.

Гулқурбон овози Тошбекро шунида мегӯяд:

А Тошбек, дар дастат дорӣ чӯби хушк- э,
Аз чӯби хушк меояд овози худ -э.

Фолклоршинос Гулнисо Ризвоншоева дар бораи афсонаҳои сеҳромези Бадахшон чунин менависад: «Афсонаҳои сеҳромези Бадахшон ҳам мисли афсонаҳои халқи соири дунё мазмуни гуногун ва печ дар печ дошта, мавзуъҳои мухталифро дар бар мегиранд. Ин навъи афсонаҳо аз ҷиҳати шакли бадеӣ ва қолабҳои мавҷуда устувор буда, мисли афсонаҳои халқи рус ва халқҳои дигар дар асоси он қолаб сохта шудаанд» [11, 9 - 11].

Дар афсона боз чанд порчаи манзум мавҷуд аст, ки онҳо низ дар мавқеи худ барои ибрози ифодаи мақсаду нияти персонажҳои афсона ва такмилу тақвияти мӯҳтавои ин ё он лаҳзаи асар мусоидат кардаанд.

Фолклоршинос Явич ба ин масъала дахл карда менависад: «Шеър дар афсонаҳои халқҳои гуногуни дунё дучор шавад ҳам, ба таври васеъ умумият нагирифтааст. Аз рӯи гуфти иддае аз олимон ҷои баромади ин ҳодиса мамлакатҳои Шарқ ба шумор меравад. Дар Шарқ истифодаи шеър дар наср як анъанаи таърихдор ва устувор буда, чи дар фолклор ва чи адабиёти хаттӣ асрҳо ин тараф ҷорӣ гардидааст». Ӯ фикри адабиётшиносони аврупоро тасдиқ карда мегӯяд: «Фолклоршиносони Аврупо манбаи адабиёти хаттиро шеърҳои афсонаҳо меҳисобанд» [20, 126].

Агар ин фикрро мо ҳамчун санади муътамад қабул кунем, пас аз гуфтаҳои боло чунин хулоса бармеояд, ки шеър бо афсона, ба тариқи васеъ ва оммавӣ ба шеъри дарии дар асри IX-X ворид мегардад. Минбаъд, вобаста ба

шароит ва вазъияти ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоии мамолики форсизабон шеър кам-кам ба наср дохил шудан мегирад. Махсусан дар асри Х1, ки достонҳои лирo-эпикӣ ҷои достонҳои эпикиро ишғол карда буд, таъсири ин достонҳо ба эҷодиёти шифоҳӣ ва насри ривоятии ишқӣ- романтикӣ зиёд мешавад.

Соли 1947 дар асоси сужети афсонаи «Тошбек ва Гулқурбон» шоири маъруфи тоҷик Мирсаид Миршакар асари драмавиеро бо ҳамин унвон офарид. Дар асари номбурда бисёр лавҳаву лаҳзаҳои банду басти афсонаи халқӣ нигоҳ дошта шудааст [4,259-302].

Ба ҳамин тариқ, дар гурӯҳи афсонаҳои сеҳромези Бадахшон низ сурудҳо ва порчаҳои манзум ба таври фаровон ба кор рафтаанд. Дар ин афсонаҳо сурудҳо, ки дар шаклҳои гуногун - қитъа, мусаллас, дубайтӣ, байт, ғазал ва амсоли инҳо гуфта шудаанд, пеш аз ҳама барои ифода ва такмили мазмуну ғояи афсона, шиддат пайдо кардани ҷараёни воқеа ва рушду инкишофи сюжети умумӣ ва ё эпизоди ин падидаҳои фолклорӣ мусоидат кардаанд. Дар афсонаҳо баъзан вобаста ба ҷараёни воқеа аз шеърҳои шоирони касбӣ низ истифода ба амал меояд, ки ин кор бо хоҳиши гӯяндаи афсона ба вуқуъ мепайвандад. Метавон гуфт, ки сурудҳо дар афсонаҳои сеҳромез низ аз воситаҳои муҳимми ҳунар ва тасвири бадеӣ маҳсуб мешаванд. Сурудҳо ба ин афсонаҳо шукӯҳ бахшида, ҷаззобияташонро афзун гардонидаанд, доираи густариши онҳоро фарохтар карда, то андозае боиси дарозии умри онҳо гардидаанд. Тавассути суруд дар ин афсонаҳо низ собит мегардад, ки гӯяндагони халқӣ барои дар дили шунавандагонашон маскан гузидани афсонаҳо ҳунарнамоиҳои шоиста карда, бо истифода аз сурудҳо шодию сурур, неруи тоза ва ҷасорату қудрат дар иродаашон ато намудаанд. Метавон гуфт, ки сурудҳо дар афсонаҳои сеҳромези Тошбек ва Гулқурбон низ аз воситаҳои муҳимми ҳунар ва тасвири бадеӣ маҳсуб мешаванд.

КИТОБНОМА

1. Амонов, Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб / Р. Амонов. – Душанбе:Дониш, 1963. – 329 с.
2. Амонов, Р. Афсонаҳои халқи тоҷик / Р. Амонов. – Душанбе: Ирфон, 1988. – 374 с.
3. Асрорӣ, В., Амонов Р. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик // В. Асрорӣ ва Р. Амонов. – Душанбе: Маориф, 1980. – 287 с.
4. Афсонаҳои тоҷикӣ / Мураттибон Р. Амонов ва Д. Обидов. – Душанбе: Дониш, 2008. – 434 с.
5. Дастурамал оид ба ҷамъ кардани эҷодиёти даҳанакии халқ / Зери таҳрири Р. Амонов.- Сталинобод: Нашриёти АФРСС Тоҷикистон, 1960. – 158 с.
6. Обидов, Д. Таҳқиқи афсонаҳои тоҷикӣ // Д. Обидов. – Душанбе, 2015**. –** 210 с.
7. Раҳмонӣ, Р. Афсона ва жанрҳои дигари насри шифоҳӣ // Р. Раҳмонӣ. – Душанбе, 1999. – 104 с.
8. Раҳмонӣ, Р. Таърихи гирдоварӣ, нашр ва пажӯҳиши афсонаҳои мардуми форсизабон / Р. Раҳмонӣ. – Душанбе: Сино, 2001. – 208 с.
9. Раҳмонӣ, Р. Эҷодиёти гуфтории мардуми тоҷик / Р.Раҳмонӣ. – Душанбе: Сино, 2008. – 112 с.
10. Ризвоншоева, Г. Афсонагӯёни Бадахшон / Г. Ризвоншоева // Фолклор адабиёт забон. – Душанбе: ЭР-граф, 2004. – 143 с.
11.Фолклори Помир (Афсонаҳои ҳаётӣ- маишии мардуми Бадахшон) / Мураттиб, муаллифи муқаддима ва тавзеҳот Ризвоншоева Гулнисо. – Душанбе: Дониш, 2012. – 508 с.
12.Ризвоншоева, Г. Афсонаҳои сеҳромези Бадахшон (таҳқиқи ғоя ва образ) // Г. Ризвоншоева. – Душанбе: Дониш, 2011. – 256 с.
13.Ризвоншоева, Г. Афсонаҳои ҳаётӣ-маишии мардуми Бадахшон / Г. Ризвоншоева. – Душанбе: Дониш, 2012. – 508 с.

14.Саидқулова, Ф. Мақом ва нақши осори манзум дар афсонаҳои тоҷикӣ / Ф. Саидқулова. – Душанбе: КВД «Матбаа», 2013. – 224 с.
15.Сӯфизода, А. Фолклор махзани сухан (Маҷмуаи мақолаҳо) / А. Сӯфизода. – Душанбе: Адиб, 2007. – 100 с.
16.Фолклори тоҷикҳо (Материалҳо ва мақолаҳо) Ҷилди 1 / Муҳаррирони масъул: Д. Обидов ва Б. Шермуҳаммадов. – Душанбе: Дониш, 1973. – 183 с.
17.ФФVI: 2765-2774
18.ФФVII:6493-6508
19.ФФX: 6493-6508
20.Явич, М. Шеър дар афсона /М. Явчик // Садои Шарқ. – 1969. – №3. – С. 126-128.

ИСТИФОДАИ ШАКЛҲОИ ШЕЪРӢ ДАР АФСОНАҲОИ СЕҲРОМЕЗИ ТОШБЕК ВА ГУЛҚУРБОН

Афсонаҳои сеҳромез мавзуъҳои гуногунро аз бар кардаанд. Вале ташкили оила ва пойдору устувор намудани бунёди он аз мавзуъҳои асосӣ ва хеле доманадори ин навъи жанри афсона аст.Дар байни мардуми мо як силсила афсонаҳое ҳастанд, ки дар дохили худ шеър доранд, яъне бо порчаҳои шеърӣ зебу зиннат ёфтаанд. Бинобарин онҳо дар илми фолклоршиносии тоҷик бо номи афсонаҳои шеърдор пазируфта шудаанд. Афсонаҳои сеҳромез дар байни анвои дигари афсонаҳои мардуми Бадахшон мақоми махсус доранд ва яке аз муҳимтарину барҷастатарин ҷузъиёти насри шифоҳии мардуми моро ташкил медиҳанд. Ба ин гурӯҳ афсонаҳое шомиланд, ки онҳо дар асоси ҷаҳонбинӣ, рӯҳия ва тасаввуроту ақидаҳои одамони ҷамъияти ибтидоӣ эҷод гардидаанд. Ин гурӯҳи афсонаҳо ба он сабаб сеҳрангез (мӯъҷизаангез) ном гирифтаанд, ки сеҳрумуъҷиза дар феълу хӯй ва амалиёти қаҳрамонҳои онҳо мавқеи махсусеро ишғол мекунанд. Афсонаҳои сеҳрангез як қисми муҳими афсонаҳои Бадахшонро ташкил медиҳанд.

Калидвожаҳо: *назм, суруд, афсона, Тошбек, Гулқурбон, афсонаҳои сеҳромез дар фолклори Бадахшон.*

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПОЭТИЧЕСКИХ ФОРМ В ВОЛШЕБНЫХ СКАЗКАХ О ТОШБЕКЕ И ГУЛЬКУРБАНЕ

Волшебные сказки охватывают различные темы. Однако создание семьи и ее постоянного основания является одной из главных и самых популярных тем этого жанра художественной литературы.У нашего народа существует ряд сказок, включающие в себя поэзию, то есть поэтические фрагменты. Поэтому они приняты в науке таджикского фольклора под названием поэтические сказки. Волшебные сказки имеют особый статус среди других видов сказок народа Бадахшана и являются одной из важнейших и выдающихся деталей устной прозы нашего народа.В эту группу входят легенды, которые были созданы на основе мировоззрения, настроения, воображения и представлений людей первобытного общества.Эта группа сказок называется сохержез (чудотворные), поскольку волшебство и чудеса занимают особое место в поведении и действиях их героев. Волшебные сказки составляют важную часть легенд Бадахшана.

Ключевые слова *: поэма, песня, сказка, Тошбек, Гюлькурбан, волшебные сказки в фольклоре Бадахшана.*

THE USE OF POETIC FORMS IN THE FAIRY TALES ABOUT TOSHBEK AND GULQURBAN

Fairy tales cover various topics. However, the creation of a family and its permanent foundation is one of the main and most popular topics of fiction genre of. Our people have a number of fairy tales that exist within the poetry, that is, decorated with poetic fragments.Therefore, they are accepted in the science of Tajik folklore

under the name of poetical fairy tales. Magic fairy tales have a special status among other types of fairy tales of the Badakhshan people and are one of the most important and outstanding details of the oral prose of our people. This group includes legends that were created on the basis of the worldview, mood, imagination and ideas of people of primitive society.This group of tales is called sokherzhez (miraculous), because magic and miracles occupy a special place in the behavior and actions of their heroes. Magic tales form an important part of the legends of Badakhshan.

Key words: *poem, song, fairy tale, Toshbek, Gulqurban, fairy tales and Badakhshan folklore.*

Дар бораи муаллифон: Мажнунов Абдуламин Абдулакимович – номзади илми филология, мудири шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Нишонӣ: ш. Душанбе, А. Дониш, 32/2, х. 48. Тел.:935648128; E-mail: majnunov-1001@mail.ru

Султонмамадова Умеда Алимамадовна – дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишонӣ: ш. Душанбе, А. Дониш, 32/2, х. 48.Тел.: (+ 992) 93 913 84 84, E-mail: umeda84@bk.ru

Сведения об авторах: Маджнунов Абдуламин Абдулакимович – кандидат филологических наук, заведующий отделом фольклора Института языка и литературы имени А. Рудаки Национальной академии наук Таджикистана: Адрес: г. Душанбе, А. Дониш, 32/2, х. 48; Тел.: (+992) 935648128; E-mail: majnunov-1001@mail.ru

Султонмамадова Умеда Алимамадовна — доцент кафедры таджикского языка и документации Академии управления при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: г. Душанбе, А. Дониш, 32/2, х. 48; тел.: + 992 93 913 84 84, E-mail: umeda84@bk.ru

About the authors: Majnunov Abdulamin Abdulakimovich – Candidate of Philological sciences, Head of the folklore department of the Institute of Language and Literature named after A.Rudaki of the National Academy of Sciences of Tajikistan: Address: Dushanbe, A. Donish, 32/2, h. 48. Tel.: (+992) 935648128; E-mail: majnunov-1001@mail.ru

Sultonmamadova Umeda Alimamadovna – Associate Professor of the Tajik Language and Documentation Department of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Address: Dushanbe, A. Donish, 32/2, h. 48. Phone: (+ 992) 93 913 84 84. E-mail: umeda84@bk.ru

ТДУ: 880.550+555

СУРУДҲОИ МАВСИМӢ ДАР ФОЛКЛОРИ ТОҶИК

Рустам Оймаҳмадов
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Табиат ва аносири он яке аз муҳимтарин мафоҳим дар адабиёти расмӣ ва осори адибони форсу тоҷик аст. Адибон ва шоирон дар осори худ аз табиат ва аносири он ниҳояти баҳрабардориро кардаанд. Бархе аз шоирон низ ба «шоирони табиат» маъруфу машҳур шудаанд. Бештаре аз тавсифот ва ташбеҳоти шоирони расмӣ баргирифта аз табиат ва аносири он аст: «...шоирони тавоное дар ҳавзаи васфҳои табиат ва дигар ҷавониби ҳаёт осоре ба вуҷуд овардаанд, ки аз назари наздикӣ ба табиат ва ҳису таҷриба дорои болотарин пойгоҳ дар адаби порсист. Тасвирҳое, ки Манучеҳрӣ ва Фаррухӣ ва андаке баъд

Носир Хусрав аз чеҳраҳои гуногуни табиат сохтаанд, то имрӯз зеботарин тасвирҳои шеъри форсист» [15, 388]. Дар табақабандии адвори шеърӣ форсӣ низ сабки хуросонӣ нисбат ба дигар сабкҳо табиатгарост. Дар адабиёти фолклорӣ, ки аз тарафи мардуми одӣ суруда шудаанд, табиат ва аносири он дар ин осор ҷойгоҳи вижа дорад. Дар рубоиёт, дубайтиҳо, таронаҳо ва сурудҳо, афсонаҳо, зарбулмасалҳо ва...ҷилваҳое аз табиат ва аносири он дида мешавад. Дар ин мақола фаслҳо, ки ҷузъе аз табиат ҳастанд, дар сурудҳои халқӣ, бахусус сурудҳои мавсимӣ, ки аз тарафи мардуми одӣ суруда шудаанд, баррасию таҳлил ва натиҷагирӣ шудаанд. Сурудҳои истифодашуда дар ин мақола аз фонди фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абдуллоҳи Рӯдакии АМИТ аст. Равиши кор дар ин мақола чунин аст, ки дар ибтидо маълумоти мухтасар дар мавриди жанри суруд ва вижагиҳои он, додо шудааст ва сипас сурудҳоро аз фонди Институти забон ва адабиёти ба номи Рудакии АМИТ аз бастаҳои махсус ҷустуҷӯ намуда ва ба баррасию таҳлил онҳо пардохтаем ва дар охир ба натоиҷ ва ёфтаҳо ишора кардаем. Ин сурудҳо аз манзари табиат, мавсим ва фаслҳо таҳлилу баррасию натиҷагирӣ шудаанд. Натиҷаҳои таҳлилшуда нишон медиҳад, ки фасли баҳор ва суннатҳои наврӯзӣ дар суроиш ва халқи ин асари мардумӣ нақши калидӣ доштааст. Навад дар сад аз сурудҳои мавсимӣ мухтасси фасли баҳор ва дар бораи Наврӯз аст. Сурудҳо нисбат ба дигар фаслҳо камшумор аст. Далоили чунин вижагӣ аҳаммияти фасли баҳор ва ҳузури Наврӯз дар ин фасл аст, ки аз назари фарҳангӣ, таърихӣ дар ҳақиқат шиносномаи ҳувияти мардуми тоҷик ба ҳисоб меояд ва тафаккури фалсафии миллати тоҷик дар ин фасл ва суннатҳои наврӯзӣ инъикос ёфтааст.

Суруд. Жанри суруди фолклорӣ дар канори жанрҳои дигари фолклорӣ яке аз муҳимтарин жанрҳоест, ки миёни мардуми одӣ роиҷ аст. Ин навъи жанрро мардум дар ҳангоми ҷашнҳову шодиҳо, кишту корҳо ва маросими махус бо оҳанг замзама мекардаанд. Донишмандони тоҷик, руйи ин жанр китобҳову рисолаҳову мақолаҳои зиёде таълиф намуда ва дар бораи хусусиёт ва вижагиҳои ин жанр ибрози назар кардаанд. «Нисбати сурудҳои мардумии тоҷикӣ истилоҳи гуногун ба кор рафтааст, ки дар ин бора Р. Амонов чунин мегӯяд: «Суруд дар ҳар куҷо ҳар хел номида мешавад: байт, ғазал, мухаммас, нағма, ашӯла, ва ғайра». Ин гуфтаи Р. Амоновро ҳангоми корҳои майдонӣ Б. Шермуҳаммадов низ мушоҳида кардааст. Дар баъзе минтақаҳо истилоҳоти «тарона», «ҳофизӣ», «ашӯла», «байтхонӣ», «кӯчабоғӣ», «ғазалсароӣ», низ ба маънои суруд ё хондани он ба кор рафтааст[5, 326]. Дар Самарқанд ва ноҳияҳои он барои суруд истилоҳоти гуногун истифода мешавад. «Чунончи, назми халқиро дар шаҳр ва маҳалҳои атрофи Самарқанд ашӯла, ҳофизӣ, қӯшиқ, ғазал, дар райони Фориш байт, ғазалак; дар райони Ургут ашӯла, ҳофизӣ, қӯшиқ; дар райони Нурато ғазал, мухаммас ва дар деҳаи Оқсой майдағазал, кӯчабоғӣ ва авомӣ меноманд. Истилоҳоти номбурда дар ифода намудани суруду тарона, байту рубоӣ, қитъаву ғазал ва мухаммасҳои ғайримаросимӣ истиъмол мешаванд» [16, 12]. «Дар деҳаи Ухуми райони Фориш истилоҳи ашӯла, ғазалак ва байтҳои алафӣ маъмуланд. Мардум тамоми сурудҳоеро, ки аз родио мешунаванд, яъне сурудҳои замонавиро ашӯла мегӯянд. Истилоҳи «ашӯла» дар Ухум таърихи дур надоштааст. Ин истилоҳ пас аз солҳои 20-ум дар байни аҳолӣ расм гардидааст. Вале «ғазалак» истилоҳи хоси фолклори Ухум аст. Ҳамаи суруду таронаҳои халқии ғайримаросимиро «ғазалак» мегӯянд. Аҳолии Ухум барои ифодаи сурудҳои бачагона истилоҳи «байтҳои алафӣ»-ро низ кор мефармоянд. Дар деҳаи Сентоби райони Фориш истилоҳи «ишқия» хеле машҳур аст. Ишқия

силсилаи рубоӣ ва суруду таронаҳоест, ки ба ҷавонӣ ва муҳаббати поки инсонӣ бахшида шудаанд [16, 13]. Далоили гузошта шудани номҳои зиёд аз тарафи мардум ва фолклоршиносон ба жанри суруд метавонад фарҳанги ҷуғрофиёӣ, дастгоҳҳои мусиқӣ ва қолабҳои шеърӣ бошад, ки бо садову мусиқӣ ҳамроҳ будааст. Профессор Равшан Раҳмонӣ дар мавриди суруд чунин изҳори назар кардааст: «Аз замони қадим мардум ба суруд таваҷҷуҳи хосе доштаанд. Дар асл ҳамаи он ашъоре, ки бо садо ва ё мусиқӣ сароида мешавад, бояд суруд бошад. Дар суруд се нукта муҳим аст: 1) оҳанг (тибқи замзамаи овоз ва ё созҳои мусиқӣ); 2) садо (сароиши сароянда); 3) матн (гуфторӣ, ё адабӣ). Агар яке аз инҳо набошад, суруд ба вуҷуд намеояд» [5, 327]. Саъдии Қосимӣ, ки ба тозагӣ бо ҳамин мавзуи сурудҳои халқӣ зери раҳбарии профессор Равшан Раҳмонӣ рисолаи докторӣ дифоъ кардааст, ба пайравӣ аз Р. Раҳмонӣ дар гурӯҳбандии сурудҳои халқӣ, ки ба қавли худаш табақабандии нисбӣ ва дар ҳамин марҳалаи таҳқиқ мувофиқ аст, сурудҳоро ба ҳашт гурӯҳ тақсим кардааст. 1.Сурудҳои маросими мавсимӣ; 2. Сурудҳои маросимӣ; 3. Сурудҳои ғиноӣ; 4. Сурудҳои таърихӣ ва марсия; 5. Сурудҳои ҳамосӣ; 6. Сурудҳои ҳаҷвӣ; 7. Сурудҳои динӣ; 8. Сурудҳои «Алла» ва бачагона [3, 109]. Гурӯҳбандии профессор Р. Раҳмонӣ чунин аст: 1.Сурудҳои маросимӣ. 2. Сурурдҳои мазҳабӣ. 3. Сурудҳои ғиноӣ. 4. Сурудҳои таърихӣ. 5. Сурудҳои ҳамосӣ. 6. Сурудҳои ҳаҷвӣ. 7. Тарона. 8. Бадеҳа. 9. Сурудҳои кӯдакона. 10. Даргилик. Ҳамон тавр, ки мушоҳида мекунед, тафовутҳое дар ин ду гурӯҳбандӣ дида мешавад. Сурудҳои халқӣ дар гурӯҳбандии профессор Р. Раҳмонӣ ба 10 гурӯҳ ва аз Саъдии Қосимӣ ба 8 гурӯҳ тақсимбандӣ шудаанд. Ба эҳтимоли зиёд далели овардани тарона, бадеҳа, даргилик дар тақсимбандии профессор Р. Раҳмонӣ вижагиҳои зоҳирӣ ва қолабӣ аз назари вазну ҳиҷо, мисроъҳо ва ҳозирҷавобӣ (бадеҳа) ва корбурди минтақаи хосси даргилик, ки дар Бадахшон истифода мешавад, аст. Саъдии Қосимӣ бар ин ақида аст, ки «тарона», «бадеҳа» ва «даргилик» зеръанвъҳои суруд буда ва дар айни замон бо хусусиятҳои худ мустақил мебошанд [3, 109]. Дар гурӯҳбандии Саъдии Қосимӣ сурудҳои мавсимӣ ба шакли ҷудогона ва зермаҷмуаӣ сурудҳои маросимӣ ва марсия зермаҷмуаи сурудҳои таърихӣ омадааст, ки дар тақсимбандии профессор Р.Раҳмонӣ сурудҳои марсия дар дохили тавзеҳоти матни сурудҳои ғиноӣ [5, 333] омадааст. Тафовут дар ин гурӯҳбандӣ далел ба ихтилофи назар нест, балки ба қавли префессор Р. Раҳмонӣ дар гузашти замон ва асоси санадҳои илмӣ [5, 329] ва марҳалаҳои таҳқиқ аст[3, 109]. Бар ин асос, ин гурӯҳбандӣ дар оянда аз назари хусусиятҳои забонӣ, қолабӣ, вазнӣ, муҳтавоӣ мумкин аст тағйир ёбад. Бо таваҷҷуҳ ба пажӯҳишҳои зиёде, ки аз тарафи донишмандон ва фолоршиносони барҷастаи тоҷик вобаста ба ин жанр шудааст, маълум мешавад, ки жанри суруд дар канори дигар жанрҳои фолклорӣ хеле муҳим буда ва корбурди асосӣ ва бунёдӣ дар миёни мардумӣ одӣ дорад ва дар муносибатҳову ҷашнҳои гуногун дар чаҳор фасли сол миёни мардум роиҷ аст.

Чаҳор фасли сол дар сурудҳои халқӣ

Баҳор. Ҳаҷми анбӯҳе аз осори фолклори мардуми тоҷик, ки аз замони шуравӣ бо заҳмати фаровон аз суи фолклоршиносони тоҷик аз саросари Тоҷикистон ҷамъоварӣ шудаанд дар фонди шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакӣ дар бастаҳои махсус сабту забт шудаанд. Дар ин фонд анвои жанрҳои фолклорӣ дида мешавад. Барои ёфтани сурудҳои мавсимӣ бастаҳои ин фондро мавриди ковиш қарор додем ва аз миёни ин бастаҳо ҳудудан 250 сафҳа сурудҳои мависмӣ ёфта шуд, ҳарчанд сурудҳои дигар низ бо мавзуоти

гуногун дар ин бастаҳо дида мешаванд. Сурудҳои мавсимии ёфташуда дар ин фонд танҳо ба як фасли муҳимми сол, яъне баҳор ва ҷашнҳову суннатҳои ин фасл муртабит аст. Барои фаслҳои дигари сол монанди тобистон ва тирамоҳ суруди махсусе дар ин бастаҳои дида намешавад, ҳарчанд анвоӣ меваҳои тобистонаю тирамоҳоӣ дар бархе сурудҳо тавсиф шудаанд. Барои фасли зимистон низ танҳо як суруд бо вариантҳои гуногун ба номи «Барфӣ» дар ин фонд ҷамъоварӣ шудааст. Ба ҳамин далел сурудҳои халқиро мо наметавонем аз назари фаслҳо ба чаҳор фасли табиат тақсимбандӣ кунем, аммо сурудҳои расмӣ ва катбиро, ки шоирони расмӣ сурудаанд, метавон тақсибандӣ кард. Ҳамчунин дар мавриди дигар ашъори халқӣ ғайр аз сурудҳои халқӣ эҳтимоли тақсимбандии фаслҳо дар онҳо вуҷуд дорад. Яке аз далоили муҳимми басомади зиёди сурудҳои халқӣ дар фасли баҳор ҳузури ҷашни Наврӯз дар ин фасл аст, ки барои тоҷикон ҳувияти фарҳангӣ ва миллӣ ба ҳисоб меояд. Бисёре аз суннатҳову оинҳо дар ин фасл дар ҷашни Наврӯз баргузор мешавад, бино бар ин, сурудҳои зиёди халқӣ дар бораи фасли баҳор ва ҷашни Наврӯз ва суннатҳои он як амри табиист. Маншаи бештари сурудҳои мавсимӣ ҷашнҳоест, ки ба хотири омадани фасли баҳор суруда шудаанд. Суннат ва ойинҳое ба монанди ҷашни гулгардонӣ ва бойчечак, расми суманакпазӣ, сайри гули лола, ашаглон муҳимтарин суннатҳои наврӯзӣ дар фасли баҳор ҳастанд. Дар ин ҷо ба шакли мухтасар ба ин суннатҳо хоҳем пардохт.

Гулгардонӣ ва Бойчечак. Гулгардонӣ ва Бойчечак аз маъруфтарин сурудҳои маросимист, ки бахши асосии суннат ва фарҳанги наврӯзии мардуми тоҷик ба ҳисоб меояд. «Гулгардонӣ дар ҷунуб ва «Бойчечак» (Байкандак, Баҳман) дар шумоли Тоҷикистон монанди намоиши халқӣ ичро мешавад» [3, 112]. Гулгардонӣ ва Бойчечак дар шаҳрҳо, манотиқ ва маҳаллаҳои Тоҷикистон пеш аз омадани Наврӯз ва бо рӯиши гули сиёҳгӯш, ки хабар аз омадани баҳор медиҳад, аз тарафи навҷавонон ва ҷавонон анҷом мешудааст. Ин суннат чунин будааст; «Ҳамин ки нахустин гулҳои баҳорӣ «Гули наврӯзӣ», «Гули зардак», «Гули баҳман» (бойчечак), «Гули сияҳгӯш» шукуфтаанд, одамони зирак ба саҳро, талу теппа, дара, домани кӯҳ ва он маконе, ки гулҳо аз хок берун баромадаанд, мераванд. Аз он гулҳои тару тоза мечинанд ва бо шодмонӣ мардумро хабардор менамоянд, ки баҳор омад, Наврӯз наздик шуд ва маросими «Гулгардонӣ» ё «Бойчечакхонӣ»-ро баргузор менамоянд. Ин маросим дар байни тоҷикони тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ дида мешавад» [5, 147]. Рӯзӣ Аҳмад ва Дилшод Раҳимӣ фолклоршиносони тоҷик низ аз «Гулгардонӣ» чунин ёд мекунанд: «Гулгардонҳо аз талу теппа ва дараю доманаҳои кӯҳ гулҳо чида, аҳли деҳаи худро аз поён ёфтани зимистон, фаро расидани аруси сол – баҳору оғози киштукори баҳорию омадани Наврӯзи дилафрӯз мужда медиҳанд. Соҳибони хона ба дастаи гулгардонҳо, ки аз панҷ то даҳ кас мебошанд, инъомҳо медиҳанд, гулҳоро ба чашму абрувони худ молида, аз сиҳҳату саломат ба баҳори нав расидани худ шод мешаванд ва «Сабукиҳои ту аз мову вазниниҳои мо аз ту!» барин суханҳои анъанавӣ мегӯянд» [1, 68; 6, 68]. Ин суруд дар фонди фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рудакии АМИТ бо теъдоди зиёд ва ваирантҳои гуногун забту сабт шудаанд ва бархе аз ин сурудҳо низ ба шакли комил ба забони ӯзбекӣ ва ё бархе мисраъҳои он ба ин забон аст, ки ин вижагӣ марбут ба суруди Бойчечак аст. Ҳаҷми ин суруд бо ваирантҳои гуногун чунон зиёд аст, ки метавонад ба шакли як китоби ҷудогона чоп шавад. Ин ҷо

барои намуна чанд суруд, ки муртабит ба гулгардонӣ ва бойчечак аз фонди Институти забон ва адабиёти АМИТ ҷамъоварӣ шудааст оварда мешавад:

Баҳор

Баҳорон шуд, баҳорон шуд,
Ба рӯйи сабза борон шуд.
Ҷамъи гулҳо намоён шуд,
Баҳори рафта боз омад.
Баҳор омад! Баҳор омад!
Ҷамъи гулҳо қатор шуд,
Гули сиёҳгӯш савор омад.
Баҳори рафта боз омад!
Гули сёгуши лавгардон,
Ту афтодӣ дар ин майдон.
Камарбанди ҷувонмардон,
Баҳори рафта боз омад!
Гули чигӣ, гули пунба,
Ба қад хобай, намеҷунба.
Гули чигӣ, гули мошай,
Баҳори рафта боз омад!
Ало духтари алӯза,
Миёни гандумат ғӯза,
Дилат бар мо намесӯза,
Баҳори рафта боз омад!
Ҳаво гарм шуд, замин пастон,
Буте хола, ба рум часпон.
Алафро хӯрда рафт аспон,
Баҳори рафта боз омад! [7]

Расми суманакпазӣ. Яке дигар аз ҷашнҳои наврӯзӣ, ки дар бораи он сурудҳои зиёд сароидаанд, ҷашни суманакпазист. Суманак навъи ғизои баҳорӣ ва наврӯзист, ки фақат дар фасли баҳор пухта мешавад. Он аз шираи гандум ва анвои адвия ба сурати нонӣ ё обакӣ дуруст мешавад. Суманаке, ки ба сурати обакист, маъмулан дар як деги бузург аз шаб то субҳ аз тарафи бонувон пухта мешавад ва бонувон ҳангоми кафгир задан ва омехтани он суруди «Суманак»-ро замзама мекунанд. Ин суруд дар фонди Институт ва китобҳои фолклоршиносони тоҷик бо ваирантҳои гуногун мавҷуд аст. Чанд намуна аз ин суруд:

Аз ин ҷо то Ҳисор,
Кулчеко қатор
Санами уштур
Суманак дар ҷӯш,
Мо кафча занем
Дигарон дар хоб,
Мо дафча занем. [8]

***

Суманак дар ҷӯше,
Рухонаш дар рӯше.
Мурдаам дар бӯше,
Ширини ҷонум суманак!
Ороми ҷонум суманак!

Хурдании роҳаш суманак!
Меҷӯша -э суманак!
Таъаш хезобуш суманак!
Ба саҳрову биёбон гаштум,
Дилма гирифтай суманак! [9]

Суруди «Ашаглон» ва «Сусхотун». Ин ду суруд муртабит ба маросими бориши борон аст. Ҳангоме, ки бориши борон камтар ё аслан набудааст, ин ду сурудро мардум мехондаанд. Рӯзӣ Аҳмад - фолклоршиноси тоҷик чунин назар дорад: «Суруди Ашаглон» яке дигар аз суруд ва таронаҳои маросими мавсимист, ки дар мавриди саривақт наборидани борон дар фасли баҳор суруда мешавад. Ин вожаи авастоӣ буда «аша» ростӣ ва ростагориро ифода мекунад. Бахши дувуми он «глон» шояд «гулҳо» бошад[2, с. 60]. Саъдии Қосимӣ низ дар мавриди тафаккур дар суруди «Ашаглон» ва «Сусхотун» чунин мефармояд:, «...ки дар ин матнҳо (сурудҳои «Ашаглон» ва «Сусхотун») андешаҳои асотирии мардум инъикос ёфта, иҷрои онҳо ба бовару эътиқоди қадимии мардум пайваст аст[3, с. 123]. Суруди «Ашаглон» ва «Сусхотун» ба хотири кишоварзӣ ва ҳосили он суруда шудааст. Пеш аз давраи муосир ва модерн ҳамон тавр, ки медонем, давраи кишоварзӣ будааст, ки барои хонаводаҳо, мардум, ки бештари онҳо кишоварз будаанд, замин, табиат ва гардиши хуршед ва фаслҳои сол ба хотири маишат, ки аз тариқи кишоварзӣ ба даст меомадааст, хеле муҳим будааст. Ин сурудҳо низ ба ҳамин далел аз тарафи мардум халқ шудааст. Дар аксари бастаҳои фонди шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ бо таваҷҷуҳ ба ковише, ки то кунун дар робита бо сурудҳои мавсимӣ, шудааст, бархе аз мисраъҳои суруди «Сусхотун» дида мешавад. Суруди зер, ки бо ваирантҳои гугногун дар фонди шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти АМИТ мавҷуд аст чанд байти он бо суруди «Сусхотун» муштарак аст.

Борон борад ёвонба,
Алаф шавад говонба.
Говон хуран шир тиян,
Шира ба кампир тиян.
Кампир хурад, кор кунад. [10]

Албатта баръакси суруди бориши борон суруд низ барои қатъ ва истодани борон низ вуҷуд дорад:

Борун, борун, бест, бест,
Бузи калум нест, нест.
Бузи калум дар девол,
Тори сару сафедмол.
Боло мерум, меғутум,
Поён мерум, меғутум,
Ҳайфи кӯзай қурутум,
Вой бузаки кабутум. [3, 125; 16, 52]

***

Борун, борун, бест, бест.
Бузи калум нест, нест.
Бузи калум дар бармол,
Тори саруш сафедмол.
Боло мерам, меғутум,
Поён меём, меғутум.

Ҳайфи кӯзай қурутум,
Вой бузаки нобутум [11].

Васфи баҳор ва Наврӯз. Илова бар ин сурудҳо, ки махсуси ҷашнҳо ва суннатҳои наврӯзӣ ва баҳорист, бахши аъзами дигаре аз ин сурудҳо дар тавсифи баҳор ва табиат ҳастанд. Бархе аз ин сурудҳо марбут ба мужда ва пайки шодӣ ва пешвоз аз омадани баҳор ва бахше дигар низ махсуси муборакбодии Наврӯз ва бахше дигар васфи баҳор ва табиат ва гулу гиёҳон аст. Теъдоди чунин сурудҳо ба вариантҳои гуногун ин қадар зиёд аст, ки дар оянда метавонанд ҳамчун мақолаи ҷудогона ё китоби ҷудогона мавриди пажӯҳиш ва баррасӣ қарор бигиранд.

Буҳорон шуд, буҳорон шуд,
Буҳорон сабза борон шуд.
Зи сар гашта зимистон шуд,
Буҳори нав муборак бод!
Бойчечак ҷӯшон дорад,
Он нуқра забон дорад.
Пари ҷулфаш пари зоғаст,
Арақбача дилаш доғаст,
Буҳори нав муборак! [12]

Тобистон, тирамоҳ ва зимистон. Ҳамон тавр, ки қаблан ба он ишора кардам, сурудҳои халқии махсуси фаслҳои тобистон, тирамоҳ дар фонди шуъбаи фолклори Институт пайдо нашуд аммо як суруд ба номи «Барфӣ», ки ҳангоми боридани барфи аввал ин суннат байни мардум роиҷ аст, бо ваирантҳои гуногун ва зиёд дар бастаҳо ва дафтарҳо дида мешавад. Ин суннат чунин аст, ки дар нухустин бориши барф мардум рӯйи як сафҳа ин сурудро менависанд ва ба соҳибони хона ё дар ҷайб ва кисаи ёру дӯстон мегузоранд, то онҳо барои он фарде, ки чунин кореро анҷом додааст як меҳмонӣ даъват кунанд. Ду намуна аз ин суруд:

Барф меборад ба фармони Худо,
Барфаш ай мову барфиш ай шумо.
Гар бигирад ин ҷуволи рафтаро,
Мехуред чою палову пистаро.
Гар нагиред ин ҷуволи рафтаро,
Медиҳед чою палову пистаро [13].

Барфӣ:

Барф меборад ба мисли кафтари ҷулидапар,
Аз кабутархонаҳои арш меорад хабар.
Расми мардони қадим бар хотираш карда халал,
Барфи нав овардаам ман бо шумо, э боҳунар.
Аз биринҷ ним ман мача, асбобу олоташ тамом,
Экки куй беш ман майиз ҳам қанду ҳалвою шакар.
Пашмаку мирию лавзу чанд қутӣ аз набот [14].

Ҳамон тавр, ки дидед, сурудҳои халқӣ бахши муҳиме аз адабиёти омиёна ба ҳисоб меоянд, ки корбурди густардае миёни мардуми одӣ доранд. Донишмандон ва фолклоршиносони тоҷик дар робита бо ин жанри мардумӣ илова бар ҷамъоварию забту сабти онҳо дар фонди шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳқиқоти арзишманд низ дар ин замина намуда ва натоиҷи таҳқиқоти худро низ ба чоп расонидаанд. Бо таваҷҷуҳ ба ковишҳое, ки вобаста ба сурудҳои мавсимии халқӣ дар фонди

шуъбаи фолклори АМИТ дар чаҳор фасли сол пардохтем, метавон ба ин натиҷа расид, ки фасли баҳор ва суннатҳои наврӯзӣ дар суроиш ва халқи ин асари мардумӣ нақши калидӣ доштааст. Навад дар сад аз сурудҳои мавсимӣ мухтаси фасли баҳор ва дар бораи Наврӯз аст, ки бо вариантҳои зиёд забту сабт шудаанд. Сурудҳои мардумӣ дар бораи фасли тобистон, тирамоҳ, зимистон ва ҷашнҳои марбут ба ин фаслҳо пайдо нашуд, танҳо як суруд ба номи «Барфӣ» бо вариантҳои гуногун марбут ба фасли зимистон дида мешавад. Далоили ҳаҷми зиёди сурудҳои мавимии фасли баҳор, яке худи ҳамин фасл аст, дуюм ҳузури Наврӯз ва ҷашнҳои марбут ба он. Дар ҳақиқат фасли баҳорро метавон ҳувияти ҷудоинопазир аз фарҳанги тоҷикон донист, ки дар тӯли таърих дар он фалсафаи ҳаёт, бинишу донишу тафаккури миллати бузуриги тоҷик иникос ёфтааст. Фаслҳои сол дар гузашта дар боварҳои ниёгони мо ба шакли имрӯза набудааст. «....Дар Авесто ва дар китобҳои паҳлавӣ аз тобистони ҳафтмоҳа ва зимистони панҷмоҳа, аз зимистони даҳмоҳа ва тобистони думоҳа ва аз ду фасли шашмоҳа сухан рафтааст» [4, 20]. Ҳар фасл, ҳар моҳ ва ҳатто ҳар ҳафтаву ҳар рӯз номи эзад, фариштa ва Худо будааст, ки дар ҳар кадоме аз онҳо рамзи офаринешу ҳастӣ буда ва ҳамроҳ бо ҷашнҳои махсус барпо мешудааст. Бар бовар ва ақидаи ниёгони мо фасли шашмоҳаи нухуст, ки бо фасли баҳор шуруъ мешавад фасли бедорӣ, рӯшноӣ, некӣ ва аҳуроӣ будааст, ки дар баробари шашмоҳаи дуюм, яъне фасли зимистон, ки нимодӣ торикӣ, сардӣ, баъдӣ ва аҳриманӣ будааст қарор доштааст. Бино бар ин, фасли баҳор, ҷашни Наврӯз ва суннатҳои он дар ҳақиқат шиносномаи ҳувияти мардумони форсизабон аст, ки дар онҳо фалсафаи ҳастӣ, бинишу донишу тафаккури иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бозтоб ёфтааст. Баҳор ва Наврӯз тафаккури мардуми форсу тоҷик аст, ки аз қадим то кунун барои миллати тоҷик аҳаммияти вижа дошта ва хоҳад дошт, яъне, фасли баҳор, ки нимоди рӯшноӣ ва пирӯзи бар сардӣ ва торикии фасли зимистон аст, на танҳо дар осори адабии фолклорӣ, ки ҷузъи аз адабиёт ва ҳунар аст, балки дар саросари осори ҳунарӣ ва адабии мардуми тоҷику форс барҷаста аст. Ба ҳамин далел мо мебинем, ки фасли баҳор, ойинҳои наврӯзӣ, табиат дар сурудҳои халқии тоҷик бамаротиб зиёду густарда аст. Чунин вижагиро низ дар ашъори расмӣ ва дигар осори ҳунарии мардуми эронитабор метавон дид.

КИТОБНОМА

1. Аҳмад, Р. Наврӯзи хуҷастапай / Р. Аҳмад. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 38 с.
2. Аҳмад, Р. Наврӯзи ҷаҳоноро/ Р. Аҳмад. – Душанбе: Ирфон, 2012. –92 с.
3. Қосимӣ, С. А. Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ / С. А. Қосимӣ. – Душанбе: ҶДММ «Сифат-чоп», 2024. – 296 с.
4. Омӯзгор, Ж. Наврӯз/ Ж.Омӯзгор// Килк.-Теҳрон, 1370, № 23-24.- С. 19-31.
5. Раҳмонӣ, Р. Фолклори тоҷикон: (дарсҳо аз адабиёти гуфторӣ). Р. Раҳмонӣ. –Душанбе: «МДМТ», 2021. – 544 с.
6. Раҳимӣ, Д. Наврӯз, Меҳргон ва ҷашнҳои дигари ниёгон/ Д. Раҳимӣ. – Душанбе: «Аржанг», 2018. – 304 с.
7. ФБШ:4114, 1-4115 ДШН 1969 Сафаров Искандар: донишҷӯ
8. ФФVI: 5773,3 ӮР 19 қ Комкушк 1961 Ҷамъоваранда: Шермуҳаммадов. Гӯянда: Рӯзиев Хол

9. ФФХI:5096,1 Тз 5 Ромит 1961 Аҳмадов Рӯзӣ М- III Сафари Маймунбоз М- 0

10.ФФVIII: 6421,3 Тб 8 н Ашт 1958 Холов Муғшул, Абдулқосимов Аминҷон – маълумот синфи 6

11.ФФ VIII: 8064,1 – 8065 ДШН 1962 Ҷамолов Аҳрор М-Ш Ҷамолов Аҳрор М-Ш

12.ФФ XI: 2164, 4-2165 Ӯн 33 Қ Ҳушёрӣ 1961 Азимов Нурулло М – IV L Ашуров Муллотоҳир М -VIII

13.ФФХI:5511, 1 Тк 6 қ. Бодамтой 1962 Аҳмадов Рӯзӣ Муродов Аҳмад)

14.ФФ XI: 4917,2-4919 Ӯ ф 27, қ. Хуфар 1966 Аҳмадов Рӯзӣ M-IV Бегов Наврӯз M-VIII босавод

15.Шафеии Каканӣ, М. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ / М. Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Огаҳ, 1389. – с.

16.Шермуҳаммадов, Б. Таронаҳои Самарқанд/ Б. Шермуҳаммадов. – Душанбе: Дониш, 1966. – 341 с.

СУРУДҲОИ МАВСИМӢ ДАР ФОЛКЛОРИ ТОҶИК

Дар ин мақола фаслҳо, ки ҷузъи аз табиат ҳастанд, дар сурудҳои халқӣ, бахусус сурудҳои мавсимӣ, ки аз тарафи мардуми одӣ суруда шудаанд, баррасию таҳлил ва натиҷагирӣ шудаанд. Натиҷаҳои таҳлилшуда нишон медиҳад, ки фасли баҳор ва суннатҳои наврӯзӣ дар суроиш ва халқи ин асари мардумӣ нақши калидӣ доштааст. Навад дар сад аз сурудҳои мавсимӣ мухтасси фасли баҳор ва дар бораи Наврӯз аст. Сурудҳо нисбат ба дигар фаслҳо камшумор аст. Далоили чунин вижагӣ аҳаммияти фасли баҳор ва ҳузури Наврӯз дар ин фасл аст, ки аз назари фарҳангӣ, таърихӣ дар ҳақиқат шиносномаи ҳувияти мардуми тоҷик ба ҳисоб меоянд ва дар онҳо фалсафаи ҳастӣ, бинишу донишу тафаккури иҷтимоӣ ва фарҳангии миллати тоҷик дар тӯли таърих бозтоб ёфтааст. Фасли баҳор, ки нимоди рӯшноӣ ва пирӯзи бар сардӣ ва торикии фасли зимистон аст, на танҳо дар осори адабии фолклорӣ, ки ҷузъе аз адабиёт ва ҳунар аст, балки дар саросари осори ҳунарӣ ва адабии мардуми тоҷику форс барҷаста аст.

Калидвожаҳо: *Фолклор, сурудҳо, табиат, фаслҳо, баҳор, Наврӯз, маросим.*

СЕЗОННЫЕ ПЕСНИ В ТАДЖИКСКОМ ФОЛЬКЛОРЕ

В данной статье рассматриваются времена года, являющие частью природы, и их отражение народных песнях, особенно в сезонных песнях, которых запевает просто народы. Результаты анализа показывают, что весенний сезон и традиции Навруза играют центральную роль в соченении и создании текста этого народного проколичество. Девяносто процентов сезонных песен посвящены весне и Наврузу. Фактом такой особенности является значимость весны и присутствие праздника Навруз в этом сезоне, котори с точки зрения культуры и истории действительно является показателем менталитета таджикского народа, и в них отражены философия бытия, воззрение, знания, социальное и культурное мышление таджикского народа в ходе его истории. Весенний сезон символизирующее победу света над холодом и мраком зимы, занимает особое место не только в фольклорных литературных произведениях, являющихся частью литературы и искусства, но

и в художественном и культурном творчестве всех таджикско – персидских народов.

***Ключевые слова**: Фольклор, песни, природа, времена года, весна, Навруз, церемония.*

SEASONAL SONGS IN TAJIK FOLKLORE

This article examines the seasons of the year, which are part of nature, and their reflection in folk songs, especially in seasonal songs which are sung by ordinary people. The results of the analysis show that the spring season and the traditions of Navruz play a central role in the composition and creation of the text of this folk song. Ninety percent of seasonal songs are dedicated to spring and Navruz. The fact of such a feature is the significance of spring and the presence of the Navruz holiday in this season, which reflect the philosophy of being, outlook, knowledge, social and cultural thinking of the Tajik people throughout its history from the culture and history, as indicator of the mentality of the Tajik people, point of view of. The spring season, symbolizing the victory of light over the cold and darkness of winter, occupies a special place not only in folklore literary works, which are part of literature and art, but also in the artistic and cultural creativity of all Tajik-Persian peoples.

***Key words:** Folklore, songs, nature, seasons, spring, Navruz, ceremony.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Оймаҳмадов Рустам – Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, ходими пешбари илмии шуъбаи фолклор, номзади илми филология. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21. E-mail: rustamjon99@gmail.com. Тел.: (+992) 931-09-39-99.

Сведение об авторе: Оймахмадов Рустам – Институт языка и литературы им. А.Рудаки НАНТ, ведущий научный сотрудник отдела фольклора, кандидат филологических наук. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 21. E-mail: rustamjon99@gmail.com. Тел.: (+992) 931-09-39-99.

Information about the author: Oymahmadov Rustam – Institute of Language and Literature named after A.Rudaki of Academy of Sciences of Tajikistan, Leading researcher of the Department of the Folklore of the Candidate of Philology Sciences. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: rustamjon99@gmail.com. Phone: (+992) 931-09-39-99.

ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМӢ

1. Маҷаллаи «Суханшиносӣ» нашрияи Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (ш. Душанбе) мебошад.
2. Маҷаллаи «Суханшиносӣ» ба забони тоҷикӣ нашр гашта, мақолаҳо ба забонҳои русӣ ва англисӣ низ пазируфта мешаванд.

Риоя намудани этикаи чопи мақола дар маҷаллаҳои илмӣ:

3. таҳияи мақола бо ҳуруфи Times New Roman, ҳаҷми ҳарфҳо 14 (нақшаҳо 12), ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо 1,5 мм;
4. ҳаҷми мақола: формати А4, бо рӯйхати адабиёту аннотатсияҳо на камтар аз 10 саҳифа ва на беш аз 20 саҳифа;
5. нишондоди ТДУ (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
6. номи мақола;
7. насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падари муаллиф(он);
8. номи муассисае, ки дар он муаллиф(он)и мақола кору фаъолият менамояд;
9. матни асосии мақола (на камтар аз 10 саҳифа; схема, расм ва ҷадвал дар матни асосии мақола ворид намешавад);
10. рӯйхати адабиёти истифодашуда на камтар аз 15 номгӯ адабиёти илмӣ. Ба нашри мақолаҳое бартарӣ дода мешавад, ки ба сарчашмаҳои нашршудаи илмии солҳои охир ва манбаъҳои муътамад бештар такя кардаанд. Номгӯйи адабиёти ба муаллиф тааллуқдошта набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиёти мақоларо ташкил диҳад;
11. Иқтибосҳо бо сарчашма дақиқ муқоиса карда шуда, дар охири саҳифа асли онҳо аз ҷониби муаллиф оварда мешаванд.
12. Феҳристи манобеъ дар охири мақола (бо тартиби алифбо – нахуст ба хатти кириллӣ, сипас бо дигар забонҳои хориҷӣ оварда мешавад; осори як муаллиф дар тартиби хронологӣ дарҷ мешавад) бо шуморагузорӣ ва нишон додани маълумоти зайл оварда мешавад:

а) **барои китобҳо** – ному насаби муаллиф, номи пурраи асар, шаҳр ва соли нашр, теъдоди умумии саҳифаҳо мисли:

Айнӣ, С. Куллиёт / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ., 1958. – Ҷ. 1. – 555 с.;

б) **барои мақолаҳо** – ному насаби муаллиф, номи пурраи мақола, номи маҷмуаи мақолаҳо, китоб, рӯзнома, макони нашр, шаҳр (барои китоб), сол ва шумораи рӯзнома, маҷалла, мисли:

1. Айнӣ, С. Маънои калимаи тоҷик / С. Айнӣ // Садои Шарқ. – 1986. – № 8. – С. 48-73.
2. Ҳошим, Р. Иншои шеър / Р. Ҳошим // Адабиёт ва санъат. – 2021. – 1 январ. – № 1 (2076). – С. 13.

3. Ҳусейнзода, Ш. Айнӣ ва баъзе масъалаҳои адабиёти советии тоҷик / Ш. Ҳусейнзода // Баҳс ва андеша (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Ирфон, 1964. – С. 128-149.
4. Кисляков, Н.А. Старинные приемы земледельческой техники и обряды, связанные с земледелием у таджиков бассейна р. Хингоу / Н.А. Кисляков // Советская этнография. – 1974. – №1. – С. 114-125;
13. таваҷҷуҳи муаллиф(он) дар мақола ба таҳқиқоти қаблии доир ба мавзуи мақола, ки дар маҷаллаи «Суханшиносӣ» ба нашр расидааст;
14. тарҷумаи номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 15 сатр (аз 130 то 150 калима) ва калидвожаҳо аз 7 то 10 вожа;
15. дар баробари пешниҳоди шакли электронии мақола пешниҳоди шакли чопии он дар як нусха ҳатмӣ мебошад;
16. мақолаи аспирант /докторанти PhD/ унвонҷӯ танҳо бо тавсияи роҳбари илмӣ/мушовири илмӣ қабул карда мешавад;
17. мақолаи магистрант танҳо бо ҳаммуаллифӣ бо номзад/доктори илм қабул карда мешавад;
18. маълумот дар бораи муаллиф(он) бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
19. нишон додани манбаи иқтибос дар қавси чаҳоркунҷа [5, 75];
20. рақамгузории нақша, схема ва диаграммаву расмҳо;
21. маълумотномаи антиплагиати мақолаи бо забонҳои русӣ ва ё англисӣ таҳияшуда талаб карда мешавад;
22. мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририяи маҷаллаи илмии «Суханшиносӣ» дар муддати 30 рӯз баррасӣ мегардад;
23. дар мақола аз тарафи муаллиф ё муаллифон бояд имзо гузошта шавад;
24. дастнавис бояд бодиққат хонда шуда, бидуни ғалат пешниҳод гардад. Дастнависҳое, ки бидуни риояи талаботи мазкур таҳия шудаанд, баррасӣ намешаванд.
25. ҳайати таҳририя дар ҳолатҳои зарурӣ ҳуқуқ дорад мақоларо кӯтоҳ, таҳриру ислоҳ кунад ва ё ба муаллифон ҷиҳати ислоҳ баргардонад;
26. муаллифон пас аз саҳифабандии мақола онро хонда, ризояти худро барои чоп ба таври хаттӣ тасдиқ мекунанд;
27. Масъулияти ақида ва муҳтавои мақолаҳо бар дӯши муаллифони онҳост.

Нишонии мо: 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ҳуҷраи 11, дафтари маҷаллаи «Суханшиносӣ». Тел.: (+992 37) 227 29 07, 227 11 70.

Шохиси (индекси) обуна дар феҳристи «Почтаи тоҷик» -77755

Сомонаи мо: **sukhanshinosi.iza.tj;** E-mail: **suhansinosi@gmail.com**

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 ноябри соли 2015 таҳти № 0095/мҷ аз нав ба қайд гирифта шудааст.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

1. Журнал «Словесность» издается Институтом языка и литературы имени А.Рудаки Национальной академии наук Таджикистана (г. Душанбе).
2. Журнал выходит на таджикском языке; к публикации также принимаются статьи на русском и английском языках.

Соблюдение публикационной этики научных журналов:

3. Статьи принимаются в редакторе World, шрифт Times New Roman размер (кегль) 14 (таблицы 12), поля 2,5 см, межстрочный интервал 1,5 строки;
4. Объем статьи: не менее 10 и не более 20 страниц компьютерного текста формата А4, включая список литературы и аннотации;
5. Индекс УДК (данный индекс можно получить в любой научной библиотеке);
6. Название статьи заглавными буквами по центру текста;
7. Фамилия И.О. автора(ов)
8. Название организации, где работает(ют) автор(ы);
9. Основной текст статьи (не менее 10 страниц, исключая схемы, рисунки, таблицы, диаграммы, аннотации и список литературы);
10. Список литературы не менее 15 наименований. Статьям, где использованы авторитетные, а также наиболее поздние научные издания отдается предпочтение. Допускается использование не более 25% научных публикаций автора(ов).
11. Ссылка на предыдущие публикации научного журнала «Словесность» по теме исследования приветствуется.
12. Литература, на которую даются ссылки в тексте, приводится в конце статьи (в алфавитном порядке – сначала на кириллице, затем на иностранных языках; произведения одного автора даются в хронологическом порядке, начиная с более ранних), с нумерацией и указанием следующих выходных данных:

а) **для книг** - фамилия, инициалы автора, полное название книги, город и год издания, общее число страниц например:

Айни, С. Куллиёт / С. Айни. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ., 1958. – Ҷ. 1. – 555 с.;

б) для статьей – имя автора, полное название статьи, название сборника статьей, книги, газеты, место издания, город (для книги), год и номер газеты,

журнала, например:

1. Айни, С. Маънои калимаи тоҷик / С. Айни // Садои Шарқ. – 1986. – № 8. – С. 48-73.
2. Хошим, Р. Иншои шеър / Р. Хошим // Адабиёт ва санъат. – 2021. – 1 январ. – № 1 (2076). – С. 13.

3. Хусейнзода, Ш. Айнӣ ва баъзе масъалаҳои адабиёти советии тоҷик / Ш. Хусейнзода // Баҳс ва андеша (Сборник статей). – Душанбе: Ирфон, 1964. – С. 128-149.
4. Кисляков, Н.А. Старинные приемы земледельческой техники и обряды, связанные с земледелием у таджиков бассейна р. Хингоу / Н.А. Кисляков // Советская этнография. – 1974. – №1. – С. 114-125.

13. Обратить внимание автора(ов) в статье на предшествующее исследование по теме статьи, которое было ранее опубликовано в журнале «Словестность»;
14. Название статьи, аннотации и ключевые слова приводится на трех языках (таджикский, русский, английский), аннотация в объеме 15 строк (от 130 до 150 слов), ключевые слова 7-10 слов;
15. Статьи принимаются в печатном и электронном варианте;
16. Статьи аспиранта /докторанта PhD/ соискателя принимается к рассмотрению с рекомендацией научного руководителя /научного консультанта;
17. Статья магистранта принимается к рассмотрению только в соавторстве с кандидатом наук/доктором наук;
18. Информация об авторе(ах) приводится на трех языках (таджикский, русский и английский);
19. Ссылки на литературу в тексте обязательны и оформляются следующим образом: [5, 75], где первая цифра – номер источника в списке литературы, вторая – номер страницы;
20. Следует нумеровать таблицы, схемы, диаграммы и рисунки;
21. Представить справку об антиплагиате (статьи на русском и английском языках);
22. Статья рассматривается редакцией в течение 30 дней;
23. Статьи должны быть обязательно подписаны автором, а при наличии нескольких авторов - всеми соавторами.
24. Рукопись должна быть внимательно прочтена и представлена без ошибок. Рукописи, оформленные без соблюдения данных требований, рассматриваться не будут.
25. Редакционная коллегия оставляет за собой право при необходимости сокращать статьи, подвергать их редакционной правке и отсылать авторам на доработку.
26. Авторы читают готовую верстку статьи и в письменном виде подтверждают свое согласие на публикацию.
27. Ответственность за подбор, точность фактов, цитат, и данных несут авторы опубликованных материалов.

Адрес: 734025, г. Душанбе, ул. Рудаки, 21, Институт языка и литературы им. Рудаки Национальной академии наук Таджикистана, комн. 11, редакция журнала «Словесность», тел.: (+992 37) 227 29 07, 227 11 70.
Подписной индекс в таджикском каталоге «Почтаи точик» -77755
Наш веб-сайт: **sukhanshinosi.iza.tj;** E-mail: **suhansinosi@gmail.com**
Журнал перерегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан от 12 ноября 2015 года за № 0095/мч.

Сдано в печать 20.09.2025 г. Разрешено в печать 27.09.2025 г.
Формат 70x100 $^{1}/_{16}$. Гарнитура Литературная.
Объем 12,5 п. л. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Заказ № 19/24.

Издательство ***«Истеъдод».***
734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 36.
Тел.. 221-95-43. E-mail. istedod2010@mail.ru